ISSN 2219-5408

ПАЁМИ ДОНИШГОҲИ ОМӮЗГОРӢ

Нашрияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ



ВЕСТНИК ПЕДАГОГИЧЕСКОГО УНИВЕРСИТЕТА

Издание Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни

HERALD OF THE PEDAGOGICAL UNIVERSITY

Publication of the Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Ayni

№ 1 (114)

Душанбе – 2025

Маҷалла соли 1978 таъсис ёфтааст

Маҷалла ба феҳрасти маҷаллаву нашрияҳои илмии пешбари тақризшаванда, ки натиҷаи асосии рисолаҳо барои дарёфти унвони илмии номзад ва докторони илм дар онҳо бояд интишор гардад, шомил шудааст

Маҷалла дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01 майи соли 2023 таҳти № 291/МҶ-97 ба қайд гирифта шудааст

Маҷалла шомили пойгоҳи иттилоотии «Намояи иқтибоси илмии Русия» (НИИР) шудааст, ки дар сомонаи Китобхонаи миллии маҷозӣ ҷойгир аст

ISSN 2219-5408

Суроға: *734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121*

Тел.: *(+992 37) 224-36-91*

Факс: *(+992 37) 224-13-83*

Почтаи электронӣ: *vestnik.tgpu@gmail.com*

Сомонаи маҷалла: *www.vestnik.tgpu.tj*

Сармуҳаррир: ***Ибодуллозода Аҳлиддин Ибодулло*** *– доктори илмҳои таърих, профессор, ректори ДДОТ ба номи С. Айнӣ*

Муовини сармуҳаррир: ***Раҷабзода Сироҷиддин Икром*** *– доктори илмҳои химия, профессор, муовини ректор оид ба корҳои илмии ДДОТ ба номи С. Айнӣ*

Котиби масъул: ***Муборакиён С. М.***

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:

Бозорзода Нуриддин Шодипур *- доктори илмҳои филологӣ, профессор*
Ғаффоров Абдушукур Одинашоевич *- доктори илмҳои филологӣ, профессор*
Каримзода Шуҳрат Бозор *- доктори илмҳои филологӣ, дотсент*
Қосимӣ Саъдӣ Абдулқодир *- доктори илмҳои филологӣ, дотсент*
Қосимов Олимҷон Ҳабибович *- доктори илмҳои филологӣ, профессор*
Муллоев Шариф Боқиевич *- доктори илмҳои филологӣ, профессор*
Саидмуроди Хоҷазод *- доктори илмҳои филологӣ, профессор*
Саломиён Муҳаммаддовуд Қаюм *- доктори илмҳои филологӣ, профессор*
Солеҳов Шамсиддин Аслиддинович *- доктори илмҳои филологӣ, профессор*
Худойдодов Аъзам Овлододович *- доктори илмҳои филологӣ, профессор*
Ҷаматов Самиддин Салоҳиддинович *- доктори илмҳои филологӣ, профессор*
Элбоев Вафо Ҷуракулович *- доктори илмҳои филологӣ, профессор*
Абдурашитов Фозил Маматович *- доктори илмҳои таърих, профессор*
Ёқубов Юсуфшо *- доктори илмҳои таърих, профессор, академики АМИТ*
Қурбонзода Хоналӣ *- доктори илмҳои таърих, профессор*
Пирумшоев Ҳайдаршо *- доктори илмҳои таърих, профессор, узви вобастаи АМИТ*
Расулиён Қаҳҳор Расул *- доктори илмҳои таърих, профессор*
Сайнаков Сайнак Парпишоевич *- номзади илмҳои таърих, дотсент*
Ҳақназаров Абдуназар *- доктори илмҳои таърих, профессор*
Ҳусайнов Аҳмадҷон Қурбонович *- доктори илмҳои таърих, профессор*

© ДДОТ ба номи С. Айнӣ, 2025

Журнал основан в 1978 году

Журнал включен в Перечень ведущих рецензируемых научных журналов и изданий, в которых должны быть опубликованы основные научные результаты диссертаций на соискание ученой степени доктора и кандидата наук

Журнал зарегистрирован Министерством культуры Республики Таджикистан 01 мая 2023 года за №291/ЖР-97

Журнал включен в «Российский индекс научного цитирования» (РИНЦ), размещенный на платформе Национальной электронной библиотеки

ISSN 2219-5408

Адрес: *734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121*

Тел. : *(+992 37) 224-36-91*

Факс: *(+992 37) 224-13-83*

Электронная почта: *vestnik.tgpu@gmail.com*

Сайт журнала*: www.vestnik.tgpu.tj*

Главный редактор: ***Ибодуллозода Ахлиддин Ибодулло*** *- доктор исторических наук, профессор, ректор ТГПУ им. С. Айни*

Зам. главного редактора: ***Раджабзода Сироджиддин Икром*** *- доктор химических наук, профессор, проректор по научной работе ТГПУ им. С. Айни*

Ответственный редактор: ***Муборакиён С. М.***

РЕДАКЦИОННАЯ КОЛЛЕГИЯ:

Бозорзода Нуриддин Шодипур *– доктор филологических наук, профессор*
Гаффоров Абдушукур Одинашоевич *- доктор филологических наук, профессор*
Каримзода Шухрат Бозор *- доктор филологических наук, доцент*
Косими Саъди Абдулкодир *- доктор филологических наук, доцент*
Касимов Олимджон Хабибович *- доктор филологических наук, профессор*
Муллоев Шариф Бокиевич *- доктор филологических наук, профессор*
Саидмуроди Ходжазод *- доктор филологических наук, профессор*
Саломиён Мухаммаддовуд Каюм *- доктор филологических наук, профессор*
Салихов Шамсиддин Аслиддинович *- доктор филологических наук, профессор*
Худойдодов Аъзам Овлододович *- доктор филологических наук, профессор*
Джаматов Самиддин Салохиддинович *- доктор филологических наук, профессор*
Элбоев Вафо Джуракулович *- доктор филологических наук, профессор*
Абдурашитов Фозил Маматович *- доктор исторических наук, профессор*
Якубов Юсуфшо *- доктор исторических наук, профессор, академик НАНТ*
Курбонзода Хонали *- доктор исторических наук, профессор*
Пирумшоев Хайдаршо *- доктор исторических наук, профессор, член-корр. НАНТ*
Расулиён Каххор Расул *- доктор исторических наук, профессор*
Сайнаков Сайнак Парпишоевич *– кандидат исторических наук, доцент*
Хакназаров Абдуназар *- доктор исторических наук, профессор*
Хусайнов Ахмаджон Курбонович *- доктор исторических наук, профессор*

© ТГПУ имени С. Айни, 2025

The journal was founded in 1978

The Journal is included in the List of the leading peer reviewed scientific journals and publications, which should publish the main scientific results of dissertations for Doctor of science and Candidate of science degrees.

The Journal is registered by the Ministry of Culture of the Republic of Tajikistan from May 01, 2023 under No.291/JR-97

The Journal is included in the database of «Russian Science Citation Index» (RISC), placed on the platform of the National Digital Library

ISSN 2219-5408

Address: *734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121*

Phone: *(+992 37) 224-36-91*

Fax: *(+992 37) 224-13-83*

E-mail: *vestnik.tgpu@gmail.com*

Journal website: *www.vestnik.tgpu.tj*

Editor-in-chief: ***Ibodullozoda Ahliddin Ibodullo*** *- Doctor of Historical Sciences, Professor, Rector of the TSPU named after S. Ayni*

Deputy Editor-in-chief: ***Rajabzoda Sirojiddin Ikrom*** *- Doctor of Chemical Sciences, Professor, Vice-Rector for Research at TSPU named after S. Ayni*

Executive Editor: ***Muborakiyon S.M.***

THE EDITORIAL BOARD:

Bozorzoda Nuriddin Shodipur *– Doctor of Philological Sciences, Professor*
Gafforov Abdushukur Odinashoevich *- Doctor of Philological Sciences, Professor*
Karimzoda Shuhrat Bozor *- Doctor of Philological Sciences, Docent*
Qosimi Sadi Abdulqodir *- Doctor of Philological Sciences, Docent*
Qosimov Olimjon Habibovich *- Doctor of Philological Sciences, Professor*
Mulloev Sharif Bokievich *- Doctor of Philological Sciences , Professor*
Saidmurodi Khojazod *- Doctor of Philological Sciences, Professor*
Salomiyon Muhammaddovud Qayum *- Doctor of Philological Sciences , Professor*
Solehov Shamsiddin Asliddinovich *- Doctor of Philological Sciences, Professor*
Khudoydodov Azam Ovlododovich *- Doctor of Philological Sciences, Professor*
Jamatov Samiddin Salohiddinovich *- Doctor of Philological Sciences, Professor*
Elboev Vafo Juraqulovich *- Doctor of Philological Sciences, Professor*
Abdurashidov Fozil Mamatovich *- Doctor of Historical Sciences, Professor*
Yakubov Yusufsho *- Doctor of Historical Sciences, Professor, Academician of NAST*
Qurbonzoda Khonali *- Doctor of Historical Sciences, Professor*
Pirumshoev Haydarsho *- Doctor of Historical Sciences, Professor, Corr. member of NAST*
Rasuliyon Kahhor Rasul *- Doctor of Historical Sciences, Professor*
Saynakov Saynak Parpishoevich *– Candidate of Historical Sciences, Docent*
Haqnazarov Abdunazar *- Doctor of Historical Sciences, Professor*
Husaynov Ahmadjon Qurbonovich *- Doctor of Historical Sciences, Professor*

© TSPU named after S. Ayni, 2025

МУНДАРИҶА / СОДЕРЖАНИЕ

ЗАБОНШИНОСӢ / ЯЗЫКОЗНАНИЕ

Ғаффоров А. О.
Мулоҳизаҳо оид ба алоқаи калимаҳо бо пешояндҳои номӣ дар осори мансури асрҳои XV-XVI 7
Джамшедов П., Даминова М. З.
Лингвистические аспекты формирования архитектурной терминологии в таджикском и английском языках 14
Гулзода Н.
Воҳидҳои фразеологӣ дар таркиби зарбулмасал ва мақолҳои тоҷикӣ ва муодили русии онҳо 22
Имамбердиева С. М.
Нақши ономастикаи «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ дар инъикоси манзара 27
Табарзода Х. Н.
Мавқеи категорияҳои луғавӣ дар осори Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ 33
Турсунова М. А.
Топонимҳои воҳаи Сурхон дар «Таърихи ҳумоюн»-и Муҳаммадсодиқхоҷаи Гулшанӣ 42
Ҳалимова Р. А.
Таҳлили муқоисавии воҳидҳои фразеологии повести «Мактаби куҳна»-и Садриддин Айнӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ 48
Иматшоева М. Б.
Переход нарицательных имён существительных в разряд имён собственных в шугнанском, таджикском и английском языках 55
Каримова Д. Н.
Явление синонимии в системе терминов кожно-венерических заболеваний таджикского и английского языков 62
Нурова З. С.
Таснифоти мавзуии истилоҳоти забоншиносӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ 70
Маликов А. Р.
Проблема изучения прилагательного и его словообразования в таджикском и французском языках 81
Ҷабборова Ш. С.
Роҷеъ ба як навъи ибораҳои феълиҳолии мафҳуми ҳамроҳидошта бо алоқаи пешояндӣ 90
Назифова З. Т.
Омилҳои пайдоиш ва шаклҳои ташаккули ихтисора дар забони англисӣ 96
Толибов А. Р.
Зуҳуроти субстантиватсияи сифатҳо ҳамчун омили пайдоиши калимаҳои исмии мансуб ба шахс дар ашъори Имлои Бухороӣ 103

АДАБИЁТШИНОСӢ / ЛИТЕРАТУРОВЕДЕНИЕ

Қурбонзода Р. Қ.
Аълохон Афсаҳзод – муҳаққиқи осори Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ 110
Таҳоев С. С., Худойдодов А. О.
Корбурди санъатҳои бадеӣ ва сабки эҷодии Равшани Ҳамроҳ 116
Муллоев Ш. Б., Панков В. В.
Вопросы политической идеологии в материалах, освещаемых СМИ Кыргызстана 122
Қосимзода С. С., Мадиева У. М.
Истиқбол аз шеъри Фаррухӣ ва мухтассоти ҳунарии он 129
Кувватзода С. М.
Особенности поэтического перевода (на примере перевода стихотворений Лермонтова на таджикский язык) 138

Ҳамроев Р. З.
Бозтоби мавзуъҳои иҷтимоӣ дар шеъри Гулназар 143
Миралиева С. Т.
Андешаҳои фалсафӣ, ирфонӣ ва ишқӣ дар эҷодиёти Рустам Ваҳҳобзода 150
Нурова К. А.
Мавқеи ғазал дар ашъори Ғиноии Файзии Даканӣ 157
Саидолим К. С.
Мақом ва сифатҳои омӯзгору мураббӣ аз дидгоҳи Ҳусайн Воизи Кошифӣ 163
Сафарзода Х. Ҳ.
Мушкилоти ҷаҳонишавӣ ва инъикоси мавқеи Тоҷикистон дар ВАО 174
Наврӯзшоҳи Х. Р.
Бунёд ва ташаккули телевизионҳои соҳавӣ дар замони соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон 180
Мубирхони М.
“Мадхушала” Хариванша Рая Баччана: вдохновение «Рубайатом» Омара Хайяма 186
Ғаффорова С.
Забон ва услуби насри Саттор Турсун 193
Шоев А. А.
Таркиби девони Воизи Қазвинӣ ва ҷойгоҳи ғазал дар он 201

ИЛМҲОИ ТАЪРИХ / ИСТОРИЧЕСКИЕ НАУКИ

Хусайнов А. К., Наджмуддинзода Т. А.
Освоение гидроэнергетических ресурсов реки Вахш и ее значение для стран Центральной Азии 209
Турсунов Т. Х., Шодиев Ш.
“Неруи нарм”-и Ҳиндустон дар Осиёи Марказӣ 217
Ҳотамов Н. Б., Раҳматов Ҳ. У.
Хусусигардонӣ дар мисоли ҶДММ “Иттиҳодияи истеҳсолии нассоҷии тоҷик” 224
Негматов Д. Н.
Зиндагӣ ва корномаи А. Бёрнс дар чорчӯби сиёсати британиёӣ дар Осиё 230
Самадов С. Б.
Саҳми муаррихону мардумшиносон дар кашфи асрори ҳунари чармгарии тоҷикон 240
Юсуфзода М. Ш.
Шаҳракҳои болооби водии Зарафшон дар масири Шоҳроҳи бузурги абрешим 246
Дарвозиева Х. Ш., Сайнаков С. П.
Праздники и обряды рушанцев связанные с хозяйственной деятельности и жизненного цикла 255
Шарифзода Ҷ. С.
Ҷунбиши шуубия ва махсусияти маърифату ҷаҳоншиносии тоҷикон 260
Нурматова М. Р., Каримова А. Р.
Кадровая политика государства в сфере подготовки профессиональных работников системы связи в годы советской власти в Таджикистане 267
Шоқурбонова Ҷ. Ш.
Таърихи маорифи мардумӣ дар Аморати Бухоро дар нимаи дуюми асри XIX 274
Раҷабзода А. Н.
Солҳои ҷавонӣ ва оғози фаъолияти илмию сиёсии академик Талбак Назаров 282
Латифова Н. М.
«Таърихи Шоҳрухӣ»-и Муллониёзи Қӯқандӣ ҳамчун маъхази арзишманд дар омӯзиши таърихи халқи тоҷик 293

ТДУ 809.155.0

МУЛОҲИЗАҲО ОИД БА АЛОҚАИ КАЛИМАҲО БО ПЕШОЯНДҲОИ НОМӢ ДАР ОСОРИ МАНСУРИ АСРҲОИ XV-XVI

Ғаффоров А. О.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Таҳқиқи наҳви осори мансури давраи классикии забони адабии тоҷик дар замони ҳозираи рушди забони адабии тоҷик аз масоили мубрами забоншиносии тоҷик маҳсуб аст. Бахусус, таҳқиқи мавзуи алоқаи калимаҳо дар осори гаронбаҳои давраи классикӣ баҳри мушаххасу муайян кардан ва рӯшанӣ андохтан ба вижагиҳои зиёди робитаи калимаҳо ва муносибатҳои наҳвию тобишҳои маъноии онҳо нақши бузург хоҳад гузошт.

Мавриди зикр аст, ки дар забоншиносии тоҷик маълумотҳои оид ба алоқаи калимаҳоро аз рӯйи вижагиҳои омӯзиши масъалаи мазкур ба ду гурӯҳ ҷудо кардан мувофиқи матлаб аст:

- асару мақолаҳо ва таҳқиқотҳое, ки мустақиман ба мавзуи алоқаи калимаҳо бахшида шудаанд;
- таҳқиқот, асару мақолаҳое, ки ба ибора ва ё ба масъалаи дигари забони тоҷикӣ бахшида шудаанду оид ба алоқаи калимаҳо ба ин ё он муносибат маълумоти ҷузъӣ додаанд.

Дуруст аст, ки дар забоншиноси тоҷик дар масъалаи омӯхтан ва баррасӣ намудани хусусиятҳои навъ ва воситаҳои алоқаи калимаҳо то имрӯз осори таҳқиқии судманд интишор ёфта, дар ин замина маълумотҳои ҷолибу муфидро дар рисолаҳои фаровони илмӣ ва асару мақолаҳои забоншиносон Д. Тоҷиев, Ш. Рустамов, Р. Ғаффоров, С. Атобуллоев, А. Мирзоев, А. Афсаҳзод, М. Исматуллоев, С. Аслиддинов, Ҳ. Солиев ва дигарон пайдо кардан мумкин аст. Дар чунин пажуҳишҳо аҳли таҳқиқ кӯшиш ба харҷ додаанд, ки услуби нигориши адибони муосирро дар мисоли корбурди пешояндҳои номӣ ва таркибии номӣ дар таркиби ибора ва ҷумла нишон дода, умумияту тафовути онҳоро ошкор созанд ва ба ин васила хидмати ҳар кадом нависандаву шоирро дар ривоҷи забони тоҷикӣ инъикос намояд. Аммо, мавриди зикр аст, ки чунин иқдом дар асоси таълифоти аҳли илму адаби давраи асримиёнагӣ, бахусус осори мансури садаҳои XV-XVI пеш гирифта нашудааст. Танҳо дар пажуҳиши муҳаққиқи ин давра А. Алиев, ки дар заминаи асари “Бадоеъ-ул-вақоеъ”-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ сурат гирифтааст, маълумоти як андоза пурра ва ҷолибро пайдо кардан мумкин аст.

Бо вуҷуди ин ки аз ҷониби муҳаққиқони соҳа паҳлуҳои ҷудогонаи мавзуи навъ ва воситаҳои алоқа мавриди баррасӣ қарор гирифтаааст, аммо баъзе вижагиҳои грамматикии он, аз ҷумла алоқаи калимаҳо бо пешояндҳои номӣ ва таркибии номӣ дар мисоли асари ҷудогонаи забони адабии классикӣ ба як таҳқиқи наву тоза ниёз дорад. Дар ишора ба ин масъала дар Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик чунин омадааст: “Омӯхтани вазифаю қоидаи истеъмоли шакли калимаҳо ва муқаррар кардани қонунияти истифодаи онҳо барои сохтани ибора ва ҷумла аз масъалаҳои хеле муҳим ва ҳанӯз таҳқиқнашудаи синтаксиси забони тоҷикӣ ба шумор меравад” [5, с. 18]. Ё ин ки андешаҳои дар бораи пешояндҳои номӣ ва номии таркибии забони тоҷикӣ баёншуда, чунонки С. Абдураҳимов қайд кардааст, ба чунин хулосае меорад, ки пешояндҳои номӣ ва номии таркибии забони тоҷикӣ аз сари нав ба таҳқиқ ниёз доранд [1, с. 123].

Бо муъҷиби гуфтаҳои боло метавон гуфт, ки масъалаи омӯзиш ва таҳқиқи навъ ва воситаи алоқаи калимаҳо, махсусан алоқаи калимаҳо бо пешояндҳои таркибии номӣ дар

забони адабии тоҷик, махсусан осори мансури асрҳои XV-XVI аз сари нав таҳқиқ мехоҳад. Чунки то ҳол дар атрофи мавзуи мазкур асари ҷудогонае дар шакли монографӣ ва яклухт дар забоншиносии тоҷик ва бахосса дар бахши таърихи забони адабӣ арзи вуҷуд накардааст. Бисёр паҳлуи ин масъала бе таҳқиқи ҷиддӣ ба таври умумӣ баррасӣ шудаанд.

Мавриди ба таъкид аст, ки алоқаи калимаҳо бо пешояндҳои номӣ дар забони адабии пешина бо вижагиҳои хоси худ ба тарзи баён ва роҳу равиши усули нигориши нависанда ё адиб зич вобастагӣ дорад. Вобаста ба ин, тасмим гирифтем, ки чанд мулоҳизаҳои худро оид ба вижагиҳои хоси алоқаи калимаҳо бо пешояндҳои номӣ дар осори мансури асрҳои XV-XVI ба таври иҷмолӣ баён созем.

Маълум аст, ки пайдошавии пешояндҳои номӣ пеш аз ҳама ба қонуният ва тамоюли инкишоф ва таҳавулли забон ва махсусан, тамоюли озод кардани пешояндҳо аз сервазифагию сермаъноии онҳо ва пайдоиши муносибатҳои нав ба нави байни ашё ва ҳодисаҳои олам пайвастагии зич дорад. Инчунин, муваффақиятҳои фаъолияти аҳли ҷомеа, ошкор шудан ва дарккунии алоқа ва муносибатҳои боз ҳам пуриқтидор ва нозуктари байни ашё ва ҳодисаҳои олам дар ҳар гуна забон, махсусан, дар забони тоҷикӣ, ки забони аналитикӣ мебошад, воситаҳоеро талаб мекарданд, ки он воситаҳо муносибатҳои навро ҳар чи аниқтару возеҳтару комилтар ифода намоянд.

Дар раванди алоқа ва муносибати наҳвии калимаҳо пешояндҳои номӣ, монанди дигар аносири луғавӣ дар ташаккули ибора ва ҷумла дар насри асрҳои XV-XVI мавқеи махсус доранд. Дар забоншиносӣ собит гардидааст, ки пешояндҳои номӣ маҳсули давраҳои нисбатан нави забон буда, онҳо, асосан, аз ҳиссаҳои номии нутқ ба вуҷуд омадаанд ва натиҷаи пешояндшавии ҳамаи калимаҳои номӣ як хел нест, қариб ҳамаи калимаҳое, ки ҳамчун пешояндҳои номӣ ё ҳиссаҳои номии пешояндҳои таркибӣ корбаст мешаванд, аслан ба ин категория (пешояндҳо-А. Ғ.) нагузаштаанд. Баъзе аз онҳо ҳамчун исм ва дигарашон ҳамчун пешоянд серистеъмол мебошанд [1, с. 65].

Вобаста ба ин, фикри профессор М. Қосимова қобили диққат аст: “Пешоянду пасояндҳо ҳиссаи ёвари нутқ буда, ҳамчун воситаҳои грамматикии алоқаи калимаҳо дар ҷумла ё ҳамчун шаклдиҳандаи синтаксисии аъзоҳои ҷумла корбаст мегарданд" [11, с. 201].

Зимнан бояд қайд кард, ки пешояндҳои номӣ низ монанди пешояндҳои аслӣ барои ифода намудани муносибатҳои умумӣ, абстрактӣ (замонӣ, масоҳавӣ, сабабӣ ва ғ.) байни предметҳо ва ё барои нишон додани чунин муносибатҳои предметҳо нисбат ба амал, ҳолат ва аломат истифода мешаванд. Пешояндҳои номӣ аз дигар навъи пешояндҳои забони тоҷикӣ, пеш аз ҳама, бо нигоҳ доштани маънои луғавии худ тафовут мекунад. Маънои лексикӣ ва грамматикии пешояндҳои номӣ нишон додани муносибати калимае бо калимаи дигар аст. Агар маънои грамматикии онҳо аз нишон додани муносибати тобеи исму ҷонишинҳо бо калимаҳои дигар иборат бошад, пас маънои лексикии онҳо муносибати мантиқӣ-маъноии байни калимаҳои алоқамандшударо ифода мекунад. Маънои хосаи пешояндҳои номӣ аз нишон додани тобиши муайяни маъноӣ, ки дар он муносибати синтаксисӣ мавҷуд аст, иборат мебошад. Ҳамин хусусиятҳоро мадди назар гирифта, муҳаққиқони соҳа бар он назаранд, ки пешояндҳои номӣ ва таркибии номӣ низ ба мисли пешояндҳои аслӣ ба гурӯҳи воситаҳои алоқаи калимаҳо дохил мешаванд, зеро ки маънои лексикии онҳо ба маънои грамматикашон, асосан, баробар аст.

Дар забоншиносии рус Ярсева В. Н. пешояндҳои номиро “калимаҳои нимёвар” ном бурда, аз ҷумла навиштааст: “дар ҳақиқат, калимаҳои нимёвар ҳамчун қисми таркибии луғавии забон , вазифаеро иҷро менамоянд, ки он бар вазифаи шаклҳои грамматикӣ баробар аст ва ё бар ҳар ҳол дар ифодаи маънои категориявии грамматикӣ ёрӣ мерасонад” [15, с. 123].

Ба ҳамин тариқа, пешояндҳои номӣ дар ташкилу ифодаи муносибатҳои гуногуни наҳвии ибора ва ҷумлаҳо дар осори мансури асрҳои XV-XVI сермаҳсулу серистеъмоланд. Ин пешояндҳо ҳам дар шакли сода ва ҳам дар шакли таркибӣ бо пешояндҳои аслӣ барои ифодаи

аниқу саҳеҳтари муносибатҳои наҳвии калимаҳо дар забони ин давра мақоми хоса доранд. Пешояндҳои номӣ, бахусус, дар сурат гирифтани муносибатҳои ҳолӣ серистеъмоланд ва тобишҳои гуногуни маъноӣ зоҳир менамоянд.

Муносибати макону масоҳа. Дар насри ин давра дар ифодаи муносибати макону масоҳа пешояндҳои номӣ ба таври фаровон корбаст шудаанд. Тақрибан дар ҳамаи асару мақолаҳое, ки оид ба пешояндҳои номӣ маълумот додаанд, зикр шудааст, ки "онҳо (ҷузъи номии пешояндҳои номӣ-А. Ғ.) маънои грамматикии пешояндҳои аслиро аниқтар ва пурратар менамоянд" [5, с. 119; 14, с. 137; 10, с. 29; 11, с. 218; 13, с. 80].

Пешоянди номии ***пеши*** дар ташаккули ибора ва ҷумлаҳо дар насри классикии тоҷик, аз ҷумла осори мансури асрҳои XV-XVI серистеъмол буда, вобаста ба ҷузъи аслӣ тобишҳои маъноии гуногунро ифода кардааст. Ин пешоянд дар насри давраи мавриди назар ҳам дар шакли сода (***пеши***) ва ҳам таркибӣ (***дар пеши, ба пеши, аз пеши, бар пеши***) дар ифодаи муносибатҳои макону масоҳа корбаст шудааст. Шакли содаи он (***пеши***) ва шаклҳои он бо ҷузъи ***ба*** ва ***дар*** (***ба пеши, дар пеши***) бо исмҳои макон, ашё ва шахс омада, ба сӯйи он равона будан ва ё дар пеши он воқеъ гаштани амалу ҳолатро ифода мекунанд. Тобеъкунанда бештар бо феълҳои ҳаракату ҳолат ифода гардидааст*: Пеши доруға рафтем [6, с. 1047]. Домодро пеши арӯс меоранд [6, с. 979]. ... ба пеши мадраса... расидем [6, с. 1062]. ...дар пеши он зан ҷавоне ... истода [6, с. 977]. Баъд аз он пеши ман намебошӣ [6, с. 521]. Пас ҳар ду ҳамроҳ пеши халифа рафтанд [2, с. 29]. Гунаҳкореро пеши халифа оварданд [2, с. 54]. Ин ҳардуро бардору пеши ӯ бибар [12, с. 47]. Рӯзе пеши Муовия рафт [12, с. 92]*.

Пешоянди ***аз пеши*** гузаштани амал ва ё шахсеро аз ҷое ва ё воқеъ гардидани амалро дар назди ашё ё шахс нишон додааст: *Қосиде аз пеши подшоҳ омад [6, с. 782]. Он мард аз пеши мо гузашта [6, с. 1023]. ... аз пеши назари вай дур бош [6, с. 56]. Дар китоби "Сафватуссафо" оварда, ки шахсе аз пеши Имом гузашт [12, с. 36]*.

Дар таркиби чунин ҷумлаҳо ҷузъи *аз* ҳатмӣ ва таъйинкунандаи асосии муносибати синтаксисӣ маҳсуб меёбад. Муқоиса шавад: *Қосиде аз пеши Имом омад. Қосиде пеши Имом омад.*

Дар насри ин давра пешояндҳои таркибии номии *дар пеши* ва *ба пеши* бештар чун муродифи якдигар дар таркиби ҷумлаҳо корбаст шудаанд. Ба мисолҳо таваҷҷуҳ шавад: *... он латта дар пеши ман андохт [6, с. 1155]. ... музди ҳаммомро ба пеши ҳаммомӣ ниҳода [6, с. 1025]*.

Дар насри ин давра дар таркиби ибора ва ҷумлаҳо барои ифодаи муносибати наҳвии макону масоҳа пешояндҳои номии ***назди, наздики*** ва шаклҳои таркибии онҳо- ***ба назди, ба наздики, аз назди, аз наздики, дар назди, дар наздики*** корбаст шудаанд. Ин пешояндҳо аз рӯйи вазифаи наҳвӣ, асосан, муродифи пешоянди ***пеши*** буда, дорои тобиши маъноии наздик будан ба ашё ва ё шахс мебошанд. Ба мисолҳо таваҷҷуҳ шавад: *Қитъае ... ба назди Шервоншоҳ фиристод [6, с. 327]. Дар наздики хонаат масҷиде буд [6, с. 1148]. Чун наздики имораташ расидем [6, с. 1099]. Рӯзе назди Улуғбекмирзо омада... [6, с. 482]. Пас назди имом омад [12, с. 47]. Пас назди қабилае рафт, ки дар он наздикӣ буд [12,20]. Назди подшоҳ рафту арзи ҳол кард [12, с. 91]. Вай ривоят карда, ки дар Ғазваи Табук назди Расул рафтем [12, с. 7]*.

Ифодаи муносибати макону масоҳа дар насри ин давра дар таркиби ибора ва ҷумла тавассути пешояндҳои номии изофии ***дар домани, ба домани, ба пои, дар пои, дар поёни, дар зии*** низ сурат гирифтаанд. Ин пешояндҳо бештар бо исмҳои гуногунмаъно омада, дар қисмати поёни онҳо воқеъ гардидани амалро ифода кардаанд: *Ба домани кӯҳе расид [6, с. 752]. ...ба пои дарвозааш расидем [6, с. 1099]. Дар зии азамту ҷалоли мо... саъю кӯшиш маъзул медорад [6, с. 696]. .... он мард ҳазор диноро, ки дар пои дарахт ёфта буд,ба соҳибаш бозdod [12, с. 134]*.

Дар таркиби ибора ва ҷумлаҳои осори мансури ин давра як зумра пешояндҳои номие низ истифода шудаанд, ки асосан, хоси забони давраи классикӣ буданд ва баъзеи онҳо дар

китобҳои дарсии забони адабии ҳозираи тоҷикӣ зикр нашудаанд, вале дар шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ ва дар осори устод Айнӣ қисман истифода шудаанд.

Ба ин гуруҳ пешояндҳои номии ***дари, ба дари, дар дари, аз дари, бар дари***ро дохил намудан мумкин аст. Ибора ва ҷумлаҳое, ки бо пешояндҳои фавқуззикр сурат гирифтаанд, дар даромадгоҳ ва ё дар даруни маконе қарор гирифтан ё рӯй додани амалро ифода крдаанд: *Устоди рангрез дари дукони худро об зада .. [6, с. 991]. ... дар дари харобот ёре пайдо шуд [6, с. 1145]. Моро дар дари хона мешиносанд [6, с. 1078]. Савор бар дари маҳкама расид [6, с. 838]. Гузараш ба дари маҳкамае афтод [6, с. 704]. Зарифе ба дари хонаи бахиле омад [12, с. 224]. Шоире ба таваққуи фоида ба дари хонаи Маъни Зоида омад [2, 67]. (Баҳор, 67). Нуаймон ӯро аз ҳар тараф бигардониду охир ба наздики мардум бар дари масҷид бинишонид [6, с. 22]. Гадоие бар дари сарое чизе хост [2, с. 91].*

Дар ташаккули ибора ва ҷумлаҳои насри давраи таҳқиқ барои ифодаи муносибатҳои макону масоҳа пешояндҳои таркибии номии изофии навъи ***бар сари, дар сари, ба сари, аз сари, бар болои, дар болои, дар рӯйи, бар рӯйи, ба рӯйи , бар фарқи, ба нӯги*** низ корбаст гардидаанд.

Шаклҳои навъи ***бар болои, бар рӯйи, бар сари*** дар таркиби ибора ва ҷумлаҳои насри ин давра бо исмҳои макон ва ё ашёе омадаанд, ки амал дар сатҳу болои он воқеъ мегардад ва ё ба он равона шудааст. Мисолҳо: ... *бар болои курсӣ нишаст [6, с. 793]. ... бар фарози минбар нишаст [6, с. 589]. Дар болои дукон ҳуҷрае сохта буд [6, с. 1136]. Дар шаб бар болои он нишаста [6, с. 478]. Бар сари дар тобдоне дорад [6, с. 1080].*

Пешоянди номии *сари* ва шаклҳои таркибии он дар таркиби ибора ва ҷумлаҳои насри ин давра предмет ва ё маконеро нишон додаанд, ки дар наздикашон амал воқеъ ё ҷараён гирифтааст ва ё ба назди он нигаронида шудааст. Таваҷҷуҳ шавад ба мисолҳо: *Бар сари чашма аждаҳое буд [6, с. 753]. Моро дар сари пули Молон меёбӣ [6, с. 1190].* Тифле ширхора ба сари новдон хазид *[12, с. 28]. Аз сари новдон то замин бист газ роҳ буд [12, с. 28]. Рубоҳе бар сари роҳе истода буд [12, с. 123].*

Дар баъзе таҳқиқотҳо қайд шудааст, ки шакли ба рӯйи дар забони адабии пешина “барои ифодаи ҳоли макон дучор нашуд” [9, с. 13].

Мисолҳои насри давраи мавриди таҳқиқ, бахусус “Бадоеъ-ул-вақоеъ” собит намуданд, ки дар ифодаи муносибати маконӣ ин пешоянди номӣ корбаст шудааст: *Ғаливоҷ ... бар рӯйи ҳаво пайдо шуд [6, с. 872]. Ногоҳ шахсе бар рӯйи фарши айвон баромад [6, с. 103].*

Даи ин гуна ибораҳо агар ба сифати ҷузъи тобеи ибора исмҳои маънӣ оянд, дар байни ҷузъҳои ибора муносибати зайли ғайримаконӣ мушоҳида мешавад: а) муносибати сабабӣ: *Ин амр ... аз сари мастӣ ва бехудӣ буда [6, с. 931]. ... аз рӯйи ғазаб гуфт [6, с. 856].* б) муносибати мақсадӣ: *Биё, то ба сари бисот равем [6, с. 865]. Паҳлавон Ҳиндухоҷа аз рӯйи даъво ба вилояти Хуросон омада [6, с. 892].* в) муносибати тарзу мутобиқат: *Аз рӯйи фаросат донистам [6, с. 871]. Дар ин қазия аз рӯйи муҷиби шаръи Муҳаммадӣ таваҷҷуҳ менамоям [6, с. 776].*

Пешоянди ***зери, таги*** ва шаклҳои таркиби онҳо ибора ва ҷумлаҳоеро ташаккул додаанд, ки амалиёти фоил аз пояи предмет ё маҳале оғоз меёбад ва ё дар зери он воқеъ шудааст ё равона гардидааст. Ба сифати ҷузъи тобеъ бештар исмҳои моддӣ ва ҷонишинҳои предметӣ ва чун тобеъкунанда феълҳои ҳаракату ҳолат истифода шудаанд: ... *зери чаҳорпояи курсии Абӯалӣ чаҳор танга ниҳоданд [6, с. 793]. ..гилро аз таги ҷӯй меканд [6, с. 859]. ...аз зери ҳезум баромадам [6, с. 1066]. Ҷоми заррин ... дар зери он дошт [6, с. 753]. Дид, ки доманаш дар зери сутун банд аст [12, 19].*

Пешояндҳои номии изофии ***паҳлуи, лаби, гирди, паси, қафои*** *ва шаклҳои таркибии онҳо –**дар паси, бар канори, ба гирди, ба канори, ба қафои, бар гирди, бар паси, дар лаби, ба лаби, дар гирди, ба канори, аз паси, аз пайи, дар пайи*** дар асл пешояндҳои масоҳавӣ буда, дар ташаккули ибора ва ҷумлаҳои осори мансури асрҳои XV-XVI корбаст шудаанд.

Пешояндҳои ***паси, қафои*** ва шаклҳои таркибии онҳо –***дар паси, аз паси, бар паси, бар қафои, аз қафои, бар пушти, ба дунболи, аз дунболи*** аз рӯйи маъно муродифи ҳамдигаранд ва бо исмҳои макону ҷонишинҳои предметӣ омада, макони ҷойгиршавӣ, бавуқуъоӣ ва дар паси ҷойе ё шахсе равона шудани амалу ҳолатро нишон медиҳад: *Султон аз қафои ӯ мерафт [6, с. 1284]. Паси дари ҳавлӣ хокрез буда [6, с. 1138]. Аз паси эшон ҳаёҳуй баромад [6, с. 553]. Аз дунболи ман ҷудо нашавӣ [6, с. 1038]. Аз ақиби ӯ равон гардида, ӯро дар хоб ёфт [12, с. 10]. Мутаваҷеҳи ӯ шуд ва ӯ аз Ҳазрат гурехту дар ақиби мардум пинҳон гашт [12, с. 13]. Лашкар аз ақиби ман биёяд (Латоиф, 60). Арабе дар ақиби қозӣ намоз мегузорд [12, с. 108].*

Дар забони адабии ҳозираи тоҷик пешоянди макону масоҳа будани пешояндҳои фавқуззикро таъкид шудааст [5; 13; 7]. Абдусаттор Мирзоев дар ифодаи муносибатҳои замонӣ [13, с. 143]. ва Раззоқ Ғаффоров дар шеваи ҷанубӣ дар ифодаи ҳоли сабаб [7, с. 170] омадани пешоянди ***аз пайи***-ро қайд кардаанд.

Дар насри ин давра ҳам таркибҳои пешояндии ***аз пайи, дар пайи*** низ ғайр аз муносибати макону масоҳа дар ифодаи муносибатҳои сабабу мақсад низ истифода шудаанд: *Дар долони Работ аз пайи истироҳат нишаста будем [6, с. 606]. ..дар пайи илм ранҷу заҳмати беҳуда мебурдаед [6, с. 921]. Мирзо маро аз пайи кори муҳимме фиристодаанд [6, с. 552].*

Таркиби бар заҳри, ки чун муродифи пешояндҳои боло дар насри ин давра корбаст шудааст, камистеъмол буда, дар забони муосири тоҷикӣ истифода намешавад: *.. бар заҳри он қасида навишта[6, с. 959]. ... бар заҳри рубоии вай навишт [6, с. 841].*

Дар насри давраи таҳқиқ дар ифодаи муносибатҳои макону масоҳа пешояндҳои номии ***миёни (миёнаи)*** ва шаклҳои таркибии онҳо- ***дар миёни, аз миёни, то миёни, дар миёнаи, аз миёнаи*** дар таркиби ибора ва ҷумлаҳо истифода шудаанд. Пешояндҳои зикршуда дар таркиби ибора ва ҷумлаҳо вуқуъи амал ё ҷойгиршавии ашёву шахсро дар байни чизе нишон медиҳанд. Агар ҷузъи тобеъ аз ду калимаи дар алоқи пайваст омада ва як калимаи шакли ҷамъ иборат бошад, вуқуъи амал ё ҷойгиршавии ашёву шахсро дар байни онҳо мефаҳмонад: *Рашку таассуб миёнаи бародарон мебошад [6, с. 923]. ..миёни падару писар безорӣ ниҳод [6, с. 374]. Анқариб миёни мо муфориқат воқеъ шуд [6, с. 105]. Дар миёни тудаҳои хишт нишаста буда [6, с. 50].*

Пешоянди навъи ***дар миёнаи, аз миёнаи*** воқеъ гардидани амалро дар мобайни ашё ё макон ифода кардаанд: *.. дар миёни боғ ҳавз аст [6, с. 586]. .. аз миёнаи Чорсу ғалоғула... баромад [6, с. 1088]. Дар мобайни дарвозаи Ироқ ва Фирӯзобод ҷойе аст [6, с. 892].*

Ҳамин тариқ, таҳқиқу баррасии навъ ва воситаҳои алоқа, махсусан алоқаи калимаҳо бо пешояндҳои номӣ дар осори мансури асрҳои XV-XVI баҳри кушодани вижагиҳои хоси забони насри классикӣ ва ғановати он ва муайян кардани мақоми асарҳои мансури ин давра дар устувордошт, такомул ва рушди забони адабии тоҷик мусоидат хоҳад кард.

Адабиёт

1. *Абдураҳимов, С. Ибораҳои исмии забони адабии ҳозираи тоҷик / С. Абдураҳимов. - Душанбе: Дониш, 1973. - 164 с.*
2. *Абдурраҳмони Ҷомӣ. Баҳористон (Нашри интиқодӣ) /А. Ҷомӣ. – М.: Наука, 1987. - 200 с.*
3. *Алиев, А. Хел ва воситаҳои алоқаи калимаҳо дар «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Восифӣ / А. Алиев. - Душанбе, 1997. - 155 с.*
4. *Аслиддинов, С. Алоқаи калимаҳо дар ҷумла дар забони адабии ҳозираи тоҷик / С. Аслиддинов // Баъзе масаъалаҳои забон ва адабиёти тоҷик. Серияи нав. - Самарқанд, 1961. - № 114. - С. 123.*
5. *Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Ибора ва синтаксиси ҷумлаҳои сода. Ҷ. II. – Душанбе: Дониш, 1986. - 372с.*
6. *Зайниддин Маҳмуди Восифӣ. Бадоеъ-ул-вақоеъ / Бо муқаддима, тавзеҳ ва таҳияи А. Н. Болдирев. Ҷ. I - II (матни интиқодӣ). - М.: Изд-во Восточной литературы, 1961. - 2065 с.*

7. *Ғаффоров, Р. Шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ. Ҷ. 3. / Р. Ғаффоров. - Душанбе: Дониш, 1979. – 272 с.*
8. *Забони адабии ҳозираи тоҷик. Синтаксис. Қ. II. (Китоби дарсӣ барои факултетҳои филологияи мактабҳои олӣ). Нашри дуюми такмилёфта. – Душанбе: Маориф, 1984. - 327 с.*
9. *Исматуллоев, М. Очеркҳои грамматикӣ оид ба ҳолшарҳкунандаҳо дар забони адабии ҳозираи тоҷик. Қисми I. [Ҳоли замон ва макон] / М. Исматуллоев. - Душанбе: Ирфон, 1971.- 176 с.*
10. *Қосимова, М. Очеркҳо оид ба синтаксиси ҷумлаҳои содаи насри асри XI (дар асоси материали «Сиёсатнома», «Қобуснома» ва «Сафарнома») / М. Қосимова. - Душанбе: Ирфон, 1976. - 216 с.*
11. *Қосимова, М. Н. Таърихи забони адабии тоҷик (асрҳои IX-X). Китоби дарсӣ барои донишҷӯёни мактабҳои олӣ. Қисми 1. / М. Н. Қосимова. - Душанбе, 2003. - 490 с.*
12. *Мавлоно Фахриддин Алии Сафӣ. Латоиф-ут-тавоиф (Бо муқаддима ва тавзеҳ ва таҳия ва тарҷумаи Эълом Аҳмад Гулчини Маонӣ). (Матни интиқодӣ). – Теҳрон, 1334. - 650 с.*
13. *Мирзоев, А. Ибораҳои феълӣ замонӣ дар забони адабии ҳозираи тоҷик / А. Мирзоев. - Душанбе: Дониш, 1972. - 252 с.*
14. *Рустамов, Ш. Мушкилоти синтаксис / Ш. Рустамов. - Душанбе: Маориф, 1988. - 340 с.*
15. *Ярцева, В. Н. Предложние и словосочетание // Вопросы грамматического строя / В. Н. Ярцева. - М.: Наука, 1955. - 440 с.*

МУЛОҲИЗАҲО ОИД БА АЛОҚАИ КАЛИМАҲО БО ПЕШОЯНДҲОИ НОМӢ ДАР ОСОРИ МАНСУРИ АСРҲОИ XV-XVI

Таҳқиқи наҳви осори мансури давраи классикии забони адабии тоҷик дар замони ҳозираи рушди забони адабии тоҷик аз масоили мубрами забоншиносии тоҷик маҳсуб аст. Бахусус, таҳқиқи мавзуи алоқаи калимаҳо дар осори гаронбаҳои давраи классикӣ баҳри мушаххасу муайян кардан ва рушанӣ андохтан ба вижагиҳои зиёди робитаи калимаҳо ва муносибатҳои наҳвию тобишҳои маъноии онҳо нақши бузург хоҳад гузошт. Бо вуҷуди ин ки аз ҷониби муҳаққиқони соҳа паҳлуҳои ҷудогонаи мавзуи навъ ва воситаҳои алоқа мавриди баррасӣ қарор гирифтаааст, аммо баъзе вижагиҳои грамматикии он, аз ҷумла алоқаи калимаҳо бо пешояндҳои номӣ дар мисоли асари ҷудогонаи забони адабии классикӣ ба таври алоҳида ва дар шакли яклухт таҳқиқ нашудааст. Бинобар ин, дар ин мақола муаллиф баъзе андешаҳояшро оид ба алоқаи калимаҳо бо пешояндҳои номӣ дар осори мансури асрҳои XV-XVI баён намудааст.

Калидвожаҳо: алоқаи калима, алоқаи тобеъ, пешоянд, пешояндҳои номӣ, муносибатҳои наҳвӣ, осори хаттӣ, навъи алоқаи грамматикӣ, алоқаи вобастагӣ, адабиёти классикӣ, осори таҳқиқӣ.

СООБРАЖЕНИЯ О СООТНОШЕНИИ СЛОВ И ИМЕННЫХ ПРЕДЛОГОВ В ПРОИЗВЕДЕНИЯХ МАНСУРА XV-XVI ВВ

Изучение грамматики произведений Мансура классического периода таджикского литературного языка является одной из актуальных проблем таджикского языкознания в современный период развития таджикского литературного языка. В частности, исследование темы связей слов в ценных произведениях классического периода будет играть важную роль в выявлении, определении и прояснении многочисленных особенностей связей слов, их грамматических отношений и семантических коннотаций. Несмотря на то, что имя существительное рассматривалось исследователями в данной области в отдельных аспектах темы типа и форм связи, некоторые его грамматические особенности, в том числе связь слов с именными предлогами и именными соединениями, не были полностью и всесторонне изучены в таджикской лингвистике на примере отдельного произведения классического литературного языка. Поэтому в данной статье рассматриваются и обсуждаются наблюдения автора о соотношении слов и именных предлогов в произведениях Мансура XV-XVI веков.

Ключевые слова: словесная связь, подчинительная связь, предлог, именные предлоги, грамматические отношения, письменные произведения, тип грамматической связи, зависимая связь, классическая литература, исследовательские работы.

CONSIDERATIONS ON THE RELATIONSHIP BETWEEN WORDS AND NOMINAL PREPOSITIONS IN THE WORKS OF MANSUR IN THE 15TH-16TH CENTURIES

The study of the grammar of Mansur's works of the classical period of the Tajik literary language is one of the urgent problems of Tajik linguistics in the modern period of development of the Tajik literary language. In particular, the study of the topic of word connections in valuable works of the classical period will play an important role in identifying, defining and clarifying numerous features of word connections, their grammatical relations and semantic connotations. Despite the fact that the noun was considered by researchers in this field in individual aspects of the topic of the type and forms of connection, some of its grammatical features, including the connection of words with nominal prepositions and nominal compounds, have not been fully and comprehensively studied in Tajik linguistics using the example of a separate work of the classical literary language. Therefore, this article examines and discusses the author's observations on the relationship of words and nominal prepositions in the works of Mansur of the 15th-16th centuries.

Keywords: verbal connection, subordinate connection, preposition, nominal prepositions, grammatical relations, written works, type of grammatical connection, dependent connection, classical literature, research papers.

Дар бораи муаллиф
Ғаффоров Абдушукур Одинашоевич
Доктори илмҳои филологӣ, профессор,
мудири кафедраи методикаи таҳсилоти ибтидоӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
E-mail: gafforovabdusukur@gmail.com

Об авторе
Гаффоров Абдушукур Одинашоевич
Доктор филологических наук, профессор,
заведующий кафедрой методики начального образования
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан,
г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
E-mail: gafforovabdusukur@gmail.com

About the author
Gafforov Abdushukur Odinashoevich
Doctor of Philological Sciences, Professor,
Head of the Department of primary education methods
Tajikistan State Pedagogical University named after S. Aini
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki, 121
E-mail: gafforovabdusukur@gmail.com

УДК 809.155.0+802.0

ЛИНГВИСТИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ ФОРМИРОВАНИЯ АРХИТЕКТУРНОЙ ТЕРМИНОЛОГИИ В ТАДЖИКСКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ

Джамшедов П., Даминова М. З.
Национальная академия наук Таджикистана
Таджикский международный университет иностранных языков имени Сотим Улугзода

В формировании и функционировании терминологической лексики области архитектуры любого языка ключевую роль играет семантическая мотивированность. Следовательно, в языке функционируют различные механизмы семантической трансформации слов в терминологическую лексику. В рамках системного подхода к изучению языка, трансформация общеупотребительных единиц в терминологические, детерминированная логикой научного дискурса, признается одним из продуктивных способов развития терминологической системы. В основе данного утверждения лежит концепция терминологической деривации, в соответствии с которой общеупотребительные лексемы могут подвергаться терминологизации, приобретая статус термина и обозначая специальные научные понятия. Следует, тем не менее, учитывать, что когнитивный механизм терминообразования, хотя, и направлен на достижение предельной точности в выражении научных концептов и создание омонимов, не всегда приводит к однозначным результатам. Терминологизация общеупотребительных слов — это сложный и многогранный процесс, который включает в себя взаимодействие лингвистических, когнитивных и социокультурных факторов. Процесс терминообразования не всегда приводит к полной десемантизации исходного слова. Семантическая связь между термином и его этимологическим источником может сохраняться в различной степени. Сохранение семантической связи с исходными словами является распространенным явлением, которое может быть как полезным инструментом для понимания и запоминания терминов, так и источником потенциальной двусмысленности. Изучение этого процесса позволяет получить более глубокое понимание механизмов формирования научного знания и эволюции языка. В таджикском и английском языках важной характеристикой терминологии является семантическая связь между терминами и словами общего языка. «Большинство общеупотребительных слов, вошедших в терминологический состав, сохраняют эту связь. Терминологизация общеупотребительных лексем, таких как *«хона», «тир», «девор», «хишт», «ранда»* - *«house», «bullet»*, «*wall», «brick», «hammer»,* характеризуется сохранением семантической мотивированности, связанной с их номинативными значениями» [12, с. 50].

Процессы семантического расширения и смыслового развития лексических единиц играют важную роль в обеспечении номинативной функции языка в условиях постоянно меняющегося мира. В процессе терминологической деривации, когда семантическая связь между термином и мотивирующей лексемой полностью утрачивается, происходит создание новой номинативной единицы, которая функционирует как самостоятельный термин, вступая в омонимические отношения с исходным словом. В подобных случаях наблюдается вторичная номинация, когда одна и та же лексическая единица, обладающая определенным значением в общеупотребительном языке, приобретает новое, терминологическое значение в специализированной области. Этот процесс можно проиллюстрировать на примере слова "қувва" (сила) в таджикском языке и его эквивалента "strength" в английском языке. В обычном употреблении эти слова обозначают *физическую мощь, энергию*. Однако в физике термин "қувва" используется для обозначения векторной физической величины. При переводе на английский язык термин "қувва" (сила) передаётся словами "force" и "power"

[13, с. 35]. Таким образом, мы видим, что одно и то же слово в разных контекстах, в зависимости от конкретной области знания или сферы применения может иметь разные значения. Вторичная номинация является распространенным явлением в терминологии, поскольку позволяет использовать уже существующие слова для обозначения новых понятий, что делает терминологию более понятной и доступной для специалистов.

Терминологизация общеупотребительных лексем, рассматриваемая в рамках ономасиологического подхода, представляет собой важный механизм, посредством которого осуществляется номинация новых понятий. Результатом данного процесса является формирование терминов, обладающих четко очерченной семантикой и используемых в рамках конкретных научных дисциплин. В современной лингвистической науке описанный выше способ формирования новых лексических единиц, основанный на развитии семантики исходного слова и приводящий к возникновению омонимичных образований, квалифицируется как один из наиболее продуктивных и распространенных способов, обеспечивающий пополнение словарного запаса языка.

Эффективное функционирование интегрированной системы механизмов и ресурсов, обеспечивающих рост терминологического словаря в соответствии с принципами языкового словообразования и литературной нормой, служит ключевым фактором в научной деятельности. Формирование архитектурной терминологии, как правило, осуществляется в рамках моделей и схем, детерминированных нормами литературного английского и таджикского языков. Эволюция способов пополнения лексического фонда языка находится в прямой зависимости от исторически сложившейся структуры его словарного состава. Данная структура, в свою очередь, формируется под воздействием как внешних (экстралингвистических), так и внутренних (интралингвистических) факторов, определяющих закономерности развития языковой системы в целом. Литературный язык, выступая в качестве нормативного регулятора языковой системы, оказывает непосредственное влияние на формирование и развитие терминологии. Интегративный характер терминологических систем проявляется в их зависимости от норм литературного языка, которые формируются и эволюционируют как под воздействием исторических факторов, так и в результате синхронных изменений, отражающих современное состояние языка. Сопоставительный анализ терминологических систем различных языков в многочисленных исследованиях демонстрирует, что образование терминов, независимо от конкретного языка, подчиняется общим принципам и моделям словообразования, которые регулируются нормами литературного языка. Терминологическая система в научном языке —это сложная и динамично развивающаяся система, которая играет ключевую роль в обеспечении точности, однозначности и эффективности научной коммуникации, поскольку термины в научном языке обеспечивают возможность именования и описания новых научных явлений, материалов и их свойств. Процесс формирования терминов носит целенаправленный характер и осуществляется языковым сообществом [6, с. 48-49].

Терминологическая специфика словообразования, отличающая её от общелитературных средств и норм, обусловлена функциональной нагрузкой термина как единицы номинации научного знания. Одной из характерных свойств терминов является их связь с конкретными объектами и событиями, время появления которых может быть точно установлено. «В научной терминологии, названия объектов и явлений формируются в соответствии с конкретными предметами и событиями, которые возникают в процессе развития определенной области деятельность» [6, с. 33]. Главная особенность терминологии заключается в том, что её создание является осознанным и целенаправленным процессом, обусловленным потребностями общества в обозначении новых понятий, о чем писала Кубрякова Е. С. [6, с. 33].

Процесс терминообразования в науке осуществляется компетентными специалистами и ограничен рамками конкретной научной области, служа целям профессиональной

коммуникации.

Терминологическая система находится в постоянной динамике. Термины могут претерпевать различные изменения, включая совершенствование, модификацию формы и полную замену, с целью соответствия литературной норме и актуальным научным представлениям. Тем не менее, процесс формирования терминологических единиц, в первую очередь, обусловлен принципами номинации, определяющими структуру и семантику терминов. Методология терминообразования определяет в качестве первостепенной задачи точное именование научного понятия. Выбор оптимального способа словообразования для языкового выражения термина обусловливается продуктивностью данного способа в контексте конкретного типа понятий. В данном аспекте для архитектурной терминологии характерно расширение семантического поля и повышение продуктивности суффикса "-иш" и некоторых других морфем. Отличительной особенностью данного процесса является специфика выбора морфем, детерминируемая потребностями профессиональной коммуникации в архитектурной сфере [5, с. 54].

Одной из отличительных характеристик терминообразования является предпочтение словообразовательных элементов, обладающих прозрачной внутренней формой. Данный принцип обусловлен необходимостью обеспечения полного отражения содержания термина в его морфологической структуре, что способствует его однозначной идентификации в рамках соответствующего семантического и словообразовательного типа. В процессе терминообразования важную роль играют классификационные семантические признаки словообразовательных элементов, обеспечивая возможность однозначной идентификации и систематизации терминов в рамках соответствующей терминологической системы. Терминологическое словообразование демонстрирует выраженную тенденцию к систематическому применению унифицированных моделей для формирования терминов, объединенных единой семантической парадигмой. При этом специализация словообразовательных элементов на выражении конкретных денотатов выступает в качестве ключевого свойства. В условиях преобладания терминологической лексики над общеупотребительной, ее воздействие на словообразовательные процессы в литературном языке представляется неизбежным. В терминологическом словообразовании наблюдается прямая зависимость между лексико-семантическими свойствами термина, выступающего в роли особого знака номинации, и характером словообразовательных процессов. Терминологическое словообразование, в силу своей функциональной направленности, демонстрирует большую вариативность в выборе словообразовательных средств (как способов, так и моделей) по сравнению с литературным языком, где действуют более жесткие нормативные ограничения. «К числу таких особенностей относятся активное использование составных терминов, буквенно-символических обозначений, аббревиатур, а также специфических моделей сложения основ» [6, с. 73]. Несмотря на это, данные явления иллюстрируют лишь фрагментарные аспекты терминологической деривации, концентрируясь в основном на функциональной специфике словообразовательных элементов в рамках терминологической системы Анализ терминологической дериваций в контексте общих закономерностей языкового развития, показывает, что данная система не демонстрирует существенных расхождений с другими уровнями языковой, поскольку термины создаются на основе идентичных словообразовательных схем и моделей, которые активно функционируют в основном лексическом фонде и обладают высокой степенью продуктивности. Функционирование основного лексического фонда языка в качестве источника производящих основ и словообразовательных моделей является определяющим фактором в терминологическом словообразовании. Продуктивные словообразовательные типы, которые реализуются производными основами, составляющими основной лексический фонд, служат основой для формирования соответствующих терминологических моделей. Изучение источников формирования терминологической лексики является важной задачей

лингвистики, поскольку позволяет понять закономерности развития терминологических систем. В этой области предложены различные варианты классификации и систематизации.

В рамках исследований лексикогенеза, особое внимание уделяется взаимосвязи словообразования и динамики словарного состава. Словообразование, как процесс создания новых лексем на основе существующих морфем и моделей, рассматривается в качестве одного из важнейших источников пополнения лексической системы, наряду с такими явлениями, как семантическая деривация, синтаксическое словообразование и интерференция. В современной лексикологии общепризнано, что «формирование лексического состава языка осуществляется двумя основными путями: морфологическим (образованием новых слов из исконных морфем) и заимствованием (усвоением иноязычных лексем)» [4, с. 123]. В основу выделения указанных способов формирования лексического состава положен «принцип учёта происхождения новых лексических единиц, а именно: использование ресурсов собственного языка или привлечение элементов из других языков» [4, с. 124]. Необходимо отметить, что рассматриваемая классификация, наряду с выявлением закономерностей взаимодействия языковых систем и процессов формирования словарного состава, характеризуется определенной социолингвистической обусловленностью. В рамках данной модели, эксплицитно учитываются как внутриязыковые, так и экстралингвистические факторы, детерминирующие эволюцию лексической системы языка, что позволяет установить их относительную роль в процессах обогащения и становления словарного состава. Предложенная классификации терминов основывается на методологии, которая учитывает весь объем лексики языка и разделяет процессы образования новых слов на внутренние и внешние источники. Этот подход является фундаментальным для классификации терминологической лексики обоих рассматриваемых языков.

«Терминология, будучи неотъемлемой частью лексической системы языка, характеризуется неразрывной связью с литературным языком в аспекте механизмов формирования, траекторий становления и процессов развития. В качестве основных источников формирования терминологии в таджикском и английском языках выступают: 1) внутренние ресурсы данных языков; 2) заимствования из других языков» [15, с. 453]. Сопоставительный анализ, основанный на данной классификации, выявляет существенные различия между терминами, созданными на базе собственных языковых средств, и заимствованными терминами. Выделение заимствований, в частности, способствует определению степени их влияния на формирование структурной и семантической организации терминологического аппарата в обоих языках, подвергаемых сопоставлению. Рассматривая способы и методы, применяемые в процессе терминообразования, необходимо подчеркнуть, что в научной литературе представлено множество работ, посвященных систематизации способов создания новых терминов. Особое внимание уделяется морфологическому словообразованию. «В современном языкознании, исследующем данное явление, наиболее признанной является классификация, разработанная В. В. Лопатиным и И.С. Улухановым, в основу которой положен анализ словообразовательной системы современного русского языка.

Классификация, разработанная данными учёными, дифференцирует все способы словообразования в русском языке на два класса» [9, с. 25-27].

1. Моноосновное словообразование:

* Аффиксация: Это один из самых распространенных способов, при котором новые слова образуются путем присоединения аффиксов (приставок, суффиксов) к исходной основе. Например: *хондан → хонанда (читать → читатель), read→reader;*

* Конверсия: Этот способ заключается в переходе слова из одной части речи в другую без изменения его формы. Например: *хондан (читать) глагол → хониш (чтение) существительное, to walk глагол →a walk существительное;*

* Субстантивация: В данном случае, прилагательные и другие части речи переходят в

разряд существительных. Например: *бемор (больной) прилагательное → бемор (больной) существительное, rich прилагательное → the rich существительное.*

2. Полиосновное словообразование:

* Чистое словослосложение: Это образование новых слов путем соединения двух или более основ без изменений. Например: пойафзол (обувь), дастмол (полотенце), sunflower (подсолнух), bookstore (книжный магазин), overlook (проглядеть);

* Комбинированные способы образования новых лексем с участием аффиксации и сложения: В этом случае, к соединенным основам добавляются еще и аффиксы. Например: худбинона *(*худ-бин-она*) эгоистичный; ҳамкорӣ (ҳам-кор-ӣ) сотрудничество; homesickness(home-sick-ness) тоска по дому;*

* Слияние: Этот способ предполагает образование нового слова на основе тесной синтаксической и семантической связи двух или более компонентов. Например: сегодня (сей + день).

* Лексическое сокращение: Это образование новых слов путем сокращения исходных словосочетаний или слов. Например: КОА (Комиссияи олии аттестатсионӣ) Высшая аттестационная комиссия), USA (United States of America) США.

Каждый из этих способов имеет свои особенности и играет важную роль в обогащении словарного состава данного языка.

Исследование терминообразования выявило ряд закономерностей, центральной из которых является доминирование словосочетаний в формировании терминов. Предложена классификация способов и видов терминообразования, основанная на традиционных для языкознания методах лексико-семантического и морфолого-синтаксического анализа. Данная классификация, ориентированная на лексическую систему литературного языка, обеспечивает полное описание формирования терминологической лексики. Сопоставительный анализ архитектурной терминологии позволил установить ее характерные признаки: активное использование заимствований, профессионального жаргона и тенденция к унификации. В аспекте формирования архитектурно-строительная терминология классифицируется по способам её лексического пополнения. Данная классификация охватывает общую характеристику этих способов и выделяет два основных типа:

а) внутриязыковое терминообразование;

б) межъязыковое терминообразование.

В рамках исследования лингвистического механизма образования архитектурно-строительной терминологии в сопоставляемых языках, приоритетным направлением анализа является установление продуктивных словообразовательных типов и моделей, определяющих структуру данной терминологии.

«Сопоставительно-типологическое исследование системы формирования терминов различных языков включает разнообразные методы выявления межъязыковых соответствий и различий» [8, с. 189]. Несмотря на эвристическую ценность исследования терминологии в данном аспекте, необходимо признать наличие ряда ограничений, обусловленных спецификой функционирования терминологической лексики как особого пласта в общей системе языка. В условиях сопоставительного анализа терминологических систем, приоритетным направлением исследования является выявление продуктивных моделей терминообразования и установление дифференцирующих признаков терминологического словообразования в сопоставляемых языках. Сопоставительный анализ терминологии, концентрируясь исключительно на выявлении формальных сходств и различий в словообразовательной структуре, не раскрывает в полной мере сущность межъязыковых отношений. Такой подход может привести к случайным и непоследовательным результатам, «поскольку не учитывает системные факторы, влияющие на формирование терминов и не способен выявить общие закономерности языкового родства и различий. Например, при

сопоставлении терминов *"fresco"* и *"фреска"* наблюдается прямое соответствие между непроизводными словами» [8, с. 195]. Однако, в случае сопоставления *"fresco"* и *"нақши рӯи девор" (настенная живопись)* соответствие отсутствует из-за описательного характера таджикского словосочетания, в то время как английская лексика является терминологическим. Выявление подобных соответствий не позволяет проникнуть в глубинную сущность функционирования термина в языке, ограничиваясь лишь поверхностным анализом.

Морфологическое строение слова и его способность к аффиксации (как словоизменительной, так и словообразовательной) играют детерминирующую роль в процессах терминообразования. Морфологическая организация обоих языков, таджикского и английского, характеризуется наличием префиксальных, корневых и суффиксальных морфем. Также наблюдается явления совпадения корневой морфемы с основой слова в обоих языка, что является общей характеристикой их морфологической структуры. Например, в обоих сопоставляемых языках слово *комната, "ҳуҷра" - "room"* одновременно является и корнем, и основой слова. Несмотря на то, что редукция финальных безударных гласных послужила основанием для формирования данного явления в сопоставляемых языках, в английском языке этот процесс достиг значительной степени развития, что привело к существенной трансформации морфологической структуры, затронув как именные, так и глагольные формы, и выразилась в явлении омонимии. В отличие от английского языка, в таджикском языке совпадение основы и корня слова является прерогативой именных частей речи, что обусловлено типологическими различиями между данными языками. «В результате утраты падежных окончаний имён существительных и личных окончаний глаголов в английском языке, формы глагола в инфинитиве и однокоренного с ним имени существительного, отглагольного существительного или прилагательного оказались идентичными» [7, с. 120].

В результате проведенного сопоставительного анализа, мы пришли к выводу, что основными направлениями сравнительного изучения терминов являются: анализ морфологической структуры, выявление продуктивных моделей словообразования и определение семантических соответствий и различий между терминами в сопоставляемых языках.

Литература

1. *Белогуб, В.Д. Краткий англо-русский, архитектурный иллюстрированный словарь / В. Д. Белогуб, Ю. В. Чуров. - Харьков, 2003. - 251 с.*
2. *Вепренцева, М. А. Подходы к переводу несуществующих реалий архитектурной терминологии в устном и письменном переводе / М. А. Вепренцева. - Тамбов: Грамота, 2007. - № 3. - С. 52-55.*
3. *Даниленко, В. П. Методы лингвистического анализа: курс лекций / В.П. Даниленко. – М.: ФЛИНТА: Наука, 2011. – 280 с.*
4. *Елисеева, В.В. Лексикология современного английского языка / В.В. Елисеева. - СПб: СПбГУ, 2015. – 232 с.*
5. *Забони ҳозираи тоҷик. Лексика / В.В. Елисеева. - Душанбе, 1981. − 105 с.*
6. *Кубрякова, Е. С. Теория номинации и словообразование. Монография. Изд. 3- е. / Е. С. Кубрякова. - М.: Изд-во ЛИБРОКОМ, 2009. - 85 с.*
7. *Куприянова, М. Е. Становление и функционирование терминосистемы высшего образования в условиях глобализации: автореф. дис / М. Е. Куприянова. – М., 2014. - 259 с.*
8. *Левицкий, А.Э. Сравнительная типология русского и английского языков / А. Э. Левицкий, Л.Л. Славова. - К.: Освита, 2007. - 272 с.*
9. *Лопатин, В.В., Улуханов И.С. К соотношению единиц словообразования и морфологии. // Единицы разных уровнений грамматического строя языка и их взаимодействие / В.В. Лопатин, И.С. Улуханов. - М., 1969. - С. 23 - 32.*

10. *Любимцев, И.А. Краткая история английской архитектуры // Учеб.пособие. М-во образования и науки Рос. Федерации, Урал. федер. ун-т / И.А. Любимцев. – Екатеринбург: Изд-во Урал. ун-та, 2015. - 140 с.*
11. *Мечковская, Н. Б. Общее языкознание: Структурная и социальная типология языков: Учебное пособие для студентов филологических и лин гвистических специальностей. — 2-е изд. / Н. Б. Мечковская. — М.: Флинта: Наука, 2001. - 312 с.*
12. *Рустамов, Ш. Калимасозии исм дар забони адабии ҳозираи тоҷик / Ш. Рустамов. - Душанбе: Дониш, 1972. - 77 с.*
13. *Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ (иборат аз 2 ҷилд) Ҷ. 1. А-Н (нашри дувум). / Зери таҳрири С. Назарзода, А. Сангинов, С. Каримов, М. Ҳ. Султон. - Душанбе 2010.-202 с.*
14. *Architectural Graphic Standards by the American Institute of Architects and Dennis J. Hall | Detailing Architecture, Wiley; 12th edition, 2016. – 1088 p.*
15. *Encyclopedia of Language and Linguistics, 144 vol. set / K. Brown (Ed.). –Elsevier, 2005. – 9000 p.*

ЛИНГВИСТИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ ФОРМИРОВАНИЯ АРХИТЕКТУРНОЙ ТЕРМИНОЛОГИИ В ТАДЖИКСКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ

Настоящая статья посвящена комплексному исследованию лингвистических аспектов формирования архитектурной терминологии в таджикском и английском языках. Архитектурная терминология, как важная часть профессионального языка, отражает специфику архитектурной деятельности и культурные традиции разных народов. В условиях глобализации и активного межкультурного обмена, изучение профессиональной лексики приобретает особую актуальность. В статье особое внимание уделяется формированию и функционированию архитектурной терминологии в сопоставляемых языках, а также определению основных лингвистических факторов, влияющих на ее развитие. Авторы подчеркивают, что язык находится в состоянии непрерывного развития, и такие процессы, как расширение семантической структуры слов и развитие их значений, играют ключевую роль в обеспечении возможности называния новых объектов и понятий. В заключение авторы отмечают, что основными направлениями сравнительного изучения терминов являются анализ морфологической структуры, выявление продуктивных моделей словообразования и определение семантических соответствий и различий между терминами в сопоставляемых языках.

Ключевые слова: архитектурная терминология, словообразование, сопоставительная лингвистика, таджикский язык, английский язык, термин ведение, морфологическая структура термина, семантика термина.

ҶАНБАҲОИ ЛИНГВИСТИИ ТАШАККУЛИ ИСТИЛОҲОТИ МЕЪМОРӢ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Мақолаи мазкур ба таҳқиқи ҳамаҷонибаи ҷанбаҳои лингвистии ташаккули истилоҳоти меъморӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бахшида шудааст. Истилоҳоти меъморӣ, ҳамчун як қисми муҳими забони касбӣ, хусусиятҳои фаъолияти меъморӣ ва анъанаҳои фарҳангии халқҳои гуногунро инъикос мекунад. Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва мубодилаи фаъолонаи байнифарҳангӣ, омӯзиши лексикаи касбӣ аҳамияти хоса пайдо менамояд. Дар мақола ба ташаккул ва функсияи истилоҳоти меъморӣ дар забонҳои муқоисашаванда, инчунин муайян кардани омилҳои асосии лингвистии таъсиррасон ба рушди он диққати махсус дода мешавад. Муаллифон таъкид мекунанд, ки забон дар ҳолати рушди доимӣ қарор дорад ва равандҳое, аз қабили васеъшавии сохтори семантикии калимаҳо ва рушди маъноҳои онҳо, дар таъмини имкони номгузории объектҳо ва мафҳумҳои нав нақши калидӣ мебозанд. Дар охир, муаллифон қайд мекунанд, ки самтҳои асосии омӯзиши муқоисавии истилоҳот ин таҳлили сохтори морфологӣ, ошкор кардани моделҳои сермаҳсули калимасозӣ ва муайян кардани мувофиқати семантикӣ ва фарқиятҳо байни истилоҳот дар забонҳои муқоисашаванда мебошанд.

Калидвожаҳо: истилоҳоти меъморӣ, калимасозӣ, забоншиносии муқоисавӣ, забони тоҷикӣ, забони англисӣ, истилоҳшиносӣ, сохтори морфологии истилоҳ, семантикаи истилоҳ.

LINGUISTIC ASPECTS OF THE FORMATION OF ARCHITECTURAL TERMINOLOGY IN TAJIK AND ENGLISH LANGUAGES

This article is devoted to a comprehensive study of the linguistic aspects of the formation of architectural terminology in Tajik and English languages. Architectural terminology, as an important part of

professional language, reflects the specifics of architectural activity and the cultural traditions of different peoples. In the context of globalization and active intercultural exchange, the study of professional vocabulary is of particular relevance. The article focuses on the formation and functioning of architectural terminology in the compared languages, as well as the definition of the main linguistic factors influencing its development. The authors emphasize that language is in a state of continuous development, and processes such as the expansion of the semantic structure of words and the development of their meanings play a key role in enabling the naming of new objects and concepts. In conclusion, the authors note that the main directions of comparative study of terms are the analysis of the morphological structure, the identification of productive models of word formation and the definition of semantic correspondences and differences between terms in the compared languages.

Keywords: architectural terminology, word formation, comparative linguistics, Tajik language, English language, term management, morphological structure of the term, semantics of the term.

Об авторах

Джамшедов Парвонахон
Доктор филологических наук, профессор
Национальная академия наук Таджикистана
734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 33
E-mail: pjam07@mail.ru

Даминова Мадина Зокировна
Кандидат филологических наук, доцент
Таджикский международный университет иностранных языков имени С. Улугзода
734019, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Мухаммадиева, 17/6
E-mail: madina.daminova@mail.ru

Дар бораи муаллифон

Ҷамшедов Парвонахон
Доктори илмҳои филологӣ, профессор
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 33
E-mail: pjam07@mail.ru

Даминова Мадина Зокировна
Номзади илмҳои филологӣ, дотсент
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода
734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Муҳаммадиев, 17/6
E-mail: madina.daminova@mail.ru

About the authors

Jamshedov Parvonakhon
Doctor of Philology, Professor
National Academy of Sciences of Tajikistan
734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 33
E-mail: pjam07@mail.ru

Daminova Madina Zokirovna
Candidate of Philology, Associate Professor
Tajik International University of Foreign Languages named after S. Ulughzoda
734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Muhammadiev str., 17/6
E-mail: madina.daminova@mail.ru

ТДУ 811.251.1

ВОҲИДҲОИ ФРАЗЕОЛОГӢ ДАР ТАРКИБИ ЗАРБУЛМАСАЛ ВА МАҚОЛҲОИ ТОҶИКӢ ВА МУОДИЛИ РУСИИ ОНҲО

Гулзода Н.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Зарбулмасалҳо ба ҳайси жанри адабӣ моли адабиёт ва эҷодиёти даҳанакии халқ ба шумор рафта, ҳангоми таълими адабиёт онҳо танҳо аз ҷиҳати маъно гурӯҳбандӣ ва омӯхта мешаванд. Воҳидҳои фразеологӣ бошанд, аслан моли забон ба шумор мераванд, ки дар адабиёт ҳангоми таълими маҷоз аз онҳо ёдоварӣ шуда, аз ҷиҳати сохт, таркиб ва маънои луғавӣ шарҳу эзоҳ намеёбанд. Ин ҷиҳати воҳидҳои фразеологӣ танҳо ҳангоми таълими луғатшиносӣ дар машғулиятҳои фанни забон роҳандозӣ мешавад. Зарбулмасалҳо дар машғулиятҳои забон ҳамчун воҳидҳои забонӣ, яъне ҷумла, ибора ва ғайра мавриди пажуҳиш қарор мегиранд.

Муҳаққиқи шодравон М. Фозилов дар асари сеҷилдаи худ “Фарҳанги ибораҳои рехта”, ки аз ҷиҳати мавод хеле бой аст, дар қисмати муқаддимавӣ дар қатори воҳидҳои фразеологӣ зарбулмасал ва панду ҳикматҳоро низ шомил кардааст. Масалан, зарбулмасалҳои ***“аз анбори холӣ сад ман шолӣ”, “давидани гӯсола то каҳдон,”, “хас каму ҷаҳон пок”, “давои қурут оби гарм”, “кайвонӣ бисёр шуд, дегу табақ мурдор шуд”, “дар коса бошад, дар қошуқ мебарояд”, “дарди кампир ғӯза”***-ро иловатан овардааст, яъне муаллиф зарбулмасал ва панду ҳикматҳоро низ ба қатори воҳидҳои фразеологӣ шомил медонад [6, с. 8].

Панду андарзҳои ***“девор муш дорад, муш гӯш дорад”, “тири аз камон ҷаста баргашта намеояд”, “ҷойи гул гул бошу ҷойи хор-хор”, “ба кӯрпаи худ нигоҳ карда пой дароз кун”, “бо моҳ шинӣ моҳ шавӣ , бо дег шинӣ сиёҳ шавӣ”, “дар ноумедӣ басе умед аст, поёни шаби сияҳ сафед аст” ва ғ.*** низ оварда шуда, қаробат доштани онҳоро бо воҳидҳои фразеологӣ қазоват мекунад [6, с. 8].

Як қисмати нутқи мо ва таркиби луғавии забонамонро агар калима ва қисми дигареро воҳидҳои фразеологӣ ташкил диҳанд, қисмати дигареро зарбулмасал ва мақолҳо дар бар мегиранд. Зарбулмасал ва мақолҳо дар забони тоҷикӣ ба қатори фразеологизмҳо шомил нестанд, аммо дар забоншиносии рус ба ақидаи баъзе аз забоншиносон онҳо ба ҳайси фразеология қабул шудаанд. Дар забоншиносии тоҷик бошад, зарбулмасал ва мақолҳо ҳамчун воҳиди мустақили забон дар алоҳидагӣ омухта ва таълим дода мешаванд. Зарбулмасал ва мақолҳо дар мавриди махсус, вобаста ба маъно ва мантиқи ҷумла, яъне нутқ иловатан оварда мешаванд ва мақсад аз овардани онҳо ба маънои ҷумла тақвият бахшидан аст. Воҳидҳои фразеологӣ бошанд, чун калима, вале дар шакли маҷоз, ба ҷойи калимае, ки муродифи он ба шумор меравад, ва дар шакли таркибу ибора истифода мешаванд, Масалан, мо ба ҷойи сифати “**овора”** воҳиди фразеологии **“сарсарӣ гаштан”**- ро истифода менамоем, ки бо ин фикри мо ҷолибу ҷозибтар садо хоҳад дод. Вале мақсади асосии мо маҳз нишон додан мавқеъ ва нақши фразеологизмҳо дар таркиби зарбулмасал ва мақолҳо аст.

Худи зарбулмасал ва мақолҳо хусусияти бадеӣ ва маҷозӣ доранд, вале ба ин нигоҳ накарда дар таркиби онҳо воҳидҳои фразеологиро вохӯрдан имконпазир аст, ки ин воҳидҳои фразеологӣ боиси ҷаззобияти ифода, бадеияти сухани гӯянда мегардад. Масалан, дар зарбулмасали **“аз барф гурехта ба борон дучор шудан”** ду воҳиди фразеологии пешояндӣ: **“аз барф гурехтан”** ва **“ба борон дучор омадан”** истифода шудаанд, ки маънои аслии он аз як бало халосӣ ёфта ба мушкилии дигар гирифтор шуданро дорад. Ин зарбулмасал дар забон муодилҳои дигар низ дорад. Дар забони русӣ бошад, шаклҳои зерин муодили он ба шумор мераванд:

Из кулька в рогожку.
Из огня – да полымя.

От беды бежал, да в яму попал.

От волка бежал, да на медведя попал.

От горя бежал, да в беду попад и.т.д.

Аксар истифодаи зарбулмасал ва мақолҳо дар нутқ бо чунин услуб сурат мегирад: ***“об дар ғирбол” намепояд, - гуфтаанд, - ин кори шумо беҳуда аст.***

Мақсад аз навиштани ин мақола муайян кардани мавқеъ ва мақоми воҳидҳои мухталифи фразеологӣ дар таркиби зарбулмасалу мақолҳо ва муайян кардани муносибати маъноии фразелологизмҳо ба мавзуи зарбулмасалу мақолҳо ба шумор меравад. Бо ибораи дигар, мақсад аз истифодаи ин ё он зарбулмасал дар нутқ агар тақвият бахшидан ба фикри гуфташуда бошад, дар таркиби зарбулмасалҳо истифода шудани воҳидҳои фразеологӣ боз пурқувваттару ҷозибтар гардидани он аст, яъне мо барои ҳарчи бештар тақвият бахшидан ба нутқ аз ҳама роҳу усул ва имкониятҳо истифода менамоем.

Дар зарбулмасал ва мақолҳо ҷамъбасти фикр оид ба мавзуъе, ки мавриди иброз аст, ифода мешавад ва гӯянда бо мақсади бовар кунондан, қувват бахшидан ба гуфтаи хеш аз зарбулмасал мақолҳо истифода мебарад ва дар таркиби ин зарбулмасал ва мақолҳо воҳидҳои фразеологӣ дар ифодаи маънои маҷозӣ мавқеи муҳимро ишғол менамоянд:

Об дар ғирбол – кори беҳуда

Обро бо ресмон бастан – яъне коре, ки иҷрои он номумкин аст.

Дар бораи зарбулмасали мазкур ҳаминро қайд кардан бамаврид аст, ки муаллиф Калонтаров Я. И онро ба ҳайси зарбулмасал оварда бошад ҳам, ба ақидаи мо ин шакл ҷумлаи фразеологӣ аст, ки дар забони тоҷикӣ муодилҳои дигар ҳам дорад. Масалан, “**асп дар ҳаво тохтан”** яке аз муодилҳои шакли мазкур буда, дар навбати худ муодилҳои зиёде дорад, ки овардани онҳоро зарур мешуморем:

Ба болои ях навиштан ва дар офтоб мондан / Написав на льду и оставит на солнце

Бо нохун замин кандан / Землю копать ногтем

Бо нӯги сӯзан гелос хӯрдан /Поедание вишни на кончике иглы.

Аз захми сухан захми табар беҳ / Лучше ранит топором чем словом.

Мо дар таркиби зарбулмасали мазкур воҳиди фразеологии **“захми сухан”**-ро вомехӯрем, ки дар муқобили ибораи озоди синтаксисии “**захми табар”** омадааст.

Дар забони русӣ муодилҳои зиёди ин зарбулмасал дида мешавад, ки овардани баъзе аз онҳо лозим дониста мешавад:

Боль от самой большой раны пройдет, а боль от дурного слова не пройдет.

Не ножа бойся, а языка.

Слова не обух, а от него люди гибнут.

Слова не стрела, а пуще стрелы (разит)

Слова не стрела, а сердце сквозит (язвит)

Слова не стрела, а к сердце льнет.

Дар муодилҳои русии шакли мазкур ба ҷойи калимаи **“табар”** калимаҳои “стрела”, **яъне** тир ва **“нож”** – корд истифода шудаанд, ки аз рӯйи мантиқ низ олоти маҷруҳкунӣ ё маҳв кардан ба шумор мераванд ва ин як роҳ ва усули мусоидат миёни забонҳо ба шумор меравад.

Дар як гурӯҳе аз зарбулмасалҳо унвони узвҳои бадан истеъмол шудаанд, ки мо дар таркиби онҳо навъҳои мухталифи фразеологизмҳоро вомехӯрем. Масалан, дар зарбулмасали **“абрӯ мечинам гуфта, чашматро мекобад”,** ки муодилҳои он дар забони русӣ **“Медвежья услуга”, “Оказывать медвежью услугу”** ба шумор мераванд, воҳидҳои фразеологии “**абрӯ чидан”** ва “**чашм кофтан”** истифода шуданд. Маънои воҳидҳои фразеологии “**абрӯ чидан”** пардоз кардан, ба тартиб даровардани абрӯ бошад, “**чашм кофтан”** маънои канда гирифтани чашмро дорад. Агар ин зарбулмасал бидуни воҳидҳои фразеологии оварда шавад, маънои худи зарбулмасал аз байн меравад. Яъне, воҳидҳои фразеологӣ дар шаклгирии зарбулмасалу мақолҳо низ мавқеи муҳимро ишғол менамоянд ва дар ифодаи маъно маҳаки асосӣ ба шумор мераванд.

Зарбулмасали **“Агар сухан зар аст, сукут гавҳар аст”** ки муодилҳои он дар забони русӣ *“доброе молчание, лучше ворчанья”, “молчанье лучше пустого болтавьня”, “сказано серебро, не сказано золото”, “ слово – серебро, молчание – золото”* садо медиҳанд, ифодаҳои **“сухан – зар”** ва **“сукут – гавҳар”** дорои хусусияти фразеологӣ мебошанд.

Дар таркиби зарбулмасали **“аз бародари сангдил ҷӯраи ҷонӣ беҳ”** ибораҳои изофии фразеологии **“бародари сангдил”** ва **“ҷӯраи ҷонӣ”** ба ҳукми воҳиди фразеологӣ омадаанд. Ибораи аввал нимустувор буда, ҷузъи аввали он метавонад иваз шавад. Масалан, мо дар забони зинда вариантҳои **“зани сангдил” “одами сангдил” “духтари сангдил” “муаллими сангдил”, “модари сангдил”, падари сангдил”** вомехӯрем, ки ҷузъи дуюм *(сангдил)* ба маънои маҷозӣ истифода шудааст. Чунин ҳолатро дар ибораи изофии **“ҷӯраи ҷонӣ”** низ мушоҳида карда метавонем. Масалан, **“бародари ҷонӣ” “дӯсти ҷонӣ” “рафиқи ҷонӣ”, “ҳамсари ҷонӣ” “хоҳари ҷонӣ” “дугонаи ҷонӣ”** дар гуфтану навиштан аз доираи услуб ва имло берун нест [2, с. 51].

Воҳидҳои фразеологии **“як себу ду тақсим”,** ки дар забони тоҷикӣ маъмул буда, муодили он дар русӣ **“как две капли воды”** ба шумор меравад, дар таркиби зарбулмасалҳо мушоҳида нашуда бошад ҳам, худи он ба зарбулмасалу мақолҳо қаробати зиёд дорад [1, с. 35].

Воҳидҳои фразеологии **“аз боғ лола” (***в саду тюлпаны соберешь)* дар зарбулмасали **“аз боғ лола чинӣ, аз шӯразор хас”-** *(в саду тюлпаны соберешь, в поле лебедой – колючку)***,“ аз барф манора”** *(из снега башню)* дар зарбулмасали **“аз барф манора, аз лой ҳалво** *(из глины халву варить)”***, “аз бева шӯй”** *(требовать мужа у вдовы),* дар таркиби зарбулмасали **“аз бева шӯй талабидан”** истифода шуда, аз ҷиҳати мазмун ва мантиқ ба ин зарбулмасалҳо обуранги бадеӣ бахшидаанд. Дар ин воҳидҳои фразеологӣ маънои кори ғалат, беҳуда, нигаронӣ, чашмдошти барғалат, мунтазир будан барин маъноҳо нуҳуфтаанд, ки хонанда ё шунаванда ба осонӣ ин маъноҳоро пайхас менамояд.

Зарбулмасалҳои мазкур дар забони русӣ муодили зиёде доранд. Масалан,

“Добро желаешь, добро и делай», «Долг платежом красен», «каждому по заслугам», «каков вопрос, таков и ответ», «какой и уход, такой и доход» ва ғайраро муодили мутлақи ин зарбулмасалҳо шумурдан хато нест.

Дар эҷодиёти Сайидо байте аст, ки бо зарбулмасалҳои русии фавқ ҳаммаъно буда, чунин садо медиҳад:

Аз мукофоти амал ғофил ашав,
Гандум аз гандум бирӯяд, ҷав зи ҷав.

Дар боло аксар аз таркиби зарбулмасал ва мақолҳо истифода шудани воҳидҳои фразеологӣ дар шакли ибораҳои изофӣ мариди шарҳ қарор гирифтанд. Чӣ тавре, ки дар боло ишора гардид, воҳидҳои фразеологӣ дар шакли ҷумла низ маҷуданд ва ин ҷумлаҳо монанди ҷумлаҳои озоди синтаксисӣ сохта мешаванд, аммо аз ҷиҳати маъно маҷозӣ мебошанд. Масалан, ҷумлаи фразеологии **“аз даҳон сақичро мезанад”** *(изо рта серу крадет),* ки муодили он дар забони русӣ дар шакли “*без ножниц остриг”, “без обуха дрова рубит”, “выйти сухим из воды”, “знает раки где зимуют”* ва ғ. мавҷуданд, ҳарчанд ба ақидаи иддае забоншиносон зарбулмасал ба қалам дода шуда бошад ҳам, мо фикр мекунем, ки ин шакл дар забони тоҷикӣ ба фразеология наздиктар аст ва маънои он, чусту чолок, кордон, ва ғайра аст. Аммо ин шакл дар забони тоҷикӣ низ муодилҳои зиёде дорад. Масалан, *“аз осиё бутун баромадан”, “аз таги симурғ тухм дуздидан”, “аз таги дор гурехтагӣ”, “аз чашм сурмаро мезанад”, ба ҳафт гӯлах алов мондагӣ”, “пашшаро дар ҳаво наъл мекунад”* ва ғ воҳиди фразеологӣ буда, бо ибораи фразеологии **“гурги борондида”**-и тоҷикӣ ҳаммаъно мебошанд [2, с. 60].

Шакли **“ аз даҳон бӯйи шир омадан”** ба ақидаи мо ҷумлаи фразеологӣ аст ва маънои луғавии он вожаи “**хурдсол”** ба шумор меравад, гарчанде баъзан онро ба қатори зарбулмасалҳо шомил медонанд [2, с. 59].

Дар “Шоҳнома”-и безаволи ҳаким Фирдавсӣ, ки сар то по аз воҳидҳои фразеологӣ иборат аст, ҳолати дар таркиби зарбулмасалу мақолҳо истифода шудани воҳидҳои

фразеологиро мушоҳида карда метавонем. Барои тасдиқи ин фикр овардани чанд байте аз “Шоҳнома” лозим дониста мешавад:

Андозаи худ донистан – аз ҳад нагузаштан, риоя кардани он чизе, ки ба кас иҷозат дода шудааст

Ин маъно аз тарафи Фирдавсӣ чунин садо додааст:

Ки то ҳар кас андозаи хешро
Бидонад, бубинад каму бешро [4, с. 65].

Агар шакли **“андозаи худро донистан”** зарбулмасал қазоват намоем, дар таркиби он ибораи **“андозаи худ”** ҳукми воҳиди фразеологиро дорад.

Ин байт варианти дигаре низ дорад, ки дар он ҳамин маънӣ хеле барҷаста ифода шудааст:

Андоза нигаҳ дор, ки андоза накӯст
Ҳам лоиқи душман асту ҳам лоиқи дӯст.

Ё “**Ба заҳр об доданд нуки синон”** – Дар байти зер ду воҳиди фразеологӣ истифода мавҷуд аст: 1. **Фиканданд бар ёли аспон инон** – яъне сар додани ҷилави асп, тозондани асп бар сари душман; 2**. Ба заҳр об доданд нуки синон,** яъне дар куштани касе ҷаҳду талош ва кӯшиш кардан, қасд кардан.

Фиканданд бар ёли аспон инон,
Ба заҳр об доданд нуки синон [5, с. 121].

Ногуфта намонад, ки шакли ифодаи “**фиканданд бар ёли аспон инон”** дар забони зиндаи халқ маъмул ва серистеъмол аст ва маънои он “ба ҳоли худ вогузор кардан”, “касеро ба ихтиёри худ гузоштан”, “касеро соҳибихтиёр гузоштан” ва ғ. истифода мешавад. Муқобили маъноии он ифодаи “лаҷом (инон)-и касеро кашидан”, яъне касеро ҳушдор кардан, аз амали бад нигоҳ доштани касе аст.

Ба ақидаи мо, масъалаи марбут ба мавқеъ ва аҳамияти зарбулмасал ва воҳидҳои фразеологӣ, нақши онҳо дар ҳусни баён ва рангорангии ибрози фикр дар чунин як мақолаи ҳаҷман хурд ҳалли пурраи худро ёфта наметавонад. Чунки забони тоҷикӣ аз ин ду воҳидҳои забонӣ бой ва ғанӣ буда, бар асари муносибатҳои қавии миёни забонҳои русӣ ва тоҷикӣ умумияти зиёде байни воҳидҳои фразеологӣ ва зарбулмасалҳои ҳар ду забонро мушоҳида кардан имконпазир аст. Бинобар ин, дар ин ҷода боз таҳқиқу пажуҳиш идома хоҳад ёфт.

Адабиёт

1. *Калонтаров, Я. И. Зарбулмасал ва мақолҳои тоҷикӣ ва аналогияи русии онҳо / Я. И. Калонтаров. – Душанбе: Ирфон, 1965. - 536 с.*
2. *Маҷидов, Ҳ. Фразеологияи забон ҳозираи тоҷик. Дастури таълимӣ / Ҳ. Маҷидов. - Душанбе: 1982. - 103 с.*
3. *Рубинчик, Ю. А. Основы фразеологии персидского языка / Ю. А. Рубинчик. - М.: Наука, 1981. - 274 с.*
4. *Фирдавсӣ, А. Шоҳнома. Иборат аз 9 ҷилд. Ҷилди 1 / А. Фирдавсӣ; Таҳияи К. Айнӣ, З. Аҳрорӣ, Б. Сирус. –Душанбе: Адиб, 1987. - 468 с.*
5. *Фирдавсӣ, А. Шоҳнома. Иборат аз 9 ҷилд. Ҷилди 2 / А. Фирдавсӣ; Таҳияи К. Айнӣ, З. Аҳрорӣ, Б. Сирус. –Душанбе: Адиб, 1987. – 320 с.*
6. *Фозилов, М. Фарҳанги ибораҳои рехтаи забони ҳозираи тоҷик. ҷ. 1 / М. Фозилов. – Душанбе: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1963. - 962 с.*
7. *Фозилов, М. Фарҳанги зарбулмасал, мақол ва афоризмҳои тоҷикию форсӣ, қисми 3 / М. Фозилов. – Душанбе: «Нашри Камол», 2014. - 638 с.*
8. *Хушенова, С. В. Изафетные фразеологические единицы таджикского языка / С. В. Хушенова. - Душанбе: Дониш, 1971. - 190 с.*

ВОҲИДҲОИ ФРАЗЕОЛОГӢ ДАР ТАРКИБИ ЗАРБУЛМАСАЛ ВА МАҚОЛҲОИ ТОҶИКӢ ВА МУОДИЛИ РУСИИ ОНҲО

Дар мақола оид ба мавқеи воҳидҳои устувори маҷозӣ, ки дар таркиби зарбулмасал ва мақолҳо омада, аз ҷиҳати бадеият ва рангорангии маъно ба онҳо тақвият мебахшанд, сухан меравад. Дар мақола зарбулмасалҳо бо муодили русии худ оварда муқоиса ва шарҳ дода шудаанд. Аҳамияти

илмии мақола боз дар он аст, ки дар он аз таркиби зарбулмасалу мақолҳо, ки худ ба фразеология қаробат дошта, танҳо вазифа ва мавқеи мухталифи истифода доранд, воҳидҳои гуногуни фразелогӣ ҷудо карда шуда мавриди шарҳ қарор гирифтанд. Муаллиф муътақид аст, ки воҳидҳои фразеологӣ на дар ҳамаи зарбулмасалу мақолҳо дида мешаванд, аммо мавридҳое вомехӯранд, ки дар таркиби зарбулмасалу мақолҳо мавқеи асосиро ишғол менамоянд. Инчунин, на ҳама зарбулмасалу мақолҳо, ки дар адабиёти илмӣ оварда шудаанд, зарбулмасал ба шумор мераванд.

Калидвожаҳо: зарбулмасал, мақол, забоншиносӣ, фразеология, муодил, маҷоз, забони адабӣ, забони тоҷикӣ, забони русӣ, бадеият, нутқ, услуб, мантиқ.

ТАДЖИКСКИЕ ФРАЗЕОЛОГИЧЕСКИЕ ЕДИНИЦЫ В ПОСЛОВИЦАХ И ПОГОВОРКАХ С РУССКИМИ АНАЛОГИЯМИ

В статье речь пойдет о позиции метафорических устойчивых языковых единиц, которые употреблены в составе пословицы и поговорки и с художественной точки зрения и разнообразность значения их усиливают. В статье пословицы и поговорки сравниваются с русскими аналогиями. Ценность статьи заключается в том, что в ней из состава пословицы и поговорки, которые имеют общие черты характера с фразеологией, выберая фразеологические единицы, охарактеризовано их значение. Автор отмечает, что ни во всех пословицах встречаются фразеологические единицы, но в некоторых пословицах они иногда носят основную функцию и значение. Так же, ни все приведенные пословицы и поговорки в научных трудях являются пословицами.

Ключевые слова: пословицы , поговорки , языкознание, фразеология, эквивалент, гипербола, литературный язык, таджикский язык, русский язык, художественность, речь, стил, логика.

TAJIK PHRASEOLOGICAL UNITS IN SUGGESTIONS AND SPELLS WITH RUSSIAN ANALOGIES

The article will discuss the position of metaphorical stable linguistic units that are used in the composition of proverbs and sayings and from an artistic point of view, and the diversity of their meaning enhances them..In the article, proverbs and sayings was compared with Russian analogies. The scientific significance of the article consists of proverbs and sayings that has common character with the phraseology and have various functions and positions, the phraseological units were separated and their meanings were interpreted. The author consider that phraseological units are not found in all proverbs and sayings, but there are cases that occupy the main place in the structure of proverbs and sayings. Also, not all proverbs and sayings mentioned in the scientific literature, are proverbs.

Keywords: proverb, saying, linguistic, phraseology, equivalent, metaphor, Literary language, Tajiki language, artistry, speech, style, logic.

Дар бораи муаллиф
Гулзода Наврӯз
Номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи назария ва амалияи забоншиносӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121

Об авторе
Гулзода Навруз
Кандидат филологических наук, доцент кафедры теории и практики языкознания
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121

About the author
Gulzoda Navruz
Candidate of Philology, Associate Professor of the Department of Theory and Practice of Linguistics
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121

ТДУ 809.155.0(07)

НАҚШИ ОНОМАСТИКАИ «ЁДДОШТҲО»-И САДРИДДИН АЙНӢ ДАР ИНЪИКОСИ МАНЗАРА

Имамбердиева С. М.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Мусаллам аст, ки манзарасозӣ ё пейзаж дар асари бадеӣ мақоми баланд дошта, вобаста ба нияти эҷодии нависанда вазифаҳои гуногуни услубӣ, ғоявӣ ва эстетикиро ба ҷо меорад. Пейзаж барои равшантар дарк кардани моҳияти бадеии асар фикру андеша, ҳолати руҳӣ ва хислатҳои қаҳрамон ёрӣ мерасонад. Нависанда ба воситаи пейзаж манзараҳо, воқеаҳо ва рафтору кирдори одамонро барҷаста ва пуртаъсир тасвир менамояд. Манзарасозӣ ё пейзаж аҳаммияти эстетикӣ-тарбиявӣ дорад. Вай ба асари бадеӣ латофат, самимият, ҷозиба ва таъсири хос мебахшад. Дар осори классикони адабиёти форс-тоҷик (достонҳо, қасидаҳо ва ғайра) табиат бо рангҳои гуногун тасвир шудааст ва хонанда аз он завқи эстетикӣ ва лаззати бадеӣ мегирад.

Дар омӯзиши асари бадеӣ низ аз ҳамин нуқтаи назар роҳ ва усулҳои махсус истифода мегардад. Дар усули таълими адабиёт ҳангоми омӯзиши асарҳои адабию бадеӣ маҷмуи усулҳои муайян дастабандӣ нагардидааст, аммо меъёри корбурд ва усулҳои омӯзиши осори бадеӣ аз усулҳои хониши ифоданок, қироат, аз ёд кардан, шарҳу тафсири матн ва тиловат (бо оҳанг хондан) истифода бурда мешуд.

Дар «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ чунин номвожаҳоро дучор шудем, ки дар инъикоси манзараи табиат нақши калидӣ доранд, яъне онҳо чун меҳвар дар матн қарор гирифта, дар пояи онҳо адиб роҷеъ ба манзараи он, рӯйдоди ҳодисаву воқеа баёни андеша кардааст: *Абдуллохон (мадраса), Азизобод (деҳа), Ашурихона (чорбоғ), Бобои Нонкаш (гузар), Боғи Афзал (деҳа), Бозори Хуҷа (гузар), Воқеаи Колесов, Гузари Мирзо Ғафур, Дарвозаи Имом, Деҳнави Абдуллоҷон (Деҳнав) ва ғайра.*

Номвожаи ***Абдуллохон*** дар асар чун ифодагари номи мадраса дар қисми сеюми асар дар саҳифаҳои 70 (2 маротиба) ва 71 мавриди корбурд қарор гирифта, ба воситаи ин номвожа адиб чи гуна ҷо гирифтани яке аз пешвоёни аҳли адабу маорифи даврро нишон додааст: *Шариф-махдуми Муътасим, ба сабаби аризаҳои шикояташ аз ҳаммансабони худ, ба ғазаби амир гирифтор шуда, аз кор гирифта шуда буд ва баъд аз маъзулиаш ба шаҳри Бухоро омада, дар* ***мадрасаи Абдуллохон*** *дар ҳуҷраи худ муллобачавор (лоуболона) зиндагонӣ мекард [2, с. 70]. Шукурбек барои ба худ роҳ кушодан ба омма ҳуҷум оварданро муносиб надид, «мабодо ба одамони бегуноҳ зараре расад» – гуфта мулоҳиза кард. Бинобар ин, ҳеҷ тарафи он кӯчаи калон нарафта, ба* ***мадрасаи Абдуллохон*** *даромад ва дар он ҷо ба ҳуҷраи Муътасим, ки дар ошёнаи дуюм буд, баромада, ба муаллими худ воқеаи ҳозир аз сар гузаронидаи худро ҳикоя кард [2, с. 71].* Дар ин мисолҳо чунин номвожаҳо: *Шариф-махдуми Муътасим* (номи одам бо тахаллусаш), *Бухоро* (номи шаҳр) ва *Абдуллохон* (номи мадраса бо номи одам ёд шудааст) мавриди корбурд қарор гирифтааст ва сабаби шаклгирии ҳамин матне, ки инъикоси ҳам манзара ва ҳам ҳодиса гардидааст.

Номвожаи ***Азизобод*** дар асар чун ифодагари номи деҳа, яъне антротопоним дар қисми сеюми асар дар саҳифаи 35 (1 маротиба) барои ифодаи воқеаи муҳим, ки ба жанри хабар мансубият дорад, истифода гардидааст: *Дар Ғиждувон дар ҳавлии Ашурбойбача ном касе, дар хонае, ки вайро ҳам худ бино намуда ва бо дасти худ наққошӣ карда буд, қариб як моҳ меистод ва баъд аз он аз Сари Пули Эшон Зарафшонро гузашта, дар Бӯстон, Вагонзе,* ***Азизобод****, Хусбудун ва Ғурбун якшабӣ ё душабӣ монда, аз дарвозаи Мазор ба шаҳр даромада, ба ҳавлии худ бармегашт. Дар ин саёҳатҳо Аҳмад-махдум ба китобат ва таълифот машғул нашуда, фақат рӯзи худро бо сайругашт дар даруни полез ва боғҳо, бо мутолиа ё бо шунидани созу суруд ва гоҳо бо навохтани танбӯр, ки худ ба вай мутахассис буд,*

мегузаронид [2, с. 35]. Дар ин мисолҳо чунин номвожаҳо: *Азизобод* (номи деҳа, номи мавзее, ки бо номи одам ёд мешавад, яъне антротопоним), *Ғиждувон* (номи ноҳия, макони ҳунармандон), *Ашурбойбача* (номи шахс, яъне антропоним), *Сари Пули Эшон, Зарафшон* (номи мавзеъҳои обӣ), *Бӯстон, Вагонзе, Хусбудун* ва *Ғурбун (номи деҳаҳо), Мазор (мавзеъ),* Аҳмад-махдум (номи донишманди тоҷик) мавриди корбурд қарор гирифтааст ва сабаби шаклгирии ҳамин матне, ки инъикоси ҳам манзара ва ҳам ҳодиса гардидааст.

Номвожаи ***Ашурихона*** барои ифодаи чорбоғ мавриди истифода қарор гирифтааст ва ба воситаи ин номвожа адиб дар кадом мавзеъ воқеъ будани чорбоғи номбурдаро бо тамоми нуктаҳояш ва дар он ҷо киҳо будубош доштанашро нишон додааст. Зимни тасвир муаллиф аз усули нақл истифода карда муҳити атрофро хеле хуб нишон додааст: *Мо дар бозгаштан ба шаҳр бо роҳи дарвозаи Самарқанд, ки аз болои кӯли бадбӯй гузаштанамон даркор мешуд, нарафта бо роҳи дарвозаи Имом рафтагор шудем. Бинобар ин, мо аз пешгоҳи тарафи шимолии майдони Машқи Сарбоз – аз пеши* ***чорбоғи Ашурихонаи*** *эрониҳои Бухоро гузашта, ба роҳи калони ғарбӣ рафтем, ки ба роҳи калони дарвозаи Имом ҳамроҳ мешуд. Чун ба наздики Галаҷӯй расида ба он роҳи калон баромадем, аз он ҷо ба тарафи шаҳр – ба тарафи ҷануб пас гаштем [1, с. 298]*. Зимни тасвири чорбоғ бо унвони Ашурихона адиб чунин номвожаҳои ифодагари ному лақаби одамон (чорбоғи Ашурихона, дарвозаи Имом), номи маҳал (дарвозаи Самарқанд, майдони Машқи Сарбоз, эрониҳои Бухоро, Галаҷӯй) ва монанди инҳоро мавриди корбурд қарор додааст. Номвожаҳои зикршуда аз нигоҳи мансубияти забонӣ чунинанд: ***тоҷикӣ-тоҷикӣ, тоҷикӣ-арабӣ*** (чорбоғи Ашурихона, дарвозаи Имом), номи маҳал (дарвозаи Самарқанд, майдони Машқи Сарбоз, эрониҳои Бухоро, Галаҷӯй). Дар ин мисол номвожаҳои ифодагари манзараву муҳити атроф аз нигоҳи сохт дар қолаби ибора-номвожа шакл гирифтаанд.

Номвожаи ***Бобои Нонкаш*** дар асар барои ифодаи номи гузар омадааст ва ин номвожа далолат бар он мекунад, ки дар ин гузар аҳли ҳунар, пешавароне, ки бо нонпазиву нонкашӣ ва нонфурӯшӣ зиндагӣ доштанд, тасвир ёфтааст: *Ман ки барои хуҷаинҳоям ош пухта доданам даркор буд, ба мурдабардорӣ наистода, аз ҷо хестаму ҳамроҳи Ҷалил ба роҳ даромадам ва бо ӯ то* ***гузари Бобои Нонкаш*** *гапзанон рафтем* [2, с. 120]. Зимни тасвир муаллиф аз усули нақл истифода карда, муҳити атрофро хеле хуб нишон додааст.

Номвожаи ***Боғи Афзал*** дар асар чун ифодагари номи нукоти маскунӣ, яъне деҳа дар қисми якуми асар ва дар қисми дувуми асар мавриди корбурд қарор гирифта, ба воситаи ин номвожа адиб чи гуна рух додани воқеаи таърихиро собит мекунад: *Таҳқиқам дар бораи номи мазори* ***Чилдухтарон*** *афсонае нақл кард. Назар ба қавли ӯ, дар замони гузашта дар деҳаҳои* ***Тезгузар*** *ва* ***Боғи Афзал*** *ғуломдорӣ бисёр авҷ гирифта будааст. Дар ин ду деҳа аз канизакон чил духтар будаанд, ки мирзоҳошон (соҳибонашон) ба онҳо бисёр зулм мекардаанд* [1, с. 36]. Дар ин мисол чунин номвожаҳо: *Чилдухтарон (*номи мазор), *Тезгузар, Боғи Афзал (*номи мавзеъҳои маскунӣ, яъне деҳаҳо) мавриди корбурд қарор гирифта, сабаби шаклгирии ҳамин матне, ки инъикоси ҳам манзара ва ҳам ҳодисаанд, гардидааст. Номвожаҳои номбурда аз нигоҳи мансубияти забонӣ мансуб ба забони тоҷикӣ (Чилдухтарон, Тезгузар) ва тоҷикию арабӣ (Боғи Афзал) ҳастанд ва аз нигоҳи сохт мураккаб (Чил+духтар+он, Тез+гузар) ва ибора-номвожа (Боғи Афзал (воситаи алоқааш бандаки изофии -и) мебошанд.

Номвожаи ***Бозори Хуҷа*** дар асар чун ифодагари номи гузар дар қисми якуми асар (1 маротиба дар саҳифаи 138) ва дар қисми дувуми асар (1 маротиба дар саҳифаи 267) мавриди корбурд қарор гирифта, муаллиф роҷеъ ба зиндагии иҷоранишинии толибилмони замонаш дар ин гузар маълумот медиҳад: *Акаҳоям се рӯз кофтуков карда аз* ***Бозори Хӯҷа*** *ном гузари Бухоро як ҷое ёфтанд. Ин болохонаи як баққол буд, ки ӯ ин ҷойи худро барои «савоб» ба муллобачаҳои бечӣ медодааст ва аз бадии он болохона он сол касе дар вай истиқомат накарда холӣ монда будааст* [1, с. 138, 267]. Номвожаҳои номбурда аз нигоҳи мансубияти забонӣ мансуби забони тоҷикӣ (*Бозори Хуҷа, Бухоро*) буда, аз ҷиҳати сохт ба гурӯҳи сода (*Бухоро*) ва ибора-номвожа (*Бозори Хуҷа*, воситаи алоқааш бандаки изофии -и) мансуб мебошанд.

Номвожаи ***Гузари Мирзо Ғафур*** дар асар чун ифодагари номи гузар дар қисми дуввуми асар (1 маротиба дар саҳифаи 291) ва дар қисми чоруми асар (2 маротиба дар саҳифаҳои 516, 519) мавриди корбурд қарор гирифта, муаллиф роҷеъ ба фаъолияти сарбозони амир маълумот медиҳад: *То кушта шудани одамон сарбози сешанбеī ҳам машқи регистонии худро тамом намуда, ба майдони берун рафта буд. Мо аз Регистон бо кӯчае, ки ба дарвозаи Имом мебарояд, ба тарафи шимол равон шуда, аз* ***гузари Мирзо Ғафур*** *ба тарафи дасти рост – ба шарқ нигоҳ карда баргаштем* [1, с. 291; 3, с. 516, 519]. Дар ин мисол номвожаҳои *Регистон (*макон), *дарвозаи Имом* (макон) ва *гузари Мирзо Ғафур* (ҷой) мавриди истифода қарор гирифтаанд. Номвожаҳои номбурда аз нигоҳи мансубияти забонӣ мансуби забонҳои *тоҷикӣ* (Регистон), *тоҷикӣ-арабӣ* (дарвозаи Имом, гузари Мирзо Ғафур) буда, аз нигоҳи сохт ба гурӯҳҳои сохта (Рег+истон) ва ибора-номвожа (дарвозаи Имом, гузари Мирзо Ғафур (воситаи алоқааш бандаки изофии -и) мебошанд.

Номвожаи ***Дарвозаи Имом*** дар асар чун ифодагари номи мавзеъ дар қисми дуюми асар (7 маротиба дар саҳифаҳои 291, 298 (2), 302 (3), 304 ва дар қисми чоруми асар (2 маротиба дар саҳифаҳои 516, 519) мавриди корбурд қарор гирифтааст: *Мо аз пеши ҳавлии Ҳайдарқул-Чучқа гузашта ба бозори аспи Бухоро, ки дар беруни* ***Дарвозаи Имом*** *ва дар ҳамон роҳи калон буд, расидем* [1, с. 291]. *Мо аз бозори асп гузашта аз* ***Дарвозаи Имом*** *ба шаҳр даромадем ва рост ба тарафи ҷануб равон шуда аз Регистон ва Тоқи Тиргарон гузашта ба растаи Наддофӣ расидем. Дар он ҷо аз дур гурӯҳи одамонро дидем, ки дар пеши ҳаммоми тӯқумдӯзӣ, дар кӯчаи калон ғун шуда буданд ва бо ҳам низоъ, муноқиша ва ҷанҷол мекарданд* [3, с. 516]. Номвожаҳои номбурда аз нигоҳи мансубияти забонӣ мансуб ба забонҳои тоҷикӣ ва арабӣ (*Дарвозаи Имом, Бухоро, Регистон, Тоқи Тиргарон,* растаи *Наддофӣ*) ҳастанд.

Номвожаи ***Деҳнави Абдуллоҷон*** *(Деҳнав)* дар асар чун ифодагари номи гузар дар қисмҳои якум (4 маротиба), дар қисми дувум (2 маротиба) ва қисми савум (2 маротиба) мавриди корбурд қарор гирифта, муаллиф роҷеъ ба зиндагии аҳли ҳунари замонаш дар ин гузар маълумот медиҳад: *Дар ин деҳа (деҳаи Маҳаллаи Боло – И. С.) саноати ҳунармандӣ гӯё ҳеҷ набуд, аз косибон танҳо куҳнадӯзон буданд, ки онҳо ҳам ба монанди худ побараҳнагон хизмат мекарданд. Дар маркази деҳа – дар Деҳнави Абдуллоҷон тагламадӯзон – касоне, ки ба соқи мӯзаи куҳна таг ва рӯй мебанданд, бошанд ҳам, дар ин ҳисор – монополияи таглама – ҷаллобон буданд ва самараи меҳнати онҳоро он ҷаллобон мехӯрданд. Рӯзи якшанбе рӯзи бозори* ***Деҳнави Абдуллоҷон*** *буд. Бозорҷо ба деҳаи тағоиҳоям паҳлу ба паҳлу буд. Ман ҳамроҳии тағои калонам – Қурбонниёз ба бозор рафтам*.

Номвожаи ***Мирзо Араб*** дар асар чун ифодагари номи мадраса дар қисми савуми асар (1 маротиба) мавриди корбурд қарор гирифта, муаллиф роҷеъ ба зиндагии толибилмони замонаш, ки дар ин гузар иҷоранишин буданд, маълумот медиҳад: *Ман либосҳоямро пӯшида, зуд ба ҳуҷра фуромада, ба рӯйи мадраса рафтам. Бомҳои ҳуҷраҳои тарафи шарқии мадраса аз одам пур буд ва аз ҳамон тараф – наздик ба мадраса шуълаи оташи дудолуд паҳн шуда, забона зада ба ҳаво мепечид ва монанди тирукамони ҳаво (қавси қузаҳ) забони оташ гуногунранг метофт. Кошинҳои гумбазҳои масҷиди калон ва мадрасаи* ***Мирзо Араб*** *бо акси шуълаи оташ чашмхиракунона медурахшиданд* [2, с. 131].

Номвожаи ***Мири Араб****ро,* ки номи мадраса аст, дар чаҳор қисми асар муаллиф барои ифодаи бисёр воқеаву ҳодиса чанд маротибагӣ, дар маҷмуъ 55 маротиба истифода намудааст ва барои мукаммал кардани сужаи асари ёддоштӣ ин номвожа мусоидат кардааст. Зеро тибқи маълумоти сарчашмаҳо ва худи устод С. Айнӣ муаллифи ин асари ёддоштӣ бештари замони толибилмияшро дар ҳамин мадраса сипарӣ кардааст ва шоҳиди бисёр воқеаҳои илмиву маърифатӣ ва иҷтимоиву сиёсии даврони худ будааст. Аҷиб он аст, ки дар ҳар як маротиба зикр кардани номи ин мадраса як воқеаи навро ба он рабт медиҳад ва ҳамон хел тасвир мекунад: *Мадрасаи* ***Мири Араб*** *яке аз беҳтарин мадрасаҳои Бухоро буда, пештоқи баланд ва миёнсарои хушҳавое дорад. Мо аз дарвозаи мадраса даромада ба дасти рост баргаштем. Дар он ҷо зинае буд, ки мо бо вай боло баромадан гирифтем. Зина торик ва печдарпеч буд. Падарам овоз дода-овоз дода боло мешуд ва ман аз паси ӯ бо аломати овозаш зинапояҳоро даст-даст карда бо эҳтиёт пой монда боло мешудам...*

Номвожаи ***Мулло Муҳаммадшариф*** номи дигари мадраса дар асар маҳсуб меёбад ва дар қисмҳои савум (2 маротиба) ва дар қисми чорум (3 маротиба) онро нависанда барои инъикоси зиндагии толибилмонаш овардааст: *Ҳавлии Абдухалил-махдум дар гузари Ғозиён, дар паси* ***мадрасаи Мулло Муҳаммадшариф*** *ва ҳаммоми Ғозиён буд. Ӯ падар ва ду додар дошт, ки онҳо дар он ҳавлӣ зиндагонӣ мекарданд, худаш хонадор буда, шабҳои таътил дар ҳавлӣ ва шабҳои таҳсил дар ҳуҷра буд. Ҳуҷраи ӯ бар болои дарвозаи мадрасаи Ғозиён буд, ки даричааш ба тарафи ҳавзи Ғозиён кушода мешуд ва дар шароити Бухорои онрӯза он ҳуҷра ҳуҷраи хушҳаво ба шумор мерафт*.

Номвожаи ***Муҳаммадалӣ-ҳоҷӣ*** номи дигари мадраса буда, дар қисми савуми асар (1 маротиба) оварда шудааст: *Шукурбек баъд аз кӯчонидани фаъолияти худ аз саҳро ба шаҳр илҳомдиҳандаи худ Муътасимро ёфта, бо ӯ алоқа баст. Гоҳо шабона, баъди ними шаб ба ҳуҷраи вай омада, дар он ҷо ош пухта хӯрда мерафт ва, умуман, ҳар шаб бештарин дар Қӯшмадраса – дар атрофи мадрасаҳои Абдуллохон ва Модари он гардиш мекард. Чунки ҳавлии Абдусаттор – амлокдор дар Қӯшмадраса дар паҳлуи* ***мадрасаи Муҳаммадалӣ-ҳоҷӣ*** *буд* [2, с. 70].

Номвожаи ***мадрасаи Олимҷон*** дар асар ба сифати номи яке аз мадрасаҳои машҳури Бухоро дар қисмҳои савум (21 маротиба) ва дар қисми чорум (1 маротиба) мавриди истифода қарор гирифта, муаллиф дар овардани номи ин мадраса нақши онро дар ҳамон давр ҳамчун яке аз мадрасаҳои беҳтарин тасвир кардааст: *Бинои* ***мадрасаи Олимҷон*** *ба бинои анъанавии мадрасаҳои Бухоро ҳеҷ монандӣ надошт ва соҳиби мадраса ҳам он биноро барои мадраса насохта буд. Ин бино дар аввал ҳавлии Олимҷон ном як бойе будааст, ки ӯ инро баъдтар ба мадраса гардондааст. Дар ин мадраса боло-поин ҳамагӣ даҳ дар ҳуҷра буд, ки онҳо ба воситаи девор кашида ба хоначаҳо ҷудо карда шудани хонаҳои нишаст пайдо шудаанд*. *Ин мадраса дар Чорсӯйи шаҳри Бухоро як сарой вақф дошт, ки номи он ҳам саройи Олимҷон буд. Аз даромади ҳамин сарой ба саҳми фаррош ҳар моҳ даҳ танга (як суму панҷоҳ тин) мерасид, ки мо ҳар ду бародар бо ҳамин маблағ зиндагонӣ мекардем* [3, с. 463].

Номвожаи ***Хоҷа Исҳоқи Калободӣ*** дар асар чун ифодагари номи мазор дар қисми дуюми асар (1 маротиба дар саҳифаи 215) барои ифодаи ҳам манзара ва ҳам тасвири бадеӣ омада, бо ин тасвир нависанда манзараи ҷолиби табиатро тасвир кардааст: *Мо ана бо ҳамин роҳи пиёдагард равон шудем. Вақте ки мо аз* ***мазори Хоҷа Исҳоқи Калободӣ*** *гузаштем, аз пеши мо як майдончаи чуқур баромад, ки тарафҳои шарқ, ҷануб ва ғарби вайро пуштаҳои баланди гӯристон ва тарафи шимолашро заминҳои баланди гулзори гулфурӯшон иҳота мекарданд. Дар ин майдонча якчанд бех дарахтони гуҷуми сархушк, якчанд суфачаҳои нишастгоҳи чойнӯшон буда, дар тарафи шимолаш як хонача, як айвонча ва як суфаи дарозрӯя ҷой гирифта буданд* [1, с. 215].

Номвожаи ***Деших (Деҳаи Шайх)*** ба ифодаи номи деҳа ва ҷӯй дар қисми савум (7 маротиба) дар шакли содаи рехта омадааст ва муаллифи асар барои фаҳмотар шудани номи мафҳум онро дар шакли пурра – Деҳаи Шайх дар қавсайн овардааст, ки онро тавзеҳ меноманд. Дар асар бо овардани ҳамин номвожа муаллиф як воқеаи ниҳоят муҳим, чун омадани бемории ҳамагиро (пандемия) дар Бухоро ва деҳаҳои гирду атрофи онро нишон додааст. Баробари инъикоси ин воқеа ҳамчунин доир ба муҳити табиати деҳаро дар фасли тобистон инъикос кардааст, ки хеле хуб тасвир ёфтааст. Яъне нависанда дар ҳамин матн бо тасвири муҳити табии деҳа дар фасли гармо манзараеро офаридааст, ки бо ин усул таваҷҷуҳи хонандаро ба ин деҳаи зебои ноҳияи Ғиждувон ҷалб менамояд. Тасвири манзараи табиӣ ва бо тамоми ҷузъиёташро дар назарияи адабиёт манзарасозӣ ё пейзажофарӣ меноманд, ки устод С. Айнӣ дар ин ҷода ниҳоят адиби соҳибтаҷриба аст. Бубинед, ки адиб дар тасвири манзараи деҳаи Шайх чи қадар ҳунармандона муносибат кардааст: *Дар тобистони соли 1894 аҳволи бемор (Аллом-махдум – И. С.) вазнинтар шуд. Бародар ва хешовандонаш қарор доданд, ки ӯро дар айёми гармо ба ягон саҳро фиристонанд, ки ҳавои соф гирад. Шояд ин тағйири ҳаво ба сиҳатии ӯ фоида расонад. Бо ин мақсад бародари бемор ба саҳро рафта, дар деҳаи Деших (Деҳаи Шайх) боғи яке аз қадрдонони падарашро барои истиқомати тобистонии бемор муайян карда омад ва маро ба он ҷо кӯчонида бурда монд. Ин боғ дар*

канори ҷӯйи Деших буда, хеле обшор ва хушҳаво буд. Мо дар меҳмонхонаи соярави он боғ ҷой гирифтем, ки пешаш гулзор ва аз паси гулзор сарҳавз ва дар он тарафи сарҳавз дарахтони мевадор ва толорҳои ангур буданд. ... Дар он тарафи ҷӯй киштҳои сабзавотӣ (сабзӣ, пиёз, карам) ва полезӣ (харбуза, тарбуз, зомуча, каду) паҳн шуда рафта, манзараи дилкушоеро дар пеши назар ҷилва медоданд.

Ҳамин тавр, дар қисми сеюми асари «Ёддоштҳо», дар саҳифаи 149 (3 маротиба) ва дар саҳифаҳои 151, 156, 162, 163 як маротибагӣ номвожаи Деших (Деҳаи Шайх) мавриди корбурд қарор гирифтааст ва ҷиҳати мукаммал кардани сужаи асар, инъикоси ҳодисаи саргузаштӣ ва дар манзарасозӣ ин номвожа созгор омадааст. Номвожаи Деших ҳамчун ҷойном дар ҳамин шакл аз нигоҳи сохтор содаи рехта аст, вале чун таркиби онро таҳлил мекунед шаклан дар шакли ихтисоршудаи деҳи шайхро дорад, ки маънои луғавияш барои обод кардани он кадом шайх саҳм доштанашро ифода мекунад. Ҷузъҳои ин номвожа мутааллиқи забонҳои *тоҷикӣ* (деҳа) ва *арабӣ* (шайх) буда, аз нигоҳи мансубият ба ҳиссаҳои нутқ мансуби *исм* аст. Тавре гуфтем, аз нигоҳи сохт, таърихан, ибораи изофӣ буда, бо мурури замон шакли кутоҳшудаи Дешихро молик гардидааст.

Хулоса, дар «Ёддоштҳо» устод С. Айнӣ номвожаҳои марбут ба шахс ва ғайришахсро барои таъсирбахш гардидани ҳодисаву воқеаҳои асар ва манзарасозӣ хеле нозукона ва бомаврид корбаст намуда, арзиши бадеӣ ва таърихии асарро дучанд гардонидааст.

Адабиёт

1. *Айнӣ, С. Ёддоштҳо. Қ. 1-2 / С. Айнӣ. – Душанбе: Адиб, 1990. – 352 с.*
2. *Айнӣ, С. Ёддоштҳо. Қисми 3 / С. Айнӣ. – Душанбе: Адабиёти бачагона, 2019. – 272 с.*
3. *Айнӣ, С. Ёддоштҳо (чаҳор қисм) / С. Айнӣ. Энсиклопедияи насри муосири тоҷик – Душанбе, 2009. – 680 с.*
4. *Алимӣ, Ҷ. Топонимика / Ҷ.Алимӣ. – Душанбе, 1995. – 63 с.*
5. *Бурҳон, М. Бурҳони қотеъ / М. Бурҳон // Дар панҷ ҷилд. Бо эҳтимоми Муҳаммад Муин. Чопи ҳафтум. – Теҳрон: Амири кабир, 1391.*
6. *Бурҳон, М. Бурҳони қотеъ / М. Бурҳон; Таҳияи А. Нуров. Ҷилди 1. – Душанбе: Адиб, 1987. – 416 с.; Ҷилди 2. – Душанбе: Адиб, 2004. – 424 с.*
7. *Ғафуров О. Тафсири мухтасари номҳои ҷуғрофӣ / О.Ғафуров. – Душанбе: Маориф, 1983. – 144 с.*
8. *Маҳмадҷонов, О. О. Баррасиҳо дар номшиносии тоҷик / О. О. Маҳмадҷонов. – Душанбе, 2004. – 101 с.*
9. *Ҳомидов, Д. Р. Забони тоҷикӣ ва номшиносӣ / Д.Р. Ҳомидов. – Душанбе: Маориф, 2018. – 210 с.*
10. *Шодиев, М. Лингвистический анализ топонимов произведений С. Айнӣ дис. ... канд. филол. Наук / М. Шодиев. – Душанбе, 1994. – 191 с.*
11. *Шоев, Р. Ономастикаи «Самаки айёр» / Р. Шоев. – Душанбе: Ирфон, 2013. – 192 с.*

НАҚШИ ОНОМАСТИКАИ «ЁДДОШТҲО»-И САДРИДДИН АЙНӢ ДАР ИНЪИКОСИ МАНЗАРА

Нақши ономастикаи «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ дар инъикоси манзара муҳтавои асосии мақоларо фаро гирифта, муаллиф қӯшидааст дар асоси маводи гирдовардааш доир ба инъикоси манзара ин ҷиҳатҳоро мавриди баррасӣ қарор диҳад. Номвожаҳои марбут ба шахс ва ғайришахс дар асар барои таъсирбахш гардидани ҳодисаву воқеаҳои асар ва манзарасозӣ хеле нозукона ва бомаврид корбаст намуда, арзиши бадеӣ ва таърихии асарро дучанд гардондааст. Муаллиф зикр менамояд, ки инъикоси манзара дар «Ёддоштҳо»-и устод С. Айниро низ чун истилоҳоти соҳаи номшиносӣ аз нигоҳи сохт ба сода ва мураккаб ҷудо намудан мувофиқи матлаб хоҳад буд. Ҳамчунин аз нигоҳи мансубияти забонӣ ба гурӯҳи забонии тоҷикӣ-тоҷикӣ, тоҷикӣ-арабӣ ва омехта ҷудо намудааст. Ин асар яке аз шоҳасарҳои адабиёти тоҷик маҳсуб ёфта, корбурди ин навъи топонимҳо инъикосгари тарзи зисту зиндагонӣ, машғулиятҳои мардум, урфу одат ва анъанаҳои мардуми шаҳру маҳалҳое, ки дар асар инъикос ёфтааст, ба ҳисоб рафта, омӯзиши онҳо барои бахшҳои дигари илм, аз ҷумла таъриху этнография ва ғайра аҳамияти бузургро молик ва метавон тавассути онҳо баъзе суннату анъанаи мардумии минтақаро мушаххас намуд.

Калидвожаҳо: топоним, антротопоним, комоним, астионим, манзарасозӣ – пейзаж, ибора-топоним, забон, тоҷикӣ, арабӣ, ҷойномҳо.

РОЛЬ ОНОМАСТИКИ «ВОСПОМИНАНИЯ» САДРИДДИНА АЙНИ В ОТРАЖЕНИИ ПЕЙЗАЖА

Роль ономастики «Воспоминания» Садриддина Айни в отражении пейзажа придерживается основного содержания статьи, и автор статьи обсуждал эти аспекты на основе собранных материалов по отражению пейзажа. Личные и неличные существительные в произведениях использовались очень деликатно и уместно, чтобы придать явлениям и событиям произведения и декорации более впечатляющие, удваивающие художественную и историческую ценность произведений. Автор упоминает, что терминологию, касающуюся отражающегося пейзажа в «Воспоминаниях», также было бы уместно придерживаться простых и сложных терминов, таких как термины области ономастики. Также с точки зрения языковой принадлежности их можно разделить на таджикско-таджикскую, таджикско-арабскую и смешанную языковую группы. Данное произведение считается одним из выдающихся художественных произведений таджикской литературы, использование топонимов этого типа отражает образы жизни, занятий, обычаев и традиций местных городов и регионов, отражения в произведениях и имеют большое значение, и через них можно передать некоторые обычаи и традиции региона.

Ключевые слова: топоним, антропоним, коммононим, астионим, озеленение - ландшафт, словосочетание-топоним, таджикский, арабский, ономастика.

THE ROLE OF ONOMASTICS OF SADRIDDIN AINI'S “MEMOIRS” IN REFLECTION OF LANDSCAPE

The role of onomastics of Sadriddin Aini's “Memoirs” has recently adhered to the opinion of the main content of the article, and the author of the article discussed these aspects based on the collected materials on the reflection of the landscape. Personal and impersonal nouns in the works were used very delicately and appropriately to give the phenomena and events of the work and the scenery more impressive, doubling the artistic and historical value of the works. The author mentions that the terminology related to the reflected landscape in “Memoirs” would also be appropriate to adhere to simple and complex terms, such as terms in the field of onomastics. Also, in terms of linguistic affiliation, they can be divided into Tajik-Tajik, Tajik-Arabic and mixed language groups. This work is considered one of the outstanding works of art of Tajik literature, the use of toponyms of this type reflects the lifestyle, occupations, customs and traditions of local cities and regions, reflections in works and are of great importance, and through them it is possible to convey some customs and traditions of the region.

Keywords: toponym, anthroponym, commononym, astionym, landscaping - landscape, phrase-toponym, Tajik, Arabic, onomastics.

Дар бораи муаллиф
Имамбердиева Саломат Менгликуловна
Номзади илмҳои филологӣ, омӯзгори калони каф. методикаи таълими забон ва адабиёт
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
E-mail: salomatimamberdieva@jmail.com

Об авторе
Имамбердиева Саломат Менгликуловна
Кандидат филологических наук, старший преподаватель кафедры методики преподавания языка и литературы
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
E-mail: salomatimamberdieva@jmail.com

About the author
Imamberdieva Salomat Menglikulovna
Candidate of Philological Sciences, senior lecturer at the Department of Methods of Teaching Language and Literature
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
E-mail: salomatimamberdieva@jmail.com

ТДУ 491.55:81'38

МАВҚЕИ КАТЕГОРИЯҲОИ ЛУҒАВӢ ДАР ОСОРИ ҲОҶӢ ҲУСАЙНИ КАНГУРТӢ

Табарзода Х. Н.
Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон

Таркиби луғавии забон тамоми калимаҳои дар забон мавҷударо дарбар мегирад ва «калима объекти таҳлили се қисмати забоншиносӣ шуда метавонад», ки яке аз ин қисматҳоро дар илми забоншиносӣ «Лексикология» меноманд, ки он ба омӯзиши худи калима (луғат), таълимот ва тартиб додани луғатҳо маълумот медиҳад ва ҳангоми омӯзиши таркиби луғавии забон моро ба он водор месозад, ки «то як дараҷа мафҳуму чизҳои ба воситаи калима ифода мешудагиро тасаввур кунем» [4, с. 17].

Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ аз бойигарии луғавӣ ва воситаҳои грамматикии забони тоҷикӣ ба тарзи худ истифода намуда, дар интихобу кор фармудани луғат, дар калимасозӣ ва суханпардозӣ, тарзи баёни воқеа аз шоирони ҳамзамони худ фарқ мекунад ва услуби эҷоди хоси худро дорад. Интихоби воҳидҳои лексикию фразеологӣ ва унсурҳои грамматикии забонро метавон дар осори шоир ба ду қисмати асосӣ ҷудо намуд, аввалан, дар осори шоир интихоби мавзуъ ва мундариҷа вобаста ба вазъи сиёсиву иҷтимоии даврони нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX вобастагии қавӣ дошта бошад, аз ҷониби дигар, аз осори назмиву насрии шоир савияи дониш, завқу салиқаи эҷодӣ, маҳорати баланди эҷодкории Ҳоҷӣ Ҳусайн баръало мушоҳида мегардад.

Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ барои пуробуранг, образноку таъсирбахш баромадани забони осори офаридааш, ба қавли дигар, барои «...диди баланди зебоишиносии сухан» [7, с. 10] аз як қатор мафҳумҳои лексикӣ, аз қабили истифодаи вожаҳои якмаъною сермаъно, муродифҳо, ҳамгунҳо, калимаҳои зидмаъно, гунаи воситаҳои тасвири бадеӣ бамаврид истифода намудааст, ки маъноро дилкашу ҷозибадор мегардонанд.

1. Сермаъноии вожаҳо дар осори шоир. Дар илми забоншиносӣ вожаҳои мустақил аз ҷиҳати ифодаи маънову мундариҷаи луғавӣ ба гуруҳҳои якмаъно (моносемӣ) ва сермаъно (полисемӣ) ҷудо мешаванд. Доираи истифодабарии вожаҳои якмаъно ва сермаъно фарқ доранд. Услуби бадеӣ сухунпардозӣ, бофтаҳои зебову дилкашро мепазирад, то ба саҳми хонандаву шунаванда гуворову ҷолиб намоён гардад. Вожаҳои якмаъноро, бо таври дигар, дар забоншиносии имрӯза бо истилоҳи (термин) соҳаҳо низ ном мебаранд. Аммо доираи истифодаи вожаҳои сермаъно дар адабиёти бадеӣ васеъ буда, паҳлуҳои гуногуни ҳодисаҳои воқеиро дар шакли як калима акс намуда, мисли занҷираи ба ҳам пайванд бо ҳам алоқаи ҷудонашаванда доранд.

Яке аз роҳҳои сермаъношавии вожаҳо истифодаи воситаҳои тасвири бадеӣ мебошад. Воситаҳои тасвири бадеӣ аз қабили тавсиф, ташбеҳ, ташхис, истиора, киноя, маҷоз, рамз, муболиға, таъриз дар асарҳои назмиву насрии шоирон ва нависандагон истифодаи васеъ доранд. Ҳар яке аз ин воситаҳои тасвири бадеӣ дараҷаи истеъмоли худро дошта, дар мавридҳои муайян барои муассир гардидани нутқи тасвирии адиб ва нутқи шифоҳии гӯянда истифода мешаванд.

Муҳаққиқони зиёдеро метавон номбар намуд, ки дар таҳқиқу баррасии хусусиятҳои сермаъноии калимаҳо дар осори гузаштагони адабиёти классикӣ ва муосир саҳми босазое гузоштаанд.

Шоир барои рангинии сухан ва пуртасвирии он аз санъатҳои бадеӣ кор гирифтааст. Дар шеъри ӯ аз воситаҳои тасвирсоз маҷоз мавқеи махсус дорад. Таркибҳои маҷозиро фаровон ба кор бурдааст. Истеъмоли ин навъи таркибҳо аз қаробати забони ӯ бо лафзи мардум дарак медиҳад. Олими маъруф Асадулло Сӯфизода ба иртиботи ин сухан мегӯяд: «...сабки тасвир ва забони гуфтори ӯ форам ва ҳунармандона мебошад. Дар забону сабки баёни шоир ҳавои

назми шифоҳӣ ва таровати ашъори бузургони Аҷам ҳувайдост » [8, с. 67]. Ибораву ифодаҳои равону дилфиреби мардумӣ ва ҳусну малоҳати ҷомиёнаро дар ғазали поён баръало мушоҳида менамоем:

Эй дӯст, биё, дар қадамат зор бигирям,
Ту ханда куну гӯ, ки чӣ миқдор бигирям?!" [12, с. 9].

Тавре ки мутафаккири бузурги Юнони қадим Арасту таъкид кардааст, масъалаи аз маънои аслӣ канда шудани маънои калима ҳанӯз аз даврaҳои қадим ба вуҷуд омадааст. Ӯ сабаби дур шудани маънои калимаро аз маънои аслӣ пеш аз ҳама дар кам будани миқдори калимаҳо ва бешумор будани миқдори чизҳо, ашёҳо медонад.

Ин фикрро дигар донишмандон, аз ҷумла забоншиносони рус С.М.Мезенин, Г.Н. Скляревская, аз рӯйи назарияи Арасту шарҳу тавзеҳ дода, вазифаи маҷоз (метафора)-ро дар ташаккули санъатҳои бадеӣ ва воситаҳои баён нишон додаанд. Дар илми забоншиносии муосири тоҷик доир ба мафҳуми маҷоз ва дар заминаи он пайдо шудани сермаъноии вожаҳо олимон Б.Камолиддинов, Ҳ.Маҷидов, А.Мӯминов, М.Муҳаммадиев ва дигарон низ нуктаҳои ҷолиберо пешниҳод намудаанд.

Шарҳи нисбатан мукаммалро доир ба ин мафҳум Муҳаммад Ғиёсуддин дар асараш Ғиёс-ул-луғот додааст. Ӯ чунин навиштааст: «Маҷоз роҳ ва ҷойи гузаштан ва зидди ҳақиқат ва ба маънои калимае, ки дар ғайри маънии ҳақиқии худ мустаъмал шавад ва маънии мавзуи ҳақиқии он матрук нашуда бошад, балки дар маънии мавзуъ ва ғайри мавзуъ алоқаи мушобаҳат ё зарфият ё сабабият...» [2, с. 416]. Қисмати аввали ин шарҳ маънои луғавӣ ва қисмати дуюмаш маънои истилоҳии калимаи маҷозро дар бар мегирад. Яъне маънои истилоҳии калимаи маҷоз чунон аст, ки калима аз маънои ҳақиқии худ дур набуда, балки бар он алоқаи мушобаҳат(монандӣ) ё зарфият ё сабабият дорад.

«Маълум аст, ки тағйироти маъноӣ,-таъкид кардааст, муҳаққиқи ҳодисаи сермаъноӣ дар забони тоҷикӣ А. Муминов, ба туфайли ду далел ба вуҷуд меояд: яке омили ғайризабонӣ, дигаре, омили забонӣ» [6, с. 4].

Дар ҳақиқат ин ду омил дар ҳамаи даврaҳои инкишофи забони тоҷикӣ таъсири калон дошт. Дар давраи классикии инкишофи забони тоҷикӣ омили ғайризабонӣ ин таъсири сохти ҷамъиятии ҳамон давра, илму фарҳанги он замон, аз ҷумла, таъсири пурқуввати забони адабӣ ба шумор мерафт. Дар аҳди шуравӣ таъсири пешрафти илму техника, пайдошавии мафҳумҳои навбанав дар ҳамаи соҳаҳо ва дар ифодаи мафҳумҳои нав иқтибос аз забони русӣ маҳсуб меёфт. Омилҳои дохилии сермаъношавии вожаҳо дар забони тоҷикӣ чи дар давраи классикӣ, чи муосир гуногунанд. Албатта имкониятҳои дохилии сермаъношавии калимаҳо ба табиати забони тоҷикӣ, истиора, ибҳом, маҷоз ва ғ. вобаста мебошад.

Аз донишмандони гузаштаи мо ба масъалаи сермаъноии вожаҳо ҳанӯз дар асри XIII Хоҷа Насируддини Тусӣ чунин изҳори назар намудааст: «...Як лафз ба маънии бисёр далолат кунад, онро алфози мутаффиқа хонанд...монанди итлоқи «чашма» бар «чашмаи об» ва «чашмаи тарозу» ва «чашмаи офтоб» [11, с. 120].

Профессор Д. Хоҷаев андешаи Хоҷа Насируддини Тусиро чунин баён менамояд: «Насируддини Тусӣ калимоти муштақро ба ду қисм ҷудо мекунад-ба мутташабеҳа ва муттафиқа. Дар мутташабеҳа ваҷҳи ташбеҳ ҳаст, аммо муносибати маъноӣ нест. Масалан, калимаи «сар», ки дар ифодаҳои «сари ҳайвон» ва «сари шамшер» на аз рӯйи умумияти маъно, балки аз ваҷҳи ташбеҳ корбаст шудаанд. Дар ифодаи «сари ҳайвон» ибтидо - сар, дар назар дошта мешавад. Дар ифодаи «сари шамшер» низ ибтидо ё нуки шамшер дар назар дошта шудааст. Байни калимоти сермаъно, бинобар ақидаи Насируддини Тусӣ, мушобаҳати ғайри том низ мешавад. Масалан, «қалб» ба тоҷикӣ сагро гӯянд ва ҳамчунин «кавкаб»-ро, ки мушобеҳи сурати саг аст, дар само, «қалб» мегӯянд, яъне ин ҷо аз рӯйи монандии сурати ду ҷисм аст.

Дигар аз роҳҳои сермаъношавии калима, аз назари Насируддини Тусӣ, маҷоз аст. Истеъмоли лафз дар маънои аслӣ густариш ёфта, маънии шабеҳаш бинобар сабаби муносибати мушобеҳа, ки асоси ташбеҳ мегардад, маънои маҷозӣ мегирад. Маънии аслии

калима ҳақиқат буда, маънии шабеҳи онро маҷоз мегӯянд. Масалан, калимаи «нур» дар ифодаи «нури офтоб» ба маънии аслӣ равшанӣ аст, аммо дар ифодаҳои «нури босира» ва «нури босират» маънии итлоқи он, яъне маънои кӯчидаи вай, мебошад ва маҷоз яке воситаҳои муҳим барои тобиши маъноӣ пайдо кардани калимаҳост... Ҳамчунин Насируддини Тусӣ ҳодисаи тамсил ва истиораро низ аз муҳимтарин воситаҳои сермаъношавии вожаҳо медонад. Масалан, калимаи «моҳ» ба маънии ҷирми самовӣ бар вазъи маънии аслии он аст, аммо итлоқи он бар рӯйи накӯ ба маънии маҷозӣ, яъне тамсил мебошад. Ё ин ки лафзи «шер» ба маънии аслиаш номи ҳайвон аст, аммо марди шуҷоъро низ «шер» мегӯянд, ки онро истиора меноманд» [11, с. 121]

Ҳодисаи сермаъноии вожаҳо дар осори Ҳоҷӣ Ҳусайн вижагиҳои худро дорад. Масалан, вожаи «сар» дар ашъори шоир чандин маъно дорад, ки муҳимтаринашон инҳоянд:

1) «**сар**» ҳамчун номи узви бадани инсон ва аҷноси олам, ки дар он узвҳои дигар: чашм, гӯш, бинӣ ва даҳон ҷо гирифтаанд. Ин узви бадан дар қисмати аз ҳама болои ҷисми инсон қарор дорад. Ба ин маънӣ шоир гуфтааст:

Сар *ба зонуи хиёли бесуботӣ мондаем,*
Чашми мо ҳам варна бедор аст чун мижгони субҳ [12, с. 100].

Албатта, ибораи «сар ба зонуи хаёл мондан» ибораи маҷозӣ аст ва вожаи «сар» ин ҷо ишора ба андешаю фикр ҳам кардааст.

Байти дигаре низ дар ашъори шоир ба назар расид, ки вожаи «сар» ифодакунандаи ҳамин маънӣ мебошад, чунончи:

Чунон мастӣ, ки дорад чашми масташ,
Саре *дар хилвати мино надорад [12, с. 123].*

2. Ба ҳамин маънии боло, ки «сар» дорад, ифодаҳои сари кӯҳ, сари девор, сари дарахт, сари теппа, сари санг пайдо шуда, умумияти маъно дар онҳо мушоҳида мешавад, чунончи:

а) Бо зишту накӯ шеваи инъоми ту ом аст,
Гул тоҷи ***сари хор*** *кунад сабза чаманро [12, с. 43].*
б) Нест қумрӣ, ки саҳар магӯяд
Ба ***сари кӯй****и ту куку, манамат [12, с. 69].*
в) Кабк, донӣ, бар эътибори ҷаҳон,
Бар ***сари кӯҳсор*** *механдад [12, с. 129].*

3. Вожаи «сар» ба маънии ибтидо, ки он ҳам ба маънии «сар» чун ҷузъи аввали ҷисми инсону дигар аҷноси ҷондор вобаста мебошад, меояд, чунон ки дар байти зерини шоир омадааст:

Бастаи доми ***сар****и зулфи туанд,*
Мурғи дили тозахиёлон ҷамиъ [12, с. 208].

4. Ба маънии изҳори итоат кардан, таслим шудан низ шоир аз вожаи «сар» кор гирифтааст, чунончи:

Ки эй дил бисмили шавқи ҳавоят,
Сар*и таслим роҳандози поят [12, с. 517].*

5. Вожаи «сар» дар қолаби сохтаю мураккаб ва ибора низ омада маъноҳои гуногунро ифода менамояд, аз ҷумла, дар ашъори Ҳоҷӣ Ҳусайн Кангуртӣ дар қолаби «саросар»(18 маротиба), «саропо» (7 маротиба), «сар то ба пой»(1 маротиба), «пой то сар»(4 маротиба) ба маънии пурра, комилан, ба тамомӣ бисёр ба назар расид, чунончи:

а) **Саропо** сӯхтам бо гиря чун шамъ.
Нашуд доғи дили бечора равшан [12, с. 273].
б) Хамӯшӣ рехт бар овозаи чанг,
Саросар *баста шуд бозори оҳанг [12, с. 441].*
в) Дар шоми бекасиҳо то вақти субҳгоҳӣ,
Чун шамъ з-оташи дил ***сар то ба по*** *шарорам [12, с. 245].*
г) ***Пой то сар*** *з-оташи дил, аз таби шавқам гудохт,*
Ҳамчун шамъи ашкрезон бар мазори Бедилам [12, с. 253].

Чунон ки аз маъноҳои вожаи «сар» маълум гардид, ин калима дар майдони маъноӣ ба калимаҳои «боло», «тор», «рӯй», «ибтидо», «аввал» ва ғайра хусусияти муродифӣ низ пайдо мекунад, чунончи: сари кӯҳ - тори кӯҳ; болои кӯҳ, рӯйи кӯҳ; сари девор - тори девор, болои девор, рӯйи девор; сари дарахт - болои дарахт, тори дарахт, рӯйи дарахт.

Дигар вожае, ки дар осори Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ хусусияти сермаъноӣ зоҳир кардаасту шоир ба ниятҳои услубан маъноҳоро ба кор бурдааст, калимаи «**чашм**» мебошад.

Дар фарҳангҳои тафсирии пешин ва муосири забони тоҷикӣ чандин маъноҳои вожаи «чашм» оварда шудаанд: 1) узви биниш дар инсон ва аҷноси ҷондор; 2) назар, нигоҳ; 3) умеду интизорӣ; 4) ҳар паҳлӯи чизе, ба монанди чашми сӯзан, чашми ғалбер.

Тафтишу пажӯҳиши осори Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ нишон дод, ки ин шоири нозукбаён чандин маъноҳои вожаи «чашм»-ро вобаста ба мазмуни ин ё он ғазал ҳадафи хеш ва ниятҳои услубӣ қарор додааст:

1. Чашм ба маънои узви биниши инсон:

*Расид айёми пирӣ, **нури чашмат** кам шуд, эй ғофил,*
Нашуд кам ҳирсу озат беш дорӣ ҳарзатозиҳо [12, с. 22].

Дар байти фавқ вожаи «чашмат», яъне чашми ту, ишора ба инсон, яъне мухотаб аст.

2. Чашми танг ба маънии хасис, ҳирс, бахил:

*Ба **чашми танги мардум** аз заифӣ метавон рафтан,*
Ки ғайри ришташро раҳ нест дар сӯфори сӯзанҳо [12, с. 34].

3. Чашми қабул ба маънии пазируфтан, қабул доштан:

Саросар кардаам, бешак, фузул аст,
*Риҷоро аз карам **чашми қабул** аст [12, с. 498].*

Ба ин монанд, калимаи тоҷикии **абр** (бухори об, ки аз замин бо таъсири ҳарорат ба ҳаво пароканда шуда, аз он барфу борон ҳосил мешавад), метавонад дар маънои аслӣ ва якчанд маънои дигар, яъне маънои маҷозиро ифода кунад:

а) дар маънои аслӣ:

*Кунун **абри** басоти ин баҳорам,*
*Чу **найсон** донаи гавҳарнисорам [12, с. 422].*

абри тира - абри боронӣ, абри сербориш:

*Зи **абри тира** резад оташу об,*
Кунад як қатраро чун кӯҳи селоб[12, с. 387].

б) дар маъноҳои гуногун:

абри найсон - абре, ки ба моҳи апрел баробар меояд ва мувофиқи ривоят, гӯё аз қатраҳои борони ин моҳ ба даруни садаф марворид пайдо мешавад:

***Абри найсон** то наборад, дона чун хуррам шавад,*
Меҳр то партав набахшад, ҳаста монад ҳаставор [12, с. 385].

гарданда абр - абре, ки дар осмон давр мезанад ва зарару зиёне пеш намеорад:

*Агар меҳр аст, ман **гарданда абр**ам*
В-агар шер аст, ман гироҳужабрам [12, с. 475].

абри раҳмат – абри каромат; абре, ки аз чашмаҳои баҳақрасидагон борони раҳмат фурӯ резонад ва аз қатраҳои он гавҳари маънӣ падид ояд:

*Ба рӯяш з-**абри раҳмат** шомиёнҳо*
Хати борон таноби соябонҳо [12, с. 424].

абри мижгон - ғамангез, дидаи тар, дарду алам, ғаму ғусса:

*Баҳорам, **абри мижгон** қатраборам,*
Бадахшон хун зи доға лолазорам [12, с. 464].

2. Муродифоти луғавӣ дар осори Ҳоҷӣ Ҳусайн. Маҷмуи калимаҳои бо ҳам синонимро Ҳ. Маҷидов «силсилаи муродифӣ» номидааст ва «калимаҳо бо яке аз маъноҳои луғавии худ бо ҳам алоқаманд шуда, бо арзишҳои хоссаи худ… бо доираи истеъмол ва рангубори ҳиссии худ аз ҳам фарқкунанда гирд» меоянд [6, с. 91-92].

Муродифоти луғавӣ дар осори шоир нақши муҳим дорад. Масалан, ӯ аз вожаи «**забон**» дар бисёр абёти худ истифода кардааст, чунончи:

*Ба шамшери **забон** марди суханвар,*
Кунад олам мусаххар чун Сикандар [12, с. 420].

*Дар ҷойи дигар аз вожаи арабии он «**лисон**» истифода намудааст:*

Фасоҳат муъҷизи пайғамбарон аст,
*Пас он гаҳ дар **лисон**и шоирон аст [12, с. 421].*

Вожаи «**ҷаҳон**» дар забони тоҷикӣ муродифоти зиёд дорад, ки аз онҳо Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ бисёр муносибу ҳунармандона истифода кардааст. Аз силсилаи муродифоти ин вожа дар ашъори шоир калимаҳои «ҷаҳон», «олам», «чарх», «дунё», «фалак», «гардун» истифодаи фаровон доранд. Аз ин силсила калимаҳои «дунё», «олам» дар баробари калимаи «ҷаҳон», ки силсила аст, дар ҳамаи услубҳои нигориш ва ҳамаи гӯйишҳои забони тоҷикӣ серистеъмол мебошад. Дар осори Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ низ ин се вожаи муродифӣ серистеъмол аст, чунончи:

Ҷаҳон баҳри фиреби содалавҳон ҷилва бинмояд,
Ва шаш сӯ чун ғарон андар либоси беҳаёиҳо [12, с. 26].

Дар ҳама луғату фарҳангҳои муътабар вожаи «ҷаҳон»-ро муродифи калимаҳои «олам», «дунё» ва «гетӣ» гуфтаанд. Дар осори Ҳоҷӣ Ҳусайн низ ин муродифҳои калимаи «ҷаҳон» дида шуд.

Дунё:

*Кай ба мо шуд ҷамъ **дунё**, то аз ӯ бигзаштаем,*
Панҷаи нобастаро аз ранг во кардан ҳиност [12, с. 77].

***Олам**:*

Чу чинӣ бар танам ҳар сӯ хати бишкастагӣ овард,
Кулаҳ чун дидам, он бебоки олам боз бишкастаст [12, с. 61].

***Гетӣ**:*

Бимир, эй модари гетӣ, ки моро духтари толеъ,
Дар оғӯш асту бахт аз тифли васл обистан аст имшаб [12, с. 52].

Дар осори Ҳоҷӣ Ҳусайн ғайр аз калимаи «дунё» ва «олам» ба маънии «ҷаҳон» вожаҳои «даҳр», «фалак», «гардун» ба сурати фаровон истифода шудааст, ки назари фарохи шоир дар шинохти муродифоти луғавӣ дарак медиҳад. Намунаҳо аз ашъори шоир:

***Даҳр**:*

Инқилоби даҳрро, Ҳоҷӣ, аз он фаҳмидаем,
Гунбаде болои сард орем, гоҳе зери пост [12, с. 77].

***Фалак**:*

Гарди ҳар сар чун фалак гаштем бо пушти дуто,
Лаб ба дашномам кушуд, инкор кард аз марҳабо [12, с. 52].

***Гардун**:*

Ҳоҷӣ, чӣ сон ба зурваи кӯйи ту раҳ барад?
Гардун куҷову пар задан мушти туробро [12, с. 38].

Албатта дар ин силсилаи синонимҳо ҳар кадоме аз вожаҳои муродифӣ, ба мақсаду ниятҳои муайяни услубӣ истифода шуда, аз рӯйи дараҷаи истеъмол, доираи корбурд, обуранги эҳсосотӣ фарқ доранд. Ғайр аз ин дар осори манзум дараҷаи истеъмолу доираи корбурди онҳо ба талаботи вазну оҳангнокӣ низ вобаста мебошад.

Силсилаи муродифии дигаре, ки дар осори Ҳоҷӣ Ҳусайн нақши муҳим бозидааст, вожаҳои **рӯй, рух, рухсор, рухсора, чеҳра, ораз, симо, шамоил, намуд** мебошад. Дар ин силсила, чунон ки дар ҳамаи таҳқиқоти оид ба луғатшиносӣ, забону услуби осори мансуру манзуми адибони классику муосири адабиёти тоҷик бахшидашуда таъкид шудааст, сарсилсила вожаи «**рӯй**» мебошад. Калимаи рӯй ба маънии узви инсон ва ҳама аҷноси дорои рӯҳ, дорои маънии муътадил буда, серистеъмолу оммафаҳм мебошад ва дар ҳама услубҳои нутқ мустаъмал аст.

Дар силсилаи муродифии вожаҳо бо калимаи серсилсила- **рӯй**, ки вазифаи номбаркунии шаъйро дошта, маънии муътадилро доро буда, аз обуранги эҳсосотӣ маҳрум аст, дигар калимаҳои ин силсила дорои обуранги эҳсосотӣ ё мусбат, ё манфианд. Масалан, аз силсилаи муродифии **рӯй, рух, рухсор, рухсора, чеҳра, ораз, симо, афт, шамоил, андом, намуд, сурат, лиқо, суммот, башара** ва ғайра вожаи «**рӯй**»-муътадилмаъно, яъне сарсилсила буда, калимаҳои рух, рухсор, рухсора, чеҳра, ораз, симо обуранги эҳсосоти мусбат дошта, калимаҳои **афт**, **шамоил**, **андом**, **намуд**, **лиқо**, **суммот**, **башара** дорои обуранги эҳсосотии манфианд. Аз ин силсила калимаи **сурат** вобаста ба маъно ва ҳадафи нависандаву гӯянда хусусияти мобайнӣ дорад: гоҳо маънии мустақилу мусбат дорад, гоҳо тобиши маънои манфӣ мегирад. Чунон ки таъкид шуд, ҳар кадоме аз вожаи муродифии силсилаи мазкур бо ин ё он тобиши маъно аз ҳамдигар тафовут доранд, чунончи, силсилаи вожаҳои бо калимаи «рӯй» ҳаммаъно ё наздикмаъно, ки дар осори Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ дида шуд, аз ин вижагиҳо бархурдор аст:

1. ***Рӯй:***

*Эй дар хаёли **рӯй**и ту пурдоғ синаҳо*
Дар дил ниҳон зи оташи шавкат дафинаҳо [12, с. 14].

2. ***Рух:***

*Биё, ки бе **рух**и ту дидаи майл хоб надорад,*
Ниҳоли гулшани умед бе ту хоб надорад [12, с. 11].

3. ***Рухсора:***

*Ғоза бар **рухсора** аз ранги маосӣ кардаем,*
Эй пушаймонӣ, куҷойӣ, бош, бо нисёни мо [12, с. 15].

4. ***Чеҳра:***

То ба раѓми муҳтасиб бар мо хуморе бишканӣ,
***Чеҳра** гулгун созу бар каф соѓари саҳбо, биё [12, с. 32].*

5. ***Симо:***

Шуд об чу симоб нигоҳам зи табу тоб,
*То ки нигаҳи гарм ба **симо**ш бубастам [12, с. 235].*

6. ***Ораз:***

Назар зи тоби рӯйи ту шавад хафош бе басар,
*Бувад шуои **ораз**ат чун меҳр дар шарораҳо [12, с. 37].*

Тавре ки аз шаш вожаи муродифие, ки ба силсилаи муродифии рӯй, рух, рухсора, чеҳра, симо ва ораз шомиланд, калимаи «рӯй» сарсилсила ё меҳвари ин силсила аст, яъне доминант мебошад. Дар силсилаи муродифии мавриди назар, ҳарчанд ки ҳамаи панҷ вожаи муродифии силсилаи ба калимаи «рӯй» муродиф шудаанд, аммо ҳар кадоме аз онҳо ба тобиши маъно, хусусиятҳои услубӣ, обуранги эҳсосотӣ тафовут доранд. Масалан, дар байти дуюм калимаи «**рух**» ба калимаи «рӯй»-и байти якум пурра хусусияти муродифӣ дорад. Агар талаботи вазни шеърро ба назар нагирем, онҳоро бехалали мазмуни байтҳо иваз кардан ҳам мумкин аст. Аммо вожаи «**рух**» мушаххасан барҷастагиҳои ду ҷониби рӯйи инсонро мефаҳмонад. Калимаи «**рухсор**» ва «**рухсора**» низ ба сурати нисбӣ ба калимаи «рӯй» муносибати муродифӣ доранд, зеро онҳо як тарафи барҷастаи рӯйи инсонро мефаҳмонанд. Аз ин ҷост, ки ифодаҳои ду рухсор ё ду рухсора; рухсораҳо дар забони тоҷикӣ мустаъмаланд. Дар байти чаҳорум вожаи «**чеҳра**» бо калимаҳои «рӯй», «рухсор», «симо», «ораз» хусусияти муродифӣ дорад, аммо вожаи «чеҳра» бештар хоси услуби бадеӣ буда, тавсифҳои зиёде мегирад, ки дар осори дигар адибон дар истифода қарор доранд, аз ҷумла, чеҳраи зебо, чеҳраи сафед, чеҳраи гарм, чеҳраи гандумгун, чеҳраи хандон, чеҳраи ширин, чеҳраи шинос, чеҳраи ошно, чеҳраи равшан, чеҳраи кушод, чеҳраи кушода, аммо аз осори Ҳоҷӣ Ҳусайн истифода бо вожаи «чеҳра» ибораҳои чеҳраи гулгун, чеҳраи гулнор, чеҳраи давлат, чеҳраи бикшода, чеҳраи арғувони гулнорӣ истифода гардидааст, ки обуранги эҳсосотии ҳам мусбат ва ҳам манфӣ дорад. Намуна:

*Чу дида **чеҳраи гулгун**и ӯ, баҳор бирафт,*
Сабову ғунчаву гул ҷамъ кард, бо ҳам сӯхт [12, с. 70].

***

*Дар маҳфиле, ки **чеҳраи гулнор** барфурӯхт,*
Андар пиёла духтари раз аз ҳаёст сурх [12, с. 102].

***

*Зи зулм **чеҳраи давлат** сиёҳ мегардад,*
Чу шом парда гушояд, ҷаҳон шавад чун қир [12, с. 104].

***

*Имтиёзи халқ андар **чеҳраи бикшода** аст,*
Варна ҳамчу дай ҳамон шому саҳар дорад баҳор [12, с. 167].

***

***Чеҳраи арғувони гулнорӣ**,*
Лаъли майгун аз он ба хунхорӣ [12, с. 202].

***

*Мабодат **чеҳраи зард**ам фаромӯш,*
Фиғонам ношнои пардаи гӯш [12, с. 234].

Вожаи «**симо**» низ дорои обуранги эҳсосоти мусбат буда, ба калимаи «чеҳра» хусусияти муродифӣ дорад, аммо чун вожаи ҳамгун ба маънии **шаклу шамоил**, **қиёфа**, **образ**, **тимсол**, **шахсият** низ меояд.

Вожаи «**ораз**» низ ба калимаи «рӯй» хусусияти муродифӣ дошта бошад ҳам, аз рӯйи тобиши маъно, хусусияти услубӣ, дараҷаву доираи истеъмол ба вожаи «чеҳра» бештар наздик аст.

Ба ҳамин тариқ, дар забон вожаҳои муродифие, ки силсилаи муродифотро ташкил медиҳанд, ба сурати мувозӣ ё мутлақ вуҷуд надоранд. Аз ин нуқтаи назар, шоири тавоно ва сухандону маънираси борикназар дар истифодаи вожаҳои ҳаммаънову наздикмаъно хеле ҳунармандона муносибат кардааст. Бисёр наҷиб менамояд, ки шоир аз силсилаи муродифоти калимаи «рӯй» вожаҳои муродифии обуранги эҳсосотии манфидоштаро, ба истиснои калимаи ба яке аз маъноҳо ба вожаи **қиёфа** ва **шакл**, **афт**, **андом**, **намуд** наздикмаъно - **шамоил**, ки он ҳам ҳамагӣ дар як байт истифода шудааст, ба кор набурдааст:

Сайфи ту ба ҳар тараф равона,
*Дар **шаклу шамоили** ягона [12, с. 188].*

Аз таҳлили вижагиҳои луғавии осори шоир, заррае ҳам бошад, метавон чунин хулоса намуд, ки Ҳоҷӣ Ҳусайн монанди кулли адибони гузашта ба кори эҷодӣ дар суханофаринӣ ва бузургдошти мақоми сухан бо камоли масъулият рӯ оварда, дар интихоби калимаву таркибҳо заҳмати зиёд ба харҷ додааст ва ҳосил «Куллиёт»-и фароҳамовардааш мебошад, ки аз лиҳози мазмуну мундариҷа ва аз нигоҳи сабки баёну фаро гирифтани луғат аз ганҷинаи вожагон дар миёни осори бадеии адибони ҳамзамони хеш ҷойгоҳи махсус дорад. Аз забони худи шоир бигӯем, «сухансанҷидагӯйӣ нест осон» [12, с. 420] бо ҳиммат ва ҷасорат қалам ба даст гирифта, осори нотакрор ва мондагор офаридааст.

Адабиёт

1. *Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Фонетика ва морфология. Ҷ. 1. - Душанбе: Дониш, 1985. - 356 с.*
2. *Ғиёсуллуғот. Таълифоти Муҳаммад Ғиёсуддин. Таҳияи матн бо пешгуфтор, мулҳақот, тавзеҳот ва феҳристи Амон Нуров. - Душанбе: Адиб, 1987. - Ҷ.1. - 398 с.*
3. *Ғиёсуллуғот. Таълифоти Муҳаммад Ғиёсуддин. Таҳияи матн бо пешгуфтор, мулҳақот, тавзеҳот ва феҳристи Амон Нуров. - Душанбе: Адиб, 1988. - Ҷ.2. - 390 с.*
4. *Забони ҳозираи тоҷик. Лексикология, фонетика, морфология (Китоби дарсӣ барои факултетҳои филологияи мактабҳои олӣ). Қисми 1. - Душанбе: Маориф, 1981. - 458 с.*

5. *Каримов Ш.Б., Эмомов И.Б. «Душвориҳои синонимияи истилоҳот дар мисоли истилоҳоти соҳаи экология» // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши филологӣ. 4/5 (209). - Душанбе: «Сино», 2016. - С. 91- 97.*
6. *Муминов, А. Полисемия дар забони тоҷикӣ Автореферат барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои филологӣ / А. Муминов. – Душанбе, 1972. – 17 с.*
7. *Саломиён, М. Вижагиҳои луғавӣ ва маъноии забони ғазалиёти шоирони асрҳои XII-XIV / М. Саломиён. – Душанбе, 2020. – 158 с.*
8. *Сӯфизода, А. Сухан – ҷавҳари фикр / А. Сӯфизода. – Душанбе, 2009. – 110 с.*
9. *Фарҳанги забони тоҷикӣ (аз асри X то ибтидои асри XX) / Дар зери таҳрири М.Ш.Шукуров, В.А.Капранов, Р.Ҳошимов, Н.А.Маъсумӣ. – М.: Советская энциклопедия, 1969. - Ҷ.1. - 951 с.*
10. *Фарҳанги забони тоҷикӣ (аз асри X то ибтидои асри XX) / Дар зери таҳрири М.Ш.Шукуров, В.А.Капранов, Р.Ҳошимов, Н.А.Маъсумӣ. – М.: Советская энциклопедия, 1969. - Ҷ.2. - 947 с.*
11. *Хоҷаев Д. Афкори забоншиносии тоҷик дар асрҳои X-XVI. – Душанбе, 2013. – 343 с.*
12. *Ҳоҷӣ Муҳаммад Ҳусайни Кангуртӣ. Куллиёт / Виросторон ва сомондиҳандаи матн К.Чиллазоди Теҳрайӣ, Амирхӯҷа Абдураҳимӣ. - Душанбе: Ирфон, 1998. - 1054 с.*

МАВҚЕИ КАТЕГОРИЯҲОИ ЛУҒАВӢ ДАР ОСОРИ ҲОҶӢ ҲУСАЙНИ КАНГУРТӢ

Мақола ба таҳқиқи хусусиятҳои луғавии забони осори шоири тоҷик Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ, ки дар охири асри XIX - ибтидои асри XX зиндагӣ кардааст, бахшида шудааст. Муаллифи мақола бо такя ба қавоиди лексикология ҳамчун бахши забоншиносӣ аҳамияти омӯзиши таркиби луғавии забонро таъкид мекунад. Дар мақола қайд мешавад, ки Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ бо истифода аз ғановати луғавӣ ва дастурии забони тоҷикӣ аз шоирони ҳамзамони худ бо услуби инфиродии истифодаи калимаҳо, калимасозӣ ва баёни шоирона фарқ мекунад. Таваҷҷуҳи вижа ба истифодаи усулҳои гуногуни луғавӣ аз ҷониби Ҳоҷӣ Ҳусайн Кангуртӣ барои эҷоди забони фасеҳу ифоданоки осораш дода мешавад. Муаллиф падидаҳоеро, аз қабили сермаъноии калимаҳо (полисемия), мутародифот, истифода аз абзорҳои баёни ҳунарӣ, аз ҷумла истиора таҳлил мекунад. Намунаҳои сермаъноии калимаҳои "сар" ва "чашм" дар шеъри Кангуртӣ, инчунин маъноҳои гуногуни калимаи "абр" батафсил баррасӣ мешаванд. Дар мақола ҳамчунин ҳолатҳои истифодаи синонимҳо дар асарҳои шоир мавриди таҳқиқ қарор мегиранд. Намунаҳои истифодаи радифҳои гуногуни синонимӣ, аз ҷумла, калимаҳое, ки "ҷаҳон"-ро ифода мекунанд (ҷаҳон, олам, дунё, фалак ва ғайра) ва "рӯй"-ро ифода мекунанд (рӯй, рух, чеҳра, симо ва ғайра) оварда мешаванд. Муаллиф таъкид мекунад, ки ҳар яке аз синонимҳо дар ин радиф тобишҳои маъноӣ ва рангомезии сабкии хоси худро доранд.

Калидвожаҳо: Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ, шеъри тоҷикӣ, лексикология, сермаъноӣ, муродиф, маҷоз, бадеият.

МЕСТО ЛЕКСИЧЕСКИХ КАТЕГОРИЙ В ПРОИЗВЕДЕНИЯХ ХОДЖИ ХУСАЙНА КАНГУРТИ

Статья посвящена исследованию лексических особенностей языка произведений таджикского поэта Ходжи Хусайна Кангурти, жившего в конце XIX - начале XX веков. Автор статьи подчеркивает важность изучения словарного состава языка, опираясь на положения лексикологии как раздела языкознания. В статье отмечается, что Ходжи Хусайн Кангурти, используя богатый лексический и грамматический арсенал таджикского языка, отличается от современников своим индивидуальным стилем словоупотребления, словообразования и поэтического изложения. Особое внимание уделяется использованию Хаджи Хусайном Кангурти различных лексических приемов для создания яркого, образного и выразительного языка произведений. Автор анализирует такие явления, как многозначность слов (полисемия), синонимия, использование средств художественной выразительности, в частности, метафоры. Подробно рассматриваются примеры многозначности слов "сар" (голова) и "чашм" (глаз) в поэзии Кангурти, а также различные значения слова "абр" (облако). В статье также исследуются случаи употребления синонимов в произведениях поэта. Приводятся примеры использования различных синонимических рядов, в частности, слов, обозначающих "мир" (ҷаҳон, олам, дунё, фалак и др.) и "лицо" (рӯй, рух, чеҳра, симо и др.). Автор подчеркивает, что каждый из синонимов в данных рядах имеет свои оттенки значения и стилистическую окраску.

Ключевые слова: Ходжи Хусайн Кангурти, таджикская поэзия, лексикология, полисемия, синоним, метафора, художественная выразительность.

THE PLACE OF LEXICAL CATEGORIES IN THE WORKS OF HOJI HUSAYN KANGURTI

This article explores the lexical features of the language in the works of the Tajik poet Hoji Husayn Kangurti, who lived in the late 19th and early 20th centuries. The author emphasizes the importance of studying the vocabulary of a language, drawing upon the principles of lexicology as a branch of linguistics. The article notes that Hoji Husayn Kangurti, using the rich lexical and grammatical arsenal of the Tajik language, stands out from his contemporaries with his individual style of word usage, word formation, and poetic expression. Particular attention is paid to Haji Husayn Kangurti's use of various lexical techniques to create a vivid, figurative, and expressive language in his works. The author analyzes phenomena such as the polysemy of words, synonymy, and the use of artistic expressive means, in particular, metaphors. Examples of the polysemy of the words "sar" (head) and "chashm" (eye) in Kangurti's poetry are examined in detail, as well as the various meanings of the word "abr" (cloud). The article also investigates the use of synonyms in the poet's works. Examples of the use of various synonymous series are given, in particular, words denoting "world" (jahon, olam, dunya, falak, etc.) and "face" (ruy, rukh, chehra, simo, etc.). The author emphasizes that each of the synonyms in these series has its own shades of meaning and stylistic coloring.

Keywords: Hoji Husayn Kangurti, Tajik poetry, lexicology, polysemy, synonym, metaphor, artistic expressiveness.

Дар бораи муаллиф
Табарзода Хайрулло Назар
Номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забони тоҷикӣ
Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. М. Турсунзода, 30
E-mail: tabarov-64@mail.ru

About the author
Tabarzoda Khayrullo Nazar
Candidate of Philological Sciences, Associate Professor of the Tajik Language Department
Russian-Tajik (Slavonic) University
734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, M. Tursunzade st., 30
E-mail: tabarov-64@mail.ru

Об авторе
Табарзода Хайрулло Назар
Кандидат филологических наук, доцент кафедры таджикского языка
Российско-Таджикский (славянский) университет
734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. М. Турсунзаде, 30
E-mail: tabarov-64@mail.ru

ТДУ 809.155.0 (575.3)

ТОПОНИМҲОИ ВОҲАИ СУРХОН ДАР «ТАЪРИХИ ҲУМОЮН»-И МУҲАММАДСОДИҚХОҶАИ ГУЛШАНӢ

Турсунова М. А.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Асари «Таърихи ҳумоюн» яке аз асарҳои насриест, ки дар саҳифаҳои он дар бораи топонимҳои воҳаи Сурхон маълумоти зиёде оварда шудааст. Муаллифи асар яке аз донишмандони охири асри XIX ва ибтидои асри XX, шоир Муҳаммадсодиқхоҷаи Гулшанӣ маҳсуб ёфта, пас аз сафари чандмоҳаи худ ёддошти худро бо номи «Таърихи ҳумоюн» таълиф мекунад. Ин асари насри таърихӣ-ҷуғрофӣ буда, дар шинохтани таърихи фарҳанги мардуми тоҷик ва вазъи ҳаёти иҷтимоии он ва ҷиҳатҳои ҷуғрофии маҳалу мавзеъҳои аморати Бухоро дар охири садаи XIX ва ибтидои қарни XX нақши муайянеро дорад. Инчунин аз таҳлилу баррасии маводи асар маълум мегардад, ки забони асар забони намуна ва беҳтарини тоҷикии муҳити илмию фарҳангии Моваруннаҳри қарни XIX ва ибтидои қарни XX маҳсуб меёбад. Дар асари номбурда фасли «Зикри ҳукумати вилояти Шеробод» фарогири номҳои маҳал ё ҷойномҳои воҳаи Сурхон аст. Барои мисол чанд намуна аз асар меоварем: «Ҳукумати сеюм аз иёлати вилояти Хузор ҳукумати вилояти Шеробод аст. Се тарафи ин вилоят шарқан ва шимолан ва ғарбан тамоман кӯҳистон аст, ҳатто қурғони он низ ба болои кӯҳи рафеъ аст. Интиҳои кӯҳистони шимолии он арки қурғони он аст. Раставу бозори он ки ба тарафи ҷануби қӯрғон аст, замини мусаттаҳ аст ва замини тарафи ҷануби қурғони он то Тирмиз, ки миқдори ҳафт фарсах аз қурғон масофат дорад, мусаттаҳ аст то лаби наҳри Ҷайҳун, ки дар он ҷо шаҳри Тирмиз аст [4, с. 104]. Дар ин навиштаҷот воқеъ гардидани вилояти Шерободро нишон дода, дар атрофи он мавҷуд будани шаҳру қасабаҳои бостонӣ, чун Тирмиз ва мавзеъҳои хоси шаҳрро ифода кардааст.

«Аз таҳти қӯрғони Шеробод дарё ҷараён менамояд. Нишемангоҳи арк ба болои кӯҳи рафеи бағоят дилкушо ва фараҳфизост. Аз осори абнияи қадима аст. Дар муқобили арк ба болои кӯҳи дигар ба тарафи ғарбии он мунфасил аз арки холӣ ба фосилаи роҳи ом қурғони хароб аст. Сур ва қалъаи он, осори имороти он алон боқӣ аст» [4, с. 104]. Ҷорӣ шудани дарёчаи Шеробод аз таги қурғони ин мавзеъ ва маълумот доир ба қурғон, арки ин мавзеъ муҳтавои асосии ин банди синтаксисӣ аст.

«Баъд аз он, дар замони интиқоли салтанат ба салотини чингизия ва ӯзбакия арки ҳолиро бино намуда бошанд. Ба забони авомуннос машҳур аст ба қалъаи Майкат ба фатҳи аввал ва сукуни сонӣ ва фатҳи солис ва сукуни робеъ, аз ҷумлаи осори аҷиба ва ҳодисаи ғариба ба вилояти мазкур он, ки ба тарафи шарқии арки он роҳи ом ва шарқии роҳ дарёи вилояти мазкур. Арзи дарёсад заръ тахминан аст. Ба тарафи шарқии дарёи мазкур ба миқдори панҷоҳ заръ, дар муқобили арк ҷое аст, ки машҳур аст ба Гӯри Майкати онифулбаён, яъне мадфани Майкат» [4, с. 104]. Доир ба шарҳи топоними Майкат забоншинос Б. Тураев дар яке аз таълифоти худ чунин баёни андеша кардааст, овардани онро ин ҷо зарур медонем: «Топоними Макат калимаи қадими суғдӣ буда, шакли мураккаб дошта, аз ду ҷузъи маънодори суғд. <maγ=>maγ, meγ – моҳтоб ва суғд. <k>t=>k>δ–хона, сукунатгоҳ иборат буда, маънои «хонаи моҳтоб»-ро дорад. Аз сабаби он ки арки мазкур дар «кӯҳи рафеъ» воқеъ аст ва ҷойи намоёнгоҳ дорад, онро ба «хонаи моҳтоб» нисбат дода, номгузорӣ кардаанд. Топоним ё ибора-топоними Қалъаи Майкат (худи ҷузъи Майкат) таърихи зиёда аз 2500 соларо доро мебошад. Майката (деҳа дар ҷамоати деҳоти Амондараи шаҳри Панҷакент), Майка// Майкада, аз суғдии <Mγkt, M>γk>б, M>γk>ta (эҳтимол меравад аз M>γ kata) буда, (Мағкат, Мағката) маънии «хонаи моҳ»-макони ибодати куҳанориёнро дорад» [11, с. 22].

Дар асари мазкур доир ба муҳити ҷуғрофӣ ва табиати воҳаи Сурхон низ муаллиф Гулшанӣ таваҷҷуҳ карда, дар кадом ҳолат қарор доштани табиати ин воҳа дар мисоли кӯҳистонаш маълумоти аҷиб медиҳад: «Атрофи он замини хоки сиёҳ ва миқдори қомати як одами тавилу-л- қомат ҷойи замини мазкур хоки сафед, ҳамранги хокистар аст ва дар замони нузули борон лойи он низ мумтоз аз атрофи он ва дар ҳангоми гармо ва нузули барф ба атрофи он тасвири барф боқӣ мемонад. Ва барфе, ки ба болои он тасвир меафтад, фавран об мешавад, ҳаргиз замоне боқӣ намемонад, ҳарчанд сармо шадид ҳам бошад. Ба атрофи он як олчин барф баланд мешавад, аммо дар болои он тасвир қатъан намеистад ва об мешавад фавран, валлоҳу ало кулли шайъин қадир» [4, с. 104].

Дар мисоли поён Гулшанӣ доир ба дарёчаи шӯхи Шеробод, ки яке аз шохобҳои дарёи Сурхон аст, маълумоти диққатҷалбкунанда медиҳад. Маълумоти овардаи ӯ имрӯз низ ба ҳамин дарёча мувофиқ аст: «Оби дарёи Шеробод низ мисли оби вилояти Хузор малеҳ аст, яъне андак шӯр аст. Сабаби он малоҳат он, ки оби мазкур фи ҳадди зотиҳи гуворо аст, чунки оби Шеробод, манбаи он аз тавобеи вилояти Бойсун аст. Ҳама оби чашма ва барф аз кӯҳи Пил ва Кутур ва Кетманчоптӣ гузашта, ба Дарбанд мерасад ва аз он ҷо гузашта аз тавобеи Сайроб гузашта, бо Бакарчӣ мерасад. То он ҷо ширину гуворост. Аз мавзеи мазкури онифулбаён як даҳана, миқдори як санг об аз тарафи шимолии дарёи мазкур аз кӯҳи Хомкон аз маъдани намак омада, ба дарёи мазкури онифулбаён мулҳақ мегардад» [4, с. 106].

Дар ҷойи дигар ҷойномҳои ҷуғрофиро муаллифи асар барои баёни ҳолати рӯду наҳри воҳа ба таври зайл ифода карда, номи чандин рӯдаку ҷӯйборро овардааст: «Баъд аз он оби мазкур андак малеҳ гардида, ба Лаклакон расида, аз он ҷо гузашта, ба Нондаҳана расида, дохили маҳкуми вилояти Шеробод мегардад. Вилояти мазкур назар ба ҷамъияту вусъати он камоб аст. Обе аз Нондаҳана дохили вилояти Шеробод мегардад, миқдори бист санг об аст, ки ба ҳаждаҳ ҷӯйи вилояти мазкур тақсим мешавад. Ҳар се шабонарӯз обро ба ҷӯйе бар сабили бадалият ҷорӣ менамоянд» [4, с. 106].

Дар мисоли поён масофаи воқеъ гардидани топонимҳои таърихиро дар ҳудуди воҳаи Сурхон нишон дода, дар канори дарёи Ому, ки шакли арабияш Ҷайҳун аст, ба таври зайл нишон медиҳад: «Ва дар тавобеи ин мамлакат осори имороти қадима бағоят фаровон аст, хусусан, ба тарафи ҷанубии он ки то ба лаби Ҷайҳун ва шаҳри Тирмиз миқдори ҳафт фарсах аст тамоман, осори абнияи қадима мавҷуд аст. Алалхусус, ба шаҳри Тирмиз манораҳои бузурги рафеъ, мадорису масоҷид ҳама бо тоқу равоқ ва пештоқҳои музайян, ба кошинҳои ғайримуқаррар ҳама ҷо мавҷуд аст. Як гунбади сангин ва хонақоҳ ба сари мазори Шайх Абдулҳакими Тирмизӣ, ба лаби наҳри Ҷайҳун мавҷуд аст ва миқдори ду фарсах аз канори наҳри мазкур ба тарафи шимолии наҳри мазкур манорае боқӣ аст, ки рифъати бештар аз сӣ заръ алон меояд, боқист» [4, с.106].

Дар ҳудуди воҳаи Сурхон чандин топонимҳои ифодагари номи деҳа, шаҳрак ва шаҳру ноҳияҳои ин воҳаро муаллифи асар барои баёни андешаи худ ба таври зайл оварда, дар он маҳалҳо зиндагӣ кардани чандин гурӯҳи этникиро зикр мекунад: «...аз лаби наҳри Ҷайҳун то қарияи Ангор, ки миқдори чаҳор фарсах масофат дорад, ҳама мамлу аз осори абнияи қадима аст, ки аз он ҷо то маркази ҳукумати вилояти Шеробод се фарсах мемонад. Ҳама ҳайати мадорису масоҷиду иморот боқӣ аст. Оби Деҳнаву Қалуқ ва Бурчию Сангардак ва дарёи Туфаланг ба ҳам пайваста маҷмуи онҳо як дарёи азиму заххор гардида, баъд аз он мусаммо ба Сурхон гардида, шимолан ва ҷанубан ҷараён намуда, омада аз қарияи Чангалариғ ба дарёи Ҷайҳун мерезад. Дар мавзеи мусалласаи байни ду дарё ва маҷмаулбаҳрайн қарияи Чангалариғи онифулбаён воқеъ аст, ки аҳолии он қабилаи шоҳии туркман аст. Қарияи мазкура ба тарафи шимоли наҳри Ҷайҳун ва ба канори шарқии Сурхон воқеъ гардидааст. Ва қарияи Солеҳобод, ки алъон маъруф аст ба салоб, дар канори шимолии наҳри Сурхон воқеъ гардидааст. Ва харобаи шаҳри Тирмиз, ба канори шимолии наҳри Ҷайҳун ва ба канори ғарбии наҳри Сурхон ба мусалласаи маҷмаулбаҳрайн воқеъ гардидааст. Дар солифуззамон дар Тирмиз аз дарёи Сурхон об меомадааст. Алъон низ аҳолии Солеҳобод ва Чангалариғ ва қарияҳои дигар аз наҳри Сурхон ҷӯйҳо канда, обро оварда зироат менамоянд. Замини он ҷо

бағоят қобили зироат аст. Шаҳри Тирмиз дар муҳозии Мазори Шариф аст. Канори ҷанубии наҳри Ҷайҳун маҳкуми афоғина ва қарияҳои Тошкӯрғон ва Мазор аст. Ва тиҷорати вилояти Шеробод ва зироати он бағоят равнақдор аст. Аҳолии он, тамоман, қабоили атроки қунғурот аст. Ва сари бозор ва аҳолии раставу шаҳри он ҳама тоҷик ва баъзе фирориҳои афоғина аст. Қадамгоҳи Саъди Ваққос фотеҳи ислом ва саҳобаи киром разияллоҳу таъоло анҳу дар он ҷост. Ба даруни қӯрғони он микдори яксад хонавори яҳудӣ мутаваттин, ба эҳтикору рибохорӣ машғуланд. Ба маркази ҳукумати ин вилоят ду масоҷиди идайн ва ҷумъахонӣ ва чиҳилу панҷ адад масоҷиди панҷвақтӣ мавҷуд аст. Яке аз аҷоиби ин вилоят он, ки кӯҳи Нондаҳана ба монанди сур ва қалъа атрофи шаҳри мазкурро шимолан иҳота намудааст, ки сивои Нондаҳана мадхали дигар шимолан надорад. Ва куллияи нуфуси ин мамлакат миқдори ҳаштод ҳазор хонавор аст, тамоман қабоили атроки ӯзбакияи омадааст ва ҷузъе микдори тоҷику афғон дорад» [4, с. 108].

Тибқи маълумоти муаллифи асар «аҳолии қӯрғону атрофу акнофи он аҳли тамаддун ба ҳавлӣ ва буют истиқомат доранд, аммо аҳолии қурои он аксар аҳли хаймаву хиргоҳанд, хусусан ҷамоаи қунғуроти он» мебошанд. Боз ҷиҳатҳои иҷтимоиву иқтисодии мардумро нишон дода чунин меафзояд: «Ва аҳли раставу бозори он аксар аҳли сарвату тиҷоратанд. Аҳолии дашту бодияи он аксар ғалладоранд. Масофаи ин вилоят то Бухорои Шариф чиҳилу ду фарсах аст. Ба кунҷи ҷанубии шарқии Бухоро воқеъ аст. Фавоқеҳи ин мамлакат ба ҳадди вуфур ва ба шаҳду ширинӣ машҳур умуман ва харбузаи он, хусусан ширинии беадилу беназир аст» [4, с.108].

Дар асари номбурда, инчунин, фасле бо унвони «Зикри ҳукумати вилояти Бойсун» мавҷуд аст, ки дар ин фасл роҷеъ ба вилояти Бойсун ва мавзеъҳои гирду атрофи он муаллифи асар баёни андеша мекунад. Аз ҷумла, роҷеъ ба муҳити ҷуғрофии ин мавзеъ чунин овардааст: «Ин мамлакат дар батни ҷиболу ба ҷабҳаи кӯҳистон аст. Ҳудуди арбааи он ҳама ақабаҳои шомих ва кӯталу қуллаҳои рафеъ аст, мисли кӯҳи Кетманчоптӣ ва Кутур ва Пил ва Буритахтӣ ва амсолу золика. Ва кӯҳҳои онифулбаён рафеътарин ва машҳуртарин кӯҳистони вилояти Бойсун аст. Ин вилоят дар солифуззамон ба яду тасарруфи калонони қабилаи қунғурот буда, аз ҷиҳати камоли табаият ва инқиёд ба давлати Бухоро ҳар сола туҳфаву ҳадоё медодааст» [4, с. 108].

Дар воҳаи Сурхон зиёд будани оби равон, парандаву чаранда, табиати хушу гуворо, манзараи зебо, мавҷуд будани қурғону қасрҳо, иқлими гармову сарморо муаллифи асар зикр карда, онҳоро ба таври зайл меоварад: «Дар ин мамлакат чашмаву уюн бағоят фаровон аст. Ин вилоят дар обшориву нузҳату сафо ғайрати хулди барин (биҳишти аъло – Т. М.) ва рашки ҷаннотин таҷрӣ мин таҳтиҳаланҳор аст, хусусан дар фасли рабеъ бағоят дилкашу фараҳбахш аст. Туюри (парандаҳо – Т. М.) он ба ҳадди вуфур аст. Хусусан, кабки он ба ниҳояти дараҷа фаровон аст. Кабки он анвоъ дорад. Машҳуртарини он маъруф ба каклак, ба каклик ва навъи ғайримашҳури он кабки ҳилол ва кабки дарӣ ва кабки чилнаҳри он аз кӯҳи Маччӣ ва Кантала меояд. Оби он софу гуворо, мисли оби он ширину соф дар тамоми кӯҳистони ҳисорот нест. Сонии иснайни оби ҳаёт аст. Ва ҳавои он фараҳфизо ва дилкаш аст. Лиҳозо ин вилоят ҳуснхез аст, аҳолии он зукуран ва иносан ба латофату назокат ғайрати туркони Чигилу рашки хубрӯёни Чин аст. Тамоми булдону амсори ҳисорот мисли он вилоят ҳуснхез нест. Қурғони ин вилоят аз осори абнияи қадима аст, ба замини мусаттаҳ воқеъ аст. Наздиктарин кӯҳи он кӯҳи Кетманчоптӣ аст. Барфи он айёми гармо ва тобистон низ мавҷуд аст. Роқими савод дар санаи 1325 он ҷо гузорам афтод ва ҳамон рӯз чаҳордаҳуми моҳи ҷавзо буд, ки нузули барф дар он кӯҳ шуда буд. Ва дар фавқи он кӯҳ, ки баромадан мутааззир (душвор, мушкил – Т. М.) аст, аз ҷиҳати изҳори заъф, дар он ҷо тӯлан се газ ва арзан ду газ тахминан ҷойро кофта ба даруни он ба муҳозии вилоят тасвире нақш намудаанд, аз камоли рифъату баландӣ шабаҳи он андак маръӣ мегардад» [4, с. 109].

Метавон асари мазкурро як навъ асари мардумшиносӣ номид, зеро дар он доир ба зиндагии қавму қабилаҳо ва халқу миллатҳои зиёди минтақа, аз ҷумла воҳаи Сурхон маълумоти ҷолиби диққатро меоварад. Дар бораи фаъолияти иҷтимоии онҳо санадҳои

дақиқро нишон медиҳад ва бо миқдори хонавори онҳоро нишон медиҳад, ки ин навиштаҳо як навъ сарчашмаи ономириро мемонад. Пас, хулоса кардан мумкин аст, ки «Таърихи ҳумоюн»-ро асари фарогирии маълумоти оморӣ низ номид. Дар бобати теъдоди дарёву чашма, ҷойному қурғонҳо, теъдоди аҳолӣ ва ҳайати он аз нигоҳи этникӣ ба таври мушаххас бо рақамҳо суҳбат кардани муаллифи асар ин андешаи моро тақвият медиҳад: «Аҳолии ин мамлакат ду фирқаанд: аҳолии қурғону боғот ва финои шаҳри он аксар тоҷик, машҳур ба қабилаи чиғатой ва аммо аҳолии дашту бодия аксар қабилаи қунғуротия, тамоман узбаканд, аҳолии раставу бозори он ҳама аҳолии вилояти Қаршӣ аст. Мардумони атрофи қӯрғони он тамоман фақиранд, аммо мардумони бодия аксар ғалладоранд ва аҳли сарвати он фаровон аст. Зироати ин мамлакат хуб аст, атрофу акнофи шаҳри он ҳама басотину боғот аст. Ва зироати дашти он ҳама лалмӣ аст. Ҳарсола аз ҳубуботи он ба хориҷа бисёр ҳамлу нақл мешавад. Ва дар ин вилоят ҷузъе миқдори яҳудӣ мавҷуд аст, ба эҳтикор ва рибохорӣ машғуланд. Ва аз содоти зулэҳтироми сайидатоӣ ва мирҳайдарӣ миқдори ду ҳазор хонавор дар ин марзу бум калҷародилмунташир афтодаанд. Аҳолии ин вилоят пуршӯру ғавғоанд, умуман, аҳолии Кутур ва Панҷобу Сайроб ва Чангоб, хусусан, ба фитнаву фасод кашшамси фи васатиннаҳори маъруфу маълуманд. Дар ин вилоят доғулии ғуборро нисбат ба Кутур медиҳанд. Қарияи Кутури он, ки машҳур ба Катар аст, қарияи аҷиб аст. Ба болои кӯҳи азими Кутур миқдори се ҳазор хонавор мардумони тоҷик сукно доранд. Ба болои он кӯҳ ғайр аз аҳолии он каси дигар баромада наметавонад, ҳатто ғайр аз аспу маркаби онҳо савории дигар низ баромада наметавонад. Як тараф кӯҳи рафеи сар ба Сурайё кашида ва як тарафи дигар аз асфалуссофилин (табақаи чуқуртарин, яъне ҳафтумин дӯзах) пасттар аст» [4, с. 110]. Дар ин маълумоти муаллиф, ҳамчуни дар кӯҳистони баланд сукунат доштани тоҷикон зикр мегардад, ки мардуми кӯҳистон ва шаҳрнишину боғдор будани онҳоро собит мекунад.

Барои исботи андешаи боло боз дар мисоли поён муаллиф дар бобати мавзеъҳои кӯҳӣ ва ҳамҳудуд будани онҳо ва муносибати тоҷириву кишоварзӣ доштани онҳоро ба тафсил зикр мекунад ва мардуми Сурхонро бо кадом навъ маҳсулот додугирифт карданашонро нишон медиҳад: «Ба сари роҳи Шеробод дар тарсеи як манзили Шеробод воқеъ аст. Аҳолии ин қария ба роҳзанӣ ва қуттоъуттариқӣ машҳуранд. Дар ин қария чашмаи обест, ки манбаи он аз доманаи кӯҳи Сусизтоқ, дар васати ин қария набаъон (сарчашма –Т.М.) менамояд. Ба сари он чашма дарахти чаноре аст сабз, андаруни он дарахт муҷавваф (миёнтиҳӣ – Т. М.) ва ковок аст. Дар ҷавфи он мактабхона намудаанд, микдори 20 адад кӯдаки атфол ба хондан машғуланд маъа (бо – Т. М.) муаллим. Дар таърихи 1319 роқими савод ба он ҷо расидам ва даромада мушоҳида намуда баромадам. Ин вилоят бағоят васеъ ва касируларозӣ аст. Ҳудуди шимолии он ба кӯҳистони Хузор мерасад. Шарқи он мулосиқи Деҳнав аст, ҷанубан миёнаи наҳри Кофарниҳон ва Сурхон то ба канори наҳри Ҷайҳун мерасад ва ғарбии он то кӯҳи Тошқалъа мерасад. Бодия ва ҷазоири бисёр дорад. Ва ҳокими ин вилоят як нафар, аммо қозии он ду нафар аст, яке қозии Бойсун ва дигаре қозии Деҳпораканд аст. Куллияи саканаву раияи он тамоман як лаку бист ҳазор хонавор аст. Ба даруни қурғону финои он чаҳор масоҷиди идайн ва ҷумъахонӣ дорад ва ду адад мадрасаи сангин дорад. Ва ҳаштод адад масоҷиди панҷвақтӣ дорад ва як мадраса, аз ин абнияи қадима аст, ки авқофи бисёре дорад. Ба атрофи қурғони ин вилоят ба лаби наҳри Бойсун ҷоест машҳур ба Чаҳор чанор, дар баландӣ ва тамоми боғот ба пастӣ. Мадди назар то ҷое, ки расад, ҳама ҷо басотину боғот аст, бағоят фараҳфизову дилкушо аст. Ва дар ин мамлакат ҳайвонест (ҳашарот – Т. М.) кӯчак, монанди кирми харобтани пашмдор, ба шаб мисли оташ маръӣ мегардад, касе, ки аз он ҳайвон бехабар бошад, ба шаб ба таҳти по чанд бор оташро мебинад. Баъд аз он, ки ба ҳақиқати он воқиф гардид, медонад, ки он кирм аст валлоҳу яхлуқу мо яшоу. Ҳашаротуларзи ин мамлакат кам аст, назар ба атрофи он аз камоли хушҳавоӣ дар мавсими тобистон касе ба ях ва ашёи мубаррид муҳтоҷ намегардад ва оби дарёи он сардтар аз барфу ях аст. Ва шикори вуҳушу туюри он фаровон аст. Дар қарияи Дарбанд ба танга даҳ адад кабк медиҳад. Аксари аҳолии он сайёд аст. Тамоми Дарбанд ба канори наҳри мазкури онифулбаён ҳама боғу басотин аст ба маолу мазмуни ояти каримаи «Фиҳимо фокиҳатун ва нахлун ва руммон»

мамлу аз фавоқеҳ аст. Агар дар тамоми кураи арз мисли Дарбанд хушҳаво ва фараҳфизо нест, гуфта бошам, умед аст, ки муболиға набошад..., лекин аҳолии он дар ниҳояти дараҷаи ҷаҳланд, дар панҷ ҳазор хонавор, сад нафар, балки даҳ нафар хонову нависо ёфт намешавад. Масофаи ин вилоят то Бухоро миқдори чиҳилу ду фарсах аст. Ба тарафи кунҷи шарқӣ ва ҷанубии Бухорои Шариф воқеъ аст ва ба канори наҳри Ҷайҳун дар миёнаи наҳри Сурхон ва Кофарниҳон миқдори ду ҳазор хонавор қабилаи шоҳии туркман раоё дорад, ки ин қабоил машҳуранд ба туркмони Сурхон. Ин ҳадди ҷанубии вилояти Бойсун аст» [4, с. 111].

Ин маълумот дар бораи мавзеи Бойсуни воҳаи Сурхон ва деҳаҳои гирду атрофи онҳо буд, ки ин гуфтаҳо воқеият дорад ва мо баъди сад соли ин гуфтаҳо аз ин ҷоҳо дидан кардем, ҳамон ашёву ҳамон манзараро бо чашми худ дидем. Дар ҳақиқат, деҳаҳои Дарбанду Сайроб ва Панҷоб аз деҳаҳои бостонии тоҷикнишини ин мавзеъ маҳсуб меёбанд ва ҳоло низ тоҷикон умр ба сар мебаранд.

Адабиёт

1. *Алимӣ, Ҷ. Ташаккул ва таҳаввули микротопонимияи минтақаи Кӯлоб. / Ҷ. Алимӣ. – Душанбе, 1995. – 196 с.*
2. *Бартольд, В.В. Чаганиан. // Соч., Т. III. / В.В. Бартолд. – М., 1965. – С. 484.*
3. *Бартольд, В.В. Гиссар (Хисар).// Соч., – Т. III. / В.В. Бартолд. – М., 1965. – С. 484.*
4. *Гулшанӣ, Муҳаммад Содиқхоҷа. Таърихи Ҳумоюн. /С.М. Гулшанӣ. – Душанбе: Пайванд, 2006. – 168 с.*
5. *Ёқубов, Ю. Шумон. // ЭСТ. / Ю. Ёқубов. – Душанбе, 1988. – Ҷ.8. – С. 164.*
6. *Лившитс, В. Согдийские слова в таджикском языке / В. Лившитс. – Душанбе, 1967. – 68 с.*
7. *Мирхонд. Равзат-ус-сафо. Ҷ.VI. / Мирхонд. – Теҳрон, 1961.*
8. *Муҳаммадҷон О. Баррасиҳо дар номашиносии тоҷик // О. Муҳаммадҷон. – Душанбе, 2004. – 104 с.*
9. *Суханронии Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати 3000-солагии маданияти Ҳисор [Манбаи электронӣ]. – URL: https://khovar.tj/2015/10/suhanronii-emomal-ra-mon-ba-munosibati-3000-solagii-madaniyati-isor/ (Санаи мурочиат: 10.05.2024).*
10. *Тошев, А. Ҳисор // ЭСТ / А. Тошев. – Душанбе, 1988. – Ҷ.8. – С. 397.*
11. *Тӯраев, Б. Б. Антропонимҳои ҷуғрофии субстрати суғдӣ дар қаламрави Панҷакенти бостонӣ / Б. Б.Тураев // Суханшиносӣ. – Душанбе: Дониш, 2020. – №2. - С. 26-39.*
12. *Фарҳанги забони тоҷикӣ. – М.: СЭ, 1969. – Ҷ.1. – 908 с.я; Ҷ.2. – 910 с.*
13. *Ҳомидов, Д. Топонимияи водии Кешрӯд / Д. Ҳомидов. – Душанбе, 2014. – 164 с.*
14. *Шарофуддинов, С. Инъикоси таърихи Ҳисор дар осори таърихӣ / С. Шарофиддинов. // Забон ва ҷомеа [маҷмуаи мақолаҳо]. – Душанбе: Деваштич, 2006. – С. 118-125.*
15. *Чағониён // ЭСТ. Ҷ. 8. – Душанбе, 1988. - С. 63.*

ТОПОНИМҲОИ ВОҲАИ СУРХОН ДАР «ТАЪРИХИ ҲУМОЮН»-И МУҲАММАДСОДИҚХОҶАИ ГУЛШАНӢ

Дар мақолаи мазкур муаллиф топонимҳои воҳаи Сурхонро, ки дар китоби «Таърихи ҳумоюн»-и Муҳаммадсодиқхоҷаи Гулшанӣ оварда шудаанд, мавриди таҳқиқ қарор додааст. Тавре ки омӯзиши мақола нишон медиҳад, дар асари зикршуда асосан топонимҳои ҳудуди воҳаи Сурхон, ки топонимҳои ифодагари номи деҳа, шаҳрак ва шаҳру ноҳияҳои воҳаи мавриди назар мебошанд, бештар ба кор рафтаанд. Инчунин дар ин асар номи дарёву ва вилоятҳои ҳамон давра зикр гардидааст. Муаллифи мақола кӯшиш намудааст, ки бо истифода аз мисолҳои зиёд тамоми топонимҳои марбути воҳаи Сурхон, ки онҳо номи шаҳру навоҳӣ, вилоят, дарёву дарёчаҳо ва маконҳои зист мебошанд, дар мақолаи худ муаррифӣ намояд.

Калидвожаҳо: “Таърихи ҳумоюн”, топонимия, микротопонимия, ҷойномҳо, номвожаҳои ҷуғрофӣ, макони зист, Сурхон, воҳа, вожа, луғат, калимаҳои арабӣ, мардумшиносӣ.

ТОПОНИМЫ СУРХАНСКОГО ОАЗИСА В «ТАЪРИХИ ХУМОЮН» МУХАММАДСОДИКХОДЖИ ГУЛШАНИ

В данной статье автор исследовал топонимы Сурханского оазиса, которые представлены в книге Мухаммада Садыкходжи Гулшани «Таърихи хумаюн». Как показывает изучение статьи, в

указанной работе преимущественно используются топонимы территории Сурханского оазиса, являющиеся топонимами, представляющими собой названия сел, поселков, городов и районов рассматриваемого оазиса. В этом произведении также упоминаются названия рек и регионов того же периода. Автор статьи постарался на многих примерах представить в своей статье все топонимы, относящиеся к Сурханскому оазису, которые представляют собой названия городов, районов, областей, рек и мест проживания.

Ключевые слова: “Таърихи хумаюн”, топонимия, микротопонимия, топонимика, географические названия, место жительства, Сурхан, оазис, слово, словарь, арабские слова, фольклор.

TOPONYMS OF THE SURKHAN OASIS IN “TARIKHI HUMOYUN” BY MUHAMMADSODIKHODZHI GULSHANI

In this article, the author examined the toponyms of the Surkhan Oasis, which are presented in the book by Muhammad Sadykhodzhi Gulshani “Ta'rikhi humoyun”. As the study of the article shows, the specified work mainly uses toponyms of the territory of the Surkhan Oasis, which are toponyms representing the names of villages, towns, cities and districts of the oasis in question. The names of rivers and regions of the same period are also mentioned in this work. The author of the article tried to present in his article, using many examples, all the toponyms related to the Surkhan Oasis, which are the names of cities, districts, regions, rivers and places of residence.

Keywords: “Tarikhi Humoyun”, toponymy, microtoponymy, toponymy, geographical names, place of residence, Surkhan, oasis, word, dictionary, Arabic words, folklore.

Дар бораи муаллиф
Турсунова Мунаввара Аъзамовна
Номзади илмҳои филологӣ, омӯзгори калони каф. методикаи таълими забон ва адабиёт Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
E-mail: omuzgori22@gmail.com

Об авторе
Турсунова Мунаввара Аъзамовна
Кандидат филологических наук, старший преподаватель кафедры методики преподавания языка и литературы Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
E-mail: omuzgori22@gmail.com

About the author
Tursunova Munavvara A’zamovna
Candidate of Philological Sciences, senior lecturer at the Department of Methods of Teaching Language and Literature Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
E-mail: omuzgori22@gmail.com

ТДУ 809.155.0+804.0

ТАҲЛИЛИ МУҚОИСАВИИ ВОҲИДҲОИ ФРАЗЕОЛОГИИ ПОВЕСТИ «МАКТАБИ КУҲНА»-И САДРИДДИН АЙНӢ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА ФАРОНСАВӢ

Ҳалимова Р. А.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Ҳадаф аз таҳияи мақолаи мазкур таҳлили баъзе хусусиёти ибораҳои фразеологии повести «Мактаби куҳна»-и Садриддин Айнӣ буда, дар мисолҳои забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ аз нуқтаи назари тарҷума таҳлилу баррасӣ мешаванд. Илова бар ин, масъалаи мазкур шомили бознигарии тафовуту монандии ибораҳои фразеологӣ ва дигар қисматҳои ҷумла дар забонҳои мавриди таҳқиқ ба шумор меравад. Бо вуҷуди ин дар солҳои охир оид ба масъалаи омӯзиши муқоисавии воҳидҳои фразеологии забони тоҷикӣ бо забонҳои дигар, махсусан забони фаронсавӣ як қатор корҳои назаррас ба сомон расидаанд.

Чунон ки ба ҳамагон маълум аст, ду ва ё зиёда калимаҳои мустақилмаънои ба ҳам алоқаманд, ки маънои бутун ва образнокро ифода мекунанд, ибораи фразеологӣ ё худ воҳиди фразеологӣ номида мешаванд. Дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ фразеологизмҳо махсусан дар нутқи гуфтугӯйӣ мавриди истифодаи зиёд қарор гирифта, онҳо дар ҳаёти рӯзмарраи мардум ба таври васеъ истифода мегарданд.

Аз ин лиҳоз, воҳидҳои фразеологӣ бо тарзи тафаккури халқҳо робитаи зич дошта, аз мероси аҷдодӣ ё худ мероси миллии халқ шаҳодат дода метавонанд. Ҳамин аст, ки воҳидҳои фразеологӣ хазинаи миллии халқ ва мероси гаронбаҳои беохири миллии онҳо ба шумор рафта, дар радифи жанрҳои эҷодиёти даҳонакии халқ - афсонаву ҳикоёт, мақолу зарбулмасал ва ғайраҳо байни онҳо мавқеи хосаеро ишғол менамояд.

Забонҳои тоҷикӣ ва франсавӣ ба оилаи забонҳои ҳиндуаврупоӣ дохил шуда, яке аз забонҳои пурғановати ҷаҳон ба шумор мераванд. Сохтори забонҳои фавқуззикр ба якчанд сатҳи мустақил, аз қабили фонетика, морфология, лексикология ва синтаксис ба монанди инҳо ҷудо шуда, ҳар яке аз инҳо маҷмуи воҳидҳои хоси бинокории ин воситаи муҳимро дар бар гирифта, дар илми забоншиносии муосир ҳар яке фанни алоҳида ба шумор рафта, мавриди омӯзиши махсус қарор дода шудаанд. Яке аз ҳамин гуна самтҳои мустақили забонро ҳамчунин метавонад фразеология ё ибораҳои рехта ташкил диҳад, ки воҳидҳои онро ба истилоҳоти «фразеологизмҳо», «таъбироти фразеологӣ», «воҳидҳои фразеологӣ» ва амсоли инҳо ном мебаранд.

Калимаи фразеология юнонӣ буда, аз решаҳои **phrasis** (ибора) ва **logos** (таълимот) таркиб ёфтааст. Фразеология илмест, ки маҷмуи ифодаву ибораҳои рехтаву устуворро ҳамчун воҳидҳои таркибии системаи забон меомӯзад» [3, с. 4].

Ҳангоми таҳияи мақолаи мавриди таҳқиқ ба мо муяссар гардид, ки муқоиса ва таҳлили ибораҳои рехтаи «Мактаби куҳна»-и Садриддин Айниро дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ дида бароем. Зеро хусусияти фарқкунандаи ибораҳои рехта, ки онҳоро аз дигар намуди ибораҳо фарқ кардан зоҳир мегардад, ҷузъҳои таркибии онҳо пурра ба маънои маҷозӣ меоянд, ба маънои аслии худ омада наметавонанд. Бинобар ин, тасмим гирифтем якчанд ибораҳоро аз повести дар боло зикргардида ва ҳамзамон осори дигари аз тоҷикӣ ба фаронсавӣ тарҷумагардида дар ҳарду забон (тоҷикӣ ва фаронсавӣ) дида бароем.

Ибораи «**Дили касе ба касе, чизе сӯхтан».** Ибораи мазкур дар қисмати аввали асари Фозилов М.: «Фарҳанги ибораҳои рехтаи забони ҳозираи тоҷик» маъноҳои зеринро доро мебошад:

1. ба касе, чизе тараҳҳум, дилсӯзӣ кардан, ғамхӯрӣ кардан, 2. ба ҳоли касе афсус хӯрдан [6, с. 359].

Мисол: Аммо ту он вақтҳо бисёр хурд будӣ; дили ман ба ту бисёр месӯхт, ки дар мактаб бисёр азоб хоҳӣ кашид, … [1, с. 6]. - Mais tu étais encore si petit, que la pitié entra dans nos cœurs, et nous t’avons gardé à la maison, …[10, с. 7].

Дар мисоли забони тоҷикӣ ибораи **дил сӯхтан** истифода гардида, ғамхории модар нисбат ба фарзанд нишон дода шудааст. Дар тарҷумаи фаронсавӣ бошад ибораи мазкур тавассути калимаҳои **la pitié entra dans nos cœurs** тарҷума гардидааст, ки агар мо инро ба ибораи аслии тоҷикӣ муқоиса намоем, ягон намуд ибора дар тарҷума нишон дода нашудааст. Тарҷумаи **la pitié entra dans nos cœurs** чунин аст: Таассуф (афсус, раҳм) дар дилҳои мо даромад. Яъне бо ин тарҷумон мехоҳад баён намояд, ки дар дили волидайн раҳму шафқат даромад ва онҳо ӯро дар хона гузоштанд.

Ин ҷо агар хоҳем калимаҳои додашударо ба гурӯҳи ибора дохил намоем маънои «ба дили касе чизе даромадан»-ро медиҳад, ки ин таркиб бо вуҷуди маънои ибораро додан, дар забони тоҷикӣ ба гурӯҳи ибораҳои рехта дохил нагардидааст.

Мисоли дигар: Аммо дили ман ба ҳоли онҳо месӯхт, зеро ҳеҷ кадоми онҳо ба бозӣ раҳбарӣ накарда буданд, ҳамаи корҳоро худи халифа карда буд ва боз худи ӯ онҳоро бардурӯғ ба мактабдор хабаркашӣ кард [1, с. 17]. - Je ressentais une grande pitié, car aucun d’entre eux ne s’était distingué particulièrement dans le jeu — tout cela était de l'invention de Khalifa, et c’est lui qui les avait calomniés auprès du maître [10, с. 17].

Агар ҷумлаи забони фаронсавиро таҳтуллафз тарҷума намоем, чунин маъноро медиҳад: Ман дубора эҳсоси раҳмдилии бузург мекардам, зеро касе аз байни онҳо махсусан дар бозӣ муайян нашуда буд – ҳамаи ин ихтирои Халифа буд, ин вай ҳаст, ки онҳоро дар назди муаллим туҳмат кард. Ин ҷо мебинем, ки тарҷумон ба мақсади аслии худ расида, ҷумлаи забони тоҷикиро ба фаронсавӣ хуб тарҷума намудааст.

Бояд қайд намоем, ки мақсад аз таҳлили ҷумлаи мазкур дар муқоисаи ибораҳои додашуда дар ҳарду забон мебошад, ки новобаста аз баъзе тағйирот дар тарҷумаи фаронсавии ҷумла ибораи «раҳм (дилсӯзӣ, тараҳҳум) кардан» бараъло мушоҳида мешавад.

Ибораи **«дар хотир доштан»** низ ба монанди ибораи дар боло зикршуда дар қисмати аввали «Фарҳанги ибораҳои рехтаи забони ҳозираи тоҷик» маъноҳои**: «**фаромӯш накардан, дар ёд нигоҳ доштан»-ро медиҳад [6, с. 405]. Ин ибора дар луғати «Dictionnaire tadjik-français»-и Шокир Мухтор, Худойқул Ибрагимов ва дигарон бо феълҳои se rappeler, se souvenir [11, с. 179] тарҷума гардидааст.

Мисол: Ҳоло ман дар хотир надорам, ки дар он мактаб он вақтҳо чӣ қадар шогирд буд [1, с. 7]. - Je ne me rappelle plus combien il y avait d’élèves [10, с. 7].

Дар мисоли мазкур ибораи «дар хотир доштан» истифода гардида, ин ибора дар забони франсавӣ бо феъли ҷонишиндори «se rappeler» дар шакли инкорӣ тарҷума гардидааст, ки маънои он ба ибораи додашудаи забони тоҷикӣ ба пуррагӣ мувофиқат мекунад. Агар мо баъзе калимаҳои боқимондаро низ таҳлил карда бароем, маълум мегардад, ки дар тарҷумаи забони фаронсавӣ ба ҷойи калимаи «ҳоло» калимаи «plus - дигар» истифода шуда, ба тарҷумаи ҷумла ягон халал ворид намекунад. Ҳамчунин мебинем, ки дар тарҷумаи фаронсавии ҷумла қисмати «дар он мактаб он вақтҳо» тарҷума нагардидааст. Маълум мегардад, ки ин калима дар ҷумлаҳои дигар ифода гардидааст, ё ин ки вобаста матн маънидод карда шудааст.

Мисоли дигар: Аммо мактабдор ба ин кор роҳ надод ва дубора чӯби калони худро бардошта, онҳоро ба ёд овард, яъне онҳоро ба хондан даровард... [1, с. 15]. - Pourtant, le maître ne laissa pas regner le silence, il leva son long baton, et se mit à taper sur les têtes [10, с. 15].

Дар тарҷумаи асл ибораи «ба ёд овардан» истифода шуда, тарҷумон дар қисмати забони фаронсавӣ на феъли «**se rappeler»** ва на **«se souvenir**»-ро, ки ҳарду ҳам тарҷумаи **ба ёд овардан, ба хотир оварданро** медиҳанд, истифода накардааст. Яъне агар мо ин ҷо ҷумлаи забони фаронсавиро дида бароем, чунин тарҷумаро медиҳад: Аммо, омӯзгор иҷозат намедод, ки хомӯшӣ ҳукмфармо бошад, вай чӯбдасти дарозашро бардошта, ба болои сарҳо заданро шуруъ кард.

Дар тарҷумаи фаронсавии ҷумла ба ҷойи ибораи «чӯби калон»-и тоҷикӣ, ибораи «long baton» истифода шуда, маънои «чӯби дароз»-ро медиҳад, ки ин ҷо нисбат ба ҷумлаи асл

тарҷумаи он мазмунан дурусттар омадааст. Ҳамчунин ба ҷойи калимаҳои «...онҳоро ба ёд овард, яъне онҳоро ба хондан даровард» тарҷумон ибораҳои «...se mit à taper sur les têtes» овардааст, ки маънои «...ба болои сарҳо заданро шуруъ кард»-ро медиҳад. Маълум мегардад, ки дар ҳарду мавриди ҳам мақсади мактабдор барои такрор кунондани дарс иҷро гардидааст.

Ибораи **«чӯб хӯрдан»** дар «Фарҳанги ибораҳои рехтаи забони ҳозираи тоҷик» ба маънои «зада шудан, ҷазо дидан, калтак хӯрдан» кор фармуда мешавад [7, с. 442]. Ин ибора дар луғати «Dictionnaire tadjik-français»-и Шокир Мухтор тавассути ибора ва феълҳои «**être puni-ҷазо дидан, bâtonner-чӯб задан, châtier-сахт ҷазо додан»** тарҷума гардидаанд [11, с. 316-318].

Мисоли дигар: Мо имрӯз аз мактаб озод шуда будем. Ман дар умри худ ду озодиро дидам, яке соли 1917 дар вақте ки 42 сола будам, аз зиндони амир, баъд аз 75 **чӯб хӯрдан**, дуюм дар вақти шашсолагиам, он рӯзе, ки аз мактаб озод шуда будам [1, с. 20]. - Fini pour aujourd'hui! Dans ma vie, j 'ai éprouvé deux delivrances: une, en 1917, lorsque j'avais quarante-deux ans et que je fus libéré des geôles de l'émir, après avoir reçu soixante-quinze coups de batons; la deuxième, lorsqu'a six ans, je fus délivré des leçons à l'école [10, с. 19].

Бинобар сабаби ба ибораҳои рехта тааллуқ доштани мақолаи мавриди таҳқиқ, бояд аввал таҳлилу баррасии ибораҳои рехтаро дида бароем. Масалан, дар мисоли фавқ ибораи «чӯб хӯрдан» истифода шуда, ин қисматро тарҷумон дар забони фаронсавӣ чунин тарҷума намудааст: «après avoir reçu soixante-quinze coups de batons». Агар мо ин қисмати ҷумларо тарҷумаи таҳтуллафз намоем, маънои «пас аз қабули 75 зарбаи чӯб »-ро медиҳад, ки феъли «хӯрдан», ки дар фаронсавӣ тарҷумаи «manger»-ро медиҳад, дида намешавад. Ҳамчунин, дар охири ҷумлаи асл чунин таркибҳо ба назар мерасанд: «...аз мактаб озод шуда будам», ки тарҷумон ин қисматро дар забони фаронсавӣ бо чунин таркибҳо тарҷума намудааст: «je fus délivré des leçons à l'école». Яъне агар ин ҷо мо ба калимаҳои додашуда нигарем, мебинем, ки дар қисмати забони фаронсавӣ исми «leçons-дарсҳо» истифода гардидааст, ки дар ҷумлаи асл дида намешавад. Яъне ба ҷойи «...аз мактаб озод шуда будам» тарҷумон «...аз дарсҳои мактаб озод шуда будам»-ро истифода намудааст, фикр мекунем исми «дарсҳо» ин ҷо ягон нақши муҳим надоранд ва ҳатто зарурати истифодаи онҳо низ набуд.

Мисоли дигар: Аммо боз тарсидам, зеро то он вақт чӯби сахт нахӯрда будам, вақте ки чӯб и мактабдорро дар ҳолате ки ба поям расида истодааст, ба хотир меовардам, кафи пойҳоям хоришкунон сӯзиш мекард, дилам ба пушт мекашид ва нафасам тангӣ мекард [1, с. 22]. - Pourtant, malgré tout, j 'avais un peu peur, car jamais jusqu'ici je n'avais gouté au dur baton. Et lorsque je me représentai celui du maître sur mes talons, j 'en sentis les démangeaisons et les brulures, mon coeur se serra et j'eus le souffle coupé [10, с. 20].

Гарчанде ки дар мисоли гузашта ибораи «чӯб хӯрдан»-и забони тоҷикӣ дар забони фаронсавӣ мувофиқат накарда буд, аммо дар ҷумлаи мазкур мебинем, ки дар забони фаронсавӣ ибораи номбурда ба пуррагӣ тарҷумаи худро пайдо кардааст. Яъне баро тарҷумаи ибора рехтаи «... чӯб и сахт нахӯрда будам...»-и тоҷикӣ тарҷумон чунин таркибҳоро истифода намудааст: «...je n'avais gouté au dur baton...», ки бо вуҷуди каме фарқият дар калимаи «gouter – чашидан (ба ҷойи феъли хӯрдан)» маънои пурраи ибораи рехта тарҷумаи худро пайдо намудааст.

Ибораи «**бад дидан»** маънои «дӯст надоштан, нафрат кардан»-ро медиҳад [6, с.54]. Ибораи мазкур дар забони фаронсавӣ тавассути феълҳои **haïr, détester, abhorrer, execrer** [11, с. 15] тарҷума гардидаанд.

Мисол: Ман аз ин сухани падарам гӯши бурида ва хунолуди мактабдорро, ки ӯро хеле бад дида будам, ба хотир оварда, хеле шодмон шудам, ҳатто ба дили худ гузаронидам, ки:... [1, с. 22]. - Je me réjouis beaucoup de cette promesse, en me représentant le maître détesté avec les oreilles coupées, je rêvai:... [10, с. 20].

Чи тавре ки дар боло номбар кардем, мебинем, ки дар тарҷумаи фаронсавии ҷумла чи гуна образ дода шудааст. Агар мо ин ҷо тарҷумаи фаронсавии ҷумларо дида бароем ва онро таҳтуллафз тарҷума намоем, чунин маъноро дорад: «Ман аз ин ваъда бисёр хушҳолам, ки худро ҳамчун нафратовар бо гӯшҳои бурида тасаввур мекунам, ман орзу мекунам...»

Яъне ба ҷойи калимаҳои тоҷикии «сухани падарам» тарҷумаи « cette promesse - ин ваъда», ба ҷойи «гӯши бурида - avec les oreilles coupées – бо гӯшҳои бурида» омадааст.

Ибораи **«Аз ёд баровардан»** дар саҳифаи 438-и асари Фозилов М. «Фарҳанги ибораҳои рехтаи забони ҳозираи тоҷик» ба маънои «фаромӯш кардан» омадааст [6, с. 438]. Ин ибора дар забони фаронсавӣ тавассути феълҳои «**oublier, se faire oublier, ommetre»** тарҷума мешавад.

Мисол: Ту, ки пули бурёро **аз ёд барорӣ**, чӣ гуна мулло мешавӣ [1, с. 23]? - Si tu **oublies** l'argent, comment pourras-tu te rendre maître de l'art de lire et d'écrire [10, с. 22]?

Дар ҷумлаҳои мавриди таҳлил ҳам дар забони тоҷикӣ ва ҳам дар забони фаронсавӣ ибора ба таври возеҳ дарҷ гардидааст. Танҳо дар ҷумлаи асл ибораи «аз ёд баровардан» ва дар тарҷумаи фаронсавӣ феъли «oublier» истифода шудааст, ки маънои «фаромӯш кардан»-ро медиҳад.

Агар қисматҳои дигари ҷумлаҳои додашударо таҳлил кардан хоҳем, мебинем, ки дар ҷумлаи асл исми «бурё» ва «мулло» истифода шуда, дар тарҷумаи фаронсавӣ исми «бурё» умуман дида нашуда, танҳо ба ҷойи «пули бурё» исми «l'argent» истифода шудааст, ки тарҷумаи «пул»-ро медиҳад. Барои тарҷумаи исми ифодакунандаи ихтисоси «мулло» бошад дар фаронсавӣ «maître de l'art de lire et d'écrire» омадааст, ки маънои «муаллими санъати хониш ва навишт»-ро медиҳад.

Ибораи фразеологии **«(ду) чашм дӯхтан»** дар «Фарҳанги ибораҳои рехтаи забони ҳозираи тоҷик» маъноҳои 1. ба касе, чизе бо диққат нигоҳ кардан, нигоҳ карда мондан, интизор шуда мондан, 2. ба касе, чизе бо нияти бад, бо чашми бад нигоҳ кардан, ба касе, чизе ҳарисона нигаристан, тамаъ кардан-ро медиҳад [6, с. 375]. Ибораи мазкур дар забони фаронсавӣ, аниқтараш дар фарҳанги Шокир Мухтор «Dictionnaire tadjik-français» бо феъли «**regarder»** ва ибораи **«jeter un coup d'œil»** тарҷума шудааст [11, с. 169].

Мисол: Пас гашта даромада, рӯ ба рӯи мактабдор ба ӯ **чашм дӯхта** истодам [1, с. 23]. - Je revins et me plantai devant lui [10, с. 22].

Дар ҷумлаи асл ибораи «чашм дӯхтан» истифода шуда, ба ҷойи феъли «**regarder»** ва ибораи **«jeter un coup d'œil»** дар забони фаронсавӣ феъли ҷонишиндори **«se planter»,** ки маънои **«рост истодан»**-ро медиҳад, истифода шудааст. Яъне агар мо ҷумлаи фаронсавии додашударо тарҷумаи таҳтуллафз кунем маънои «Ман баргашта, дар пеши ӯ рост истодам»-ро медиҳад. Яъне дар тарҷумаи фаронсавӣ на танҳо ибораи «чашм дӯхтан», балки исми «мактабдор» ва таркибҳои «рӯ ба рӯ» ва феъли «даромадан» низ истифода нашудааст.

Ибораи **«чашм кандан».** Дар ҷилди дуюми фарҳанги М. Фозилов зери унвони «Фарҳанги ибораҳои рехтаи забони ҳозираи тоҷик» ибораи чашм кандан маънои «ба чизе, касе дигар нигоҳ накардан, қатъи назар кардан»-ро медиҳад [7, с. 377]. Тарҷумаи ибораи мазкур дар луғати «Dictionnaire tadjik-français»-и Шокир Мухтор ва Худойқул Ибрагимов тавассути ибораи «**detacher les yeux (son regard) de qn»** тарҷума шудааст [11, с. 311]. Ҳам дар тарҷумаи таҳтуллафзӣ ва ҳам дар тарҷумаи мантиқӣ ибораҳо эквиваленти ҳамдигарро дуруст пайдо кардаанд.

Мисол: Ба ин фармони ӯ амал карда даст пеш гирифтам, лекин ба шубҳа афтода аз ӯ **чашм канда**, ба чӯбҳои паси сари ӯ рост истода нигоҳ кардам [1, с. 25]. - Je croisai mes bras sur ma poitrine, un sur l'autre, de façon que les mains touchent les coudes, ainsi que l'exigent le respect et l'attention. Mais, me tenant de cette manière, je regardai avec crainte les batons disposés derrière le dos du maître [10, с. 22].

Агар ҷумлаҳои мазкурро таҳлилу муқоиса намоем, маълум мегардад, ки дар тарҷумаи забони фаронсавӣ ибораи «чашм кандан» ба назар намерасад. Яъне агар ҷумлаи фаронсавиро мустақиман тарҷума намоем, маънои: «Ман дастонамро дар қафаси синаам болои ҳам гузошта, ҳамон тавре ки дастонам ба оринҷҳоям мерасиданд, гӯё эҳтиром ва диққатро нишон медодам. Аммо бо ин тарз истода, чӯбҳои дар пушти мактабдор бударо менигаристам». Маълум мегардад, ки бо вуҷуди «аз мактабдор чашм кандан ва ба чӯбҳои дар пушташбуда нигаристан» тарҷумон истифодаи ибораи «чашм кандан»-ро зарур надонистааст. Бо вуҷуди ин ҳама тарҷумаи фаронсавии ҷумлаи асл мантиқан дуруст омадааст.

Мисоли дигар: Ман ҳам ба ҷои худ рафта, «ҷим, ҳе, хе» гӯён ба такрор даромадам. Лекин ҳоло ҳам **чашмамро** аз афту андоми мактабдор, хусусан аз риши бузвори он **намекандам**. [1, с. 28]. - Je revins à ma place et me mis à répéter: «Djim, khé, khè», **sans quitter du regard** le maître et, surtout, sa barbiche de bouc [10, с. 22].

Дар ҷумлаҳои додашуда бошад ибораи «чашм кандан» дар шакли инкорӣ истифода гардида, дар фаронсавӣ тарҷумон таркибҳои «**sans quitter du regard**»-ро истифода намудааст, ки маъноияш «бе тарки нигоҳ» мебошад.

Яке аз ибораҳои рехтаи нодире, ки дар повести «Мактаби куҳна» ба таври фаровон истифода бурда шудааст ин ибораи **«касеро хармурд кардан»** буда, маънои «касеро сахт ва бисёр задан [7, с. 257]»-ро медиҳад. Ибораи мазкур дар забони фаронсавӣ тавассути феълҳои «frapper, battre qn» тарҷума мегардад [11, с. 76].

Мисол: Агар хабар диҳӣ, - гуфт ӯ, - туро ба бачаҳо фармуда хармурд мекунонам [1, с.32]! - Et si tu dis quelque chose, menaça Khalifa, j'ordonnerai aux autres enfants de faire de toi un «petit tas» [10, с. 29].

Ибораи **«пешонаи худро турш кардан»** маъноҳои**:** 1. чеҳраи худро ғазабомез, қаҳромез намудан, қавоқи худро овезон кардан, 2. бо ифодаи чеҳраи худ норизогӣ баён намудан-ро медиҳад [6, с. 832]. Ин ибора дар забони фаронсавӣ бо феълҳои « **se renfrogner, bouder»** ва ибораи **«faire la tête»** тарҷума мешаванд [11, с. 110].

Мисол: Падарам пешонаи худро қадре турш карда хомӯш истод ва якбора хандакунон ба хатиб нигоҳ карда, гуфт [1, с.46]. - Mon père se tut un instant, en fronçant les sourcils, puis, subitement, il éclata de rire et dit, en regardant l'imam [10, с. 41].

Дар ҷумлаи асл ибораи рехтаи **«Пешонаи худро турш кардан»** истифода шуда, маълум аст, ки тарҷумон низ ба ибораи мазкур диққати махсус дода, ин қисматро бо ибораи «froncer les sourcils» баргардон намудааст, ки тарҷумаи «қавоқ андохтан»-ро медиҳад.

Дар асари М.Фозилов «Фарҳанги ибораҳои рехтаи забони ҳозираи тоҷик» ибораи «**Даст ба гиребон будан»** дарҷ гардида, маъноҳои **«**1. бо шиддат мубориза бурдан; дар талош буданд 2. сахт андармон будан-ро медиҳад [6, с.293]. Ибораҳои мазкур дар забони фаронсавӣ тавассути феълҳои «**lutter – гуштин гирифтан, ҷанг кардан, combattre – задухурд кардан»** тарҷума шудааст [11, с. 146].

Мисол: Ҳар ду гуштӣ гирифтанд. Аммо даст ба гиребон шудани онҳо ҳамон буду ғалтидани мулло ҳамон [1, с. 55]. - Ils s'empoignèrent. Mais à peine s'étaient-ils saisis par leurs cols, que l'étudiant tomba [10, с. 48].

Дар мисолҳои мазкур дар ҷумлаи асл ибораи «**даст ба гиребон будан»** истифода шуда, дар тарҷумаи фаронсавӣ бошад феъли «s'empoigner» истифода гардидааст, ки маънои «ба ҳам дарафтодан, даст ба гиребон шудан»-ро медиҳад.

Забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ яке аз забонҳои пурғановат ва зебову шево ба ҳисоб рафта, онҳо аз воҳидҳои фразеологӣ саршор мебошанд. Дар рафти таҳияи мақолаи мазкур маълум гардид, ки ҳангоми тарҷума кардани воҳидҳои фразеологӣ яз як забон ба забони дигар онҳо фасоҳатеро, ки дар забони асл доранд, аз даст медиҳанд.

Аз баррасии мақолаи мазкур ба чунин хулоса омадем, ки воҳидҳои фразеологӣ яке аз воситаҳои хеле муҳими забон ба шумор мераванд. Онҳо дар забоншиносӣ, ҳамчунин дар осори бадеӣ нақши муҳим мебозанд. Воҳидҳои фразеологӣ ба дурдонаҳои эҷодиёти халқ ворид шуда, ба суханҳо обуранги махсус ва фасоҳат мебахшанд. Дар осори бадеӣ истифодаи ибораҳои фразеологӣ бевосита ба маҳорати нависанда ва ё тарҷумон вобастагӣ дорад.

Солҳои охир забоншиносони тоҷик ба омӯзиши масъалаҳои марбут ба воҳидҳои фразеологӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуда, дар ин замина як қатор таҳқиқоти илмӣ ба анҷом расонидаанд. Ҳамчунин дар доираи муқоисаи байни забонҳои тоҷикӣ ва забонҳои хориҷӣ, аз қабили англисӣ, фаронсавӣ, олмонӣ ва ғайра корҳои илмии назаррас ба анҷом расонида шудаанд, ки боиси пешрафти ин соҳаи илми забоншиносии тоҷик гардид.

Дар мақолаи мазкур илова бар воҳидҳои фразеологӣ, ба масъалаи истифодаи гурӯҳҳои услубӣ ва мавқеи ибораҳои озод низ таваҷҷуҳ зоҳир шудааст. Ҳамчунин дар баробари таҳлили муқоисавии воҳидҳои фразеологии забонҳои тоҷикию фаронсавӣ, таҳлили дигар намуди ибораҳо ва таркибҳо ба назар гирифта шуд.

Пас аз таҳлил кардани услубу бадеияти ибораҳои рехтаи повести «Мактаби куҳна» ва тарҷумаҳои он дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ, мо ба хулосае омадем, ки нависанда пеш аз истифода бурдани ибораҳои рехта ва зарбулмасалу мақолҳо бояд ба моҳияти он сарфаҳм рафта, мавриди истифодаи онро хуб дарк кунад.

Садриддин Айнӣ аз ҷумлаи он нависандагоне ба шумор меравад, ки дар осори гаронбаҳои хеш аз ибораҳои рехта бамаврид ва ҳатто фаровон истифода бурдааст. Дар вақти тарҷума кардани ибораҳои рехта ва зарбулмасалу мақолҳо аз як забон ба якчанд забонҳои дигар аз тарҷумон маҳорати баланди сухандонию бадеиро талаб намуда, тарҷумон низ ба замири ибораи рехта хуб сарфаҳм рафта, бо тарҷумаи хуб моҳияти ибораи рехтаро ба хонанда расонда тавонад. Тарҷумонони рус ва франсавии повести «Мактаби куҳна»-и Садриддин Айнӣ низ кӯшиш ба харҷ дода, то ҳадди имкон аз уҳдаи тарҷумаи ибораҳои рехта баромада, обуранги повести мазкурро то дараҷае нигоҳ доштаанд.

Адабиёт

1. *Айнӣ, С. Мактаби куҳна. Повест / С. Айнӣ. – Душанбе: Истиқбол, 2010. – 56 с.*
2. *Маликов, А. Хусусиятҳои умумӣ ва фарқияти сифатҳои аслӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ / А.Маликов, Р. Ҳалимова. – Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. – 2015. - №4 (65). – С. 99 – 103.*
3. *Маҷидов, Ҳ. Фразеологияи забони ҳозираи тоҷик / Ҳ. Маҷидов. – Душанбе, 1982. – 104 с.*
4. *Маҷидов, Ҳ. Аломатҳои фарқкунандаи воҳидҳои фразеологии забони тоҷикӣ // Масъалаҳои забони тоҷикӣ / Ҳ. Маҷидов. – Душанбе: Ирфон, 1967.*
5. *Маъсумӣ, Н. Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии тоҷик / Н. Маъсумӣ. – Сталинобод, 1959. – 250 с.*
6. *Фозилов, М. Фарҳанги ибораҳои рехтаи забони ҳозираи тоҷик. Ҷилди I. / М. Фозилов. - Душанбе, 1963. - 952 с.*
7. *Фозилов, М. Фарҳанги ибораҳои рехтаи забони ҳозираи тоҷик. Ҷилди II. / М. Фозилов. - Душанбе, 1964. – 802 с.*
8. *Турсунов, Ф. М. Роҷеъ ба баъзе хусусиятҳои фразеологии дискурси сиёсӣ ва роҳҳои тарҷумаи онҳо аз забони тоҷикӣ ба забони англисӣ / Ф. М. Турсунов, Иматова // Паёми донишгоҳи забонҳо. 2023. - №1 (49). - С. 13-19.*
9. *Эмомалӣ Раҳмон. Табрикот ба муносибати Рӯзи забони давлатӣ / Хадамоти матбуоти Президенти Тоҷикистон. – URL: www. president.tj. Душанбе, 04.10.2015.*
10. *Aïni S. La mort de l'Usurier. Nouvelles Traduites du tadjik et du russe par S. Borodine et V. Voinot. Les éditeurs français réunis 24, rue Racine. – Paris (VI^{e}) 1957. – 70 p.*
11. *Chokir Moukhtor, Khoudaïkoul Ibraguimov, Ouloughbek S. Mansourov. Dictionnaire tadjik-français. Langue mondes l'Asiathèque, 2003.-357 p.*

ТАҲЛИЛИ МУҚОИСАВИИ ВОҲИДҲОИ ФРАЗЕОЛОГИИ ПОВЕСТИ «МАКТАБИ КУҲНА»-И САДРИДДИН АЙНӢ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА ФАРОНСАВӢ

Дар асари бадеӣ истифодаи воҳидҳои фразеологӣ аҳамияти хоса дошта, ба асар фасоҳати зиёд мебахшад. Аксар вақт калимаҳо дар таркиби воҳидҳои фразеологӣ ба маънои маҷозӣ омада, мафҳумро як дараҷа тағйир дода, ҳатто баъзан онҳоро равшану дилнишин ифода менамоянд. Аз ин ҷост, ки дар онҳо як лаҳзаи воқеият инъикос меёбад. Дар мақолаи мазкур муаллиф оид ба истифодаи воҳидҳои фразеологӣ ва ҳамчунин дигар намуди ибораҳо таҳқиқот гузаронида, дар мавриди ибораҳои забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ қайдҳои ҷолиби диққат намуда, роҳҳои ифода гаштани онҳоро дар забонҳои мавриди таҳқиқ нишон додааст. Ҳамчунин дар асоси повести «Мактаби куҳна»-и Садриддин Айнӣ муаллиф тавонистааст монандӣ ва тафовути воҳидҳои фразеологиро бо мисолҳои муътамад мавриди баррасӣ қарор диҳад. Дар асоси фарҳангу луғоти гуногун андешаҳои забоншиносонро дар бобати истифодаи воҳидҳои фразеологӣ ёдрас намуда, фарқияти онҳоро дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ нишон додааст. Дар рафти таҳқиқот муаллифи мақола аз маводи бадеии асл ва тарҷумаи фаронсавии он ба таври фаровон истифода бурдааст. Дар мақолаи мавриди таҳқиқ муаллиф тамоми нозукиҳои забонро ба назар гирифта, тавонистааст ҳар як ибораро дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ таҳлил намояд.

Калидвожаҳо: ибора, ибораи рехта, таҳлил, мутобиқат, калима, ҷумла, фарқият, ҳаммаъно.

СРАВНИТЕЛЬНЫЙ АНАЛИЗ ФРАЗЕОЛОГИЧЕСКИХ ЕДИНИЦ ПОВЕСТА САДРИДДИНА АЙНИ «СТАРАЯ ШКОЛА» НА ТАДЖИКСКОМ И ФРАНЦУЗСКОМ ЯЗЫКАХ

В художественном произведении особое значение имеют фразеологические единицы, придающие произведению высокую красноречивость. Часто слова в составе фразеологических единиц приходят в переносном смысле, меняя мимику до определенной степени, иногда даже выражая их ясно и проникновенно. Именно отсюда в них отражается момент реальности. В данной статье автор провел исследование использования фразеологических единиц, а также других видов выражений, сделал интересные заметки о выражениях таджикского и французского языков и показал способы их выражения в изучаемых языках. Также на основе повести Садриддина Айни «Старая школа» автор смог рассмотреть сходства и различия фразеологических единиц с достоверными примерами. На основе различных культур и словарного запаса она напомнила лингвистам об использовании фразеологических единиц и показала их различия в таджикском и французском языках. В ходе исследования автор статьи в изобилии использовал художественный материал оригинала и его французский перевод. В исследуемой статье автор учел все нюансы языка и сумел проанализировать каждое выражение на таджикском и французском языках.

Ключевые слова: фраза, словосочетание, анализ, соответствие, слово, предложение, различие, синоним.

COMPARATIVE ANALYSIS OF PHRASEOLOGICAL UNITS OF SADRIDDIN AINI'S NOVEL «THE OLD SCHOOL» IN TAJIK AND FRENCH

Is that phraseological units are of particular importance in a work of fiction, giving the work a high eloquence. Often, words in phraseological units come in a figurative sense, changing facial expressions to a certain extent, sometimes even expressing them clearly and soulfully. It is from here that the moment of reality is reflected in them. In this article, the author conducted a study of the use of phraseological units, as well as other types of expressions, made interesting notes about the expressions of the Tajik and French languages and showed the ways of their expression in the studied languages. Also, based on Sadriddin Aini's story "The Old School", the author was able to examine the similarities and differences of phraseological units with reliable examples. Based on different cultures and vocabulary, she reminded linguists about the use of phraseological units and showed their differences in Tajik and French. In the course of the research, the author of the article used the artistic material of the original and its French translation in abundance. In the article under study, the author took into account all the nuances of the language and was able to analyze each expression in Tajik and French.

Keywords: phrase, phrase combination, analysis, correspondence, word, sentence, difference, synonym.

Дар бораи муаллиф
Ҳалимова Рухшона Абдуқаҳоровна
Асситенти кафедраи забони франсавӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
E-mail: rukhshonahalimova@mail.ru

Об авторе
Халимова Рухшона Абдукахоровна
Ассистент кафедры французского языка
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
E-mail: rukhshonahalimova@mail.ru

About the author
Khalimova Rukhshona Abdukahorovna
Assistant of the Department of French language
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
E-mail: rukhshonahalimova@mail.ru

УДК 81'373.2:811.222.8

ПЕРЕХОД НАРИЦАТЕЛЬНЫХ ИМЁН СУЩЕСТВИТЕЛЬНЫХ В РАЗРЯД ИМЁН СОБСТВЕННЫХ В ШУГНАНСКОМ, ТАДЖИКСКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ

Иматшоева М. Б.
Таджикский международный университет иностранных языков имени Сотима Улугзода

В современном мире всё больше учёных и лингвистов уделяют внимание проблемам сопоставительного и типологического языкознания. В последние десятилетия интерес к сопоставительному языкознанию особенно возрос. В современной лингвистике наблюдается рост интереса к сопоставительному и типологическому исследованию языков различных генетических групп, о чем свидетельствует значительное количество публикаций. В число исследователей, внесших значительный вклад в сравнительно-типологическое языкознание, входят Х. Яхьяева, П. Джамшедов, М. Джаборова, А. Мамадназаров, Ф. Зикрияев, С. Джоматов, Х. Саидов, В.Д. Аракин, Дж. Буранов, В.Г. Гак, З.З. Гатиатуллина, Г.А. Климов, И.Г. Кошевая, Ю.Б. Рождественский, В.М. Солнцев, Р.А. Юсупов, У.К. Юсупов, В.Н. Ярцева и другие.

Формирование сопоставительно-типологического направления в языкознании способствовало существенному расширению предметной области типологии. Предметом исследования является последовательное сопоставление языков, различающихся по своему строю, на каждом из выделяемых уровней языковой системы.

Сопоставительно-типологический подход к изучению языков способствует более глубокому пониманию их структуры, выявлению изоморфизмов и дифференциаций, а также развитию теоретической базы лингвистики.

Предметом настоящего исследования является сопоставительный анализ функционирования имён нарицательных в качестве имён собственных в разноструктурных языках - шугнанском, таджикском и английском, что представляет собой актуальную проблему современной лингвистики.

В системе имён существительных всех языков существует универсальная оппозиция между именами собственными и нарицательными.

Нарицательные имена - имена существительные, которые обозначают название (общее имя) целого класса предметов и явления, обладающих определённым общим набором признаков, и называющие предметы или явления по их принадлежности к такому классу [6, с. 92].

Собственные имена - имена существительные, которые обозначают слово или словосочетание, предназначенное для называния конкретного, вполне определённого предмета или явления, выделяющее этот предмет или явление из ряда однотипных предметов или явлений [14, с. 164].

В лингвистике имена собственные рассматриваются как средства, обеспечивающие максимальную информативность при минимальном объёме языкового выражения. Языковая природа имён собственных определяет их способность формировать у человека сложные ассоциативные связи.

Трансформация имён нарицательных в имена собственные представляет собой актуальную лингвистическую проблему, поскольку данный процесс является важным механизмом обогащения лексического состава языка.

Язык, подобно живому организму, характеризуется динамическим процессом перехода имён из категории нарицательных в категорию собственных и в обратном направлении. Процесс формирования имён собственных обусловлен их происхождением от имён нарицательных, а не спонтанным возникновением (например в шугнанском языке Žirak от

слово Žir (камень) ак уменьшительный суффикс), или (в шугнанском и таджикском языках Ɣolib –Ғолиб от слово победить, победитель).

В лингвистике имена существительные классифицируются на имена собственные и нарицательные в зависимости от того, называют ли они единичный предмет или представляют собой имя класса. Семантическая особенность имён собственных заключается в том, что они номинируют единичные объекты, входящие в состав класса однородных, при этом, однако, не эксплицируют принадлежность к данному классу. В семантике имён нарицательных заложено указание на принадлежность предмета к классу однородных объектов, что определяет их способность обозначать предмет как носителя соответствующих классификационных признаков.

А. В. Суперанская, завершая в своей книге рассмотрение собственного имени и учений о нем, называет три отличительных признака, позволяющих разграничить имена собственные и нарицательные. Основные отличительные признаки имени собственного заключаются в том, что:

1) ИС дается индивидуальному объекту, а не классу объектов, имеющих черту, характерную для всех индивидов, входящих в этот класс;

2) именуемый с помощью имени собственного объект всегда четко определен, отграничен, очерчен;

3) имя не связано непосредственно с понятием и не имеет на уровне языка четкой и однозначной коннотации [14, с. 18].

Рассмотрим процесс перехода имен нарицательных в имена собственных в шугнано-рушанском, таджикском и английском языках.

В системе имён существительных нарицательные имена образуют многочисленную группу, характеризующуюся определёнными лексико-грамматическими признаками. Например:

1. Badaxšůn - Бадахшон, Бадахшан историческая область Памира, рассположенная на территории юго- восточного Таджикистана – Горно – Бадахшанская автономная область, и северо- восточного Афганистана – провинция Афганистана.

2. Badaxšůn - (шугн яз.) - Бадахшон –(тадж.яз) – мужское и женское имя;

3. Badaxšůn - Бадахшон – название кафе и ресторана;

В данном предложение три случая использования нарицательного имени существительного Бадахшан в значении собственных имен.

Нарицательные существительные, переходящие на собственные, можно разделить на следующие разряды:

– имена собственные формировавшиеся от название металла. В шугнанском и таджикском языках можно встретить имена людей как женского так и мужского названием металла. Например: Нуқра –серебро (женское имя в английском языке передодится как *Silver*), Садаф – перламутр (женское имя, на английский переводится как *pearl, mother – of-pearl*), Марворид – жемчуг (женское имя, на английский язык переводится как *pearl, tear*) Фируза – бирюза (женское имя, на английский язык переводится как *turquoise*), Тилло – золото (мужское и женское имя, на английский переводится как *gold*), Мис – медь (женское имя, на английскый язык переводится как *copper, brass, cuprum* , Гавҳар – самоцвет, жемчуг (женское имя,на английский язык переводится как *gem, semiprecious stone*), Пулод - сталь, булат (мужское имя, на английский язык переводится как *damask*), Кимиё - алхимия, химия, уникальность (женское имя, на английский язык переводится как *chemistry*).

В английском языке имена собственные Emerald , Sapphire, Ruby, Pearl, Amber, Coral тоже как в шугнано-рушанском и таджикском языках образованны от нарицательных имена существительное с названием драгоценных камней. Например:

Шугн: Sadaf tar maktab molima.

Тадж: Садаф дар мактаб муаллима мебошад.

Англ: Sadaf is a teacher at school.

В английском языке:

Англ: Sapphire goes to kindergarten.

Шугн: Sapfira tar boγča sūd.

Тадж: Сапфира бабоғчаи кудакон меравад.

– нарицательные имена существительные образование от название растений: например гиёх -«трава, растение -plant».

Шугн: Virod Giyo az kor yat.

Тадж: Акаи Гиёҳ аз кор омад.

Англ: Comrade Giyo came from work.

Гул – цветок (женское имя, на английский язык переводится как flower). Например: Шугн: Yax Gul nur tar Maskow toyd.

Тадж: Апаи Гул имрӯз ба шаҳри Масква рафт.

Англ: Mrs Gul left for Moscow today.

В шугнанском и таджикском языках к имя собственное с морфемой Гул часто прибавляются окончание как *парӣ, ҷаҳон, ҷамол, андом, дона, бегим, моҳ, сифат* и другие.

Имя собственное от нарицательное **Лола** – тюльпан (женское имя, на английский язык переводится как tulip). Например:

Шугн: Lola seum sinf and xoid.

Тадж: Лола дар синфи сеюм мехонад.

Англ: Lola is studying in the third grade.

Имя собственное от нарицательное **Садбарг**. Очень распространенное имя в шугнанском и таджикском языках, например.

Шугн: Xola Sadbarg tar bozor sat.

Тадж: Холаи Садбарг ба бозор рафт.

Англ: Auntie Sadbarg went to bazaar.

В английском языке существует обширная лексико-семантическая группа имён собственных, образованных от названий цветов. Английские личные имена: Violet, Rose, Peony, Marigold, Magnolia, Daisy. Английские имена собственные с названием цветов в шугнанском и английском языках не имеют эквивалента, только слово Rose имеет аналог **Садбарг** в сравниваемых языках. Например:

Англ: Magnolia has read 12 books by the end of the fist term.

Шугн: Magnoilyai to oxiri yakum čoryak 12 kitob x̌eid.

Тадж: Магнолия то охири нимсолаи якум 12 китобро хонд.

– нарицательные имена существительные, обозначающие фрукты и овощи. Данное имена собственные свойственны только шугнанскому языку. В таджикском языке очень редко встречаются такие имена. В английском языке вообще не встречаюттся имена собственные образованне от имена нарицательные с названием овощей и фруктов. В шугнанском языке имена Карам, Олуча, Олболи, Шафтолу, Зардолу, Тутик, Анор, Хурмо (от слово тут), Себ, Мунен (от слово мун), Санҷид (в шугнанском языке произносится как Синҷит). Например:

Шугн: Šaftolei xu pucard γin ðod.

Тадж: Шафтолу бачаша туй кард.

Англ: Shaftolu made a wed for his son.

– Лексико-семантическая группа нарицательных имён существительных, включающая названия инструментов и орудий труда. табар «топор» - Табар (имя), сайф «меч» - Сайф (имя) и т.д. В таджикском языке категория образования имён собственных путём деривации от имён нарицательных является продуктивной. В шугнанском языке очень редко встречаются имена собственные с названиями инструментами и орудия труда. Например.

Тадж: Табаровро имрӯз аз кор озод карданд.

– лексико-семантическая группа нарицательных имён существительных, образованных на базе наименований небесных тел: *ситора - «звезда» - Ситора* (женское имя, на английский язык переводиться как Star*), мохтоб-«луна» - Мохтоб* (женское имя, на английский язык переводится как Moon), *офтоб - «солнце» - Офтоб* (женское имя, на

английский язык переводится как Sun), мунир – название и т.д. Эта категория образования имён собственных от нарицательных характерна для шугнанского и таджикского языков. В английском языке редко встречается. Например:

Шугн: Sitorai xu ðust viruẋt.

Тадж: Ситора дасташро шикаст.

Англ: Sitora has broken her hand.

– лексико-семантическая группа нарицательных имён существительных, включающая названия птиц и животных: *тути «попугай» - Тутӣ (* женкое имя), *майна «майна» - Майна* (женское имя), самандар «*жар-птица» - Самандар* (мужское имя), ақоб (орёл) Ақоб (мужское имя) и т.д. например:

Шугн: Samandarand nur concert.

Тадж: Самандар имрӯз базм (консерт) дорад.

Англ: Samandar has concert today.

В английском языке наблюдается тенденция образования личных имён на основе зоонимов и орнитонимов. Brock, Sterling, Bird. Данная группа имён характеризуется малочисленностью и преимущественно мужской гендерной принадлежностью. Исключение составляет имя Bird, которое является бигендерным.

– нарицательные имена существительные, обозначающие названия дней недели: Имена собственные с названием дни недели очень распространены в шугнанском языке. *Душанбе – «понедельник» - Душанбе* (название столицы Таджикистана), *Душанбе* (мужское имя), *панчшанбе «четверг» - Панчшанбе* (мужское имя), *Панчшанбе* (название рынка), ҷ*умъа «пятница» - Ҷумъа* (мужское имя), шанбе «суббота» Шанбе – мужское имя. Например:

Шугн: Maki Šanbe nur guzaštasut.

Тадж: Амаки шанбе имрӯз аз дунё гузашт.

Англ: Uncle Shanbe passedaway today.

В английском языке встречаются имена собственные, обозначающая названия месяцев. *May, March, June, April*, но данная категория не характерен шугнанскому и английскому языках. В шугнанском языке заимствованные имена Мая и Марта (Мартик) из русского языка.

– Нарицательные имена существительные, относящиеся к названиям месяцев хиджры в шугнанском и таджикском языках: муҳаррам - Муҳаррам (женское имя), рамазон – Рамазон (Ramazůn) (мужское имя), сафар - Сафар (Safar) (мужское имя) и т.д.

– Нарицательные имена, обозначающие разные понятия, также могут быть именами собственными: мулло*«мулла» - Мулло* (мужское имя), *Ҳоким «мудрец» - Ҳоким* (мужское имя), *ваҳдат «единство*» - *Ваҳдат* (название района), *дустӣ «дружба» - Дустӣ* (название села) и тд [7, с. 45].

– Нарицательные имена существительные, относящиеся к категории "названия местности". Данная модель деривации имён собственных от имён нарицательных характеризуется низкой продуктивностью. В шугнанском языке Душанбе – название город, Душанбе мужское имя, *Хосабегим* (от слово *Хоса*) хоса – название кишлака, Хоса +бегим женское имя, Английские личные имена: German, Washington и. тд. Например:

Шугн: Maki Dušanbe nur pi poç tuyd.

Тадж: амаки Душанбе имруз ба чарогоҳ рафт.

Англ: George Washington was the best president of USA.

– нарицательные имена существительные, обозначающие названия деревьев . Такие имена ссуществуют только в английском языке. Например.: *Willow, Heather, Tansy*. В шугнанском языке можно встретит имя собственное как *Бутта.* Бутта (куст, кустарник), Бутта (мужское имя). Например:

Англ: *Tansy went to the business trip.*

Шугн: *Tansy tar kamandirofka tuid.*

Тадж: Танси ба сафари корӣ баромад.

– нарицательные имена существительные, обозначающие названия религиозных праздников: Такие имена собственные характерны все трёх сравниваемым языкам. Например, в шугнанском и таджикском языках имена Рамазон – религиозный праздник, Рамазон (мужское имя), Курбон – релегиозный праздник Курбон (Мужское имя), Навруз – национальный и религиозный праздник, Навруз (мужское имя), Мехргон –название религиозный праздник, Мехргон (название рынка), Мехргон (женское имя). В английском языке Christmas – рождество, праздник, Christmas (мужское имя), Easter – религиозный праздник, Easter (женское имя). Например:

Шугн: Virod Qurbun rizine duxture tayor čud.

Тадж: духтари акаи Қурбон донишгоҳи тиббиро хатм кард.

Англ: Easter is a smart girl.

– нарицательные имена существительные, обозначающие названия традиционных женских добродетели — *Prudence, Charity, Mercy, Patience, Love* (мужское и женское). Такие имена характерны только английскому языку. В таджикском языке можно встретит имя Ишқия, эквивалентом которого является имя *Love* английского языка.

– нарицательные имена существительные, образованных от названий *животных*: wolf – волк, Wolf (мужское имя) , fox – лисица – Fox Мужское имя), bull – бык, Bull (мужское имя). Данный способ в основном характенен английскому языку, но в шугнанском языке тоже есть имя Гургали от слово гург (волк).

– нарицательные имена существительные, образованных от *цветообозначений*: white – белый, White (мужское имя), black – чёрный, Black (мужское имя), brown – бурый, Brown (мужское имя). Данный способ характерен всем трех сопоставляемых языках. В шугнанском языке Rušt, Ruštov, Safedak, Safedakov, Surxen, Savẓale, и.тд. В таджикском языке Сияев – от слово сиёҳ (чёрный), Сабзалӣ, и.тд.

При переходе из категории нарицательных имён в категорию имён собственных существительные сохраняют свою семантическую основу, претерпевая лишь функциональную модификацию.

Таким образом, вышеназванный переход нарицательных существительных в разряд собственных в сравниваемых языках являются совпадающими, т. е. имеются как в шугнано-рушанском, таджикском, так и в английском языках и несовпадающими, которые характерны для одного из языков. К таким именам относятся группы личных имен, которые обозначают драгоценные камни. Например: Sadaf, Marwori, Firuza,Tilo, Садаф,Фируза, Нукра, Emerald, Sapphire, Ruby, Pearl, Amber, Coral т. д. Несовпадающие имена собственные, это названий деревьев, которые существуют только в английском языке. Например.: Willow, Heather, Tansy.

В сопоставляемых языках наблюдается явление деривации имён, однако в английском языке оно представлено ограниченно, в то время как в шугнанском и таджикском языках деривационный потенциал имён является высоким. Например: Sadafniso - в данном слове Sadaf корень niso –суффикс или Gulzor – Gul корень –zor –суффикс, в таджикском языке Фирузабону –Фируза – корень, бону - суффикс . Эволюция личных имён в сопоставляемых языках (шугнанском, таджикском и английском) отражает изменения в общественной жизни и историческом контексте. То есть личные имена подвержены влиянию экстралингвистических факторов.

Литература

1. *Амосова, Н. Н. Этимологические основы словарного состава современного английского языка / Н. Н. Амосова. - М., 1956. – 619 с.*
2. *Атаева, Х. Г. Субстантвация в английском и таджикском языках. Сопоставительный анализ / Х.Г. Атаева: Дисс. … канд. филол. наук. – Душанбе, 2020. – 166 с.*
3. *Ахманова, О. С. Словарь лингвистических терминов / О. С. Ахманова. - М., 1969. – 598 с.*
4. *Бархударов, Л. С. Грамматика английского языка / Л. С. Бархударов. – М., 1973. – 425 с.*
5. *Бахтибеков, Т. Грамматикаи забони шугнонӣ / Т. Бахтибеков. – Душанбе, 1979. - 143 с.*

6. *Иванова, И. П. Теоритическая грамматика английского языка / И.П. Иванова. – М.: Высшая школа, 1981. – 285 с.*
7. *Ильиш, Б. А. Современный английский язык. - М.: Изд-во лит. на иностр. яз., 1948. - 348 с.*
8. *Мукашева, Г. А. Субстантивация в современном персидском, таджикском и английском языках / Г. А. Мукашева: Дисс. ... канд. филол. наук. – Душанбе, 2021. – 130 с.*
9. *Ниёзӣ, Ш. Н. Исм ва сифат дар забони тоҷикӣ / Ш.Н. Ниёзӣ. – Сталинобод, 1954. – 54 с.*
10. *Пахалина, Т. Сравнительно-историческая морфология памирских языков / Т. Пахалина. -М., 1989. – 543 с.*
11. *Петровский, Н. А. Словарь русских личных имен / Н. А. Петровский. - М., 1980. – 384 с.*
12. *Реформатский, А. А. Орфография имен собственных / А. А. Реформатский. – М.: Наука, 1965. – 133 с.*
13. *Рыбалкин, А. И. Словарь английских личных имен / А. И. Рыбалкин. - М.: Советская энциклопедия, 1973. - 408 с.*
14. *Рустамов, Ш. Исм / Ш. Рустамов. – Душанбе: Дониш, 1981. – 220 с.*
15. *Рустамов, Ш. Ба исм гузаштани дигар ҳиссаҳои нутқ / Ш. Рустамов // Забони адабии ҳозираи тоҷик. – Душанбе, 1982. – С. 171-177.*
16. *Суперанская, А. В. Собственные имена в языке и речи / А. В. Суперанская // Ономастика Поволжья. - Горький, 1971. - С. 355–358.*
17. *Суперанская, А. В. Общая теория имен собственных / А. В. Суперанская. - М., 1973. – 365 с.*

ПЕРЕХОД НАРИЦАТЕЛЬНЫХ ИМЁН СУЩЕСТВИТЕЛЬНЫХ В РАЗРЯД ИМЁН СОБСТВЕННЫХ В ШУГНАНСКОМ, ТАДЖИКСКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ

Работа посвящена исследованию механизмов перехода имён нарицательных в имена собственные в шугнанском, таджикском и английском языках в рамках сопоставительного подхода. Представленное исследование закладывает фундамент для последующего комплексного анализа механизмов перехода имён нарицательных в имена собственные в рамках сопоставительного изучения трёх разноструктурных языков шугнанского, таджикского и английского. Нарицательные имена существительные могут переходить в разряд собственное во всех трёх сравниваемых языках. В сопоставляемых языках существуют имена собственные образованные от нарицательных, которые имеют аналог в английском языке или же наоборот не имеют. Например, в таджикском языке имя собственное образованное от орудия труда Табар не имеет аналог в английском языке, или же в шугнанском языке имя собственное Олуча, которое не имеет аналог в таджикском и английском языках, или же в английском языке имена собственные образованные от имена деревьев не имеют эквивалент в шугнано-рушанском и таджикском языках. Автор статьи, исследуя сопоставляемые языки, приходит к выводу о наличии у имён собственных деривационного потенциала, который, однако, реализуется в разной степени: в английском языке он выражен слабо, в шугнанском и таджикском — значительно сильнее. В статье также подчёркивается, что эволюция личных имён в сопоставляемых языках (шугнанском, таджикском и английском) отражает изменения в общественной жизни и историческом контексте. Внеязыковые факторы играют важную роль в формировании и развитии имён собственных.

Ключевые слова: нарицательные имена существительные, ономастика, сопоставительный анализ, шугнанский язык, таджикский язык, английский язык, эволюция имён собственных.

ГУЗАРИШИ ИСМҲОИ ҶИНС БА КАТЕГОРИЯИ ИСМҲОИ ХОС ДАР ЗАБОНҲОИ ШУҒНОНӢ, ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Мақола ба яке аз масъалаҳои мубрами забоншиносии муосир, омӯзиши муқоисавии гузариши исмҳои ҷинс ба категорияи исмҳои хос дар забонҳои шуғнонӣ, тоҷикӣ ва англисӣ бахшида шудааст. Тадқиқот қадами аввалини омӯзиши минбаъдаи раванди гузариш аз исмҳои ҷинс ба исмҳои хос ба таври муқоисавӣ дар асоси се забони муқоисашаванда, шуғнонӣ, тоҷикӣ ва англисӣ мебошад. Исмҳои ҷинс метавонанд дар ҳар се забони муқоисашаванда ба исмҳои хос гузаранд. Дар забонҳои муқоисашаванда номҳои хосе мавҷуданд, ки аз исмҳои ҷинс сохта шудаанд, ки хоси як забон ҳастанд, вале ба забони дигари муқоисашаванда хос нестанд. Масалан, дар забони тоҷикӣ аз исми ҷинс, аз олоти меҳнат *табар* исми хоси Табар сохта шудааст, ки дар забони англисӣ ва шуғнонӣ муодил надорад ва ё дар забони шуғнонӣ аз исми ҷинси олуча исми хоси Олуча сохта шудааст, ки дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ҳамто надорад, ё ин ки дар забони англисӣ аз номи дарахтон исми хос сохта шудааст, ки дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ муодил надоранд. Дар мақола муаллиф қайд мекунад, ки дар забонҳои муқоисашаванда исмҳои хос метавонанд исмҳои сохта шаванд, гарчанде,

ки дар забони англисӣ исмҳои хоси сохта хеле кам ба назар мерасанд, аммо дар забонҳои шуғнонӣ ва англисӣ қариб ҳамаи исмҳои хос сохта шуда метавонанд. Муаллиф дар мақола ҳамчунин таъкид мекунад, ки исмҳои хос ҳам дар забонҳои шуғнонӣ, тоҷикӣ ва ҳам дар забони англисӣ бо рушди таърих, бо тағйирот дар зиндагии мардум тағйир меёбанд. Яъне, ба исмҳои хос омилхои экстралингвистӣ таъсир мерасонанд.

Калидвожаҳо: исмҳои ҷинс, ономастика, таҳлили муқоисавӣ, забони шуғнонӣ, забони тоҷикӣ, забони англисӣ, таҳаввули исмҳои хос.

TRANSITION OF COMMON NOUNS INTO THE CATEGORY OF PROPER NAMES IN THE SHUGNI, TAJIK AND ENGLISH LANGUAGES

The article is devoted to the topical problem in modern linguistics of the comparative study of the transition of common nouns into the category of proper nouns in the Shughni, Tajik and English languages. The study is the first step to further study the process of transition from common nouns to proper nouns in a comparable manner based on the three compared languages, Shugni, Tajik and English. Common nouns can become proper nouns in all three compared languages. In the comparing languages, there are proper names formed from common nouns that have an analogue in one language and don't have it in another comparing language. For example, in the Tajik language, the proper name formed from a tool Tabar has no analogue in the English language, or in the Shugni language the proper name Olucha, which has no analogue in the Tajik and English languages, or in the English language proper names formed from the names of trees do not have an equivalent in the Shugni and Tajik languages. In the article, the author notes that in the comparing languages, proper nouns can be derivatives, although in English a very small number of personal names have derivatives, and in the Shugni and Tajik languages almost all can be derivatives. In the article the author also emphasizes, that personal names, both as in the Shugni and Tajik languages, so in the English language, undergo changes with the development of history, with changes in people's lives. That is, proper names are influenced by extralinguistic factors.

Keywords: common nouns, onomastics, comparative analysis, Shughni language, Tajik language, English language, evolution of proper names.

Об авторе
Иматшоева Мунира Бандишоевна
Кандидат филологических наук, доцент кафедры английского языка для двухпрофильных специальностей
Таджикский международный университет иностранных языков имени С. Улугзода
734019, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Мухаммадиева, 17/6
E-mail: imatshoeva_munira81@mail.ru

About the author
Imatshoeva Munira Bandishoeva
Candidate of philological sciences, docent of English language for two profile specialties' department
Tajik International University of Foreign Languages named after S. Ulughzoda
734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 17/6 Muhammadiev str.
E-mail: imatshoeva_munira81@mail.ru

Дар бораи муаллиф
Иматшоева Мунира Бандишоевна
Номзади илмҳои филологӣ, дотсенти каф. забони англисӣ барои ихтисосҳои ҳамгиро
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода
734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6
E-mail: imatshoeva_munira81@mail.ru

УДК 809.155.0+802.0

ЯВЛЕНИЕ СИНОНИМИИ В СИСТЕМЕ ТЕРМИНОВ КОЖНО-ВЕНЕРИЧЕСКИХ ЗАБОЛЕВАНИЙ ТАДЖИКСКОГО И АНГЛИЙСКОГО ЯЗЫКОВ

Каримова Д. Н.
Таджикский государственный педагогический университет имени Садриддина Айни

Термины наряду с обещупотребительными словами являются неотделимой частью словарного состава каждого языка и развивается наряду с теми законами, что и любая иная лексическая система, которая входит в состав общелитературного языка. Исходя из этого, в системе терминов характерны все те особенности, которые имеет каждая подсистема, включая и синонимия. Синонимия является одним из основных видов семантических отношений в системе терминов разных отраслей. Работы, посвященные изучению и исследованию о явлении синонимии в терминологии занимают, особое место среди колоссального числа научных трудов, опубликовавшие в последних трёх декадах. Некоторые лингвисты иногда игнорируют наличие или присутствие синонимов у терминах, так как они полагают, что только дублеты прослеживаются в системе терминов. Например, о наличие синонимии как лингвистическое явления и в отношении терминов Д.С. Лотте отмечает следующее: «В научно-технической терминологии отмечается большое распространение синонимии, т. е. наличие двух или нескольких терминов, выражающих какое-либо одно понятие» [8, с. 16]. Поддерживая мнению Д.С. Лотте, С. В. Гринев указывает, что «Одному понятию должен соответствовать один термин и наоборот» [5]. Сопоставляя, термины со словами общелитературного языка и отсутствия синонимов и антонимов в системе терминов также отмечается Капанадзем Л. А. [6, с. 260-271]. Е. Н. Толикиной полагает, что «В рамках терминосистем встречаются только дублеты» [12, с. 78-89].

Следовательно, необходимо указать, что данное семантическое отношение широко распространено среди терминологических единиц и разных групп терминов кожно-венерологических заболеваний в таджикском и английском языках. Например, лексическое единице *бемор (*болезнь) в таджикском языке имеет четыре обозначений *нотоб, ранҷур, касал, мариз, дарманд, бетоб,* а в английском языке у этого слово – восемь обозначений: *sickness, disease, illness, distress, disturbance, disorder, trouble, condition*. Синононимы в большинстве случаях способствуют избежание от многократного повторения одних и тех же лексических единиц в предложениях, и сделает высказывания более вероятным с точки зрения стилистики, не оказывая влияния на значение изложении. Однако, не все из этих вариантов слов имеют равноправную валентность и могут быть применены в любом контексте для замена одним второго. Например, в следующих предложениях термины *бемор* может быть выражено следующими синонимами в текстах: *Мегуфтанд, ки ӯ дар умри худ* ***бемор*** *нашудааст ва дар вақти вафоташ ҳам* ***бемор*** *нашуд (Они сказали, что он не болел при жизни и не болел на момент смерти)*[1, с. 69]. *[Атиббо] бар ин рафтаанд, ки ононе, ки* ***мариз*** *мешаванд дар аввали моҳ, пас қувваи эшон дар вуқӯи мараз қавитар аст* [19] *Яке аз ҳукамо писарро наҳӣ ҳамекард аз бисёр хӯрдан, ки серӣ мардумро* ***ранҷур*** *кунад (Саъдӣ)* [20] *([Атиббо] считали, что тот, кто заболеет в начале месяца, у того сильнее силы перед лицом болезни. Один из губернаторов запретил мальчику есть слишком много, чтобы сытость навредила народу).*

Дардманде*, ки кунад дард ниҳон пеши табиб,*
Дарди ӯ бесабабе қобили дармон нашавад (Ҳофиз) [21].
Даст аз ту менашӯяму андар ғами ту халқ
Даст аз мани шикастаи ***бетоб*** *шустаанд (Хусрави Деҳлавӣ)* [22].

Эквивалент слово *бемор* в английском языке – *disease* может быть выражено следующими синонимами в предложениях: *Lack of oxygen is the main reason for mountain* ***sickness*** *(Нарасидани оксиген сабаби асосии беморӣ дар кӯҳ (баландӣ) мебошад (Отсутствие кислорода является главной причиной горной болезни)* [16]. *A more rigorous analysis of the epidemiological impact of vaccination for meningococcal* ***disease*** *is essential for proper health economic estimates (Таҳлили дақиқтари таъсири эпидемиологии ваксинаи менингокок барои дуруст арзёбӣ кардани иқтисодиёти тандурустӣ муҳим аст (Более строгий анализ эпидемиологического воздействия вакцинации против менингококковой инфекции имеет важное значение для правильной оценки экономики здравоохранения* [17]. *In order to eliminate such effects, we conducted a partial correlation analysis controlling for the* ***illness*** *duration (Барои истисно кардани чунин таъсирот, мо бо назардошти давомнокии беморӣ як таҳлили нопурраи коррелятсияионӣ анҷом додем (Для исключения подобных эффектов мы провели частичный корреляционный анализ с учетом продолжительности заболевания))* [18]. *Whooping cough is a respiratory* ***disturbance*** *occurring in younger children (Сулфаи кабуд як бемории норасоии нафас аст, ки кӯдакони хурдсол ба он гирифтор мешаванд (Коклюш – дыхательная недостаточность, возникающее у детей младшего возраста).*

Из вышеуказанных примеров выяснилось, что в состав синонимов в сравниваемых языков, как правило, входят терминологические единицы, образованные от арабских латино-греческих (в таджикском) и латино-греческих (в английском) элементов, и исконные термины. Примером таких терминов синонимов в отрасли дерматологии являются следующие лексические единицы: *хуноқ* и *гулӯзиндонак (diphtheria (дифтерея); мабрус* и *пес (vitiligo, acquired leukoderma, piebald skin (витилиго); ҷузом* и *махав (leprosy (проказа, лепра)); мадқуқ* и *сил (tuberculosis (туберкулез)), табларза, диққи нафас*; *pertussis* и *whooping cough (сулфаи кабуд (коклюш))*; *furunculus* и *boil (думмал (фурункул)); verruca* и *wart (озах (бородавка)).* У указанных терминов имеются некоторые особенности и с течением времени их значение не модифицируется, они останутся нейтральными, они не получают стилистической окраски, больше всего уточняют исконные терминологически единицы, являясь более точными в синонимической группе.

Одной из особенностей английских терминов, обозначающих дерматовенерологические заболевания, от таджикских эквивалентов является то, что некоторые термины-синонимы относятся к именам собственным в препозиции, т.е. два термина обозначают одно понятие: *Hansen's disease – leprosy (бемории Гансен, махав, ҷузом (лепра, гансеноз, болезнь Гансена, проказа); Addison-Biermer anemia – Addison-Biermer disease (камхунии ганда, бемории Аддисон Бирмер (пернициозная анемия, злокачественная анемия, болезнь Аддисона – Бирмера)*; *Lane's disease – erythema palmare hereditarum (бемории Лейн (болезнь Лейна)*

Термины-синонимы, как и другие лингвистические явления, разделяются на некоторые группы. Например, Д.С. Лотте классифицирует терминов-синонимов на следующие группы: а) абсолютные синонимы (полное совпадение значений) и относительные синонимы (частичное совпадение значений); б) полноправные синонимы (взаимозаменяемость терминов во всех случаях) и неполноправные синонимы (ограниченная взаимозаменяемость терминов) и др. [7, с. 28].

Рассматривая, проблему синонимии в медицинской терминологии Е.В. Смирнова разделяет терминологические синонимы на следующие группы: «1) синонимы, имеющие абсолютно одинаковое значение (абсолютные синонимы или дублеты); 2) частично совпадающие синонимы» [10, с. 191].

Таким образом, принимая во внимание свойствах синонимов в системе терминолгии кожных и венерических заболеваний, нами было выделено следующие типы термины-синонимы в исследуемых языках:

1) термины-синонимы, имеющие полное одинаковое значение. По-другому их также называют дублеты или абсолютные синонимы. К этой группе, прежде всего, относятся

структурные, стилистические и этимологические варианты. Присутствие таких терминов-дублетов считаются допустимым в системе терминов названиях кожных и венерических заболеваний. Например, одновременное употребление исконного и заимствованного термина, **в таджикском языке**: *ғудда – нодус (пуст – дерма (кожа); ҳубобча – везикула (пузырек), булла – ҳубоб (пузыр), думмал – туберкулум (нарыв), пустула – ширинча (прыщ, пустула, гнойничок); эктима – ширинчаи амиқ (пустула с глубоким изъязвлением); импетиго – ширинчаи сатҳӣ (поверхностная пиодермия)* [13; 14]; **в английском языке**: *boil – furuncle (фурункул, чирей); verruca – wart (бородавка), excoriation – sore – abrasion (экскориация, болячка, рана, язва); edema – hydrops – dropsy (водянка) pediculosis – lousiness (шабушнокӣ (педукилёз, вшивость)* [23; 24].

Следовательно, из вышеуказанных терминологических единицах выяснилось, что в системе терминов кожных и венерических заболеваний сравниваемых языках, преимущественно прослеживается терминологические единицы синонимы-дублеты, у которых имеются полное одинаковое значение.

2) термины-синонимы, которые частично совпадают. Их по другому называют семантические или идеографические синонимы. В таджикской терминосистеме кожных и венерических заболеваний имеется большое число частичных терминов синонимов: *сурхча – сурхакон – гул (краснуха); домана – ҳасба – тиф (сыпной тиф); ярақон – зардпарма – заъфарма – зардпарвин (желтуха); думал – чипқон – кӯрак (фурункул, чирей)* [13; 14]. Следующие термины-синонимы были выделены в английском языке: *rash – eruption (сыпь)*; *measles – rubeola – morbilli (корь)*; *scabies – itch – mange (чесотка)*; *ringworm – tinea (стригущий лишай)*; *dermatophytosis – dermatomycosis (бемории занбӯруғии пӯст (дерматомикоз, дерматофития, грибковая болезнь кожи)); pyoderma – pyodermatosis – pyodermatitis (пиодерма); candidiasis – candidosis – moniliasis – oidiomycosis (кандидоз)* [23; 24].

Следует отметить, что некоторые лингвисты предерживают идеи о том, что в системе медицинских терминов чаще всего наблюдается терминологические синонимы-дублеты. Так, Е.В. Смирнова среди медицинской терминологии выделяет пять групп терминов-дублетов: «1) межъязыковые термины-дублеты; 2) синонимические пары, в которых один из эквивалентов представлен словосочетанием; 3) терминологические дублеты, различающиеся только своими начальными элементами; 4) терминологические дублеты, представленные разнокоренными словами или образованные с помощью различных словообразовательных элементов; 5) терминологические дублеты, выражающие бытовые и общелитературные названия» [10, с.190-194]

Исходя из вышеуказанной классификации нами были выделено термины-дублеты, относящиеся к кожно-венерическим болезням разделенные на четыре группы. Первая группа содержит, в основном, межъязыковые термины-дублеты, т.е. слова или словосочетания, которые имеют разноязычного генезиса, словообразовательные элементы или корневые которые обладают идентичные значения. К таким терминам-дублетам, относятся те терминологические единицы, которые состоят из интернационализма (слова, употребляющиеся в разных языках в аналогичных или близких значениях и совпадающие (с учётом фонетических и графических особенностей каждого языка) по форме звучания и написания) греко-латинского генезиса и его национального эквивалента, **в таджикском языке**: *акладиоз (лат. acladiosis) – бемории занбӯруғии пӯст (грибковое заболевание кожи); акрокордон (греч. acrocordon) – омоси нарми овезон дар гардан ё пилки чашми пирсолон (мягкая, висячая опухоль на шее или веках у пожилых людей); ахромазия (греч. achromasia) – барас, песии андом, ранг надоштани пӯст (витилиго, отсутствие цвета кожи); афтоид (лат. aphthoid) – бемории ағлаб кӯдакон, ки бар асари вируси табхол падид меояд; пайдо шудани обилачаҳо дар луобпардаи сурхшудаи даҳон, балъум, ҳалқум, пӯсти рӯй, гоҳо пӯсти ангуштон ва узвҳои таносул (преимущественно детских заболеваний вызвано вирусом малярии; появление слюны на покрасневшей слизистой оболочке рта, глотки, гортани, коже лица, иногда коже пальцев и половых органов); акродерматит (греч. acrodermatitis) –*

илтиҳоби пӯсти даст по (воспаление кожи рук и ног); акроостеолиз (греч. acroosteolysis) – пӯсидану бечо шудани нӯги ангуштон (онемение и покалывание кончиков пальцев); остиофолликулит – илтиҳоби қисми фарохи халтачаи мӯ (ostiofolliculitis (inflammation of orifice of the hair follicle (остиофолликулит (воспаление устья волосяного фолликула)) [3; 4] и т.д.*;* **в английском языке:** *dermatomycosis (греч. dermato- (пӯст), греч. myc- (занбурӯғ), -osis (ҳолат) – dermatophytosis (бемории занбӯруғии пӯст; бемории пӯст, ки занбӯруғаки ришташакл падид меоварад(грибковое заболевание кожи; кожное заболевание, вызываемое нитчатым грибом)); eczema (греч. ekzein (to boil) - atopic dermatitis (зардзахм, қубоъ, бемории илтиҳобии ғайрисироятии пӯст, ки бо хоришу сурхии пӯст ва дамидани гиреҳчаву обилачаву рихинакҳо падид меояд (Желтая рана, крапивница, неинфекционное воспалительное заболевание кожи, протекающее с зудом и покраснением кожи, а также отеком узелков, слюны и желез)* [23; 24].

Вторая группа терминов-дублетов – синонимические пары, в которых один из эквивалентов представляется в терминосочетанием, **в таджикском языке**: *дерматит – бемории илтиҳоби пуст (воспалительное заболевание кожи), дерматома – омоси пӯст, эктема – ширинчаи амиқ (эктима), думмал – илтиҳоби халтачаи муй ва атрофи он (фурункул), дерматомиозит – илтиҳоби муштараки пӯст ва мушакҳои тарвозарах (суставное воспаление кожи и мышц), дерматофитоз – бемории занбурӯғи пуст (грибковое заболевание кожи), пиодерма – бемории думмали пуст (гнойничковые болезни кожи)* [3; 4]; **в английском языке:** *staphyloderma - staphylococcal pyoderma (стафилококковая пиодермия, стафилодермия), folliculitis – inflammation of the hair follicles (фолликулит, воспаление фолликула волоса),scabies – barter's itch (хоришак (чесотка), scrofuloderma – cutaneous tuberculosis, tuberculosis cutis, (бемории маҷмуъии сили пӯст (сили пӯст, скрофулодерма (туберкулёз кожи, скрофулодерма))*, *urticaria – hives – nettle rush (испарма (крапивница), strophulus – gum rash – prurigo simplex (дарди хориши кудак (детская почесуха, десткая крапивница))* [13; 14]. Из интерпретации вышеуказанных терминов-синонимов выяснилось, что они образованы посредством калькирования, т.е. способ перевода, при котором слова и выражения переводятся буквально.

Третья группа терминов-синонимов состоят из дублетов, которые отличаются лишь своими начальными элементами. К этим элементам, прежде, всего, относятся те единицы, которые имеют греко-латинского происхождения: *derm(at)ographism – dermographia – dermography (бардоштани нақши пӯст, дермография)*. Присутствие таких терминов-дублетов в сравниваемых языках разъясняется общими языковыми истоками, следовательно данные терминологические дублеты прослеживается в одинаковом уровне.

Последная группа терминов-синонимов состоят из таких дублетов, которые выражают бытовые и общелитературные наименования, **в таджикском языке**: *табларза – варача (malaria (малярия)), пучак – думмал (furuncle (фурункл)), домана – ҳасба (typhus (тиф)), зардча – заъфарма, зардпарвин (jaundice (желтуха))* [13; 14] и т.д.; **в английском языке:** *rubella – German measles (сурхча (краснуха)); mumps – epidemic parotiditis , eczema – disseminated neurodermatitis, atopic dermatitis, atopic eczema, Besnier-Brocq syndrome (шукуфа (экзема)), jaundice – icterus (зардпарврин (желтуха)), dermatitis simplex – dermatitis artificial – dermatitis erythema (бемории маъмули илтиҳоби пуст (простой дерматит)* [23; 24]и т.д.

Необходимо указать, что термины-синонимы, относящиеся к общелитературному языку, приемущественно, употреблюются дерматологами, т.е. врачами или специалистами, работающие в области лечение болезни кожи и их профилактики.

По струкутре термины-синонимы кожно-венерических заболеваний в обоих языках делятся на однокоренные и разнокоренные синонимы.

К однокоренным терминам-синонимам относятся те синонимы, которые имеют общий корень и разные словообразующие элеменеты, **в таджикском языке**: *гул – гулафшон (smallpox (оспа), сурхча – сурхак – сурхакон (measles, rubeola (корь)), (зардпарма – зардпарвин (jaundice (желтуха)), хориш – хоришак (scabies (чесотка)* [13; 14] и т.д.; **в английском языке**: *dermatophyte – dermophyte (дерматофит (бемории занбӯруғи пӯст, ки*

ба пӯст таъсир мерасонад (гриб, поражающий кожу)); dermatophytosis – dermatomycosis (дерматомикоз, дерматофития, бемории занбӯруғи пуст (грибковая болезнь кожи)); dermatosis – dermatopathy – dermopathy (дерматоз (номи умумии бемориҳои пӯст (общее название болезней кожи), дерматопатия (бемории пӯст), дермопатия (бемории пӯст (заболевание кожи)), lepr – lepros (махав (проказа), scab – scabies (хоришак (чесотка) [23; 24] и т.д.

К разнокоренным терминам-синонимам принадлежат те синомнимы у которых имеются разные корни: **в таджикском языке***: зардча –ярақон (jaundice (желтуха)), нағзак – чечак (smallpox (оспа)), гармича – рихинак (pustule (прыщ, пустула, гнойничок), озах – севол (verruca (бородавка), ҷузом – хӯра – махав (leprosy (проказа)* [13; 14]и т.д., **в английском языке**: *furuncle – boil (думмал (фурункул, чирей), ward – verruca (озах (бородавка), rash – eruption (сыпь), syphilis – lues (сифлис) scabies – itch – mange (хоришак (чесотка)), varicella – chickenpox (гул, нағзак, обакон, гулафшон (ветряная оспа, ветрянка), variola – smallpox (гул, гулафшон)* [23; 24]и т.д.

Общеизвестно, что все терминологические единицы той или иной отрасли медицины относятся к определённым частям речи. Исходя из этого, все собранные термины-синонимы кожно-венерических болезней были классифицированы согласно их соотнесенности к следующим частями речами:

термины-синонимы существительные. К данной группе терминов-синонимов относятся те пары синонимов, которые являются имя существительное, **в таджикском языке:** *илтиҳоб – варам – газак (abscess (абсцесс), гиреҳча – пайса (papule, papula (папула), реш – яра (ulcer; sore (язва), нашв – кумав (vegetation (патологическое разрастание ткани; вегетация), шабушнокӣ – шубшсорӣ – шабушзадагӣ (pediculosis (педикулёз)* [13; 14] и т.д.; **в английском языке**: *hydradenitis – hidrosadenitis (гидраденит (глубокая стафилодермия в виде гнойного воспаления апокриновых потовых желез), trichophytosis – ringworm (трихофития (бемории сироятии занбӯрӯғи пуст (заразное грибковое заболевание кожи; стригущий лишай)); epidermophytosis – epidermophytia (эпидермофития (бемории занбӯруғи пӯст ва нохунҳо (грибковое заболевание кожи и ногтей); dermatophytosis – dermatomycosis (дерматомикоз, дерматофития (гурӯҳи калони бемориҳои занбӯрӯғи пӯст (большая группа грибковых заболеваний кожи)), moniliasis – candidiasis – candidosis – oidiomycosis (монилиаз (барфак, қулоъ, бемории луобпардаи даҳон, ки дар натиҷаи сирояти занбӯруғи ангали Monilia падид меояд (заболевание слизистой оболочки полости рта, вызванное инфекцией грибка Monilia)), herpes – lichen (шукуфа (лишай)* [23; 24]и т.д.;

термины-синонимы глаголы. К данной группе терминов-синонимов относятся те пары синонимов, которые являются глаголы, **в таджикском языке:** *даво кардан – табобат кардан – муолиҷа кардан (treat (лечить)), шикоф кардан – кафондан (-мадда) (break (the pus) (вскрывать (гной), обила задан – табхола дамидан (erupt (rash) (высыпать (о сыпи)); обила бардамидан – нағзак баромадан – чечак баромадан (break out (a smallpox покрываться оспинами); об гирифтан – варам кардан – дамида баромадан –омосидан (swell (отекать, воспаляться), нағзак кандан – обила кӯфтан (vaccinate (вакцинировать)* [13; 14] и т.д.; **в английском языке**: *clean – scour (тоза кардан (-и яра) (чистить язвы); smear – spread (an ointment) (молидан (-и марҳам) (намазывать, смазывать (мазьом), inspect – examine (the patient) (муоина кардан (-бемор) (обследовать (пициента), treat – cure (табобат кардан (лечить); erupt – break / come out (баромадан, дамидан (-и табхол (высыпать (о сыпи), diagnose – identify (skin diseases, dermatoses) (ташхис кардан (- бемориҳои пӯст)(диагностировать (кожных заболеваний)), classify – categorize (pyoderma) (гурӯҳбандӣ, дастабандӣ, табақабандӣ кардан (-и пиодермия (бемории рихинаксорӣ, илтиҳоби римноки пӯст (классиффицировать (пиодермии)); excise – remove – take out (furuncle) (бурида партофтан (-и думмал) (удалять (фурункула)* [23; 24] и т.д.

Из частеречное классификации терминов-синонимов кожно-венерических болезней установлено, что значительное количество синонимов данной отрасли в сравниваемых

языках являются имя существительное, так как именно большинство терминов и терминосочетаний образуется на его основе.

Таким образом, из толкования и интерпретации терминов-синонимов кожно-венерических болезней выявлено, что синонимы как лингвистическое явление занимают особое место в терминосистеме указанной отрасли. В обоих языках, термины-синонимы разделяются на абсолютные и семантические или идеографические синонимы. Согласно структуре термины-синонимы исследуемой отрасли в сравниваемых языках бывают однокоренные и разнокоренные синонимы. Отличительные особенности терминов-синонимов анализируемой отрасли заключается в том, что некоторые дерматовенерологические терминологические единицы таджикского языка приобретает свои истоки из арабского языка, а английские термины из греческого и латинского языка. Общие свойства исследуемой отрасли, терминов является то что большинство терминологических единиц проникли из латинского и греческого языков и до настоящего времени они употребляются в заимствованной форме, так как латинский язык был языком медицинской науки и в древнем и в средневековых периодах. Наряду с этим, значительное количество медицинских трактатов великих учёных и фармакологов были написаны именно на латинском языке и они стали причиной появления и заимствования латинских терминов в лексическом составе таджикского и английского языков.

Литература

1. *Айнӣ, С. Ёддоштҳо / С. Айнӣ. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2013. – 464 с.*
2. *Бабошкина, Л.В. Синонимия в медицинской терминологии / Л.В. Бабошкина, Е.В. Дыкусова, // Мир науки, культуры, образования. - 2019.- №1 (74) – С. 40–42*
3. *Вожаномаи тиббӣ. Иборат аз ду ҷилд. Ҷилди I. А-О. – Д.: Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи Миллии Тоҷик, 2014. – 808 с.*
4. *Вожаномаи тиббӣ. Иборат аз ду ҷилд. Ҷилди II. П-Я. – Д.: Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи Миллии Тоҷик, 2014. – 816 с.*
5. *Гринев, С.В. Введение в терминоведение / С. В. Гринев. – М.: Московский лицей, 1993. – 309 с.*
6. *Капанадзе, Л.А. О понятиях «термин» и «терминология» // История отечественного терминоведения. – Т. 2. Направления и методы терминологических исследований. Кн. 1. / Л.А. Капанадзе. – М.: Московский лицей, 1999. – С. 260–271.*
7. *Лотте, Д.С. Вопросы заимствования и упорядочения иноязычных терминов и термин элементов / Д.С. Лотте. – М.: Наука, 1982. – 150 с.*
8. *Лотте, Д.С. Краткие формы научно-технических терминов/ Д.С. Лотте. – М.: Наука, 1971. – 84 с.*
9. *Лотте, Д.С. Основы построения научно-технической терминологии/ Д.С. Лотте. – М.: Изд-во Академии наук СССР, 1961. – 157 с.*
10. *Смирнова, Е. В. Синонимия в современной медицинской терминологии и ее лексикографирование (на примере англо-русских словарей). / Е. В. Смирнова Вестник КГУ им. Н.А. Некрасова. – № 2. – 2011. – С. 190-194.*
11. *Толикина 1970 – Толикина Е.Н. Некоторые лингвистические проблемы изучения термина // Лингвистические проблемы научно-технической информации. - М: Наука, 1970. – С. 57–67.*
12. *Толикина, Е.Н. Синонимы или дублеты? // Исследования по русской терминологии / Е.Н. Толикина. – М.: Наука, 1971. – С. 78–89.*
13. *Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷилди 1. А-Н. – Душанебе: Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёти Рӯдакӣ, 2008. – 950 с.*
14. *Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷилди 2. О-Я. – Душанебе: Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёти Рӯдакӣ, 2008. – 945 с.*
15. *Шамилов, Р.М. Переводоведческий взгляд на явление терминологической дублетности в контексте обучения специальным видам перевода Вестник Самарского университета / Р.М. Шамилов История, педагогика, филология. 2021. Т. 27, № 1. - С. 162–171*
16. *https://context.reverso.net/перевод/английский-русский /sickness (санаи мурочиат: 06.11.2024).*
17. *https://dictionary.cambridge.org/ru/словарь/английский /disease (санаи мурочиат: 06.11.2024).*
18. *https://dictionary.cambridge.org/ru словарь/английский /illness (санаи мурочиат: 06.11.2024).*

19. *https://vazhaju.tj/search/мариз (санаи мурочиат: 12.11.2024).*
20. *https://vazhaju.tj/search/ранҷур (санаи мурочиат: 12.11.2024).*
21. *https://vazhaju.tj/search/дардманд. (санаи мурочиат: 12.11.2024).*
22. *https://vazhaju.tj/search/бетоб (санаи мурочиат: 12.11.2024).*
23. *Oxford Dictionary of English, 3rd Edition [Electronic resource]. – Oxford: Oxford University Press, 2010. – Oxford Dictionary (En-En) (для ABBYY Lingvo x5).*
24. *Collins English Dictionary. 8th Edition [Electronic resource]. – Glasgow: Harper Collins Publishers, 2006. – Collins (En-En) (к версии ABBYY Lingvo x5).*
25. *New Oxford American Dictionary, 3rd Edition [Electronic resource]. – Oxford: Oxford University Press Inc., 2010. – Oxford American Dictionary (En-En) (для ABBYY Lingvo x5).*
26. *Concise Oxford American Thesaurus [Electronic resource]. – Oxford: Oxford University Press Inc., 2006. –Oxford American Thesaurus (En-En) (к версии ABBYY Lingvo x5).*

ЯВЛЕНИЕ СИНОНИМИИ В СИСТЕМЕ ТЕРМИНОВ КОЖНО-ВЕНЕРИЧЕСКИХ ЗАБОЛЕВАНИЙ ТАДЖИКСКОГО И АНГЛИЙСКОГО ЯЗЫКОВ

Данная статья посвящена изучению феномена синонимии в системе терминов кожных и венерических болезней в таджикском и английском языках. Несмотря на то, что проблема синонимии в терминологии привлекла внимание многих ученых, лингвистов и терминологов, этот вопрос до сих пор остается предметом дискуссий среди исследователей. Если, с одной стороны, некоторые лингвисты придерживаются идеи существования синонимов терминов, то, с другой стороны, они игнорируют наличие синонимов у терминологических единиц. Однако каждая отрасль науки и техники имеет свои специальные термины, а наличие синонимов только способствует развитию этой отрасли. Дермато-венерология как самостоятельная отрасль медицины, занимающаяся диагностикой, лечением и профилактикой кожных заболеваний, а также инфекций, состоит из совокупности терминов и терминосочетаний. В процессе анализа терминов данной отрасли были выявлены некоторые терминоединицы, имеющие синонимы. В группу терминов-синонимов в основном входят те терминологические единицы, которые были заимствованы из других языков, в том числе из латинского и греческого. По структуре все термины-синонимы исследуемой отрасли в сравниваемых языках делятся на однокорневые и разнокорневые синонимы. В целом при сравнении терминов-синонимов исследуемой отрасли выявлено, что в обоих языках больше общих свойств, чем дифференциальных признаков.

Ключевые слова: таджикский, английский, терминология, терминосочетание, сравнение, дерматология, венерология, синоним, абсолютные синонимы, семантические или идеографические синонимы, однокоренные синонимы, разнокоренные синонимы.

ПАДИДАИ СИНОНИМИЯ ДАР НИЗОМИ ИСТИЛОҲОТИ БЕМОРИҲОИ ПӮСТУ ЗУҲРАВӢ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКИ ВА АНГЛИСӢ

Мақолаи мазкур ба таҳқиқи падидаи муродифот дар низоми истилоҳоти бемориҳои пӯсту зуҳравӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бахшида шудааст. Гарчанде ки масъалаи муродифот дар истилоҳот таваҷҷуҳи бисёре аз олимон, забоншиносон ва истилоҳотшиносонро ба худ ҷалб карда бошад ҳам, аммо ин масъала то ҳол дар байни муҳаққиқон мавриди баҳсу мунозира қарор дорад. Агар аз як тараф, бархе аз забоншиносон мавҷудияти муродифотро дар истилоҳот ҷонибдорӣ намоянд, аз тарафи дигар, онҳо мавҷудияти муродифотро дар воҳидҳои истилоҳӣ инкор мекунанд. Аммо ҳар як соҳаи илму техника истилоҳоти хоси худро дорад ва мавҷудияти муродифҳо танҳо ба рушди ин соҳа мусоидат мекунад. Дерматовенерология ҳамчун як соҳаи мустақили тиб, ки ба ташхис, табобат ва пешгирии бемориҳои пӯст, инчунин сироятҳо машғул аст, фарогири маҷмуи истилоҳ ва истилоҳ-ибораҳо мебошад. Дар раванди таҳлили истилоҳоти ин соҳа баъзе воҳидҳои истилоҳие дарёт гардиданд, ки ба худ муродиф доранд. Ба гурӯҳи истилоҳ-муродифот, асосан, он воҳидҳои истилоҳӣ дохил мешаванд, ки аз забонҳои дигар, аз ҷумла лотинӣ ва юнонӣ иқтибос шудаанд. Аз рӯйи сохтор тамоми истилоҳ-муродифоти ин бахш дар забонҳои муқоисашаванда ба синонимҳои якреша ва гуногунреша ҷудо мешаванд. Умуман, ҳангоми муқоисаи истилоҳ-муродифоти соҳаи тадқиқшаванда маълум гардид, ки дар ҳар ду забон нисбат ба хусусиятҳои фарқкунанда хосиятҳои умумӣ бештар ҷой доранд.

Калидвожаҳо: тоҷикӣ, англисӣ, истилоҳот, истилоҳ-ибора, муқоиса, дерматология, венерология, синоним, синонимҳои мутлақ, синонимҳои маънӣ ё идеограф, синонимҳои якреша, синонимҳои гуногунреша.

PHENOMEN OF SYNONYMY IN THE SYSTEM OF TERMS OF SKIN AND VENEREAL DISEASES IN TAJIK AND ENGLISH LANGUAGES

This article is dedicated to the study of the phenomenon of synonymy in the system of terms for skin and venereal diseases in the Tajik and English languages. Despite the fact that the problem of synonymy in terminology has attracted the attention of many scientists, linguists and terminologists, this issue still remains a subject of debate among researchers. If, on the one hand, some linguists adhere to the idea of the existence of synonyms for terms, on the other hand, they ignore the presence of synonyms for terminological units. However, each branch of science and technology has special terms, and the presence of synonyms only contributes to the development of this industry. Dermatovenereology as an independent branch of medicine, which deals with the diagnosis, treatment and prevention of skin diseases, as well as infections, consists of a set of terms and term-phrases. In the process of analyzing the terms of this industry, some term units that have synonyms were discovered. The group of synonymous terms mainly includes those terminological units that were borrowed from other languages, including Latin and Greek. According to the structure, all synonymous terms of this branch in the compared languages are divided into single-root and multi-root synonyms. In general, when comparing synonymous terms of the brunch under study, it was revealed that both languages have more common properties than differential features.

Keywords: Tajik, English, term, terminology, term combination, comparison, dermatology, venereology, synonym, absolute synonyms, semantic or ideographic synonyms, same-root synonyms, different-root synonyms.

Об авторе
Каримова Дилафруз Насибовна
Кандидат филологических наук, доцент кафедры языкознания и сопоставительной типологии
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
E-mail: dnk92@inbox.ru

About the author
Karimova Dilafruz Nasibovna
Candidate of Philological Sciences, Associate Professor in the Department of Linguistics and Comparative Typology
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
E-mail: dnk92@inbox.ru

Дар бораи муаллиф
Каримова Дилафруз Насибовна
Номзади илми филология, дотсенти каф. забоншиносӣ ва типологияи муқоисавӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
E-mail: dnk92@inbox.ru

ТДУ 811.214.24 + 811.112.2:81'38

ТАСНИФОТИ МАВЗУИИ ИСТИЛОҲОТИ ЗАБОНШИНОСӢ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА ОЛМОНӢ

Нурова З. С.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Забоншиносӣ яке аз илмҳои муҳим ба шумор рафта, дар бораи қоидаву қонунҳои забон баҳс мекунад. Ин илм, пеш аз ҳама, ба шохаву қисматҳои мухталиф дастабандӣ гардида, ҳар яке аз бахшҳои он аз маҷмуи луғоту истилоҳот иборатанд. Аз ин рӯ, мо он истилоҳоти забоншиносие, ки дар раванди таҳқиқ мушоҳида намудем, вобаста ба кадом бахши забоншиносӣ мансуб буданашон, ба таври зайл гурӯҳбандӣ намудем: истилоҳоти мансуби овошиносӣ ё савтиёт; истилоҳоти мансуби сарф; истилоҳоти марбути наҳв, истилоҳоти мансуби луғатшиносӣ.

Истилоҳоти мансуби овошиносӣ ё савтиёт. Фонетика як бахши мустақили илмӣ забоншиносӣ буда, таркибу сохти овозу садои забонро меомӯзад. Вожаҳои *овошиносӣ* ва *савтиёт* муродифи истилоҳи *фонетика* ба шумор мераванд. Сохти овози забон, пеш аз ҳама, воситаҳои овозиеро фаро мегирад, ки барои сохтану шинохтани воҳидҳои маънидор истеъмол мегарданд. Ба андешаи забоншинос С. Сулаймонов «Илми савтиёт ё худ овошиносӣ, яке аз қадимтарин ва муҳимтарин бахшҳои забоншиносии қадим ва муосири араб маҳсуб шуда, ҳадафи асосии он тавсиф ва баёни овозҳои забон дониста шудааст» [14, с. 8]. Сохти овозии забонро овозҳои нутқ, ҳиҷо, зада, оҳанг, синтагма ва ҷумла ташкил медиҳанд. Воҳидҳои номбурда бо роҳи тақсимоти қатории (хаттии) ҷараёни нутқ ба қисмҳои мухталиф ҷудо мешаванд. Воҳидҳои зикршуда дорои хусусияти хос ва вазифаи муайян буда, дар якҷоягӣ низоми фонетикии забонро ташкил медиҳанд.

Агар ба пайдоиши истилоҳи *фонетика* рӯ орем, он дар шакли *Phonetik* аз забони юнонӣ ба забони олмонӣ иқтибос гардида, муодили олмонии он воҳидҳои луғавии *Lautlehre, Stimmbildungslehre* ба шумор меравад. Номи ин истилоҳ бо феълҳои «*phanai*» «*sagen, sprechen*» ва ғ. вобастагӣ дорад.

Як нуктаро бояд ёдовар шуд, ки худи овошиносӣ низ дар навбати худ ба якчанд шохаву гурӯҳҳои мустақил ҷудо мешавад, ки фарогири луғоту истилоҳоти сершуморанд, ба монанди:

1) Funktionalphonetik – овошиносии корбурдӣ (функсионалӣ): *димоғӣ<ҳамсадоҳои димоғӣ – nasal<nasale Konsonanten*; *Vorderzungen <Vorderzungekonsonanten – пешизабонӣ<ҳамсадоҳои пешизабонӣ*;

2) artikulatorische Phonetik – овошиносии тавлидӣ: *ковокии даҳон– Mundhöhle*; *Stimmbänder – садопардаҳо*;

3) akustische Phonetik – овошиносии акустикӣ: *қувваи оҳанг – Tonstärke; Lautstärke – қувваи овоз; Lautdauer – кашиши овоз*;

4) Perzeptivphonetik – овошиносии персептивӣ: *вазифаи дарккунӣ – Wahrnehmungsfunktion*; *Wahrnehmung <Wahrnehmung der Silbe – дарк <дарки ҳиҷо*;

5) typologische Phonetik – овошиносии типологӣ: *овози баланд – starker Laut*; *leiser Laut – нимовоз*;

6) historische Phonetik – овошиносии таърихӣ: *ҷарангнокшавӣ<ҷарангнокшавии ҳамсадоҳои беҷаранг – Stimmhaftwerden <Stimmhaftwerden der stimmlosen Konsonanten*; *Lautwandel – тағйирёбиовоз (овозҳо)*;

7) praktische Phonetik – овошиносии амалӣ: *тарзи талаффузи дуруст – korrekte Aussprache*; *Synthese der Rede – синтези нутқ*;

8) vergleichende Phonetik – овошиносии қиёсӣ*: низоми садонокҳои забони тоҷикӣ – Vokalsystem der tadschikischen Sprache; Besonderheiten der deutschen Wortbetonung – хусусиятҳои хоси задаи калима дар забони олмонӣ*;

9) theoretische Phonetik – овошиносии назариявӣ*: аломатҳои забонӣ – sprachliche Zeichen*; *optische Zeichen – аломатҳои оптикӣ (вобаста ба биноӣ)*;

10) symbolische Phonetik – овошиносии рамзӣ: *рамз <рамзи овошиносӣ – Kode<phonetischer Kode.*

Дар баробари ин, истилоҳоти гурӯҳҳое, ки зикрашон дар боло рафт, дар навбати худ боз ба зергурӯҳҳои зерин дастабандӣ мешаванд:

- allgemeinwissenschaftliche Fachwörter – истилоҳоти умумиилмӣ. Дар зери ибораи *истилоҳоти умумиилмӣ* мо он луғоту вожагонеро дар назар дорем, ки на танҳо ба як илми забоншиносӣ, балки ба дигар илму соҳаҳо мансубанд, ба монанди: *усул – Methode*; *System – низом*.

- allgemeinlinguistische Fachwörter – истилоҳоти умумизабоншиносӣ. Дар зери таркиби *истилоҳоти умумизабоншиносӣ* мо он воҳидҳои луғавиеро дар назар дорем, ки на танҳо ба бахши овошиносӣ, инчунин ба дигар бахшҳои забоншиносӣ низ марбутанд: *Morphem <formbildendes Morphem – морфема <морфемаи шаклсоз – морфема*; *ҷанба (аспект) <ҷанбаи акустикӣ – Aspekt <akustischer Aspekt.*

- Fachwörter, die zur Grafik und Rechtschreibung gehören – истилоҳоти марбути хат ва имло. Вожаи *хат* аз нигоҳи сохтор сода буда, дар вожаномаҳо чунин шарҳу тавзеҳ ёфтааст: «маҷмуи аломатҳое, ки дар як забон вақти навиштан ба кор меравад (*ҳарфҳо ва аломатҳои дигар*)» [16, с. 430]; Муодили истилоҳи *хат* дар забони олмони вожаҳои *Grafik, Schrift* ба шумор рафта, аз нигоҳи сохтор содаанд. Истилоҳи *имло* бошад аз нигоҳи сохтор сода, вомвожаи арабӣ буда, маънии зеринро ифода мекунад: «1. *збш.* маҷмуи қоидаҳо оид ба дуруст навиштани калимаҳо, аз сатр ба сатр кӯчонидани онҳо, истифодаи ҳарфҳои калону хурд, дефис *ва ғ.* дар навишт. 2. *кит.* пур кардан. 3. *кит.* навиштапур кардан; гуфтан ва такрор кардан ба касе,то ки вай нависад.» [15, с. 545]. Дар «Ғиёс-ул-луғот» ин истилоҳ ба маънии «расмулхат, яъне навиштани таркиби ҳуруф мувофиқи қоида аст» омадааст» [1, с. 135]. Муодили истилоҳи *имло* дар забони олмони вожаи *Rechtschreibung* буда, аз нигоҳи сохтори морфологӣ исми мураккаб аст. Дар раванди ҷамъоварии мавод мо истилоҳоти зерини мансуби *хат ва имлоро* мушоҳида намудем: *орфография, тарзи навишт – Schreibweise*; *Rechtschreibungsregeln – қоидаҳои имло ва ғ.*

- Fachwörter, die zur Gliederung der phonetischen Einheiten der Rede gehören – истилоҳоти марбути воҳидҳои таҷзияшавандаи нутқ. Пайдост, ки нутқи мо аз ҷараёни овоз ва занҷираи садо иборат аст. Ин занҷира дар навбати худ ба ҳиссаву воҳидҳои алоҳида таҷзия мешавад. Истилоҳу ибора-истилоҳоти зерин ба гурӯҳи мазкур шомиланд: *ҳиҷо<ҳиҷои кушода; Silbe <offene Silbe;. explosiv <explosive Konsonanten – зичи тарканда <ҳамсадоҳои зичи тарканда ва ғ.*

- Fachwörter, die zur phonetischen Veränderungen gehören – истилоҳоти марбути таҳаввули овошиносӣ. Ба ин гурӯҳ истилоҳоте дохил мешаванд, ки ба дигаргуншавӣ ё тағйирёбии овоз дар ҷараёни нутқ алоқамандӣ доранд: *зада<задаи мантиқӣ – Betonung <logische Betonung*; *Melodie<abschliessende Melodie – оҳанг/наво <оҳанги пастшав ва монанди инҳо*.

- Fachwörter, die zur phonetischen Prozess und zu den phonetischen Erscheinungen gehören – истилоҳоти марбути ҷараён ва падидаҳои овоӣ. Ба ин гурӯҳ истилоҳоте шомиланд, ки ба вижагиҳои талаффузи овозҳои нутқ вобаста ба мавқеашон ва ё ҳамнишиниашон бо дигар овозҳо мансуб аст: *тахфиф <тахфифи овозҳо – Reduktion <Reduktion der Laute*; *Ablaut <gualitativer Ablaut – бадалшавии садонокҳо <бадалшавии сифатии садонокҳо.*

- Fachwörter, die zur Phonostilistik und Redekunst gehören – истилоҳоти марбути фоностилистика ва суханпардозӣ. Фоностилистика (юн. phono – овоз, садо+стилистика) бахши забоншиносӣ буда, навъҳои гунаҳои гуфтори воҳидҳои забонӣ ва қонуниятҳои корбурди онҳоро дар соҳаҳои мухталиф ва лаҳзаҳои гуфтор меомӯзад. Фоностилистика дар забоншиносӣ ҷараёнест, ки ба омӯзиши вижагиҳои эҳсосотии воситаҳои овошиносии низоми забонҳои муайян, аз он ҷумла, ба омӯзиши хусусиятҳои акустикӣ-талаффузӣ (артикулятсионӣ) ва просодикии услуби корбурдии забони адабӣ машғул мебошад. Ба ин

гурӯҳ истилоҳоти зерин мансубанд: *анафора, ҳусни такрор – Anapher*; *Metapher – маҷоз, истиора ва ғ*;

- **Fachwörter, die zur Typ- und Redeform gehören – истилоҳоти марбути намуд ва шаклҳои нутқ.** Дар ҳар як забон анвои мухталифи нутқ ройиҷ аст, ки ба воситаи он мубодилаи афкор сурат мегирад. Дар раванди гирдоварии мавод мо бо истилоҳоти зерини мансуби нутқ ва шаклу анвои он рӯбарӯ шудем: *муколама – Dialog*; *нутқи хаттӣ – schriftliche Rede ва монанди инҳо*.

- **Fachwörter, die zu den phonetischen Gesetze, Regeln und Normen gehören – истилоҳоти марбути қонунҳо, қоидаҳо ва меъёрҳои овошиносӣ**. Ба ин гурӯҳ, асосан, истилоҳоте мансубанд, ки қоидаву қонунҳо ва меъёри овошиносиро ифода мекунанд: *қоидаи фонетикӣ – phonetische Regel*; *orthoepische Norm – меъёри орфоэпӣ ва ғ*.

- **Fachwörter, die zur Nachbarwissenschaften gehören – истилоҳоти марбути соҳаҳои илмҳои ба ҳам наздик**. Илми фонетика бо як қатор фанҳои ғайризабонӣ, ки тавлид ва дарки нутқро меомӯзанд, иртиботи наздик дорад. Ин иртибот, пеш аз ҳама, бо илмҳо анатомия, физиология ва равоншиносӣ ба назар мерасад, ба монанди: *ҳалқ, ҳалқум – Kehlkopf*; *Akustik – акустика, садошиносӣ*. Масалан, вожаҳои умумиистеъмолии *ҳалқ, бинӣ, даҳон,* ки чун узви инсон маъмуланд, дар бахши забоншиносӣ ба сифати истилоҳ, ки дар тавлиди овоз иштирок мекунанд, истеъмол мегардад, яъне истилоҳоте мебошад, ки дар ду ва ё се соҳа бори маъноҳои мухталифро мекашанд.

- **Fachwörter, die zur Aussprachenmethodik gehören – истилоҳоти марбути усули таълими талаффуз**. Ба ин гурӯҳ истилоҳу ибора-истилоҳоте шомиланд, ки роҳ, тарз ва шеваву услуби талаффузро ифода мекунанд: *талаффуз <тарзи талаффуз – Artikulation <Artikulationsart*; *Artikulationsregel – қоидаи талаффуз*.

- **Fachwörter die zum Einzelwissenschaft (wissenschaftlichen Zweige) gehören – истилоҳоти марбути илмҳои ҷудогона (соҳаҳои илм).** Ин гурӯҳ истилоҳотеро фаро мегирад, ки бевосита ба навъҳои дигари фонетика иртибот доранд**:** *овошиносии умумӣ – Experimentalphonetik*; *Tonphonologie – фонологияи овоз*.

Дар низоми истилоҳоти овошиносии забонҳои муқоисашаванда истилоҳоти меҳварие мавҷуданд, ки дар заминаи онҳо дигар истилоҳот сохта мешаванд, ба монанди: *фонема (Phonem), зада (Betonung, Akzent)* ва ғ. Масалан, дар заминаи истилоҳҳои *овозҳои садонок* ва *ҳамсадо* истилоҳ-ибораҳои зерин сохта шудаанд: *садонокҳои қатори пеш – Vokale der vorderen Reihe, садонокҳои қатори омехта – Vokale der gemischten Reihe, ҳамсадоҳои димоғӣ – nasale Konsonanten, ҳамсадоҳои комӣ – palatale Konsonanten* [11].

Ҳамин тавр, аз гурӯҳбандии истилоҳоти овошиносии забонҳои тоҷикиву олмонӣ маълум гардид, ки ин анвои истилоҳот дар низоми истилоҳоти забоншиносии забонҳои фавқуззикр ҷойгоҳи хосеро ишғол менамоянд. Бештари истилоҳоти бахши овошиносии забонҳои таҳқиқшавандаро вомвожаҳои арабиву юнонӣ ва лотиниву франсавӣ ташкил мекунанд.

Истилоҳоти мансуби сарф. *Сарф* ё худ *морфология* яке аз бахшҳои асосии илми грамматика буда, вазифа ва хусусиятҳои хоси худро дошта, сохти калима, таркиби он, шаклҳои тағйирёбанда ва роҳҳои ифодаи маънои грамматикии онро меомӯзад. Истилоҳи – калима, илм ва хирад мебошад. Дар грамматикаи анъанавии забони олмонӣ *морфология* бо номи *Formenlehre (илм дар бораи шакл)* маъмул аст. Ин илм ба омӯзиши шаклҳои калима ва ҳиссаҳои нутқ бахшида шудааст.

Истилоҳи *морфология* дар қарни XIX аз ҷониби забоншиносон ҳамчун бахши мустақил пазируфта шуд. Мақсад аз пазируфтани ин фан он буд, ки он намунаи махсуси калимасозиро тавсиф мекард. Истилоҳи мазкур нахустин маротиба аз ҷониби олим ва файласуфи олмонӣ Йоҳанн Волфганг фон Гёте ба забони олмонӣ ворид гардидааст. Мавсуф ин истилоҳро ҳамчун илм оид ба шакл, махсусан дар илми ботаника, барои тасвири шакли табиати зинда ва ғайризинда мавриди истифода қарор дод. Дар илми забоншиносӣ ин истилоҳ соли 1859 аз ҷониби забоншинос Август Шлейхер бори аввал мавриди истифода қарор гирифт.

Бояд тазаккур дод, ки ин истилоҳ ҳам дар забони тоҷикӣ ва ҳам олмонӣ вожаи иқтибосӣ ё вомвожа ба ҳисоб рафта, ба таркиби луғавии забони тоҷикӣ аз арабӣ дар шакли *сарф* ва дар забони олмонӣ аз вожаи юнонии *Morphologie* (*Formenlehre)* ворид шудааст.

Истилоҳоти *сарф* низ дар навбати худ ба гурӯҳҳои зерин дастабандӣ мешаванд: а) истилоҳоти мансуби исм; б) истилоҳоти мансуби сифат; в) истилоҳоти мансуби шумора; г) истилоҳоти мансуби ҷонишин; ғ) истилоҳоти мансуби феъл; д) истилоҳоти мансуби зарф; е) истилоҳоти мансуби ҳиссаҳо ёвари нутқ. Дар зер роҷеъ ба истилоҳу ибора-истилоҳоти гурӯҳҳои зикршуда фикру андешаҳоямонро баён мекунем.

Истилоҳоти мансуби исм. Дар «Забони адабии ҳозираи тоҷик» истилоҳи *исм* чунин шарҳу тавзеҳ ёфтааст: «Исм – ҳиссаи нутқест, ки предмет ва мафҳумҳои предметонидашударо ифода менамояд. Маънои предметии исм ба воситаи категорияҳои муайяниву номуайянӣ ва шумора ифода мешавад. Исм ба вазифаи ҳамаи аъзои ҷумла меояд. Вай дар ҷумла пеш аз ҳама мубтадо ва пуркунанда мешавад ва бо ин вазифаи худ аз дигар ҳиссаҳои нутқ фарқ мекунад» [4, с. 109]. Гузашта аз ин, ба ин истилоҳ мураттабони фарҳангҳои истилоҳоти забоншиносӣ ва муаллифи китобҳои грамматикаи забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ таърифоти мухталиферо муносиб медонанд, ки мазмунан мушобеҳи ҳамдигаранд. Барои муқоиса шарҳу тавзеҳи истилоҳи мазкурро дар вожаномаҳо ба таври мисол меорем: «**Исм** II а. اسم 1. ном.2. *збш*. ҳиссаи мустақили нутқ, ки калимаҳои ифодакунандаи номи ашёву шахс ва ғайраро дар бар мегирад: исми танҳо, исми ҷамъ, исми хос, исми ҷинс» [15, с. 557].

Дар забони олмонӣ истилоҳи *Substantiv/Nomen (Hauptwort)* аз забони лотини қадима дар шаклҳои *nomen substantivum* аз забони ҳозираи лотинии *substantia/Nomimis, Nomina, Nomen* ба забони олмонӣ иқтибос гардидааст. Ин истилоҳ дар забони олмонӣ бо шаклҳои *Hauptwort, Dingwort* ҳам ройиҷ аст. Аз соли соли 1398 сар карда, ин истилоҳ ба маънии «ифодакунандаи шахс ва ё ашё» дар нахустин грамматикаҳо шарҳу тавзеҳ ёфтааст [20, с. 828]; «Das Substantiv bezeichnet Dinge im weitesten Sinne des Wortes (Исм ҳиссаи нутқест, ки номи ашёро дар маънои васеи калима ифода мекунад)» [19, с. 13]; Аз шарҳу тавзеҳи зикршуда аён гардид, ки истилоҳи *исм* ва муодили олмонии он вожаи *Substantiv* дар ҳар ду забон ҳам, маънои якрангро соҳиб аст.

Дар ҳар ду забон ҳам, ба гурӯҳи истилоҳоти мансуби *исм* истилоҳ ва ибора-истилоҳоти зерин шомиланд: *моддӣ < исми моддӣ – Dingname, Geschlecht <männliches Geschlecht – ҷинс<ҷинси мардона* [11].

Истилоҳоти мансуби сифат. *Сифат* ҳамвора бо *исм* яке аз истилоҳҳои меҳварии бахши сарф ба шумор рафта, аломати ашёро ифода мекунад. Роҷеъ ба таърифи сифат дар сарчашмаҳои забоншиносӣ ғолибан диду назари мушобеҳ мушоҳида мешавад: «3. *збш.* ҳиссаи нутқ, ки чигунагӣ, хусусият ва мансубияти ашёро ифода мекунад» [16, с. 182-183]; «**Сифат** – баён кардани ҳол ва аломат ва нишони чизе; ва ба истилоҳ фарқ миёни васф ва сифат он аст, ки васф калимоти мадҳи мадеҳро гӯянд ва сифат хасоил, ки дар зоти мамдӯҳ бошад; ва ба истилоҳи сарф исми фоил ва исми мафъул ва сифати мушаббаҳ ва афъалуттафзил» [10, с. 9]; «Das Adjektiv bezeichnet eine Eigenschaft, ein Merkmal des Gegenstandes (Сифат хусусият, аломати ашёро нишон медиҳад)» [22, с. 132].

Муодили истилоҳи *сифат* дар забони олмонӣ воҳиди луғавии *Adjektiv* ва Eigenschaftswort буда, аз забони лотинӣ дар шакли *adjectivus* бо маънии «hinzufügen, hinzusetzen, ergänzen (илова намудан, зам кардан)» иқтибос шудааст. Дар ҳар ду забон ҳам, ба гурӯҳи истилоҳоти мансуби *сифат* истилоҳ ва ибора-истилоҳоти зерин шомиланд: *дараҷа <дараҷаи олӣ – Stufe <Superlativ*; *Positiv – дараҷаи одӣ*.

Истилоҳоти мансуби шумора. Истилоҳи *шумора* ва муодилҳои олмонии он *das Zahlwort* ва *das Numerale* дар ҳар ду забон ҳам ба маъниҳои зерин корбаст мешаванд: «Шумора. Ҳиссаи номии нутқ, ки миқдор ва тартиби предметҳоро бо адад ифода менамояд ва ададҳои бенамро номбар мекунад» [1, с. 397]; «Das Numerale ist eine Wortart, die einen Zahlbegriff ausdrückt (Шумора ҳиссаи нутқест, ки мафҳуми шумораро ифода мекунад)» [19, с. 167]. Дар ҳар ду забон ҳам, ба гурӯҳи истилоҳоти мансуби *шумора* истилоҳ ва ибора-

истилоҳоти зерин шомиланд: *сода <шумораи сода – einfach <einfache Grundzahl*; *zusammengesetzt <zusammengesetztes Numerale – мураккаб <шумораи мураккаб* [11].

Истилоҳоти мансуби ҷонишин. Истилоҳи *ҷонишин* ва муодилҳои олмонии он *Pronomen, Fürwort* дар вожаномаҳо чунин шарҳ ёфтаанд: «ҳиссаи нутқе, ки ба ҷои исму сифату шумора меояд» [16, с. 602]; «Das Pronomen weist auf Dinge oder deren Eigenschaften hin (Ҷонишин ба ашё ва ё аломатҳои онҳо ишора мекунад)» [22, с. 119]; Дар осори забоншиносони пешин бар ивази истилоҳи *ҷонишин* вожаи *замир* ройиҷ буд. Дар забонҳои муқоисашаванда ба гурӯҳи истилоҳоти мансуби *ҷонишин* истилоҳ ва ибора-истилоҳоти зерин дохил мешаванд: *манфӣ <ҷонишинҳои манфӣ – verneinend <verneinendes Fürwort*; *persönlich <persönliches Fürwort – шахсӣ <ҷонишинҳои шахсӣ*.

Истилоҳоти мансуби феъл. Истилоҳи *феъл* ва муодилҳои олмонии он *Verb, Verbum, Zeitwort* дар сарчашмаҳои луғатнигори ба маъниҳои зерин омадаанд: «Феъл ҳиссаи нутқест, ки ҳаракату ҳолат, гузариш аз як ҳолат ба дигараш ва монанди инҳоро ифода мекунад» [17, с. 50]. Ин истилоҳ ба таркиби луғавии забони олмонӣ аз забони лотинӣ дар шаклҳои *verbum (Wort (калима), Verb (феъл)* дар асри XV иқтибос шуда, аз садаи XVIII то ин замон бидуни пасванди *-um* истеъмол мешавад [20, с. 888]. Дар забонҳои таҳқиқшаванда ба гурӯҳи истилоҳоти мансуби *феъл* истилоҳ ва ибора-истилоҳоти зерин тааллуқ доранд: *асос<асоси феъл – Stamm <Stamm des Verbs; тарз< тарзи фоил, тарзи мафъул – Genus <Aktiv, Passiv*; *монда <феъли монда – intransitiv <intransitives Verb*; *transitiv <transitives Verb – гузаранда <феъли гузаранда*.

Яке аз истилоҳҳое дигаре, ки ба гурӯҳи истилоҳоти мансуби феъл шомиланд ин истилоҳ-ибораҳои *сифати феълӣ (Partizip)* ва *феъли ҳол (Adverbialpartizip)* буда, забоншиносон ба истилоҳоти мазкур таърифҳои зеринро муносиб медонанд: «Сифати феълӣ яке аз се шакли асосии феъл мебошад. Истилоҳ-ибораҳои *сифати феълии замони ҳозира (Partizip Präsens)* ва *сифати феълии замони гузашта (Partizip Präteritum)* низ ба гурӯҳи истилоҳоти зикршуда мансубанд.

Истилоҳоти мансуби зарф. Истилоҳи *зарф* аз нигоҳи сохтори морфологӣ исми сода буда, дар луғатномаҳо ба чунин маънӣ омадааст: «**Зарф** – ҳиссаи тағйирнаёбандаи нутқ, ки аломати амал ва ҳолатро аз рӯи миқдору сифат, замон, макон, сабаб, мақсад, тарзи вукӯъ ва ғайра эзоҳ медиҳад: зарфи замон, зарфи макон, зарфи мақсад, зарфи сабаб, зарфи тарзи амал» [15, с. 513]; Муодили истилоҳи зарф дар забони олмонӣ вожаҳои *Adverb, Umstandswort* буда, маънии зеринро ифода мекунанд**:** «Das Adverb nennt die Eigenschaften eines Vorgangs, dessen Ort, Zeit, Grund, Zweck usw» (Зарф хусусияти амалеро нишон медиҳад, ки макон, замон, сабаб, мақсад ва ғайраро ифода мекунад) [19, с. 14]; Истилоҳи *Adverb* ба таркиби луғавии забони олмонӣ дар қарни XVII аз истилоҳи ҳаммаънои «adverbium»-и забони лотинӣ (zum Verb gehörende Wort – калимаи ба феъл марбутбуда) иқтибос шудааст [20, с. 22-23]. Дар ҳар ду забон ба гурӯҳи истилоҳоти мансуби *зарф* истилоҳ ва ибора-истилоҳоти зерин дохил мешаванд: *таркибӣ <зарфҳои таркибӣ – zusammengesetzte Adverbien*; *qualitativ <qualitative Adverbien – аслӣ <зарфҳои аслӣ*.

Истилоҳоти мансуби ҳиссаҳои ёвари нутқ. Истилоҳоти ин гурӯҳро, асосан, он вожагоне ташкил медиҳанд, ки ашёву амалро номбар намекунанд, аъзои ҷумла нестанд, маънои луғавӣ надошта, танҳо ифодагари маънои грамматикианд. Дар ҳар ду забон, ба гурӯҳи мазкур истилоҳоти зерин мансубанд: *пешоянд, пайвандак, ҳиссача, нидо; Präposition, Konjunktion, Partikel, Interjektion; номӣ <пешоянди номӣ – nominal <nominale Präposition*; *vokativ <vokative Interjektionen – даъватӣ <нидои даъватӣ*.

Ҳамин тариқа, аз дастабандии истилоҳоти сарфи ҳар ду забон маълум гардид, ки истилоҳоти мансуби сарф дар баробари истилоҳи овошиносӣ як ҷузъи муҳимми истилоҳоти забоншиносии забонҳои муқоисашаванда ба шумор мераванд. Истилоҳоти ин бахш ба ҳафт гурӯҳ дастабандӣ гардиданд, ки ҳар яке аз ин гурӯҳҳо боз ба зергурӯҳҳо ҷудо мешаванд. Роҷеъ ба вижагиҳои маъноиву сохтории онҳо дар бобҳои минбаъда таваққуф менамоем.

Истилоҳоти мансуби наҳв. Наҳв дар низоми дастури забон мавқеи меҳвариро соҳиб аст, зеро вай воҳидҳои забониеро фаро мегирад, ки барои баёни маълумот, таъмини муошират ва мубодилаи афкор байни одамон хизмат мекунанд. Наҳв вазифаи худро дар

иртибот бо сарф ичро менамояд ва ҳамин аст, ки сарфу наҳв дар якҷоягӣ дастури забонро ташкил медиҳанд. Истилоҳи *наҳв* дар забони тоҷикӣ вомвожаи арабӣ ва дар забони олмонӣ муодили он *Syntax* вомвожаи юнонӣ мебошад.

Бахши *наҳв* лабрезу саршор аз луғоту истилоҳот буда, ҳар яке аз онҳо дар баёни нутқ мавқеи густурда доранд. Яке аз мафҳумҳои меҳварии бахши наҳв дар ҳар ду забон ҳам, истилоҳи *ибора (die Wortgruppe/die Wortgefüge)* ба шумор рафта, дар фарҳангномаву луғатномаҳо ба чунин маънӣ омадааст: «Ибора аз ду ва ё зиёда калимаҳои мустақил бо роҳи алоқаи тобеъ ташкил меёбад» [2, с. 3]; «Ибора воҳиди номинативии забон буда, аз калимаю таркибҳои маънодор бо алоқаҳои тобеии изофӣ, вобастагӣ ва ҳамроҳӣ сохта мешавад ва нисбат ба калима маънои мукаммалтарро ифода мекунад» [1, с. 128]; «Ибора воҳиди номинативии забон буда, аз калимаю таркибҳои маънодор бо алоқаҳои тобеии изофӣ, вобастагӣ ва ҳамроҳӣ сохта мешавад ва нисбат ба калима маънои мукаммалтарро ифода мекунад» [6, с. 7].

Муодили истилоҳи *ибора* дар забони олмонӣ вожагони die *Wortgruppe, die Wortverbindung* ва die *Wortgefüge* буда, муаллифони дастурҳои забони олмонӣ истилоҳи мазкурро чунин шарҳ додаанд: «Unter einer Wortgruppe versteht man zwei oder mehr Begriffswörter, die inhaltlich und grammatisch miteinander eng verknüpft sind (Ибора ду ва ё зиёда калимаҳои мустақилмаъно мебошанд, ки аз ҷиҳати мазмун ва грамматикӣ бо ҳам зич алоқамандand)» [19, с. 239].

Бояд тазаккур дод, ки дар заминаи истилоҳи *ибора* дар ҳар ду забон ҳам, як қатор истилоҳ-ибораҳои исмии изофие сохта шудаанд, ҷузъи асосиашон исм-истилоҳи *ибора* аст: *ибораҳои исмӣ, ибораҳои устувор, ибораҳои сифатӣ* [6, с. 8-11]*; substantivische Wortgefügen, feste Wortgefügen, adjektivische Wortgefügen* [11]

Истилоҳ-ибораи *ибораи исмӣ* ба маънии зерин корбурд мегардад: «Исм дар ибора ҳамчун меҳвар воқеъ шуда, ҳамаи ҳиссаҳои мустақили нутқро тобеъ менамояд. Ҷузъҳои тобеъ ба исм бо бандаки изофӣ, пешоянду пасоянд ва алоқаи ҳамроҳӣ вобаста мешаванд. Ибораҳои исмӣ муносибатҳои муайянкунандагӣ, ҳолӣ, пуркунандагӣ ва субъективиро мефаҳмонанд» [2, с. 29]; Муодили он дар забони олмони ибораи *substantivische Wortgruppe* буда, чунин маъниро соҳиб аст:«Die substantivische Wortgruppe umfasst ein Substantiv und seine näheren Bestimmungen (Attrtibute): Adjektive, Pronomen, Numeralien, Partizipien, Adverbien, Infinitive (ибораҳои исмӣ исм ва дигар ҷузъҳои тобеъшавандаи зеринро дар бар мегирад:ҷонишин, шумора, сифати феълӣ, зарф, масдар» [19, с. 240-241].

Истилоҳ-ибораи *ибораҳои феълӣ* чунин таърифро доро аст: «Феъл ба воситаи алоқаи ҳамроҳӣ ва вобастагӣ исм, ҷонишин, зарф, феъли ҳол ва масдарро ба худ тобеъ намуда ибораҳои феълӣ месозад, ки дар ифодаи муносибаҳои хеле мухталифи грамматикӣ хизмат мекунанд» [2, с. 45]. Муодили олмонии он ибораи *verbale Wortgruppe* ба маънии зерин истеъмол мешавад: «Die verbale Wortgruppe umfasst ein Verb und seine näheren Bestimmungen: Objekte, Adverbialbestimmungen, prädikative Attribute (ибораҳои феълӣ феъл ва дигар ҷузъҳои тобеъшавандаи зеринро дар бар мегирад: пуркунанда, ҳол, муайянкунандаи хабариро» [19, с. 241].

Як нуқтаи муҳимро бояд қайд намуд, ки истилоҳ-ибораи *ибораи феълӣ* дар забони олмонӣ дар ду шакл, яъне *verbale Wortgruppe* ва *verbale Wortgefüge* истеъмол мешавад. Ҳар ду ҷузъи дуюми муодили олмонии истилоҳ-ибораи *ибораи феълӣ*, яъне воҳидҳои луғавии *die Wortgruppe/die Wortgefüge* аз нигоҳи сохтор исми мураккаб буда, аз ду калимаи мустақилмаънои *das Wort* ва *die Gruppe*; *das Wort* ва *die Gefüge* бунёд ёфтаанд.

Истилоҳи *ҷумла* ва муодили олмонии он *der Satz* низ яке аз истилоҳҳои меҳварии бахши навҳи забонҳои муқоисашаванда ба шумор меравад. Суханшиносон ва фарҳангнигорон истилоҳи *ҷумларо* чунин шарҳу тавзеҳ додаанд: «Воҳиди асосӣ ва ташкилкунандаи сухан ҷумла мебошад, ки вай фикри томеро дар бораи ҳаёти воқеӣ ифода мекунад, бо ягонагии ботинӣ (мазмунан) ва хориҷиаш (сохт ва вазифа) тарзи баён ва хусусиятҳои гуногун суханронии касро равшан менамояд» [9, 234; 18, с. 38]; «Ҷумла чунин воҳиди муҳимтарини забон аст, ки фикрро ифода мекунад. Ҷумла чун воҳиди асосии наҳвӣ дорои маъно ва шакли грамматикӣ аст» [6, 17-18]; «Der Satz drückt einen mehr oder weniger

abgeschlossenen Gedanken aus und bildet inhaltlich, lautlich und grammatikalisch ein zusammenhängendes Ganzes» (Ҷумла фикри каму беш томеро ифода мекунад, ки аз лиҳози мазмун, оҳанг ва дастур ба ҳамдигар алоқаманданд) [19, с. 216]. Дар ҳар ду забон ҳам, ба воситаи истилоҳи *ҷумла(Satz)* истилоҳ ва истилоҳ-ибораҳои зиёде сохта шудаанд: *ҷумлаи сода – einfacher Satz*; *ҷумлаи мураккаб – zusammengesetzter Satz, Fragesatz – ҷумлаи саволӣ, verneinender Satz – ҷумлаи инкорӣ* ва ғайра.

Лозим ба ёдоварист, ки дар байни истилоҳоти *ибора* ва *ҷумла* тафовут ҷой дорад. Ба андешаи Б. Камолиддинов «Тафовути ҷумларо аз ибора академик В. В. Виноградов равшан кардааст: ибора воҳиди номбаркунандаи (номинативии) забон аст, аммо ҷумла ки ба ифодаи фикр қодир аст ва бо ин васила мубодилаи афкорро дар байни аъзоёни ҷомеа имконпазир мегардонад, воҳиди иртиботӣ ё алоқа (коммуникативӣ) ба шумор меравад» [6, с. 17].

Истилоҳ-ибораи *ҷумлаи сода (einfacher Satz)* низ яке аз истилоҳҳои меҳварии бахши наҳв ба шумор меравад. Ҷумлаи сода категорияи алоҳидаи наҳвӣ ба шумор рафта дорои аломатҳои грамматикии хоси худ мебошад, ки тафовути ӯро аз дигар категорияҳои наҳвӣ нишон медиҳад. Дар луғатнома истилоҳ-ибораи *ҷумла сода* чунин шарҳ ёфтааст: «Ҷумлае, ки дар таркиби худ танҳо як воҳиди хабарӣ дорад. Ҷумлаи сода фикреро инъикос менамояд, ки шакли нисбатан мухтасари аввал, охир ё ояндаи амалу ҳодисаи баёншаванда мебошад» [1, с. 382]. Дар ҳар ду забон, ба зергурӯҳи истилоҳоти *ҷумлаи сода* воҳидҳои луғавии зерин мансубанд: *мубтадо, хабар; das Subjekt, das Prädikat; ҳикоягӣ <ҷумлаи ҳикоягӣ – Aussage-<Aussagesatz*; *erweitert<erweiterter Satz – тафсилӣ <ҷумлаи тафсилӣ* ва ғ. [11].

Дар зер зарур мешуморем, ки фикру андешаҳои худро дар бораи вижагиҳои фарқкунандаи бархе аз истилоҳоте, ки зикрашон дар боло рафт, баён намоем. Истилоҳи *мубтадо* дар забони тоҷикӣ вомвожаи арабӣ буда, аз нигоҳи таркиби морфологӣ исми сода аст. Муодили он дар забони олмонӣ истилоҳҳои *das Subjekt* ва *der Satzgegenstand* ба шумор мераванд. Истилоҳи *das Subjekt* миёнаи садаи XVI аз забони лотинӣ дар шакли *subiectum* ба таркиби луғавии ин забони олмонӣ ворид шудааст [20, с. 827]. Истилоҳи *Satzgegenstand* аз ду ҷузъ, яъне *der Satz (исми ҷинси мардона)* ва *der Gegenstand (исми ҷинси мардона)* иборат буда, доираи истеъмоли он дар низоми истилоҳоти наҳви забони олмонӣ серистеъмол аст.

Истилоҳи *хабар* низ вомвожаи арабӣ буда, аз лиҳози таркиби сарфӣ исми сода аст. Муодили истилоҳи *хабар* дар забони олмони воҳидҳои луғавии *das Prädikat* ва *die Satzaussage* ба шумор рафта, истилоҳи *das Prädikat* аввали қарни XVII аз забони лотинӣ дар шакли *praedicatum* ба таркиби луғавии забони олмонӣ иқтибос шудааст [20, с. 622]. Истилоҳи *Satzaussage* аз ду ҷузъ, яъне *der Satz* (исми ҷинси мардона) ва *die Aussage* (исми ҷинси занона) иборат буда, аз лиҳози таркиби сарфӣ исми мураккаб аст. Дар ҳар ду забон ҳам, истилоҳҳои *хабар* ва муодилҳои он *Prädikat, Satzaussage* ҷузъи асосии истилоҳ-ибораи зерин ба шумор мераванд: *хабари сода – einfaches Prädikat, хабари феълӣ – verbales Prädikat, хабари таркибӣ – zusammengesetztes Prädikat, хабари номӣ – nominales Prädikat*.

Истилоҳи *муайянкунада* аз нигоҳи сохтори сарфӣ исми мураккаби омехта буда, аз вомвожаи арабии *муайян*, асоси замони ҳозираи феъли *кардан* дар шакли сиғаи амрӣ ё феъли фармоиши *кун* ва пасванди исмсози *-анда* бунёд ёфта, дар соҳаи забоншиносӣ маънии «яке аз аъзои пайрави ҷумла, ки ба саволҳои *чӣ тавр?, чӣ гуна?, чӣ қадар?, аз он кӣ?...* ҷавоб медиҳад»-ро ифода мекунад. Муодили истилоҳи *муайянкунада* вожаҳои das *Attribut, die Beifügung* ба шумор рафта, истилоҳи *das Attribut* миёнаи садаи XVII аз забони лотинӣ дар шакли *attribütum* ба таркиби луғавии забони олмонӣ ворид гардидааст. Муродифи он истилоҳи *Beifügung* ба шумор меравад.

Истилоҳи *пуркунанда* низ аз нигоҳи сохтори сарфӣ исми мураккаби омехта буда, аз сифати *пур*, асоси замони ҳозираи феъли *кардан* дар шакли сиғаи амрӣ ё феъли фармоиши *кун* ва пасванди исмзози *-анда* таркиб ёфта, дар соҳаи забоншиносӣ маънии «яке аз аъзоҳои пайрави ҷумла»-ро мефаҳмонад. Муодили истилоҳи *пуркунанда* дар забони олмонӣ вожаҳои *das Objekt, die Ergänzung* ба шумор рафта, истилоҳи *das Objekt* миёни қарни XIV аз забони лотинӣ дар шакли *obiectum* аз сифати феълии перфекти исмшудаи хоси ҷинси занона ворид шудааст [20, с. 567]. Вожаи *die Ergänzung* муродифи истилоҳи *das Objekt* маҳсуб меёбад. Дар ҳар ду забон ҳам, истилоҳи мазкур *пуркунанда* ва муодилҳои он das *Objekt, die Ergänzung*

ҷузъи асосии истилоҳ-ибораҳои зерин мебошанд: *пуркунандаи бевосита – direktes Objekt, пуркунандаи бавосита – indirektes Objekt, ҷумлаи пайрави пуркунанда – Objektsatz.*

Истилоҳи *ҳол* вомвожаи арабӣ, аз нигоҳи сохтори сарфӣ исми сода буда, дар соҳаи забоншиносӣ маънии «аъзои пайравест, ки ҳолат, аломат, тарз, миқдор, андоза, замон, макон, сабаб, мақсад, шарт, хилоф ва мутобиқати воқеъ гардидани амал, ҳолат, аломати хабар ва гоҳе дигар аъзоҳои ҷумларо эзоҳ медиҳад»-ро ифода мекунад [1, с. 356]. Муодили истилоҳи *ҳол* дар забони олмонӣ воҳидҳои луғавии *das Adverbiale, adverbiale Bestimmung, die Adverbialbestimmung, die Umstandsbestimmung* ба шумор мераванд. Истилоҳи *adverbiale Bestimmung* аз рӯйи сохтори морфологӣ истилоҳи таркибӣ ё истилоҳ-ибора буда, аз ду ҷузъ *das Adverbial (исми ҷинси миёна)* ва *die Bestimmung (исми ҷинси занона)* иборат аст. Дар ҳар ду забон ҳам, истилоҳи *ҳол* ва муодилҳои он *das Adverbiale, adverbiale Bestimmung, die Adverbialbestimmung, die Umstandsbestimmung* ҷузъи асосии истилоҳ-ибораҳо буда, дар сохтани ибораҳо серистеъмоланд: *ҳоли дараҷа, ҳоли сабаб, ҳоли миқдор; Adverbialbestimmung des Grades, Adverbialbestimmung des Grundes, Adverbialbestimmung des Maßes ва ғ.*

Аз шарҳу тавзеҳ ва хусусияти решашиносхтии панҷ истилоҳоти забонҳои тоҷикиву олмоние, ки зикри номашон дар боло рафт, маълум гардид, ки чор истилоҳи тоҷикӣ, яъне *мубтадо, хабар, муайянкунанда, ҳол* аз забони арабӣ ва чор истилоҳи олмонӣ, яъне das *Subjekt, das Prädikat, das Attribut, das Objekt* аз забони лотинӣ иқтибос шудаанд.

Истилоҳ-ибораи *ҷумлаи мураккаб (zusammengesetzter Satz)* низ яке аз истилоҳҳои меҳварии бахши наҳв ба шумор рафта, дар вожаномаву дастурҳо ба маъниҳои зерин омадааст: «Ҷумлаи мураккаб воҳиди олиташаккули синтаксис аст, ки аз ду ва зиёда ҷумлаҳои сода ташкил ёфта, дорои ягонагии маъно, сохт ва интонатсия мебошад» [3, с. 3]. Дар ҳар ду забон ҳам, ба воситаи истилоҳи *ҷумлаи мураккаб (zusammengesetzter Satz)* истилоҳ ва истилоҳ-ибораҳои зиёде сохта шудаанд: *ҷумлаи мураккаби пайваст – Satzreihe, ҷумлаи мураккаби тобеъ –Satzgefüge*; *сарҷумла – Hauptsatz, ҷумлаи пайрав – Nebensatz; ҷумлаи пайрави мубтадо – Subjektsatz* ва монанди инҳо.

Истилоҳи *матн* вомвожаи арабӣ буда, яке аз воҳидҳои меҳварии наҳв ба шумор меравад. Ин истилоҳро фарҳангнигорон чунин шарҳ медиҳанд: «Пайвастаи комили забон, ки вижагии алоқамандӣ ва яклухтиро доро буда, тавассути алоқаҳои сохторию маъноии воҳидҳои аломат ташаккул ёфта, воҳиди асосию мукаммали мухобирот ба шумор меравад» [1, с. 207]. «чизи навишташуда, навиштаи аслии китоб, рисола *ва ғ.* (*ба истиснои ҳошия ва шарҳ*) **матни адабӣ, матни маърӯза, матни танқидӣ//матни интиқодӣ** матни асаре, ки бо муқоиса, тадқиқ ва ба эътибор гирифтани фарқи дастнавис ва нусхаҳои мавҷуди он асар нашр гардидааст» [15, с. 772]. Муодили истилоҳи *матн* дар забони олмонӣ вожаи *der Text* буда, ба таркиби луғавии ин забон аз забони лотинӣ иқтибос гардидааст.

Аз таҳлилу баррасии истилоҳоти мансуби наҳв маълум гардид, ки ин миқдори ин анвои истилоҳот дар муқоиса бо истилоҳоти овошиносиву сарф бештар аст. Бештари истилоҳоти мансуби наҳви забони тоҷикӣ баромади арабӣ дошта, муодили олмонии онҳо аз забонҳои лотиниву юнонӣ ворид шудаанд.

Истилоҳоти мансуби аломатҳои китобат ё пунктуатсия. Истилоҳи *пунктуатсия* аз забони лотинӣ дар шакли *punctum* иқтибос шуда– маҷмуи қоидаҳои гузоштани аломатҳои китобатӣ мебошад. Дар луғатномаҳо истилоҳи *пунктуатсия* чунин шарҳу тавзеҳ ёфтааст:«Аломатҳое, ки қисми махсуси низоми графикӣ-хаттии забони муайяне буда, бо графика ва имло воситаи асосии забони хаттианд» [1, с. 24-25]. Дар ҳар ду забон ҳам, ба зергурӯҳи сабкиёти луғавӣ истилоҳ ва истилоҳ-ибораҳо зерин дохил мешаванд: *вергул (Komma) (,); нуқта (Punkt) (.); нуқтавергул (Semikolon) (;); баён(Doppelpunkt) (:); нохунак (Anführungszeichen) («»)* [11].

Истилоҳоти мансуби луғатшиносӣ. Луғатшиносӣ, лексикология ё вожашиносӣ яке аз бахшҳои забоншиносӣ буда, таркиби луғавии забонро меомӯзад. Ин истилоҳ аз ҷониби суханшиносон дар дастурҳо ва сарчашмаҳои луғатнигорӣ чунин шарҳ ёфтааст: «Луғатшиносӣ ё лексикология (юн. lexikos – луғат, калима, logos – таълимот) илм дар хусуси воҳидҳои луғавӣ – калимаҳо, маъноҳо, манбаъҳои пайдоиш, мавқеъҳои истеъмол ва

робитаҳои устувории байниҳамдигарии онҳо аст» [8, с. 7]. «Вожашиносӣ – бахше дар забоншиносӣ, ки ба омӯхтани таркиби калима ва роҳҳои калимасозӣ машғул аст, лексикология» [15, с. 280].

Яке аз истилоҳҳои меҳварии бахши луғатшиносӣ – ин истилоҳ-ибораи *калимаи мураккаб* ба шумор меравад. Дар бораи тафовути истилоҳи *калимаи мураккаб* аз *ибора* забоншиносон фикру андешаҳои ҷолиб гуфтаанд. Ба андешаи Ш. Рустамов, забоншинос М.А. Кумахов чунин менависад: «Сабаби ба калимаи мураккаб гузаштани ибора он аст, ки ибора предметонида шуда, вазифаи номинативӣ мегирад. ... асосҳои ба калимаи мураккаб табдил ёфтани ибора ҳанӯз дар ибтидои номинатсияшавии он гузошта шудааст, вале ибораи исмӣ маънои пердметӣ надорад, балки танҳо муносибати атрибутивии ду аъзои ҷумларо ифода мекунад. Дар баробари ин, М. Шакӣ калимаҳои мураккабро бо ибораҳои фразеологӣ муқоиса карда, менависад, ки ба калимаҳои мураккаб хусусиятҳои зерин мушоҳида мешавад: ягонагии фонетикӣ, зада ва мафҳум, ҷудонашавандагии ҷузъҳои калима ва хосияти махсус пайдо кардани калимаҳои мураккаб ва аз ибораашон дур рафтани онҳо» [12, с. 141-142].

Муодили истилоҳи *луғатшиносӣ* дар забони олмонӣ вожаи *die Lexikologie* ба шумор рафта, ба таркиби луғавии ин забон аз забони юнонӣ ворид шудааст. Истилоҳоти мансуби луғатшиносиро метавон ба чор гурӯҳ тасниф намуд: истилоҳоти мансуби *маъношиносӣ, маншаи калимаҳо, сабкиётилуғавӣ* ва *луғатнигорӣ*.

Истилоҳоти мансуби маъношиносӣ. *Маъношиносӣ* ё *семасиология die* Semasiologie/die Wortbedeutungslehreяк қисми луғатшиносӣ буда, илм дар бораи маънои калима аст. Дар ҳар ду забон ҳам, ба зергурӯҳи *маъношиносӣ* истилоҳ ва истилоҳ-ибораҳои зерин дохил мешаванд: *маънои луғавӣ, маънои грамматикӣ, маънои аслӣ, маънои маҷозӣ; lexikalische Bedeutung, grammatikalische Bedeutung, direkte Bedeutung, übertragene Bedeutung* [11].

Истилоҳоти мансуби маншаи, решашиносии ё этимологияи калимаҳо. Истилоҳи *этимология* вомвожаи юнонӣ буда, дар луғатномаҳо ба чунин маънӣ омадааст: «1. як соҳаи забоншиносӣ, ки пайдоиши калимаҳоро меомӯзад. 2. пайдоиши калима, решашиносии вожаҳо» [16, с. 671]. «як соҳаи забоншиносӣ, ки таърихи пайдоиши калимаҳо, сохти мабдаӣ, ваҷҳи тасмия ва робитаи маъноии онҳоро меомӯзад» [1, с. 402]. Дар ҳар ду забон ҳам, ба зергурӯҳи *маъношиносӣ* истилоҳ ва истилоҳ-ибораҳо зерин мансубанд: *калимаҳои аслии тоҷикӣ, калимаҳои таърихӣ, калимаҳои иқтибосии арабӣ; echte tadschikische Wörter, vorislamische Wörter, arabische Lehnwörter.*

Истилоҳоти мансуби сабкиёти луғавӣ. Истилоҳи *сабки гуфтор* ё *услуби гуфтор* ҳам дар адабиётшиносӣ ва ҳам дар забоншиносӣ ройиҷ буда, фарогири як қатор истилоҳу истилоҳ-ибораҳо мебошад. Истилоҳи *сабк* ё *услуб* вомвожаҳои арабӣ буда, аз маъноҳои зерин иборат аст: «тарзу равиши баёни сухан, ки вобаста ба чигунагии истифодаи хусусиятҳои забонӣ аз ҳам фарқ мекунад» [16, с. 372]. «Маҷмуи воситаҳои забоние, ки махсусиятҳои онҳо дар раванди амали системаи забон ва мақсадҳои ба пеши худ гузоштаи соҳибони он ошкор мегарданд, сабки нигориш ва ё гуфторро ташкил медиҳад» [8, с. 106]. Муодили истилоҳи *сабк* ё *услуб* дар забони олмони вожаи *der Stil* буда, ба таркиби луғавии ин забон аз забони юнонӣ ворид шудааст. Дар ҳар ду забон ҳам, ба зергурӯҳи сабкиёти луғавӣ истилоҳ ва истилоҳ-ибораҳо зерин дохил мешаванд: *калимаҳои умумиистеъмол, калимаҳои китобӣ, калимаҳои гуфтугӯйӣ, калимаҳои услуби баланд; gebräuchliche Wörter, Buchwörter, umgangssprachliche Wörter, Wörter hohen Stils ва ғ.*

Истилоҳоти мансуби луғатнигорӣ. Истилоҳҳои *луғатнигорӣ, фарҳангнигорӣ* ё *лексикография* муродифи ҳамдигар буда, дар луғатномаҳо чунин шарҳ ёфтаанд: «илм дар бораи назария ва амалияи тартиб додани китобҳои луғат, лексикография» [15, с. 729]. «Як қисми забоншиносӣ, ки масоили назария ва амалияи таҳия ва тартиб додани луғатҳоро меомӯзад» [1, с. 193]. Муодили истилоҳи *луғатнигорӣ* дар забони олмонӣ вожаи *die Lexikographie* ба шумор меравад. Истилоҳи *луғатнигорӣ* аз нигоҳи сохтори сарфӣ исми мураккаби омехта ва муодили он, яъне вожаи die *Lexikographie* исми мураккаби тобеъ мебошад. Истилоҳи *лексикография* ва муодили олмонии он – die *Lexikographie* аз забони

юнонӣ ба таркиби луғавии забонҳои муқоисашаванда ворид шудаанд. Дар ҳар ду забон ҳам, ба зергурӯҳи *луғатнигорӣ* истилоҳ ва истилоҳ-ибораҳо зерин мансубанд: *луғатҳои тафсирӣ, луғатҳои энсиклопедӣ, луғатҳои решашиносӣ, луғати имло; erklärende Wörterbücher, enzyklopädische Wörterbücher, etymologische Wörterbücher, Rechtschreibungswörterbuch ва ғ.*

Ҳамин тавр, аз таснифоти мавзуии истилоҳоти забоншиносии забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ метавон ба бардоште расид, ки истилоҳоти ин се бахш ё қисми забоншиносӣ, яъне овошиносӣ ё савтиёт, сарф ва наҳв дар маҷмуъ, истилоҳоти забоншиносии забонҳои зикршударо ташкил медиҳанд. Истилоҳоти забоншиносӣ бошад, як ҷузъи муҳимми таркиби луғавии забонҳои таҳқиқшаванда ба шумор мераванд.

Адабиёт

1. *Бобомуродов, Ш. Фарҳанги истилоҳоти забоншиносӣ / Ш. Бобомуродов, З. Мухторов. - Душанбе, 2014. – 208 с.*
2. *Грамматикаи забони ҳозираи тоҷик. Қисми 2. Ибора ва синтаксиси ҷумлаҳои содда. – Душанбе: Дониш, 1986. – 372 с.*
3. *Грамматикаи забони ҳозираи тоҷик. Қисми 3. Ҷумлаҳои мураккаб. – Душанбе: Дониш, 1989. – 224 с.*
4. *Забони адабии ҳозираи тоҷик. Лексикология, фонетика ва морфология. Қисми 1. – Душанбе: Маориф, 1973. – 452 с.*
5. *Исмонов, К.Б. Саҳми донишмандони форсу тоҷик дар таҳаввул ва ташаккули забоншиносии араб: Дис. барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 ва 10.02.22. / К.Б. Исмонов. – Душанбе, 2023. – 339 с.*
6. *Камолиддинов, Б. Наҳви забони тоҷикӣ / Б. Камолиддинов. – Душанбе: Собириён, 2010. – 280 с.*
7. *Қосимова, М.Н. Мухтасар оид ба истилоҳоти забоншиносии тоҷик (дастури таълимӣ барои курси ихтисос) / М.Н. Қосимова. – Душанбе, 2003. – 113 с.*
8. *Маҷидов, Ҳ. Забони адабии муосири тоҷик. ҷ. 1. (луғатшиносӣ) / Ҳ. Маҷидов. – Душанбе: Деваштич, 2007. – 243 с.*
9. *Масъуми, Н. Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии ҳозираи тоҷик мактабҳои ҳафтсола ва миёна / Н. Масъуми. - Сталинобод: Нашр. Давл.Тоҷ., 1959. – 250.*
10. *Муҳаммад Ғ. Ғиёс-ул-луғот. Дар се ҷилд / Ғ. Муҳаммад. – Душанбе: Ҷилди 2. 1988. – 416 с.*
11. *Нурова, З. Луғати истилоҳоти забоншиносӣ (олмонӣ-тоҷикӣ-русӣ) / З. Нурова, М. Сафаров, Н. Шозедов. – Душанбе, 2023. – 259 с.*
12. *Рустамов, Ш. Исм / Ш. Рустамов. – Душанбе: Дониш, 1981. - 220 с.*
13. *Сулаймонов, С. Фарҳанги арабӣ-тоҷикӣ. Чопи дуюми ислоҳшуда ва иловашуда / С. Сулаймонов. – Душанбе: Эр-Граф 2010. – 1564 с.*
14. *Сулаймонов, С. Нигоҳе ба рисолаи овошиносии Ибни Сино «Махориҷ-ул-ҳуруф» / С. Сулаймонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – 2016. - №4/5 (209). - С. 8-15.*
15. *Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷилди 1. А-Н. – Душанбе: Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёти Рӯдакӣ, 2008. – 950 с.*
16. *Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷилди 2. О-Я. – Душанбе: Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёти Рӯдакӣ, 2008. – 945 с.*
17. *Шозедов, Н. Грамматикаи амалии забони олмонӣ / Н. Шозедов, З. Нурова, М. Сафаров. – Душанбе, 2019. – 165 с.*
18. *Юсупова, Б. Ғ. Ҷойгоҳи ҷумла дар низоми наҳви забон (Бар мабнои романи «Фирдавсӣ»-и Сотим Улуғзода): дис. барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.19 – Назарияи забон / Б. Ғ. Юсупова. – Душанбе, 2023. – 155 с.*
19. *Arssenjewa M. G Grammatik der deutschen Sprache. M.: Verlag Pädagogische Fremdspracheinstitut.1968. - 319 s.*
20. *Duden, Das Herkunftswörterbuch. Dudenverlag. Mannheim-Zürich: 20 – 960 s.*
21. *Schendels, E. Deutsche Grammatik. Morphologie. Syntax. Text /E. Schendels. – M.: Vysšaja Škola, 1979. – 397 s.*
22. *Urojewa, R. M, Kusnezowa, O. F. Phonetik und Grammatik der deutschen Sprache/ R. M. Urojewa, O. F. Kusnezowa. – M.: Hochschule, 1976. – 157 s.*

ТАСНИФОТИ МАВЗУИИ ИСТИЛОҲОТИ ЗАБОНШИНОСӢ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА ОЛМОНӢ

Дар ин мақола сухан доир ба таснифоти истилоҳоти забоншиносӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ меравад. Муаллиф дар мақолаи хеш оид ба истилоҳоти забоншиносӣ ва ба кадом шохаи забоншиносӣ мансуб буданашон: истилоҳоти мансуби овошиносӣ ё савтиёт; истилоҳоти мансуби сарф ё морфология; истилоҳоти марбути наҳв ё синтаксис, истилоҳоти мансуби луғатшиносӣ (лексикология) маълумот додааст. Дар баробари ин оиди ин истилоҳотҳоро ба зергуруҳҳо ҷудо намудаст. Оиди ҳар як бахш бо овардани мисолҳо ва нишон додани сарчашмаҳо онҳоро асоснок намудааст. Оиди таърихи пайдоиши бархе аз истилоҳот ба луғати решашиносӣ такя намудаст. Инчунин оиди сохти истилоҳот монандӣ, тафовут ва хусусиятҳои хоси онҳо маълумоти муфассал дода шудааст.

Калидвожаҳо: забоншиносӣ, забони тоҷикӣ, забони олмонӣ, истилоҳоти мансуби овошиносӣ, истилоҳоти мансуби сарф, ҳиссаҳои мустақили нутқ, ҳиссаҳои ёвари нутқ, истилоҳоти мансуби наҳв, ибора-истилоҳ.

ТЕМАТИЧЕСКАЯ КЛАССИФИКАЦИЯ ЛИНГВИСТИЧЕСКИХ ТЕРМИНОВ В ТАДЖИКСКОМ И НЕМЕЦКОМ ЯЗЫКАХ

В этой статье речь идет о классификации лингвистических терминов в таджикском и немецком языках. В своей статье автор рассказывает о языковых терминах и о том, к какой отрасли лингвистики они принадлежат: терминологии, относящейся к фонетике; терминологии, относящейся к морфологии; терминологии, относящейся к синтаксису, терминологии, относящейся к лексикологии. При этом он выделил эти термины в подкатегории. В каждом из них он приводил примеры и каждый из них имеет свои особенности. Среди них есть и такие, которые, по мнению некоторых ученых, являются истинными. Также подробно описаны сходства, различия и особенности строения терминов.

Ключевые слова: языкознание, таджикский язык, немецкий язык, фонетическая терминология, морфологическая терминология, части речи, вспомогательные части речи, синтаксическая терминология, терминосочетание.

THE CLASSIFICATION OF LINGUISTIC TERMS IN TAJIK AND GERMAN LANGUAGES

This article looks at how linguistic terms in Tajik and German are sorted into different groups. The author gives information on different types of linguistic terms and the subjects they are connected to. These include terms related to sounds and how they are said, terms related to how words are said, terms related to grammar, and terms related to the study of words. At the same time, he divided these terms into smaller groups. He gave examples and sources for each section. He also explained where some of the terms came from. He also provided detailed information on how the terms are structured, how they are similar and different, and what their specific features are.

Keywords: linguistics, Tajik language, German language, phonetic terms, independent parts of speech, auxiliary parts of speech, grammatical terms, phrase-term.

Дар бораи муаллиф
Нурова Зведамо Сафаровна
Ассистенти кафедраи забони олмонӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
E-mail: zwedamo2008@mail.ru

About the author
Nurova Zvedamo Safarovna
Assistant of the German language department
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
E-mail: zwedamo2008@mail.ru

Об авторе
Нурова Зведамо Сафаровна
Ассистент кафедры немецкого языка
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
E-mail: zwedamo2008@mail.ru

УДК 809.155.0+804.0

ПРОБЛЕМА ИЗУЧЕНИЯ ПРИЛАГАТЕЛЬНОГО И ЕГО СЛОВООБРАЗОВАНИЯ В ТАДЖИКСКОМ И ФРАНЦУЗСКОМ ЯЗЫКАХ

Маликов А. Р.
Таджикский государственный педагогический университет имени Садриддина Айни

Изучение имени прилагательного в таджикском и французском языках имеет богатую историю, и первые соображения по этому вопросу относятся к середине XIX века. И.Н. Березин, комментируя особенности прилагательного персидского языка упомянутого периода, отмечает, что с существительным могут сочетаться лишь качественные, а иногда и сложные прилагательные.

Субстантированные прилагательные при помощи суффикса **–он** образуют форму множественного числа, поскольку они заменяют одушевленные предметы (людей) [4, с. 135]. К одной из отличительных особенностей качественного прилагательного от относительного, которой является степень сравнения, языковед И.Н. Березин относит три формы её образования: **оддӣ-positif - *положительная*, қиёсӣ-comparatif - *сравнительная*** ва **олӣ-superlatif - *превосходная***.

Он представив формы образования сравнительной и превосходной степени при помощи суффиксов –**тар** и **–тарин**, добавляет, что предмет может образовать указанные степени при помощи предлога **«аз»** со сравниваемым предметом (при сравнительной степени) и оборота **«аз ҳама»** (при превосходной степени).

Несмотря на то, что И.Н. Берёзин делает упор на вопрос словообразования прилагательного, он не классифицирует суффиксы по группам в соответствии с их уровнем словообразования [4, с. 136-139].

Мирзо Джафар, Залеман К.Г., Жуковский В.Л., Голунов Р., Жирков Л. в своих грамматиках, составленных по персидскому языку, представили полную информацию о прилагательном. Упомянутые авторы рассматривают прилагательное как независимую часть речи и приводят сведения о грамматической функции прилагательного, его функционирования в роли определения и сказуемого, позиции прилагательного по отношению к определяемому им предмету (расположение до или после существительного). Мирзо Джафар привел в своей грамматике примечательные примеры по словообразованию прилагательных.

Следует отметить, что сведения о прилагательном, приведенные указанными авторами не имеют системного характера, а некоторые вопросы представлены ими сжато и порой расплывчато.

Бертельс Е.Э. представив достоверные сведения о грамматических особенностях прилагательных, указывает на свойство качественного прилагательного принимать степени сравнения, а также на словообразовательную характеристику прилагательного [5, с. 80].

Автор «Элементарной грамматики» Л. Жирков, не обособляя прилагательное от существительного, приводит их под рубрикой «Имена существительные». Известно, что прилагательные не изменяются по числам и принимают суффиксы множественного числа только при субстантивации, однако Л. Жирков, не учитывая данное явление, отмечает, что формы множественного числа всех существительных, как одушевленных, так и неодушевленных, в современном языке могут быть образованы добавлением к нему суффикса «-**ҳо**» [8, с. 87].

Автор объясняет, что суффиксы, образующие степени сравнения, являются не формообразующими, а словообразующими компонентами. Любые формы слов, включая сравнительную степень, по сути, является новым словом, возникшим от исходного слова. Следовательно, образование сравнительных степеней прилагательного отнесено автором к словообразованию, а не формообразованию [8, с. 86].

Одна из первых грамматик таджикского языка под названием «Морфология и синтаксис таджикского языка» принадлежит перу Саидризо Ализода. Автор включает в группу прилагательных слова, которые обозначают признак и состояние предметов и лиц. Автор, разделив прилагательные на качественные и относительные, группирует их по выражаемому ими значению. Он также отмечает, что прилагательное выполняет в предложении функции определения и сказуемого [3, с. 68].

В книге О.А. Сухаревой «Руководство для изучения таджикского языка», где представлены сведения о прилагательном, отмечено, что особенностью прилагательного, отличающей его от других частей речи является выражаемые им значения и свойственное ему степени сравнения. Прилагательное имеет три степени сравнения: «**оддӣ - *положительную*, муқоисавӣ - *сравнительную*** и **олӣ – *превосходную»*** [17, с. 68]. «Прилагательные с уменьшительно-ласкательным значением образуются только при помощи суффикса **–ак (-акак)**», отмечает О.А. Сухарева, т.е. уменьшительно-ласкательные суффиксы ограничены у неё приведением лищь суффиксов «-ак» и «-акак», хотя в таджикском языке, наряду с этими суффиксами, в образовании прилагательных с уменьшительно-ласкательным значением употребляются также суффиксы «**–ча», «-тоб», «-ина»**: *сафедча - беленький, сиёҳтоб - черненький, зардина - желтенький.*

Пример: «Ранги пӯсташ ***сабзинаи*** банамак, овозаш маҳин ва форам, худаш қадбаланди нозукандом буд [10, с. 88].

Отмечая выполнение прилагательным функции определения и сказуемого, автор также указывает на употребление прилагательных в значении наречия.

В кандидатской диссертации Шукуровой К. «Качественные прилагательные в современном таджикском литературном языке» особо отмечены большинство аспектов прилагательного, автор также утверждает, что прилагательное и наречие являются морфологическими категориями. Автор также подчеркивает, что в морфологии одна часть речи никогда не может выступать вместо другой части речи. А в синтаксисе и прилагательное и наречие могут выполнять функцию обстоятельства образа действия. Употребление прилагательных в роли обстоятельства образа действия представляет собой одну из их синтаксических функций. Выполнение прилагательным функции обстоятельства позволяет нам рассматривать его одновременно и как прилагательное, и как наречие. В противном случае большую группу прилагательных, выполняющих в предложении функции обстоятельства образа действия, придется рассматривать как наречие. Следовательно, в утверждении Сухаревой морфологическая категория в некоторой степени перемешалась с синтаксической, но К. Шукурова, особо отметила свойства прилагательных, их морфологические и синтаксические категории.

В книге Л. Бузургзода и Б. Ниёзмухаммадова «Грамматика таджикского языка», изданном в 1941 году для средних школ, авторы, учитывая семантико-синтаксические особенности прилагательного относят его к самостоятельной части речи. Они отмечают: «Прилагательное обозначает признак предмета и отвечает на вопросы *чӣ гуна? – какой? чӣ хел? – как, какой?*».

Также авторы добавляют выражение превосходной степени прилагательного без сравнения.

«Превосходная степень, - отмечается в книге,- при употреблении без какого-либо сравнения, выражается также при помощи слов **«чудо», «бисёр», «беҳад»** [4, с. 78].

В предложении прилагательное рассматривается в двух функциях: определения и сказуемого.

Авторы учебников «Таджикского языка» последующих годов: [Л.Бузургзода, Б.Ниёзмухаммадов, 1944-1949], [Б.Ниёзмухаммадов, Ш.Ниёзи и Л.Бузургзода, 1951-1960]. [Б.Ниёзмухаммадов, Ш.Ниёзи и А. Каримов, 1962-1966] с незначительными изменениями повторили сведения о прилагательном, отмеченные предыдущими авторами.

Несмотря на упоминание в указанных учебниках важных аспектов прилагательных, ряд особенностей качественного прилагательного не нашли своего объяснения. Например,

весьма узко и кратко изложены сведения о качественных и относительных прилагательных, и различиях между ними.

Авторы учебника «Таджикский язык» С. Арзуманов и О. Джалолов по сравнению с указанными выше авторами представили о прилагательном более подробные сведения. Описав, семантические, морфологические и синтаксические особенности прилагательного, в рубрике, посвященной сравнительной степени, они дополнительно отмечают, что употребительна также форма сравнительной степени, образуемая оборотом «**аз вай дида**» [Арзуманов С., Джалолов О., 1939-1969].

Вопрос о грамматических категориях прилагательного подробнее и точнее описан в кратком грамматическом очерке В.С. Расторгуевой. В разделе общего описания именных частей речи В.С. Расторгуева отмечает следующее: «Вне предложения из-за отсутствия морфологических признаков слова можно отнести к группе существительных или прилагательных только по значению. К примеру, сравните: **шер** и **дер**».

Верно, что в таджикском языке нет флективных форм. Хотя существительное и прилагательное по форме не отличаются друг от друга, (сравните примеры: **шер** и **дер**) они имеют определенные значения и функции, объясняемые по отдельности.

Объясняя отличительные особенности существительных и прилагательных (отсутствие категории множественного числа, неопределенность, несамостоятельное сочетание с предлогами и послелогами), автор отмечает, что качественные прилагательные имеют степень сравнения. Указывая на образование степеней сравнения прилагательных при помощи суффиксов **-тар** и **–тарин**, В.С. Расторгуева далее отмечает, что эти два суффикса относятся к числу словообразовательных суффиксов, поскольку они, не проявляя синтаксического отношения в предложении, лишь добавляют новый оттенок значению слова. Следовательно, чтобы выразить сравнительную позицию, им необходим дополнительный предлог «**аз**» - чем.

Несомненно, что позиция сравнения требует наличия в предложении предлога, чтобы сравнить с его помощью признак одного предмета с признаком другого. При образовании степеней сравнения с прибавлением суффиксов –**тар** и –**тарин** процесс противопоставления сравниваемых членов не происходит. Однако, с прибавлением данных суффиксов к качественным прилагательным, появляются не новые слова, а новые формы того же слова. Очевидно, что по значению слово «**калонтар - больше»** и «**калон - большой»** либо «**хурдтар - меньше**» и «**хурд - маленький**», и подобные слова отличаются между собой.

Пример: «Нисфирӯзӣ ман ба хона баргашта дидам, ки вай ба ***хурмаи калон*** орд меандозад» [7, с. 15]. - «Quand j'étais rentré, vers midi, je l'avais trouvée en train de verser de la farine dans ***un grand poêlon*** en terre» [22, с. 17].

«…. ӯ (Aco) дар назари аввал вайро ба чашм аз синну солаш **калонтар** карда нишон медод» [10, с. 106] - «… mais il paraissait cependant ***plus vieux*** que son âge» [21, с.128].

Расторгуева В.С. также отмечает, что при помощи интенсивной формы прилагательного превосходная степень признака выражается без сравнения с признаком других предметов. В очерке отмечено также, что наряду с выполнением в предложении функции определения прилагательные также выполняют функции обстоятельства образа действия.

Кроме того, автор отмечает, что прилагательное, выступая в предложении в роли подлежащего, обретает морфологические и синтаксические особенности существительного. Из стилистических соображений, лаконичности или выразительности речи прилагательное в предложении заменяет существительное, т.е. предмет обозначается по названию его признака. В данном случае функция прилагательного возрастает и наряду с определением и обстоятельством образа действия оно употребляется как подлежащее, косвенные и прямые дополнения. В данном случае слово не переходит в существительное, а остается в своей форме прилагательного и принимает все показатели существительного. К примеру: «куртаи сурх мепӯшам, сафедашро намепӯшам» [16, с. 536].

Автор показывает основные особенности, касающиеся словообразования прилагательных. «Краткий грамматический очерк таджикского языка» В.С. Расторгуевой

отличается от приведенных предыдущими авторами сведений о качественном прилагательном тем, что автор не причисляет к наречиям прилагательные, выполняющие функцию обстоятельства, а считает это одной из синтаксических функций прилагательных.

В очерке далее также отмечено выражение превосходной степени без сравнения, с помощью интенсивных форм прилагательного.

В части словообразования добавлены суффиксы «**-монанд**», «**-ваш**», «**-фош**», «**-ур**», разделенные на группы в соответствии с их употреблением. В этом разделе также отмечаются различные морфологические комбинации сложных прилагательных.

Другая работа - книга Ш. Ниязи [1964], посвященная вопросу существительных и прилагательных в таджикском языке. В разделе о прилагательном автор дополняет сведения об этой части речи, представленные языковедами до этого периода. В первой части книги описаны отличительные особенности прилагательного как самостоятельной части речи, где подчеркивается отличие потери прилагательным лексико-грамматических особенностей при переходе в существительное. По его утверждению: «…возможность употребления в предложении одной части речи без прибавления аффикса другой части речи, при чем в результате придём к заключению о том, что «формируется часть речи с двумя семантиками, средняя часть речи», отсюда такой вывод о таджикском языке будет неверным» [14, с. 50].

Автор описывает прилагательные как группу слов, «обозначающих характерный или относительный признак объекта» и делит степени сравнения прилагательного на сравнительную и превосходную. Указывая на образование сравнительной и превосходной степеней при помощи суффиксов «**-тар, -тарин**», предлога **«аз»** и оборота **«аз ҳама»**, в дополнение к предыдущим сведениям Ш.Ниёзӣ отмечает, что прилагательные, выражающие признак в меньшей и большей мере, обозначают степени прилагательного без сравнивания.

Автор выделяет три формы выражения меры свойства прилагательными: выражение меньшей меры свойства при помощи суффикса «**-ча»,** большей меры при помощи слов «**ниҳоят», «хеле», «ҷудо»** при помощи повтора «**калон-калон»**. По каким-то соображениям автор добавляет к первой группе суффиксы «**-тоб»** и «**-ина»**. К тому же эти суффиксы, несмотря на их смысловые оттенки, прибавляясь к качественным прилагательным, означают недостаточность признака в обычном свойстве. Во второй группе автор отмечает, что наречия в сочетании с прилагательными выражают незначительность и множество признака. В данном случае следует отметить, что по смыслу они обозначают превосходную степень признака.

По поводу особенностей наречий **«ниҳоят», «ҷудо», «бағоят»** и качественных прилагательных достоверные сведения приведены языковедом Д. Тоджиевым. Описывая отношения определения и определяемого, о превосходной степени прилагательного он отмечает следующее: «Существует также не сравниваемая составная превосходная степень прилагательного, которая образуется в результате прибавления усилительных слов **бисёр, хеле, ҷудо ҳам, беҳад, бағоят, ниҳоят, бениҳоят** и др. к положительной степени прилагательного» [18, с. 18]. Из вышесказанного можно сделать вывод, что наречия **хеле, бисёр, ҷудо** в сочетании с прилагательными выражают превосходную степень признака без сравнивания.

В первой части учебника «Грамматика таджикского языка» для вузов [1956] прилагательное определено как самостоятельная часть речи. В данной книге прилагательные также делятся на две группы - **качественные** и **относительные**, каждая из которых отличается от других своими грамматическими и семантическими особенностями. Авторы, справедливо указывая на наличие у прилагательных двух степеней сравнения, но не упоминают об их положительной степени. Несмотря на то, что положительная степень не выражает сравнительное значение, она представляет собой своеобразную основу для возникновения стадий сравнения: **зебо, зеботар, зеботарин**. Невозможно представить сравнительные степени без положительной степени.

В данной статье отмечены проявление признака предмета в меньшей и большей мере вне сравнения за счет сочетания наречий с качественными прилагательными, их

интенсивной формой, выражения меньшего проявления признака предмета при помощи суффиксов «**-ча», «-ак», «-тоб»**.

Верно, что степени сравнения семантически делятся на две группы. Первая группа степеней указывает на превосходство признака предмета в результате сравнения с другими предметами: **калонтар, калонтарин, аз ҳама калон**.

Вторая группа степеней прилагательного обозначает признак предмета вне сравнения. Прилагательные, которые сочетаясь с наречиями меры и степени, указывают на отличие предмета от положительного состояния по мере признака: **бинои калон-бинои ҷудо калон, одами бузург-одами ниҳоят бузург, манзараи зебо-манзараи аз ҳад зебо**.

Другая группа степеней прилагательного - это интенсивная форма прилагательных. При помощи интенсивной формы прилагательных обозначается превосходная степень признака предмета. К примеру, **мизи топа-тоза, писари каппа-калон, девори сап-сафед, гули суп-сурх.**

В данной книге интенсивная форма прилагательного объясняется как выражение большей меры признака. Такое мнение не совсем проясняет суть проблемы. Прилагательные в интенсивной форме означают не только обилие признака предмета, но и содержание превосходного признака предмета.

Хотя в разделе описания сравнительной степени прилагательного в книге «Грамматика таджикского языка» для вузов приведены относительно полные сведения о сравнительной степени прилагательного, эти сведения не полностью охватывает суть проблемы.

В вышеуказанной работе приведены краткие сведения о составном способе образования сравнительной степени прилагательного, в котором сравнивающий предмет выражается в форме косвенного дополнения. Процесс сравнения в таджикском языке происходит в трех позициях:

I. В предложении есть сравнивающий и сравниваемый предметы, выражаясь в предыдущих словосочетаниях, они легко воспринимаются из контекста: «Яке аз онҳо, ки ба назар миёнсин ва ***сердаступотар*** менамуд, аз пиёла ба ӯ чои хунук нӯшонида, ҷароҳати сарашро мебаст» [10, с. 170]. - «Самый ***солидный*** из всех подал ему пиалу с холодным чаем. Напоив раненого, он превязал ему голову» [9, с. 141]. - «Celui qui avait l'air ***le plus sérieux*** lui tendit une tasse de thé froid. Ensuite il lui mit un pansement sur la tête» [21, с. 209].

II. Сравнивающие и сравниваемые предметы выражаются в словосочетаниях: «…яке аз бачагон, ки аз ман ***калонсолтар*** буд, домани куртаи маро дар миёнаи ду ангушташ молиш дода, як бачаи дигарро, ки аз худаш ***калонсолтар*** буд, ҷеғ зада куртаи маро ба ӯ нишон дод» [1, с. 15]. - «Un garçon ***à peine plus âgé*** que moi, Iergach, frère de lait de mon frère aîné, empoigna le pan de ma chemise, appela ***un jeune homme*** et lui demande» [19, с. 15].

III. В третьей группе качество предмета сравнивается с качеством этого же предмета, но в разных случаях: «Пас аз ин тавр боронҳои баҳорӣ, ки дар мо онро борони «найсон» ё ки «оби раҳмат» мегӯянд, ***табиат боз ҳам хурраматтар*** ва ***зеботар мегардад»*** [10, с. 423].

Другой способ сравнения выражается комбинацией слов, в этом случае признак предмета обозначается без суффикса «**-тар»**: «Додарат, ки аз ту 8 сол ***хурд*** аст, дидӣ чӣ навъ хандону шукуфон нақоранавозӣ карда гаштааст, биё фуро» [1, с.17]!

Помимо этих способов в таджикском языке сравнение признаков предметов происходит с помощью составных предлогов **«нисбат ба», «назар ба»** и наречия **«нисбатан»**. При образовании сравнения признака предметов посредством этих предлогов сравниваемый предмет становится дополнением: «Лекин барои ман **ҷон кандан назар ба дил кандан** аз Гулбибӣ осонтар аст» [2, с. 80].

Одна из особенностей качественного прилагательного в таджикском языке состоит в том, что сочетаясь с наречиями меры и степени, а также частицами, она выражает меньшую и большую проявленность признака: **боз ҳам калон, торафт хомӯш, андак мағрурона, каме тунд**. Такие выражения близки по содержанию к прилагательным сравнительной степени.

В разделе словообразования прилагательных данной книги указано четыре типа: аффиксация, формы сложных прилагательных, формы составных прилагательных и переход других частей речи в прилагательные.

Таджикское языкознание находится в процессе постоянного развития. В последние годы было опубликовано много научных работ, некоторые из которых содержат информацию об отдельных особенностях прилагательных. Б. Ниёзмухаммадов привел в ряде своих произведений сведения о прилагательных в современном таджикском литературном языке, иногда непосредственно, а иногда по различным тематическим вопросам, одной из таких работ является «Простые предложения в современном таджикском литературном языке», в которой, приводя сведения о синтаксических функциях прилагательного, он отмечает, что прилагательное и его разряды в предложении выполняют функцию определения, сказуемого и обстоятельства» [15, с. 26].

Автор «Очерков о развитии таджикского литературного языка» Н. Масуми, рассматривая наречие и прилагательное как одно слово, отмечает: «Поскольку суффикс **–она** является общим для прилагательного и наречия, прилагательные и наречия, образованные при его помощи, могут переходить из одной части речи в другую» [12, с. 184]. Следовательно, в языке «Марги судхур» - («Смерть ростовщика») в словосочетаниях «табассуми истеҳзокорона», «шӯхиҳои шӯрапуштона», «хулиганона» и такие слова в свою очередь становятся наречиями. Или автор раздела «Наречие» «Грамматики таджикского языка» для вузов также является сторонником употребления одного слова как наречие и как прилагательное.

В таджикском языке часто наблюдается выполнение в предложении функции характерной наречию (обстоятельства) известной группой существительных и прилагательных, к примеру … выполнение функции обстоятельства прилагательным: Зубайда ***нағз, бурро*** мехонад – Зубайда ***хорошо, выразительно*** читает.

Д. Таджиев, рассмотрев прилагательное, привел сведения о причастиях, перешедших в разряд прилагательных путем адъективации. Автор справедливо отмечает, что причастия ***(бурро, дурахшон, оянда, осуда, чизҳои мехурдагӣ)*** теряют своё свойство глагола и переходят в прилагательные. Такие причастия, перейдя в разряд качественных прилагательных, обретают свойство образования степеней сравнения (сравнительной-бурротар, превосходной-дурахшонтарин) [18, с. 5-13].

Затрагивая тему отношения определения и определяемого к прилагательному, Д. Таджиев также высказал примечательные мнения. В разделе «Муайянкунандаҳои сифатӣ» и «Муайянкунандаҳои нисбӣ», представив сведения о выполнении различными качественными и относительными прилагательными функций определения, он показывает ряд особенностей качественного прилагательного (сочетание усилительных слов ***боз, боз ҳам*** с качественными прилагательными), образование относительных местоимений при помощи суффикса **-ӣ**, образование относительных местоимений от существительных с предлогами: аз таҳтидилӣ, баъдиҷангӣ [18, с. 17-33].

Исследуя вопрос синонимичности прилагательных, М. Мухаммадиев подробно описывает значения синонимичных групп прилагательных [13, с. 108-123]. В своей работе [Очерки по лексике современного таджикского литературного языка. 1968] он рассматривает антонимичные особенности прилагательных, что представляет собой одну из характерных особенностей, отличающей качественное прилагательное от относительного.

Б. Камолиддинов, представив сведения об определениях и затронув в этой связи вопрос о прилагательном, показывает выражение описательных определений посредством форм сравнительных и превосходных степеней прилагательных, а также обозначение ими меньшее и большее проявление признака. В своей работе он отмечает, что повтора посредством изафетного окончания и указывает превосходную степень прилагательного: ***ҳавои гарми гарм-ҳавои гармтар, ниҳоят гарм***.

Подводя итог краткого описания можно сделать вывод, что таджикские языковеды признают прилагательное как самостоятельную часть речи.

Выяснилось, что в большинстве учебников, где приведены сведения о прилагательном, рассмотрены общие особенности прилагательного (определение прилагательного, качественные и относительные прилагательные, их отличия друг от друга, степени сравнения качественного прилагательного и его словообразование) исходя из объема учебной программы средних и высших учебных заведений.

Единственная монографическая работа, обособленно посвященная прилагательному, является книга Ш. Ниязи «Имена существительные и прилагательные в таджикском языке».

Наряду с представлением более достоверных сведений по вопросам прилагательного, в сравнении с учебниками (различие между качественными и относительными прилагательными, определение сравнительных степеней, словообразование), некоторые аспекты качественного прилагательного автором раскрыты не полностью, например, отличие качественного прилагательного от относительного, степени в сравнении и вне его, способ и средства выражения сравнения, словообразование качественного прилагательного.

В рассмотренных нами учебниках таджикского языка и научных трудах, кроме работы В.С. Расторгуевой «Краткий очерк таджикского языка», статьи Б. Ниёзмухаммадова «Несколько слов об именах существительных, прилагательных и наречиях», в связи с выполнением функции обстоятельства образа действия, имена прилагательные относят к наречию. Данное мнение затрудняет понимание разграничения прилагательного и наречия. В кандидатской диссертации Шукуровой К. «Качественные прилагательные в современном таджикском литературном языке» представлены полные и достоверные сведения по всем аспектам качественного прилагательного.

Прилагательное во французском языке относится к группе именных частей речи. Изучение данной части речи привлекло внимание ряда современных французских лингвистов. Французские лингвисты провели множество исследований по вопросам, связанным с прилагательными, чтобы прояснить особенности употребления данной части речи для франкоговорящих, а также для иностранцев, изучающих этот богатый язык.

Несмотря на долгую историю изучения прилагательного во французском языке, мы решили провести обзор исследования ученых начиная с 60-х годов по настоящее время, чтобы определить категории качественных прилагательных.

Относительно имени прилагательного во французском языке значимые сведения представлены такими лингвистами, как Ж.К. Шевалье (J.C.Chevalier), К. Бланш-Бенвенистом (C.Blanche-Benveniste), М. Аривом (M.Arrive) и Ж. Пейтаром (J.Peytard) в Грамматике современного французского языка Ларусса (Grammaire Larousse du Français Contemporain 1964), М. Аривом (M.Arrive), Ф.Гаде (F.Gadet) и М. Галмишом (M.Galmiche) в Современной грамматике, (La grammaire aujourd'hui, guide alphabétique de linguistique française, *Flammarion (1964)*), а также Г. Може (*G. Mauger (1968)* в Современной грамматика французского языка *(*Grammaire du français d’aujourd'hui, *Hachette, Paris.*).

Ж.К. Шевалье (J.C.Chevalier) и другие, приводя в Современной французской грамматике сведения о прилагательном, отмечают следующее: «По общим правилам качественное прилагательное выражает свойство и качество существительного и находится с ним в тесной связи» [20, с. 190].

Вышеуказанные авторы также отмечают, что прилагательное выражает не только признаки, свойство и качество существительного, но и отношение существительного: dans une *décision* ministérielle, *les vacances* gouvernementales, *une réunion* estudiantine, et même *le voyage* parisien où – horreur! - *le roi* norvégien.

В процессе изучения вопросов прилагательного в таджикском и французском языках нами высказаны собственные мнения, исходящие из анализа взглядов таджикских и французских ученых. Выяснено, что прилагательное, являясь самостоятельной частью речи, включает в себя семантико-смысловые, морфологические и синтаксические характеристики. В упомянутых языках прилагательное имеет тесную связь с существительным, при выражении существительным предмета или вещи, прилагательное обозначает признак, свойство, особенность и качество лиц и предметов. В данной статье также особо отмечено о семантических и морфологических особенностях прилагательных, а также о свойственности

прилагательному семантико-смысловых особенностей. И словообразования качественных прилагательных в таджикском и французском языках.

Также в данном статье мы могли показывать основное внимание морфологическим особенностям прилагательного в таджикском и французском языках с приведением убедительных примеров из таджикских и французских художественных произведений, представлены наиболее важные морфологические признаки имен прилагательных и свойственность им сравнительной и превосходной степеней сравнения в таджикском и французском языках.

Литература

1. *Айнӣ, С. Ёддоштҳо, қисми 1, 2 / С. Айнӣ. – Душанбе: Адиб, 1990. – 352 с.*
2. *Айнӣ, С. Одина / С. Айнӣ. – Душанбе: Ирфон, 1988. – 163 с.*
3. *Ализода, С. Сарфу наҳви забони тоҷикӣ барои мактабҳои ибтидоӣ ва миёна / С. Ализода. – Самарқанд: Уч. Пед. из, 1926. – 123 с.*
4. *Берёзин, И. Н. Грамматика персидского языка / И. Н. Берёзин. – Казань: Типография Казанского университета, 1853. – 480 с.*
5. *Бертелсь, Е. Э. Учебник персидского языка / Е.Э. Бертельс. – Ленинград: Институт живых восточных языков им. А. С. Енукидзе, 1932. – 412 с.*
6. *Бузургзода, Л. Грамматикаи забони тоҷикӣ / Л.Бузургзода, Б. Ниёзмуҳаммадов. – Сталинобод, 1941. – 220 с.*
7. *Гектор, М. Бепарастор (Повест. Барои бачагони синни миёна ва калони мактабӣ. Тарҷ. Ш. Шараф) / М. Гектор.– Душанбе: Маориф, 1978. – 352 с.*
8. *Жирков, Л.И. Персидский язык. Элементарная грамматика / Л.И. Жирков. – М.: Изд. Ин – та востоковедения при ЦИК СССР, 1927. – 207 с.*
9. *Икрами, Дж. Дочь огня / Дж. Икрами. – М.: Известия, 1985. – 455 с.*
10. *Икромӣ, Ҷ. Духтари Оташ / Ҷ. Икромӣ.– Душанбе: Адиб, 2009. – 557 с.*
11. *Маликов, А. Сифатҳои аслӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ / А.Маликов, Н.Ашуров // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. – 2013. - №2 (51). - С. 196–200.*
12. *Маъсумӣ, Н. Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии тоҷик / Н. Маъсумӣ. – Душанбе, 1959. – 184 с.*
13. *Муҳаммадиев, М. Синонимҳо дар забони адабии ҳозираи тоҷик / М.Муҳаммадиев. – Душанбе, 1962. – С. 108-123.*
14. *Ниёзӣ, Ш. Исм ва сифат дар забони тоҷикӣ / Ш. Ниёзӣ. – Сталинобод: Нашр. АФ РСС Тоҷ., 1954. – 50 с.*
15. *Ниёзмуҳаммадов, Б. Ҷумлаҳои содда дар забони адабии ҳозираи тоҷик / Б. Ниёзмуҳаммадов. – Сталинобод, 1960. – 96 с.*
16. *Расторгуева, В.С. Краткий очерк грамматики таджикского языка. Таджикско-русский словарь / Под ред. М.В. Рахими и Л.В. Успенской. – М.: Государственное издательство иностранных и национальных словарей, 1954. - С. 529 – 570.*
17. *Сухарева, О.С. Руководство для изучения таджикского языка. Ч.1 / О.С. Сухарева. – Ташкент, 1929. – 140 с.*
18. *Таджиев, Д. Способы связи определения с оплределяемым в современном таджикском литературном языке / Д.Таджиев.– Сталинабад, 1955. – 180 с.*
19. *Aïni S. Boukhara. Traduit du tadjik par S. Borodine et P. Korotkine. Nrf: Gallimard, 1956.–310 p.*
20. *Chevalier Jean – Claude, Claire Blanche – Benveniste, Grammaire du français contemporain. – Paris: Larousse, 1964. – 495 p.*
21. *Ikrami Dj. La Fille du Feu/ Dj. Ikrami. – Moscou: Édition progrès, 1966. – 608 p.*
22. *Malot H. Sans famille: Roman, Volume 9: version 1.2. – 749 p.*

ПРОБЛЕМА ИЗУЧЕНИЯ ПРИЛАГАТЕЛЬНОГО И ЕГО СЛОВООБРАЗОВАНИЯ В ТАДЖИКСКОМ И ФРАНЦУЗСКОМ ЯЗЫКАХ

Прилагательное в таджикском и французском языках, как самостоятельная часть речи, обладает семантико-смысловыми, расходными и наречными свойствами. Прилагательное тесно связано с существительным, и если существительное представляет предмет, вещь или человека, то прилагательное является выражением того, как они выглядят. В таджикском и французском языках прилагательное в предложении предшествует определяющей функции. Второстепенное функцией синтаксического прилагательного в предложении является сказуемое. По вопросу синтаксической функции прилагательного как сказуемое отечественные и зарубежные ученые провели множество

исследований в отдельности. В данной статье рассматривается вопрос изучения прилагательный и его словообразования в таджикском и французском языках. Автор стремится показать проблемы изучение прилагательное с точки зрения лингвистов таджикского и французского языков в отдельности. При этом он определяет способы его словообразования в названных языках. Также в данной статье достаточно информации о качественных степенях в сравнительной форме предоставлено автором.

Ключевые слова: качество, словообразование, сравнение, степень сравнения, форма, различие.

МАСЪАЛАИ ОМӮЗИШИ СИФАТ ВА КАЛИМАСОЗИИ ОН ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА ФАРОНСАВӢ

Сифат дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ ҳамчун ҳиссаи мустақили нутқ, дорои хусусиятҳои семантикӣ-маъноӣ, сарфӣ ва наҳвӣ мебошад. Сифат бо исм алоқи зич дошта, исм агар предмет, ашё ва ё шахсро ифода кунад, сифат ифодакунандаи чигунагии онҳо ба шумор меравад. Дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ сифат дар ҷумла пеш аз ҳама ба вазифаи муайянкунанда меояд. Вазифаи дуюмдараҷаи синтаксисии сифат дар ҷумла хабар мебошад. Оид ба масъалаи вазифаи синтаксисии сифат ҳамчун хабар олимони ватанию хориҷӣ дар алоҳидагӣ таҳқиқотҳои зиёде ба анҷом расониданд. Дар мақолаи мазкур масъалаи омӯзиши сифат ва калимасозии он дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ, баррасӣ шудааст. Муаллиф кӯшиш ба харҷ додааст, ки омӯзиши сифатро аз нигоҳи забоншиносон дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ дар алоҳидагӣ нишон диҳад. Ҳамзамон роҳҳои калимасозии онро дар забонҳои номбурда муайян намояд. Ҳамчунин дар мақолаи мазкур оид ба дараҷаҳои сифат дар шакли муқоисавӣ аз ҷониби муаллиф маълумот кофӣ дода шудааст.

Калидвожаҳо: сифат, калимасозӣ, муқоисавӣ, дараҷаи муқоисавӣ, шакл, фарқият.

THE PROBLEM OF STUDYING THE ADJECTIVE AND ITS WORD FORMATION IN TAJIK AND FRENCH LANGUAGES

The adjective in Tajik and French, as an independent part of speech, has semantic, and adverbial properties. An adjective is closely related to a noun, and if the noun represents an object, thing, or person, then the adjective is an expression of how they look. In Tajik and French, the adjective in the sentence precedes the defining function. A secondary function of the syntactic adjective in a sentence is the predicate. This article discusses the study of adjectives and their word formation in Tajik and French. The author strives to show the problems of studying adjectives from the point of view of linguists of Tajik and French languages separately. At the same time, he determines the ways of its word formation in the named languages. Also in this article, there is enough information about qualitative degrees in a comparative form provided by the author.

Keywords: quality, word formation, comparison, degree of comparison, form, difference.

Об авторе
Маликов Абдулвохид Расулджонович
Кандидат филологических наук, и.д.доцента кафедры французского языка
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки, 121
E-mail: kafedra.usnt@mail.ru

About the author
Malikov Abdulvohid Rasuljonovich
Candidate of Philology, a.p. of docent at the Department of French language
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
E-mail: kafedra.usnt@mail.ru

Дар бораи муаллиф
Маликов Абдулвоҳид Расулҷонович
Номзади илмҳои филологӣ, и.в.дотсенти кафедраи забони фаронсавӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
E-mail: kafedra.usnt@mail.ru

ТДУ 809.155.0

РОҶЕЪ БА ЯК НАВЪИ ИБОРАҲОИ ФЕЪЛИҲОЛИИ МАФҲУМИ ҲАМРОҲИДОШТА БО АЛОҚАИ ПЕШОЯНДӢ

Ҷабборова Ш. С.
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии
Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Дар забони адабии ҳозираи тоҷик як қатор шаклҳо ва таркибҳои феълиҳолӣ, аз қабили **ҳамроҳ шуда, ҳамроҳ карда, ҳамроҳ гирифта, қатӣ шуда, қатӣ карда, якҷоя шуда, як шуда (дар маънои маҷозӣ), коллектив шуда, муттаҳид шуда, сарҷамъ шуда, иттифоқ карда, иттифок шуда, пайваста (дар маънои маҷозӣ), ҳамовоз шуда, ҷӯр шуда, дукаса шуда, секаса шуда, чоркаса шуда, чандкаса шуда, ҳамакаса шуда, қӯша-қӯша шуда, гурӯҳ-гурӯҳ шуда, даста-даста шуда, тӯда-тӯда шуда** мафҳуми ҳамроҳӣ дошта, дар ҷумла дар ифодаи муносибати ҳамроҳӣ серистеъмоланд. Шаклҳои феълиҳолии дар боло зикршуда дорои хусусиятҳои умумӣ буда, бисёр вақт бо якдигар дар муносибатҳои синонимӣ қарор доранд. Инчунин шаклҳои феълиҳолии мазкур дорои хусусиятҳои фардӣ буда, паҳлӯҳои гуногуни мафҳуми ҳамроҳиро дар худ таҷассум менамоянд. Онҳо дар ифодаи ин маънӣ ва тобишҳои мухталифи он шаклу қолабҳои гуногун пайдо мекунад ва ба вазифаи ҳол меоянд.

Ба вазифаи ҳол омадани феъли ҳол ва ибораҳои феълиҳолӣ аз тарафи аксари олимони забоншинос эътироф шудааст. Олимони шинохтаи рус феъли ҳолро ҳамчун як роҳи маъмул ва муҳими ифодаи ҳолшарҳкунандаҳо мешиносанд. Ҳанӯз соли 1902 Овсянико-Куликовский Д.Н. чунин қайд карда буд: «Феъли ҳол ва зарф барои ифодаи ҳол хизмат мекунанд (Дъепричастія и наречіе служатъ выраженіемъ объстоятельства») [17, с. 44].

Дар китоби «Забони адабии ҳозираи тоҷик» чунин қайд карда шудааст: «Вазифаи асосии синтаксисии феъли ҳол дар ҷумла ҳол аст» [10, с. 274]. Тавассути феъли ҳол ва ибораҳои феълиҳолӣ ифода шудани ҳолшарҳкунандаҳо дар забони тоҷикӣ маъмул аст ва қариб ҳамаи хелҳои ҳол бо ин роҳ ифода мешаванд, ки имрӯз ҳеҷ кас инро инкор карда наметавонад.

Бояд қайд кард, ки як қатор шаклҳои феълиҳолии мафҳуми ҳамроҳидошта доираи васеи истеъмол дошта, дар ифодаи муносибати ҳамроҳӣ серистеъмоланд. Таркибҳои феълии **ҳамроҳ шуда, ҳамроҳ карда, ҳамроҳ гирифта, бо худ гирифта, ҳамроҳи худ гирифта, дукаса шуда, секаса шуда, чоркаса шуда** ва монанди инҳо аз ҳамин қабиланд. Феълҳои ҳоли мазкур, ҳамчун ҷузъи асосии ибора дар ташаккули ибораҳои феълиихолии мафҳуми ҳамроҳидошта нақши калон мебозанд ва дар ифодаи муносибати ҳамроҳӣ бештар дар қолаби ибора истеъмол мешаванд:

*1. Ёдгор ва Фармон **бо аҳли деҳаи Дилкушо ҳамроҳ шуда** барои оташкӯшӣ ба шаҳр рафтанд (2, с.264);*

*2. Ҳамин як соат пеш мегуфт, ки **ба ҳамин одам ҳамроҳ шуда** рав…(20, с.378.);*

*3. Гуландоми шаддамӯй бедор шуда, хабар дод, ки духтарчаро падараш **ҳамроҳи худ гирифта** бурдааст (28, с.236).*

Бо ибораҳои феълиҳолӣ ифода шудани ҳолшарҳкунандаҳо дар забони тоҷикӣ хеле маъмул аст. Оид ба ин масъала олимони забоншинос андешаҳои ҷолиб пешниҳод намудаанд. Никитин В.М. дар асари худ «Обстоятельство как грамматическая категория в русском языке и его место в системе членов предложения» изҳор менамояд, ки «ҳар як аъзои ҷумла дар намуди ҳиссаҳои нутқ ва шаклҳои онҳо ифодашавии мувофиқро ҷустуҷӯ менамояд. Ҳол барои худ шаклҳои зарф ва феъли ҳолро …интихоб кардааст, …фақат зарф қобилияти мустақилона ифода намудани ҳолро дорад, вале феъли ҳол бисёр вақт ба тафсил (ибораҳои феълиҳолӣ) эҳтиёҷ дорад» [16, с. 53].

Профессор Исматуллоев М. дар бораи вазифаи ибораҳои феълиҳолӣ чунин менависад: «…бо ибораҳои феълиҳолӣ на танҳо ҳоли замон, балки бисёр ҳолҳои дигар низ ифода гашта метавонанд (ҳолҳои сабаб, ҳоли тарзи амал, замон, ҳолат, шарт, хилоф ва ғайра) [11, с. 146].

Феъли ҳол ҳам дорои хусусиятҳои зарфӣ ва ҳам дорои хусусиятҳои феълӣ мебошад. Хусусияти зарфии феъли ҳол аз он иборат аст, ки вай чун зарф аломати амалро ифода менамояд ва бар шарҳи амали асосӣ меояд. Инаст, ки онро «зарфи феълӣ» ҳам мегӯянд.

Хусусияти асосии феълии феълҳои ҳоли мафҳуми ҳамроҳидошта, пеш аз ҳама, дар имконияти вобастакунии онҳо зоҳир мегардад, ки он омили асосии ташаккул ёфтани ибораҳои феълиҳолии мафҳуми ҳамроҳидошта мегардад. «Вобастакунӣ яке аз хусусиятҳои феълии феъли ҳол мебошад, вай калимаҳои дигарро ҳамчун феъл вобаста карда метавонад» [30, с. 342]. Феълҳои ҳоли мафҳуми ҳамроҳидошта низ ин хусусиятро доро мебошанд.

Феълҳои ҳоли мафҳуми ҳамроҳидошта калимаву ибораҳои дигарро ба худ тобеъ месозанд ва ибораҳои феълиҳолии мафҳуми ҳамроҳидоштаро ташкил медиҳанд, ки муносибати ҳамроҳиро бо иловаи тобиши таъкидӣ ифода менамоянд. Онҳо дар шарҳи амали ҷумла ба вазифаи ҳол меоянд. Дар ифодаи ин маънӣ бештар дар шакли тафсилёфта, дар қолаби ибораҳои гуногун истеъмол мешаванд:

1. Фардои он рӯз як-ду нафари онҳо ***ба Сангин ҳамроҳ шуда*** *Одинаро ба вокзали роҳи оҳан баровардand [4, с. 26]*;

2. Вай ***додараш Қосим, Ризо ва боз чаҳор ҷилавмерганҳои худро ҳамроҳ гирифта*** *шитобон ба роҳ афтод [23, с. 270]*.

3. Ман ***ба муллоҳо ҳамроҳ шуда*** *ба арк баромадам (2, с.79);*

4. Баъди ин мо ***падари Марияро бо худ гирифта*** *ба ин ҷо омадем [20, с. 98];*

5. Ӯ мехост, ки дар қаламрави худ ба ҳаракати болшевикӣ роҳ надиҳад ва, агар имкон ёбад, ***бо контреволютсионерҳои Туркистон як шуда*** *дар Туркистон ба Ҳокимияти Советӣ халал расонад [2, с. 8]).*

Дар ҷумлаҳои овардашуда таркибҳои феълиҳолии **ба Сангин ҳамроҳ шуда,** ***додараш Қосим, Ризо ва боз чаҳор ҷилавмерганҳои худро ҳамроҳ гирифта*** **ба муллоҳо ҳамроҳ шуда** (баромадам), **падари Марияро бо худ гирифта** (омадем), **бо контреволютсионерҳои Туркистон як шуда** (халал расонад) ибораҳои феълиҳолие мебошанд, ки ҳамроҳӣ ва якҷоягии ашхоси гуногунро дар иҷрои амалҳои боло ифода менамоянд. Бояд зикр кард, ки таркибҳои феълиҳолии **ҳамроҳ шуда** (ҷумлаи якуму сеюм), **бо худ гирифта** (ҷумлаи дуюм), **як шуда** (ҷумлаи сеюм) хусусияти феълии худро зоҳир намуда, калимаҳои **муллоҳо (ҷумлаи якум), ибораи падари Мария (ҷумлаи дуюму чорум), контреволютсионерҳои Туркистон (ҷумлаи панчум)**-ро бо ёрии пешояди «бо» ва пасоянди «-ро» ба худ тобеъ намудаанд ва дар қолаби ибораҳои феълиҳолӣ амалҳои болоро аз рӯйи ширкати якҷояи ашхоси гуногун дар иҷрои он шарҳу эзоҳ медиҳанд ва дар ҷумла ба вазифаи ҳол меоянд.

Тавре аз мушоҳидаҳои боло бармеояд, ибораҳои феълиҳолии мафҳуми ҳамроҳидошта, асосан, тавассути алоқаи вобастагӣ ташаккул меёбанд. Онҳо дар навбати худ ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд: ибораҳои феълиҳолии мафҳуми ҳамроҳидошта, ки тавассути алоқаи пешояндӣ ташаккул меёбанд ва ибораҳои феълиҳолии мафҳуми ҳамроҳидошта, ки тавассути алоқаи пасояндӣ ташаккул меёбанд.

Ибораҳои феълҳоиҳолии мафҳуми ҳамроҳидошта бо ёрии алоқаи пешояндӣ ташаккул меёбанд, дар забони адабии ҳозираи тоҷик хеле маъмуланд.. Як қатор феълҳои ҳол, аз қабили **ҳамроҳ шуда, ҳамроҳ карда, як шуда, дукаса шуда, секаса шуда, чоркаса шуда…, пайваста, ҳамоовоз шуда, ҷӯр шуда** дар ифодаи муносибати ҳамроҳӣ дар ҷумла хусусияти тобеъкунӣ зоҳир намуда, калима ва ибораҳои дигарро бо ёрии пешояндҳо, махсусан пешоянди «бо», «ба», «ҳамроҳи» ба худ тобеъ менамоянд ва ибораҳои феълиҳолии мафҳуми ҳамроҳидоштаро ташкил медиҳанд, ки ин маъниро бо иловаи тобишҳои маъноӣ боз ҳам равшантар ва аниқтар ифода мсозанд. “Алоқаи пешояндӣ дар забони тоҷикӣ бисьёр сермаҳсул ва серистеъмол мебошад” [7, с. 23]. Ибораҳои феълиҳолии мафҳуми ҳамроҳидошта, ки тавассути алоқаи пешояндӣ ташаккул меёбанд, ҳамроҳӣ ва якҷоягии иҷрокунандагон амалро дар иҷрои амал бо ашхоси дигар ифода намуда, онро таъкид

месозанд, ки амал маҳз бо ин ё он шахс иҷро шудааст.

Баъзе аз шаклҳои феълиҳолии мафҳуми ҳамроҳидошта дар вазифи ҷузъи асосии ибораҳои феълиҳолӣ хеле маъмул ва серистеъмоланд.

Феъли ҳоли **ҳамроҳ шуда** дар байни феълҳои ҳоли мафҳуми ҳамроҳидошта дар ташаккули ибораҳои феълиҳолии мафҳуми ҳамроҳидошта, ҳамчун ҷузъи асосӣ мавқеи муҳимро соҳиб аст. Таркиби мазкур дар ифодаи муносибати ҳамроҳӣ чи дар алоҳидагӣ ва чӣ дар қолаби ибора хеле серистеъмол аст. Феъли ҳоли мазкур бо ёрии пешояндҳо калима ва ибораҳои дигарро ба худ тобеъ намуда, ибораҳои феълиҳолии мафҳуми ҳамроҳидоштаро ташкил медиҳанд ва муносибати ҳамроҳиро бештар дар қолаби ибора бо иловаи тобиши таъкидӣ боз ҳам равшантар ифода менамоянд:

*1. Шумо ҳам **ба мо ҳамроҳ шуда** меравед [26, с.216];*

*2. Духтар ҳам **ба мо ҳамроҳ шуда** хандид [21, с. 234];*

*3.**Ба онҳо ҳамроҳ шуда** ба идораи райком рафт [24, с. 434].*

Дар мисолҳои боло феъли ҳоли **ҳамроҳ шуда** дар назди феълҳои мондаи **меравед, хандид, рафт** дар ифодаи муносибати ҳамроҳӣ хусусияти барҷастаи феълии вобастакунӣ зоҳир намуда, калимаҳои **мо (ҷумлаи якуму дуюм), онҳо (ҷӯмлаи сеюм)**-ро бо ёрии пешоянди «ба» ба худ тобеъ намуда, ибораҳои феълиҳолии мафҳуми ҳамроҳидоштаи **ба мо ҳамроҳ шуда** (ҷумлаҳои якуму дуюм), **ба онҳо ҳамроҳ шуда** (ҷумлаи сеюм)- ро ташкил намудаанд. Тавре аз таҳлили ҷумлаҳо бармеояд, феъли ҳоли «ҳамроҳ шуда» дар ифодаи вазифаи асосии худ – ифодаи муносибати ҳамроҳӣ бештар дар қолаби ибора меояд.

Ибораҳои феълиҳолие, ки тавассути алоқаи пешояндӣ ташаккул ёфта, ҷузъи асосиашон феъли ҳоли «ҳамро шуда» мебошад, ки дар ҷумла дар ифодаи муносибати ҳамроҳӣ хеле зиёд истеъмол мешавад. Ибораҳои мазкур дар ифодаи ин маънӣ бар шарҳи феълҳои гуногун омада, ҳамроҳӣ ва якҷоягии иҷрокунандаи амалро бо ашхоси дигар дар иҷрои амал бо иловаи тобиши маъноии таъкид ифода менамоянд ва дар ҷумла ҳол мешаванд.

Феъли ҳоли **ҳамроҳ шуда** дар шарҳи феълҳои монда хусусияти вобастакунии худро бештар зоҳир месозад ва дар назди онҳо муносибати ҳамроҳиро, асосан, дар қолаби ибора тарҳрезӣ менамояд:

*1.Мусафед ҳам аввал **ба мо ҳамроҳ шуда** хандид ва баъд аз он ба гиря даромад…[4, с. 403];*

*2.Таклиф мекунад, ки **ба онҳо ҳамроҳ шуда** ба ҷанг дароем [26, с. 277];*

*3.Мирзо **ба як гурӯҳ пиёдааскарони мо …ҳамроҳ шуда** ба ҳамла хест [23, с. 399].*

Ибораҳои феълиҳолие, ки ҷузъи асосиашон феъли ҳоли **«ҳамроҳ шуда»** мебошад, дар ифодаи муносибати ҳамроҳӣ бар шарҳи феълҳои гузаранда низ меояд:

*1. Гоҳо **ба чӯпонбачагони қишлоқ ҳамроҳ шуда** гӯсфандони худро ба дарёбод мебурдам [2, с. 130];*

*2. Хулоса, дар бадали ду-се рӯз ба ҳол омадам, ҳатто **бо Муллодӯст ном ошнои аракхӯри он хонадон ҳамроҳ шуда** паиҳам нӯшидам [24, с. 257];*

*3. Ду нафар ҷаллод **ба одамони миршаб ҳамроҳ шуда** деҳқонони бандиро пас гардонданд [3, с. 257].*

Дар ин ҷумлаҳо **мебурдам, нӯшидам, пас гардонданд** хабар буда, бо феълҳои гузарандаи ***мебурдам*** *(*ҷумлаи якум), **нӯшидам** *(*ҷумлаи дуюм),, ***пас гардонданд*** *(*ҷумлаи сеюм) ифода ёфтаанд. Ибораҳои феълиҳолии ба **чӯпонбачагони қишлоқ ҳамроҳ шуда, ба Муллодӯст ном ошнои аракхӯри он хонадон ҳамроҳ шуда, ба одамони миршаб ҳамроҳ шуда** муносибати ҳамроҳиро ифода менамоянд ва ширкати якҷояи иҷрокунандаи асосии амалро бо ашхоси дигар дар иҷрои амалҳои боло нишон медиҳанд.

Чи тавре ки мушоҳида шуд, феъли ҳоли **ҳамроҳ шуда** дар ифодаи муносибати ҳамроҳӣ бештар дар қолаби ибора истеъмол мешавад. Мебояд зикр кард, ки дар чунин ҳолатҳо шакли феълиҳолии номбурда хусусияти феълии худро чун феъли ҳол зоҳир намуда, калима ва ибораҳои дигарро бо ёрии алоқаи пешояндӣ ба худ тобеъ менамояд ва дар қолаби ибора барои ифодаи муносибати ҳамроҳӣ истеъмол мешаванд.

Феъли ҳоли мазкур, ҳамчун ҷузъи асосӣ, метавонад ибораҳоро низ ба худ тобеъ намояд ва дар қолаби ибораи мурракаб дар ифодаи муносибати ҳамроҳӣ истифода шавад:

1.Ҷадидони муртад ***ба кофирони дигар ҳамроҳ шуда*** *мехоҳанд, ҳуррият кунанд [3, с. 205];*

2.Ёдгор ва Фармон ***бо аҳли деҳаи Дилкушо ҳамроҳ шуда*** *барои оташкушӣ ба шаҳр рафтанд [3, с. 264].*

Бояд қайд кард, ки ибораи феълиҳолӣ, ки ҷузъи асосиаш феъли ҳоли **ҳамроҳ шуда** мебошад,дар ҷумла дар ифодаи муносибати ҳамроҳӣ аъзои мустақили ҷумла буда, дар ҷумла ба вазифаи ҳол меояд. Илова бар ин ибораи мазкур дар ҷумла дар таркиби аъзоҳои дигари ҷумла низ меояд ва ба онҳо як навъ тобиши ҳамроҳӣ мебахшад.

Чунончи, дар ҷумлаи «***Сабаби ба мо ҳамроҳ шуда омадани ӯ,*** *албатта, ҳамин машварати омӯзиш набудагист,- гуфт Назаров ба худ.*» **сабаби ба мо ҳамроҳ шуда омадани ӯ** ибораи мураккаби фелъӣ буда, ба вазифаи мутадои ҷумла омадааст. Ибораи содаи **ба мо ҳамроҳ шуда**, ки дар таркиби ибораи мураккаби мазкур омадааст, ба он тобиши маъноии ҳамроҳӣ илова намуда, ҳамроҳиву якҷоягии фоилу мафъулро дар дохили ин ифода дар назар дорад. Чунин ҳодисаҳо дар забони тоҷикӣ кам нестанд.

Бояд қайд кард, ки феъли ҳоли **ҳамроҳ карда** дар ифодаи муносибати ҳамроҳӣ асосан бар эзоҳи феълҳои гузаранда дар қолаби ибора меояд ва дар назди ин феълҳо тобиши маъноии дигари ин ифодаро соҳиб мегардад. Агар феъли ҳоли **ҳамроҳ шуда** дар назди феълҳои гузаранда ҳамроҳӣ ва якҷоягии субъекти амалро бо ашхоси дигар дар иҷрои амал ифода намояд, шакли феълии **ҳамроҳ карда** дар назди чунин феълҳо якчоягии объекти амалро бо касе ё чизе ҳангоми иҷрои амал нишон медиҳад, яъне таъсири амал ба объект айне мерасад, ки он бо касе ё чизе ҳамроҳ аст:

1. Дурӯғ нагӯй,-гуфтааст бибиой,-духтари қадраси нав фотиҳа- кардагиро ҳеҷ гоҳ ***ба ту ҳамроҳ карда*** *намефиристонанд [4, с.52];*

2. Ту ба танҳоӣ рафта наметавонӣ, ман бошам, намеравам, агар туро ***ба касе ҳамроҳ карда*** *фиристонам, харҷ бисёр мешавад [4, с.119];*

3. Сеюм бор лаълию дастархон карда, ба ҳавлии дарун ду нафар миёнрав ва ба ҳавлии берун Қорӣ-Исматро ***бо як одамаш ҳамроҳ карда*** *фиристод [27, с. 97].*

Аз мушоҳидаҳои боло бармеояд, ки шакли феълиҳолии **ҳамроҳ карда** бештар дар назди феъли гузарандаи **фиристодан** меояд. Дар ҷумлаҳои боло низ таркиби феълиҳолии **ҳамроҳ карда** бар шарҳи амале омадааст, ки бо феъли мазкур ифода ёфтааст ва он калима ва таркибҳои **ту, ба касе, як одамаш**-ро бо ёрии пешоянди «бо» ба худ тобеъ намуда, дар қолаби ибораи феълиҳолӣ муносибати ҳамроҳиро ифода намудааст. Ибораҳои мазкур ҳамроҳӣ ва якҷоягии объекти амал (**духтари қадраси нав фотиҳакардагиро, туро, Қорӣ-Исматро),** ки дар ҷумла ба вазифаи пуркунандаи бевосита омадаанд, бо ашхоси дигар (**ба ту, ба касе, бо як одамаш)** ифода менамоянд.

Феъли ҳоли **ҳамроҳ карда** низ дар ифодаи муносибати ҳамроҳӣ дар қолаби ибора истеъмол мешавад ва он дар мисоли ҷумлаҳои боло ибораҳои содаи **ба ту ҳамроҳ карда** (ҷумлаи якум)**, ба касе ҳамроҳ карда** (ҷумлаи дуюм) ва ибораи мураккаби **бо як одамаш ҳамроҳ карда** (ҷумлаи сеюм) тасдиқи худро меёбад.

Аз мушоҳидаҳо ва таҳлили маводи ҷамъшуда метавон хулоса кард, ки ибораҳои феълиҳолии мафҳуми ҳамроҳидошта, ки ҷузъи асосиашон феълҳои ҳоли **ҳамроҳ шуда ва ҳамроҳ карда** мебошанд, дар ифодаи муносибати ҳамроҳӣ хеле маъмуланд ва дар ҷумла бар шарҳи феълҳои гуногун омада, якҷоягии иҷрокунандаи амалро бо ашхоси дигар бо иловаи тобиши маъноии таъкидӣ ифода менамояд.

Адабиёт

1. *Ализода, С. Сарфу наҳви забони тоҷик. / С. Ализода. - Душанбе, 2006. - 80 с.*
2. *Айнӣ, С. Куллиёт, ҷ. 1. / С Айнӣ.- Сталинобод, 1958. - 366 с.*
3. *Айнӣ, С. Куллиёт, ҷ. 2. / С Айнӣ.- Сталинобод, 1960. - 442 с.*
4. *Айнӣ, С. Куллиёт, ҷ. 6. / С Айнӣ.- Душанбе, 1962. - 433 с.*
5. *Виноградов, В.В. Русский язык (Грамматическая учение о слове).- М., 1986. - 614 с.*

6. *Виноградов, В.В. Современный русский язык, вып.2./ В.В. Виноградов -М., 1947. - 592 с.*
7. *Грамматикаи забони адабии тоҷик, ҷилди 2. - Душанбе, 1986.- 372 с.*
8. *Грамматикаи забони адабии тоҷик, ҷилди 3. - Душанбе, 1989.- 224 с.*
9. *Забони адабии ҳозираи тоҷик, қисми 2 (синтаксис). -Душанбе, 1970.- 267 с.*
10. *Забони адабии ҳозираи тоҷик, қисми 1 (лексикология, фонетика, морфология). - Душанбе, 1973.- 481 с.*
11. *Исматуллоев, М. Очеркҳои грамматикӣ оид ба ҳолшарҳкунандаҳо дар забони адабии ҳозираи тоҷик. Қ.1. / М. Исматуллоев. - Душанбе, 1971. – 175. – 129 с.*
12. *Исматуллоев, М. Очеркҳои грамматикӣ оид ба ҳолшарҳкунандаҳо дар забони адабии ҳозираи тоҷик. Қ.2. / М. Исматуллоев. - Душанбе, 1986- 128 с.*
13. *Маҷидов, Ҳ. Забони адабии муосири тоҷик, ҷ.1. / Ҳ. Маҷидов. - Душанбе, 2007. - 242 с.*
14. *Камолиддинов, Б. Роҳҳои гуногуни ифодаи як муносибати ҳолӣ дар забони адабии ҳозираи тоҷик.Забоншиносии тоҷик./ Б. Камолиддинов. - Душанбе, 1984. - С. 110-120.*
15. *Никитин В. М. Обстоятельство как второстепенный член предложения и его противопоставлении дополнению. Учен.записки. Т. 32. / В. М. Никитин. - Рязань, 1961. - 139 с.*
16. *Никитин, В.М. Обстоятельство как грамматическая категория в современном русском языке и его место в системе второстепенных членов предложения. АДН. / В.М. Никитин. - Л., 1961. - 33 с.*
17. *Овсянико-Куликовский, Д.Н. Синтаксисъ русского языка. / Д. Н. Овсянико-Куликовский. - СПб, 1902. - 312 с.*
18. *Рустамов, Ш. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик (проспект). / Ш. Рустамов - Душанбе, 1977. - 187 с.*
19. *Раҳим, Ҷалил Ҳикояҳо Р. Ҷалил - Сталинобод, 1958. - 396 с.*
20. *Раҳим, Ҷалил. Маъвои дил / Р. Ҷалил - Душанбе, 1970. - 368 с.*
21. *Сотим У. Восеъ / С. Улуғзода. - Сталинобод, 1958. - 360 с.*
22. *Сотим, У. Мунтахабот, Ҷ.2. / С. Улуғзода. - Душанбе, 1988. - 424 с.*
23. *Сорбон. Занги аввал / Сорбон. - Душанбе, 1981. - 240 с.*
24. *Ҷалол, И. Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро / Ҷ. Икромӣ. - Душанбе, 1984. - 432 с.*
25. *Ҷалол, И. Тахти вожгун / Икромӣ Ҷ. - Душанбе, 1989. - 330 с.*
26. *Ҷалол, И. Саргузашти Сафармахсум / Ҷ. Икроми, Ҳ. Назаров. – Душанбе. 1971. – 223 с.*
27. *Ю. Акобиров. Водии Муҳаббат / Ю. Акобиров - Душанбе, 1980. - 296 с.*

РОҶЕЪ БА ЯК НАВЪИ ИБОРАҲОИ ФЕЪЛИҲОЛИИ МАФҲУМИ ҲАМРОҲИДОШТА БО АЛОҚАИ ПЕШОЯНДӢ

Дар мақолаи мазкур оид ба як навъи ибораҳои феълиҳолии мафҳуми ҳамроҳидошта сухан меравад. Дар мақола оварда мешавад, ки дар забони адабии ҳозираи тоҷик як қатор феълҳои ҳоли мафҳуми ҳамроҳидошта мавҷуданд, ки дар ифодаи муносибати ҳамроҳӣ дар шаклу қолабҳои гуногун истеъмол мешаванд. Онҳо дар ифодаи ин маънӣ хусусияти вобастакунӣ зоҳир намуда тафсил меёбанд ва онро бештар дар қолаби ибора ифода менамоянд. Ибораҳои феълиҳолии мафҳуми ҳамроҳидошта бо алоқаи вобастагӣ ташаккул меёбанд ва ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд: ибораҳои феълиҳолии мафҳуми ҳамроҳидошта бо алоқаи пешояндӣ ва бо алоқаи пасояндӣ. Як қатор феълҳои ҳоли мафҳуми ҳамроҳидошта бо ёрии пешояндҳо, махсусан пешоянди “ба”, “бо”, “ҳамроҳи” калима ва ибораҳои дигарро ба худ тобеъ намуда, ибораҳои феълиҳолиро ташкил медиҳанд, ки дар ҷумла муностибати ҳамроҳиро бо иловаи тобиши таъкидӣ боз ҳам равшантар ифода менамоянд. Феъли ҳоли “ҳамроҳ шуда” мафҳуми ҳамроҳ дошта, дар вазифаи ҷузъи асосии ибораҳои феълиҳолии мафҳуми ҳамроҳидошта серистеъмол аст.

Калидвожаҳо: феъли ҳол, мафҳуми ҳамроҳӣ, ибораҳои феълиҳолӣ, муносибати ҳамроҳӣ, синтаксисические связы, предлоги, феъли ҳоли ҳамроҳ шуда, ҳамроҳ карда, калима, ибора.

ОБ ОДИН ТИПЕ ДЕЕПРИЧАСТНЫХ СЛОВОСОЧЕТАНИЙ СО ЗНАЧЕНИЕМ СОМЕСТНОСТИ ОБРАЗУЮЩИХСЯ С ПОМОЩЬЮ ПРЕДЛОГОВ

В данной статье речь идет об одном типе деепричастных словосочетаниях со значением соместности, которые образуются с помощью предлогов. В статье говорится, что существуют ряд деепричастные конструкции в таджикском современном литературном языке, которые очень популярны для выражении отношения соместности и его оттенков, приобретая различные формы и виды. Они проявляя в предложении свойство примыкания выражают отношения совместности в распространённым видом. Данные словосочетания, прежде всего, образуются с управленческой

связью, и выделятся на деепричастных словосочетания оюразующихся с помощью предлогов и с помощью послелогов. Некоторые деепричастия со значением совместности примыкают себе другие слова и словосочетания с помощью предлогов, особенно предлогов “ба- на”, “бо- с, со”и образуют деепричастных словосочетания со значением совместности, с помощью которых выражаются грамматическое отношение совместности ярче и яснее, добавляя ему разные оттенки. Деепричастие “ҳамроҳ шуда” (присоединившись) имеет значения совместности и является очень популярным и распространенным на выражении отношения совместности.

Ключевые слова: деепричастие, значения совместности, деепричасные словосочкнания, отношение совместности, синтаксисичекые связы, педлоги, деепричастие ҳамроҳ шуда (присоединившись), слова, словосочетания.

ABOUT ONE TYPE OF ADVERBIAL PARTICIPIAL PHRASES WITH THE MEANING OF COMPATIBILITY FORMED WITH THE HELP OF PREPOSITIONS

This article is about one type of adverbial participial phrases with the meaning of compatibility, which are formed with the help of prepositions. The article says that there are a number of adverbial participial constructions in the modern Tajik literary language, which are very popular for expressing the relationship of compatibility and its shades, acquiring various forms and types. They display the property of adjacency in the sentence and express the relationship of compatibility in a common form. These phrases, first of all, are formed with a control connection, and stand out among adverbial participial phrases formed with the help of prepositions and with the help of postpositions. Some adverbial participles with the meaning of compatibility join other words and phrases with the help of prepositions, especially the prepositions “ba-na”, “bo-s, so” and form adverbial participle phrases with the meaning of compatibility, with the help of which the grammatical relationship of compatibility is expressed more vividly and clearly, adding different shades to it. The adverbial participle having joined has the meaning of compatibility and is very popular and is used to express the relationship of compatibility.

Keywords: adverbial participle, meanings of compatibility, adverbial participle phrases, compatibility relationship, syntactic connections, pedagogical clauses, adverbial participle Қамроҳ шуда (having joined), words, phrases.

Дар бораи муаллиф
Ҷабборова Шарофат Сафаралиевна
Номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забоншиносӣ ва рӯзноманигории Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода
734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Муҳаммадив, 17/6

Об авторе
Джабборова Шарофат Сафаралиевна
Кандидат филологических наук, доцент кафедры языкознания и журналистики
Таджикский международный университет иностранный язык имени Сотима Улуғзода
734019, Республика Таджикистан,
г. Душанбе, улица Мухаммадиева, 17/6

About the author
Jabborova Sharofat Safaralievna
Candidate of Philological Sciences, Associate Professor at the Department of Linguistics and Journalism
Tajik International University of Foreign Languages named after Sotim Ulughzoda
734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 17/6 Muhammadiev street.

ТДУ 802.0

ОМИЛҲОИ ПАЙДОИШ ВА ШАКЛҲОИ ТАШАККУЛИ ИХТИСОРА ДАР ЗАБОНИ АНГЛИСӢ

Назифова З. Т.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Ихтисора (аббревиатура – аз калимаи лотинии abbreviatura гирифта шуда, маънояш ихтисор мекунам) исме мебошад, ки калимаҳои кӯтоҳшудаи ибораро дар бар мегирад. Солҳои охир, ихтисорот воқеан яке аз усулҳои пурмаҳсули ғанӣ гардонидани фонди луғавии бисёр забонҳои дунё гардидааст. Шумораи воҳидҳои луғавии ихтисоршуда дар забонҳои пешрафта, ки дар солҳои охир маъмул гардидаанд, даҳҳо ҳазорро ташкил медиҳанд. Истифодаи васеи ихтисороти мухталиф як навъ вокуниши забон ба рӯйдодҳои илмию техникӣ дар чахони муосир мебошад, ки масъалаи мазкур диққати олимони соҳаи забоншиносиро бештар ҷалб намудааст. Онҳо дар соҳаҳои гуногун, аз ҷумла, тиҷорат, илм, технология ва тиб нақши муҳим мебозанд.

Сарфи назар аз он, ки дар забонҳои муосири дунё оид ба масъалаи ихтисора тадқиқотҳои гуногуни илмӣ гузаронида шудааст, воҳидҳои луғавии ихтисора то ҳол аз бисёр ҷанбаҳо яке аз масъалаҳои мубрами илми забоншиносӣ ба шумор мераванд, ба монанди масъалахои сохти калима дар ихтисораҳо ва маънои он, морфемаҳои ихтисораҳо, масъалаҳои муносибати садо ва маъно, мушкилоти воҳидҳои тавлид ва ҳосилшуда дар раванди калимасозӣ ва ғайра. Дар бораи хусусиятҳои махсуси ихтисораҳо сухан ронда, рушди онро маъсусан, ҳанӯз ба давлати Рими Қадим ва Юнон, инчунин давраи Эҳё ва асри ХХ метавон нисбат дод.

Олимони намоёни соҳаи забоншиносӣ ба монанди И. В. Арнольд, В. В. Борисова, В. В. Виноградов, Э. М. Дубенец, А. П. Шаповалов, A. Appelman, A. Itai, K. Jacobs ва дигарон оид ба масоили асосҳои назарияи ихтисорот, гуногунии онҳо, сабабҳо, хусусиятҳо ва пайдоиши онҳо, инчунин, ихтисорот ҳамчун усули калимасозӣ тадқиқотҳои гуногуни илмӣ ба анҷом расонидаанд.

Забоншиноси маъруф О.Есперсен доир ба мавқеъ ва вазифаҳои воҳидҳои луғавии ихтисора дар забони англисии муосир дар китоби бисёрҷилдаи худ «Грамматикаи забони англисии муосир» яке аз бобҳои ҷудогонаро ба мавзуи ихтиосра бахшидааст. Ӯ махсусан қайд мекунад: «Ихтиосра дар дигар забонҳо низ монандии худро дорад, вале тахмин меравад, ки дар ягон забон он ба монанди забони англисии муосир бисёрҷабҳа ба шумор намеравад, он дар ҳақиқат яке аз хусусиятҳои хоси инкишофи забони англисиро дар чунин марҳилаи кунунӣ нишон медиҳад» [12, с. 533-552].

Мувофиқи ақидаи Р. Уэлс, ки чунин қайд мекунад: «Раванди акронимия (Р.Уэлс зери мафҳуми акронимия сохти ҳар гуна воҳиди ихтисоротро дар назар дорад) дар забони англисӣ хеле пуршиддат инкишоф ёфта истодааст» [16, с. 662].

Пайлз Т. П. оид ба рушди ихтисорот, ки яке аз шаклҳои сермаҳсули калимасозӣ дар забони англисӣ ба шумор меравад, чунин қайд мекунад: «Эҳтимол меравад, ки минбаъд акронимҳо он чунон маъмул мегарданд, ки ба монанди калимаҳои сохта, ки решаашон аз калимаҳои юнонӣ сохта шуда, барои ифодаи мафҳумҳои нави илмӣ муайян гардидаанд, муқаррарӣ ба шумор равад» [15, с. 289].

Ба ақидаи забоншинос Блох М.Я. «Аз нуқтаи назари калимасозӣ ихтисора мавзуъи баҳсталаби илми забоншиносӣ ба шумор меравад, зеро ки ихтисораро ҳамчун як усули калимасозӣ шуморидан аз ҷониби олимон ҳоло ҳам муҳокимаҳо рафта истодааст» [3, с. 29].

Дар ин робита, ҳаминро қайд кардан бамаврид аст, ки ихтисора ҳамчун як навъи нави калима сохтори луғавии забонро ғанӣ гардонидааст, вале ҷиҳати ба вуҷуд омадани воҳидҳои нави ғайрилуғавии муқоисавӣ, аз ҷумла, сабаб шуда наметавонанд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки дар давраи Эҳё, дар замоне, ки тараққиёти илм вусъат меёфт, вожаҳои нав бо роҳи калимасозӣ дар асоси решаҳои калимаҳои лотинӣ ва юнонӣ, инчунин, решаи калимаҳои забонҳои давлатӣ сохта мешуданд. Маҳз дар ҳамин давра, ихтисороти бо ном графикӣ, яъне ихтисороте, ки танҳо дар навишт истифода бурда шуда, шакли махсуси овозӣ надорад, маъмул гардид. Дар баъзе аз соҳаҳои илм, махсусан, дар илми математика дар асоси забони лотинӣ, ихтисороти устувор ки то замони мо қисман боқӣ мондаанд, ба вуҷуд омаданд. Масалан: **cos- cosinus, sin – sinus** ва ғ.

Ихтисоротро метавон ба ду гурӯҳи калон тақсим намуд: графикӣ ва луғавӣ. Ихтисороти графикӣ – ин ихтисороти калима аз ҳисоби партофта шудани як ё якчанд ҳарф мебошад, ки дар навбати худ хусусияти хоси овозӣ надошта, дар нутқ фаъолияти мустақилона иҷро карданро надорад. Ба таври дигар гӯем ин шакли ихтисорот сабти овоз ва ё ибораро мемонад.

Тахмин меравад, ки ихтисораи шакли графикӣ дошта ба монанди хат таърихи қадима дорад. Забоншиноси маъруфи рус А.Баранников чунин қайд мекунад: «Агар мо ба сохти калима назар афканем, он таърихи хеле қадима дорад, ки аз морфемаҳои тасодуфӣ ва калимаҳо иборат аст, ҳатто аз алифбо низ қадимтар ба шумор меравад (чи тавре ки аз ду ё се ҳарфи аввали алифбо мушоҳида карда мешавад: **abced, abc**). Ин тарзи сохти ихтисораҳои махфӣ ва техникӣ аллакай дар он давра дар байни одамон маъмул буданд, ки баъзе аз онҳо шакли моҳӣ дошта, бо номҳои юнонӣ, ки аз 7 ҳарфи аввали калима сохта мешуданд, ишора мегардиданд. Масалан: **Christos Theo(h)uios, Soter**. Бо чунин роҳ ифода ёфтани як қатор ҳарфҳои аввал ё охири калима ё ибора, як ё танҳо ҳарфҳои аввал дар луғатҳои махсуси Ҳиндустон – фалсафӣ ва грамматикӣ ва ғ. муқаррарӣ ба шумор рафта, чунин сохтор ба грамматикаи Панини, давраи кадимаи ҳиндуӣ монандӣ дорад»[1, с. 78-79].

Ҳамин тавр, аллакай дар забони англисии давраи қадим ихтисораҳои ҳуруфотӣ (графикӣ) ба монанди ⅂ ба ҷои **and – ва,** ŧ ба ҷои **or – ё** (аз забони лотинии **uel** гирифта шудааст), **oḟ** -ба ҷои **over – дар болои** ва ғ. истифода бурда мешуданд.

Дар ихтисораҳои графикӣ аломатҳои пунктуатсия ба монанди нуқта, нимтире ва ғ. истифода бурда мешаванд. Бо мақсади исботи гуфтаҳои зерин якчанд намуди ихтисораи графикиро дида мебароем: 1. ихтисороти нуқтадор, масалан: int. – interjection, s.b. – somebody, log. – logic, fam. – family; 2. ихтиосрот бо дефис, масалан: H-P – high-power, ah-d – ahead, h-f – hard facet; 3. ихтисорот бо дроб, масалан: f/lg – focal length, i/b – in bulk, in/in – inside/inside; 4. ихтисороти сифр (бе нуқта), масалан: fcap – foolscap, ib – ibidem, mo- month; 5. ихтисороти омехта, масалан: cu.-sec – cubic feet per second, cu.- nb. – cumulonimbus [2, с. 24-30].

Яке аз хусусиятҳои хоси ихтисороти графикӣ аз он иборат аст, ки як ихтисора вобаста ба матн метавонад гуногун хонда шавад, масалан: fl – filter, finish line, flat, Florida, foreign language. Дар баробари ин, калима боз метавонад якчанд ихтисороти графикиро иваз намояд, масалан:– ON, O.N., on, o.n.

Ихтисороти луғавӣ – ин эҷоди луғатҳои нав, ки аз воҳидҳои аслӣ ҳам аз ҷиҳати сохт ва ҳам аз ҷиҳати овоз ва ҳатто баъзан аз ҷиҳатм маъно ва грамматика фарқ мекунанд. Дар муқоиса бо ихтисороти графикӣ ихтисороти луғавӣ ҳам дар нутқи хаттӣ ва ҳам гуфтугӯӣ истифода бурда мешавад, масалан: sub аз submarine - киштии зериобӣ ё submachine-gun – милтиқ, аслиҳа ва ғ.

Дар давраҳои миёнаи ташаккули забони англисӣ (Middle English) бошад, калимаҳое ба миён омаданд, ки бо роҳи кӯтоҳкунӣ ё худ ихтисорот сохта мешуданд. Масалан: **rep** аз **reputation -** ном, шуҳрат; **pos** ва **pozz** аз **positive** – мусбат ; **mob** – вожаи лотинии **mobile vulgus -** издиҳом, анбӯҳ, тӯда ва ғ.

Гарчанде дар забони англисӣ дар ин даврањо ихтисора хеле рушд ёфта буд, ба муқобили истифодаи васеи чунин калимањои кӯтоҳшуда яку якбора пуристон (шахсоне, ки ҷиҳати пок нигоҳ доштани урфу одат ва забон талош меварзанд) муқобил баромаданд, махсусан, дар байни онҳо намоядагони барҷастаи адабиёти англис Ҷонатон Свифт ва Ҷозеф Аддисон буданд. Вале ин эътирозҳо тамоюли ба вуҷуд омадаистодаи объективии инкишофи забонро боздошта натавонистанд. Маълум аст, ки дар баробари дигар рукнҳо забон низ даврањои муайян ва мушкилотҳои гуногунро паси сар менамояд. Миқдори зиёди ихисораҳо низ тули таърих то замонҳои мо нарасидаанд, вале, масалан, ихтисораи **mob** дар баробари дигар вожаҳо дар забони англисӣ ба таври устувор боқӣ мондааст.

Дар китоби «Луғати мухтасари англисии Оксфорд» истифодаи аввалин ихтисораҳо сабт гардидаанд, ба монанди: **Mr. (Master)**, ки ба соли 1447, **Mrs. (Mistress)** ба соли 1582 ва **a. m.** (ante meridiem — то нисфирӯзӣ), ки тахминан ба соли 1600 рост меоянд.

Дар аввалҳои асри XVIII дар замоне, ки нависанда ва ҳаҷвнависи машҳури англис Ҷонатон Свифт, ки ҳамзамон файласуф, шоир ва ходими ҷамъиятии замони худ ба шумор мерафт, чунин ихтисоротҳо ба монанди **M. D.** (Medicinae Doctor — табиб), ки дар асоси забони лотинӣ сохта шудааст, мавриди истифода қарор гирифтааст.

Олими амрикоӣ Г. Менкен чунин қайд мекунад: «Одати хоси амрикоиҳо ин аз мафҳумҳои душвор сохтани ихтисороти кӯтоҳ мебошад, ки аллакай дар замони мустамликадорӣ нақши муҳимро бозида, чунин ихтисораҳои хоси мардуми амрико ба монанди **О.К.** (All correct - ҳамааш хуб), **N.G.** (No good – нодуруст, беҳуда) ва **P.D.Q.** (pretty damn quick –бениҳоят тез) на танҳо то замони таъсисёбии давлати Амрико, балки то имрӯз на танҳо дар нутқи гуфтугӯӣ, балки дар забони илму адабиёт низ вомехӯранд»[14, с. 92].

Дар охири асри XIX бошад, ихтисорот боз мавриди истифодаи омма қарор гирифт. Забоншиноси амрикоӣ А.Марквардт бошад, таърихи пайдоиши ихтисораҳои маъмулро ба асри XIX нисбат медиҳад, масалан: **phone - telephone**—телефон ба соли 1886; **fan - fanatic** — «энтузиаст», «мухлис » ба соли 1896; **gym - gymnasium** — «толори гимнастикӣ» ба соли 1897; **gas - gasoline** - бензин, маводи сӯзишворӣ ба соли 1905; **movie - moving pictures** — кино ба соли 1906 ва ғ. рост меоянд [13, с. 93].

Дар нимаи дуюми асри XIX дар забони англисӣ бештар сарҳарфҳои исмҳои хос ҳамчун ихтисороти луғавӣ рушд меёбад. Маҳз дар ин давра, яъне дар соли 1886 аввалин луғати ихтисороти забони англисӣ, ки 2500 номгӯи маъмули ихтисоротро дар он давра дар бар мегирифт, аз чоп баромад.

Дар асри XX бошад, сарҳарфҳои исмҳои хос дар шакли ихтисора ба як навъи калимасозии хеле сермаҳсул ва устувор табдил ёфт. Чунин намунаи воҳидҳои забон дар фонди луғавӣ мавқеи мустаҳкам пайдо карда, бо суръати бениҳоят тез инкишоф ёфтанд.

Ва ниҳоят, солҳои охир, усули нави таъсиси ихтисора, ки сохтори фонетикии онҳо ба сохтори фонетикии калимаҳои умумиистеъмолӣ мувофиқат менамояд, ки бо мафҳуми акронимҳо маъмул гардидаанд, яъне агар ихтисора (абревиатура) як роҳи ихтисори калимаҳо бошад, акронимҳо ихтисори ҳар як калимаро дар ибораи додашуда меноманд. Бо тарзи дигар, акронимия ин вожае, ки ихтисорот дар шакли калимаи пурра хонда мешавад. Масалан: **JIC – just in case** (дар ҳар сурат); **FAQ – frequently asked question** (саволи маъмул); **BTW – by the way** (дарвоқеъ) ва ғ.

Акронимия аксуламали забонро дар ҳолати зиёд будани маълумот, ба вуҷуд омадани истилоҳоти бешумор вобаста ба тараққиёти илму техника ва истифодаи васеи васоити робитаи омма мебошад.

Ҳамин тавр, дар забони англисӣ роҳҳои гуногуни истифодабарии ихтисораҳо вуҷуд дорад: 1. Муошират ғайрирасмӣ. Дар баробари ихтисораҳои расмӣ ихтисораҳои нутқи гуфтугӯӣ низ истифода мешаванд. Масалан: **Mom – mother** (модар); **btw – by the way** (дар воқеъ); **thnx – thanks** (ташаккур) ва ғ. 2. Ихтисороти расмӣ. Ин навъи ихтисорот бо мақсади ба роҳ мондани муносибатҳои расмӣ истифода бурда мешаванд, ки асоси онҳоро ихтисороти

соҳаи иқтисодӣ ва сиёсӣ ташкил медиҳанд: **PR – public relations** (сарчашмаҳои инсонӣ); **Ltd – limited trade development** (Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд). 3. Рӯзҳои ҳафта, воҳидҳои ченак ва ғ.. Ба ин гурӯҳ ихтисоротҳое дохил мешаванд, ки мафҳуми умумӣ доранд. Масалан: **Mon – Monday** (душанбе), **Fri – Friday** (ҷумъа), моҳҳо: **Oct – October** (октябр); **Apr – April** (апрел); ихтисоротҳое, ки барои ифодаи нишона истифода мешаванд: **st. – street** (кӯча); **blvd – boulevard** (гулгашт); **ave – avenue** (хиёбон), воҳидҳои ченак: **m – meter** (метр), **bn – billion** (миллиард) ва ғ.

Дар баробари ба роҳҳои гуногун ва ҷиҳати истифодабарӣ ихтисораҳоро метавон ба навъҳои гуногун ҷудо намуд:

1. Ихтисороти сарҳарфҳои хос –ихтисороте, ки аз ҳарфҳои аввали ҳар як калима дар ибораи додашуда иборат аст. Масалан: **UAE - United Arab Emirates** (Аморати Муттаҳидаи Араб). Ин намуна на бо калимаи пурра балки бо ихтисорот талаффуз карда мешавад. **NATO – North Atlantic Treaty Organisation** (Созмони Аҳдномаи Атлантикаи Шимолӣ (САҲШ)), **BBC - British Broadcasting Corporation (**Васоити ахбори оммаи Британия, **UK -United Kingdom** (Британияи Кабир), **USN ['ju:'es'en] – United States Navy** (Неруҳои баҳрии ИМА)

Ҳамин тариқ, яакҷояшвии инитсиалҳо, яъне сарҳарфҳои исмҳои хос бо роҳи ихтисорот воҳидҳои луғавии навро ба миён меоранд. Ин гуфтаҳоро дар мисолҳои дигар дида мебароем, масалан: PC word processor ихтисороти навро ба монанди PCW, яъне сарҳарфҳои PC зери мафҳум ва ихтисораи PCW, ки воҳиди луғавии нав ба шумор меравад, пазируфта мешавад.

Илова ба ин, баъзан ҳолатҳо, ҷиҳати эътирофи ихтисорот –сарҳарфҳо ҳатто ҳарфи аввал аз байни калимаҳои ихтисоршуда ба инобат гирифта намешавад, аз истисно берун нестанд, Ба монанди: **XGA** = eXtended Graphics Adapter – адаптери васеъи графикӣ.

Аз натиҷаи таҳқиқотҳо бармеояд, ки сарҳарфҳо ду тарзи хонишро медиҳанд, калимаи муқаррарӣ, ки бо қоидаҳои имло мувофиқат мекунад масалан **NATO** ва хониши ҳарф ба ҳарф **BBC** ва ғ.

2. Ихтисораҳое, ки дар он қисмати муайяни калима бурида мешавад, масалан: **info-information** (хабар) ва ғ.

Аз сабаби он ки ихтисора бо шаклҳои дигари калимасозӣ алоқамандӣ дорад, якчанд роҳҳои пайдоиши калимаҳои навро бо ёрии усули нави калимасозӣ дида мебароем: 1.калимасозӣ (бо ҳамроҳ намудани суффикс): RAF (Royal Air Force) – Rafer –хизматчии қувваҳои ҳарбии ҳавоӣ; RAND (Research and Development Corporation) – RANDster – корманди иттиҳодияи РЭНД. Дар баробари ин, ҳолатҳои мураккаби морфологӣ низ ба мушоҳида мерасад. Масалан: UNESCO (United Nations Educational, Scientific and Cultural Organization) – (Unescan низ ба ЮНЕСКО дахл дорад) - Созмони Милали Муттаҳид оид ба маориф, илм ва фарҳанг; 2. ба ихтисора илова намудани калима: MATS (military Air Transport Service) + man – MATSman – хизматчии ҳарбии нақлиёти флоти ҳавоӣ; 3. бо роҳи конверсия: RAF (Royal Air Force) – to raff – аз ҳаво зери ҳамла қарор гирифтан ;

Дар харитаи замин, дар қитаъаи Антарктида соҳил бо номи Банзарэ (Banzare Coast). вомехӯрад, ки дар асл ба номи инсон таалуқ надошта, балки ихтиосраи экспедитсияи муштараки илмии давлатҳои Англия, Австралия ва Зеландияи Нав доир ба Антарктида мебошад, ки дар минтақаи зерин тули солҳои 1929-1931 ба тадқиқот машғул буданд. Дар забони англисӣ он ба таври зайл номгузорӣ мешавад (*British, Australian and New Zealand Antarctic Research Expedjtion* — Banzare).

Бояд қайд кард, ки ихтисора дар баробари дигар соҳаҳои илму техника дар соҳаи тиб низ хеле маъмул аст. Вожаи тиббии cortisone (кортизон) аз ихтисораи феҳристи химиявии «17-hydroxy, 11-dehydrocorticosterone horm one» гирифта шудааст.

Бояд тазаккур намуд, ки беэътиноӣ нисбат ба ихтисора ин ба таври кофӣ коркард накардани қисмати назариявии он мебошад, ки барои истифодабарандагон баъзан мушкилотро пеш меорад.

Ҳамин тавр, дар забони англисӣ вожаҳо ба таври васеъ дар шакли ихтисора истифода бурда мешаванд: **etc. – etcetera** (ва ғайраҳо), е**.g. – exempli gratia** (масалан), і**.e. – id est** (яъне) ва бисёр дигарон.

Далели объективии баланд бардоштани мавқеъ ва мақоми ихтисора дар забонҳои муосир ин аз нашр баромадани шумораи зиёди луғатҳои ба таври умумӣ ва махсуси ихтисора мебошад. Барои исботи ин далел садҳо луғатҳои ихтиосра барои забонҳои гуногунро метавон номбар намуд, ки луғати ихтиосраи забони англисӣ аз мадди назар дур нест. Масалан, дар «Луғати ихтисораи англисӣ ва амрикоӣ» зиёда аз 30 000, дар «Луғати ихтисораҳои вожаҳои ҳарбӣ» ки наздики 25 000 ихтисораҳои забони англисӣ гирд оварда шудаанд, Дар нашри сеюми Луғати ихтисорот», ки аз ҷониби ширкати Гейл дар Детройт соли 1970 аз нашр баромад, зиёда аз 80 000 ихтиосротро дар бар мегирад, ки дар забони англисии муосир истифода бурда мешавад.

Хулоса, рушди босуръати вожаҳои махсус солҳои охир олимонро маҷбур месозад, ки чунин навъи терминологӣ, яъне ихтисоротро дар соҳаи илми забоншиносӣ тағйироти куллӣ шуморанд, ки дар асоси он вожаҳои зиёди дигар сохта мешаванд.

Зимнан, бо бархе аз ақидаҳое, ки гӯё ихтисорот «фаҳмо» ё «нофаҳмо», «муваффақ» ё «номуваффақ», хулоса, он шакли нодурусти истифодабарии воҳиди забон мебошад, розӣ шудан номумкин аст, ки заминаи онро эътирози субъективии олимони алоҳида ва дигар мутахассисони соҳавиро дар маҳдуд кардан ва истифодаи онҳо дар соҳаи забоншиносӣ ташкил медиҳад, қобили қабул намешуморем.

Баръакс, ихтисорот дар ташаккули робитаҳои байнифарҳангӣ, пешрафти илму техника ва ҷамъият дар маҷмуъ мусоидат менамояд, ки фонди луғавии забонро бо воҳидҳои нави ихтироъшуда ғанӣ мегардонад. Ҳамин тавр, дар даҳсолаи охир кӯтоҳкунӣ ё ихтисора сермаҳсултарин навъи воҳидҳо дар соҳаи забон ба шумор меравад.

Адабиёт

1. *Баранников, А. Из наблюдений над развитием русского языка в последние годы. Влияние войны и революции на развитие русского языка. Уч. зап. / А. Баранников. - Самарского ун-та, вып. 2, 1919. С. 78-79.*
2. *Баринова, С.О. Классификация сокращений в языке интернета (на материале английского языка) / С.О. Баринова. - С-Пб, 2007. – С. 24-30.*
3. *Блох, М. Я. Аббревиация как продуктивный способ словообразования в истории европейских языков./ М.Я. Блох, Т.С. Сергеева // Известия высших учебных заведений. Поволжский район. Гуманитарные науки, 2014. - № 1. - С. 29.*
4. *Борисов, В. В. Аббревиация и акронимия. Военные и научно-технические сокращения в иностранных языках / под ред. проф. А. Д. Швейцера. – М., 1972.*
5. *Кочарян, Ю. Г. Аббревиация в английской военной лексике: дис. … канд. филол. наук / Ю. Г. Кочарян. – М., 2007. – 256 с.*
6. *Краев, А. Д. Роль контекста и экстралингвистической ситуации при переводе английских сокращений // Вопросы германской филологии / А. Д. Краев. – Новосибирск: Наука (Сибирское отд.), 1982. – С. 74–85.*
7. *Митева, А.О. Сокращения и аббревиатуры в онлайн-переписке в русском и английском языках // Лингвистика, лингводидактика, лингвокультурология: актуальные вопросы и перспективы развития: Материалы IV Международной научно-практической конференции / А.О. Митева. - Минск, 19-20 марта 2020 год.*
8. *Панова, М. В. «Словообразование современного русского литературного языка. Русский язык и советское общество» / М. В. Панова. - М., 1968. – 82 с.*
9. *Слепов, Н. Н. Англо-русский толковый словарь сокращений в области связи, компьютерных и информационных технологий. Acronyms and Abbreviations An English - Russian Dictionary for Communications, Computer and Information Sciences: (Including " A Dictionary of Russian Abbreviations") / Н. Н.Слепов. - 3-е изд., перераб.и доп / Н. Н. Слепов. - М.: Радио и связь, 2005. - 800 с*

10. *Солопов, В. И. Образование и лексикализация аббревиатур в устной военной коммуникации (на материале русского и английского языков): автореф. дис.канд.филол.наук / Солопов В. И. – М., 1989. – 23 с.*
11. *.Шагланова, Е. А. Бадмаева Е. С. Чепак О. А. Особенности терминологической аббревиации в английском научно-техническом тексте // Германские языки 2022. Том 15. Выпуск 6.*
12. *Jespersen O. A Modern English Grammar on Historical Principles. Part VI. M orphology, / O. Jespersen. - London, 1946. (Chapter XXIV. Shortenings, pp. 533—552):*
13. *Marckwardt, A. H. American English / A. H. Marckwardt. - New York, 1958. - p. 93*
14. *Mencken, H. L. The American Language / H. L. Mencken. - New York, 1936, p. 92.*
15. *Pyles, T. The Origins and Development of the English Language / T. Pyles. New York, 1964. - p. 289.*
16. *Wells, R. Acronymy. In: For Roman Jackobson. / R. Wells Compiled by M. Halle and O. The Hague, 1956. - p. 662.*

ОМИЛҲОИ ПАЙДОИШ ВА ШАКЛҲОИ ТАШАККУЛИ ИХТИСОРА ДАР ЗАБОНИ АНГЛИСӢ

Муаллиф дар мақолаи мазкур ҷанбаҳои гуногуни пайдоиши ихтисораро таҳқиқ намуда, даврa ба даврa ташаккулёбии ин воҳиди забонро, ки дар нутқи забони англисии муосир мавқеи муайянро ишғол менамояд, бамаврид қайд намудааст. Дар мақола инчунин назари олимон дар даврaҳои гуногуни ташаккули забон мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Аз ҷиҳати гуногунӣ якчанд намудҳои ихтисораҳо низ нишон дода шудаанд. Аз чоп баромадани луғатҳои ба таври умумӣ ва махсуси аз натиҷаи таҳқиқи дурударози ихтисораҳо гувоҳӣ медиҳад. Дар рафти таҳқиқот маълум гардид, ки дар забони англисӣ таснифоти васеи ихтисорот мавҷуд аст, ки пеш аз ҳама бояд байни ихтисороти графикӣ ва луғавиро фарқ кард. Ғайр аз ин, ин воҳидҳои забон аз рӯи усули ихтисор ва усули хониш тасниф карда мешаванд, ки вазифаи асосии он таъмини интиқоли мафҳуми асосии маълумот мебошад. Ихтисора ба фонди луғавии забон амиқтар ворид шуда, онҳоро калимаҳои тасодуфӣ номидан ғайриимкон буда, балки воҳидҳои луғавии сермаъно ба шумор рафта, дар китобҳои луғати ихтисора сабт мегарданд.

Калидвожаҳо: ихтисора, забон, луғат, вожа, воҳид, соҳа, техника, технология, тиб, реша, калима, калимасозӣ, сохт, таҳқиқот, усул, хониш, графикӣ.

ВОЗНИКНОВАЮЩИЕ ФАКТОРЫ И ФОРМЫ ОБРАЗОВАНИЯ СОКРАЩЕНИЙ В АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКЕ

В данной статье автор изучает различные аспекты происхождения аббревиатуры и отмечает периодическое формирование этой языковой единицы, занимающей определенное место в современной английской речи. В статье также рассматриваются взгляды ученых в разные периоды развития языка. С точки зрения разновидности приведены также несколько групп аббревиатур. Издание общего и специального словарей сокращений является результатом многолетнего изучения сокращений. В ходе нашего исследования мы выяснили, что существует обширная классификация аббревиатур, согласно которой, прежде всего, следует различать графические и лексические аббревиатуры. Кроме того, следует учесть тот факт, что аббревиатуры классифицируются не по одному признаку, а по совокупности двух определяющих признаков: по способу сокращения и по способу прочтения. Однако вне зависимости от вида, основная функция сокращений заключается в обеспечении передачи основного смысла исходной лексической единицы. Сокращения глубже проникают в лексику языка, что делает их не случайными словами, а полноправными лексическими единицами, регистрируемыми в словарях сокращений.

Ключевые слова медицина, корень, слово, словообразование.**:** аббревиатура, язык, словарь, слово, единица, область, техника, технология, медицина, корень, слово, словообразование, конструкция, исследование, метод, чтение, графика.

EMERGING FACTORS AND WAYS OF FORMATION OF ABBRIVIATIONS IN ENGLISH LANGUAGE

In this article, the author studies various aspects of the origin of the abbreviation and notes the periodic formation of this linguistic unit, which occupies a certain place in modern English speech. The article also examines the views of scientists in different periods of language development. Several groups of abbreviations are also given from the point of view of variety. The publication of general and special

dictionaries of abbreviations is the result of many years of studying abbreviations. During our research, we found out that there is an extensive classification of abbreviations, according to which, first of all, graphic and lexical abbreviations should be distinguished. In addition, one should take into account the fact that abbreviations are classified not according to one criterion, but according to a combination of two defining characteristics: by the method of abbreviation and by the method of reading. However, regardless of the type, the main function of abbreviations is to ensure the transmission of the basic meaning of the original lexical unit. Abbreviations are penetrating deeper and deeper into the vocabulary of the language, which makes them not random words, but full-fledged lexical units registered in dictionaries of abbreviations.

Keywords medicine, root, word, word formation: abbreviation, language, dictionary, word, unit, area, technique, technology, medicine, root, word, word formation, construction, research, method, reading, graphics.

Дар бораи муаллиф
Назифова Зулайхо Ташрифовна
Номзади илмҳои филологӣ, омӯзгори калони каф. забони англисӣ ҳамчун ихтисоси дуюм
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121

Об авторе
Назифова Зулайхо Ташрифовна
Кандидат филологических наук, старший преподаватель кафедры английского языка как вторая специальность
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121

About the author
Nazifova Zulaykho Tashrifovna
Candidate of Philological Sciences, Senior Lecturer, Chair of English language as a second speciality
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121

ТДУ 811

ЗУҲУРОТИ СУБСТАНТИВАТСИЯИ СИФАТҲО ҲАМЧУН ОМИЛИ ПАЙДОИШИ КАЛИМАҲОИ ИСМИИ МАНСУБ БА ШАХС ДАР АШЪОРИ ИМЛОИ БУХОРОӢ

Толибов А. Р.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Ҳама гуна омилҳои гузариш аз як ҳиссаи нутқ ба ҳиссаи нутқи дигар дар натиҷаи қонунҳои дохилии забон ба вуқуъ меоянд. Чунончи, падидаи ба исм гузаштани сифатҳо ба роҳи калимасозии морфологию синтаксисӣ марбут мебошад, ки дар забоншиносии умумӣ он ҳамчунин бо истилоҳоти “транспозитсия” ва ё “конверсия” номгузорӣ шудааст. Муҳаққиқони рус Н.М.Шанский ва А.Н.Тихонов зимни ин роҳи калимасозӣ моҳиятан як навъи калимасозии лексикию семантикиро муқаррар намуда, ба вуҷуд омадани воҳидҳои нави луғавиро дар назар доранд, ки онҳо дар натиҷаи гузариши калима аз як гурӯҳи грамматикӣ ба дигараш ба вуҷуд меояд. Ба дигар гурӯҳи луғавию грамматикӣ гузаштани калимаҳо бо ду тарз ба вуқуъ меояд: 1) лексикализатсияи шакли алоҳидаи грамматикӣ (ё ба воҳиди нави луғавӣ табдил ёфтани калимаҳо); 2) аз нав ташаккулёбии парадигмаҳои бутуни семантикию грамматикӣ. Ҳангоми лексикализатсия калимаҳои нав ҳамаи аломатҳои мансуб ба ҳиссаи нутқеро, ки гузариш ба амал омадааст, соҳиб мешаванд. Ҳангоми аз нав ташаккулёбии парадигмаҳои лексикию грамматикӣ шакли тағйирёфтаи калима ба андозаи муайян чун пештара боқӣ мемонад [8, с. 66-67]. Яке аз навъҳои хеле маъмули ин роҳ “субстантиватсия” мебошад, ки он баромади лотинӣ дошта, маъноаш “исм” аст ва зимни он зуҳуроти ба исм гузаштани дигар ҳиссаҳои нутқ дар назар дошта шудааст Дар забоншиносии тоҷик пиромуни масъалаи роҳҳои калимасозии исм Ш.Рустамов таҳқиқоти нисбатан мукаммалеро анҷом додааст [4; 5].

Калимаҳои исмӣ аз ҷиҳати шумора нисбат ба дигар ҳиссаҳои нутқ афзалияти калон доранд ва раванди зиёд шудани теъдоди онҳо аз ҳисоби тағйири маъно ва вазифа (субстантиватсия) идома дорад. Исмҳо дар ҷумла ба вазифаи ҳамаи аъзои ҷумла омада метавонанд; онҳо дар таркиби ибора ҷузъи муайяншавандаро ташкил дода, муайянкунандаҳоро ба худ тобеъ мекунанд ва бештар бо бандаки изофӣ ва пешоянду пасояндҳо ҳамроҳ меоянд. Дар натиҷаи ба исм гузаштан сифатҳо хусусиятҳои луғавию семантикии аслии худро иваз намуда, дар ҷараёни нутқ ба парадигмаҳои исм соҳиб мешаванд. Оид ба як омили ба исм гузаштани ҳиссаҳои дигари нутқ профессор Ғ.Ҷӯраев мулоҳиза ронда, чунин навиштааст: “Агар исм (муайяншаванда) дар протсесси нутқ истеъмол нашавад, он гоҳ суффикси ***–ҳо*** ба сифат ё сифати феълӣ мегузарад. Лекин дар ин ҳол кадом ҳиссаи нутқ, ки бошад, субстантиватсия шуда ҳатман вазифаи исмро иҷро менамояд” [6, с. 43]. Сифатҳо табиатан аломату хосият ва чигунагии шахсу ашёро ифода намуда, мудом ба исм тобеъ мебошанд. Сифатҳои субстантӣ номи шахс, ашё ё худи аломатро бевосита ифода карда метавонанд. Онҳо дар таркиби ибора ҳамчун ҷузъи асосӣ ё муайяншаванда баромад карда, дигар сифатҳоро чун муайянкунанда ба худ тобеъ месозад. Ҳама гуна шаклҳои сохтории сифатҳо – сифатҳои сода, сохта, мураккаб имконияти ба исм гузаштан ва ё дар мақому вазифаи исм баромад карданро доранд. Дар ғазалиёти Имло теъдоди хеле зиёди сифатҳои гуногунсохтор, ки дар заминаи гузариш хусусияти субстантӣ (исмӣ) пайдо кардаанд, ба қайд гирифта шуд.

Роҳҳои ба исм гузаштани сифатҳо дар эҷодиёти Имло ва хусусиятҳои луғавию маъноии онҳо.

Махсусан, сифатҳои аслӣ бо исм қаробати бештаре доранд, ин ҷиҳатро ба эътибор гирифта, Ш.Рустамов чунин нигоштааст: “калимаи ***гадо*** аслан сифат аст, вай аломати хоси инсон мебошад. Ин хосияти калима боиси аз исми худ тамоман ҷудо омадани он шудааст. Ҳоло қариб ки ***одами гадо*** намегӯянд, чунки худи ***гадо*** ҳам онро ба хубӣ ифода карда метавонад” [5, с. 178]. Азбаски дар сифат ишораи предмет мавҷуд аст, бисёр сифатҳои аслии

амсоли ***пир, ҷавон, ошно, бегона, бемор, оқил, мусулмон*** ва ҳоказо ба ҷои предмет дар матн ва нутқи гуфтугӯӣ истифода мешаванд. Маънои ишоратӣ пайдо кардани сифаҳо дар шакли бевосита ва бо ҷонишинҳои ишоратӣ омадани онҳо сурат мегирад. Чунончи:

Расвоиям ба рӯи замин фош гаштааст,
*Он шоҳ аз **ин гадой** кунад ҷовидона нанг [1, с. 532].*

1) Сифатҳо бе қабули воситаҳои грамматикӣ бо сохтори содаву сохта ва мураккабу таркибӣ ба исм мегузаранд:

Вожаҳои сода: ***пир, ҷавон, ошно, бегона, азиз, фарзона, гадо, бемор, оқил, золим, ҷоҳил, аҳмақ, кофир, мусулмон, ҳарис, фақир*** ва ғайра. Мисолҳо:

Тақдир кашад теғ, чӣ тадбир тавон кард,
*Гарданкашӣ лоиқ ба на ба **пир** асту **ҷавон** аст [1, с. 184].*
***Ошно** огаҳ бувад аз меҳнати пинҳони ман,*
Мекунад баро ҳоли зорам мардуми бегона баҳс [1, с. 260]
Дур кун, Имло, зи дил фикру хаёли ғайрро,
*Суҳбати **бегона** созад рахна дар девори мо [1, с. 66].*
*Панди **оқил** накунад гӯш, ки дур ангдозад,*
Беҳ бувад аз ду ҷаҳон суҳбати девонаи мо [1, с. 87].
Фазлу тақвову вараъро манамо бар ошиқ,
***Кофири ишқ** ба сад ҳила **мусулмон** нашавад [1, с. 356].*
***Ҳарис**ро накунад сер неъмати гетӣ,*
Агарчи неъмати дунё ҳама бар ком бувад [1, с. 379].

Вожаҳои сохта: ***хирадманд, доно, девона, тавоно, нотавон, бекор, беадаб, бебасар, беҳунар, бехабар, умедвор*** ва амсоли инҳо.

*Лаззати ғами ишқат **бехабар** чӣ медонад?*
*Ҷилваи ҷамолатро **бебасар** чӣ медонад? [1, с. 307].*
Ғайри дидаи Маҷнун нест огаҳ аз Лайлӣ,
***Бехабар** чӣ медонад ҳусни ёри хандонро [1, с. 37].*
***Эй тавоно**, **нотавон** дар васфи ту такрирҳо,*
Суд аз ёди рухат андешаи таҳрирҳо [1, с. 52].

Вожаҳои мураккаб: ***девонамашраб, қаландармашраб, девонавазъ, майпараст, каҷкулаҳ, хушрабо, ҷилвагар, тангқабо, оташинхӯ, сабубадӯш, қадаҳдаркаф зердаст, бадгӯ, бадхӯ, бемордил, мурдадил, зарринкамар, фарангизод, дилранҷон*** ва ғайра:

***Қаландармашрабам, девонавазъам,** мазҳари ишқам,*
Аҷаб ҳангомае дорам зи ҳайрат, маҳшари ишқам [1, с. 573].
*На ман ба ёди ту имрӯз **майпараст** шудам,*
***Сабубадӯшу қадаҳдаркаф** аз аласт шудам [1, с. 615].*
*Дил бурда зи ман ***каҷкулаҳе, хушрабое**,*
***Зарринкамаре ҷилвагаре, тангқабое** [1, с. 831].*

Дар қолаби ибораҳои изофӣ ба сифати ҷузъи асосии тобекунанда омадаанд: ***девонаи бехонумон, девонаи ситамкаш, девонаи бебок, девонаи ситамкаши шӯрида, пири майфурӯш, гадои бесомон, хастаи дилсӯхтаи бесарупо*** ва ҳоказо. Чанд далел:

***Девонаи бебоки** маро таъна чӣ нақс аст?*
Тан баҳр, садаф сина, муҳаббат гуҳар асташ [1, с. 459].
*Як ҷуръае надод маро **пири майфурӯш**,*
Шуд муддате, ки хидмати майхона мекунам [1, с. 633].
*Ман **гадои бесомон**, ту шаҳи ҷаҳонбахшӣ,*
Зуҳду тоати олам занги олам аст бе ту [1, с. 724].
Кай давлати васли ту муяссар шавад, эй моҳ?
*Бо **хастаи дилсӯхтаи бесарупое** [1, с. 831].*

2) Сифатҳои ба парадигмаҳои исм соҳибшуда ҳамчун шахс ва ашё дар ҷумла мақом пайдо кардаанд.

Сифатҳои ба исм гузашта пасвандҳои ҷамъсози он (-ён) қабул мекунанд. Пӯшида нест, ки гирифтани категорияи ҷамъ ба сифатҳо хос нест. Аммо дар сурати қабули пасванди -

он (-ён) калимаҳои сифатӣ ба парадигмаҳои исм соҳиб мешаванд ва дар шакли сода, сохта ва мураккаб дар ташаккули се навъи калимаҳои субстантивӣ мусоидат намудааст:

а) Субстантивҳои то андозае устуворшуда: ***гадоён, беморон, пирон, оқилон, ғофилон, ҷоҳилон, номардон, номаҳрамон, хоксорон, дардмандон, сиёҳбахтон, навхатон, булҳавасон, зиндадилон ва ғайра.*** Муҳимтарин ҷиҳати калимаҳои ин гурӯҳ дар он аст, ки онҳо дар нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ ҳам дар мақоми исм ва ҳам дар мавқеи сифат озодона ба кор мераванд ва пасванди ***–он*** барои чун исм пазируфтани калимаҳои зикршуда кумак кардааст. Чанд намуна:

*Қувват **аз пирон** биҷӯ, Имло, ба ҳангоми набард,*
Бе камон сӯи ҳадаф восил нагардад тири мо [1, с. 189].
Ба остони ту кай роҳ саркашон ёбанд,
*Муносиби дари ин боргаҳ **гадоён**анд [1, с. 312].*
*Зиёрати дари дилҳои **хоксорон** кун,*
Ба хусравӣ мадеҳ, эй дил, чунин гадоиро [1, с. 39].
*Мо – **сиёҳбахтон** ба дарду доғ одат кардаем,*
Захмро марҳам шуморад синаи афгори мо [1, с. 66].
*Аз ғами ишқи ту кай **булҳавасон** бӯй баранд?*
Ишқ дар синаи арбоби вафо ҷо дорад [1, с. 323].
Дарси ишқи ҷононро бо гурӯҳи мастон гӯй,
*Қадри ҷонсупориро **оқилон** чӣ медонанд? [1, с. 335].*
*Сирри ишқро зинҳор **бо фасурдадил** манмо,*
*Завқи ҳову ҳу гуфтан **ғофило**н чӣ медонанд? [1, с. 335].*
Зоҳидо, дар оташ зан тори субҳаи худро,
*Рамзи маънии Қуръон **ҷоҳилон** чӣ медонанд? [1, с. 335].*

б) Субстантивҳои ноустувор: ***хубон, бенавоён, беқароронн, бегуноҳон, беҳимматон, худнамоён, бараҳнапоён, шуълахӯён, ғаразгӯён, накуномон, хоболудагон, гулрухон, махрӯён, парирӯён, сӯхтаҷон, коҳилон, хомкорон, хастадилон, тирабахтон, мотамзадагон, танпарастон, шикамхорон, кинахоҳон*** ва ҳоказо. Ин қабил сифатҳо бештар ба тарафи вазифаву маънои аслии худ майл доранд, аммо дар матн парадигмаи исм водор кардааст, ки онҳо дар мақоми исмҳои шахс ва номи ашё қарор гиранд. Чанд мисол:

*Ғавр кун бо хату холи рухи **хубон**, Имло,*
Муғтанам дон варақи сафҳаи ҳайрониро [1, с. 38].
Орзуи васл дорӣ, ҳусни маъниро талаб,
*Мондаи чун **коҳилон** дар аввали манзил чаро? [1, с. 125].*
Зи сирри ишқ хабардор кай шавад зоҳид,
*Ҳамеша маҳрами ин роз **бенавоён**анд [1, с. 312].*
*Бараҳнагӣ сабаби қурби **гулрухон** бошад,*
Гузин ба маснади шоҳӣ бараҳнапоиро [1, с. 39
Ҳар касе ки гузарад бар дари майхонаи субҳ,
*Номи ӯ дар рақами **зиндадилон** бинвисанд [1, с. 270].*
Аз сари дунё гузаштам, хушдилу мунъим шудам,
*Медиҳам **бо тирабахтон** нуқли мотамхонаро [1, с. 41].*
*То хаёли зулфи **махрӯён** шуда занҷири мо,*
Нест ғайр аз шӯришу девонагӣтадбири мо [1, с. 57].
*Аз он вақте ки, Имло, гаштаам маҳви **парирӯён,***
Занам оташ зи ҳайронӣ матои хонаи худро [1, с. 124]

в) Субстантивҳои лаҳзавӣ ё услубӣ: ***беҳосилон, шуълахӯён, баҳрамандон, маломатпешагон, хароботнишинон, хонахаробон, мижгонсиёҳон, охунигоҳон, хилватнишинон, ҷигарсӯхтагон, соғарбадаст, тағофулмашрабон, ваҳшинигоҳон, лайлинигоҳон, зуҳдфурӯшон, ҷонсупорон, осудадилон, шабзиндадорон, мустамандон, шикастадилон*** ва амсоли инҳо. Ба исм гузаштани вожаҳои ин бахш аз он ҷиҳат лаҳзавӣ ном гирифтааст, ки бештарини онҳо бо хости муаллиф ва аз диди субъективии ӯ бо мақсади қонеъ гардонидани талаботи услубии худ – дар баёни афкори тасаввуфию ирфонӣ ба кор

рафтааст. Бо чунин вожаҳо дар эҷодиёти адибони аҳли тасаввуф низ дучор омадан мумкин аст. Мисолҳо:

Дирамхаридаи ҳусни ту ***лоларӯён****анд,*
Аз банди ҳалқаи зулфи ту ***шуълахӯён****анд [1, с. 312].*
Паси сад парда пинҳон буд, бурқаъро зи рух афканд,
Ки аввал сар бароварда раҳи ***хилватнишинон*** *зад [1, с. 320].*
Ба вақти нимашаб мастона сӯи хонақаҳ омад,
Шабохуне ба қалби лашкари ***шабзиндадорон*** *зад [1, с. 320].*
Тоати расмист, Имло, пешаи ***беҳосилон,***
Нестӣ як лаҳза бо фармони аҳли дил чаро? [1, с. 103].

Исмҳо категорияи муайянию номуайянӣ ва ягонагӣ доранд. Маънои муайянии шахс ва ашё тавассути пешояндҳои содаи аслӣ (***ба, бо, аз, бар***), пешояндҳои номии ***чун***, ***ҷуз,*** номии изофии ***монанди, миёни***, таркибии номии ***ба ҷуз*** ва амсоли инҳо ба даст омадааст**.**

Пешоянди ба бо исмҳои шахс ҳамроҳ омада, самти амалро, ки ба шахс нигаронида шудааст, ифода мекунад:

Савдоии зулфи сияҳи ёр шудам ман,
Имрӯз маро кор ***ба девона*** *фитодаст [1, с. 254].*
Мо ҷону дил ***ба лолаузорон*** *супурдаем,*
Фориғ нишин зи қатли ман, эй тири ҷанг мо [1, с. 108].

Пешоянди бо барои ифодаи мафҳуми ҳамроҳӣ хизмат кардааст: Чунончи:

Шарҳи дарси ишқро ***бо булҳавас*** *гуфтан хатост,*
Пеши хоболудагон *кам гӯ чунин афсонаро [1, с. 101].*

Пешоянди аз дар матнҳои адабӣ ҷиҳати нишон додани объект ва сарчашмаи амал хизмат кеардааст:

Ба оқил *ғайри расми роҳ набвад пешаи дигар,*
Садои нағмаи мастона ***аз девона*** *меояд [1, с. 370].*
Сокини бутхона бошу ***аз шикамхорон*** *мабош,*
Рӯзу шаб дар кор бошу ҳамчу бекорон мабош [1, с. 463].

Пешоянди бар бо сифатҳои ба исм гузашта ҳамроҳ омада, ба объекти амале ишора мекунад, ки он мавриди муҳокима қарор дошта, нисбат ба он ягон ҳиссиёт зоҳир карда мешавад:

Аз қадаҳнӯшӣ машав ғамгин, ки баҳри раҳматаш,
Бар гунаҳкорони бесомон *талотум мекунад [1, с. 339].*

Пешоянди чун қабл аз калимаҳои исмшуда омада, маънои шабоҳат ва монандиро ифода мекунад ва он бо пешоянди номии изофии ***монанди*** муродиф мебошад:

Умр ***чун тозарус****ест ба бустони вуҷуд,*
Бидиҳад ишқи бутон зинату пероями умр [1, с. 402].
Ба дунё рӯзу шаб саргашта ***монанди гадоён****ӣ,*
Мақоми ишқ, эй ғӯли биёбонӣ чӣ медонӣ? [1, с. 886].

Пешоянди таркибии номии ба ҷуз ба маънои истисно корбаст шуда муродифи пешоянди таркибии номии ***ғайр аз*** мебошад, ки ба истисно шудани объекти амал (шахс ва ашё) далолат мекунад:

То ба худ метапӣ аз ишқи бутон маҳрумӣ,
Дардро ёр ***ба ҷуз хонахаробон*** *надиҳад [1, с. 364].*

Пасоянди –ро “унсури комилан грамматиконишуда маҳсуб ёфта, маънои мустақили луғавӣ надорад ва амалан ҳамчун формант бо аъзоҳои пайрави ҷумла истифода мешавад” ГЗАҲТ, 307). Нақши он дар сохтани пуркунандаҳои бевосита муҳим мебошад:

Ғайри Маҷнун нест огаҳ ҳеҷ кас аз дарди ман,
Ҳолати ***девонаро девона*** *медонад, ки чист [1, с. 227].*
Саҷда гар кунам, шояд, хоки ***баҳрамандонро,***
Равзаи ҷинон созам кӯи ***мустамандонро*** *[1, с. 37].*

Як аломати муҳимми дигари сифатҳои ба исм интиқолёфта бо ҷонишинҳои ишоратӣ, саволӣ ва калимаҳои ҳамнисбат ҳамроҳ омадани онҳо мебошад. Дар ашъори Имло бо

ишораҷонишинҳои ***ин*** ва ***он*** ҳамроҳ омадани сифатҳои ба исм гузашта бештар мушоҳида карда мешавад.

Ҷонишини ишоратии ин дар забони тоҷикӣ сервазифаю серистеъмол буда, дорои хусусияти таъинотӣ ва сифатӣ мебошад ва он ба шахс ва ё предмети наздик далолат мекунад: ***ин нодон, ин бемор, ин ғарибон, ин рӯйбарзаминон, ин шикамхорон, ин хоксор, ин хонумонхаробон*** ва ҳоказо. Чанд мисол:

Зи заъфи тан надорад қуввати бархостан Маҷнун,
*Ба кӯҳу дашт ман бар ҳоли **ин бемор** мегирям [1, с. 631].*
Иззате бо зоҳидони даҳр набвад, з-ин ҷиҳат,
***Ин шикамхорон** ба худ карданд қаноатро ҳаром [1, с.587].*

Ҷонишини ишоратии он аз рӯи мавқеъ, маъно ва вазифа ба ҷонишини ин монанд буда, ба шахс ва предмети нисбатан дуртар ишора мекунад. Дар баробари бо исм ҳамроҳ омадан бо субстантивҳои сифатӣ якҷоя омадани ин ҷонишин падидаи серистеъмол мебошад: ***он гулгунқабо, он қаҷкулоҳ, он дилрабо, он симбар, он гулбадан, он шуълахӯ, он гулпираҳан, он сангдил, он гулпираҳан, он гулгунқабо, он гулчеҳра, он гулбадан, он симинбадан, он ширинлиқо, он тундхӯй, он шириншамоил, он ширинтабассум, он сарвқомат, он парирӯ, он зарринкамар, он хуршедсимо*** ва ғ. Чанд намуна:

Метапад дил дар барам, Имлову мепечам ба худ,
*Ҳар гаҳ **он гулгунқабо** аз қасри худ берун шавад [1, с. 316].*
Саропо гаштам оташ, шуъла зад оташ ба ҷони ман,
*Аз он вақте, ки **он зарринкамар** дар хонаам омад [1, с. 290].*

Ҷонишини саволии *кадом* дар забони назми классикӣ ва муосир дар шакли ***кадомин*** низ дучор омада, вазифаи ҷудокунӣ дошта, одатан пеш аз предметҳо ва ё калимаҳои сифатии субстантивӣ омада, барои муайян намудани он хизмат мекунад: ***кадомин гулбадан, кадомин шуълахӯ.*** Мисолҳо:

***Кадомин шуълахӯ** дар хилватам мастона меояд?*
Рамида аз ду чашми хунфишонам фикри хоб имшаб [1, с. 164].
*Зад **кадомин беадаб** бар шишаи паймона санг,*
Гӯиё зад аз ҷаҳолат хонаи ҷонона санг [1, с. 531].

Сифатҳои ба исмгузашта бандаки изофӣ қабул карда, калимаҳои дигарро ба худ тобеъ карда ибораҳои озод ва фразеологӣ сохтаанд: ***дардманди ту,*** *ошиқи* ***дилреши хароб, зердасти мо, девонаи мо, бегонаи мо, беадаби ҳарҷоӣ, сарвқади ғунчадаҳон, лабшакари мӯрмиён, фитнагари халқи ҷаҳон, қаҷкулоҳи ман*** ва ғайра. Чанд мисол:

Як тараф неҳ дили худрову ба як сӯ нигар,
*Кай ба манзил бирасад **беадаби ҳарҷоӣ** [1, с. 836].*
*Ёди дармон накунад ошиқи **дилреши хароб**,*
***Дардманди ту** чӣ парвои Масеҳо дорад? [1, с. 323].*
Ба зӯри ишқ охир ром кардам нафси саркашро,
*Биҳамдиллаҳ, ки **золим** гашт охир **зердасти мо** [1, с. 68].*
Илоҳӣ, дур кун, аз ранги кулфат хонаи моро,
*Ба дарси бехудӣ таълим деҳ, **девонаи мо**ро [1, с. 140].*
Тафаккур карда бо худ рӯзу шаб бетоқатӣ дорам,
*Макун маҳрум аз инъоми худ **бегонаи мо**ро [1, с. 140].*

Субстантивҳои сифатӣ бо шумораҳои аслӣ ҳамроҳ омада, мафҳуми ягонагӣ ва бисёриро нишон медиҳанд: ***як ҷигарсӯхта, як зиндадиле, як шердиле, як сӯхтаҷон, як тозагуле*** ва монанди инҳо**.**

Ҳамчу Маҷнун шудам овора ба саҳрои ҷунун,
*Нест **як зиндадиле**, бодияпаймои ту нест [1, с. 230].*
*Нест **як шердиле** маст ба саҳрои ҷунун,*
Банд дар доми хами ҳалқаи гесӯи ту нест [1, с. 233].
Ду чашми масти ёру ханҷари мижгони хунрезаш,
*Ба сад кин рехта хуни **ҳазорон бегуноҳонро** [1, с. 74].*

Нишонаи дигари хусусияти исмӣ пайдо кардани сифатҳои ба исм гузашта пеш аз худашон қабул намудани **нидои муроҷиати *эй*** мебошад. Чунин зуҳурот дар забони ашъори

Имло басо фаровон аст: ***эй моҳҷабин, эй бехабар, эй бисмил, эй гулгунқабо, эй гулбадан, эй гулпираҳан, эй ҳилолабрӯ, эй ҳашматсулаймон, эй сарви хиромон, эй дилфиреб, эй шуъларанг, эй шамъи хонасӯз, эй гулпираҳан, эй гулчеҳра, эй ҳурлиқо, эй шуълахӯ эй ҷафопеша, эй тундхӯй, эй пуръитоб, эй камонабрӯ, эй гандабағал, эй содазамир, эй беҳосилон, эй шӯхчашм, эй хушадо, эй хомтамаъ, эй ҷилвапаноҳ, эй хонумонхароб*** ва ҳоказо. Чанд далел барои тақвияти фикр аз эҷодиёти Имло:

*Ҷон бибахшад лаби майгуни ту, **эй ҳурлиқо**,*
Дар хаёли лаби лаҳли ту зи ҷон бигзаштам [1, с. 604].
***Эй кинаҷӯ**, чӣ мекунӣ оҳанги ҷанги мо,*
Аз шиша сад шикаст расида ба санги мо [1, с. 108].
*Ҳар кас ки ба савдои ту, **эй моҳҷабин**, аст,*
Бо руҳ мувосогару бо нафс ба кин аст [1, с. 212].

Ба ин тариқа, дар ғазалиёти Имло имкониятҳои ба исм гузаштани сифатҳои гуногунсохтор ҳамчун як манбаи пайдоиши вожаҳои ифодагари номи шахсу ашё хеле зиёд мушоҳида карда мешавад. Баррасии мавод собит намуд, ки субстантивҳо дар натиҷаи дар мақоми исм дуру дароз истеъмол ёфтан ба хусусияти устуворӣ, ноустуворӣ ва ё муваққатию лаҳзавӣ соҳиб шудаанд. Субстантивҳо парадигмаҳои сифатии худро аз даст медиҳанд ва категорияҳои исм ва ё аломату нишонаҳои хоси онро ба худ мегиранд. Дар ашъори ин шоири ориф шумораи умумии калимаҳои ифодагари мафҳуми шахс ба 128 адад баробар мебошад, ки 74 адад ва ё 57,8%-и онро калимаҳои баромади тоҷикдошта ва 54 адади боқимондаро асосан калимаҳои иқтибосии арабӣ (42,2%) ташкил медиҳанд.

Адабиёт

1. *Имлои Бухороӣ. Девон. – Хуҷанд: Ношир, 2021. - 956 с.*
2. *Исрофилниё Ш.Р. Фарҳанги таҳлилии алфози хароботии ашъори Хоҷа Ҳофиз. – Душанбе: Адиб, 2003. - 179 с.*
3. *Раҳматуллозода С. Калимасозии исм. – Душанбе: Дониш, 2019. – 226 с.*
4. *Рустамов Ш. Исм (Категорияҳои грамматикӣ, калимасозӣ ва мавқеи исм дар системаи ҳиссаҳои нутқ). – Душанбе: Дониш, 1981. – 220 с.*
5. *Рустамов Ш. Калимасозии исм дар забони адабии ҳозираи тоҷик. – Душанбе: Дониш, 1972. - 75 с.*
6. *Ҷураев Ғ. Лаҳҷаҳои арабҳои тоҷикзабон. - Душанбе: Дониш, 1975. – 228 с.*
7. *Шанский Н. М. Очерки по русскому словообразованию и лексикологии. – М., 1959. -248 с.*
8. *Шанский Н.Н., Тихонов А.Н. Современный русский язык. В трех частях. Часть 2. - М.: Просвещение, 1981. – 270 с.*

ЗУҲУРОТИ СУБСТАНТИВАТСИЯИ СИФАТҲО ҲАМЧУН ОМИЛИ ПАЙДОИШИ КАЛИМАҲОИ ИСМИИ МАНСУБ БА ШАХС ДАР АШЪОРИ ИМЛОИ БУХОРОӢ

Ҳодисаи гузариш аз як ҳиссаи нутқ ба ҳиссаи нутқи дигар дар натиҷаи қонунҳои дохилии забон ба вуқуъ меояд. Чунончи, падидаи ба исм гузаштани сифатҳо ба роҳи калимасозии морфологию синтаксисӣ марбут мебошад, ки дар забоншиносии умумӣ он бо истилоҳҳои “транспозитсия” ва ё “конверсия” маъруф мебошад. Ин падидаи забонӣ домани фарохи таҳқиқ дошта, дар мақолаи мазкур танҳо ба як паҳлуи он - зуҳуроти субстантиватсияи сифатҳо ҳамчун як омили пайдоиши калимаҳои исмии мансуб ба шахс дар асоси маводи ашъори Имлои Бухороӣ таваҷҷуҳ равона шудааст. Маводи фароҳамомада далели он аст, на ҳамаи сифатҳои ба исм гузашта ва дар матнҳои бадеӣ ба парадигмаҳои исм соҳибшуда минбаъд ҳамчун исм маъмул мешаванд. Ин ҷиҳатро ба эътибор гирифта, муаллиф сифатҳои субстантиватсияшударо ба се гурӯҳ: устувор, ноустувор, муваққатӣ ё лаҳзавӣ (услубӣ) тасниф мекунад. Бо мисолҳои зиёде падидаи ба исми шахс гузаштани сифатҳо таҳқиқ гардида, роҳҳои ба парадигмаҳои исм соҳиб шудани сифатҳо зимни қабули пасвандҳои ҷамъсоз, категорияи муайянӣ ва номуайянӣ, бандаки изофӣ, ҷонишинҳои ишоратӣ ва номуайянӣ, шумораҳои аслӣ ва ғайра мавриди таҳлил қарор гирифтааст.

Калидвожаҳо: конверсия, транспозитсия, категория, парадигма, субстантиватсия, исми шахс, сифатҳои аслӣ, сохтори калимаҳо,

ЯВЛЕНИЕ СУБСТАНТИВАЦИИ ПРИЛАГАТЕЛЬНЫХ КАК ФАКТОР ОБРАЗОВАНИЯ ЛИЧНЫХ ИМЕН В СТИХАХ ПОЭТА ИМЛО БУХОРОИ

Явление перехода из одной части речи в другую часть речи происходит в результате внутренних законов языка. Например, явление переноса прилагательных в существительные связано со способом морфологического и синтаксического словообразования, который в общем языкознании известен как «транспозиция» или «конверсия». Это языковое явление имеет широкий диапазон исследования, и в данной статье внимание сосредоточено лишь на одном его аспекте - феномене субстантивации прилагательных как факторе возникновения существительных, принадлежащих человеку, на материале стихотворений Бухарское правописание. Представленный материал является доказательством того, что не все прилагательные, перешедшие к существительному и в художественных текстах имеющие парадигмы существительного, станут популярными как существительные. Принимая во внимание этот аспект, автор классифицирует субстантивированные прилагательные на три группы: устойчивые, неустойчивые, временные или сиюминутные (стилистические). На многих примерах исследовано явление переноса прилагательных на имя человека, а также способы приобретения прилагательных в парадигмах имен существительных путем принятия собирательных суффиксов, определенных и неопределенных категорий, вспомогательных предложений, указательных и неопределенных местоимений, первоначальных числительных и т. д. . были проанализированы.

Ключевые слова: конверсия, транспозиция, категория, парадигма, субстантивация, личное существительное, исходные прилагательные, структура слова.

THE PHENOMENON OF ADJECTIVE SUBSTANTIVATION AS A FACTOR IN THE FORMATION OF PERSONAL NAMES IN THE POEMS OF THE POET IMLO BUKHOROI

The phenomenon of transition from one part of speech to another part of speech occurs as a result of the internal laws of language. For example, the phenomenon of transferring adjectives into nouns is associated with the method of morphological and syntactic word formation, which in general linguistics is known as “transposition” or “conversion”. This linguistic phenomenon has a wide range of research, and in this article attention is focused on only one aspect of it - the phenomenon of substantivization of adjectives as a factor in the emergence of nouns belonging to a person, based on the material of the Bukhara spelling poems. The presented material is proof that not all adjectives that have been transferred to a noun and have noun paradigms in literary texts will become popular as nouns. Taking this aspect into account, the author classifies substantivized adjectives into three groups: stable, unstable, temporary or momentary (stylistic). Using many examples, the phenomenon of transfer of adjectives into a person's name has been explored, as well as ways of acquiring adjectives in noun paradigms by adopting collective suffixes, definite and indefinite categories, auxiliary clauses, demonstrative and indefinite pronouns, initial numerals, etc. were analyzed.

Keywords: conversion, transposition, category, paradigm, substantivization, personal noun, initial adjectives, word structure.

Дар бораи муаллиф
Толибов Аҳлиддин Раҷабмуродович,
Унвончӯи кафедраи назария ва амалияи забоншиносӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
E mail: tolibovahliddin9@gmail.com

Об авторе
Толибов Ахлиддин Раджабмуродович,
соискатель кафедры теории и практики языкознания.
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан,
г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
E-mail: tolibovahliddin9@gmail.com

About the author
Tolibov Ahliddin Rajabmurodovich,
applicant for the Department of Theory and Practice of Linguistics.
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
E-mail: tolibovahliddin9@gmail.com

ТДУ 82.03(511)-93

АЪЛОХОН АФСАҲЗОД – МУҲАҚҚИҚИ ОСОРИ АБУАБДУЛЛОҲИ РӮДАКӢ

Қурбонзода Р. Қ.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ бузургтарин чеҳраи мондагори назми форсист, ки осораш шуҳрати ҷаҳонӣ пайдо кардааст. Ҳарчанд қисми зиёди назми оламгири Одамушшуаро моломоли панду ҳикмат буда, то ба рӯзгори мо омада нарасида бошад ҳам, вале ҳамон қисмати нисбатан каме, ки имрӯз дастраси ҳамагон аст, ба асолат ва наҷобати худ дили вобастагони шеъру адаб ва ҳикмату андарзро тасхир намудааст. Ӯ ҳамчун устоди забардасти назми оламгири тоҷикӣ-форсӣ ҳанӯз ҳангоми дар қайди ҳаёт буданаш шуҳратманд гардида, ҳамзамононаш ӯро бо унвонҳои ифтихории қофиласолори назми форс, соҳибқирони шоирӣ, устоди шоирон, султони шоирон ва одамушшуаро ном бурдаанд. Шеъри Рӯдакӣ шиносномаи адабиёти асили тоҷикон мебошад ва ҳофизаи таърихии халқи мо дар соҳаи адабиёт, бешубҳа, бо шеъри ӯ оғоз мешавад.

Рӯдакӣ дар замони Сомониён, ки асри тиллоии адабиёти форсии тоҷикӣ ба шумор меравад, зиндагӣ карда бо навиштани ашъори марғуб забони форсии тоҷикиро ба забони меъёр ва адабӣ табдил дод, ки аз ҷумлаи хидматҳои бузурги ӯ дар рушди адабиёти тоҷик мебошад. Осори ҷовидонаи афкори ҳакимонаи қофиласолори назми классикии форсу тоҷик – Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дар тамоми давру замонҳо мояи андарз ва сарчашмаи хушкнашавандаи илҳоми аҳли завқу иршод барои ҳамзамонону пасовандон будааст. Пӯшида нест, ки дар саросари ҷаҳон роҷеъ ба рӯзгору осори устод Рӯдакӣ тадқиқотҳои бунёдӣ бурда шудаанд. Аз анбӯҳи фаровони пажӯҳишҳои муҳаққиқон навиштаи донишманди олмонӣ Ҳерман Этте, англис Эдуард Браун, эронӣ Саид Нафисӣ, тоҷик Садриддин Айнӣ, Абдулғанӣ Мирзоев, Аълохон Афсаҳзод ба муҳтавои арзишманди илмиву таърихӣ муҷиби арҷгузорӣ мебошанд.

Мо дар ин мақолаи иҷмолӣ тасмим гирифтаем, ки омӯзиши осору аҳволи Рӯдакиро дар таҳқиқи адабиётшиноси шуҳратманди асри муосирамон Аълохон Афсаҳзод мавриди таҳқиқу таҳлил қарор бидиҳем. Дар рӯдакишиносӣ устод Аълохон Афсаҳзод дар сафи олимони давраи дуюми муосири тоҷик қарор гирифтааст. Аълохон Афсаҳзод аз муҳаққиқону пажӯҳишгарони хушсалиқаи рӯзгори мост, ки дар риштаҳои мухталифи адабиёти классикии тоҷик саҳми босазо дорад. Аз солҳои 60-уми қарни сипаригардида мақолаҳои зиёде доир ба масъалаҳои мухталифи адабиёти классикӣ ва муосири тоҷик, адабиёти Эрону Афғонистон, равобити адабиву фарҳангӣ ба табъ расонидааст. Дар навиштаҳои устод Афсаҳзод чеҳраҳои эҷодии Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Умари Хайём, Низомии Ганҷавӣ, Саъдии Шерозӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ ва Абдураҳмони Ҷомӣ нигошта шудаанд.

Агар эҷодиёти илмиву адабии Аълохон Афсаҳзодро, ки ҷиддан аз ибтидои солҳои шастуми асри гузашта оғоз меёбад, пеши назар оварем, маълум мегардад, ки ӯ дар самтҳои мухталифи назариву амалии адабиёту санъат, аз ҷумла матншиносӣ, таърихи адабиёти классикиву муосири тоҷик, адабиётшиносӣ, забоншиносӣ, санъатшиносӣ, тарҷимаи бадеӣ, рӯзноманигорӣ ва насри бадеиву танқиди адабӣ хомафарсоӣ намудааст.

Зимнан месазад тазаккур дод, ки А. Афсаҳзод ҳарчанд аз оғози фаъолияти илмиву амалии эҷодӣ дар самту шохаҳои гуногуни филологияи тоҷику эроншиносӣ қувваозмоӣ намуда бошад ҳам, вале ӯ сараввал ба сифати матншиноси асили шаҳир шинохта шудааст.

Дар баробари заҳмату ҳиммати пайвастаи ӯ дар давоми ду-се даҳсолаи пасин баргузидатарин намунаҳои эҷоди Низомии Ганҷавӣ, Амир Хусрави Деҳлавӣ, Фариддадини Аттор, Ҷалолуддини Румӣ ва Мактабии Шерозӣ дастраси умум қарор ёфт. Маҳз бо ширкату роҳбарии бевоситаи ӯ тазкираи гаронбаҳои “Гулшани адаб” (ҷилдҳои 1-5, Душанбе, 1975-1976), ки намунаҳои манзуми барҷастатарин суханварони форсизабони садаҳои IX ва ибтидо XX-ро фаро мегирад. “Куллиёт”-и Низомии Ганҷавӣ (ҷилдҳои 1-5, Душанбе, 1983-1984), ки тамоми осори ҷаззоби Низомиро фарогир аст; “Осор”-и Абдурраҳмони Ҷомӣ (ҷилдҳои 1-8, Душанбе, 1986-1989), ки мукаммалтарин осори Ҷомист, чаҳорҷилдаи “Дурдонаҳои наср” ҷилдҳои 1-3, Душанбе, 1987-1991), ки намунаи насри классикии форс-тоҷикро ҷамъ овардааст, нашр гардид. Устод А. Афсаҳзод баробари матншиносӣ ва омӯзишу пажӯҳиши ин равияи адабӣ ҳамчун роҳбару роҳнамо як гурӯҳ матншиносони ҷавони баркамолро ба воя расонидааст. Бе сабаб нест, ки адабиётшиносон Р. Ҳодизода, Х. Шарифзода, А. Сатторзода, Н. Сайфиев, Б. Тилавов ва дигарон ӯро “донишманди соҳибмактаб” унвон бурдаанд.

Ин фозили дарёдониш дар баробари тадвину танзими илмии матни осори гузаштагон пайваста бо таҳқиқу баррасии эҷодиёти намояндагони адабиёти бостонии форс-тоҷик машғул буда, аз ҷумла монографияҳои “Ҳаёт ва осори Ҷомӣ”, “Ҷомӣ-адиб ва мутафаккир”, “Ҳофизи Шерозӣ”, “Камоли Хуҷандӣ”, “Низомии Ганҷавӣ”, “Одамушшуаро Рӯдакӣ” ва ғайраро таълиф намудааст.

Албатта, шарҳи тамоми самтҳои фаъолияти илмиву адабии А. Афсаҳзод аз доираи баҳси мақолаи мо берун аст. Дар ин нигошта мо роҷеъ ба хидматҳои устод Афсаҳзод ҳамчун муҳаққиқи шеъри устод Рӯдакӣ баҳс менамоем.

Чунон ки зикр намудем, дар рӯдакишиносӣ А. Афсаҳзод дар сафи олимони давраи дуюми муосири тоҷик қарор дорад. Аввалин мақолае, ки перомуни султон ва соҳибқирони шоирӣ-устод Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ аз ҷониби А. Афсаҳзод таълиф ёфт, “Шарҳи ҳоли Рӯдакӣ дар “Баҳористон”-и Ҷомӣ” унвон дошт. Мақолаи мазкур соли 1968 дар рӯзномаи “Маориф ва маданият” ба нашр расида буд [1, с. 3].

Ба ҳамагон маълум аст, ки соли 1958 ҷашни 1100-солагии зодрӯзи асосгузори адабиёти форс-тоҷик Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ баргузор гардида буд. Дар натиҷаи ҷустуҷӯҳои илмӣ, ки дар арафаи ҷашн гузаронида шуданд, бисёр лаҳзаҳои дар торикӣ қарордоштаи зиндагӣ, ҳаёт, маҳалли оромгоҳи Рӯдакӣ ва хусусиятҳои ҷудогонаи осори боқимондаи ин чеҳраи ҷовидонаи таърихи адабиётамон равшан гардид. Баргузории ҷашн дар айни ҳол сабаб бар он шуд, ки омӯхта шудани мероси адабии қофиласолори назм-Одамушшуаро дар мамлакати мо авҷ гирифт ва нашрҳои гуногуни осори шоир ва таҳқиқотҳои ҷудогона ба вуҷуд омаданд.

Соли 1970 бошад, Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор қабул намуд, ки ҳар сол “Солонаи Рӯдакӣ” дар шакли конференсияҳои илмӣ баргузор гардад. Бо ин мақсад Кумитаи баргузории “Ёдбуди солонаи Рӯдакӣ” таъсис ёфта, А. Афсаҳзод котиби масъули кумитаи зикргардида интихоб гардид. Соли 1978 маҷмуаи “Ёдбуди устод Рӯдакӣ” ба нашр расид, ки танзим ва мураттибии ин маҷмуаи нахустин ба зиммаи устод А. Афсаҳзод вогузошта шуда буд [8, с. 92] . Дар ин маҷмуа маърузаву гузоришҳое, ки дар солҳои 1970-1974 дар маҷлисҳои “Солонаи Рӯдакӣ” қироат шуда буданд, гирдоварӣ шудаанд. Дар мақолаҳо масоили мухталифи ҳаёт, эҷодиёт, забон ва замони устод Рӯдакӣ мавриди баҳсу баррасӣ қарор гирифтаанд. Дар баробари дигар навиштаҷот мақолаи устод А. Афсаҳзод бо номи “Баҳсҳо оид ба Рӯдакӣ дар асри XV” шоистаи таваҷҷуҳ аст [2]. Устод А. Афсаҳзод маълумоти нисбатан муфассалро аз сарчашмаҳои асри XУ, ба хусус аз се асар - “Баҳористон”-и Ҷомӣ , “Тазкиратушшуаро”-и Давлатшоҳи Самарқандӣ ва тарҷумаи тоҷикии “Маҷолисуннафоис”-и Алишери Навоӣ, ки соли 1521 аз тарафи Ҳакимшоҳ Муҳаммади Қазвинӣ дар Истамбул сурат гирифтааст, дар хусуси Рӯдакӣ меорад [1; 6; 9]. Ахбори ин се сарчашмаи боэътимод оид ба моваруннаҳрӣ будани Рӯдакӣ, дараҷаи заковату фаҳми ӯ, устоди мусиқӣ буданаш комилан баҳснопазиранд. Аммо Абдураҳмони Ҷомӣ ва Қазвинӣ агар дар ҳаштсолагӣ Қуръонро бо тамом ё ба қироати ҳафтгона ҳифз кардани ӯро ва дар навохтани ӯд моҳир буданашро таъкид карда бошанд, [1, с. 92; 9, с. 92] Давлатшоҳи

Самарқандӣ аз Қуръонхонии ӯ сарфи назар мекунад. “Дар маълумоти Қазвинӣ”, - мегӯяд устод А. Афсаҳзод, боз як чизи дигари муҳим мавҷуд аст, вай аз шеъри арабиро хуб гуфтани Рӯдакӣ ахбор медиҳад” [2, с. 124].

Нуктаи дигаре, ки ин се тазкира зикр кардаанд, ба кунияти Рӯдакӣ марбут аст. Давлатшоҳи Самарқандӣ тахаллуси устод Рӯдакиро мувофиқ аз номи мавлудгоҳаш ва ё асбоби мусиқӣ медонад. А. Афсаҳзод ба маълумоти “Китобулансоб”-и Самъонӣ (1113-1166) такя намуда менависад, ки муаллифони баъзе асарҳои таърихӣ, адабӣ ва луғатномаҳои пеш аз Давлатшоҳ Рӯдакро чун ноҳияе аз ноҳияҳои Самарқанд ба қалам додаанд. Вале дар бораи андешаи дуюм, ки назари Давлатшоҳ бар он такя мекунад, А. Афсаҳзод барои тақвияти фикраш суханони рӯдакишиноси шаҳид Саид Нафисиро меорад, ки гуфтааст: “Аммо ҷиҳати дуюм суст ва нодуруст менамояд. Чӣ агар руднавоз будааст, мебоист ӯро Рӯдӣ бихонанд ва на Рӯдакӣ, зеро ки рӯд шакли кӯтоҳшуда чун “рӯдак” ҳаргиз дар забони мо маълум набуда ва дар ҳеҷ як аз фарҳангҳо низ сабт накардаанд. Рӯдӣ ҳам қиёси забони форсӣ дуруст нест, зеро зананда ва навозандаи рӯдро бояд ба забони форсӣ, он ҳам дар қарни чорум (яъне асри Х - Қ.Р.), ки риояти қавоиди фасоҳат ва мабодии забонро мекардаанд, “рӯдсоз” ё “рӯднавоз” ва ё “рӯдзан” гуфт на “рӯдӣ” ё “рӯдакӣ” [11, с. 48]. Чунон ки мебинем, дар ин маврид низ А. Афсаҳзод бо далоили боварибахш ин масъаларо муайян мекунад.

Масъалаи дигаре, ки А. Афсаҳзод мавриди баҳс қарор медиҳад, ин ҳамон масъалаи кӯрии Рӯдакӣ мебошад. Устод А. Афсаҳзод дар омӯзиши ин масъала, яъне “кӯрии Рӯдакӣ”-ро дар мақолаи “Баҳсе, ки давом дорад” [2, с. 126] ва дар китоби “Дар сафи бузургон” назари муҳаққиқону муаллифони асрҳои гуногунро дар муқоисаву мубодила мавриди таҳқиқ қарор дода, онҳоро ба ду даста ҷудо мекунад: Абдураҳмони Ҷомӣ (асри ХУ) агар кӯри модарзод будан ва ё тирачашмии Рӯдакиро бар асоси далелҳое аз Дақиқиву Носири Хусрав ва рақиби Рӯдакӣ - Абузироаи Гургонӣ, Абуҳаёти Тавҳидӣ ва Муҳаммадавфӣ ва устод Айниву Фурӯзонфар ва А. Тоҳирҷонов ин андешаро ҷонибдорӣ карда бошанд, вале ба дастаи сонӣ устод Саид Нафисӣ, А. Мирзоев, Х. Мирзозода, Ш. Ҳусейнзода, И.С. Брагинский дохил мешаванд ва даъвои он доранд, ки Рӯдакиро дар охири умр кӯр кардаанд ва далелашон ҳамоно ахбори Наҷотист, ки “Ва қад самала фи охири умриҳӣ” (яъне дар охири умр ба чашмонаш мил кашиданд-Р. Қ.). Ҳерман Эте ҳанӯз соли 1878 кӯри модарзод будани Рӯдакиро дар асоси воситаҳои тасвири ба кор бурдаи худи ӯ рад карда буд. Баъдҳо Дармстетер, Денисон Роес ва дигарон ин андешаи ӯро рад карда буданд.

Устод А. Афсаҳзод бо овардани силсилаи мисолҳо аз осори Рӯдакӣ аз қабили:

Истода дидам он ҷо дузду ғул,
Рӯй зишту чашмҳо ҳамчун дуғул [2, с. 126].

кӯри модарзод будани Рӯдакиро ба куллӣ рад мекунад.

Гузашта аз ин А. Афсаҳзод оид ба масъалаи баҳсноки дигар - ҳаҷму миқдори ашъори Рӯдакӣ назари аксари мусташриқинро дар ин хусус муқоиса менамояд ва менависад: Ба ақидаи мо аз ҳама маълумотҳои мавҷуда ахбори Ҳаким Муҳаммади Қазвинӣ, ки Рӯдакӣ “Сесад ҳазор байт ашъори хуб дорад” мегӯяд, саҳеҳтар аст. Зеро ӯ тазкираи Навоиро тарҷима намуда, фасли наверо илова менамояд ва ба шоирони то асри ХУ маълумот медиҳад [9, с. 127] .

Ба ақидаи мо агар таваллуди Рӯдакиро 858, вафоташро 941 ва муддати умри ӯро 83, тули эҷодиёти ӯро 50 сол пиндорем, ба ҳисоби миёна соле 6000 байт, моҳе 500 байт ва рӯзе 161 байт гуфтани ӯро тасдиқ мекунем, ки ба ҳақиқат наздик аст.

Устод А. Афсаҳзод дар поёнсухани “баҳс идома дорад” менависад: “Ҳамаи ин нишон медиҳад, ки тадқиқотро оид ба ҳаёту эҷодиёти Рӯдакӣ давом дода гуфтори пешиниёнро бо назари таҳқиқ омӯхта осори ӯро ба тарзи муқоисаву муқобила ва бо сабти тамоми дигаргуниҳояш чоп кардан зарур аст. Таҳқиқи эҷодиёти Рӯдакӣ тавсеа мехоҳад [2, с. 127]”.

Ҳамин тавр, устод А. Афсаҳзод бо ин мақолаву китобҳо - “Соҳибқирони шоирӣ”, “Баҳс давом дорад”, “Баҳсҳо оид ба Рӯдакӣ дар асри ХУ” таваққуф накард. Балки ин маводҳо барои

ба вуҷуд омадани китоби мондагори ӯ “Одамушшуаро Рӯдакӣ”, ки нашриёти “Адиб” онро соли 2003 ба табъ расонид, замина гардиданд [5].

Ин асар дар рӯдакишиносӣ дар ҷои сеюм пас аз асарҳои Саид Нафисиву Абдулғанӣ Мирзоев қарор мегирад [5; 10; 11]. Муҳаққиқ ин китобро дар чаҳор боб таълиф кардааст: боби аввал оид ба, муҳити зиндагӣ, таърихи сиёсӣ, ҳаёти илмиву маданӣ, забони адабии давлатӣ, намояндагони машҳури илм-Форобӣ, Абӯбакри Розӣ, ибни Сино, вазъи адабӣ, адабиёти арабизабон ва замони пайдоишу дурахшони адабиёти форсӣ аст.

Боби дуюм замони Рӯдакӣ, мавлудгоҳ, ном, тахаллус ва шаҷараи шоир, ҷавонӣ, омӯзиши улум, муносибати шоир ба Сомониёну Қарматиҳо ва кӯрии устод Рӯдакиро фаро мегирад.

Дар боби сеюм эҷодиёт ва осори дастраси Рӯдакӣ, нусхаҳои девони Рӯдакӣ, ғазал, қасида, марсияҳо, ҳаҷв, рубоӣ ва маснавиҳои Рӯдакӣ ҷойгоҳи худро дарёфтаанд.

Дар боби чаҳорум устод А. Афсаҳзод мероси Рӯдакӣ ва ҷойгоҳи он дар адабиети ҷаҳонӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир мекунад. Чунон ки дар боло зикр намудем, муҳаққиқ барои ба вуҷуд овардани ин асар вақти тулониро сарф кардааст. Агар аввалин мақолаи ӯ, ки дар замони донишҷӯияш дар миёни солҳои шаст нашр шуда бошад, пас дар солҳои ҳафтодум ҳамчун омӯзгор, дар солҳои ҳаштодум вобаста ба мавзуи Рӯдакӣ ва мақоми ӯ китоби “Дар сафи бузургон”-ро бо унвони “Султони шоирон” (саҳ. 11-90) рӯи чоп омадаанд [4, с. 11].

Аз миёни солҳои шастуми қарни сипаригардида то ба чоп расидани китоби “Одамушшуаро Рӯдакӣ” чиҳил сол гузашта бошад ҳам, ин муҳаққиқи жарфназар аз омӯзиши аҳволу осори қофиласолори назми ҳазорсолаи форс-тоҷик бетараф намонд.

Чизи дигаре, ки зикраш муҳим менамояд ин аст, ки агарчи устод А. Афсаҳзод асосан ҳамчун матншиноси мумтоз ба таҳқиқу таълиқи осори Абдураҳмони Ҷомӣ ва дигар чеҳраҳои намоёни адабиёти форс-тоҷик китоби рисолаҳои илмиву интиқодӣ навишта ва ба ин васила ҳамроҳи ҳамкоронаш шуҳрати Шуъбаи матншиносии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар миёни муҳаққиқони шарқшинос ба каррат афзуда бошад ҳам, вале бо китоби “Одамушшуаро Рӯдакӣ” самти нақди адабӣ, ба хусус таҳлилу тамҳид ва диди амиқу дақиқи адабиётшиносии худро намоиш медиҳад [5].

Дар асарҳои А. Афсаҳзод таҳлили амиқи ҷанбаҳои гуногуни ҳаёти Рӯдакӣ қайд карда шудаанд. Омӯзиши он ба хонандагони муосир имкон медиҳад, ки дар баробари эҷодиёти шоир инчунин перомуни заминаҳои таърихию фарҳангии даврони ӯ маълумоти дақиқ пайдо кунанд. Равиши таҳқиқоти бунёдии устод А. Афсаҳзод дар заминаи муқоисаи дастхатҳо ва манбаъҳои гуногун сурат гирифтааст. Китоби фавқ инчунин таъсири Рӯдакиро ба шоирони минбаъдаи тоҷику форс ва нақши ӯро дар ташаккули шеъри тоҷикӣ-форсӣ низ дар бар мегирад. Муҳаққиқ таъкид мекунад, ки Рӯдакӣ ҳамчун соҳибқирони шоирӣ на танҳо асосҳои шеърро гузоштааст, балки образҳое низ офаридааст, ки дар тули асрҳо хонандагон ва шоиронро илҳом бахшидаанд.

А. Афсаҳзод инчунин ба ҷанбаҳои забонии эҷодиёти Рӯдакӣ таваҷҷуҳ зоҳир карда, захираи лексикӣ ва усулҳои услубии онро низ таҳлил мекунад. Муқоисаи хусусиятҳои забонии эҷодиёти Рӯдакӣ бо мероси шоирони дигар имкон медиҳад, ки таҳаввули забон ва адабиёти тоҷикӣ-форсӣ беҳтар дарк карда шавад. Ғайр аз ин, таҳқиқоти А. Афсаҳзод робитаҳои байнимаъноии асарҳои Рӯдакиро бо фолклор ва анъанаи шифоҳӣ таъкид мекунад, ки барои фаҳмидани мероси ӯ уфуқҳои навро боз мекунад.

Хулоса, таҳқиқоти А. Афсаҳзод оид ба Рӯдакӣ танҳо бо таҳлили эҷодиёти шоир маҳдуд намешавад, ӯ инчунин диққати худро ба шароити иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсӣ, ки Рӯдакӣ дар он зиндагӣ ва эҷод кардааст, равона мекунад. Воридшавӣ ба ин ҷанбаҳо имкон медиҳад, ки нақши ӯ ҳамчун як шахси фарҳангӣ дар ташаккули ғояҳое, ки имрӯз ҳам маъруфанд, пурратар арзёбӣ карда шавад. Таҳқиқоти мукаммали А. Афсаҳзод дар омӯзиши мероси гаронбаҳои Рӯдакӣ ва ҷойгоҳи ӯ дар адабиёти ҷаҳон беназир буда, барои муҳаққиқони наслҳои оянда заминаи боэътимод мебошад.

Адабиёт

1. *Абдураҳмони Ҷомӣ. Баҳористон / Таҳиягари чоп, муаллифи сарсухан ва шореҳи тавзеҳоту луғат А. Афсаҳзод. - Душанбе: Адиб, 1987. - 160 с.*
2. *Афсаҳзод А. Баҳсе, ки давом дорад // Садои Шарқ. – 1974. - № 9. –С. 121-128.*
3. *Афсаҳзод А. Соҳибқирони шоирӣ // Садои Шарқ. – 1983 . - №9. – С. 108-119.*
4. *Афсаҳзод А. Дар сафи бузургон / А. Афсаҳзод. – Душанбе: Ирфон, 1986. – 336 с.*
5. *Афсаҳзод А. Одамушшуаро Рӯдакӣ / А. Афсаҳзод. – Душанбе: Адиб, 2003. – 304 с.*
6. *Афсаҳзод А. Шарҳи ҳоли Рӯдакӣ дар "Баҳористон"-и Ҷомӣ" // Маориф ва Маданият. – 1971. - 18 ноябр.*
7. *Давлатшоҳи Самарқандӣ Тазкират-уш-шуаро / Самарқандӣ Давлатшоҳи. - Хуҷанд: Ношир, 2015. – 544 с.*
8. *Ёдбуди устод Рӯдакӣ / Тартибдиҳанда А. Афсаҳзод. - Душанбе: Дониш, 1978. - 92 с.*
9. *Маҷолис-ун-нафоис / Тарҷумаи Ҳоким Муҳаммадшоҳи Қазвинӣ. – Теҳрон: Сухан, 1323.-444 с.*
10. *Мирзоев А. Абуабдулло Рӯдакӣ. - Сталинобод: Нашр.давл.тоҷ., 1958. - 276 с.*
11. *Нафисӣ Саъид. Муҳити зиндагӣ ва аҳвол ва ашъори Рӯдакӣ / Саъид Нафисӣ.- Теҳрон: муассисаи интишороти Амири Кабир, 1382. - 675 с.*
12. *Тоҳирҷонов А. Рӯдакӣ. Рӯзгор ва осор. Таърихи таҳқиқ. Тарҷумаи Мирзо Муллоаҳмад / А. Тоҳирҷонов. – Душанбе: Деваштич, 2008. - 116 с.*

АЪЛОХОН АФСАҲЗОД – МУҲАҚҚИҚИ ОСОРИ АБУАБДУЛЛОҲИ РУДАКӢ

Дар мақола саҳми адабиётшиноси маъруфи тоҷик Аълохон Афсаҳзод дар омӯзиши зиндагӣ ва эҷодиёти шоири классики форсу тоҷик Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ баррасӣ мешавад. Дар рӯдакишиносӣ устод А. Афсаҳзод дар сафи олимони давраи дуюми муосири тоҷик қарор гирифтааст. Ӯ аз муҳаққиқону пажӯҳишгарони хушсалиқаи рӯзгори мост, ки дар риштаҳои мухталифи адабиёти классикии форс-тоҷик саҳми босазо дорад. Қайд карда мешавад, ки А. Афсаҳзод, бо такя ба доираи васеи манбаъҳо, аз ҷумла ба осори ҳамзамонони Рӯдакӣ ва инчунин таҳқиқотҳои навтар, андешаҳои бикреро роҷеъ ба бисёр масъалаҳои баҳсбарангез, ки ба зиндагӣ ва эҷодиёти шоири бузург дахл доранд, пешниҳод мекунад. Афсаҳзод на танҳо дар омӯзиши эҷодиёти Рӯдакӣ саҳм гузоштааст, балки як зумра пажӯҳишгарони ҷавонро низ тарбия кардааст, ки дар соҳаи рӯдакишиносӣ бомуваффақият кор мекунанд. Дар охири мақола муаллиф ба хулоса меояд, ки таҳқиқоти анҷомдодаи Афсаҳзод як марҳилаи муҳим дар омӯзиши мероси Рӯдакӣ буда, барои рушди адабиёти форсу тоҷик аҳамияти калон дорад.

Калидвожаҳо: Рӯдакӣ, рӯдакишиносӣ, мерос, образ, ҳаёт ва фаъолият, сарчашма, масъала, баҳс, ақида.

АЪЛОХОН АФСАХЗОД – ИССЛЕДОВАТЕЛЬ ТВОРЧЕСТВА АБУАБДУЛЛАХА РУДАКИ

В статье рассматривается вклад известного таджикского литературоведа Аълохона Афсахзода в изучение жизни и творчества классика персидско-таджикской поэзии Абуабдуллоҳи Рудаки. В области рудакиведения А. Афсахзод относится к числу учёных второго цикла современного таджикского периода. Он – один из лучших исследователей нашего времени, внёсший ценный вклад в различные направления классической персидско-таджикской литературы. Отмечается, что Афсахзод, опираясь на широкий круг источников, в том числе на произведения современников Рудаки, а также на более поздние исследования, предлагает оригинальную трактовку многих спорных вопросов, касающихся жизни и творчества великого поэта. Афсахзод не только внёс вклад в изучение творчества Рудаки, но и подготовил целую плеяду молодых исследователей, которые успешно работают в области рудакиведения. В заключение статьи автор приходит к выводу, что исследования Афсаҳзода являются важным этапом в изучении наследия Рудаки и имеют большое значение для развития персидско-таджикской литературы.

Ключевые слова: Рудаки, рудакиведение, наследие, образ, жизнь и творчество, источник, вопрос, спор, мнение.

ABUABDULLAH RUDAKI IN THE STUDY OF ALOKHON AFSAKHZOD

The article examines the contribution of the renowned Tajik literary critic Alokhon Afsahzod to the study of the life and work of Abuabdulloh Rudaki, the classic of Persian-Tajik poetry. In the field of Rudaki studies, A. Afsahzod is among the scholars of the second cycle of the modern Tajik period. He is one of the best researchers of our time, who has made a valuable contribution to various areas of classical Persian-Tajik

literature. It is noted that Afsahzod, drawing on a wide range of sources, including the works of Rudaki's contemporaries, as well as more recent research, offers an original interpretation of many controversial issues relating to the life and work of the great poet. Afsahzod not only contributed to the study of Rudaki's work, but also trained a whole galaxy of young researchers who are successfully working in the field of Rudaki studies. In conclusion, the author concludes that Afsahzod's research is an important stage in the study of Rudaki's legacy and is of great importance for the development of Persian-Tajik literature.

Keywords: Rudaki, Rudaki studies, legacy, image, life and work, source, issue, dispute, opinion.

Дар бораи муаллиф
Қурбонзода Рухшона Қурбон
Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва таърихи адабиёт Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
E-mail: v.rukhshona@mail.ru

About the author
Qurbonzoda Rukhshona Qurbon
Doctor of Philology, Professor of the Department of Theory and History of Literature Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
E-mail: v.rukhshona@mail.ru

Об авторе
Курбонзода Рухшона Курбон
Доктор филологических наук, профессор кафедры теории и истории литературы Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
E-mail: v.rukhshona@mail.ru

ТДУ 891.550(092)

КОРБУРДИ САНЪАТҲОИ БАДЕӢ ВА САБКИ ЭҶОДИИ РАВШАНИ ҲАМРОҲ

Таҕоев С. С., Худойдодов А. О.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Ҳарчанд ки дар таърихи адабиёти беш аз ҳазорсолаи мо се сабки эҷодӣ: хуросонӣ, ирокӣ ва ҳиндӣ маъмул аст, аммо зимни корбурди сабкҳои мазкур боз услубҳои эҷодие мавҷуданд, ки онҳоро адабиётшиносони муосир сабки фардии нависандагону шоирон номиданд. Метавон бо истифода аз ин истилоҳ услубҳои эҷодии адибони шинохтаро муайян намуд. Чунин вижагӣ мушаххасоти паҳлуҳои эҷодии шоирону нависандагонро метавонад муаррифӣ намояд. Агарчи ағлаби адибони қаламрави мо бо сабки хуросонӣ асарҳо эҷод намудаанд, аммо падидаҳое ба мушоҳида мерасанд, ки ба сабки фардии худи онҳо мутааллиқанд.

Равшани Ҳамроҳ низ аз зумраи он шоиронест, ки дар натиҷаи омӯзишу ҷустуҷӯҳои зиёд ва даст додани имкониятҳои қариҳаи модарзодиаш тадриҷан сабки фардии худро касб кардааст. Зеро “Сабк ё услуб дар асари адабии бадеӣ тарзи хос аст, ки аз роҳи донишу фазилат падид меояд ва бегумон, сарчашмааш халлоқияти ҳунарист. Ҳамин тарзи хос сухани нависандаро мутамоиз мегардонад ва аз дигарон тафовут медиҳанд” [14, с. 60].

Шоир асосан, бо сабки қадимаи хуросонӣ шеър эҷод мекунад.Ӯ аз ин сабки маъмул хеле моҳирона кор мегирад Баёнаш бо вуҷуди содагӣ мамлуи санъатҳои бадеӣ, мантиқи устувор ва тахайюлоти шоирона аст. Масалан, дар ин дубайтӣ:

Наво хонам, агарчи бенавоям,
Сароям нест, аммо месароям.
Гар оғӯшат насиби ман нагардад,
Ба оғӯши хаёлат медароям [11, с. 281].

Аз ашъори бо сабки холиси хуросонӣ эҷоднамудаи Равшани Ҳамроҳ мисолҳои фаровон овардан мумкин аст. Аммо зимни пажуҳиш ошкор шуд, ки дар шеъри ӯ як навъ имтизоҷи сабкҳои хуросониву ҳиндӣ ва ҳатто ирокӣ ба назар мерасанд. Шоир бо ҳунарварии ба худ хос, дар ғазалиёти алоҳида ба ин амали хушоянд иқдом кардааст. Масалан, дар ин байт:

Пирони ҷаҳон ташнаи меҳранду навозиш,
Дар тирамаҳон рӯд камоб аст, бародар [12, с. 80].

Яке аз санъатҳое, ки ба чунин комёбии эҷодии шоир мусоидат кардаву ба бозёфтҳои шоиронаиӯ роҳ мекушоянд, ирсоли масал аст, ки дар байти боло мушоҳида мешавад.

Муаллиф баъзан дар мисраи аввал фикреро ба таври тасвири мушаххас баён менамояд ва дар мисраи дуюм ба тақвияти ҳамон фикр аз санъати маҷоз ё ирсоли масал кор мегирад:

Умре гуноҳи худро кардем бори Шайтон,
Гулро бурида туҳмат бар хор карда будем [12, с. 110].

Дар байти ғазали дигар, ки бо ҳамин равиш эҷод шудаст, Равшан Ҳамроҳ бо истифодаи санъати киноя “шубҳа”-ро ба “як қатра” ва “намозу рӯза”-ро ба “ уқёнус” шабоҳат дода, ба чунин хулосаи шоирона омадааст:

Намозу рӯзаамро шубҳаи ночиз барҳам дод,
Ҳамин як қатра, эй Равшан, ба уқёнус душман шуд [12, с. 63].

Таҷрибаҳову ковишҳои адабиётшиносӣ собит намуданд, ки омилҳои ба бозёфтҳои шоирона ноил шудани суханварон мухталифанд ва яке аз онҳо ҳамин омезиши унсурҳои сабки хуросонӣ бо сабки ҳиндист, ки бозтоби он дар шеъри Равшани Ҳамроҳ бармало ба назар мерасад. Шоир ба назокати гуфтор бештар мутаваҷҷеҳ мешавад ва кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки суханаш образнок барояд, яъне аз гуфтани сухани урён иҷтиноб меварзад:

Пероҳане наёфтам ман беҳтар аз ҳаё,
Ин ҳуллаи маҷозро печида омадам [12, с. 118].

Равшани Ҳамроҳ гоҳо дар ин тарзи гуфтор аз зарофати сухан низ кор мегирад, ки шеърашро аз обшустагиву такрори гуфтори дигарон нақот медиҳад.Маҷозу киноя ва ирсоли масал метавонанд дар ҳамбастагӣ балоғати суханашро таъмин кунанд, ки чунин услуби сухангустарӣ дар адабиёти имрӯзи тоҷик ба нудрат вомехӯрад.Дар ҳаҷми як байт шоир тавонистааст тоблуи замони наврасии худро дар шакли ранга ва мунаққаш тасвир намояд:

Зи сочу майна кардам ҳифз гелоси лабонашро,
Замони наврасӣ чун гурбаи гелосбон будам [12, с. 110].

Баъзан вақт шоир унсурҳои шеъри мудернро бо ирсоли масалу киноя омезиш дода, дар либоси жанри суннатии ғазал ба намоиш мегузорад,ки чунин падида дар осори ӯ қобили таваҷҷуҳи махсус аст:

Тилгироми маргро бошӣ чаро ту интизор?
Навҳа дар рӯзи азои халқ бонги огаҳист! [12, с. 36].

Шоир гоҳо зимни корбурди сабки ҳиндӣ аз мақолҳои мардумӣ низ истифода мебарад. Дар байти зер мо шоҳиди ҳамин амал мешавем.Дар мисраи дуюм, ки ирсоли масал аст, мақоли халқии “Гандум корӣ гандум медаравӣ, ҷав корӣ-ҷав”, шинам ва бамаврид омадааст:

Ҳар дард, ки буд, аз дили мо, рӯйи варақ рехт,
Ҷав кишта дар ин мазраъа, гандум нанамудем [11, с. 104].

Дар байти мавриди назар ду воҳиди фразеологӣ: “Барои як нахӯд оби ҳавза хӯрд” ва “Барои як кайк пӯстинро оташ намезананд” бо ҳамдигар тазвиҷ шудаанд, ки амали ифротгароии мардумро мазаммат мекунад:

Оби ҳавзеро бинӯшем аз барои як нахӯд,
Пӯстинеро барои кайк оташ мезанем [12, с. 114].

Аз вижагиҳои дигари ашъори Равшани Ҳамроҳ, минҷумла, ғазалиёташ он аст, ки аз санъатҳои бадеӣ, аз он ҷумла, талмеҳ мақсаднок истифода мебарад. Шоир азобу ранҷи субҳу шоми зиндагиро мавриди тасвир қарор дода, зимнан онҳоро ба морони сари дӯши Заҳҳок ташбеҳ додааст:

Субҳу шоми зиндагӣ мағзи сари мо мехӯрад,
Мо ба ин Заҳҳоку ин ду мор одат кардем [12, с. 122].

Корбурди огоҳона аз ривояту афсонаҳои қадима низ яке аз самтҳои эҷодии Равшан Ҳамроҳ буда, дар байтҳои алоҳидаи ӯ ба назар мерасад, ки бо истифодаи ирсоли масал ва тобишҳои сабки ҳиндиро касб кардани онҳо мусоидат кардаанд. Шоир аз он огоҳ аст, ки дар замонҳои қадим дар натиҷаи тӯфонҳо киштиҳо ғарқ шудаанд ва гоҳо шудааст, ки шахси аҷалаш нарасида ба тахтае часпида ба соҳил расидааст ва аз марг нақот ёфтааст.Чунин маънӣ дар байти зерин ба мушоҳида мерасад, ки шоир ба ҷонсахтӣ ва дарозумрии миллати тоҷик ишора дорад :

Мондаам эмин зи аъробу муғулу туркҳо,
Тахтаи худро бурун бурдам зи тӯфони бузург [12, с. 94].

Корбурди шугунҳои мардумӣ сабабгори он шудааст, ки шоир ба гуфтани ҳарфи тоза даст ёбад. Масалан, мардуми водии Зарафшон тибқи шугун ба дасти кӯдакон шадда (минчоқ)-ҳоеро мебанданд, ки онҳо бо ранги сиёҳу сафед ороста шуда, балогардон ном гирифтаанд. Сиёҳию сафедии чашми маъшуқа дар байти зерин ба балогардон ташбеҳ дода шудааст:

Ҷустуҷӯ мекардам ӯро аз миёни одамон,
Аз балогардони чашмонаш даво мехостам [11, с. 106].

Шоир дар мисраи аввал баъзан ҳолати кунунии худро ба риштаи тасвир мекашад, ки дар он фикр бе ягон воситаи тасвири бадеӣ ва тахайюл ифода меёбад. Аммо дар мисраи дигар аз сабки ҳиндӣ судҷӯӣ карда, фикри аввалро тақвият мебахшад ва зимни ирсоли масал ё киноявү маҷоз ба байти худ тароват мебахшад. Дар байте, ки мавриди баррасии мо қарор дорад, айёми ҷавонӣ ба боғе шабоҳат дода шудааст, ки ҳар шохи дарахти он монанди як дасти дуо будааст:

Дар домани пирӣ хӯрам афсуси ҷавонӣ,
Ҳар шох дар он боғ чу як дасти дуо буд [12, с. 72]

Азбаски шеъри Равшани Ҳамроҳ бештар аз ҳолати руҳии худи ӯ сарчашма мегирад, баъзан ҳолатҳои яъсу руҳафтодагӣ низ дар байтҳои алоҳида бозтоби бадеии худро меёбанд. Дар байти зерин, ки мухотабаш марди муйсафед аст, ҳамин ҳолат рӯи қоғаз омадааст:

Зиндагонӣ дил надорад, санг дорад дар сиришт,
Дар таҳи ин санг биниҳодӣ сабӯи хешро [12, с. 6].

Тавре ки ба мушоҳида мерасад,баъзе падидаҳои сабки ҳиндӣ ба шеъри Равшани Ҳамроҳ ба осонӣ роҳ ёфта, онҳо шеъри маснуиро не, балки шеъри табииро тавлид кардаанд. Зеро аз равонии сухан ва содагии гуфтори шоир бармеояд, ки муаллиф онро бо роҳи зӯрӣ не, балки бо осонӣ, бо мадади илҳом офаридааст. Истифода аз қоидаҳои сабки ҳиндӣ ва омезиш додани он ба сабки хуросонӣ шеъри ӯро пуртаровату таъсирбахш намудааст. Албатта, Равшани Ҳамроҳ чун шоир асосан, бо сабки хуросонӣ эҷод мекунад, аммо баъзе унсурҳои сабкҳои ҳиндиву ироқӣ низ ба шеъраш роҳ ёфта, ба навпардозиҳои шоиронааш мусоидат кардаанд.

Таъсирпазирии шоир аз сабки ироқӣ низ ҳасаноти кори эҷодии ӯст.Чунин амал василаест, ки Равшани Ҳамроҳ бо мақсади муайян онро ба анҷом мерасонад. Вақте ки шоир ба ин ҷода гом мениҳад, сараввал аз истилоҳоти ин сабк суд меҷӯяд ва баъдан ибрози андеша мекунад. Истилоҳоти сабки ироқӣ чун анъана дар шеъраш маънои маҷозиро касб мекунанд:

Аз шароби ошноӣ маст гашта дафъае,
Оқибат заҳри ҷудоиро чашидам солҳо [11, с. 10].

Ҳарчанд ки шоир дар маҷмуаи алоҳидааш, ки “Аз чароғи хона то шамъи мазор” ном дорад, чанд нӯшбод эҷод намуда, дар онҳо вожаи “май”-ро ба маънои аслиаш кор фармудааст, аммо дар бисёре аз ғазалиёти худ, ки мазмунҳои ирфонӣ касб кардаанд, калимаи “май” -ро чун истилоҳ ба маънои маҷозиаш мавриди истифода қарор додааст. Шоир бо эҳсоси насталжӣ аз сипарӣ шудани умри худ, аз хушиҳои даврони гузашта чунин ёдовар шудааст:

Дар ин майхона дигар май намондаст,
Вале, ҳайфо, хуморам нотамом аст [12, с. 106]

Ғанимат донистани умр ва хушиҳои зиндагӣ дар адабиёти мо собиқаи дерина дорад. Равшани Ҳамроҳ низ ин мавзуъро пайгирӣ карда, бо истифода аз истилоҳоти сабки ироқӣ ғазалҳое офарида аст, ки байтро инҷо иқтибос меорем:

Ба даври косагардонӣ ба гӯшам косагул мегуфт,
Ки баъди навбати мо ҳам шаробу сотгин монад [12, с. 55].

Талқини саҳархезӣ ва донистани фазилатҳои он дар чанд шеъру ғазали шоир матраҳ шудааст ва шоир тавонистааст, ки онро дар шакли насиҳати хушк нею бо истифодаи истилоҳоти зебою латифи сабки ироқӣ ба хонандагон манзур намояд:

Аз шароби нур саршор аст дарёии фалак,
Май ба ҳар хумхона дар ҷӯш аст, эй хаммор, хез! [12, с .85].

Тавре ки ба мушоҳида мерасад, шоир барои образнок шудани шеъри худ истилоҳоти сабки ироқиро ба маънои маҷозиаш мавриди корбурд қарор медиҳад. Масалан, вожаи “хумхона” дар байти мавриди назари мо маҷозан ба маънои ибодатгоҳ омадаст,ки солик метавонад дар он дидори Ҳақро хаёлан ба мушоҳида гирад:

Дар ин хумхона танҳо метавон дарёфт дидораш,
Хуморам нашканад, Равшан, аз он чашми хумор охир [12, с. 79].

Баъзан омезиши унсурҳо ва истилоҳоти ду сабк: ироқӣ ва ҳиндӣ дар абёти ҷудогонаи шоир ба назар мерасанд. Дар байти зерин, дар мисраи аввал истилоҳоти маъмули сабки ироқӣ омада, дар мисраи дуюм тарзи корбурди ирсоли масал дар сабки ҳиндӣ ҷойгузин шудааст ва байте шоиронаро тавлид кардаанд:

Майфурӯшу дурднӯшу сахткӯшу айбпӯш,
Ҷандапӯшу гирярӯ чун абри найсон мондаам. [12, с. 118].

Ибораи “шароби ишқ” дар адабиёти классикии мо, хусусан дар ашъори шоирони ориф фаровон мустаъмал будааст. Аммо онро дар ашъори шоирони муосир хеле кам дучор меоем. Зеро ашъори орифона имрӯз ба нудрат эҷод мешаванд. Намунаҳои шеъри орифонаро дар

эҷодиёти Равшани Ҳамроҳ пайдо кардан кори мушкил нест. Масалан, ин маънӣ дар рубоии шоир чунин бозтоби худро ёфтааст:

Дардо, ки шароби ишқ олуда шудаст,
Ин панд ба гӯши халқ беҳуда шудаст.
Бар маънии он на ҳар касе хоҳад рафт,
Азбаски китоби ишқ фарсуда шудаст [12, с. 175].

Равшани Ҳамроҳ на танҳо ба истилоҳоти ирфонии марбут ба сабки ироқӣ таваҷҷуҳ дорад, инчунин ӯ ба қиссаҳои ирфониву пешвоёни адабиёти тасаввуф эҳтироми махсусро қоил буда, таассуроти хешро гоҳ-гоҳ дар ғазалу рубоӣ ва байтҳои алоҳида инъикос мекунад. Яке аз водиҳои тасаввуф "Фано" буда, шоир онро дар байти зерин мавриди корбурди худ қарор додааст:

Зуфунун шав дар биёбони ҷунун,
Шав фано, то ҷон туро ояд ба хоб [12, с. 18].

Шоир хуб дарк намудааст, ки пас аз водии "Фано" водии "Бақо" пеш меояд, ки он водии охирин аст ва агар солик фано наёбад, яъне дар худ фано нашавад, ба бақо даст намеёбад. Ӯ нисбати шароби моддӣ таваҷҷуҳ надорад ва ғарази ӯ дар тасавири ин калима шароби маънавист:

Ҳаст шароби ин ҷаҳон маро сароби ин ҷаҳон,
Ҷому сабӯи ин дукон ба номи ман, ба коми туст [12, с. 28].

Дар робита ба пайгирии ҳамин мавзуъ шоир ҷаҳони моддии имрӯзаро ба сарқути Шайтон ва аҳли замонаро ба резачинони он ташбеҳ дода, муҳити дилгири онро ба майхонаи торик монанд кардааст ва ин тоифаро ба дурдошомони Шайтон шабоҳат додааст:

Ҷаҳон сарқути Шайтон асту эшон резачини он,
Дар ин майхонаи торик дурдошоми Шайтонанд [12, с. 63].

Шоир дар аснои корбурди истилоҳоти суфия баъзан вақт бо истифода аз санъати талмеҳ андешаҳои худро баён менамояд:

Чун соҳибони Ҷоми Ҷам мастӣ кунему лек,
Дурде барои майкашон аз Ҷам намондааст [12, с. 38].

Равшани Ҳамроҳ дар байти дигар ба саргузашти шӯрангези Мансури Ҳаллоҷ, ки бо гуфтани ифодаи "Аналҳақ" бо дасисаи руҳониёни иртиҷоӣ сарашро ба дар кашиданд, ишора карда, дар мисраи аввал ба иштиёқи ошиқ мутаваҷҷеҳ шуда, дар мисраи дуюм аҷзи ӯро ба қалам додааст Дар ин байт, ки вожаи "дор" ду маротиба омадааст, таҷнис буда, сараввал ба маънои баландӣ, баъдан ба маънои доре омадааст, ки дар вақташ Мансури Ҳаллоҷро дар он овехта буданд. Ибораи "Мансури руҳ" маҷозӣ буда , бо роҳи ҳисомезӣ сохта шудааст:

Мехостам, ки сар ниҳам бар дори гарданаш,
Мансури руҳам аз таҳи ин дор мегузашт [11, с. 39].

Шоир аз таълимоти суфия ва истилоҳоти сабки ироқӣ огоҳ буда,ба пешвоёни адабиёти тасаввуф арҷ мегузорад. Ҳамин падида дар байти зерин бармало инъикос ёфтааст, ки бо санъати таҷоҳули ориф эҷод шудааст:

Ё маст шудам аз майи тавҳиди Илоҳӣ,
Ё Аҳмади Ҷомӣқадаҳе рехт ба ҷомам?! [12, с.103].

Парадокс (таноқуз) аз воситаҳои тасвири бадеист, ки аз ашъори Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ сарчашма мегирад. Онро Саноии Ғазнавӣ дар ашъори ирфонии худ ривоҷу равнақ дода, корбурдаш дар ашъори Ҷалолиддини Балхӣ ва Мирзо Абдулқодири Бедил хеле фаровон ба назар мерасад. Дар адабиёти муосири тоҷик корбурди парадокс аҳён-аҳён ба назар мерасад.

Равшани Ҳамроҳ аз зумраи суханваронест, ки ба ин воситаи тасвири бадеӣ таваҷҷуҳи махсус дорад. Масалан шоир маъниҳои ниҳони "забони безабонӣ"-ро дар ғазале сароҳатан баён намудааст:

Дар забони безабонӣ ҳаст маъниҳо ниҳон,
Чашмҳо аз лаззати дидор суҳбат мекунанд [8, с. 71].

Парадокси дигаре, ки шоир онро дар ғазали худ мавриди истифода қарор додааст, "ҳосили беҳосилӣ" мебошад, ки чун парадокси дар боло зикршуда на танҳо ба ифодаи андешаи муаллиф роҳ кушодааст, инчунин ба бозёфти шоиронаи ӯ мусоидат намудааст:

Ҳосиле пинҳон бувад дар батни ҳар беҳосилӣ,
Ғуссаи беҳосилиҳоро зи шохи бед бар! [8, с.77].

Хулоса, тавре ки аз мутолиаи осори шоир бармеояд, ӯ шоири пурҳунар, навгаро, зариф ва латифгуфтору нафисбаён буда, тавонистааст бо ҳисси фитрӣ ва бардошти таассуроти шоиронааш то андозае тозагиҳо ворид кунад ва собит созад, ки анвои мавриди назар имкони дар худ ғунҷонидани ҳама гуна саноеи бадеӣ ва бозтоби мавзуоти мухталифро доранд. Ғояҳои ашъори Равшани Ҳамроҳ ба талаби давру замон мувофиқат мекунанд ва онҳо аз ҷанбаҳои тарбиявию маърифатӣ орӣ набуда, сараввал таваҷҷуҳи хонандаро бо бадеияти худ ҷалб менамоянд ва зимнан онҳоро дар руҳияи ахлоқи ҳамидаи инсонӣ тарбия менамоянд

Адабиёт

1. *Акбарзода, Ю. Шеъри тоҷикии нимаи дуюми садаи бист / Ю. Акбарзода. - Душанбе: Адиб, 2011. - 320 с.*
2. *Абдуманнонов, А. Зинаи маҳорат: Маориф ва маданият, 1975. - 5 июл.*
3. *Абусаид А. Зиндагонӣ шеър аст / А. Абусаид // Маҷаллаи "Хуҷанд". – 2004. - № 12. - 90 с.*
4. *Ваҳҳоб, Р. Поэтикаи вазн ва хусусиятҳои ритмии назми муосири тоҷик / Р. Ваҳҳоб. - Душанбе: Ирфон, 2009. – 199 с.*
5. *Ғуломризоӣ, Муҳаммад Сабкшиносии шеъри форсӣ: Аз Рӯдакӣ то Шомлу / Муҳаммад Ғуломризоӣ. – Душанбе: ДДОТ, 2017. – 254 с.*
6. *Ҳамроҳ Р. Ба лаҳни мардумӣ аз он сароям (дубайтӣ) -Садои Шарқ. № 11.-1990.- С. 17-21.*
7. *Ҳамроҳ, Р. Таронаҳо ба хонаҳо / Р. Ҳамроҳ. - Панҷакент, 2001. - 40 с.*
8. *Ҳамроҳ Р. Дарахти оҳ / Р. Ҳамроҳ. - Душанбе: Истиқбол, 2013. - 296 с.*
9. *Ҳамроҳ, Р. Аз чароғи хона то шамъи мазор / Р. Ҳамроҳ. - Душанбе: Ирфон, 2016. - 108 с.*
10. *Ҳакимов А. Сухан аз шеъру адаб // А. Ҳакимов. – Душанбе: Дониш, 2017. – 358 с.*
11. *Ҳамроҳ, Р. Ниҳоли сабзи борон / Р. Ҳамроҳ. - Душанбе, 2020. - 308 с.*
12. *Ҳамроҳ, Р. Шасти Равшан / Р. Ҳамроҳ. - Душанбе: 2023. - 384 с.*
13. *Шарифов, Х. Назмшиносӣ / Х. Шарифов, У. Тоиров. - Душанбе: Ҳоҷӣ Ҳасан, 2015. – 386 с.*
14. *Шоев, А. Шеъри зиндагисоз ва маърифатомӯз // Дар китоби "Паёмоварони нури хирад" / А. Шоев. - Душанбе: Нӯшбод, 2021. - 228 с.*
15. *Шоев, А., Аюбзода М. Шеъри парварда ба дониш // Маорифи Тоҷикистон. – 2021. - №3. - С. 51-53 с.*

КОРБУРДИ САНЪАТҲОИ БАДЕӢ ВА САБКИ ЭҶОДИИ РАВШАНИ ҲАМРОҲ

Санъатҳои бадеӣ дар образнокии сухан ва муассиру дилпазир шудани шеър нақши бориз доранд. Корбурди сабк ва саъатҳои бадеӣ ҳанӯз аз замонҳои қадим дар ашори шуаро роҳандозӣ мешуд. Равшани Ҳамроҳ чун шоири касбӣ ва дорои таҷрибаҳои ғанӣ дар истифодаи санъатҳои маънавию лафзӣ саъйу кӯшиш ба харҷ дода, дар ин ҷода талошҳояш бар абас нарафтаанд. Ғановатмандии ашъори ӯ, бешубҳа, дар корбурди моҳиронаву огоҳонаи ин воситаҳои тавири бадеӣ тазоҳур меёбад. Дар мақолаи мавриди назар сухан дар бораи корбурди санъатҳои бадеӣ дар шеъри Равшани Ҳамроҳ меравад. Шоир аз сабк ва санъатҳои бадеии зиёде , амсоли ташбеҳ, истиора, талмеҳ, таҷнис, киноя, маҷоз, тавсиф ва ғайра самаранок истифода бурда, шеъри худро пурбору муассир кардааст. Равшани Ҳамроҳ зимнан аз воҳидҳои фразеологӣ, мақолу ҳикматҳои мардумӣ низ мақсаднок истифода бурдааст. Дар ин росто таҷрибаҳои эҷодии классикон, аз он ҷумла, Мирзо Абдулқодири Бедилро сармашқи кори худ қарор дода, ба тозагии шеъри худ роҳ кушодааст. Минҷумла, ҳисомезиҳои шоир аз ҳасаноти шеъри ӯ маҳсуб меёбад.

Калидвожаҳо: Шоир, сабк, услуб, санъатҳои бадеӣ, санъатҳои маънавӣ, маҷозӣ, ташбеҳ, истиора, талмеҳ, таҷнис, киноя, маҷоз, тавсиф, шеър.

ИСПОЛЬЗОВАНИЕ ИЗОБРАЗИТЕЛЬНОГО ИСКУССТВА И ТВОРЧЕСКОГО СТИЛЯ РАВШАНА ХАМРОХ

Изобразительное искусство играет важную роль в образности речи, эффективности и привлекательности поэзии. Использование художественных стилей и тропов использовалось в поэзии с древних времен. Равшан Хамрох, как профессиональный поэт, имеющий богатый опыт применения духовного и словесного искусства, приложил усилия, и они не прошли даром. Богатство его стихов, несомненно, отражается в умелом и грамотном использовании этих художественных средств. В рассматриваемой статье говорится об использовании художественного искусства в поэме Равшана Хамрох. Поэт эффективно использовал множество художественных стилей и искусств,

таких как сравнение, метафора, аллюзия, описание, ирония, метафора, описание и т. д., и сделал свое стихотворение богатым и эффектным. Равшан Хамрох целенаправленно использовал фразеологизмы, пословицы и народную мудрость. В этом отношении он использовал творческий опыт классиков, в том числе Мирзо Абдул Кадира Бедиля, как мастера своего творчества, и открыл путь к чистоте своей поэзии. В целом, эмоции поэта являются красотой его поэзии.

Ключевые слова: поэт, троп, стиль, художественное искусство, изобразительное искусство, духовное искусство, сравнение, метафора, аллюзия, метонимия, аллегория, описание, поэзия.

USING VISUAL ARTS AND CREATIVE STYLE BY RAVSHAN HAMROKH

Visual art plays an important role in the imagery of speech, the effectiveness and appeal of poetry. The use of artistic styles and tropes has been used in poetry since ancient times. Ravshan Hamrokh, as a professional poet with rich experience in the use of spiritual and verbal arts, made efforts, and they were not in vain. The richness of his poems is undoubtedly reflected in the skillful and competent use of these artistic means. The article under consideration talks about the use of artistic art in the poem of Ravshan Hamrokh. The poet effectively used many artistic styles and arts, such as comparison, metaphor, allusion, description, irony, metaphor, description, etc., and made his poem rich and effective. Ravshan Hamrokh purposefully used phraseological units, proverbs and folk wisdom. In this regard, he used the creative experience of the classics, including Mirzo Abdul Qadir Bedil, as a master of his creativity, and opened the way to the purity of his poetry. In general, the emotions of the poet are the beauty of his poetry.

Keywords: poet, trope, style, artistic art, fine art, spiritual art, comparison, metaphor, allusion, metonymy, allegory, description, poetry.

Дар бораи муаллифон

Тағоев Салим Саидмуминович
Унвончӯи кафедраи назария ва таърихи адабиёт
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
E-mail: salimtagoev1@gmail.com

Худойдодов Аъзам Овлододович
Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва таърихи адабиёт
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
E-mail: khudoidodov1959@mail.ru

Об авторах

Тагоев Салим Саидмуминович
Соискатель кафедры теории и истории литературы
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки, 121
E-mail: salimtagoev1@gmail.com

Худойдодов Аъзам Овлододович
Доктор филологических наук, профессор кафедры теории и истории литературы
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки, 121
E-mail: khudoidodov1959@mail.ru

About the authors

Taghoev Salim Saidmuminovich
Applicant of the Department of Theory and History of Literature
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
Ph.: (+992) 935 82 42 87
E-mail: salimtagoev1@gmail.com

Khudoidodov Azam Ovlododovich
Doctor of Philological Sciences, Professor of the Department of the Theory and History of Literature
Tajik State Pedagogical University named after S. Aini
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
E-mail: khudoidodov1959@mail.ru

УДК 32:070(575.2)

ВОПРОСЫ ПОЛИТИЧЕСКОЙ ИДЕОЛОГИИ В МАТЕРИАЛАХ, ОСВЕЩАЕМЫХ СМИ КЫРГЫЗСТАНА

Муллоев Ш. Б., Панков В. В.
Российско-Таджикский (Славянский) университет
Кыргызско-Российский славянский университет

Сегодняшний Кыргызстан оказался в ситуации, когда политическая система не в состоянии регулировать какие-либо социальные процессы и смысл социального взаимодействия. Последствия этой проблемы видятся как набор акторов регуляции и фрустрации в политической системе, и, хотя, смысл настоящей работы не предполагает рассмотрение политических систем как основного субъекта регулятивных реализаций, для нас сегодня интересно как складывалась динамика государственных концепций в идеологической сфере, и насколько они связаны друг с другом.

Корни сегодняшней ситуации, складывающейся вокруг политической идеологии и ее альтернатив (религиозные, классовые, этнические мировоззренческие позиции) лежат в точке отсчета существования Кыргызстана как независимой политической единицы. В период девяностых годов XX в. вновь появившееся государство не имело авторитета воздействия в идеологической сфере, тем более что советское наследие было дискредитировано предшествующими девяносто первым годом, событиями, рассматриваемыми населением как крах идеологической парадигмы с сопутствующими ему экономическими проблемами, в рамках которых и распад СССР выглядел болезненным, но логически закономерным явлением.

Следует добавить, что единственной в историческом наследии Кыргызстана практикой государственного строительства была деятельность тесно, и весьма обоснованно связанная именно с Советским Союзом. До вхождения в состав империи в XIX в. территория Кыргызстана покрывалось политическими системами негосударственного типа, различными формами кочевых каганатов, например, Тюркским, Тюргешским, Киданьским и пр., либо частично или полностью входило в состав ханств (Кокандское ханство, Согдийское) [6, с. 36-37], либо опять же, частично или полностью входило в состав государственных образований, центры которых локализовались достаточно далеко от современных территорий Кыргызстана [7, с. 241].

Подчеркнем, что речь идет о практике строительства собственной государственной системы в узкополитологическом смысле слова с вытекающими из подхода конкретными системными требованиями к государству как форме политической организации общества на фиксированной территории. В девяносто первом году XX века Кыргызстан впервые столкнулся с необходимостью государственного, и, что особенно актуально – самостоятельного – строительства политического устройства, и, как следствие, трудно порицать тогдашний уровень развития идеологии, её воздействие на реальные сознание основной массы населения. Именно в это время во многом благодаря откровенному провалу предлагаемых идеологических концепций, население и государство обращает своё внимание на религиозную сферу, как на механизм консолидации этнических групп.

Здесь надо пояснить, что необходимо рассматривать религиозную сферу как исторически сформировавшуюся альтернативу государству, с некоторыми точками соприкосновения интересов. Так, в частности, государство в силу своего наличия предполагает значительный процесс динамичной институциализации власти, который может демонстрировать некоторую динамику даже в ситуации идеологического анабиоза. Религиозная сфера предлагает живость морально-этических концепций (мировоззренческая функция), заменяющих идеологические, даже в ситуации слабой институциализации организационных форм. Добавим к этому немаловажный фактор – закрепление в сознании людей религии как некоторых культурных ценностей, имеющих непреходящее значение.

Исследователи религии полагают, что любая религиозная концепция имеют тенденцию некоторого сценария генезиса, включающего в себя рождение новой парадигмы, её расцвет, стадию взаимодействия с политической системой и угасание как историческую реальность. Однако, в сроке продолжительности жизни одного человека религия выглядит достаточно статично, и в этой связи, априори верной идеей, проверенной как минимум временем и пространством.

В этой связи интересной выглядит аналитическая выборка СМИ на тему религиозной тематики и взаимоотношений религии и политического института. Нами были проанализированы наиболее популярные новостные интернет-порталы Кыргызстана Kaktus.Media, Sputnik, Radio Azattyk, Kloop, подборка сформирована из наиболее популярных медиа, находящихся в разных формах взаимоотношений с государственным аппаратом.

Наиболее лоялен и разнороден в освещении тематики религии и ее взаимоотношений с государством Sputnik. Из 40 материалов, просмотренных нами на этом портале 6 статей и подкастов посвящены вопросам противодействию религиозному терроризму, 4 – вопросам межрелигиозного взаимодействия, 4 – взаимоотношениям религии и государства, а также правовым основам религиозных вопросов, 3 – вопросам образования и религии, 7 – вопросам религии в других государствах, 3 – вопросам вакцинации и получения медицинских услуг в среде верующих, 8 – освещению жизни различных религиозных конфессий в Кыргызстане, 3 – освещают позицию бывшего на тот момент в должности президента на вопросы взаимоотношения государства и религии [11].

Неожиданные результаты показал анализ материалов, посвященных позиции президента на тему религии. В 2 из 3 представленных материалах высказывается его фактическое одобрение религиозного мировоззрения (несмотря на светскую должность в светской стране, и конституционное провозглашение отделения религии от государства). Приведем цитаты: «Мы становимся свидетелями того, как некоторые организации и движения пытаются политизировать религию. Немало случаев, когда исламу приписывают какие-то догмы, не имеющие с ним ничего общего. При этом напрочь отрицается его роль в воспитании граждан в духе порядочности, милосердия и добра. К сожалению, есть и те, кто, прикрываясь исламом, пытаются навязать кыргызскому народу свои традиции, культуру, отстранить молодежь от современных знаний, достижений культуры, науки и техники», - сказал президент. Далее: «Необходимо продвигать традиционные исламские ценности, доставшиеся нам от предков, как альтернативу радикальным религиозным течениям. Поддержка ханафитского мазхаба как религии мира, толерантности, терпения, добра, милосердия и порядочности должна служить укреплению единства народа Кыргызстана», – отметил Жээнбеков [5].

Рассмотрим следующую статью, посвященную позиции президента светской страны на вопросы религии: «Многие говорят, что я очень набожный. Но вера в Бога единого охраняет от многих земных бед и помогает не преступать закон. Если бы было создано общество боящихся Бога, может, и не надо было бы Конституции», – сказал Жээнбеков [2].

Читатель, не присутствовавший лично на интервью, априори не сможет понять, в каком на самом деле контексте были сказаны экспрезидентом эти слова. Однако, в самом очерке присутствуют именно эти цитаты, причем без какой-либо сопроводительных комментариев, экспертных мнений автором заметки с точки зрения понятий «светского государства» и «Конституции». Таким образом, складывается общее впечатление о речи президента как позитивной оценки только одного конкретного религиозного течения (ислама ханафитского мазхаба), игнорирования других этнокультур, проживающих в Кыргызстане, попытке предложить некую идеологическую концепту многоконфессиональной и многоэтничной стране на основе одного конкретного религиозного течения, а также подмены понятия термина «народ Кыргызстана» с политологического понятия (граждане Кыргызстана) на культурологическую (этнос). Таким образом, авторы данной статьи, в попытке нейтрального освещения новостей и мнений склоняют потребителей информации к диамерально противоположной точке зрения, граничащей с возможной склонностью читателей к позиции, противоречащей Конституции и правовым установкам, принятым в Кыргызстане.

Дополнительно стоит отметить, что подкасты, в отличие от авторских заметок, в этом плане более четко озвучивают конкретные позиции, фактическую и идеологическую роль религии в сегодняшнем Кыргызстане [3; 8; 9].

В логике государственного строительства предполагается, что государство воздействует на эти нормы, идеологической платформой, формируя общеполитическую и общегражданскую идеологию. Однако, многократная смена государственных систем на одной территории за сравнительно короткий отрезок времени в ситуации постсоветского пространства вложила в понимание политического генезиса идею о неизбежном скоротечном видоизменении государства.

Мы говорим сейчас о достаточно скоротечной смене государственных аппаратов на протяжении XX- нач. XXI вв. (начиная от Российской Империи, с резкой сменой политической идеологии от монархического полюса к коммунистической и социалистической идеологии Советского Союза, затем возникшее 1991 году независимое государство Кыргызстан, его политическую нестабильность, выражавшуюся в силовых сменах власти, можно говорить о четырех государственных аппаратах в течении чуть более векового отрезка времени (вполне четко подтверждающими тезис о неизбежности смены государственных институтов).

Напоминаем, что мы сейчас говорим о специфике политического регулирования, а религию понимаем как набор этических норм, коллизии которых сохранены с логикой общего рассуждения. Итак, слабый государственный аппарат в девяностые годы не смог создать эффективного легитимного идеологического пространства, а попытки государства реализовать свои идеологические возможности ещё больше оттолкнули население от политической идеологии. Этим логично и неизбежно воспользовались структуры, предложившие альтернативные парадигмы остро нуждающемуся в систематизации идеологической платформы для населения.

Очень хорошо это прослеживается именно в девяностые годы, когда Кыргызстан стал площадкой для крайне разнообразной национальной конфессиональной миссионерской деятельности [1, с. 51]. Со временем она пошла на спад не в силу самой дискредитации идеи, а в силу смещения культурных составляющих населения с приоритетом ислама преимущественно ханафитского мазхаба, а внешняя миграция и естественные физиологические процессы также сыграли здесь ключевую роль. Однако, уже к нулевым годам государство должно было взять на себя регулятивные функции идеологического пространства, но этого не случилось (по целому ряду причин, ключевыми из которых нам видится процесс политических перемен, всякий раз заставляющий страну многое начинать с нуля). Особую роль в процессе сыграл факт минимального участия государственного сектора и зон влияния в экономике, так как ни один из периодов суверенного этапа развития Кыргызстана не может продемонстрировать государственные авторитеты в экономике, и, как следствие, государство до недавнего времени как политический институт не могло аргументировать свои идеологические предложения экономическими успехами или сколько-нибудь значимым уровнем решения материальных проблем социального пространства.

Очень значительную роль в формировании имиджа политической структуры могли бы сыграть средства массовой информации. Естественная привязка политической системы к информационному полю, как одному из главных составляющих факторов легитимности государственной политики естественным образом выводит агента информационной площадки на одну из ключевых ролей. Первоочередную роль играет не само освещение состоявшегося политического факта, а, скорее, интерпретация его и его последствий в сознании массовой аудитории. Девдариани Н.В. и Рубцовой Е.В. «Информационные объекты перестают быть вспомогательным инструментом и становятся движущей силой эволюционного развития общества. При этом возникает конкурентная борьба за востребованность, осмысленность информации, за ее спрос и применение. Успешность информации становится зависимой от попадания ее в СМИ и от ее объемов» [4, с. 350]. То есть, СМИ играют ключевое значение в процессе позитивной адаптации населения к последующей политической активности. Логично предположить, что прогосударственные медиаканалы будут излагать соответствующую государственным приоритетам точку зрения,

а независимые СМИ возможно предлагать альтернативный вариант. Основным фактором, обеспечивающим легитимность государственных предложений вполне очевидно выглядит успешная реализация аналогичных шагов в предыдущих проектах, очевидная для населения выгодность от их реализации, либо изменение в положительной динамике уровня бытового. профессионального или социального взаимодействия граждан. При этом, большинство реальных людей не обладает достаточным экономическим или иным образованием, позволяющим систематизировать в сознании предложенные государством инициативы. Роль СМИ как раз и возрастает в качестве своеобразного интерпретатора, объясняющего суть предлагаемых преобразований и масштабы ожидаемого эффекта.

На сегодняшний день в регионе из социально очевидных доноров зарубежья прежде всего заметен Ближний Восток, ориентированный на небольшие гранты, реализуемые в сферах активного социального запроса. Помимо собственно религиозной деятельности, активность арабских грантодателей направлена на разрешение бытовых проблем граждан, то есть, она очевидна для потребителя, вне зависимости от деятельности государства. К примеру, Китайская Республика и Российская Федерация предоставляют значительные инвестиции, проходящие на государственном уровне, и реализуемые через государственные структуры Кыргызской Республики, что формирует у обывателя ощущение отечественных государственных инициатив. Таким образом, для рядового гражданина Кыргызстана эти инициативы неочевидны, их авторство размыто, положительный эффект отдален во времени, поскольку касаются, в основном, макроэкономических процессов, тогда как сравнительно небольшая финансовая подпитка Ближнего Востока (от строительства религиозных объектов до проведения водопровода в масштабах небольшого населенного пункта) – бросается в глаза.

Мы неоднократно подчеркивали, что сегодняшний жанровый стиль СМИ Кыргызстана в большей степени ориентирован на новости, население узнает из информационных источников об отдельных событиях как состоявшихся фактов без соответствующей привязки к последующим продуктивным действиям. Слаборазвитый аналитический сектор не дает возможность потребителю ни уловить последовательность и закономерность предлагаемых государством инициатив, ни понять какую пользу непосредственно для гражданина они несут, ни оценить масштабность происходящего. Потребитель автоматически ориентируется на количественные показатели предлагаемого контента, а свое мнение формирует под воздействием личного эмоционального отношения к предлагаемым новостям. Регулярный анализ материалов СМИ, в интересах рейтинга, обращающих внимание на понятные для рядового обывателя действия, показывает, что количество репортажей, связанных с проблематикой бытового взаимодействия, абсолютно доминирует над аналогичными параметрами информационных потоков, освещающих деятельность государства как субъекта.

Фактически, в сознании потребителя государственные инициативы редки, абсолютно не связаны с реализацией повседневных интересов жителей, а материальная составляющая не очевидна, соответственно, предлагаемые государством идеи не ложатся на почву доверия и легитимности со стороны граждан. Иностранные агенты, к примеру, фонды ближневосточных государств, претендующих на роль влиятельной стороны в центральноазиатском регионе, инициирующие большое количество малозначимы, но социально одобряемых проектов выглядят как успешные друзья и покровители, а, соответственно, предлагаемая ими идеологическая платформа в глазах населения приобретает вес.

Как следствие, формируется заинтересованность населения на бытовом уровне в религиозной самоидентификации в интересах потенциальных доноров, финансирующих решение их бытовых проблем. К нашему сожалению, мы вынуждены констатировать, что занятая конкурентными играми страны, политическая элита достаточно неосмотрительно передала на откуп зарубежным инвесторам сферы реального взаимодействия в идеологическом пространстве, позволяя устранять любые идеи, не противоречащие концепции передачи власти внутри элитарных групп. В этой связи становится логичным постепенное расширение негосударственных систем и организаций в общественной жизни,

более того, собственно расширение влияния сокращает некое пространство, в котором могла бы функционировать политическая идеология.

Следует отметить, что последние 2 года ситуация начала меняться в пользу расширения отечественного государственного влияния, и трудно не заметить позитивные импульсы, появившиеся как в социальном пространстве, так и в его отражении в зеркале СМИ, количество позитивных изменений увеличивается ежемесячно. Так, например, за период 30.11- 4.12.2024 г. в разделе общество опубликовано боле 5 фактов, относящихся к государственной политике в социальной и экономической сферах [10], но следует понимать, что значительный отрезок времени отсутствие государства в идеологической сфере и регуляции социального взаимодействия не предполагают быстрого и безболезненного решения всех накопившихся проблем.

Говоря о роли СМИ в поддержке политической идеологии и расширении пространства своего влияния, логично предложить следующие действия (более подробный обзор требует анализа в отдельной работе):

1. Существенное усиление общеобразовательной компоненты в высшем образовании по направлению журналистика, в частности, всемирной истории, религиоведения, политологии, социологии, культурологии.
2. Подготовка научных кадров в области журналистики
3. Смещение акцентов в СМИ Кыргызстана на правовую область с эмоционально-этической стороны во всех освещаемых материалах.
4. Четкое понимание границ между понятиями «социальный заказ» и «политическая идеология».
5. Публикация аналитических материалов СМИ, посвященных правовым вопросам и гражданским свободам.
6. Популяризация науки и социальной, правовой и политической сфер.

Исполнение вышеперечисленного минимума может благотворно сказаться на формировании общественного мнения в области политических и гражданских свобод. Расширение участия граждан в политической жизни, повышение уровня правовой грамотности и обеспечение доступа к информации о деятельности государственных органов, несомненно, укрепят доверие к институтам власти и создадут более благоприятную среду для реализации конституционных прав и свобод. Кроме того, последовательное соблюдение принципов верховенства закона и равенства перед законом, наряду с эффективной борьбой с коррупцией и произволом, сформирует в обществе атмосферу нетерпимости к любым проявлениям дискриминации и беззакония. Это, в свою очередь, позволит гражданам чувствовать себя более защищенными и уверенными в своих правах, что является необходимым условием для построения демократического и правового государства.

Литература

1. *Абдырахманов, Т. А. Религиозная ситуация и религиозное образование в Кыргызстане / Т.А. Абдырахманов // Вестник КГПУ им. В.П. Астафьева. - 2008. - №2. – С. 51-55.*
2. *Боязнь Бога охраняет от многих бед — Жээнбеков о религии: https://ru.sputnik.kg/society/20181219/1042516516/kyrgyzstan-zhehehnbekov-religiya.html (дата обращения 13.09.2024).*
3. *Вера и право: место религии в светском государстве: https://ru.sputnik.kg/tema_dnya/20191101/1046120509/religiya-pravo-gosudarstvo.html (дата обращения 13.09.2024).*
4. *Девдариани, Н. В. Управление средствами массовой информации и манипулирование общественным сознанием / Н. В. Девдариани, Е. В. Рубцова // Карельский научный журнал. - 2017. - №4 (21). – С. 349-353.*
5. *Жээнбеков: необходимо расширить вмешательство государства в сферу религии: https://ru.sputnik.kg/politics/20181115/1042006757/kyrgyzstan-zhehehnbekov-religiya-vystuplenie.html (дата обращения 13.09.2024).*
6. *Карыева, А. К. Культура тюркской эпохи в Центральной Азии и ее вклад в развитие культуры и просвещения / А. К. Карыева // Проблемы современной науки и образования. - 2017. - №2 (84) – С. 36-39.*

7. *Кожалиев, А. Великий Шелковый путь и города Кыргызстана / А. Кожалиев // Бюллетень науки и практики. - 2017. - №1 (14) – С. 240-244.*
8. *Сикорская: религиозные институты и СМИ должны найти общий язык: https://ru.sputnik.kg/Radio/20181224/1042585860/sikorskaya-zhurnalistika-smi-kyrgyzstan.html (дата обращения 13.09.2020).*
9. *Эксперт: религиозные конфессии должны интегрироваться в гражданское общество: https://ru.sputnik.kg/Radio/20190515/1044336314/religiya-vera-grazhdanskoe-obshchestvo-gosudarstvo-kultura-vzaimodeystvie.html (дата обращения 13.09.2020).*
10. *https://24.kg/obschestvo/ (дата обращения 10.12.2024).*
11. *https://ru.sputnik.kg/tags/keyword_religija/ (дата обращения 13.09.2024).*

ВОПРОСЫ ПОЛИТИЧЕСКОЙ ИДЕОЛОГИИ В МАТЕРИАЛАХ, ОСВЕЩАЕМЫХ СМИ КЫРГЫЗСТАНА

В статье рассматриваются вопросы возникновения и развития концепции политической идеологии в Кыргызской Республике. Практика государственного строительства в республике берет свое начало с аналогичного опыта Советского Союза. С приобретением независимости в 1991 году, Кыргызстан оказался перед проблемой строительства собственной политической идеологии, основанной на идее самостоятельности политической власти и государственного устройства. Коллапс, возникший после распада Советского Союза, и последующая за ним волна увлечений свободами выбора (в том числе и свободы вероисповедания) привлекла к возникновению и проникновению в страну огромного количества больших и малых религиозных течений, заполняя собой в социальном пространстве нишу самоидентификации больших и малых этносов, проживавших на территории Советского Союза. Такая ситуация в большой степени повлияла на формирование собственно политической идеологии страны, приводя в более поздний период независимости к неустойчивости предлагаемых политических концепций. В современный период независимости Кыргызстана эти проблемы привели к шаткости положения политической идеологии страны, и постепенному проникновению в эти сферы религиозных концепций. Средства массовой информации в современный период, следуя в большей степени социальному заказу, а также в силу попыток сохранения статуса независимых СМИ, добавляют путаницы в вопросы политической идеологии, нечетко разделяя в выпускаемых материалах понятия и термины политической власти, политических концепций и религиозных концепций, бытовых традиций, и лингвистических особенностей языка и их переводов, на котором изъясняются различные политические лидеры. Для улучшения ситуации в деятельности СМИ предлагаются некоторые дополнения в систему профессионального образования в области журналистики, в том числе, и более обширная подготовка научных кадров в этой области.

Ключевые слова: политические концепции, политическая идеология, религиозные течения, СМИ, журналистика.

МАСЪАЛАҲОИ ИДЕОЛОГИЯИ СИЁСӢ ДАР МАВОДҲОИ РАСОНАИИ ҚИРҒИЗИСТОН

Дар мақола масъалаҳои пайдоиш ва рушди консепсияи идеологияи сиёсӣ дар Ҷумҳурии Қирғизистон баррасӣ карда мешавад. Амалияи сохтмони давлатӣ дар ҷумҳурӣ аз таҷрибаи шабеҳи Иттиҳоди Шуравӣ сарчашма мегирад. Бо ба даст овардани истиқлолият дар соли 1991, Қирғизистон дар назди мушкилоти сохтмони идеологияи сиёсии худ, ки ба идеяи мустақилияти ҳокимияти сиёсӣ ва сохти давлатӣ асос ёфтааст, қарор гирифт. Фурӯпошӣ пас аз пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ ва мавҷи минбаъдаи ҳавасҳо ба озодиҳои интихоб (аз ҷумла озодии дин) боиси пайдоиш ва ворид шудани шумораи зиёди ҷараёнҳои калони динӣ ва хурд ба кишвар гардид ва дар фазои иҷтимоӣ ҷойгоҳи худшиносии этносҳои калон ва хурдро, ки дар қаламрави Иттиҳоди Шуравӣ зиндагӣ мекарданд, пур кард. Чунин вазъ ба ташаккули идеологияи сиёсии кишвар таъсири калон расонд ва дар давраи баъдии истиқлолият ба ноустувории консепсияҳои сиёсии пешниҳодшуда оварда расонд. Дар давраи муосири истиқлолияти Қирғизистон ин мушкилот ба ноустувории вазъи идеологияи сиёсии кишвар ва тадриҷан ба ин соҳаҳо ворид шудани консепсияҳои динӣ оварда расонд. Васоити ахбори омма дар замони муосир, бо риояи фармоиши иҷтимоӣ ва инчунин бо кӯшиши нигоҳ доштани мақоми расонаҳои мустақил, ба масъалаҳои идеологияи сиёсӣ нофаҳмиҳо илова намуда, мафҳумҳо ва мафҳумҳои қудрати сиёсӣ, мафҳумҳои сиёсӣ ва мафҳумҳои динӣ, анъанаҳои рӯзмарра ва хусусиятҳои забоншиносии забон ва тарҷумаҳои онҳоро, ки дар он пешвоёни гуногуни сиёсӣ шарҳ дода шудаанд, дар маводҳои нашршуда норавшан ҷудо мекунанд. Барои беҳтар кардани вазъ дар фаъолияти ВАО баъзе иловаҳо ба системаи таҳсилоти касбӣ дар соҳаи журналистика, аз ҷумла омодагии васеътари кадрҳои илмӣ дар ин соҳа пешниҳод карда мешаванд.

Калидвожаҳо: мафҳумҳои сиёсӣ, идеологияи сиёсӣ, ҷараёнҳои динӣ, ВАО, журналистика.

ISSUES OF POLITICAL IDEOLOGY IN THE MATERIALS COVERED BY THE KYRGYZ MEDIA

The article examines the issues of the emergence and development of the concept of political ideology in the Kyrgyz Republic. The practice of state building in the republic originates from the similar experience of the Soviet Union. After gaining independence in 1991, Kyrgyzstan faced the problem of building its own political ideology based on the idea of independence of political power and the state structure. The collapse that arose after the collapse of the Soviet Union, and the subsequent wave of fascination with freedom of choice (including freedom of religion) attracted a huge number of large and small religious movements to the emergence and penetration into the country, filling a niche in the social space of self-identification of large and small ethnic groups living in the territory of the Soviet Union. This situation greatly influenced the formation of the country's own political ideology, leading in the later period of independence to the instability of the proposed political concepts. In the modern period of Kyrgyzstan's independence, these problems have led to the precariousness of the country's political ideology, and the gradual penetration of religious concepts into these areas. The mass media in the modern period, following to a greater extent the social order, as well as due to attempts to preserve the status of independent media, add confusion to issues of political ideology, vaguely dividing the concepts and terms of political power, political concepts and religious concepts, everyday traditions, and linguistic features of the language and their translations in the published materials. which is expressed by various political leaders. To improve the situation in the media, some additions are proposed to the system of professional education in the field of journalism, including more extensive training of scientific personnel in this field.

Keywords: political concepts, political ideology, religious movements, mass media, journalism.

Об авторах

Муллоев Шариф Бокиевич
Доктор филологических наук, профессор, руководитель пресс-службы
Российско-Таджикский (Славянский) университет
734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. М. Турсунзаде, 30
E-mail: mulloev_sharif@mail.ru

Панков Виталий Вячеславович
Кандидат педагогических наук, доцент
Кыргызско-Российский славянский университет
Кыргызская Республика, г. Бишкек, Первомайский район, ул. Абая 2а, кв.8
E-mail: pankov-vitaliy72@yandex.ru
ORCID: 0000-0002-6993-2936

Дар бораи муаллифон

Муллоев Шариф Боқиевич
Доктори илмҳои филология, профессор, роҳбари хадамоти матбуотӣ
Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. М.Турсунзода, 30
E-mail: mulloev_sharif@mail.ru

Панков Виталий Вячеславович
Номзади илмҳои педагогӣ, дотсент
Донишгоҳи славянии Қирғизистон-Русия
Ҷумҳурии Қирғизистон, ш. Бишкек, ноҳияи Первомайский, кӯч. Абай 2а, кв. 8
E-mail: pankov-vitaliy72@yandex.ru
ORCID: 0000-0002-6993-2936

About the authors

Mulloev Sharif Bokievich
Doctor of Philology, Professor, Head of the Department of Print Media and PR
Russian–Tajik (Slavic) University. St. M. Tursunzade 30
734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, M. Tursunzade st., 30
E-mail: mulloev_sharif@mail.ru

Pankov Vitaly Vyacheslavovich
Candidate of Pedagogical Sciences, Associate Professor
Kyrgyz-Russian Slavic University
Kyrgyz Republic, Bishkek, Pervomaisky district, 2a Abaya str., 8 block
E-mail: pankov-vitaliy72@yandex.ru
ORCID: 0000-0002-6993-2936

ТДУ 821.512.1

ИСТИҚБОЛ АЗ ШЕЪРИ ФАРРУХӢ ВА МУХТАССОТИ ҲУНАРИИ ОН

Қосимзода С. С., Мадиева У. М.
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ

Вақте татаббуоти баъзе шоиронро ба қасоиди Фаррухии Систонӣ мурур, таҳлил ва арзёбӣ мекунем, чеҳраи ҳунарии онҳое пеши назар меояд, ки фардияти хоси эҷодӣ дошта, дар таҳаввули ин навъи шеър саҳми бузург ва носутурданӣ гузоштаанд. Ба ин далел, истиқболи шоирон аз шеъри Фаррухӣ, бахусус пайравӣ ба қасидаҳои ӯ ҳодисаи табиӣ буда, пеш аз ҳама, чеҳраи ҳунарии ӯ ва пайравонашро муаррифӣ менамояд. Ба ифодаи дигар, аз оғоз шоиронеро, ки ба шеъри Фаррухӣ назар доштаанд, хусусияти “саломат ва фасоҳати осон ва саҳл”-и [13, с. 544] тарзи нигориши Фаррухӣ, “ширинив равонии баёни саҳли мумтанеъи ӯ...мусиқии латифу хушоҳанге, ки дар содагии алфоз ва зебоии маъонии каломи” [3, с. 41] вай эҳсос мешавад, ба худ ҷалб карда, онҳоро ба пайравӣ аз тарзи нигориши ӯ савқ додааст. Ба ин далел, дар ин мақола хостем, ки нахуст хусусиятҳои хоси таҷрибаи шеърии Фаррухӣ, ба хусус моҳияти ҷустуҷӯҳои бадеии ӯро дар қасидасароӣ, сипас тарзи таъсирпазирии баъзе шоиронро дар эҷоди татаббуъот ба қасоиди вай ба таври мушаххас таҳқиқ ва баррасӣ намоем.

Бештарини муҳаққиқон, аз ҷумла Дабири Сиёқӣ девони Фаррухиро “аз оғоз то анҷом якдаст ва якнавохт, латиф ва мулоим, баланд ва бадеъ” дониста, афзудааст, ки шеъри ӯ “ҷӯйборест бо замзамаи ҷонфазо ва ба гӯш хушоянд, софу поку гуворо, дар мадҳу тағаззул ва ташбиб ҳама ҷо мулоим ва латиф ба чашм мехӯрад ва содагии баёну расоии калимот ва ҳамоҳангии ҷумал гӯшро навозиш ва танро фарбеҳӣ мебахшад, агар бихоҳанд “латофати шеъри форсӣ”-ро ҳар чи дақиқтар ва васеътар тавсиф кунанд, беҳтар аст ба “шеъри Фаррухӣ” иқтисор шавад ва ин ки Рашиди Ватвот гуфт: Фаррухӣ аҷамро ҳамчунон аст, ки Абӯфарос арабро ва ин ҳар ду фозил суханро саҳл ва мумтанеъ мегӯянд қавлест, ки ҷумлагӣ бар онанд” [2, с. 3-4].

Шоиронеро, ки аз шеъри Фаррухӣ истиқбол кардаанд, маҳз ҳамин тамоюли ҳунарии ӯ мутаваҷҷеҳ, пайрав ва эътиқодманд сохта, онҳо дар ҳамин замина ба шеъри Фаррухӣ татаббуъ бастаанд. Аммо он ҷо, ки шоирони татаббуъсаро ба ибтикор ва тозагӣ даст наёфтааст, суханашон одӣ ва бепироя мебошад. Таҷрибаи шеърии Фаррухӣ бошад, аслан, аз ин камбудӣ орӣ буда, абёте сода ва тасвире аз ҳар гуна таъқиду ҳашв барканор дорад. Ба қавли Дабири Сиёқӣ “деҳқонест сухангӯй, ки бе такаллуф, аммо расову балеғ ва пурмаънӣ табъ озмуда ва дар ин содагӣ ва равонии услуб назм ва қавонини балоғатро дар сурати муҳовара ба наҳви акмал муроот карда, вай содасарой ва равонгӯй аст ва шеъраш низ сода ва равон ва бар мавозини балоғӣ ва асолиби назмӣ мунтабиқ, бад-ин ҷиҳат беҳгузин кардани ашъори Фаррухӣ коре душвор аст” [2, с. 4]. Ҳамин тавр, Фаррухӣ суннатҳои ҳунарии гузаштагон, аз ҷумла қасидасароёни пешин ва муосиронашро идома ва такомул бахшида, дар навъҳои гуногуни шеър доди сухан додааст. Вале, чунон ки муҳақиқони ҳаёт ва осори шоир низ таъкид кардаанд, хидмати ӯ, пеш аз ҳама, “дар эҷоди муқаддимаи қасидаҳо-тағаззул хеле қобили таваҷҷӯҳ” буда, қасидаҳояш “бештар бо тағаззулҳои рангину дилкаше, ки эҳсосу ҳаяҷон ва андешаҳои содаву латифро дар бар мегиранд, оғоз меёбанд” [9, с. 36].

Донишманди фақид Мирзо Муллоаҳмадов тағаззулоти Фаррухиро “муҳимтарин қисмати қасоид” ва “умуман эҷодиёти Фаррухӣ” [9, с. 39] дониста, симои эҷодӣ ва маҳорати суханвариашро дар ҳамин замина муайян ва баҳогузорӣ кардааст. Ба назар ӯ “дар қисмати мадҳ шоир бештар дар банди завқу салиқа ва сиёсату омоли мамдӯҳон мондааст. Аммо дар тағаззулоти ӯ андешаву эҳсосоти олами ботиниаш хеле озодона аксандоз гаштааст” [9, с. 39].

Ин гуна шинохт ва арзёбии қасидаҳои Фаррухӣ ягонагии таносуби мундариҷавӣ ва сохтории ин навъи шеърро дар эҷодиёти ӯ зери шубҳа гузоштан ва аз воқеияти таҷрибаи шеърии ӯ фосила гирифтан мебошад. Дар асл, чунон ки поёнтар ҳангоми муқоисаи татаббуъоти шоироне мисли Муъиззӣ, Азрақӣ ва Масъуд Саъди Салмон бо қасидаҳои Фаррухӣ хоҳем дид, тасвир ва баёни андеша дар сохтори мундариҷавӣ ва бадеии ин гуна таълифоти ӯ миёни ҳам пайванди чудонашаванда дошта, яке аз омилҳои гароиш ва пайравии шоирони баъдӣ ба ҳунари тасвиргарии ӯ будааст.

Чунонки ишора шуд, яке аз омилҳои истиқболи шоирони баъдӣ аз шеъри Фаррухӣ ҳамоно афзалияти тағаззул дар қасидаҳои ӯ будааст. Тағаззул дар қасидаҳои ӯ мавқеи бунёдӣ дошта, мавзуоти ошиқона, васфи маҷолиси майгусориву лаҳву лаъаб ва самоъу нишот, васфи басотину раёҳин, фусули арбаъа, тулуъу ғуруби офтоб, васфи шабу манозири дигари табиат, шикояту муфохира, луғаз ва амсоли онро дар бар мегирад [7, с. 76].

Аз ин назар, тағаззул дар эҷодиёти Фаррухӣ ҷойгоҳи хос дошта, тағаззулоти ӯ бо фасоҳату балоғат, рангиниву дилрабоии мазмуну тарзи баён ва бадеияти комил тафовути ҷиддӣ доранд. Ба ин далел, донишманде мисли Мӯътаман тағаззулоти Фаррухиро “девони ғазали ҷомеъ” номида, Маликушшуаро Баҳор дар сурудани тағаззул ӯро “Рӯдакии сонӣ” унвон кардаанд. Ҳамин тавр, аксари донишмандоне, ки дар бораи қасида ва унсурҳои жанрсози он сухан кардаанд, ба тағаззулоти Фаррухӣ имтиёз додаанд. М. Муллоаҳмадов дар рисолаи “Фаррухии Систонӣ” қасоид ва яке аз унсурҳои жанрсози он-тағаззулро таҳқиқ карда, баъзе паҳлуҳои онро ба таври мушаххас баррасӣ намудааст. Ба андешаи ӯ “тағаззулот муҳимтарин қисмати қасоид ва умуман эҷолиёти Фаррухӣ буда, симои эҷодӣ ва маҳорати суханварии ӯро нишон медиҳад”. Ба мушоҳидаи ин донишманд Фаррухӣ дар қисмати мадҳ бештар дар банди завқу салиқа ва сиёсату омоли мамдӯҳон монда, дар тағаззулот андешаву эҳсосот ва олами ботиниашро озодона баён намудааст [9, с. 39].

Дар боби шинохт ва арзёбии тағаззулоти Фаррухӣ сухани раҳнамо байти зерини ӯст, ки гуфта:

Ҳар чи андар дили худ дорам, берун фиканам,
Мардумонро диҳам аз ҳоли дили хеш хабар [2, с. 173].

Воқеан ҳам, тағаззулоти қасидаҳои Фаррухӣ баёнгари аҳвол ва дарди дили шоир буда, ангезаҳои ҳиссу андеша ва ормони ӯро дар матни воқеиятҳои зиндагӣ ва сарнавишти мамдӯҳонаш баён кардаанд, ки ифодагари завқу табъи зебописанду тарабхоҳи шоир мебошанд. Барои шинохт ва арзёбии муқоисавии маҳорати шоироне, ки аз шеъри Фаррухӣ истиқбол намудаанд, нахуст баъзе хусусиятҳои сохтори мундариҷавӣ ва бадеии тағаззулоти шоирро аз назар мегузаронем.

Аввал чизе, ки қобили мулоҳиза аст, диққатҷалбкунанда будани дарунмоя ва ороёҳои бадеии тағаззулоти ӯ мебошад. Тағаззулоти ӯ вобаста ба мавзуъи мадҳӣ ва берун аз он ҳадафҳои амиқи ғоявӣ ва ормонгароёна дошта, ба қавли Шамси қайси Розӣ аксаран “сурати воқеа ва ҳасби ҳоли шоир” [12, с. 330]-ро дар матни воқеияти мавриди назари шоир ба тасвир гирифтааст. Аз ин ҷиҳат, Фаррухӣ дар тағаззулоташ фақат “ба табъи мамдӯҳ ба шунидани он” [1, с. 6] такя накарда, балки ба баён ё тасвири ҳолаҳое, ки ба мадҳи мамдӯҳ алоқае надоранд, даст задааст, ки дар он замон амал ва кирдори нодири як нафар қаламкаш ва мустақилияти ҳунарии ӯ ба шумор мерафт.

Ин тамоюли ҳунарии Фаррухиро М. Муллоаҳмадов василаи коҳиш ёфтани робитаи маънавию мантиқии тағаззул ва қисматҳои мадҳ донистааст, ки ба ҳақиқати таҷрибаи шеърии шоир рост намеояд. Чи мавзуе набошад, хоҳ ишқию хоҳ васфи табиат ва ғайра, дар тағаззулоти Фаррухӣ бо мавзуи мадҳ, яъне идомаи қасида алоқаи бевосита дошта, тамоюли хоси ҳунарии шоирро дар такмили сохтори мундариҷавӣ ва бадеии асар муайян ва мушаххас менамояд. Кадом қасидаи шоирро нагирем, дар онҳо эҳсосу андешаи ӯ бо воқеият ва сарнавишти мамдӯҳ таносуби комил дошта, дар ин замина дарунмояи тағуззулро шакл додаанд, ки баёнгари ҳунари шоир аст.

Мирзо Муллоаҳмадов дар рисолаи “Фаррухии Систонӣ” зери таъсири ақидаи дар боло ёдшуда, барғалати мавзуву мундариҷаи тағаззулоти шоирро ба таври ҷудогона ва ҷудо аз

мавзуоти мадҳияҳо таҳлил ва арзёбӣ кардааст. Ин амал эътироф накардани ваҳдат ва таносуби комили сохтори мундариҷавӣ ва шаклии осори Фаррухӣ мебошад, ки наметавон дуруст шинохт.

Дар маҷмуъ, мавзуи аксари қасидаҳои шоир мадҳӣ буда, мавзуъҳои ишқӣ, васфи маю майгусорӣ, оҳангҳои ҳаётдӯстиву хушгузаронии вақт, тасвири табиат ва аносири он сохтори ҷомеъи мундариҷавии қасидаҳоро шакл додааст. Агар ба эътибор гирем, ки як саду панҷ тағаззули девони шоир дар мавзуи ишқ аст, пас, чи гуна метавон ин мавзуъро аз мавзуи асосии қасида-мадҳ ҷудо карду ба алоҳидагӣ баррасӣ намуд? Ин амал зери суол бурдани тафаккури ҷомеъи шоирест, ки ҳама чизро бо як чашм дидаву аз он натиҷаҳои барои инсон ва ҷомеъа судманд бардоштааст.

Вақте тағаззулоти Муъиззиро “саршори маънову мазмунҳои латиф, каломи нарму хушоҳанг ва мусиқии дилнишин” [9, с. 41] ба шумор меоварем, пас, бояд итминон ҳам дошта бошем, ки шоир бо тасвири ин мавзуъ ҳадафи раҳнамоӣ, дӯстдорӣ ва ҷаҳонсозии хешро бо рамзу киноя ба мамдӯҳаш талқин карданист, агар ӯ чунин ҳадаф намедошт, пас ба хотири чӣ “маънии ишқи моддиро” [10, с. 215] ба ин устодӣ тасвиру тавҷеҳ кардаст?! Эътимод ба ҳамин усули эҷод буд, ки Фаррухӣ дар тағаззулоташ ишқро василаи зиндагисоз ба шумор оварда, онро мутаносибан бо эҳсосу ҳаяҷони табии инсон ба тасвир кашидааст. Зайли намуна порае аз тағаззули як қасидаи ӯро, ки дар он ишқи табиӣ ва, ба истилоҳ, моддӣ тасвир шудааст, иқтибос менамоем:

Чӣ шавӣ тангдил ар бо ту ҳамебозем ишқ?
Ишқ бозидан бо хубон расмест қадим.
Ишқ расмест, валекин ҳама андӯҳи дил аст,
Хунук он, к-ӯро аз ишқ на тарс асту на бим... [2, с. 246].

Ва:

Гаҳ зи дил дар оташи тезам, гаҳ аз чашм андар об,
Ишқи ту бо чор чизам ёр дорад ҳашт чиз.
Мар маро ҳар соъате з-ин ғам ҷигар гардад кабоб.
Бо рухам зару зариру бо дилам гарму заҳир,
Бо ду чашмам обу хуну бо танам ранҷу азоб.
В-ин аҷоибтар, ки чун ин ҳашт бо ман ёр кард,
Ҳашт чиз аз ман бибурду ҳашт чиз тангёб.
Роҳату ороми руҳу ромишу таскини дил,
Назҳату дидори чашму зинату фарри шубоб.
Дар рагу андар тану андар дилу дар чашми ман
Хобу сабру руҳу хунамро барафтод инқилоб [2, с. 27].

Шоир дар боби ишқу муҳаббати тарафайн, яъне ошиқу маъшуқ, садоқату вафодории онҳо сухан карда, рӯйи тасвирҳояшро ба тарафи мамдӯҳ мегардонад. Чашми мамдӯҳро ба воқеияти зиндагиву дунё ва муҳит кушоданӣ мешавад. Ба ифодаи дақиқтар, рӯйи сухани шоир ҷониби мамдӯҳаш аст, ки хати иртиботи унсурҳои сужетсози қасидаро шакл додааст. Аз ин назар, салоҳ нест, ки мо дар заминаи тағаззул мавзуъҳои қасидаро ҷудо аз сохтори ягонаи мундариҷавию шаклии он таҳлил ва арзёбӣ намоем.

Аз ҳамин мавқеъ, назари Фаррухӣ дар тасвири мавзуъҳои ишқӣ, ҳаётдӯстӣ, табиат, манзараҳову унсурҳои он ҷомеъ буда, ин равишро дар эҷодиёташ дар алоқамандӣ бо сарнавишти мамдӯҳаш амалӣ кардааст. Дар ин замина метавон хулоса кард, ки хусусияти асосии тағаззулоти ошиқонаи Фаррухиро, пеш аз ҳама, тасвири ишқи заминӣ ва фарогирии эҳсосу андешаҳое, ки ба муносибатҳои воқеии инсон асос ёфтааст, ташкил медиҳад. Ба ин далел, дар тасвири мавзуъҳои ишқӣ шоир аз унсурҳои малмуси (конкрети) тасвир кор гирифта, аз офаридани образҳои хаёliву мавҳум иҷтиноб варзидааст. Шояд яке аз омилҳои дар ин гуна осори ӯ роҳ наёфтани мавзуи ишқи илоҳӣ ва тасаввуф дар он бошад, ки зеҳнияти ӯ ба воқеият ва табиат гароиши бунёдӣ доштааст. Дар тағаззулот аз андешаҳои мантиқиву ақлӣ, аз тасвирҳои печида рӯй тофтан ва ба тасвирҳои содаву табиӣ гаравидани ӯ намоёнгари

диди амиқи табиӣ ва ҳолшиноси ӯ мебошад, ки дар шеъри он замон ҳодисаи нодир ба шумор меравад.

Ҳамин омил боис шудааст, ки Фаррухӣ дар тағаззулоти қасидаҳояш ба ҷуз мавзуи ишқу ошиқӣ, ба тасвири масъалаҳои ҳаётдӯстиву хушгузаронии умр низ бештар диққат додааст. Ба андешаи М. Муллоаҳмадов “Мазмуну мавзуъҳои ҳаётдӯстиву хушгузаронии умр дар эҷодиёти Фаррухӣ чун хатти сурхест, ки аз байни тамоми сурудаҳои ӯ гузашта, таваҷҷӯҳи хонандаро зуд ба худ ҷалб менамояд” [9, с. 52]. Ба ин далел, май дар тафаккури бадеии шоир василаи хушгузаронии умр ва зиндагисоз буда, инсонро аз вартаи андӯҳу нобудӣ берун меоварад. Чунончи дар пораи зер ҳамин ҳадафашро ба миён гузоштааст:

Ғизои руҳ самоъ асту они шахс набид.
Хушо набиди куҳан бо самоъи табъкушой,
Набиди талху самоъи ҳазину рӯи наку,
Бад-ин се чиз бувад мардуми ҷаҳонро рой.
Маро табиби ҷаҳондида ин се фармудаст,
Ту дӯстони гаронмояро ҳаме фармой.
Набиди талху самоъи ҳазини ба каф карам,
Зи баҳри рӯи накӯ мондаам дил андар вой.
Куҷо шуд он санами моҳрӯи симинтан,
Куҷо шуд он бути ошиқпарасти меҳрлиқой.
Ба маҷлис аз кафи ӯ хӯрдаме набиди бузург,
Ба ёди хидмати даргоҳи мир бор худой... [2, с. 724].

Чунонки ба мушоҳида расид, “пешаи асосии” Фаррухӣ “мадеҳагӯӣ” набуда, дар қасоиди ӯ, бахусус дар тағаззулоташ масоили зиндагии инсонӣ, ахлоқ, тасвири баҳор, маю маъшуқ, васфи наврӯзу меҳргон ва сада барин ҷашнҳои мардумӣ ҷойгоҳи хос доранд. Ӯ бахусус дар тасвири табиат маҳорати хос дошта, шоир бо камоли ҳунар зебоӣ ва нозукиҳои табиатро зиндаю диққатангез ба тасвир кашидааст, ки хонандаро мутаассир ва мафтуни зебоиҳои табиат месозад.

Қасидаҳои Фаррухӣ бо фарогирии маонии ишқӣ ва эҳсосоту авотифи бепироя, ки гоҳо бе парда тасвир шуда, ҷолиби диққат буда, ӯ дар ин гуна осораш анвои эҳсосоти ишқомезро дар ҳолатҳои гуногун ба тасвир кашида, дар мадҳ низ тавоноии худро дар шинохти сифатҳои мамдӯҳон нишон дода тавонистааст. Ба ҳамин далел, бисёре аз шоирони пайрави ӯ равиши зикршудаи консепсияи ҳунарӣ ва тарзи қасидасароиашро истиқбол кардаанд, ки аз ин ҷиҳат аксари татаббуъоташон аз ҷиҳати мавзуъ ва руҳия ба қасидаҳои Фаррухӣ қаробат доранд [11, с. 73, 8, 9]. Вале тарзи тасвири мавзуъ ва ҳалли бадеии он дар ҳар шоире гуногун буда, равиши ҳунарии пешгирифтаи онҳоро ба ҳам куллан монанд намекунад. Чунин усули ҷустуҷӯҳо заминаи воқеии таъсирпазирии баъзе шоирронро аз қасоиди Фаррухӣ ба вуҷуд овардааст, ки баъзе паҳлуҳои онро ба таври мушаххас аз назар мегузаронем.

Аз таҳқиқи қиёсӣ мо ба ин натиҷа расидем, ки яке аз шоироне, ки ба шеъри Фаррухӣ зиёд таваҷҷуҳ доштааст, Амр Муъиззӣ мебошад. Аз абёти матлаъи қасидаи дар мадҳи Амидуддавла Ҷамшед ибни Баҳманёр вазири Форс ва Исфаҳон маълум мешавад, ки вай ба шеър ва тарзи нигориши ин шоир пойбандии хосе дошта, намунаи волояш байтҳои зер аз қасидаи ёдшуда мебошад:

Баромад соҷгун абре зи рӯи соҷгун дарё,
Бухори маркази хоке, ниқоби қуббаи хазро.
Чу пайвандад ба ҳам гӯӣ, ки дар дашт аст симобе,
Чу аз ҳам бигсалад гӯӣ магар киштист дар дарё.
Гаҳе чун хирмани мушк аст бар пирӯзагун мафраш,
Гаҳе чун тӯдаи рег аст бар зангоргун саҳро.
Гаҳе чун шохи нилуфар миёни боғи пурнаргис,
Гаҳе чун талли хокистар фарози кӯҳи пурмино... [6, с. 40].

Ин қасидаро Амир Муъиззӣ дар ҳамон вазну қофия ва оҳангу зарби қасидаи нахустини девони Фаррухӣ, ки дар мадҳи Яминуддавла султон Маҳмуд ибни Носируддин Сабуктегини Ғазнавӣ сурудааст, ки байтҳои зер ҷузъе аз он мебошад:

Баромад пилгун абре зи рӯи нилгун дарё,
Чу рои ошиқон гардон чу табъи бедилон шайдо.
Чу гардон гашта селобе, миёни об осуда,
Чу гардон гирдбоди тундгарде тира андар во.
Бибориду зи ҳам бигсасту гардон гашт бар гардун,
Чу пилони пароканда миёни обгун саҳро... [2, с. 16].

Муқоисаи абёти иқтибосшуда бо васфи Фаррухӣ аз абр намоёнгари кайфияти таъсирпазирии Муъиззӣ аз қасидаи Фаррухӣ мебошад, ки дар шакли татаббуъ анҷом гирифта, хусусиятҳои хоси мундариҷавӣ ва сохтории ин гуна осори ӯро муайян менамояд. Параҳои зикршуда, ки аз қисмати тағаззули қасидаҳои ҳар ду шоир интихоб шудаанд, далели он аст, ки дар тарҳрезии тағаззул Муъиззӣ аз тарзи нигориши Фаррухӣ истиқбол кардааст.

Ин қасидаи Фаррухиро шоирони дигар, аз ҷумла Масъуди Саъди Салмон ва Азрақӣ низ истиқбол намудаанд. Татаббуъи Азрақӣ бо байтҳои зер оғоз мешавад:

Чӣ ҷурм аст ин ки ҳар соат зи рӯи нилгун дарё,
Заминро соябон бандад ба пеши гунбади Хазро.
Чу дил боло бувад бошад ба чашмаш об дар пастӣ,
Чу дар пастӣ бувад бошад ба комаш дуд бар боло.
Гаҳе аз домани дарё шавад бар гӯшаи гардун,
Гаҳе аз гӯшаи гардун равад зи домани дарё [7,с. 122].

Матлаи татаббуи Масъуди Саъди Салмон бо байтҳои зайл шуруъ мешавад:

Сипоҳи абри найсонӣ зи дарё рафт бар саҳро,
Нисори лулуи лол ба саҳро бурд аз дарё.
Чу гарде к-аш барангезад суми шабдези шоҳашаҳ,
Зи рӯи маркази ғабро ба рӯи гунбади Хазро.
Гаҳе монандаи дуде мусаттаҳ дар ҳаво шаклаш,
Гаҳе монандаи кӯҳе муаллақ гашта андар во... [7, с. 123].

Дар татаббуъи Азрақӣ ва Масъуди Саъди Салмон воситаҳои тасвир, аз ҷумла забон барои шинохт ва дарёфти ҷаҳони воқеъ ба кор рафтааст, ки ҷанбаи таъомулии мҷтимоӣ дорад. Илова бар ин, дар сохтори мундариҷавии ҳар ду татаббуъ ҳам Азрақӣ ва ҳам Масъуди Саъди Салмон аз воситаҳои забонӣ, монанди мубтадо, хабар, сохти иттилоотӣ ва авомили ғайри сохторӣ, назирӣ ирҷоъ, ҳазф, ҷойгузинӣ, адоти рабт ва инсиҷоми вожагонӣ ҳунармандона истифода карда, паёми худро ироа кардаанд, ки ба паёми Фаррухӣ монанд набуда, тозагиҳо дорад.

Татаббуъи Азрақӣ бо хусусияти хоси сохтори мундариҷавӣ ва тасвирӣ аз татаббуъи Масъуди Саъди Салмон фарқ дорад, ки фароянди робитаӣ аз ҷумлаи он мебошад. Дар миёни ашъори мазкур Азрақӣ танҳо шоире аст, ки аз фароянди рафторӣ низ истифода кардааст, ки ин фароянд ба фароянди моддӣ наздик аст. Фароянди моддӣ ва рафторӣ дар татаббуъи Азрақӣ фарогири маънӣ буда, шоир бо бакоргирии онҳо бар вуқуъи рухдод ва таъсири он беш аз ҷанбаҳои дигар, монанди васф, таъкид дорад ва аз тариқи ин фароянд талош кардааст ба рухдод бештар айният бубахшад. Набудани фароянди зеҳнӣ дар ҳар ду татаббуъ далели ин аст, ки суруда ба тафсир ва таъвили зеҳнии хосе эҳтиёҷ надорад ва маониии шеър равшан ва сареҳ аст. Чунонки мулоҳиза мешавад, Азрақӣ дар миёни шоирони музкур аз фароянди ҳунарӣ бештар суд бурдааст. Дар ин равиш татаббуъи Масъуди Саъди Салмон нуқтаи муқобили Азрақӣ аст. Миқдори фарояндҳои ҳоловари татаббуи ӯ бо фароянҳои Азрақӣ як бошад ҳам, сохтори бадеии фарояндҳои вай фақат бар асоси фароянди робитаӣ бино шудааст. Ба тавре ки аз се ду ҳиссаи онҳо фароянди робитаӣ буда, аксари абёти татаббуъ аз ду фароянди робитаӣ бархурдоранд. Бештари ин фарояндҳо аз навъи васфӣ аст. Масъуди Саъди Салмон дар миёни ин шоирон танҳо касе аст, ки дар ин бахш аз фароянди зеҳнӣ суд

ҷустааст ва татаббуъи ӯ афзалияти маънавӣ пайдо кардааст, ки далели ҳунари тасвиргарии ӯ мебошад [7, с. 70-71].

Фаррухӣ дар бештарини мадҳияҳояш, аз ҷумла қасидаи ёдшуда, нахуст манзараҳои табиатро тавсиф карда, сипас аз султон, вазир ё амир ёд мекунад ва бузургии ин тоифаро бо тасвири муболиғаомез меситояд ва дар охир онҳоро дуо карда, ниёзмандии худ ва силаталабиашро низ ошкоро баён менамояд. Илова ба ин, вай баъзе қасидаҳояшро бидуни муқаддима аз мадҳ шуруъ карда, дар он овардани тавсифотро лозим намедонад. Инҳо ҳамон қасидаҳоест, ки дар ситоиши фатҳи бузурги султон дар ҷанги маъруфе ё воқеаи муҳими таърихии маргу зисти мамдӯҳ суруда шудаанд.

Дар муқаддимаи чунин қасидаҳо Фаррухӣ бо тавсифи табиат аксаран се ҳадафи ҳунариро дунбол кардааст: а) тасвири манзараҳои табиат дар таҷрибаи шеърии ӯ хусусияти пейзажӣ дошта, бо содабаёнӣ ва ширинии лафзу содагии маънӣ таъсиргузор мебошад; б) дар баъзе қасоид шоир тасвири табиатро алоқаманд бо мавзуи мавриди тасвираш анҷом додааст, ки дар зоҳир кардани ҳадафи ғоявӣ муҳим мебошад; в) аносири табиат дар бештарини маврид дар қасоиди ӯ василае барои такмили образҳои шоирона, аз ҷумла саноеи маънавию лафзӣ будаанд.

Аз татаббуоти бар қасидаҳои Фаррухӣ сурудаи Муъиззӣ, Азракӣ ва Масъуди Саъди Салмон, аз ҷумла қасидаи ёдшуда бармеояд, ки онҳо нафақат аз шеъри ин шоир содиқона истиқбол кардааст, балки ба қавли Абдулҳусайни Зарринкӯб “дар тасвири зебоиҳои табиат ва зебоиҳои башарӣ” тавфиқ ҳам ёфтааст. Беш аз ин, ҳамин равиши тасвиргарӣ ба тағаззулҳои Фаррухӣ гаҳ-гоҳ дар татаббуъоти ин шоирон таровати эҳсосро ҳам афзуда, “баҳонае барои қудратнамоӣ дар ҳирфаи” шоирӣ гардидаааст [3, с. 117]. Тарзи тасвир дар қасидаи Фаррухӣ ва татаббуъоти ин се шоир монандиҳое дошта, ҳолатҳои баромадану пароканда шудани абр, рӯи осмонро пӯшондани он, рехтани борон, соф гаштани ҳаво ва монанди инҳо тасвир шудааст ва худи абр-ранги он, сайри он ва борон ба ҳам хеле зебо ва таъсиргузор муқоиса гардида, манзараи зебои фасли баҳор-як лаҳзаи дилфиреби он бо камоли ҳунар инъикос шудааст. Тарзи тасвири ҳар ду шоир мушоҳидавӣ ва объективӣ буда, дар натиҷаи таҳаммули дақиқ сари воқеият амалӣ шудааст, ки ифодакунандаи суннати пешрафтаи тасвири воқеият ва диди ҳолшинос мебошад.

Ҳамин тавр, Амир Муъиззӣ, Азракӣ ва Масъуди Саъди Салмон тарзи вуҷуънигории тасвири Фаррухиро пайравӣ карда, суннати сохтори мундариҷавӣ ва бадеии қасидаи Фаррухиро дар татаббуъоташон идома додаанд, ки онро наметавон сирқат ё такрори маҳз номид. Ҳатто байти аввали татаббуъи шоирони ёдшуда, ки бо байти нахустини қасидаи Фаррухӣ монанд аст, аз ҷиҳати зарбу оҳанг ва дарунмояи маънавӣ фарқ дорад. Фаррухӣ аз “пилгун абре зи рӯи нилгун дарё” мутаассир буда, Муъиззӣ ба ҳолати “соҷгун абре зи рӯи соҷгун дарё” мутаваҷҷеҳ шудааст, Азракӣ аз он ҷурме андешидааст, ки “ҳар соат зи рӯи нилгун дарё” берун меояд ва Масъуди Саъди Салмони гирифтори “сипоҳи абри найсонӣ”-е будааст, ки “зи дарё рафт бар саҳро”. Маълум аст, ки тасвири манзара дар ҳар чаҳор қасида ба ҳам қаробати решаӣ дорад. Фаррухӣ натиҷаи ин ҳолро “Чу рои ошиқон гардон чу табъи бедилон шайдо” тавсиф карда, Муъизӣ бошад онро ба сурати “Бухори маркази хоке ниқоби қубаи Хазро” шинохтааст, ки тафовути диди ҳолшиносии ӯро аз Фаррухӣ собит месозад. Натиҷаи ҳолро Азракӣ “Заминро соябон бандад ба пеши гунбади Хазро” ва Масъуди Саъд “Нисори лулуи лоло ба саҳро бурд аз дарё” тасаввур ва тасвир кардаанд.

Вале он чи ки тасвирҳои ин чаҳор шоирро аз ҳам фарқ мекунонад, ҳамоно дақиқан дар баробари якдигар қарор додани манзараи тасвиршуда аз тарафи Фаррухӣ мебошад. Вақте тасвири ҳоли абр, симоб, хирмани мушк, тӯдаи рег, шохи нилуфар, боғи пурнаргис, талли хокистар, кӯҳи пурмино ва монанди инҳоро пеши назар меоварем, ба назар чунин мерасад, ки гӯё шоир дар баробари ашёи мавриди назараш оинае гузоштааст. Аммо бо вуҷуди он ки васфҳои шоирони баъдӣ, ба хусус Амир Муъиззӣ, дақиқ ва саршор аз тозагӣ аст, ҷои тасвирҳои васфии Фаррухиро гирифта наметавонанд.

Шафеъии Кадканӣ тасвири табиатро дар шеъри қарнҳои савуму чаҳорум ва панҷум баррасӣ карда, ба ин натиҷа расидааст, ки “дар саросари ин се қарн агар ду шоир ба унвони

намояндагони тасвирҳои табиат бихоҳем интихоб кунем, бегумон яке аз онҳо Фаррухӣ аст, зеро тасвирҳои тоза ва зиндаи табиат дар девони ӯ беш аз ҳар шоири дигаре аст ва ӯ дар заминаи васфи табиат маҷмуае аз тасовири хос ба вуҷуд оварда, ки дар шеъри форсӣ ба сурати калиша даромада ва гӯяндагони қарнҳои баъд онҳоро ба таври такрорӣ дар шеъри хеш овардаанд" [5, с. 490].

Амир Муъиззӣ, Азрақӣ ва Масъуди Саъди Салмон аз зумраи гӯяндагоне ҳастанд, ки воқеан ҳам ба усули тасвири Фаррухӣ, ба хусус дар тасвири табиат сахт пайравӣ кардаанд. Вале ин пайравӣ ё худ истиқбол билкул такрори роҳу равиши Фаррухӣ набуда, тозакориҳо низ дорад. Масалан, дар татаббуъи зикршуда шоирони баъдӣ дар пайравии Фаррухӣ унсури табиъат-дарё ва гардунро бо аъмоли мамдӯҳ муқоиса мекунанд, ки диди моҳиятҷӯи онҳоро низ ифода мекунад. Новобаста ба он ки мухотаби ин шоирон кист, дар ин замина тасвирҳоеро илқо кардаанд, ки ҳолатҳо ва мушкилоти зиндагиро ба миён мегузоранд. Байтҳои зер намунае аз ин гуна тасвирҳои ҳар се шоир аст:

1. Аз Муъиззӣ:

Ба ҷунби дасти ӯ дарё намояд хоки бебахшиш,
Ба ҷунби рои ӯ гардун намояд танги бепаҳно [6, с. 40].

2. Аз Азрақӣ:

Сипоҳашро барангезад ба дарё барзанад ғорат,
Масофашро бипайвандад ба гардун бар кунад ғавғо [7, с. 75].

3. Аз Масъуди Саъди Салмон:

Замини хушк шуд серобу боғи зард шуд ахзар,
Ҳавои тира шуд рушан ҷаҳони пир шуд барно [7, с. 76].

Мазмуну мундариҷа ва сохтори шаклии қасидаи Фаррухӣ ва татаббуъоти Амир Муъиззӣ, Азрақӣ ва Масъуди Саъди Салмонро ба ҳам муқоиса карда, нахуст метавон масъалаи таъсирпазирии шаклиро дар таҷрибаи шеърии шоирони татаббуъсаро баррасӣ намуд, ки аз унсурҳои зерин иборат мебошад: а) мусиқии шеър: вазн ва оҳанги ягона; б) теъдоди абёт ва қавофии монанд бо андаке тафовути миқдории қасидаи Фаррухӣ аз татаббуъоти шоирони баъдӣ; в) қофияҳои хос ва гоҳо такрор дар ҳар се асар: аз Фаррухӣ-хазро, анқо, пайдо, мино, воло; аз Амир Муъиззӣ-хазро, дарё, саҳро, мино, хоро, шайдо, аз Азрақӣ-хазро, боло, дарё, камро, паҳно, анқо ғавғо, аз Масъуди Саъди Салмон-дарё, хазро, дарво, Заҳро, саҳро, дебо, соро, шайдо, дунё ва ғайра;

Муқоиса нишон медиҳад ки беш аз 40 дар сади қофияҳои қасидаи Фаррухӣ вориди шеъри шоирони баъдӣ шуда ва беш аз 50 дар сади қофияи татаббуъи Амир Муъиззӣ, Азрақӣ ва Масъуди Саъди Салмон айнан қофияҳои қасидаи Фаррухӣ ҳастанд. Аммо мавҷуд будани чанд қофияи вижа дар татаббуъоти шоирони баъдӣ, ки ба тақозои мавзуи хос шакл гирифтааст, далели қудрати қареҳа ва тавоноии ҳунарии ин шоирон мебошад.

Унсури дигаре, ки қасидаи Фаррухӣ ва татаббуъоти шоирони баъдиро аз ҳам фарқ ва ба ҳам монанд кардааст, ороёҳои бадеъӣ мебошанд. Ороёҳои бадеии лафзӣ дар зайли мусиқии шеър, хусусан мусиқии дарунӣ ва чунонки медонем, қасидаи Фаррухӣ аз ин ҷиҳат бисёр ғанӣ ва таъсиргузор аст. Анвои саҷъ, ҷинос, вожоройӣ, тибоқу тазод ва монанди инҳо дар шеъри Фаррухӣ ҳар чи тамомтар ба кор гирифта шудаанд. Бо вуҷуди ин, ҳеҷ яке аз пайравони Фаррухӣ ҳеҷ вақт натавонистаанд ба меъёрҳои ҳунарии таҷрибаи шеърии Фаррухӣ аз назари корбурди ороёҳои бадеъӣ наздик шаванд.

Аз таҳлилҳои дар ин мақола анҷомгирифта метавон ба ин натиҷа расид, ки Амир Муъизӣ, Азрақӣ ва Масъуди Саъди Салмон аз чеҳраҳои намоёни шеъри форсии тоҷикӣ буда, дар пайравии шоири тавоное чун Фаррухӣ низ маҳорат ва тозаҷӯиҳои худро нишон додаанд, ки ифодагари ҷустуҷӯҳои мундариҷавӣ ва бадеии онҳо дар татаббуъсароӣ мебошад. Ин шоирон дар татаббуъоташон бар қасидаҳои Фаррухӣ, пеш аз ҳама, ба сабк ва оҳанги умумии қасида пайравӣ кардаанд, ки дар ҳифзи сабк ва зарбу оҳанги шеъри сармашқ нақши асосӣ дорад.

Адабиёт

1. *Девони комили Ҷомӣ. Бо муқаддимаи Ҳошим Разӣ. - Теҳрон, 1341. – 670 с.*
2. *Девони ҳаким Фаррухии Систонӣ. Бо муқаддима, ҳавошӣ ва таълиқот ва феҳрасти луғот ва муқобилаи нусахи муътабари Дабири Миёқӣ / - Теҳрон: Сипеҳр, 1335. – 884 с.*
3. *Зарринкӯб, А. Модеҳи кушатаи мамдӯҳ / А. Зарринкӯб // Бо корвони ҳулла. – Душанбе: Маориф, 2007. – С. 111-120.*
4. *Зипулӣ, Р., Зокирӣ, М. Фанни ҷавобгӯӣ ва татаббуъ дар шеъри форсӣ / Р. Зипулӣ, М. Зокирӣ // Фаслномаи фарҳангистони забон ва адабиёти форсӣ. – Тобистони 1374. – Соли аввал. – Шумораи дувум. – С. 30 - 48.*
5. *Кадканӣ, Ш. М. Сувари хаёл дар шеъри форсӣ / М. Ш. Кадканӣ. – Теҳрон: Огоҳ, 1366.– 722 с.*
6. *Куллиёти девони Муъиззӣ. Бо муқаддима ва тасҳеҳи Носири Ҳаййирӣ. - Теҳрон, 1341.– 670 с.*
7. *Қубодӣ, Ҳ., Ҷамкаронӣ, А. Баррасӣ, таҳлил ва нақди чаҳор қасидаи форсӣ бар асоси омӯзаҳои забоншиносии системии нақшгаро / Ҳ. Қубодӣ, А. Ҷамкаронӣ // Фаслномаи илмӣ-пажӯҳишии "Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёти форсӣ". – Шумораи 20. – 1390. – С. 69-93.*
8. *Муқаддас, Д. М., Ҳабиб, М., Ҳоҷизода, М. Татбиқи тақозо аз мамдӯҳ дар сабки хуросонӣ (Манучеҳрии Домғонӣ ва Фаррухии Систонӣ) бо нигоргарии садаи ҳаштуми ҳичрӣ / Д. М. Муқаддас, М. Ҳабиб, М. Ҳоҷизода // Фаслномаи илмии мутолиоти ҳунари исломӣ. - Давраи 16. – Шумораи 38. – Шаҳривари 99. – С. 361-376.*
9. *Муллоаҳмадов, М. Фаррухии Систонӣ / М. Муллоаҳмадов. – Душанбе: Дониш, 1978. – 142 с.*
10. *Муътаман, З. Таҳаввули шеъри форсӣ / З. Муътаман. – Теҳрон, 1339. – 342 с.*
11. *Ҳакимӣ, Ҳ. Салҷуқиён ва ҳимоят аз адабиёти форсӣ / Ҳ. Ҳакимӣ //Адабиёти форсӣ. – Соли 4. – Шумораи 1. – Баҳор ва тобистони 1393. – шумораи паёпайи13. – С. 73-91.*
12. *Шарифов, Х. Функсияи маърифатии қасида дар адабиёти тоҷик / Х. Шарифов // Озурдагон ва умедворон. – Душанбе: Сино, 2001. – С. 47-58.*
13. *Эте, Ҳ. Таърихи адабиёти форсӣ. Тарҷ. Ризозода Шафақ / Ҳ. Эте. – Теҳрон, 1358. – 364 с.*

ИСТИҚБОЛ АЗ ШЕЪРИ ФАРРУХӢ ВА МУХТАССОТИ ҲУНАРИИ ОН

Фаррухии Систонӣ аз ба нудрат шоироне будааст, ки шеъраш дар замонҳои гуногун мавриди пайравии салафҳои ҳамзамон ва баъдаш қарор гирифтааст. Ҳатто аввалин қасидаи ӯ дар тавсифи абрро шоирони зиёде пайравӣ карда, ба он татаббуъ навиштаанд. Ба ин далел, суоли аввал ин аст, ки авомили таваҷҷуҳ ва пайравӣ ба тариқати шоирии Фаррухӣ чӣ будааст, ки салафҳои ӯ аз шеър ва тарзи нигоришаш дар тӯли замонҳо истиқбол намудаанд?! Дар ин пажӯҳиш талоши муаллиф бар ин будааст то бо бакоргирии бахше аз омӯзаҳои равиши илмии тавсифӣ-таҳлилӣ, аввалан моҳияти ҳунарии қасидаҳои Фаррухиро дар заминаи таҷрибаи шеърӣ ва тозакориҳои ӯ таҳқиқ ва арзёбӣ карда, сипас татаббуъоти шоироне мисли Муъиззӣ, Азракӣ ва Масъуди Саъди Салмонро бар қасидаҳои Фаррухӣ ба таври мушаххасс таҳқиқ, таҳлил ва баррасӣ намояд. Дар заминаи таҳлилҳои қиёсӣ муайян карда шуд, ки ҷавоб ё худ татаббуъи муваффақ, пеш аз ҳама, намудори маҳорат ва устодии бештари ҳам соҳиби шеъри сармашқ ва ҳам ҷустуҷӯҳо ва тозакориҳои шоири пайрав мебошад.

Калидвожаҳо: татаббуъ, ҷавоб, истиқбол, фасоҳат, балоғат, латофат, қофия, воситаҳои забонӣ, фароянд, робита, табиат, саноеъ, маънавӣ, лафзӣ.

ОДОБРЕНИЕ СТИХОПЛЕТЕНИЯ ФАРРУХИ И ЕЕ ХУДОЖЕСТВЕННЫЕ ОСОБЕННОСТИ

Фаррухи Систани был одним из редких поэтов, чьей поэзии в разное время следовали его современники и предшественники. Даже его первое стихотворение, описывающее облако, было подхвачено многими поэтами и переработано. По этой причине первый вопрос: какие факторы обусловили интерес и приверженность поэтическому пути Фаррухи, учитывая, что его предшественники приветствовали его поэзию и его взгляд на вещи на протяжении всего времени?! В данном исследовании автор попытался применить некоторые из исследований описательно-аналитического научного подхода, сначала исследовать и оценить художественную сущность касыд Фаррухи в контексте его поэтического опыта и новаторства, а затем специально исследовать, проанализировать и обсудить подражание таких поэтов, как Муиззи, Азраки и Масуд Саади Салман к касыдам Фаррухи. На основе сравнительного анализа установлено, что ответ, а точнее, удачное подражание, является, прежде всего, отражением большего мастерства и искусности как мастера оригинальной поэмы, так и поисков и доработок последующего поэта.

Ключевые слова: подражание, ответ, приветствие, красноречие, изящество, рифма, языковые средства, процесс, связь, природа, промышленность, духовный, словесный.

APPROVAL OF FARRUKHI'S POEM AND ITS ARTISTIC FEATURES

Farrukhi Sistani was one of the rare poets whose poetry was followed by his contemporaries and predecessors at different times. Even his first poem describing a cloud was picked up and reworked by many poets. For this reason, the first question is: what factors determined the interest and commitment to Farrukhi's poetic path, given that his predecessors welcomed his poetry and his view of things throughout time?! In this study, the author tried to apply some of the studies of the descriptive-analytical scientific approach, first to explore and evaluate the artistic essence of Farrukhi's qasidas in the context of his poetic experience and innovation, and then specifically to explore, analyze and discuss the imitation of poets such as Mu'izzi, Azraqi and Mas'ud Sa'di Salman to Farrukhi's qasidas. Based on a comparative analysis, it has been established that the answer, or rather, a successful imitation, is, first of all, a reflection of the greater skill and ingenuity of both the master of the original poem and the searches and revisions of the subsequent poet.

Keywords: imitation, response, greeting, eloquence, elegance, rhyme, linguistic means, process, connection, nature, industry, spiritual, verbal.

Дар бораи муаллиф

Қосимзода Солеҳ Салим
Доктори илмҳои филологӣ, дотсент,
Сардори Раёсати магистратура,
аспирантура ва докторантураи PhD
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
х. Рудаки, 21
E-mail: soleh_76@mail.ru

Мадиева Умеда Муҳаббат-қизӣ
Ассистенти кафедраи забони олмонӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
х. Рӯдакӣ, 121
E-mail: madievaumeda@gmail.com

Об авторе

Косимзода Солех Салим
Доктори филологических наук, доцент,
начальник отделом магистратуры,
аспирантуры и докторантуры
Национальная академия наук
Таджикистана
734025, Республика Таджикистан,
г. Душанбе, пр. Рудаки, 21
E-mail: soleh_76@mail.ru

Мадиева Умеда Мухаббат-кизи
Асситсент кафедры немецкого языка
Таджикский государственный
педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан,
г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
E-mail: madievaumeda@gmail.com

About the author

Kosimzoda Soleh Salim
Doctor of Philology, Associate Professor, Head
of the Department of Master's, Postgraduate
and Doctoral Studies
National Academy of Sciences of Tajikistan
734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe,
Rudaki Ave., 21
E-mail: soleh_76@mail.ru

Madieva Umeda Mukhabbat-kizi
Assistant of the German language department
Tajik State Pedagogical University named
after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe,
Rudaki Ave., 121
E-mail: madievaumeda@gmail.com

УДК 882+891.550

ОСОБЕННОСТИ ПОЭТИЧЕСКОГО ПЕРЕВОДА (на примере перевода стихотворений Лермонтова на таджикский язык)

Кувватзода С. М.
Таджикский государственный педагогический университет имени Садриддина Айни

Переводы произведений русских поэтов и писателей, вообще переводческая деятельность в нашей стране, не новое явление. Назовем лишь некоторые переводы, выполненные нашими литераторами, которые больше известны каждому таджикскому читателю: из Лермонтова - «Демон» («Иблис»), «Смерть поэта» («Вафоти шоир») в переводе Х. Юсуфи, «Бородино» в переводе М. Фархата, «Морская царевна» («Шоҳдухтари баҳрӣ») в переводе Б. Рахимзода; рассказ Л. Толстого - «Кавказский пленник» («Бандии Кавказ») перевод Х. Карима; произведения А.П. Чехова - «Унтер Пришебеев», «Ванька» в переводе Дж. Икроми и «Человек в футляре» в переводе А. Пирмухаммедзаде и многие другие.

В советское время таджикское литературоведение произвело важные исследования в деле познания, как своего классического наследия, так и современного литературного художественного опыта. Основательные работы И.С. Брагинского, А. Мирзоева, Н. Маъсуми, Р. Хашима, А. Розенфельд, В. Самада, А. Давронова, Х. Шодикулова, А. Сайфуллоева и многих других литературоведов охватывают результаты исследования таджикской литературы. Взаимоотношение литературных традиций, национальная особенность таджикского литературного движения, связь литератур в современную эпоху, художественный мир творчества – это проблемы, которые обсуждались в их трудах.

Перевод стихотворного текста очень трудный процесс. Переводчику необходимо обрести стиль и язык автора и одновременно быть преданным своему языку. Установление точности выполненного перевода иногда бывает проблематичным. Одни стараются передать содержание, смысл, присутствие образов, другие выдвигают на первый план форму и ритм. В данной работе уделяется большое внимание анализу переводов стихотворных произведений Лермонтова. Оригинальные тексты и тексты переводов, являющиеся объективными фактами для наблюдения, служат для сравнительно-сопоставительного анализа. Стоит подчеркнуть, что таджикский язык относится к аналитическому строю и отличается от русского количеством букв, интонацией, грамматической системой. К тому же есть характерные черты поэтического жанра, которые нужно принимать во внимание. Как справедливо замечает один из теоретиков художественного перевода Г. Гачечиладзе: «Перевод, в том числе и поэтический – это воссоздание на другом языке целого произведения, по тем же законам, по каким оно создано на своем языке. Перевод надо рассматривать так же, как и его подлинник: различие лишь в сопоставительном плане, который проявляется на всех уровнях–на лексическом, на синтаксическом, на стилистическом. Однако решающим является сопоставляемость перевода как целого, с подлинником как с целым. В этом – основа перевода» [2, с. 6].

Основная часть

Ещё в 1981 году издательство «Маориф» («Просвещение») выпустил сборник под названием «М.Ю. Лермонтов. Шеърҳо ва достонҳо» («М.Ю. Лермонтов. Стихотворения и поэмы»), в который вошли ряд произведений М.Ю. Лермонтова, переведенные Бахромом Фирузом на таджикский язык. Это такие стихотворения, как «Черкесдухтар» - «Черкешенка», «Поэт» - «Шоир», «Н.Ф.И…вой» - «Ба Н.Ф.И.», «К… (Мы случайно сведены судьбою)» - «Ба… (Аз тасодуф якдигарро ёфтем), «Монолог» и другие.

Наряду с этим, в переводах стихотворений Лермонтова в некоторых случаях наблюдается творческий подход, а где-то сохраняется выражение особенности языка подлинника. Стихотворение «Черкешенка» начинается со строк:

Я видел вас: холмы и нивы,
Разнообразных гор кусты,
Природа дикой красоты,
Степей глухих народ счастливый
И нравы тихой простоты!.. [5, с. 50].

Перевод:

Теппазору марғзорон дидаам,
Дидаам ман ҷангалу кӯҳсорро,
Файзи саҳрои гулафшон дидаам,
Дидаам халқи саодатёрро,
Соддаю дилҷӯй пирон дидаам… [8, с. 44].

В настоящем контексте наглядно отображен стиль поэта-переводчика Б. Фируза. Комбинации, переведенных Б. Фирузом, такие как: «теппазору марғзорон дидаам» (досл. «холмы и лужайки я видел»), «ёд омад зодгаҳ, ёру диёр, / ҷилвагар шуд дар назар – Модар-Ватан» (досл. «вспомнились, родина, друзья и край родной, / блеснула пред взором – родина-мать»), является плодом воображения автора перевода. А следующие сочетания «файзи саҳрои гулафшон дидаам» (досл. «щедрость степей, усыпанных цветами, я видел»), «соддаю дилҷӯй пирон дидаам» (досл. «простых любезных стариков я видел»), и вовсе отсутствуют в подлиннике. В конечном итоге, на таджикском языке мы получаем не подстрочный перевод, а вольный перевод стихотворения. И его, конечно, таджикский читатель принимает с удовольствием, потому что получилось изумительное стихотворение Лермонтова на таджикском языке.

Возможно, таджикскому поэту показалась особенно близкой элегантность композиции, которая гармонично сочетается с выразительностью художественных образов, описание пейзажа кавказских предгорий, Лермонтовкой стремление возвращаться в те мгновения, когда он был счастлив. Лермонтов подытоживает, что эти минуты всегда живы:

Так стон любви, страстей и муки
До гроба в памяти звучит. [5, с. 50].

Элементарно, что переводчик, перед тем как перевести художественное произведение, должен освоить идею оригинала, иначе невозможно отразить идейную и художественную красоту подлинника.

Разнообразны по тематике и значимости стихи русского поэта, в том числе стихотворение под названием «Монолог», которое в подлиннике звучит так:

Поверь, ничтожество есть благо в здешнем свете.
К чему глубокие познанья, жажда славы,
Талант и пылкая любовь свободы,
Когда мы их употребить не можем?
Мы, дети севера, как здешние растенья,
Цветём недолго, быстро увядаем… [5, с. 65].

Перевод:

Ҷоҳилу номард даврон мекунад,
Донишу фарҳанги мо даркор нест.
Аз ҳунар, аз шавқи озодӣ чи суд?
Ин матоъ аз баҳри ин бозор нест!
Чун гиёҳу сабзаи мулки шимол
Зуд мо гул карда мегардем хазон… [8, с. 48].

При переводе Б. Фируз приложил все усилия, чтобы соблюсти главное правило – не нарушать смысл оригинала и посредством родного языка передать особенности и менталитет

другого народа. Глубокий интерес вызывает ещё один вопрос, касающийся этого перевода, т.е. о непереводимом в переводе. В каждом языке есть слова и выражения, которые не переводятся адекватно. В таком случае переводчик старается найти аналогичные эквиваленты, соответствующие языку оригинала или вовсе пропустить их. Следует отметить, что в данном переводе пропущены сочетания «мы, дети севера», «на сером небосклоне» [5, с. 65]. Может поэт сделал это намеренно. Однако к одиннадцатой строке «Не зная ни любви, ни дружбы сладкой» [5, с. 65] при переводе поэт добавил сочетание «бе баҳор» («бе муҳаббат, бе рафоқат, бе баҳор» - досл. «без любви, без дружбы, без весны»). Несмотря на это, видно, что Б. Фирузу удалось передать неповторимые краски лермонтовского стиха.

В переводе соблюдено соотношение языка и духа перевода с оригиналом, соответствуют форма и содержание стихотворения. Сравнивая текст оригинала и перевод, можно сказать, что эти стихи отличаются друг от друга только тем, что написаны на разных языках, но по признакам содержания и идеи, средств художественного изображения сохраняют свою духовную природу.

Стихотворение Лермонтова «К…» («Мы случайно сведены судьбою») - «Ба…» («Аз тасодуф якдигарро ёфтем»), ставшее предметом восприятия и перевода таджикского поэта Б. Фируза представляет собой страстный монолог, в котором поэт пытается достучаться до возлюбленной и рассказать ей о своих чувствах:

Оригинал:

Мы случайно сведены судьбою,
Мы себя нашли один в другом,
И душа сдружилася с душою;
Хоть пути не кончить им вдвоём [5, с. 366].

Перевод:

Аз тасодуф якдигарро ёфтем,
Хешро дар якдигар бишнохтем.
То ба охир гарчи ҳамдам нестем.
Ҳар ду бо як сӯз дил бигдохтем [8, с. 46].

Стихотворение посвящается Варваре Лопухиной, в которой поэт видел свою музу. Лермонтов видит в своей избраннице не только это, он восхищается её богатым внутренним миром. Именно по этой причине поэт просит свою музу:

Будь, о будь моими небесами,
Будь товарищ грозных бурь моих;
Пусть тогда гремят они меж нами,
Я рожден, чтобы не жить без них [5, с. 366].

В переводе Б. Фируза, как и в оригинале, главным остается романтический мотив. Но в отличие от оригинала, в котором герой Лермонтова осознает события своей жизни перед всем миром, у Б. Фируза представлена история любви:

Бар сари ман осмони соф бош,
Вақти тӯфонам ба ман ҳамдӯш гард,
Зиндаам бо шӯру исёну талош,
Дар талотумҳо ба ман ҳамдӯш гард [8, с. 46].

По форме перевод Б. Фируза похож на масневи, а содержание подобно газели. В переводе также как и в подлиннике доминируют любовный мотив и любовное настроение.

Заключение. Наше исследование показывает, что таджикский переводчик выполнил полноценные переводы, то есть смог показать творческое своеобразие автора. Таким образом, в центре внимания таджикского поэта оказались те лирические произведения Лермонтова, в которых заключаются «вечные вопросы» человеческого бытия: любовь, вера в высшие силы, свобода человеческой личности, судьба поэта и т.д.

Литература

1. *Гачечиладзе, Г. Художественный перевод и литературные связи / Г. Гачечеладзе. – М.: Сов. писатель, 1980. – 255 с.*
2. *Гачечиладзе, Г. Что за словом? / Г. Гачечиладзе // Литер. газета, 1972. - 1 ноября. – С. 6.*
3. *Кувватова, С. М. Некоторые проблемы перевода русской поэзии на таджикский язык / С. М. Кувватова // Вестник Педагогического университета. – 2021. – № 1(90). – С. 170-176. – EDN RIYZCF.*
4. *Кувватова, С. М. Проблема перевода сказки "Ашик - Кериб" М.Ю. Лермонтова на таджикский язык / С. М. Кувватова // Вестник Педагогического университета. – 2020. – № 2(85). – С. 128-133. – EDN PYQXTN.*
5. *Лермонтов, М. Ю. Избранное /М. Ю. Лермонтов. – М.: Просв., 1984. – 399 с.*
6. *Лермонтов, М. Ю. Полное собрание стихотворений / М.Ю. Лермонтов. – Л.: Сов. писатель, 1989. Т.1. Стихотворения и драмы. – 167 с.*
7. *Лермонтов, М.Ю. Осори мунтахаб: Иборат аз ду ҷилд. Ҷилди 1. Шеърҳо =[Лермонтов М.Ю. Избранные произведения в 2-х т. Т. 1. Стихотворения] / М.Ю. Лермонтов. -Д: «Ирфон», 1981. -157 с.*
8. *Лермонтов, М.Ю. Шеърҳо ва достонҳо =[Стихотворения и поэмы] / М. Ю. Лермонтов. – Душанбе: «Маориф», 1981. – 127 с.*

ОСОБЕННОСТИ ПОЭТИЧЕСКОГО ПЕРЕВОДА (на примере перевода стихотворений Лермонтова на таджикский язык)

Материалом для сопоставительного анализа в данной статье послужили стихотворения М.Ю. Лермонтова, переведенные на таджикский язык. В данной статье рассматривается вопрос об эквивалентности и адекватности, передача содержания и формы средствами языка перевода. В этом плане особое внимание уделяется анализу некоторых стихотворений М.Ю. Лермонтова, переведенных таджикским поэтом-переводчиком Бахромом Фирузом. Неточности перевода, выявленные в таджикском варианте, достаточно типичны для воссоздания поэтических произведений вообще. Цель статьи: исследование проблем перевода, связанные с поиском эквивалента, неточностями воссоздания художественного текста на таджикском языке. В результате исследования выявлено, что способы передачи переводов, мастерство поэта-переводчика может сыграть особую роль для адекватного восприятия деталей Лермонтовкой поэзии таджикским читателем, а также в дальнейшем предотвратить аналогичные ошибки и получить возможность буквально приблизить восприятие перевода к восприятию оригинала.

Ключевые слова: художественный перевод, содержание, смысл, форма, ритм, эквивалент, адекватный перевод, идея, оригинал.

ХУСУСИЯТҲОИ ТАРҶУМАИ ШОИРОНА (дар мисоли тарҷумаи ашъори Лермонтов ба тоҷикӣ)

Дар мақолаи мазкур ашъори М.Ю. Лермонтов, ки ба забони тоҷикӣ тарҷума шудааст, ҳамчун маводи таҳлили муқоисавӣ истифода бурда шудааст. Дар ин мақола масъалаи баробарӣ ва мувофиқат, интиқоли мазмун ва шакл тавассути забони тарҷума баррасӣ мешавад. Ба ин муносибат ба таҳлили баъзе аз шеърҳои М.Ю. Лермонтов, ки шоир-тарҷумони тоҷик Бахром Фируз ба анҷом расонидааст, аҳамият дода мешавад. Нодурустии тарҷумае, ки дар нусхаи тоҷикӣ ошкор карда шудаанд, барои бозсозии осори шоирона умуман хосанд. Мақсади мақола: омӯзиши мушкилоти тарҷумаи марбут ба ҷустуҷӯи муодили он, носаҳеҳӣ дар эҳёи матни адабӣ ба забони тоҷикӣ. Дар натиҷаи таҳқиқ маълум гардид, ки барои дарки дурусти ҷузъиёти ашъори Лермонтов аз ҷониби хонандаи тоҷик, инчунин дар оянда усулҳои интиқоли тарҷумаҳо, маҳорати шоир-тарҷумон метавонад нақши хоса дошта бошад, ки аз хатогиҳои ба ин монанд пешгирӣ карда, имконият пайдо кунад, ки дарки тарҷума ба дарки асл наздик карда шавад.

Калидвожаҳо: тарҷумаи адабӣ, мазмун, маъно, шакл, ритм, муодил, тарҷумаи мувофиқ, идея, асл.

FEATURES OF POETIC TRANSLATION (using the example of translating Lermontov's poems into Tajik)

The material for comparative analysis in this article was the poems of M. Yu. Lermontov, translated into Tajik. This article examines the issue of equivalence and adequacy, the transfer of content and form by means of the target language. In this regard, special attention is paid to the analysis of some poems by M. Yu. Lermontov, translated by the Tajik poet-translator Bakhrom Firuz. The translation inaccuracies identified in the Tajik version are quite typical for the reconstruction of poetic works in general. The purpose of the article: to study translation problems related to the search for an equivalent, inaccuracies in purpose of the article: recreating a literary text in the Tajik language. As a results of the study, it was revealed that the methods of transmitting translations, the skill of the poet-translator can play a special role for the adequate perception of the details of Lermontov's poetry by the Tajik reader, as well as in the future to prevent similar errors and gain the opportunity to literally bring the perception of the translation closer to the perception of the original.

Keywords: literary translation, content, meaning, form, rhythm, equivalent, adequate translation, idea, original.

Об авторе
Кувватзода Саломат Мусо
Кандидат филологических наук, доцент кафедры русской и мировой литературы Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
E-mail: salomat.kuvvatova@bk.ru

Дар бораи муаллиф
Қувватзода Саломат Мусо
номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи адабиёти рус ва ҷаҳони Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
E-mail: salomat.kuvvatova@bk.ru

About the author
Kuvvatzoda Salomat Muso
Candidate of Philological Sciences, Docent of the Department of Russian and World Literature of the Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
E-mail: salomat.kuvvatova@bk.ru

ТДУ 821.222.8-1+316

БОЗТОБИ МАВЗУЪҲОИ ИҶТИМОӢ ДАР ШЕЪРИ ГУЛНАЗАР

Ҳамроев Р. З.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ

Тобишҳои иҷтимоӣ дар шеъри шоирони замони Шуравӣ ва Истиқлолияти давлатӣ арзиши ашъори онҳоро ба андозае муайян мекунад. Гулназар на танҳо чун шоири лирик, балки чун шоири иҷтимоъгаро низ маъруф аст. Зеро ӯ дар ҳеҷ ҳолат худро аз ҷомеа дур намегирад, шарики ғаму шодии халқи тоҷик аст, ба маънои томаш иҷтимоӣ шудааст. Тавре ки аз адабиёти дахлдор бармеояд, иҷтимоишавӣ (сотсиализатсия) – раванди ташаккулёбии шахс, ки тавассути аз ҷониби инсон азхуд намудани арзишҳо, меъёрҳо, нишондодҳо ва намудҳои рафтори қабулшудаи ҷомеаи муайян имконпазир мегардад [10, с. 158]. Дар зери таъсирҳои гуногуни иҷтимоӣ ва муҳити атроф ва умуман, омилҳои мухталиф иҷтимоишавии шоир ташаккул ёфтааст. Он омилҳо инҳоянд:

1) Омилҳои ниҳоят бузург. Гулназар аз хурдсолӣ зеҳни тез дошт, мактабро бо медали тилло ва донишгоҳро бо дипломи сурх хатм намуд. Ба ҳар як шайъу падидаи кайҳон, сайёра ва ҷаҳон кунҷковона назар мекард.

2) Омилҳои бузург – аввалан собиқ Иттиҳоди Шуравӣ ва баъдан Тоҷикистон, ҷомеа, этнос ва давлат Гулназарро дар руҳияи замони худ тарбия намуда, ба иҷтимоишавии шахсияти ӯ мусоидат намудаанд. Гулназар чилу панҷ соли умри худро дар замони Шуравӣ сипарӣ кард, дар макотиби миёнаву олии он бомуваффақият таҳсил намуд, таҳти таъсири идеологияи ҳизби коммунистӣ асарҳо эҷод кард, чун шоири замони Шуравӣ ба камол расид. Баъдан чун фарзанди айём Истиқлолияти давлатии ҷумҳуриро пазируфт, ҳамроҳи ҷомеа ва этнос дар таҳкими пояҳои давлати мустақили Тоҷикистон бо сухану шеъри муассири худ мусоидат кард.

3) Таъсири омилҳои миёна – деҳаи Дардари ноҳияи Айнӣ, ки зодгоҳи ӯст, шаҳри Душанбе, ки макони зисти вай аст, бо васоити ахбори омма ва субкултураҳо ба рушди маънавии шоир муассир будаанд. Гулназар дар бораи деҳаи худ ва пойтахти кишвар шаҳри Душанбе шеъру таронаҳои зиёде эҷод намудааст. Рӯзномаи “Комсомоли Тоҷикистон”, ки солиёни зиёд дар идораи он кор кардааст, инчунин субкултураҳои дигар дар раванди иҷтимоишавии ӯ саҳми бориз доранд.

4) Омилҳои нисбатан хурд – оила, ҳамсояҳо, ҳамсолон ва ташкилотҳои тарбиявӣ низ тавонистаанд ба иҷтимоишавии Гулназар таъсир расонанд. Шоир дар оилае ба дунё омада тарбия ёфтааст, ки суханпарвар буд, ҳамсояҳо низ ба қадри ҳамдигар мерасиданд. Минбаъд ҳамсолони Гулназар дар донишгоҳ (аз қабили Сайидалӣ Маъмур) ва ташкилотҳои тарбиявӣ – ташкилоти комсомолии донишгоҳ тавонистанд таъсири худро ба ӯ расонанд.

Гулназар дар замони Шуравӣ он чи ки навишт, асосан аз чаҳорчӯбаи идеологияи ҳукмрон берун набуд, зеро ин қарзи шаҳрвандии ӯ буд. Дар замони истиқлолият нигоҳи ӯ тағйир ёфт. Тараннуми озодӣ ва Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон, сулҳу ваҳдат, худшиносии миллӣ, гиромидошти ҳувияти миллӣ ва арзишҳои фарҳангии он, ифтихори ватандорӣ, ғами афтодагон… феҳрасти мухтасари ҷанбаи иҷтимоии ашъори ӯянд.

Профессор Мирзо Муллоаҳмад дар ин бора чунин изҳори ақида кардааст: “Ҷанбаи иҷтимоии шеъри Гулназар хеле қавист. Аз ин ҷост, ки шеъри ӯ ба сифати Суруди миллии Тоҷикистон интихоб шуда, ба ҷузъи муқаддасоти миллӣ шомил гардидааст” [4, с. 31].

Гулназар шоирест, ки нигоҳаш жарф ва андешааш амиқ аст. Ӯ ҳамрозу ҳамовози халқ аст, бо зиракии ба худ хос набзи ҷомеаро эҳсос мекунад. Ҳаёти ҷомеаро бо ҳама сояравшанҳояш меомӯзад, халқро ба ваҳдату якпорчагӣ даъват карда, худшиносию ҳувияти миллиро талқин менамояд. Дар рӯзҳои парешонӣ ва мусибату даргириҳо бо эҳсоси дилсӯзӣ ба мардум, аз он ҷумла, эҷодкорон рӯ оварда, дар мақолаи “Аҷаб, ки бӯи гуле ҳаст” навишта

буд: “Ба ҳар фарди ватандӯст лозим аст, ки ба давлати навташкили Тоҷикистон кумак кунад, то мардуми сарҳад ва он тарафи сарҳад ба диёри ҳафт пушташон баргардонда шаванд. Вақте ки дар марзҳои ғарибӣ гиряву нолаи фарзандони тоҷик баланд мегардад, ягон нафари мо ҳақ надорем, ки дар хонаҳои гарми худ осуда бихобем. Бояд баробари ғарибон шеъри мо, суруди мо, ҳунари мо фарёд кунад, то бунёди силоҳбадастон ба ларза ояд, силоҳ аз дасташон фурӯ афтад” [7, с. 10].

Гулназар шоири ҳассос ва мушоҳидакор аст. Ӯ аз тамоми манзараҳои зиндагӣ ва тазодҳои он бардоште ҳосил мекунад ва онро бо забони шеър ифода менамояд:

Дар сари раҳ,
Бар тиҳигоҳи кафи дасти гадо
Оби борон мечакид,
Аз сари мижгони ман бо ашки хунин
ТОҶИКИСТОН мечакид! [6, с. 96]

Тоҷикистони он солҳо, яъне, солҳои навадуми қарни сипаришуда бо ҳама манозири ҳузнангез ва ҳақиронааш дар замири шоир ҷой гирифта ашке шудааст ва аз сари мижгони ӯ чакидааст. Зебоии шеър низ дар ҳамин аст.

Шоири халқии Тоҷикистон Сайидалӣ Маъмур ҷанбаи иҷтимоии шеъри Гулназарро ба ҳисоб гирифта чунин навиштааст: “Як фарқияти услубии шеърҳои Гулназар аз шеърҳои бисёр ҳамсолонаш дар он аст, ки онҳо публитсистикаи хушку урён набуда, балки бештар хусусияти муъҷазию маҷозӣ касб кардаанд. Ин бошад, оҳанги суханро боло ва шеърро хоно мегардонад” [11, с. 4].

Дар марҳилаи аввал дар эҷодиёти Гулназар ашъори иҷтимоию шаҳрвандӣ мавқеи махсус дошт. Мавзуъҳои Ватан, ҳизб, кор ва ғояҳои ленинӣ дар шеърҳои “Ватан”, “Садои ҷовидона”,“Дар боғи дӯсткорӣ нахли ту бехазон аст”, “Шеъри ман”, “Дар сари Майдони Сурх”, “Давлат”, “Турна”, “Асри Ленин” ва амсоли онҳо бо оҳанги баланди иҷтимоӣ садо дода, мундариҷаву ғояи ашъори шоирро муайян менамоянд. Дар лирикаи шаҳрвандии шоир мавзуъ ба воситаи иштироки фаъолонаи қаҳрамони лирикӣ матраҳ шуда, мазмуни шеър бо ҳиссиёту андешаи муассир ифода меёбад [5, с. 493].

Лирикаи шаҳрвандии Гулназар аз ҳаёти воқеӣ сарчашма мегирад. Қаҳрамони лирикӣ фаъол аст. Ӯ хотираҳои гузаштаро дар зеҳни худ абадан нигоҳ медорад ва онҳоро ба ҳолати имрӯзааш гиреҳ мезанад. Ёди бачагӣ дар замони пирӣ низ ӯро тарк намекунад. Хотираҳои ширин бо забони шеър рӯи қоғаз меоянд. Шеърҳои хусусияти тарҷумаиҳолидоштаи Гулназар нақлии холис нестанд. Онҳо бо отифаи саршор ва забони шоирона эҷод шудаанд. Дар адабиёти муосир шоире нест, ки дар васфи падару модари худ шеъре нагуфта бошад. Агар наваду панҷ фисади ашъори дар ин мавзуъ навишташударо мутолиа кунем, гумон мекунем, ки онҳоро як – ду нафар шоири каммоя навиштаасту падару модарон низ аз якдигар ягон фарқе надоранд. Аммо устод Гулназар шеъре дорад бо номи “Ману волидайн”, ки аз кулли ашъори дар ҳамин мавзуъ навишташуда фарқ мекунад. Дар шеъри ӯ падару модар симои ба худ хос доранд, фарзанд низ ба онҳо танҳо бо чашми дили худ менигарад. Ин шеър озод аст, аммо вазни ботинӣ ва мусиқии вожаҳову хаёли шоирона, ҳаракати ҷумлаҳо ҷозибае касб кардаанд, ки онро хеле латифу зебо ва хондanӣ намудаанд. Шоҳид овардани порае аз ин шеъри муассирро лозим медонем:

I
Падарам зиндагӣ дорад дар қобе арзон,
Ӯ ҳамеша бо мост.
Ва
Бо мо нест…
II
Модари ман рафт бар водии хомӯшон,
Дастаи гаҳвораи ман ходаи гӯр аст.
Дастаи гаҳвораи ман
Дар ангораи ман

Менависад рӯзу шабҳо аллаҳои модарамро,
Аз шафақҳои алам пур мекунад субҳи хамӯши дафтарамро…[9, с. 39 – 40].

Дар баъзе шеърҳо ёду хотираҳои қаҳрамони лирикии шеър аз доираи лаҳзаҳои ҳаёти як фард берун омада, мулоҳизаву андешаҳоро оид ба марҳилаву даврaҳои ҳаёти иҷтимоӣ фаро гирифтаанд. Масалан, шеърҳои “Фарзанди кӯҳҳои баланд”, “Барои падар”, “Писарам, бачагӣ бувад таътил” ва силсилаи “Се бахшиш” далели ин гуфтаҳоянд. Ҳарчанд ки дар таркиби ин ашъор истилоҳоти фалсафӣ корбурд нашудаанд, аммо онҳо тобишҳои фалсафӣ доранд.

Гулназар ба маънии томаш ба зиндагӣ ва мақоми инсон дар ҷомеа бетаваҷҷуҳ нест. Масалан, як силсила шеърҳои ӯ, аз қабили “Модарамро ба хоб дидам ман”, “Замин чун модари ман масти хоб аст”, “Модари ҷаҳонгирам” ба мавзуи модар бахшида шудаанд, аммо хусусияти иҷтимоиро касб кардаанд.

Шоир Ҷанги Бузурги Ватаниро бо чашми худ надида бошад ҳам, аз рӯи шунидаҳо ва хондаҳояш аз даҳшату ваҳшоният ва хисороти бешумори он хулосаҳои шоирона баровардааст. Бевосита дар майдони ҷанг набудани шоир маънои онро надорад, ки ӯ аз уҳдаи ҳалли ин мавзуъ намебарояд. Ҳама гап дар сари дарку эҳсосот ва қобилияти зикри ҳофизаи таърихист. Устод Муъмин Қаноат низ дар майдони ҷанг набуд, аммо достонҳои олиҷаноби “Сурӯши Сталинград” ва “Мавҷҳои Днепр”- ро офарид, ки назирашон дар адабиёти Шуравӣ нест. Муҳаммадҳусайни Шаҳриёр дар Эрон истода, достони пурмуҳтаво ва муассири “Қаҳрамонони Истолингрод”- ро эҷод намудааст. Дар ашъори ба мавзуи ҷанг бахшидаи Гулназар - “Зангӯлаи Хатин”, “9 майи соли 1945”, “Ҳайкали ташнагӣ”, “Аскари нобино”, “Бевазан”, “Як замон аз набарди дунёӣ” ва ғайра ҳофизаи таърихии халқ бо методи реализми сотсиалистӣ ифода шуда, бо вазъу ҳолатҳои замон гиреҳбандӣ шудаанд.

Сари ин мавзуъ меандешаму ба ёдам суханони шоир ва мунаққиди муосири Эрон – доктор Шафеии Кадканӣ меояд, ки навиштааст: “Забони форсӣ ба ҳама гуна шеър ниёз дорад: ҳам шеъри иҷтимоии сода, ҳам шеъри иҷтимоии рамзвор ва нуҳуфта, ҳам замзамаҳои нарми ошиқона ва латиф. Он чи муҳим аст, ин аст, ки гӯянда дар роҳе, ки меравад, то чӣ моя тавфиқ ёфтааст” [12, с. 537].

Ҳодисаҳои баҳманмоҳи хунини соли 1990 дар шеъри Гулназар инъикоси воқеии худро ёфтаанд. Ӯ шеъре дорад бо унвони “13 феврали соли 1990”, ки шеъри иҷтимоии содае нест, ба таъбири Кадканӣ, рамзвор аст. Шоир ровии бетараф набуда, балки бо ҳунари вижа аз он рӯзгори хунрез ва майдони хунин хулоса мебарорад:

Наврӯз дер кард,
Дар кӯчаҳои шаҳр гули лола сар кашид,
Ҳар лола ҳасрате,
Ҳар лола нолае… [8, с. 250 – 251].

Тасвири манзараҳои ҷанги таҳмилӣ дар таркиби ашъори иҷтимоии Гулназар мақоми вижа дорад. Тоҷикистони ҷангзада ба *ғунчаи пар-паршуда, ҷонамози пора ва пуштаи биҳиштии помоли гову бузу хар* шабеҳ аст дар ин шеъри Гулназар , ки “Тоҷикистон ” ном дорад ва бо тозагии тасвиру ҳунари шоирона аз дигар ашъори иҷтимоии дар ҳамин мавзуъ сурудашуда комилан фарқ мекунад:

Эй ғунча!
То шукуфтӣ, ҷинбод пар – парат кард,
Овораи маконҳо, сарсони ҳар дарат кард.
Эй ҷонамози пора!
Қисмат зи бадхисолӣ
Муҳтоҷи ноумеди дасти руфӯгарат кард.
Эй пуштаи биҳиштӣ!
Гардуни бемурувват
Помоли иштиҳои гову бузу харат кард [9, с. 6].

Адабиёшинос Юсуф Акбаров мавзуи ватандӯстиро дар ашъори шоир мавриди баррасӣ қарор дода, аз он ҷумла навиштааст: “Назар ба пиндошти Гулназар Тоҷикистон виҷдону

имон ва сарвати беинтиҳою давлати уммедҳост ва ба ақидаи ӯ, ҳар касе ки Ватан надорад, на танҳо инсони комил, балки аз ҷинси одамӣ нест” [1, с. 45].

Дар замони осоиштагии Тоҷикистон одамоне буданд, ки лофи ватандорӣ мезаданд, бо фориғболӣ нозу неъматҳояшро мехӯрданд, аммо ин зумраи нохалаф аз рӯзҳои аввали даргириҳо ва омадани мусибат ба сари Ватан онро тарк карданд. Гулназар дар қатори фарзандони бономуси миллат бо Ватан ҳамнафасу ҳамдам монд, заҳри мусибатҳоро чашид. Бо дарду алам фарёд баровард:

Беватанҳо аз Ватан бигрехтанд,
Аз чаман зоғу заған бигрехтанд…
Бо ману мо меҳрбозӣ доштанд,
Ҳамчунон аз мову ман бигрехтанд… [9, с. 34].

Ҳар шоири бузурге дар адабиёт бо ягон хусусияти хоси эҷодиаш аз дигарон фарқ мекунад. Шоироне, ки ҷанбаи иҷтимоии шеърашон аз тасвирҳои зиндагии воқеӣ саршор аст, аз имтиёзи вижа бархурдоранд, ки дар адабиёти муосири тоҷик устод Гулназар яке аз онҳост. Ӯ ҳарчанд ки ашъори иҷтимоии зиёде сурудааст, яъне, вассофи замони худ будааст, ҳамеша арзиши ҳунарии шеърро дар мадди аввал гузоштааст. Орзуи Гулназар орзуи миллат ва армони ӯ армонҳои иҷтимоии ӯст. Дар аксарияти шеърҳои иҷтимоияш содагии забон ва ширинии баён ба назар мерасад:

Хоҳам аз ҷон лаҳзаеро,
К – одамон гӯянд:
- Оре, оре, ҷанг боқист
Байни пои тифлакону тӯби футбол [9, с. 40].

Гулназар табиатан инсони некбин аст, ҳисси дилмондагӣ (пессимизм) дар тору пуди ӯ мавҷуд нест. Ҳамеша ҳамрозу ҳамқадами замон аст. Рушду такомули ҷомеа бо ҳама ҷузъиёташ аз назари ӯ пинҳон намемонад. Ҳисси навмедиро дар худу дар шеъри хеш роҳ намедиҳад. Аз сохтмонҳои иншооти бузурги аср ба вачд меояд, табли шодӣ мезанад. Ва ин садо аз ҳар сатри шеъраш ба гӯши дили хонанда мерасад. Масалан, роҷеъ ба сохтмони роҳи Душанбе – Чаноқ бо номҳои “Зи синаи Анзоб бигзарем”, “Андеша дар роҳ” ва “Юсуф Вафо мегуфт” се шеъри хуб эҷод намудааст ва онҳоро чунин ҷамъбаст кардааст:

Эй мардуми раҳкушо, саломат бошӣ,
Осон шуда сахти мо, саломат бошӣ.
Имрӯз, ки ту пушту паноҳи Ватанӣ,
Худ дар панаҳи Худо саломат бошӣ! [8, с. 71]

Тавре ки аз зарбу оҳанги ин пораи иқтибосшуда бармеояд, он дар ҳавои рубоиёти халқӣ ва шеъри Юсуф Вафо суруда шудааст. Як хусусияти хоси ашъори иҷтимоии Гулназарро бояд махсус қайд намоем, ки шоир ҳангоми сурудани чунин шеърҳо аз иможҳое, ки мазмуну муҳтавои асарро халалдор мекунанд, иҷтиноб меварзад ва мекӯшад, ки матлаби хешро сареҳан баён намояд. Зеро ба қавли шоир ва мунаққиди тоҷик Аскар Ҳаким “Пайравони мактаби иможинизм образро ба мақсади асосии шеър табдил ва мазмунро қурбони он карда, ба чунин натиҷаи номатлуб расиданд, ки моҳияти иҷтимоии шеъру адабиётро инкор карданд” [9, с. 203].

Неругоҳи барқии обии Роғун иншооти муҳимтарини асри XXI буда, шоирро ба илҳом овардааст. Зеро бунёди он ояндаи миллати моро боз ҳам дурахшонтар хоҳад кард. Гулназар “Таронаи Роғун”- ро эҷод карда, ки нақароташ чунин аст:

Аё Роғун, мунаввар бош,
Шабохун зан, музаффар бош! [8, с. 121]

Мусаллам аст, ки ҳамқадами замон будан шеъри шоирро боз ҳам мушаххастар карда, таъсири онро меафзояд. Гулназар шоири сиёсатмаоб нест, аммо чун фарзанди замон ба сиёсат аз паси панҷа нигариста наметавонад. Дар замони бесалоҳиятӣ, яъне, оғози ҷанги таҳмилӣ мардуми тоҷикро сиёсат чунон гиҷу гаранг карда буд, ки онҳо ба моҳияти аслии он сарфаҳм намерафтанд:

Дилам хун шуд зи озори сиёсат,
Зи гуфтору зи кирдори сиёсат…
Шавад ҳар рӯз пайдо сад навоҳӣ –
Хуҷанду Рашту Фархори сиёсат [9, с. 42].

Ҷанбаи иҷтимоии шеъри Гулназарро, бешубҳа, ҷасорати адабии ӯ тақвият мебахшад, ки ин падида дар бисёр шеърҳои ӯ ба чашм мерасад. Ба қавли профессор Худойназар Асозода “Дар ашъори Гулназар мавзуъҳои байналмилалӣ низ нақши муҳим доранд, ки силсилаҳои “Раҳовард”, “Тахти Рустам ” ва ғайра мисол шуда метавонанд” [3, с. 493]. Албатта, дар ин мавзуъ устод Мирзо Турсунзода силсилаи шеърҳои “Қиссаи Ҳиндустон” (1947) – ро навишта буд ва барои таваҷҷуҳ ба чунин мавзуъ ба шоирони насли баъдина даричае боз кард. Гулназар ҳам дар мавзуи байналмилалӣ шеърҳо эҷод намуда, фазои чунин шеърҳоро тағйир дод. Агар устод Турсунзода дар қолабҳои суннатӣ дар мавзуи зикршуда шеър гуфта бошад, Гулназар баъзан барои истиқлолияти фикр ва озодии андешаҳо, инчунин баёни отифаҳои шоирона ин қолабҳоро шикастааст ва агар чунин шеърҳои Турсунзода аз ҷиҳати муҳтаво бештар тобишҳои публитсистӣ дошта бошанд, дар шеъри Гулназар тобишҳои отифӣ боло гирифтаанд. Дар ин мавзуъ Гулназар шеърҳои сафед ва нимоӣ низ сурудааст. Мо шеърҳои дар солҳои охир сурудаи Гулназарро баррасӣ карданием. Силсилаи шеърҳои ӯ “Аз сафарҳо, аз назарҳо” ном дорад. Дар ин силсила дувоздаҳ шеъри калону хурди шоир ҷой дода шудааст, ки онҳо дар қолабҳои суннативу нимоӣ ва шеъри сафед суруда шудаанд ва қариб ҳар шеър дар мамлакати алоҳидае эҷод шудааст. Як хусусияти хоси дигари ин силсила он аст, ки гӯянда қолаби ҳар шеърро вобаста ба тақозои ҳамон мавзуъ ва шакли шеъри ҳамон диёр интихоб кардааст. Масалан, шеъри “Бурҷи Эйфел”, ки дар Порис эҷод шудааст, шеъри озод буда, гӯянда ба ҳисоб гирифтааст, ки гаҳвораи чунин шакли шеърӣ Фаронса аст ва форсизабонон ин шакли шеъри фарангиро аз мардуми ҳамон кишвар омӯхтаанд. Шеъри “Дар боғи ҳукуматӣ” дар Исломобод эҷод шудааст ва он низ шеъри озод аст. Шеърҳои “Кобул”, “Дар сари гӯри Аҳмад Зоҳир” ва “Бори дигар дар сари гӯри амир Олимхон” суннатианд. Шеъри нимоии “Уқёнуси Атлантика” дар Дакар ва шеъри озоди “Дар боғи шоҳӣ” дар Алҷазоир рӯи қоғаз омадаанд. Шоир дар шаҳри Табрез дар зиёрати зодгоҳи шоири номдори муосири Эрон Муҳаммадҳусайни Шаҳриёр, ки устоди ғазали муосири форсӣ буд, ғазале сурудааст, ки “Байти тарҷумон” ном дорад ва шеваю равиши ғазалсароии Шаҳриёрро ба хотир меорад. Дар шаҳри Теҳрон ду рубоӣ эҷод намудааст, ки “Дар пойи ҳайкали Умари Хайём” номидааст ва албатта, ин ишораи огоҳонаи муаллиф аст ба устоди рубоӣ будани Хайём. Ин рубоиҳо мазмуни риндона ва айёшона доранд, ки аҳдофашон муайян аст. Шеъри сафеде, ки дар Теҳрон гуфтааст, “Навҳаи хурӯс” ном дорад ва сабки ашъори Нимо Юшиҷ, Аҳмади Шомлу ва Ахавони Солисро ба ёд меорад. Дар шаҳри Тошканд “Тарона” ва дар Кишинёв шеъри чаҳорпораи “Ҷашни шароб”- ро эҷод кардааст. Тобишҳои иҷтимоии ин силсила хеле рӯшананд ва гӯянда сидқу отифаро дар онҳо арзонӣ доштааст. Ӯ намояндаи мардуми соҳибистиқлоли Тоҷикистон аст ва аз ҳар сафар раҳоварди шоиронае овардааст. Масалан, шеъри “Дар боғи ҳукуматӣ” (Исломобод) чунин бардошти шоиронаи Гулназарро бозгӯ мекунад:

Дар растае, ки дастниҳоли бузургон
Сабзу хуррам аст,
Дидам дарахти хушбари Раҳмон Набиро.
Гуфтам: ниҳоли мо ба хоки ғайр қад кашад,
Дар хоки мо нишондаи мо бар намедиҳад [8, с. 188].

Дар ин шеър сухан дар бораи ниҳоли дар боғи ҳукуматии Исломобод шинондаи нахустин Президенти қонунии Тоҷикистон зиндаёд Раҳмон Набиев меравад, ки берун аз марзи кишвари мо ҳам нишонааш боқист.

Яке аз асарҳои нисбатан калони дар солҳои охир эҷоднамудаи устод Гулназар манзумаи “Дӯст” (2006) мебошад. Ин асарро муаллиф манзума номида бошад ҳам, аз ҷиҳати сужету композитсия ва фарогирии мавзуъ достон аст. Асарро шоир ба 65- солагии дӯсташ Ҳоҷӣ Муҳаммадраҷаби Шарифзодаи Ярмӣ чун туҳфа эҳдо кардааст, аммо дар он образҳои

реалии фарзандони фарзонаи миллат Лоиқ Шералӣ ва Ҷӯрабек Муродов низ таҳассум ёфтаанд. Дар ин достони лирикӣ масоили мубрами иҷтимоиву ахлоқӣ ва фалсафӣ матраҳ шудаанд, ки бо банду басти тоза рӯи қоғаз омадаанд.

Профессор Атахон Сайфуллоев дар бораи достони “Дӯст” чунин изҳори андеша кардааст: “Вай бо забони равон, фасеҳу балеғ, ширин ва образнок таълиф ёфтааст. Шоир санъатҳои маънавӣ ва лафзиро устодона корбаст мекунад” [3, с. 25-26].

Маъруфтарин шеъри иҷтимоии устод Гулназар Суруди миллист, ки мо роҷеъ ба он дар мақолаи алоҳида андешаронӣ кардаем.

Хулоса, Гулназар дар баробари шоири лирик буданаш шоири авангарди иҷтимоъгарост. Сараввал худи ӯ ба дараҷаи шахсияти иҷтимоӣ пухта расидааст, ки ба ӯ чор омили иҷтимоӣ таъсир расонидаанд. Гулназар бо маънои томаш фарзанди замон буд. Бетарафиро ба ҳодисоти айём бешарафӣ медонист. Ашъори иҷтимоии ӯ дар мавзуоти мухталифу доманадор ва бо забони шоирона эҷод шудаанд. Ӯ аз ҳар падидаи хуб меболид ва аз ҳар падидаи номатлуб эътироз мекард ва таассуроту эҳсосоти худро ба сарҳади шеър мекашид.

Адабиёт

1. *Акбаров, Ю. Меҳри Ватан / Юсуф Акбаров.- Душанбе: Маориф, 1989. - 128 с.*
2. *Аскар, Ҳаким Дар қаламрави сухан / Ҳаким, Аскар.– Душанбе: Ирфон, 1982.*
3. *Асозода, Х. Таърихи адабиёти тоҷик. (давраи нав). Китоби дарсӣ барои мактабҳои олӣ / Х.Асозода. - Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2014 .- 672 с.*
4. *Гулзори Гулназар. Китобномаи шарҳиҳолӣ (библиография). - Душанбе: Эҷод, 2005. - 164 с.*
5. *Гулназар. Дӯст. Ниёзӣ, Нурмуҳаммад. Шасту панҷ муҳра / Гулназар, Нурмуҳаммад Ниёзӣ. - Хуҷанд, 2006. - 236 с.*
6. *Гулназар. Лолаҳо дар ёлаҳо / Гулназар. - Душанбе: Бухоро, 2017.- 160 с*
7. *Гулназар. Растохези сухан / Гулназар.- Хуҷанд: Нури маърифат, 2015.- 300 с.*
8. *Гулназар. Туву хубиву раъноӣ / Гулназар. - Душанбе: Адиб, 2010. - 408с.*
9. *Гулназар. Ҳар мисраи шеър Тоҷикистони ман аст / Гулназар. - Хуҷанд, 1997. - 88 с.*
10. *Луғати мухтасари энсиклопедии тоҷикӣ ба русии кори иҷтимоӣ. - Душанбе, 2013. – 158 с.*
11. *Маъмур, С. Ғаввоси дарёи шеър / С. Маъмур // Ҷумҳурият, 1994. - 15 октябр.*
12. *Шафеии Кадканӣ, Муҳаммадризо. Бо чароғ ва оина / Муҳаммадризо Шафеии Кадканӣ. – Теҳрон: Сухан, 1390. - 768 с.*

БОЗТОБИ МАВЗУЪҲОИ ИҶТИМОӢ ДАР ШЕЪРИ ГУЛНАЗАР

Тавре ки аз таҳқиқоти шеърҳои Шоири халқии Тоҷикистон, барандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, муаллифи Суруди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон Гулназар Келдӣ бармеояд, мавсуф дар баробари шоири лирик буданаш яке аз шоирони маъруфи иҷтимоъгаро буда, натанҳо бо ашъори малеҳи лирикӣ, инчунин бо шеърҳои муассиру воқеъбинонаи иҷтимоияш низ дар адабиёти солҳои охири замони Шуравӣ ва даврони Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар адабиёти тоҷик мақоми шоистае касб кардааст. Барои ба дараҷаи шахсияти иҷтимоӣ пухта расиданаш ба ӯ чор омили иҷтимоӣ муассир будаанд. Ӯ бо маънои томаш, фарзанди айёми худ буд. Ба ҳодисаву воқеаҳои сиёсиву иҷтимоӣ бетарафӣ зоҳир намекард. Аз ин ваҷҳ, асари онҳо дар шеъраш бармало ба мушоҳида мерасад. Шоир ба хотири ғоя шеъриятро сарфи назар накардааст. Шеърҳои иҷтимоии ӯ дар мавзуъҳои гуногун ва доманфарох рӯйи коғаз омадаанд. Вай аз ҳар падидаи хуб меболид ва ҳар падидаи номатлубро мавриди интиқоду эътироз қарор медод. Вазъи сиёсиву иҷтимоии солҳои охири Шуравӣ ва солҳои аввали Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон дар шеъраш воқеъбинона инъикос ёфтаанд.

Калидвожаҳо: Гулназар, мавзуи иҷтимоӣ, замони Шуравӣ, Истиқлолияти давлатӣ, адабиёти тоҷик, ғоя, шеърият, интиқоду эътироз, вазъи сиёсию иҷтимоӣ, воқеияти тасвир.

ОТРАЖЕНИЕ СОЦИАЛЬНЫХ ТЕМ В ПОЭЗИИ ГУЛЬНАЗАРА

Как следует из исследований поэзии Народного поэта Таджикистана, лауреата Государственной премии имени Абуабдуллоха Рудаки, автора Национального гимна Республики Таджикистан Гульназара Келди, он, помимо того, что является лирическим поэтом, также является одним из известных социальных поэтов, и не только своими прекрасными лирическими стихами, но

и своими влиятельными и реалистичными социальными стихами завоевал достойное место в таджикской литературе последних лет советской эпохи и периода государственной независимости Республики Таджикистан. Для того, чтобы он достиг степени зрелой социальной личности, на него повлияли четыре социальных фактора. Он в полном смысле слова был сыном своего времени. Он не проявлял безразличия к политическим и социальным событиям и явлениям. Поэтому их влияние ясно прослеживается в его стихах. Поэт не жертвовал поэзией ради идеи. Его социальные стихи написаны на различные и широкие темы. Он гордился каждым хорошим явлением и критиковал и протестовал против каждого нежелательного явления. Политическая и социальная ситуация последних лет советской эпохи и первых лет государственной независимости Таджикистана реалистично отражены в его стихах.

Ключевые слова: Гульназар, социальная тема, советская эпоха, государственная независимость, таджикская литература, идея, поэзия, критика и протест, политическая и социальная ситуация, изображение реальности.

REFLECTION OF SOCIAL THEMES IN GULNAZAR'S POETRY

As evidenced by studies of the poetry of Gulnazar Keldi, the People's Poet of Tajikistan, laureate of the Abuabdulloh Rudaki State Prize, and author of the National Anthem of the Republic of Tajikistan, he, in addition to being a lyrical poet, is also one of the well-known social poets. He has earned a worthy place in Tajik literature of the latter years of the Soviet era and the period of state independence of the Republic of Tajikistan, not only with his beautiful lyrical poems, but also with his influential and realistic social verses. Four social factors influenced him to reach the level of a mature social personality. He was, in the truest sense, a child of his time. He did not remain indifferent to political and social events and phenomena. Therefore, their influence is clearly observed in his poems. The poet did not sacrifice poetry for the sake of an idea. His social poems are written on various and broad topics. He took pride in every good phenomenon and criticized and protested against every undesirable one. The political and social situation of the last years of the Soviet era and the first years of the state independence of Tajikistan are realistically reflected in his poems.

Keywords: Gulnazar, social theme, Soviet era, state independence, Tajik literature, idea, poetry, criticism and protest, political and social situation, depiction of reality.

Дар бораи муаллиф
Ҳамроев Равшанқул Замонович
Номзади илмҳои филологӣ, муаллими калони кафедраи забон ва адабиёт
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
E-mail: ravshan60@mail.ru

Об авторе
Хамроев Равшанкул Замонович
Кандидат филологических наук, старший преподователь кафедры язык и литература
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
E-mail: ravshan60@mail.ru

About the author
Hamroev Ravshanqul Zamonovich
Candidate of Philological Sciences, Senior Lecturer at the Department of Language and Literature
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
E-mail: ravshan60@mail.ru

ТДУ 891.550

АНДЕШАҲОИ ФАЛСАФӢ, ИРФОНӢ ВА ИШҚӢ ДАР ЭҶОДИЁТИ РУСТАМ ВАҲҲОБЗОДА

Миралиева С. Т.
Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С. Раҳимов

Истилоҳи фалсафа чист? Фалсафа илм дар бораи қонунҳои рушду инкишофи табиат, ҷамъият ва тафаккур буда, илмест, ки дар хусуси мабдаъҳо, ҳақиқати ашё ва сабаби мавҷудияти онҳо баҳс мекунад. Андешаҳои файласуфонаи Юнони Қадим Демокрит, Афлотун, Арасту, Буқрот, Протагор, Суқрот, Анаксагор ва файласуфони Шарқ Абунасри Форобӣ, Ибни Сино ва Фирдавсӣ барин алломаҳои давр гавҳари гаронбаҳое ҳастанд, ки дар пешрафти ҳаёти чандинҳазорсолаи мардум хидмат мекунанд.

Ба саволи файласуф кист ақидаи Комил Бекзодаро меоварем, ки чунин аст:

1. Файласуф касест, ки зиндагии инсонро бо тарозуи ҳастӣ ва нестӣ андозагирӣ менамояд. Яъне бехатарии вуҷудӣ. Вуҷудиинсонӣ.

2. Файласуф шахсе ҳаст, ки ҳаёти одамиро аз нуктаи назари абадият мавриди арзёбӣ қарор медиҳад.

3. Файласуф фарде мебошад, ки дар ҷустуҷӯйи ҳалли муаммои зиндагӣ ва марги инсоният аст.

Муаллиф асари безаволи “Шоҳнома”-и Фирдавсиро, ки баъзеҳо “афсонае беш нест” номидаанд, чунин посух медиҳад: “Аҷам зинда кардаам бад-ин порсӣ”, танҳо забон нест, ҳадафи муҳимтаринаш фалсафаи “Шоҳнома” аст. Фалсафаи “Шоҳнома” дар ҳақиқат як ҷаҳонбинӣ ва ҳикмати ноби умумиинсонӣ ва умумиҷаҳонӣ аст. Руҳбаландии маънавии Фирдавсӣ маҳз аз эҳсоси ин маънӣ буд. Ӯ ба хотири ин ҳадаф 35 соли умрро дар таълифи ин китоб сарф кард. Вагарна “сездаҳ раҳ сад ҳазор “-и Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ низ порсӣ буданд!” [3, с. 38-42].

Асри XIII давраи авҷи тасаввуф ва адабиёти тасаввуф ба шумор меравад. Дар ин аср бо зуҳури Ҷалолуддини Румӣ шеъри суфиёна ба қуллаи таҳаввулу такомул расид. “Девони кабир” ё “Куллиёти Шамси Табрезӣ” ва “Маснавии маънавӣ”-и ӯ аз беҳтарин ва бузургтарин шоҳкориҳои шеъри ирфонӣ мебошанд. Пас шеъри ирфонӣ чӣ гуна аст? Мувофиқи ақидаи Исрофилниё, ки чунин изҳор доштааст: “...Ирфон, ишқ ва ахлоқ аз муҳтавои аслӣ ва муҳимтарини дарунмояву мавзуи шеър, алалхусус ғазали форсии тоҷикист... дар асл дарунмояи ирфон худ ишқ аст, ишқи илоҳӣ ва аксари орифон, аз ин ишқ сухан гуфтаанд... Барҷастатарин осори ирфонии адаби форсӣ, чун “Ҳадиқа”-и Саноӣ, “Мантиқ-ут-тайр”-и Шайх Аттор, “Маснавии мавлавӣ”-и Мавлавӣ ва ғайра дар қолаби назм суруда шудаанд... [10, с. 39-40].

Дар таърихи адабиёти форсу тоҷик Ибни Сино ҳамчун шоири ориф эътироф гашта, муҳимтарин қисмати осори адабии ӯро шеърҳо ташкил медиҳанд, қасида ва ғазалҳои шоир тасаввуфи ва ахлоқианд, вале рубоиҳои Сино шоирона садо додаанд...

Таълимоти тасаввуфи ҳарчанд, ки дар замони сарчашмаҳои исломӣ сабзида бошад ҳам, аммо чи хеле ки муҳаққиқони машҳури шуравӣ Бертелс Е. Э қайд кардааст: “дар он инчунин унсурҳои буддоия, навафлотуния, зардуштия ва дигар оину эътиқодро низ зиёд дучор омадан мумкин аст” [4, с. 95].

Одинаев М. С дар китоби “Ташаккул ва андешаҳои фалсафӣ ва инсоншиносии Афзалуддини Кошонӣ” овардааст: “Дар таълимоти тасаввуф масъалаи Худошиносӣ ва худшиносии инсон бо ҳам сахт тавъаму алоқаманданд”[16, с. 38]. Ё ин ки ин муаллиф дар ҷои дигари ин китоб овардааст: “ Мувофиқи ҳадиси қудси (суханони Худованд, ки дар Қуръон ворид шудаанд, тасҳеҳи муаллиф), Парвардигори олам махлуқотро барои шиносидани худ офаридааст: “ Кунту канзан махфиян фа арафту ан урафа фа халақту –ал халқа” (“Ман ганҷинаи пинҳон будам ва бихостам то маро бишносанд, пас махлуқотро биофаридам”) [16, с. 38].

Афкору андешаи фалсафию ирфонӣ дар ашъори кулли шоирони адабиёти муосир низ ба чашм мерасад, вале бинобар он ки мазӯи назари мо андешаҳои фалсафӣ, ирфонӣ ва ишқӣ дар эҷодиёти Рустам Ваҳҳобзода аст, бо ҳамин иктифо мекунем. Лобалои эҷодиёти Рустам Ваҳҳобзодаро шеърҳои фалсафию ирфонӣ ва ишқи малакутӣ ташкил мекунад. Ишқи ҳақиқии ӯ, маҳбуби воқеии ӯ, вуҷуди Ҳақ, Офаридагор аст. Чуноне ки худи ӯ мегӯяд:

Ҳар шабам ғамҳои ту дар хуни дил тар мекунад,
Орзуи нолае дорам, ки маҳшар мекунад... [9, с. 103]

Ё ин ки дар манзумаи “Лозуркӯҳ” мегӯяд:

Саҷҷодаи туст осмони шаб,
Тасбеҳи ситораҳо дар ангуштат.
Дарёи шароби нур мерезад
Дар косаи сангҳо зи чархуштат...

Умре ба шаҳомати ту менозам,
Эй маҳзари руҳи бешикасти ман.
Аз шохаи килки ту қалам кардам,
Ангушти Масеҳ шуд ба дасти ман... [7, с. 7].

Камол Насрулло роҷеъ ба иншои ин манзума ва андешаҳои мутафаккиронаи шоир Рустам Ваҳҳобзода чунин изҳори назар намудааст: “Дар “Лозуркӯҳ” шоир кӯшидааст мавзуъҳои фалсафӣ, иҷтимоӣ, экологӣ, инсониву руҳониро дар мисоли як гӯшаи диёри худ ба сатҳи башариву умумиинсонӣ бардорад ва мавриди пажӯҳиши андеша қарор диҳад” [15, с. 10].

Ё дар шеъри дигаре:

Маро бо гиря раҳо кардию бо ханда гирифтӣ,
Қасам ба кас нагирифту маро ту банда гирифтӣ...
Замона хост кунад хурд устухони маро ҳам,
Маро ту аз буни дандони ин даранда гирифтӣ.
Зи таъну уҷби ситорамаобҳо нарамидӣ,
Ту, осмонтаборо, чунин фиканда гирифтӣ.
Ба шоми тираи ман хилъати саҳар бикашидӣ,
Зи дӯши хастаи дил ҷомаҳои жанда гирифтӣ.
Чи марҳамест ба дастони меҳрубони ту, эй Дӯст,
Дили маро зи танури ҷаҳон канда гирифтӣ [9, с. 107].

Таърифу таҳсин аз он маҳбуб (Худованд - С. М.) дорад, ки ҳангоми зодан бо гиря кардан наҷотам додию чун ҳангоми ҷон додан бо ханда қабул намудӣ, ҳеҷ касе маро чунин қабул накард, аммо ту бандаи худ кардӣ, замонаи хунхор хост чун дарандае устухони маро майда кунад, аммо аз зери дандони ин дарандаҳӯҳо раҳоям кардӣ, зи ғуруру таънаи осмонтаборро натарсида, маро ба зери сояи худ гирифтӣ, ба зиндагии чун шом ба охиррасидаи ман, хилъати субҳро бипӯшондӣ, яъне зиндагии маро зи нав оғоз намудӣ, дастони ту эй Дӯст доруву даво ва марҳаме шуд, ки дили маро аз ин ҷаҳони монанди оташи танур сӯзон канда гирифтӣ, ки ин ҷо шоир Дӯст (яъне Офаридагорро - С. М.) дар назар дорад, ки маро аз ҳама балоҳо раҳондӣ.

Ё ин ки дар ғазали дигаре бо номи “Мадҳуши ту”:

...Рӯзе, ки ту фирӯз зи майдон бадар ойӣ,
Чун аскари захмин ба сари дӯши ту мирам.
То чанд ба озар таҳаммул битавон кард?
Охир сухане, дар лаби хомӯши ту мирам.
Нанг аст ба тадбир зи ту ғафлати ошиқ,
Мадҳуши ту, мадҳуши ту, мадҳуши ту мирам [9, с. 112].

Ҳамон рӯз агар ту ғолиб шавӣ, монанди аскари захминшуда дар ин ҷанг ба тахтапӯшти ту хоҳам мурд, то ба кай ба ин ҷабру ҷафо, ки бо ман мекунӣ, яъне ту сухан намекунию хомӯш ҳастӣ то ба кай сабр кунам, айб аст аз ошиқ бехабарию чорае намеандешӣ, ман аз ин ишқи ту сархӯшу маст мемирам.

Ё ин ки дар ғазали “Маншури мансурӣ” мегӯяд, ҳар куҷое, ки равонам бикунӣ, куҷо

метавон рафт, сару дилам дар пеши ту ҳаст, ба ҳеҷ куҷо рафта наметавонам, бо равише чун паргор (сиркул) дар гирди ту мисли доира мегардам:

...Дилам бар остони ту, сарам бар остони туст,
Ба ҳар сӯи бирон, даври ин паргор меоям... [9, с. 113]

Ё дар ғазали “Чӣ оташе”:

Чӣ оташест гирифт аз лаби фатилаи ман,
Маро бо ишқи ту сар мебурад қиблаи ман.
Ҳазор ҳилла кашидам зи шеър бар асарат,
Шукӯҳи номи ту аз ҳам гусехт ҳилаи ман.
Шунидам, ки Худо ҳам ҷамол дорад дӯст,
Чӣ гуна дӯст надорам туро, ҷамилаи ман... [9, с. 117]

Бисёр орифон дар ҷодаи худшиносӣ ва худошиносӣ ба марҳилае мерасанд, ки дар байни худ ва Офаридагор ҳеҷ парда ва монеаро дигар намебинанд. Шариат манзилест, ки дар он солик бояд тамоми аҳкоми шаръии исломро иҷро кунад, то аз ин водӣ ба водии ҳақиқат дохил шавад [16, с. 39]. Ин аст, ки шоир дар ғазали бо номи “Пос” ба маҳбуби ҳақиқии худ ба гӯфтугӯи ошкоро дар сухан аст:

Ё Раб, ба ҷуз ту ёри дигар нест, нест, нест.
Ҷуз тоати ту кори дигар нест, нест, нест...
Дар чорсӯи даҳр ҳама вартаи балост,
Ҷуз амни ту ҳисори дигар нест, нест, нест.
Эй нури чашм, гарчи туро ҳеҷ кас надид,
Ғайри ту ошкори дигар нест, нест, нест...
Ҳар ҷое ки рафтаем, ба пос истодаем:
Ҷуз бо туам қарори дигар нест, нест, нест [9, с. 120].

Ғайр аз ту дигар дӯсту рафиқ, мӯнисе надорем, ғайр аз бо ту ибодату фармонбардорӣ кардан, дигар коре надорем, дар чор тарафи дунё ҳама фалокати хатарнок аст, ғайр аз девори қалъаи баланди ту дигар ҷои амну осоиштае надорем. Байти аз ҳама таваҷҷӯҳангези ин шеър:

Эй нури чашм, гарчи туро ҳеҷ кас надид,
Ғайри ту ошкори дигар нест, нест, нест.

Дар ин ҷо ҳадс аз он мезанад, ки гарчи туро то ҳол касе надидааст, “Худованд диданашаванда” аст, вале ту ба ҳама ошкору аён ҳастӣ. Дар байти баъдӣ, ҳар ҷо, ки равем ба хотири ҳурмати ту истодаем, ғайр аз ту моро бо дигар кас қавлу қарор ва оромишу осоише нест.

Мутобиқи таълимоти тасаввуф ғояти офариниши олам инсон аст, ки ӯ қодир ба шинохти Худост, аммо худошиносии инсон бе худшиносии ӯ муяссар нахоҳад шуд. Барои ҳамин Паёмбари ислом дар як ҳадиси дигар инсонро ба худшиносӣ таблиғ мекунад: “ Ман арафа нафсаху фақад арафа раббаҳу” (“Ҳар ки нафсашро шинохт ҳамоно Парвардигорро шинохтааст”). Таносуби инсону Худо таносуби олами асғару олами акбар аст. Инсон мисли оинаи кӯчакест, ки нури Худованд (Олами акбар) дар он таҷаллӣ кардааст”[1, с. 92; 2, с. 8]. Тавсифи ин нури таҷаллиро шоир Рустам Ваҳҳобзода дар шеъри “Наврӯзӣ” чунин баён доштааст:

... Донӣ, чаро ба суфраи наврӯзӣ
Ойина дар баробари Қуръон аст?
То ки ба рӯи хеш назар созӣ,
Рӯи ту низ мусҳафи Яздон аст... [9, с. 33].

Ё ин ки ба ҳамин маъно дар шеъри дигаре бо номи “Муноҷот” чунин баён доштааст:

... Дар қалби мо дурри дарист, дар қалб ҳасту қалб нест,
Аз мои агар ҷӯйӣ гуҳар, камтар зи дарё нестем.
Ойинаи рӯйи туем, эй рӯйи ту рӯйи Худо,
Эй Дӯст, бар мо ҳам нигар, камтар зи дарё нестем... [9, с. 109]

Дар дили мо дурри носуфта, марвориду гуҳар аз забони форсии тоҷикӣ аст, дар он қалб ҳастию аммо ҳамон қалб нест, аз мо агар гуҳар (нажод, сиришт) , мисли дарё беканорем, ойинаи рӯйи туем ҳамон фалсафаи дар боло оварда шуда, рӯи кучаке аз рӯи туем, Эй Дӯст

(Офаридагор, Парвардигор) бар мо ҳам назар кун, аз дарё ҳам камтар нестем.

Рустам Ваҳҳобзода оиди фалсафаи Наврӯз шеъру рисола ва мусоҳибаҳои ҷолибу пурҳикмате намудааст, аз ҷумла дар мусоҳиба бо Толиби Луқмон чунин иброз намудааст: “ ...Дар даврони қабл аз Авасто ва чӣ дар давраи асотирӣ ва баъд аз он мо як ҷараёни ҳамсону мусовӣ байни се қутбе, ки дар назарияи ноосфера ба назар мерасад, мушоҳида мекунем. Ин се қутб инсон, табиат, сатҳи олии андешаву хиради инсон, яъне ақли кулл аст... Шиори нахустини фарҳанги мо пиндори нек, гуфтори нек ва кирдори некро бигирем. Инҳо суханони оддӣ нестанд, балки дарки моҳияти онҳо дар тағйироти муҳити зист ва инсон таъсир мерасонад... Ин дар фарҳанги мардуми зиёд зоҳир мешавад. Масалан мардум мегуянд, агар шумо нияти нек кунед, коратон ба хайр мешавад. Ё дар бораи баъзе инсонҳо мегӯянд, ки Одаме, ки қадамаш бобаракат аст. Яъне инсонест, ки иродаи нек, маниши нек дорад ва ҳуввияти он инсон дар фазое, ки вуҷуд дорад, мояи хайру баракат мешавад.

Дар байти зери “Шоҳнома” низ мо ҳамин се қутб Худованд, имон, яъне ҷон, равон, зиндагӣ ва хирадро мебинем:

Ба номи Худованди ҷону хирад
К-аз ин бартар андеша барнагзарад.

Пиндори нек, гуфтори нек, кирдори нек муқаддима ва асли фалсафаи Наврӯз аст... Аз ҷумла дар мавзуи гуфтугӯи тамаддунҳо, ки ҷони фалсафаи Наврӯз аст... Ҳатто бархе аз донишмандони исломӣ ин назарияро дар осорашон идома додаанд ва рӯзи хилқати Одам алайҳиссаломро ҳамин рӯзи Наврӯз донистаанд. Дар ривояти дигар рӯзи ҳубути инсонро аз осмон ба замин ҳамин рӯз донистаанд... [5, с. 10].

Ин ақидаи фалсафии исломиро шоир ба риштаи назм кашида чунин баён доштааст:

Наврӯз рӯзи хилқати Инсон аст,
Рӯзи кушудани дари кайҳон аст...
Рӯзи шукуфтани гули Хуршед аст,
Рӯзи таваллуди маҳи Обон аст.
Наврӯз рӯзи тантанаи уммед аст,
Наврӯз рӯзи рӯйиши имон аст.
Рӯзи фуруд омадани фарвар,
Рӯзи фароз омадани Ҷон аст... [9, с. 33; 6, с. 5]

“Асл (принсип) - ҳои асосии забоншинохтии ирфони форсии тоҷикӣ аз ояти 79-уми сураи “Нисо”: “ Он чи аз некӯи ба ту расад аз Худост; ва анчӣ аз бадӣ ба ту расад, аз худи туст” сарчашма мегиранд... Агар ба ҷавҳари ҷаҳони андешаи бузургмардони башарият тааммул кунем, хоҳем дид, ки мақулаҳои бунёдии фалсафаи онон “ишқ”-и Мавлоно, “нур”-и Суҳравардӣ, “руҳи маҳз”-и Ҳегел, “озодии ирода”-и Кант, “зеҳният”-и Кйеркегард, “dasein”-и Ҳайдеггер ва ғайраву ғайра дид ва равиши хосе дар шинохти ҷавҳар ва сиришти ҳастӣ ва инсон аст...” [17, с. 12]. Мо ин ҳама ишқу нур, руҳи маҳзу озодии ирода, зеҳниятро дар ҷавҳари шеърҳои шоир Рустам Ваҳҳобзода мебинем, ки ин ҳама аз Худошиносию худшиносии ӯ дарак медиҳад. Ин аст, ки ӯ дар шеъри “Намози дил” мегӯяд:

... Шеъри ишқи ман намози дил ба даргоҳи Худост,
Бар Худо биспорам онро, ки каҷаш тафсир кард... [9, с. 118]

Ё ин ки дар шеъри “Қадр”:

Дили бедор, пур аз савту салоӣ имшаб,
Ҳама тасбеҳу таровеҳу дуъоӣ имшаб.
Ҳар чӣ аз моҳ бикоҳад, ба ту меафзояд,
Ҳама нурию сурурию зиёӣ имшаб...
Ба сарои ту фуруд омада мурғони ҷинон,
Ҳайф бошад, ту пари ҷон накӯшоӣ имшаб...
Ба Худо бошу ба худ бош, ки ин ҷамъиятест
Баҳри ту кофӣ, ар аз ҷумла ҷудоӣ имшаб...
Рамазоно, на агар хидматӣи мо лоиқ буд,
Лаб ба шиква бари Довар накушоӣ имшаб...
Дили бедор, зиҳӣ давлату иқбол туро,

Ки саломию дурудию салоӣ имшаб [9, с. 108].

Тавзеҳи мурғи ҷинон дар поварақи ин саҳифаи китоб чунин овада шудааст: 1. Ишора ба ояи каримаи “Таназаллул малоикату варруҳу фиҳо би изни Раббиҳим мин кулли амр”. (Ва дар он шаби фуруд омадани фариштаҳо ва Руҳ ба изни Парвардигорашон барои ҳама корҳо). 2. Ишора ба мисраъе аз тасбеҳи Рамазон: “Ло таштакӣ минно ъинда Раббинар Раҳмон”. 3. Ишора ба ояи каримаи “Саломун ҳия ҳатто матлаъил фаҷр”. Шоир дар ин ғазал шаби лайлатулқадр, як шаби пур аз ҳикмати фалсафиро чун як шаби пур аз розу ниёз ва орзую омоли аз ниёгон мерос мондаи мо ва фарҳанги исломиро бо тамоми ҷӯзъёти дар он шаб арза дошата, чунон пай дар пай овардааст, ки дар назар чун шаддаи марвориде, ки ба риштаи назм кашида шудааст.

Ё ин ки дар шеъри “Бародар”:

Туро, эй бародар Худо офаридаст,
Худоро магӯ нораво офаридаст.
Ниҳодаст бар торакат тоҷ аз ақл,
Туро аз азал подшо офаридаст...
Наёварда Қорун касеро ба гетӣ,
На касро зи аввал гадо офаридаст...
Маёзор мӯре, бияндеш к-онро
Худоест, к-ӯ аждаҳо офаридаст.
Маёзор худрову навмед маншин,
Худо ба умеде туро офаридаст [9, с. 129].

Дар дигар ғазалҳои шоир ҳам чунин маъниҳоро дарёфт кардан мумкин аст, ба монанди “Ба паямбарситезон”, силсилаи ғазалҳои “Шаҳри Хуршед” ва монанди инҳо, ки маъноҳои баланди фалсафӣ доранд [12, с. 243-250].

Дар рубоиёту фардбайтҳои шоир Рустам Ваҳҳобзода низ мо андешаҳои фалсафию ирфонии дар сатҳи олӣ гуфташуда ӯро вомехӯрем [13, с. 239]:

Чун нури Ҳақ аз қалби гумон бояд рафт,
Чун андеша миёни ҷон бояд рафт.
Пуйидани ту то ба самар роҳ барад,
Чун об ба решаҳо ниҳон бояд рафт [9, с. 196].

Ҳар кас ба худои хеш розе дорад,
Дар ҳар нафасе тоза намозе дорад.
В-он байзаи аблақе, ки бар мушти хасест,
Дар синаи хеш шоҳбозе дорад [9, с. 206].

Ё Раб, Ё раб, қути маро нур бидеҳ,
Аз нур маро шамъи шаби гӯр бидеҳ.
Он лаҳза, ки дил тиҳӣ шавад аз нурат,
Хоҳеш ба мору хоҳ ба мӯр бидеҳ... [9, с. 208].

Ё аз фардбайтҳо:

Камоли раҳмати Парвардигор аст:
Ба ҷони худ на моро ихтиёр аст. [14, с. 229].

Ало Якто, ало Танҳо, ало Ёр,
Маро танҳо даме бо хеш магзор! [14, с. 230].
Бишнав аз дӯст, агар шиква зи ту дӯст кунад,
Душман аз ту накунад шиква, туро пӯст канад [14, с. 245].

Валӣ гуфтам туро беш хоҳӣ,
Рисолат хатм шуд, маъзур дорам [14, с. 244].

Ҷаҳон моли Худост, эй ҳушёро,
Махоҳ аз дигарон моли Худоро [14, с. 242].

Ҳар гоҳ бо ман “тӯҳмат”-и ислом зананд,
Аз шарм арақшор шавам пеши Худо [14, с. 242].

Устод Рустам Ваҳҳобзода то ҳадде, ки аз абёти гузаштагони адбиёти форсу тоҷик огоҳии хуб дорад, аз китоби Қуръону ҳадисҳо низ маълумоти амиқу тавзеҳкунанда аз бар намудааст. Қобили таваҷҷӯҳ аст, ки ашъораш аз нукоти Қуръонӣ ва аҳодиси набавӣ саршор аст, ин аст, ки каломи ӯ аз Қуръону ҳадис ба таври пайдову ошкоро, гоҳе ба таври пӯшидаву пинҳон ишорае ба ояту ҳадис ва ривояте меравад.

Аз шеърҳои ирфонии ӯ истеъдоди тавонои ӯ дар роҳи шинохти худ ва ҷанбаҳои пинҳони вуҷуди инсон бармеояд. Ӯ огоҳии комил аз осори пур аз розу ниёз ва нуҳуфтаи Аттор, Саноӣ, Мавлоно ва дигар абармардони шеъри форсӣ ва андешепарварони роҳи тариқат дорад. Аз шеърҳои ирфонии Рустам Ваҳҳобзода бармеояд, ки аз олами маонӣ андешаи олӣ, тафаккури фитрӣ ва табъи равони шоирӣ ба ӯ даст додааст, ки аз моҳияти офариниш, шинохтани вуҷуди инсон, арзишҳои аслӣ ва моҳияти воқеии ашёи оламро ба дурустӣ дарк намояд ва бо истеъдоди табиию дилкаш мӯшикофона тавзеҳ диҳад.

Адабиёт

1. *Абдуллоев, Ш. Муқаддимаи фалсафа / Ш. Абдуллоев. – Душанбе: Ирфон, 1998. – 133 с.*
2. *Абдуллоев, Ш. Муқаддимаи фалсафа / Ш. Абдуллоев. – Душанбе: Ирфон, 2004. – 261 с.*
3. *Бекзода, К. Шахсияти фалсафии Ҳаким Абулқосим Фирдавсӣ аз нигоҳе дигар / К. Бекзода // Илм ва ҷомеа. – Душанбе, 2018. – № 3 (11). – С. 38-42.*
4. *Бертелс, Е. А. Суфизм и суфийская литература / Е. А. Бертелс. – М.: Наука, 1965. – 556 с.*
5. *Ваҳҳобзода, Р. Наврӯз рӯзи хилқати инсон аст / Р. Ваҳҳобзода // Минбари халқ. – Душанбе, 2013. – № 12 (887). – С. 10.*
6. *Ваҳҳобзода, Р. Наврӯз / Р. Ваҳҳобзода // Адабиёт ва санъат. – Душанбе, 2014. – № 12, 13 (1724). – С. 5.*
7. *Ваҳҳобзода, Р. Лозуркӯҳ / Р. Ваҳҳобзода // Адабиёт ва санъат. – 2018. – 27 июн. – С. 6-7.*
8. *Ваҳҳобзода, Р. Аз оташи Сада то фурӯғи Наврӯз ва Меҳргон // Адабиёт ва санъат. – 2018. – 8 феврал. – №6 (1925). – С. 4.*
9. *Ваҳҳоб, Р. Салом / Р. Ваҳҳоб. – Душанбе: Адиб, 2015. – 256 с.*
10. *Исрофилниё, Ш. Мурури ба андешаҳои ирфонии Носири Бухороӣ / Ш Исрофилниё // Дин ва ҷомеа. – Душанбе, 2017. – № 10 (43). – С. 39-40.*
11. *Миралиева, С.Т. Баъзе мулоҳизаҳо оид ба ашъори ватандӯстонаи Рустам Ваҳҳобзода / С.Т. Миралиева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – 2020. – № 1. – С. 199-206.*
12. *Миралиева, С. Т. Ғазал ва мавқеи ӯ дар эҷодиёти Рустам Ваҳҳобзода / С. Т. Миралиева // Паёми Донишгоҳи милли Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – 2025. – № 1. – С. 243-250.*
13. *Миралиева, С. Т. Мавқеи рубоӣ ва дубайтӣ дар эҷодиёти Рустам Ваҳҳобзода / С. Т. Миралиева // Паёми Донишгоҳи милли Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – 2025. – № 3. – С. 234-241.*
14. *Миралиева, С.Т. Фардбайт дар эҷодиёти Рустам Ваҳҳобзода / С. Т. Миралиева // Гузоришҳои Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ. – 2020. – № 1 (009). – С. 233-238*
15. *Насрулло, К. Ҳарфе ба лаб як пора ҷон... (ваалайка бар "Салом"-и Рустам Ваҳҳобзода) / К. Насрулло // Адабиёт ва санъат. – 2017. – 13 июл. – № 28 (1895). – С. 10-11.*
16. *Одинаев, М. С. Ташаккули андешаҳои фалсафӣ ва инсоншиносии Афзалуддини Кошонӣ / М. С. Одинев. – Душанбе: Андалеб-Ру, 2015. – 63 саҳ.*
17. *Сӯфизода, Ш. Шинохти маъно дар шеъри ирфонӣ / Ш. Сӯфизода // Адабиёт ва санъат. – Душанбе, 2014. – №15 (1726). – С. 12.*

АНДЕШАҲОИ ФАЛСАФӢ, ИРФОНӢ ВА ИШҚӢ ДАР ЭҶОДИЁТИ РУСТАМ ВАҲҲОБЗОДА

Дар мақола афкори фалсафӣ, ирфонӣ ва ишқӣ дар эҷодиёти шоири муосири тоҷик Рустам Ваҳҳобзода баррасӣ мешаванд. Афкору андешаи фалсафию ирфонӣ дар ашъори бисёр шоирони классикӣ ва муосири адабиёти тоҷик ба чашм мерасад. Таъкид мешавад, ки сарфи назар аз он, ки ғояҳои фалсафӣ ва ирфонӣ дар эҷодиёти бисёре аз шоирони муосир мавҷуданд, маҳз дар шеъри Рустам Ваҳҳобзода онҳо ҷои махсусро ишғол мекунанд. Рустам Ваҳҳобзода оиди ин мавзуъҳо андешаю офаридаҳои зиёде эҷоду таълиф намудааст, ки аз аҳамият холӣ нестанд. Шеъри ӯ пур аз мулоҳизаҳо дар бораи ишқи илоҳӣ, дар бораи ҷои инсон дар ҷаҳон, дар бораи масъалаҳои абадии ҳастӣ мебошад. Муаллиф аз шеърҳои Рустам Ваҳҳобзода, ки дар он ба мавзуъҳои имон, ишқ, марг,

таъйини инсон ручуъ мекунад, мисолҳои зиёд меорад. Маҷоз ва образҳои офаридаи шоир, ки дар онҳо назарҳои фалсафӣ ва ирфонии ӯ мавҷуданд, таҳлил карда мешаванд.

Калидвожаҳо: фалсафа, ирфон, ишқ, шоир, афкору андеша, таълимот, тасаввуф, фарҳанг, Рустам Ваҳҳобзода.

ФИЛОСОФСКИЕ, МИСТИЧЕСКИЕ И ЛЮБОВНЫЕ ИДЕИ В ТВОРЧЕСТВЕ РУСТАМА ВАХХОБЗОДА

В данной статье рассматриваются философские, мистические и любовные мотивы в творчестве Рустама Ваххобзода, современного таджикского поэта. Философские и мистические идеи встречаются в стихах многих классических и современных поэтов таджикской литературы. Подчеркивается, что, несмотря на то, что философские и мистические идеи присутствуют в творчестве многих современных поэтов, именно в поэзии Рустама Ваххобзода они занимают особое место. Рустам Ваххобзода создал и написал много мыслей и произведений на эти темы, которые имеют большое значение. Его поэзия наполнена размышлениями о божественной любви, о месте человека в мире, о вечных вопросах бытия. Автор приводит многочисленные примеры из стихотворений Рустама Ваххобзода, где он обращается к темам веры, любви, смерти, предназначения человека. Анализируются его метафоры и образы, в которых он выражает свои философские и мистические взгляды.

Ключевые слова: философия, мистика, любовь, поэт, мысли и идеи, учение, суфизм, культура, Рустам Ваххобзода.

PHILOSOPHICAL, MYSTICAL AND LOVE IDEAS IN THE WORKS OF RUSTAM VAHHOBZODA

This article examines the philosophical, mystical and love motifs in the works of Rustam Vahhobzoda, a contemporary Tajik poet. Philosophical and mystical ideas are found in the poems of many classical and contemporary poets of Tajik literature. It is emphasized that despite the fact that philosophical and mystical ideas are present in the works of many contemporary poets, it is in the poetry of Rustam Vahhobzoda that they occupy a special place. Rustam Vahhobzoda created and wrote many thoughts and works on these topics, which are of great importance. His poetry is filled with reflections on divine love, on the place of man in the world, on the eternal questions of existence. The author cites numerous examples from the poems of Rustam Vahhobzoda, where he addresses the themes of faith, love, death, and human destiny. His metaphors and images, in which he expresses his philosophical and mystical views, are analyzed.

Keywords: philosophy, mysticism, love, poet, thoughts and ideas, doctrine, sufism, culture, Rustam Vahhobzoda.

Дар бораи муаллиф
Миралиева Сарварбӣ Толибовна
Номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забонҳо
Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С. Раҳимов
734053, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, маҳ. Лучоб, 53
E-mail: sano00475@gmail.com

Об авторе
Миралиева Сарварби Толибовна
Кандидат филологических наук, доцент кафедры языков
Таджикский институт физической культуры имени С. Рахимова
734053, Республика Таджикистан, г. Душанбе, Лучоб, 53
E-mail: sano00475@gmail.com

About the author
Miralieva Sarvarbi Tolibovna
Candidate of Philological Sciences, Associate Professor of the Department of Languages
Tajik Institute of Physical Culture named after S. Rahimov
734053, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Luchob, 53
E-mail: sano00475@gmail.com

ТДУ 821.222.09

МАВҚЕИ ҒАЗАЛ ДАР АШЪОРИ ҒИНОИИ ФАЙЗИИ ДАКАНӢ

Нурова К. А.
Донишгоҳи технологии Тоҷикистон

Таърихи адабиёти форс-тоҷики асри XV-XVI яке аз марҳалаҳои дигари такомули жанри ғазал дониста мешавад. Ин марҳила бо он маънӣ ҷолиби диққат мебошад, ки агар бо Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомиву осори илмиву адабии вай давраи адабиёти муштараки форс-тоҷик ҷамъбастгардида шуморида шуда, он ба се ҳавза: ҳавзаи Хуросон, ҳавзаи Мовароуннаҳр ва ниҳоят ҳавзаи Ҳиндустон, ки дар сухан сабки ҳиндиро поя гузошт, тақсим гардид. Дар ҳавзаҳои номбаршудаи ин жанр бо роҳу равиши тоза рушд намуд, аз нигоҳи сохту муҳтаво такомул ёфт, ки дар ин бора таълифоти хеле зиёд мавҷуд аст [1].

Як идда адабиётшиносону шарқшиносон, монанди Ҳ.Эте, С.Айнӣ, Р.Шафақ, А.Зарринкӯб, З.Сафо, С.Брагинский, Ш.Ҳусейнзода, Р.Ҳодизода, А.М.Хуросонӣ бар он ақидаанд, ки ғазал дар асрҳои IX- X шакл гирифтаву мавҷуд буд. Ин ақида ақидаи ом аст.

Иддаи дигари муҳаққиқон, мисли Ш.Нуъмонӣ, Е.Э. Бертелс, П.Н. Хонларӣ, А.Мирзоев, М.Л. Рейснер ва чанде дигар дар он ақидаанд, ки ғазали истилоҳӣ ҳамчун шакл ё жанри мустақили шеърӣ дар қарнҳои IX- X мавҷуд набуда, он ҳамон тағаззули насиби қасидаҳо мебошад.

Адабиётшинос Аълохон Афсаҳзод таъкид намудааст, ки "... ҳамаи гуфтаҳои тарафайни мутақобил (дар осори А.Мирзоев "Рӯдакӣ ва инкишофи ғазал дар асрҳои IX- X") инчунин мақолаи И.С.Брагинский "Роҷеъ ба пайдоиши ғазал дар адабиёти форс -тоҷик" ба исбот расонидаанд, ки ғазал чун шакли мустақили шеър дар асрҳои IX-X махсус ба зоти худ мавҷуд буд, балки аксар чун суруд хонда мешуд ва барои чунин ном гирифтанаш он ба ғазали пешин, ки аз асрҳои VI-XII боз арзи вуҷуд мекард, низ иртиботе дорад" [2, с. 23].

Дар ашъори ғиноии Файзии Даканӣ ғазал мавқеи аввалро дорост. Ғазалиёти шоир ба ду давраи ҳаёташ: давраи шӯру шари наврасию ҷавонӣ ва пас аз бештар омӯхтану андӯхтанҳо давраи камолот мансубанд. Дар ғазал тахаллуси ӯ Файзӣ буда, дар охирҳои умр барояш тахаллуси Файёзиро интихоб намудааст. Дар "Девон"- и вай 11 ғазал бо тахаллуси Файёзӣ омадааст ва ин ғазалҳоро метавон ба эҷоди охирҳои умри адиб нисбат дод. Ғазалиёти мавсуф дорои матлаъу мақтаъ, вазну қофия ва ҳусни тахаллус буда, узви таркибию композитсионии онҳоро ташкил медиҳанд ва дар ин замина ба муҳтавои ин навъи шеърӣ таъсири амиқ доранд. Баъзе ғазалҳои гӯянда бе тахаллус анҷом ёфтаанд.

Донишманди покистонӣ А.Д.Аршад соли 1967 дар Лоҳур як қисми осори манзуми Файзии Даканиро бо номи "Куллиёти Файзӣ" чоп намуда буд ва дар муқаддимаи он таъкид гардидааст, ки нусхаҳои осори ин шоири ҳиндиюласли форсигӯй дар марказҳои нигоҳдории нусхаи қаламии ҷаҳон ниҳоят зиёданд ва фарқиятҳои ин нусхаҳо низ бисёр. Ин донишманд таъкид менамояд, ки барои чопи лоҳурӣ аз чанд нусхаи ватанӣ истифода кардаем. Ин заҳмати А.Д. Аршад 765 ғазалро дар бар мегирад. Чопи эронии Ҳусайни Оҳӣ бо фарқияти муқаддима нашри факсимиолии чопи лоҳурӣ аст, ки бешубҳа он ҳам аз 765 ғазал иборат аст. Ҳусайни Оҳӣ дар муқаддимааш таъкид бар он дорад, ки дар китобхонаҳои Эрон низ нусхаҳои қаламии осори манзуму мансури Файзии Даканӣ нигоҳдорӣ мешаванд.

Шоир дар гуфтани ғазал асосан ошиқ аст ва ишқро бо тамоми назокаташ тараннум менамояд. Ошиқе, ки аз дидани маъшуқа ҳаловат мебарад, ҷамоли ӯ барояш дилписанд аст, нозу истиғнояш бардоштанист, дар роҳи ишқ аз ҳарифон биме надорад, қаҳру нози дилдорро мепазирад, холашро нигаҳдорандаи чашми бад медонад, ҷудоӣ аз маъшуқаро таҳаммул надорад ва ғ. Агар тамоми осори ғиноии ошиқонаи ин суханвари нозукбаёнро дар тарҳи достони ошиқона барчинем, бароямон чеҳраи як маъшуқаи зебою дӯстдоштанӣ ҷилвагар мешаваду ошиқи шайдоро маҷнун - девона менамояд ва ба худ гирифтор месозад. Зиёда аз ин дар он достон ҳам сурат ва ҳам сирати маъшуқа ба таври будааш равшан намудор мегардад, ки ҷузъ - ҷузъи онро дар ин ё он ғазали шоир метавон дарёфт:

Субҳдам пеши ман омад санаме ҳалқабагӯш,
Мижааш ишватарошу нигаҳаш ғамзафурӯш [3, с. 320].

Ё:

Ду рӯз шуд, ки ҷудо аз ту мекунам фарёд,
Фиғон, ки рафт ҳаёти дирӯзаам барбод [3, с. 202].

Ва ё:

Овора кард ишқ ба якборагӣ маро,
Дар ошиқӣ хуш аст ба оворагӣ маро [3, с. 125].

Ишқи сурудаи Файзии Даканӣ асосан ишқи заминӣ ва инсонист. Он дар заминаи муомилаю муносибати марду зан бунёд ёфта, ҳаётовар асту аз мактаби вуқуъ маншаъ мегирад. Воқеияти ишқи ҳақиқӣ ғазалиёти шоирро бо сабку услуби воқеънигорона зинда, дар ҳаракат, борвар, натиҷабахш ва дилчаспу хотирмон сохтаанд. Ба ин маънӣ, доир ба адабиёти воқеънигорӣ дар асри XVI адабиётшинос Усмон Каримов бамавқеъ навишта буд, ки "Дар аввалҳои асри XVI дар Мовароуннаҳру Хуросон ва дигар қисматҳои Эрон марбут ба тараққӣ кардани шаҳрҳо ва неруи бештар гирифтани мафкураи шаҳриён дар шеъри форсии тоҷикӣ равияи тозае ба миён омад, ки онро адабиётшиносон тибқи маълумоти сарчашмаҳои муътамад "забони вуқуъ" ва "мактаби вуқуъ" номидаанд [4, с. 4]. Дар шеъри Файзии Даканӣ хусусияти муҳимми мактаби вуқуъ, муомилаю рафтор миёни ошиқу маъшуқа ва эҳсосоти онҳоро ба таври табиӣ ба тасвир кашидан аст, ки онро дар ҳар ғазали шоир ба таври равшан метавон мушоҳида намуд. Мувофиқи ишораи Аҳмад Гулчини Маонӣ дар китоби "Мактаби вуқуъ дар шеъри форсӣ" ба таъкид омада, ки ин мактаб дар асрҳои XVI - XVII идома дошта, адибоне чун Бадриддин Ҳилолӣ, Майлии Ҳиротӣ, Муҳташам, Волии Даштибаёзӣ, Ваҳшии Бофқӣ, Ҳисобии Натанзӣ ва дигарон аз намояндагони барҷастаи мактаби вуқуъ мебошанд. Файзиро метавон шомили ҳамин мактаб донист, ки осори ғиноияш бахусус ғазалҳояш, баёнгари ҳоланд:

Мутриб, баланду соз кун имшаб таронаро,
В - аз шеъри ман бихон ғазали ошиқонаро [3, с. 120].

Дар ғазалҳои Файзии Даканӣ манзараҳои пуршӯру шар ва фоҷиангези ишқи Зулайхо бар Юсуф, Лайлӣ ва Маҷнун, Фарҳод ва Ширин дар мисоли симои ошиқи шоир дар муқобалаю муқояса омада, таъкид меравад, ки агар додгустарист, набояд маломати ишқ бар Зулайхо зад ва ку ҳампое дар ин ҷодаи ноҳамвор монанди Лайлӣ !

Чӣ даст мебурӣ, ай теғи ишқ, агар дод аст,
Бибур забони маломатгари Зулайхоро!
Ба ғайри ҷилваи Лайло кӣ мешавад ҳамро,
Хироми обилапоёни даштпайморо [3, с. 180].

Оҳангҳои мадҳӣ аз вижагиҳои дигари ғазалиёти Файзӣ мебошад, ки мо инро дар эҷодиёти ғазалсароёни пешини ӯ ба нудраст дучор омадем. Сабаби дар ғазал оҳанги мадҳиро ҷой додани суханвар худ ба худ маълум аст, зеро вай бо қадами аввалинаш ба дарбор сазовори оила ва иззату эҳтиром гардида, тамоми умр мақоми баланде дар дарбор касб карда буду мебоист поси он ҳамаро нигоҳ дорад. Шоир дар чунин ғазалҳо асосан аз меҳрубонӣ, тавоноӣ, кушодадастӣ, одамият, ғолибиятҳо, ба муносибатҳои хуби инсонӣ ва шабнишинию базмҳо оростани Муҳаммад Акбаршоҳ ёд кардааст:

Мутрибо, оҳанги базми хусравӣ кун, з-он ки ҳаст,
Нағмаи ин базм ширинтар зи ҳар гуфту шунид.
Хусрави аъзам Ҷалолуддин Муҳаммад Акбар аст,
Он ки шому иди моҳи нав ба таъзимаш хамид [3, с. 299].

Шоҳ Акбар дар тасвири маликушшуарои дарбори ӯ дар баробари ҳама сифатҳои баланди сарварӣ ҳокими ҷаҳонкушою ҷаҳонгир, ҷаҳонпаноҳ, базморо ва комрасонандаи халқ аст, ки ин ҳама дар жанри ғазал ҷой дода шудааст. Агар ба ин гуна ғазалҳои Файзии Даканӣ ҷиддан таваҷҷуҳ равад, мебинем, ки он хоси қасидаҳои мадҳист. Ин ҷо ҳамин қадар мегӯем, ки шоир муҳтавои хоси қасидаро дар ғазал устокорона ғунҷонида тавонистааст:

Биё, соқӣ, зи худ огоҳиям деҳ,
Шароби базми Акбаршоҳиям деҳ! [3, с. 398]

Файзии Даканӣ дар тамоми даврањои эҷодиаш ба фасли зебои баҳор ва ҳусни беҳамтои он дилбастагии алоҳидае дошта будааст, ки он дар ғазалиёти ӯ баралло бо тобу ҷилваи худ нишон дода шудааст. Шоир баҳорро, зебоиҳои баҳорро, накҳати баҳоронаро бо диди худ, дар зодгоҳи худ, ба таври худ тасвир мекунаду аз он ҳаловат мебарад:

Баҳор омаду наргис ба боғ мастӣ кард,
Сабо ба турраи сунбул дароздастӣ кард.
Зи худ баромадаӣ, дар чаман намебинам,
Ба ғайри ғунча, ки рафъи ҳубоби ҳастӣ кард.
Фитода булбули бедил ба пойи шоҳиди гул,
Бараҳманест, ки мастона бутпарастӣ кард [3, с. 317].

Дар ин тасвир омадани “бараҳман”-у “бут” ва дар тасвири поён такроран омадани номи “тӯтӣ” баёнгари он аст, ки баҳори тасвирмекардаи суханвар бешубҳа баҳори Ҳиндустон, ки бо бараҳманони доно ва тӯтиёни шакаргуфтори худ машҳур аст, мебошад:

Азбаски сабза аст баҳори тарабфазо,
Тӯтӣ барояд, ар шикани байзаи ҳумо.
Гиранд шӯшаҳои забарҷад ба ҷойи зар,
Гар бар миси музоб зананд гарди кимиё.
Ҷонбахши баҳор гар ин аст дар ҷаҳон,
Бархезад аз замона дигар расми хунбаҳо.
Ҳар дам ба ҷойи сабза дар ин сабзмарғзор,
Сар барзананд тӯтиякони сухансаро [3, с. 217-218].

Дар ғазалиёти Файзии Даканӣ ҳамчунон мавзуъҳои табиати нотакрор, андешаҳои иҷтимоӣ ва зебоишиносӣ, ҳикмати зиндагӣ, тараннуми дӯстӣ, фаною бақо, фикрҳои бикри тарбиявӣ-ахлоқӣ ва гоҳе ақидаҳои тасаввуфӣ дар ҷомаи риндию бодапарастӣ ҷой дода шудаанд:

Ид омаду бекор нишастан кӣ тавонад?
Бе гармии бозор нишастан кӣ тавонад?
Гул аз сари девори чаман карда тамошо,
Рӯ дар паси девор нишастан кӣ тавонад? [3, с. 249]

***

Баҳор омад, чунин танҳо набошем,
Гар ӯ бе мост, бе ӯ мо набошем.
Саводи шаҳр дилҳоро сияҳ кард,
Чаро чун сабза дар саҳро набошем! [3, с. 373]

Дар ғазалҳои Файзии Даканӣ дар баробари мавзуъҳои дар боло матраҳшуда гоҳе афкору андешаҳои ирфонӣ - тасаввуфӣ, боварӣ ба сарнавишти қисмат низ ба назар мерасанд. Аммо ғазалҳое, ки мазмун ва мундариҷаи ирфонӣ доранд, чандон зиёд набуда, новобаста ба маъмуливу заминӣ будани аксарашон, дар онҳо калимаву таркибу ибораҳои орифонаро метавон дучор омад, монанди зуҳд, хуршеди ишқ, харобот, ринд май (чандин дафъа), бут, ғамза, пир, соқӣ, май, пири муғон, зоҳид, муҳтасаб, мурид, дурдикаш, солуи тариқат, дайри муғон, дуӣ, кӯйи муғон, майкада, савмаа, маҷлиси риндон, сайри сулук, ваҳдат, воиз, пири дайр, ирфон ва ғайра. Масалан:

Мурид пири мурғонему дар тариқати ишқ,
Ба ӯ дуруст бувад нисбати иродати мо [3, с. 208].

Мисоли дигар:

Таъзими ҳоли дурдкашон дошт дар назар,
Пири муғон, ки бар сари хум монд хишти мо [3, с. 210].

Ва ё:

Ба қавли муфтии ишқ аз дуӣ бишӯй варақ,
Ки дар масоили тавҳид ин ривоят нест [3, с. 268].

Дар ин гуна андешаҳои Файзии Даканӣ оҳангҳои афтодаруҳиву дунёбезорӣ низ ба чашм мерасанд, ки сабаби асосии афтодаруҳиву навмедиҳои суханвар бояд марбути ҳаёти

иҷтимоии вақт аз талаботи он замон бошад. Ҷамъбасти чунин ақидаҳои ӯро метавон ба таври хулоса дар ин байт дид. Шоир гуфтааст:

Чун омадем аз ҳама танҳо дар ин работ,
Ҳам вақти рафтан аз ҳама танҳо бурун равем [3, с. 467].

Ақидаҳои риндиву бодапарастӣ ва ба ин роҳ доир ба ҳаёти воқеӣ тасаввуроти худро баён намудани Файзии Даканӣ низ дар ғазалиёти ӯ дида мешавад. Шоир соқии маҷлиси риндон, дурдинӯши ин маҳфил ва болонишини ҳарифон аст. Вай риндону бодапарастонро ба майкада даъват менамояд, ҳамнишиниву ҳамдилиро тараннум месозад, қадаҳ бо ёди дӯст мебардорад, гумномиро дар роҳи ишқи дӯст авлотар аз ҳама чиз медонад. Инчунин дар замон ин суханвар шоирони беҳудагӯю беҳударӯю беқимат зиёд буданд, ки қитъаи зер ба ҳамин маънӣ далолат мекунад:

Шоирони замонаро дидам,
На дар эшон ҳаёву не тамкин.
Ҳар чӣ гӯянду ҳар чӣ фармоянд,
Ё таворуд кунанд, ё тазмин! [3, с. 447].

Бояд гуфта шавад, ки дар ашъори ғиноии шоир таъсири равшани мактаби вуқуъ намоён бошад ҳам, дар ҳамин давра вай дар саргаҳи сабқи ҳиндӣ, ки беш аз пеш дар адабиёти форсии тоҷикии Ҳиндустон доман паҳн мекард, истода буд. Вижагиҳои ашъори ғиноии Файзии Даканӣ баёнгари онанд, ки дар ғазалиёти ӯ унсурҳои аввалияи сабки ҳиндӣ ҷой гирифтаанд. Аз ҷумла, шеваи таркибу иборасозии шоир баъзан бӯйи усулҳои вожагузинии сабки ҳиндиро доранд. Мисол:

Дарои ғунча садо медиҳад ба бонги баланд,
Ки корвони чаман дар камингаҳи талаф аст [3, с. 167].

Ин ҷо ибораҳои “дарои ғунча”, “корвони чаман”, “камингаҳи талаф” ибораҳоеанд, ки ба шеваи сабки ҳиндӣ сохта шудаанд.

Файзии Даканӣ дар олами ғазал аз шоироне баҳра бардоштаву пайравӣ кардааст, ки бо гузашти мурури зиёд ҳам бошад, ашъораш бештар аз пештар шуҳрат дошт. “Девон”- ҳояшон дасти ба даст мегаштанд. Гузашта аз ин ҳаёти мусоди фарҳангии замон густурда буд, худ китобхонаи бое дошт.

Вақте “Девон”-и шоирро варақгардон менамоему ба бахши ғазалиёти ӯ рӯ ба рӯ мегардем, пеш аз ҳама ба гӯшамон оҳангу наво ва зарбу садои ғазалиёти лисоннулғайб Хоҷа Ҳофизи Шерозӣ мерасад. Ҳофизе, ки жанри ғазалро дар адабиётамон ба авҷи аълояш расонидааст. Ҳофизе, ки имрӯз ҳам форситаборон ба ғазалаш пайравӣ менамоянд ва дар офаридани ғазал устоди забардаст мехонанд.

Аз «Куллиёт»- и Ҳофизи Шерозӣ, ки Ҷамшед Шанбезода мураттаб сохтааст, ғазали дуввумро дар алоқамандӣ ва мавзуъ иқтибос менамоем:

Салои кор куҷову мани хароб куҷо?
Бубин, тафовути роҳ аз куҷост то ба куҷо?
Дилам зи савмаа бигрифту хирқаи солис,
Куҷост дайри муғону шароби ноб куҷо? [8, с. 32].

Дар “Девон”- Файзии Даканӣ дар пайравии ҳамин ғазали Ҳофизи Шерозӣ ғазале, ки он ҳам ғазали дувуми “Девон” аст. Барои баёни ҳақиқати ҳол ғазали Файзии Даканиро низ меоварем:

Ҳарифи бода куҷо, ошиқи хароб куҷо?
Ҷунуни ишқ куҷо, нашъаи шароб куҷо?
Расид ёру ман афтода нотавон, ай дил,
Тапидани ту куҷо рафту изтироб куҷо? [3, с. 177]

Файзии Даканӣ дар офаридани ғазалиёти худ инчунин аз “Хамса”- ҳои Низомии Ганҷавӣ, Амир Хусрави Деҳлавӣ ва “Ҳафт авранг” - и Абдураҳмони Ҷомӣ низ суд ҷустааст. Дар ғазалҳои ӯ номи симоҳои барҷастаи ин асарҳои маъруфи адабиётамон, монанди Маҷнун, Лайлӣ, Фарҳод, Хисрав, Ширин, Юсуф, Зулайхо ва ғайра борҳо ба такрор омавадаанд, ки маншаашон ҳамон достонҳоянд. Ин шоири ғазалсаро ҳатто бар вазни “Лайлӣ ва Маҷнун”- и

Нимзомии Ганҷавӣ, ки дар баҳри ҳазаҷи мусаддаси ахраби мақбузи маҳфуз (ду бор Мафъулу Мафоъилун Фаъулун) аст, ғазалҳои ошиқона дорад. Мисол:

Саргаштаи он ғизола моем,
Маҷнуни ҳазорсола моем.
Соқӣ ҳамаро диҳад пиёла,
Бе соқию бе пиёла моем... [5, с. 372]

Дар ғазалҳои Файзии Даканӣ инчунин аз маъонии маснавиҳои ирфонии Шайх Фариддудин Аттори Нишопурӣ низ устокорона истифода гардидааст, ки мо инро дар байти зери шоир мебинем:

Боз шуд Файзӣ гиребончок аз дасти тиҳӣ,
Ишқи тарсо бин, ки далқи Шайхи Санъон пора кард [3, с. 313].

Шевоии осори лирикии Файзии Даканӣ ба маҳорати шоирӣ ва сабку ҳунари суханварии шоир алоқаманд аст, ки бе ба ҳисоб гирифтани мактаби эҷодкорони гузашта ба он баҳо додан ғайриимкон мебошад. Ҳамин аст, ки вай дар ашъори ғиноияш аз анъанаи камолёфта ва чаҳор унсури шеър: мазмун, сухан, санъат ва тахаёюл устокорона кор гирифтааст. Файзӣ дар ин бахши осори бадеияш бо истифода аз санъатҳои бадеии тавсиф, ташбеҳ, истиора, киноя, талмеҳ, таҷнис, муболиға, тазоду муқобала ва ғ. гуфторашро рангину намакину дилнишин ва бунёди офаридаҳояшро мустаҳкам кардааст. Ӯ барои ин ҳама аз забони равони ом, эҷодиёти мардумӣ ва зарбулмасалу мақолҳои халқи моҳирона файз бардоштааст, ки ба хонанда дар вақти мутолиаи ашъори эҷодкори асил равшантар мушоҳида мегардад. Зиёда аз ин худи шоир ба тамоми ашъораш якрангу якмақом баҳо надода, хоксорона мегӯяд:

Ман он ғаввоси ашъорам, ки умре,
Ба дарёи сухан кардам шиноҳо.
Агар пасту баланд афтод шеърам,
Ба қадри шеър мехоҳам саноҳо.
Бувад девони ман шаҳрею дар шаҳр,
Баланду паст меафтад биноҳо! [3, с. 444].

Умуман, метавон гуфт, ки ғазалиёти Файзии Даканӣ дар байни эҷодиёти ӯ мақоми алоҳида дошта, дар рушди ғазал дар таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ мавқеи намоён дораду бегумон ба ғазалсароёни баъдинаи адабиётамон бетаъсир намондааст.

Адабиёт

1. *Алиев, Г. Ю. Персоязычная литература Индии: краткий очерк / Г.Ю. Алиев. – М., Наука, 1968. - 248 с.*
2. *Афсаҳзод, А. Абдурраҳмони Ҷомӣ-шоири ғазалсаро / А. Афсаҳзод. - Душанбе: Маориф, 1989. – 256 с.*
3. *Даканӣ, Файзӣ. Девон / Файзии Даканӣ; бо муқобала ва муқаддимаи Ҳусайни Оҳӣ. -Теҳрон: Фурӯғӣ, 1362. – 552 с.*
4. *Даканӣ, Файзии Файёзӣ. Девон / Файзии Файёзии Даканӣ; Нусхаи дастхати Ганҷинаи дастхатҳои Маркази мероси хаттии назди Раёсати АМИТ, рақами 801. - 344 варақ.*
5. *Каримов, У. Мактаби вуқуъ / У. Каримов // Адабиёт ва санъат. – 2011. – Январ. - № 3.*
6. *Файзӣ, Шайх Абулфайз. Куллиёти Файзӣ / Шайх Абулфайз Файзӣ; мураттиб А.Д.Аршад. - Покистон: Лоҳур, 1967. – 565 с.*
7. *Файёз, Файзӣ. Девон / Файзии Файёз; таҳияи матн бо муқаддимаи З. Ғаффорова. - Душанбе: Адиб, 2015.*
8. *Шерозӣ, Ҳофиз. Куллиёт / Ҳофизи Шерозӣ; мураттиби китоб ва муаллифи китоб ва муаллифи сарсухан Ҷ. Шанбезода. - Душанбе: Ирфон, 1983. – 672 с.*
9. *Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик. Ҷилди 3. - Душанбе, 2004. - С. 258-259.*

МАВҚЕИ ҒАЗАЛ ДАР АШЪОРИ ҒИНОИИ ФАЙЗИИ ДАКАНӢ

Файзии Даканӣ (1547-1597) аз донишмандон ва адибони сермаҳсули адабиёти форсизабони Ҳиндустон маҳсуб ёфта, дар замони ҳукмронии Муҳаммад Ҷалолуддини Акбаршоҳ (ҳукмронӣ солҳои 1556-1605 дар Агра) зиндагӣ ва эҷод намудаасту барои баъдинагон мероси гаронмояи манзуму мансур, рисолаҳои илмӣ, чанд тарҷума аз санкскрит ва ҳиндӣ ба забони форсии тоҷикӣ ба

мерос гузоштааст, ки иддае то замони мо омада нарасидаанд. Дар байни осори адиб дар баробари қасоид, рубоиёт, таркиббанду тарҷеъбандҳо ғазал мавқеи аввалро ишғол менамояд. Дар мақола доир ба мазмуну мундариҷаи ғазалиёти Файзии Даканӣ сухан меравад. Инчунин аз шиносоӣ бо ашъори Файзии Файёзи Даканӣ бармеояд, ки мавзуи асосӣ ва аввалиндараҷаи ғазалиёти Файзии Даканиро, чун дигар шоирони пешини ғазалсарой, ишқу муҳаббат, андешаҳои иҷтимоӣ ва зебоишиносӣ, ки аз мавзуъҳои муҳимми ҳаётист, дар бар мегирад.

Калидвожаҳо: Файзии Даканӣ, ғазал, Ҳиндустон, забони форсӣ-тоҷикӣ, сабки ҳиндӣ, лирика, муҳтаво, ашъор.

МЕСТО ГАЗЕЛИ В ЛИРИЧЕСКОЙ ПОЭЗИИ ФАЙЗИ ДАКАНИ

Файзи Дакани (1547-1597) - один из наиболее продуктивных ученых и писателей индийско-персидской литературы. Он жил и творил в период правления Мухаммада Джалалуддина Акбаршаха, оставив после себя драгоценное поэтическое и прозаическое наследие, научные трактаты, несколько переводов с санкскрита и хинди на таджикско-персидский, часть которого не дошла до нашего времени. Наряду с рубаи, сочинений и переводов газель занимает особое место среди произведений литератора. В статье говорится о роли и содержании газелей Файзи Дакани. Также после изучения с поэзией Файзи Дакани можно отметить, что основная и первостепенная тема газелей творца, как и других предыдущих поэтов, это любовь, социальное неравенство и эстетические особенности, которые являются одними из важнейших тем жизни.

Ключевые слова: Файзи Дакани, газель, Индия, таджикско-персидский язык, индийский стиль, лирика, содержание, поэзия.

THE PLACE OF THE GHAZALS IN THE IYRICAL POETRY OF FAIZI DAKANI

Faizi Dakani (1547-1597) is considered one of the most productive scholars and writers of Indian Persian literature. He lived and created during the reign of Muhammad Jalaluddin Akbarshah, and left a precious legacy of poetic and prosais, scientific treatises, several translations from Sanscrit and Hindi into Persian Tajic, some of which have not reached our time. Lyrical poems have a special plase among literary works, which we can clearly see in the poets poems, ghazals, ruboyots, compositions, and poems. The article talcs about the cjntents of the Fayzi Dacani gazelle. Also, familiarity with the poems of Fayzi Dacani suggests that the main and primary theme of the gazelles of Fayzi Dacani, like other previous poets of the gazelle palase, includes love, social thoughts and aesthetics, which are among the most important themes of life.

Keywords: Fayzi Dacani, India, ghazal, Persian Tajic language, indian style, lyrics, content, poetry.

Дар бораи муаллиф
Нурова Кубриё Алифовна
Номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забони тоҷикӣ
Донишгоҳи технологии Тоҷикистон
734018, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Н.Қаробоев, 63/3

About the author
Nurova Kubriyo Alifovna
Candidate of Philological Sciences, Associate Professor of the Tajik Language Department
Technological Universyte of Tajikistan
734018, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nemat Karabaev ave, 63/3

Об авторе
Нурова Кубриё Алифовна
Кандидат филологических наук, доцент кафедры таджиского языка
Технологический университет Таджикистана
734018, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Н.Карабаева, 63/3

ТДУ 811.551.1'281.133.1

МАҚОМ ВА СИФАТҲОИ ОМӮЗГОРУ МУРАББӢ АЗ ДИДГОҲИ ҲУСАЙН ВОИЗИ КОШИФӢ

Саидолим К. С.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Мавлоно Камолиддин Ҳусайн бини Алии Кошифӣ - адиб, ориф, муфассир ва яке аз шореҳони “Маснавии маънавӣ”-и Мавлоно Ҷалолуддини Балхист, ки дар ибтидои нимаи дувуми садаи XV ва авоили асри XVI дар ноҳияи Байҳақи Сабзавори Хуросон ба дунё омадааст. Дарахти маъоние, ки ин нависандаи некбахт ба заҳмат нишондаву парвариш намудааст, зеби гулистони фарҳангу адаби порсӣ-дарӣ-тоҷикӣ буда, ҳанӯз дар замони зиндагиаш самараи фаровони пуршаҳду шакар додааст. Аз ин ҷост, ки Абдурраҳмони Ҷомиву Мир Алишер Навоӣ дар “Нафаҳот-ул-унс”-у “Маҷолис-ун-нафоис”, Восифиву Хондамир дар “Бадоеъ-ул-вақоеъ”-у “Ҳабиб-ус-сияр” ва даҳҳо чунин абармардон пайваста аз Ҳусайн Воъиз ҳадси маънавӣ зада, номи ӯро танҳо бо некӣ ба забон овардаанд. Дар хусуси шаҳомати олами маънавии Ҳусайн Воъиз дар осори муосирон ва тазкиранигорони минбаъда устоди марҳумамон, д.и.ф., профессор Мирзо Аҳмадов ва дигарон дар тадқиқоти худ хеле муфассал гуфта гузаштаанд [1; 2; 3; 4; 5; 6; 8].

Вай дар улуми фиқҳ, риёзиёту нуҷум ва фалсафаву ҳикмат дасти тамом дошт. Баъди таҳсилоти ибтидоӣ, ба Нишопур ва аз он ҷо ба Машҳад рафт, чунонки писараш Фахриддин Алии Сафӣ дар “Рашаҳот айн-ул-ҳаёт” навиштааст: “Дар моҳи Зулҳиҷҷаи соли 860 (30-юми октябр – 27-уми ноябри соли 1456) дар Машҳад Хоҷа Саъдуддини Кошғарӣ аз кибори машоихи нақшбандиро, ки дар моҳи Ҷимодиюлохари ҳамон сол (моҳи апрели соли 1456) даргузашта буд, ба хоб дид, ки ӯро ба хонаи худ мехонд ва дар ҷустуҷӯи он бузург ба Ҳирот рафт ва он ҷо ҳангоми зиёрати мазори хоҷа бо Мавлоно Ҷомӣ мулоқот кард ва бо ӯ муошират намуд ва тариқати нақшбандиёнро пазируфт ва дар ҳамон шаҳр монд. Ва ба ваъзу тазкир ва тасниф идома дод ва бо риҷолу шоҳзодагон ошноиву муҷолисат ёфт. Ва чун навбати подшоҳӣ ба Султон Ҳусайн Мирзои Бойқаро расид, бар мартабат ва шуҳрати ӯ афзуда шуд ва дар хидмати Амир Алишер Навоӣ макон ва мартабати бисёр ёфт ва ба тарғибу ташвиқи ӯ ба тасонифи бисёр пардохт. Дар Ҳирот низ ҳамчунон мансаби ваъзу хитобатро ҳифз кард ва ҳар бомдоди одина дар доруссиёдаи[1] султонӣ ва пас аз намози ҷумъа дар масҷиди ҷомеъи Алишер ва ҳар сешанбе дар мадрасаи султонӣ ва ҳар чоршанбе бар сари мазоре, ки аз машоих, яъне Хоҷа Абулвалид Аҳмад, ваъз мекарду рӯзгорро ба ҳамин насақ ва дар иштиғол ба таълифу тасниф мегузаронид. Ҳамчунин то охари умр оёти қуръонӣ ва аҳодиси набавиро бо ибороту ишороти муносиб эрод мекард, то соли 910 (1504/1505) даргузашт”.

Дар манбаъҳои гуногун теъдоди асарҳои Ҳусайн Воъизро то ба чиҳил донистаанд, ки машҳуртаринаш инҳоянд:

1. “Ҷавоҳир-ут-тафсир ли туҳфат-ил-амир”, ки ба номи Мир Алишер Навоӣ таълиф шудааст. Ҷилди аввали ин китоб соли 890 (1485) поён ёфт ва ҷилди дувуми онро, ки ба соли 892 (1487) оғоз гардида буд, нотамом мондааст. Дар оғози “Ҷавоҳир-ут-тафсир...” доир ба улуми тафсири Қуръон маълумоти фаровон оварда шудааст.

2. “Мухтасар-ул-ҷавоҳир”, ки он фишурдае аз “Ҷавоҳир-ут-тафсир ли туҳфат-ил-амир” буда, низ ба тафсири Қуръони карим бахшида шудааст.

3. “Мавоҳиби алийя”, маъруф ба “Тафсири Ҳусайнӣ”, ки ба номи Ҳусайн Бойқаро[2] бахшида шудааст. Ин тафсири ҷомеъи судмандро, ки дар сар то сари кишварҳои мусалмон машҳур аст, Кошифӣ ба соли 899 (1494) таълиф намудааст.

[1] Доруссиёда – хонаи саййидон, саройи содот.
[2] Дар Мовароуннаҳру Хуросон бештар аз ҳамин тафсир истифода мебаранд.

4. “Ҷомеъ-ус-ситтин”, ки дар он сураи “Юсуф” тафсир шудааст.

5. “Равзат-уш-шуҳадо”, ки дар зикри мусибати аҳли хонадони Расули акрам аст. Ин китоб дар соли 908 (1502/1503) ба номи Мирзо Муршидуддини Абдуллоҳ[1] дар даҳ боб ва як хотима таълиф шудааст. Фузулии Бағдодӣ (тав. 1572) ва Ҷомии Қайсарӣ ин китобро ба туркӣ низ тарҷума кардаанд.

6. “Ахлоқи Муҳсинӣ”, ки ба номи писари Султон Ҳусайн Мирзои Бойқаро Абулмуҳсин Мирзо дар соли 900 (1494/1495) бо муқаддима ва чил боб поён пазируфтааст. Ин китоб аз ҷумлаи китобҳои машҳуртарин дар илми ахлоқ буда бо номи “Ҷавоҳир-ул-асрор” низ ёдрас мешавад.

7. “Махзан-ул-иншо”, ба илми тарассул, яъне номанависӣ ё рисоланигорӣ бахшида шудааст. Дар ин китоб намунаҳои иншо дар мавридҳои мухталифи номанигорӣ ва барои қишрҳои гуногуни ҷомеъа ба қалами муаллиф таҳрир шудааст. Кошифӣ китоби “Махзан-ул-иншо”-ро барои Султон Ҳусайн Мирзои Бойқаро ва Амир Алишер Навоӣ дар соли 907 (1501/1502) навишта.

8. “Саҳифаи шоҳӣ”, ки фишурдаи “Махзан-ул-иншо” буда, бо андаке иловаҳо ба номи Абулмуҳсин Мирзо тартиб дода шуда, низ ба илми тарассул бахшида шудааст. Дар он номаҳои гуногун гирд омадааст. Ин китоб дар авохири соли 907 (1502) ба риштаи таҳрир кашида шудааст.

9. “Анвори Суҳайлӣ”, ки аз асарҳои бисёр маъруфи Кошифӣ ва таҳрири ҷадидест аз “Калила ва Димна”-и Абулмаолии Насруллоҳ, ки ба номи Шайх Аҳмади Суҳайлӣ[2] дар чаҳордаҳ боб ва як муқаддима тартиб дода шудааст. Ин китоб бештар мавриди истифодаи порсихонони Ҳиндустон қарор гирифт, то ҷое ки дар кишвари Ҳинд ду таҳрири ин китоб ба миён омад[3].

10. “Асрори Қосимӣ”, ки ба кимиёгарӣ бахшида шуда, аз он фишурдае аз ҷониби Фахриддин Алӣ - писари Ҳусайн Воъизи Кошифӣ фароҳам омадааст.

11. “Сабъаи Кошифия”, ки ҳафт рисоларо дар аҳкоми нуҷум дар бар мегирад: “Лавоеҳ-ул-Қамар”, “Маёмин-ул-Муштарӣ”, “Савотеъ-ул-Миррих”, “Лавомеъ-уш-Шамс”, “Маноҳиҷ-уз-Зуҳра”, “Маноеҳ-ул-Аторуд”, “Мавоҳиб-уз-Зуҳал”.

12. “Бадоеъ-ул-афкор фӣ саноеъ-ул-ашъор”, ки ба илми санъатҳои бадеӣ ва шеърӣ бахшида шудааст. Соли таълифи асар 894 (1489) мебошад.

13. “Рисолаи Ҳотамия”, ки ба тасвири аҳкоми футувват ва ҷавонмардӣ бахшида шуда, муҳтавои он зикри ҳикоёте дар бораи Ҳотами Тойиро фаро мегирад. Ин китоб ба номи Султон Ҳусайн Мизои Бойқаро дар соли 891 (1486) навишта шуда

14. Ду ихтисор аз “Маснавии маънавӣ”-и Ҷалолиддини Балхӣ:

– “Лубоби маънавӣ фӣ интихоби “Маснавӣ”. Ин асар хулосае аз “Маснавӣ”-и Мавлоност

– “Лубби лубоби “Маснавӣ”, ки мунтахаби “Лубоби маънавӣ...” мебошад

15. “Футувватномаи султонӣ”, китобест дар бораи шарҳи маросими аҳли футувват ва ҷавонмардону табақаҳои гуногуни онон ва одобу шароити ҳар яке аз онҳо, ки муаллиф онро бо истифода аз маъхазҳои мухталифе, ки дар даст доштааст, фароҳам овардааст

16. “Оинаи Искандарӣ”, ки онро “Ҷоми Ҷам” низ гӯянд. Ин асар ҳовии 8 ҷадвал ва 20 доира мебошад.

17. “Туҳфат-ус-салавот”.

18. “Шарҳи “Асрори Қосимӣ”.

19. “Матлаъ-ул-анвор”.

---

[1] Набераи духтарии Султон Ҳусайн Мирзои Бойқаро

[2] Аз умарои аҳди Султон Ҳусайн Мирзои Бойқаро

[3] Хонандаи тоҷик дар бораи сайри торихии ин қисса ҳанӯз аз солҳои мактабӣ хабардор аст. Олим ва нависанда Абулфазл ибни Муборак (1551–1602) бо номи “Иёри дониш” таҳрири нави ин китобро тартиб дод. Дар соли 1752 бошад, китоби наве бо номи “Нигори дониш” ба миён омад, ки он ихтисоран навишта шуда, бо забони содатар барои кӯдакон пешбинӣ карда шуда буд. Вале ҳамоно “Анвори Суҳайлӣ”-и Кошифӣ китоби бештар хондanӣ дар мавзуи “Калила ва Димна” аст.

20. “Ал-арбаъуна ҳадисан”, ки дар мавъиза буда, ба номи “Ар-рисолат-ул-алийя фӣ-л-аҳодис-ун-набавийя” (Чиҳили ҳадис” машҳур аст. Ин китоб ҳовии 40 ҳадис аст. Ва боз чандин кутуб.

Ҳусайн Воъизи Кошифӣ дар сар то сари ин осори мондагораш зери мафҳуми “муъаллим” муродифоти дигареро амсоли омӯзгор, мураббӣ, пири комил, муршиди комил, валӣ ва амсоли инҳоро ном мебарад, ки дар ҳама давру замон, пеш аз ҳама, кору пайкорашон бар пояи хулқу атвори ҳасана сурат гирифтааст, чунончи дар ин фармудаи Илоҳӣ дар робита ба Набии карим омадааст: (эй паёмбар) “Ту соҳиби ахлоқи азимӣ” (Қуръон: Аъроф, 31).

Имрӯз аксари муҳаққиқин бар он андешаанд, ки рушди илмҳои дунявӣ ба маънавиёту ахлоқ низ иртиботи зич дорад. Пеш аз он ки инсон камол ёбад, бояд саробаш ғизои маънавӣ бошад, то ӯро ба қадамҳои устувор сӯи ҷаҳони андешаи солиму розҳо барад:

Гар бувад андешаат гул, гулшанӣ.
В-ар бувад хоре, чу ҳема(й) гулханӣ [12, с. 14].

Рост гуфтан, накӯӣ кардан, андешаи дуруст матраҳ намудан ва инсониятро аз ҷаҳолат раҳонидан мақсад ва рисолати афроди комил ва аз ҷумла, омӯзгор аст.

Авсофи писандидаву неки омӯзгори комёб барои ҳамагон ҳамеша намуна ва ҳамчун шиори зиндагӣ қарор дораду хоҳад дошт ва ёдрас намудани чанде аз онҳоро ин ҷо бар мабнои андеша ва осори ҷовидонаи Мавлоно Ҳусайн Воъизи Кошифӣ муҳим медонем:

1. Соҳиби хулқи азим будан. Дар ин маврид адиби машҳур Воъизи Кошифӣ дар асари гаронмояи худ “Ахлоқи Ҳусайнӣ” фармудааст: “Ҳусни хулқ нурест аз анвори ҳикмати Илоҳӣ ва сиррест аз асрори иззати подшоҳӣ, ки бад-он нури шариф, дидаи басират мунаввар гардад ва бад-он сирри азизи латиф, маърифати ҳусни сифот муяссар шавад ва аз мазмуни ҳадиси бузургвори “**Буъисту ли утаммима макорим-ул-ахлоқи**”[1] мафҳум мешавад, ки фоидаи биъсати[2] сарвари олам, саллаллоҳу ъалайҳи ва саллам, ба тамимми[3] макорими ахлоқ ва такмили маҳосини авсоф аст, лоҷарам, забони муъҷазбаёни он ҳазрат, саллаллоҳу ъалайҳи ва саллам, ба калимаи “**Тахаллақу биахлоқ-ил-лоҳи**”[4] нотиқ шуд, то уммати олиҳиммат донанд, таҳаққуқ бад-ин тахаллуқ амрест лозим ва иртифоъ бад-ин дараҷаи улё фарзест мутаҳаттим [6, с. 9].

Ва аксари шореҳону муфассирон дар асоси ҳикмати набавӣ бар он назаранд, ки аввалин чизе, ки дар мизони ҳисоб санҷида мешавад, ахлоқи ҳасана мебошад, баъд аз он аъмоли ҳасана ва дар ҳикмати набавӣ омадааст, ки: “**Аввалу мо юзаъу фӣ–л мизони, ал хулуқул ҳасана** [7, с. 183] бошанд ва ҳукамо гуфтаанд, ки: “Хӯи нек роҳест равшан, ки ҷуз ба ибтиҳоҷи[5] он минҳоҷ[6] ба сарманзили шарафу сарварӣ натавон расидан ва ҷуз ба сулуки он тариқ рахт аз бодияи ҳайвоният ба дорулмулки инсоният натавон кашид”

Ҳар ки дар ӯ сирати некӯ бувад,
Одамӣ аз одамиён ӯ бувад.
Некии мардум на накӯрӯӣ аст,
Хӯи накӯ мояи некӯӣ аст.

Ҷои дигар фармуда: “Бидон, ки бузургон гуфтаанд: футувват (дарвешӣ) тамом адаб аст. Яъне ҳар вақте ва ҳар ҳолеву ҳар мақомеро одобест. Пас, ҳар ки муҳофизати одоб кунад, ба мақоми мардон расад” [8, с. 64] ва Санойии Ғазнавӣ дар «Ҳадикат-ул-ҳақиқат» гуфтааст: “Суҳбат натиҷаи адаб аст ва адаб натиҷаи ҳурмат ва ҳурмат натиҷаи сафват ва сафват натиҷаи дил ва дил хазинаи ақл, ақл бошад, хазинаи сирр ва сирр хазинаи маърифат... аст[7].

[1] Фиристода шудаам аз барои камолоти ахлоқи ҳамида
[2] Биъсат – фиристодан
[3] Тамим – устуворӣ
[4] Биёроед хулқи худҳоро ба ахлоқи Аллоҳ, таъоло
[5] Ибтиҳоҷ – шодмонӣ
[6] Минҳоҷ – роҳи пайдову гушода
[7] Покизаву холис

Бар аҳли илму маърифат маълум аст, ки адаби зоҳир нишонаи адаби ботин аст…, яъне адаб покиза сохтани зоҳиру ботин аст. Ҳар ки ба ҷоеву мақоми маърифат расад, аз адаб бошад. Чунончи, Мавлоно Ҷалолуддин мефармоянд:

Аз Худо ҷӯем тавфиқи адаб,
Беадаб маҳрум гашт аз лутфи Раб.
Беадаб танҳо на худро дошт бад,
Балки оташ дар ҳама офоқ зад.
Аз адаб пурнур гаштаст ин фалак,
В-аз адаб маъсуму пок омад малак [11, с. 13].

Дар хулосаи ин хислати нек, ки бояд омӯзгори муваффақ дошта бошад, ин ҳикояти ҷолиберо аз Мавлоно Ҳусайн Воъиз морем, ки фармудааст: “Дар ахбор омада, ки султони Миср бо подшоҳи Рум тарҳи мувосилат[1] андохта ва духтари ӯ баҳри писари худ хутба кард ва ҳам духтари худро аз барои писари ӯ ақд фармуд ва ба сабаби ин вуслат расоил аз ҷонибайн мутавосил гашт ва ба иттифоқи ин ду соҳибдавлат, ҳар ду мамлакат ба якдигар оростагӣ пазируфт ва дар умури кулливу ҷузвӣ муроҷиат бар раъйи якдигар намудандӣ ва бе машварату тадбири ҳам дар ҳеч муҳимме шуруъ нафармудандӣ. Рӯзе малики Миср ба қайсари Рум пайғом фиристод, ки писарон зубдаи[2] ҳаёт ва умдаи зиндагонианд ва номи мо баъд аз вафот ҷуз ба ҳаёти эшон боқӣ намонад.

Зиндаст касе, ки дар диёраш
Монад халафе ба ёдгораш.

Бас, ҳиммат бар интизоми ҳол ва фароғи боли[3] эшон масруф бояд дошт ва инони иноят ба савби[4] ҷамъияти вусъати маишати эшон маътуф бояд сохт ва ман ба ҷиҳати писари худ чандин захоиру нафоис[5] ва бардаву сутур ва зиёъу[6] иқор[7] муҳайё кардаам. Аз он тараф раъйи ҷаҳоноройи он ҳазрат дар ҳусни эҳтимоми писари худ чӣ иқтизо фармудааст?

Чун ин пайғом ба самъи қайсари Рум расид, табассум намуду гуфт: “Мол ёри бевафо ва маҳбуби нопоянда аст, аз ӯ ҳисобӣ набояд гирифт ва ба матоъи фонии дунёи дунӣ фирефта набояд шуд. Ман писари худро ба ҳуляи[8] адаб биёростаам ва хизонаҳои макорими ахлоқ барои ӯ захира ниҳодаам. Мол дар маърази фанову завол аст ва адаб эмин аз тағйиру интиқол”.

Чун ин хабар ба малики Миср расид, гуфт: “Рост мегӯяд: **ал-адабу хайрун мин-аз-заҳаби**”.

Адаб беҳтар аз ганҷи Қорун бувад,
Фузунтар зи мулки Фаридун бувад.
Бузургон накарданд парвои мол,
Ки амволро ҳаст рӯ дар завол...
Бузургон накарданд дар худ нигоҳ,
Худобинӣ аз хештанбин махоҳ...
Инон сӯи илму адаб тофтанд,
Ки номи накӯ аз адаб ёфтанд.

2. <u>Содиқу ростқавл будан</u>. Маҳз ҳамин хислат сабаби сарбаландии омӯзгор дар ҳар ду олам хоҳад шуд. Дар ин замина дар кутуби осмонӣ ва ҳамчунин дар осори муфаккирину муҳаққиқон ва адибони мо фармудаҳои зиёде ҷой доранд, ки зикри онҳо дар ин фишурда қобили ғунҷоиш нест. Дар ин маврид низ Ҳусайн Воъиз мегӯяд: “Ростгӯиву ростгорӣ сабаби эминиву растагорист:

---

[1] Алоқаву иртибот
[2] Зубда – баргузида ва хулоса
[3] Бол – роҳат, осудагии хотир
[4] Савб – тараф, сӯй
[5] Нафоис – чизҳои қимату камёфт
[6] Зиёъ – заминҳои зироатӣ
[7] Иқор – обу замин, мулки ғайри манқул
[8] Ҳуля – шакл, шамоил, пироҳан

Ростон растаанд рӯзи шумор,
Ҷаҳд кун, то з-он шумор шавӣ.
Андар ин раста росткорӣ кун,
То дар он раста растагор шавӣ [6, с. 26]

Дар воқеъ, арсаи сухан аз он фарохтар аст, ки гӯяндаро пои баён дар санги хилоф ояду нафси нотиқаро дастаи хори дурӯғ барбастан нашояд:

Забони покро ҳайф аст бисёр
Ки аз лавси дурӯғ олуда созӣ.
Агар по барнадорӣ аз раҳи сидқ,
Сар аз гардуни гардон барфарозӣ.

Яке аз бузургон гуфта, ки бар тақдире, ки дар дурӯғ гуфтан хавфи иқоб ва ростӣ умеди савоб набудӣ, боистӣ, ки оқил аз дурӯғ эҳтироз кардӣ ва ба ҷониби ростӣ майл намудӣ, аз он ки дурӯғ мардро хору бемиқдор гардонад.

Аз каҷӣ афтӣ ба каму костӣ,
Аз ҳама ғам растӣ, агар ростӣ.

Овардаанд, ки Мустаршид[1] дар "Васиятнома"-и писари худ навишта буд, ки "...агар хоҳӣ, ки мардум аз ту битарсанд, дурӯғ магӯй, ки марди дурӯғгӯй бемаҳобат бувад. Ва агарчи ҳазор шамшер барои муҳофизати ӯ дар гирди ӯ бошад, яъне ҳазор теғи бараҳна дар кавкабаи давлати касе мебаранду шамшери забонаш ҷавҳари сидқ надорад, дар назари мардум ҳеч шукӯҳе надорад". Назм:

Ту дар кори худ ростӣ бар бакор,
Ки ҳам раста гардиву ҳам растагор.
Бувад гарчи мардум басе каҷхиром,
Ба охир шавад ростонро ғулом.
Агарчанд бошад камон сахтгир,
Ба охир тавозӯъ кунад пеши тир...

Ҳаққоқи золим ҷамъеро сиёсат мекард. Чун навбат ба яке аз он ҷамъ расид, гуфт: Эй амир, маро ҳалок макун, ки бар ту ҳаққе собит кардаам.

Гуфт: Туро бар ман чӣ ҳақ аст?

Гуфт: Фалон душмани ту туро вақиат[2] мекард ва ба нисбати ту суханони фаҳш мегуфт, ман ӯро манъ кардам ва аз дашноми ту боздоштам.

Ҳаққоқ гуфт: Бар ин маънӣ гувоҳе дорӣ?

Гуфт: Дорам! Ва ба асири дигар ишорат кард, ки ӯ низ дар он маҷмаъ буд.

Он кас гуфт: Оре, рост мегӯяд ва ман шунидам, ки ӯ он касро аз ғайбати ту манъ кард.

Гуфт: Ту чаро бо ӯ мушорикат накардӣ ва мувофиқат нанмудӣ дар манъи душмани ман?

Гуфт: Ман туро душман медоштам, бар ман лозим набуд, ки тарафи ту риоят кардаме. Ҳаққоқ фармуд, то ҳар дуро озод бикарданд: якеро ба сабаби ҳаққи вай ва дигареро ба сабаби сидқи вай. Ва ин масал дар миёни мардум машҳур шуд: "Ал-кизбу янҷо фас-сидҳу анҷо". Агар дурӯғ касеро мераҳонад, бас, рост раҳонандатар аст. Назм:

Ростӣ он ҷо, ки алам барзанад,
Ёрии Ҳақ даст баҳам барзанад.
Ростии хеш ниҳон кас накард,
Бар сухани рост зиён кас накард.
Ростӣ овар, ки шавӣ растагор,
Ростӣ аз ту, зафар аз Кирдугор.
Чун сухани ростӣ орӣ ба ҷой,
Носири гуфтори ту бошад Худой.

[1] Бисту нуҳумин халифа аз хулафои Аббосиён
[2] Вақиат – ғайбат

Чунончи дурӯғ обрӯйро мебарад, ҳазлу мазоҳу тийбат ва лаҳву лаъб низ ҳамчунин. Байт:

Макун ҳазлу дурӯғу ҳазл пеша,
Мазан бар пои худ, зинҳор, теша!
Ки гар шоҳӣ, барад ҳазл обрӯят,
В-агар моҳӣ, кунад чун хок кӯят [6, с. 34].

Зиндагии инсонҳо собит кардааст, ки Худованд он касонеро, ки ростгоранд, ҷиҳати амалҳои неке, ки барои худу дигарон анҷом медиҳанд, подоши зиёд ато мефармояд. Инсони накӯкор ҳамеша азизу мукаррам аст, агарчӣ хурд ё бузург бошад.

3. Парҳезгор будан. Парҳезгор будан ҳам бо ростӣ ҳамқарин аст, ки дар ин бора Худованд мефармояд: «Беҳтарини шумо назди Парвардгор парҳезгортарини шумост... Аз Худо битарсед ва сухани ҳақро бигӯед» (Қуръон: Аҳзоб, 70). Пас, шарофату фазилати ҳамин парҳезкорист, ки Парвардгор дар кори омӯзгор баракату некиҳо ато менамояд. Аз Расули гиромӣ пурсиданд:

- Гиромитарин мардум кист?

Гуфтанд: «Парҳезгортарини эшон».

Парҳезкорӣ мақбулу писанди ҳамагон аст ва он метавонад инсонро хушбахт гардонад.

4. Хайрхоҳ будан. Маъмулан, ташвиқ ба анҷоми амали хайр низ яке суннатҳои Илоҳӣ ва аз роҳҳои муҳимми тарбияи инсонист, ки мевааш ҳамеша ширин аст.

Мавлоно Ҷомӣ дар асари гаронмояи хеш “Шарҳи чиҳил ҳадиси набавӣ”, ки тариқи назм эҷод шудааст, дар робита ба ҳадиси “Беҳтарини инсонҳо нафърасонтарини онҳост” (Хайруннаси анфаъаҳум линнас) фармудааст:

Эй ки пурсӣ, ки беҳтарин кас кист?
Гӯям аз қавли Беҳтарини касон:
“Беҳтарин кас касе бувад зи халқ,
Беш бошад ба халқ нафърасон” [10, с. 79].

Аз ин фармуда маълум мешавад, ки кори хайр раҳобахши инсон аз мушкилот ва кори бад бадномкунандаи шахсият аст. Сухани хубу кори хайр аст, ки касро ҳатман аз роҳи носавоб мегардонад. Иҷрои амалҳои зикршуда дар ин ҳикмати набавӣ инъикос шудаанд: «Ҳеҷ кори хуб ва писандидаро ҳақир машморед, ҳарчанд бо бародарат бо чеҳраи кушода рӯ ба рӯ шавӣ» [13, ҳадиси 146].

Симои хубу чеҳраи боз ва сухани муассири омӯзгор ҳам кори хайр аст, ки чунин хислатҳоро мо ҳамеша дар рафтору гуфтори устодони муваффақ мушоҳида кардаем. Дар иртибот ба ин мавзуъ низ дар ҳикмати Илоҳӣ чунин омадааст: «Бояд аз шумо ҷамъе бошад, ки (мардумонро) ба корҳои хайру инсонӣ бихонад» (Қуръон: Оли имрон, 104).

Воқеан, ёрӣ кардан ба ҳамдигару хайрхоҳи якдигар будан имони росиху тафаккури баландро мехоҳад. Дар ин замина Расули гиромӣ (с) фармуда: «Ҳар гоҳ аз шумо касе кори бадеро дид, бояд онро ба дасти хеш тағйир диҳад, агар натавонист, бо забонаш манъ кунад ва агар натавонист, сидқан ӯро бад бинад».

Аз ин гуфтаҳо маълум мешавад, ки кори бад ва амали бадро инсон бояд бо тамоми вуҷудаш написандад, то аз ҷумлаи некон бошад. Худованд бандаро аз кори бад манъ менамояд ва ба некӯӣ кардан мехонад. Бадтарин нуқсон он бувад, ки вақте шахсеро ба роҳи росту некӣ фаро мехонему худ амал карданро фаромӯш месозем: «Оё мардумро ба некӯкорӣ амр намуда, худро фаромӯш мекунед, дар ҳоле ки шумо китобро мехонед, чаро дар он андеша ва тааммул намекунед» (Қуръон: Бақара, 44). Ҷои дигар омадааст: “Азоби касе, ки дониста амал намекунад, бузургтар аз касест, ки намедонад ва агар шахсе намедонам гӯяду дар суроғи илм нашавад, пас, ӯ ҳам накӯкору хайрандеш набошад” (Қуръон: Нисо, 14; Анфол, 1; Каҳф, 29).

5. Амину амонатдор будан. Маълум аст, ки амонат ва амонатдорӣ аз асолату гавҳари инсонӣ бармеояд, ки он одамиро ба хубӣ, некӣ ва хирадмандӣ далолат мекунад. Он ки амонатдор набувад, пас, аз ӯ набояд мунтазири некӣ буд. Мо – ҳамагон, шогирдонро барои худ бояд ҳамчун амонат дониста, тӯли таҳсил ба камол расонида, ба соҳибонашон ва хидмат

ба насли оянда баргардонем. Дар ҳама давр шахсе сазовори рисолати омӯзгорӣ мешавад, ки амонатдор бошад ва ҳар ки дар ин самт муваффақ шуд, маҳбуби ҳамагон хоҳад гашт. Амонатро Худованд дар умқи дилҳои мардум фурӯд овард ва баъд моро ҳушдор дод: «Ҳамоно, Худованд шуморо амр мекунад, ки амонатҳоро ба соҳибаш биспоред… Ҳар касе, ки хоҳад имонаш қавӣ гардад ва ба замираш реша давонад, амонатнигаҳдор бошад» (Қуръон: Нисо, 58).

6. **Муслиҳ будан**. Хубии мардум дар сулҳоварии онон байни ҳамдигар аст, аз ин ҷост, ки инсонҳои нек бародарони якдигаранд ва байни ду кас сулҳ овардан амали нек бувад. Ин ҳикмати Илоҳӣ низ аз манфиат холӣ нест, ки фармудааст: «…Дар миёни хеш ислоҳ оваред» (Қуръон: Анфол, 1).

7. Суботу пойдорӣ, дар кифояти муҳиммот бар мудовамат[1]. Байт:

Ҳар сар, ки ёфт афсарӣ аз гавҳари субот,
Дар иқтидор бигзарад аз чарх то ба тоб.

Яке аз ҳукамо гуфта, ки ҳар ки хоҳад, ки асоси салтанати ӯ аз инҳидом[2] эман бошад, бояд ки бинои кори худ бар суботу виқор ниҳад:

Бинои кор бинеҳ бар суботу эман бош,
Ки ҳар бино, ки бар асл аст, пойдор бувад.

Омӯзгори собитқадам он аст, ки аз роҳу равиши худ ба дағдағаи ҳеч мувасвис рӯй барнагардонад ва аз расму тариқи худ ба васвасаи ҳеч муҳаввис инҳироф наварзад, ки мадади рафиқ ҷуз дар тариқи субот рӯй наменамояд, чунонки ҳакими Илоҳӣ мефармояд. Байт:

Дар тараддуд раҳи наҷот мадон,
Ҳеч хислат беҳ аз субот мадон.
Майл дорӣ ба рафъати дараҷот,
Дар маолӣ субот варз, сабот.

Ва нишонаи субот ин аст, ки дар ҳар коре шуруъ намояд, итмоми он бар зиммаи эҳтимом лозим донад.

Қайсари Рум аз Нӯшервон пурсид, ки бақои подшоҳӣ бар чӣ чиз аст? Гуфт: Ман ҳаргиз кори беҳуда нафармоям ва ҳар кори муҳимме, ки бад-он амр кунам, ба итмом расонам. Қайсар фармуд, ки ҳамаи ҳукамои Юнон ҳамин гуфтаанд. Байт:

Ҳар тарҳ, ки афканӣ чу мардон,
Ҷаҳде бикуну тамом гардон.
Яъне аламе, ки барфарозӣ,
Бояд ки дигар нагун насозӣ [6, с. 45].

8. **Ҳалимӣ.** Яке аз анвои ахлоқи ҳамида ҳилм аст (“Инналлоҳа ғафурун ҳалим” - ҳамоно Худост омурзандаи бурдбор. Қуръон: Оли Имрон, 155) ва ҷумлаи афроди комил аз ин сифат насибе доранд, то ба қуввати он сифат саврати[3] ғазабро, ки муфсиди имон аст, шикастаанд. Ва дар ҳикмати набавӣ омада, ки: “Қавитарини шумо он кас аст, ки дар ҳоли ғазаб худро бияфканад ва молики нафси худ бошад”. Байт:

Мардӣ гумон мабар, ки ба зӯр асту пурдилӣ,
Бо хашм агар бароӣ, донам, ки комилӣ.

Агар хашм зердасти ҳилм набошад ва ғазаб маҳкуми бурдборӣ набувад, ба ҳар қавлеву феъле хашм гиранд, ҳар оина мардум мустаъсал[4] шаванд ва мулкро равнақ намонад. Ва чӣ зебо гуфтаанд: Назм:

Бурдборӣ хазинаи хирад аст,
Ҳар киро ҳилм нест, деву дад аст.
Девбандист ҳилм, агар донӣ,
Ғазаб аз дасти ӯст зиндонӣ.

[1] Истибшор – ёриву шодмонӣ
[2] Индиҳом – нобудӣ
[3] Саврат – шиддат
[4] Мустаъсал – бенаво

Марди ҳалим он аст, ки селоби ғазаби ӯ бо он ки кӯҳи шомих аст, агар дар мамарри[1] ӯ афтад, барҳазар аст ӯро аз ҷой натавонад бурд ва ноираи хашм бо он ки кураи асир[2] илтиҳоб[3] аз ӯ дар хатар аст, тасарруф натавонад кард. Ва бе мадади ҳилм оташи ғазаби ҳеч касе таскин наёбад ва бе муованати[4] бурдборӣ ҳеч ҳокиме тори гуфтугӯи раоё барнатобад. Бас, муаллиму мураббии одил он аст, ки ҳилмро зевари рӯзгори худ созад ва ба дастёрии ӯ бунёди хашми оламсӯзро барандозад. Байт:

Чу ҳилм андар омад, ғазаб гашт паст,
Ғазабро ҳамин бурдборӣ шикаст.
Сутуни хирад бурдборӣ бувад,
Сабуксар ҳамеша ба хорӣ бувад.
Ҳилм сармояи камол бувад,
Сабаби иззату ҷалол бувад.
Ҳилм шодифизои ҳар хиҷил аст,
Мумиёии ҳар шикастадил аст.

Нӯшеравон аз Бузургмеҳр пурсид, ки ҳилм чист?

Гуфт: Намаки хони ахлоқ аст, ки чун ҳуруфи ӯро баргардонанд, милҳ (намак) шавад. Чунонки ҳеч таъоме бе милҳ маза надиҳад, ҳеч хулқе бе ҳилм ҷамол нанмояд.

Гуфт: Аломати ҳилм кадом аст? Гуфт: Ҳалимро се нишона аст:

Яке он ки, агар турушрӯе ва сахтгӯе бо ӯ ҳадиси талх дар миён орад, ӯ дар баробари он ҷавоби ширин бар забон ронад ва агар ба феъл низ ӯро биранҷонад, бо вай эҳсон намояд, чунончи Хоҷа Ҳофизи Шерозӣ мефармояд: Байт:

Бо ту гӯям, ки чист ғояти ҳилм:
Ҳар ки заҳрат диҳад, шакар бахшаш.
Кам мабош аз дарахти сояфикан,
Ҳар ки сангат занад, самар бахшаш.
Ҳар ки бихрошадат ҷигар ба ҷафо,
Ҳамчу кони карим зар бахшаш [6, с. 38].

Ва аломати дувум он ки, ҳар гоҳе ки оташи ғазаб забона задан гираду савлати ғазаб ва сатвати[5] ӯ ба ғоят расад, хомӯш гардад. Ва ин далели итминони дил ва таскини руҳ аст ва дарвешони солик илоҷи ғазаб бад-ин навъ кардаанд. Ва нишонаи сеюм хашм фурӯ хӯрдан аст аз касе, ки филвоқеъ мустаҳиққи уқубат бувад.

9. Сахтгирӣ бар фурӯмоя, чу мардуми разилу дун тарбият ёбанд, аз дуноти ҳиммат бар ҷамъи мол ҳарис бошанду аз ҳар кас тамаъ кунанд ва қадри акобиру ашроф нашиносанду ҳурмати мардуми бузург фурӯ гузоранд ва дилҳои халоиқ ба сабаби ин ахлоқ ранҷида шавад. Ва аз ин ҷо гуфтаанд, ки: “Завол-уд-давлати бииртифоъ-ис-сифлати”, чун сифларо тараққӣ даст диҳад, давлат рӯй дар таназзул ниҳад.

Пас, омӯзгор дар шинохти ҳамчунин тоифа набояд ғофил бошад. Байт:

Гар сифла ба ҷоҳ даст ёбад,
Бозори малик шикаст ёбад.
Дунон на сазои ҷоҳ бошанд,
Бал дархури банду чоҳ бошанд.
Ҳар киро майли тарбият дорӣ,
Имтиҳон кард боядаш якчанд.
Агараш ҳаст қобилияти он,
Алами давлаташ барор баланд.
Варна қобил бувад, баланд масоз,
То ба зудӣ набоядаш афканд [6, с. 153].

[1] Мамар(р) – гузаргоҳ
[2] Асир – оташ
[3] Илтиҳоб – забона задан
[4] Муованат – ёрӣ
[5] Сатват – боло гирифтан, ҳамла

Охирсухан. Дар “Захират-ул-мулук”-и Мир Сайидалии Ҳаиадонӣ омада, ки фарзанд амонати Ҳақ аст назди волидайн ва дар маҳшар мутолабаи ҳуқуқи ин амонат хоҳад намуд. Ва ин амонат оинаест, ки сурати ҷамеъи камолотро қобил аст ва ҷавҳари ҳақиқати ӯро ба ҳарчи майл диҳанд, бад-он моил гардад. Бас, ба зарурат дар тарбияти ӯ саъй бояд намуд, то ба сифатҳои писандида муттасиф гардад.

Аввал он аст, ки ӯро ба номи некӯ тасмия[1] бояд кард, ки агар ном мувофиқ набвад, муддати умр аз он дар кароҳат хоҳад буд.

Дигар ин ки, дояи ӯ муътадилмизоҷу хушхӯ ва покизасират бояд. Дар хабар омадааст, ки шир додан тибоъро[2] мутағаййир созад ва чун муддати ризоъ[3] тамом шавад, мардуми покдини некухулқро ба хидмати ӯ номзад бояд кард, то табиати ӯ ба авсофи он ходим мустаънис[4] шавад...

Ва муъаллими парҳезгор таъйин бояд кард, то ӯро таълим диҳад ва аҳком низ ба вай омӯзад. Ва амале, ки ӯро дар дину дунё нофеъ бошад, аз ӯ бознадорад. Ва беҳтарин таъдиб он аст, ки ӯро аз мухолатати ҷамъе, ки муфсиду каҷтабъ ва бадхӯ бошанд, нигоҳ доранду доим дар пеши вай уламову урафо ва сулаҳову фузалоро мадҳ гӯянд, то муҳаббати эшон дар дили вай росих гардад. Ва ашрору фуҷҷору бадмаошонро мазаммат кунанд, то кароҳияте аз эшон дар табъи вай падид ояд.

Ва чун ба синни тамиз расад, бузурге олиҳиммати соҳибтаҷрибаро, ки хидмати мулук карда бошад, муқаррар кунанд, то одоби нишасту хост ва рафтану омадан ба вай омӯзад. Ва дар он кӯшад, ки осори адабу ҳаё ва улуҳиммату тахаллуқ ба ахлоқи мулук аз вай зоҳир гардад.

Ва чун бузургтар гардад, ба хидмати машоих ва сӯҳбати уламо далолат кунад, то аз назари бузургони дин мустафиз гардад, ки ҳимматҳоро асарҳои куллӣ бошад. Байт:

Ҳар ки зи давлат асаре ёфтаст,
Аз дили соҳибназаре ёфтаст[5].
Ҳар назаре к-аз сари сидқу сафост,
Чун ба ҳақиқат нигарӣ, кимиёст.

Хулоса, вусъати назар ва иттилооту тавоноӣ дар таълифу тасниф Ҳусайн Воъизро дар қатори адибону урафои машҳури форсизабон ворид намуда, фурсати он додааст, то осори безаволу мутанаввее аз худ ба башарият ёдгор гузорад.

Адабиёт

1. *Афсаҳзод, А. Адабиёти форсу тоҷик дар нимаи дуввуми асри XV / А. Афсаҳзод. – Душанбе: Дониш, 1987. – 264 с.*
2. *Аҳмадов, М. Насри ахлоқӣ-бадеии Ҳусайн Воъизи Кошифӣ. Қисми II. / М. Аҳмадов. – Душанбе, 1994. – 80 с.*
3. *Аҳмадов, М. Насри ахлоқӣ-бадеии Ҳусайн Воъизи Кошифӣ. Қисми III. / М. Аҳмадов. – Душанбе, 1994. – 100 с.*
4. *Аҳмадов М. Насри ахлоқӣ-тарбиявии Ҳусайн Воъизи Кошифӣ. Қисми I. / М. Аҳмадов.– Душанбе,1994. – 153 с.*
5. *Забеҳулло, Сафо. Таърихи адабиёт дар Эрон. Ҷилди чаҳорум / Сафо Забеҳулло. – Теҳрон, 1372.*
6. *Кошифӣ, Ҳусайн Воъиз. Ахлоқи Муҳсинӣ / Кошифӣ Ҳусайн Воъиз. – Теҳрон: Носирӣ, 1308.*
7. *Кошифӣ, Ҳусайн Воъиз. Лубби лубоби “Маснавӣ” / Кошифӣ Ҳусайн Воъиз. – Душанбе: Энсиклопедияи миллии тоҷик, 2023. – 315 с.*
8. *Кошифӣ, Ҳусайн Воъиз. Футувватномаи султонӣ. Ахлоқи Муҳсинӣ. Рисолаи “Ҳотамия” / Кошифӣ Ҳусайн Воъиз – Душанбе: Адиб, 1991. – 320 с.*

[1] Тасмия – номгузорӣ
[2] Тибоъ – сиришҳо, ниҳодҳо
[3] Ризоъ – ширхорагӣ
[4] Мустаънис – унсгирифта, улфат
[5] Дар нусхаи дигар ин байт илова шуда:
Ҳиммати мардон, чу дарояд ба кор,
Барги гули тоза бар орад зи хор.

9. *Қуръони Карим Матну тарҷума ва тавзеҳоти Муҳаммадҷон Умаров. - Душанбе: Эр-граф, 2022. - 640 с.*
10. *Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ Шарҳи чиҳил ҳадиси набавӣ (форсӣ).*
11. *Мавлоно Ҷалолуддин Муҳаммади Балхӣ Маснавии маънавӣ. Бар асоси матни Р. Николсон ва муқобала бо нусхаҳои дигар / Мавлоно Ҷалолуддин Муҳаммади Балхӣ. – Душанбе: «Адиб», 2013. – 480 с.*
12. *Мавлоно Ҷалолуддин Муҳаммади Балхӣ Маснавии маънавӣ. Бар асоси матни Р. Николсон ва муқобала бо нусхаҳои дигар / Мавлоно Ҷалолуддин Муҳаммади Балхӣ. – Теҳрон: «Замон», 2001. – 728 с.*
13. *Саҳеҳи Бухорӣ (Чор ҷилд). Аз арабӣ тарҷумаи Муҳаммадҷон Умаров, Файзулло Бобоев. - Душанбе: Эр-граф, 2004. - 560 с.*

МАҚОМ ВА СИФАТҲОИ ОМӮЗГОРУ МУРАББӢ АЗ ДИДГОҲИ ҲУСАЙН ВОИЗИ КОШИФӢ

Мақола ба таҳлили дидгоҳҳои Мавлоно Камолиддин Ҳусайн бинни Алии Кошифӣ, адиби маъруфи тоҷику форс, ориф, муфассири Қуръон ва шореҳи “Маснавии маънавӣ”-и Ҷалолуддини Балхӣ дар бораи нақш ва сифатҳои муаллиму мураббӣ мепардозад. Кошифӣ, ки дар охирҳои асри XV ва аввали асри XVI мезист, мероси гаронбаҳое аз худ ба ҷой гузошт, ки аз ҷониби муосирону ояндагонаш, аз ҷумла шахсиятҳои барҷастае монанди Ҷомӣ ва Навоӣ, бисёр мавриди тақдир қарор гирифтааст. Дар мақола ба таври мухтасар ба зиндагиномаи Кошифӣ, таҳсилоту фаъолияти ӯ пардохта шуда ва ҳамчунин машҳуртарин асарҳои ӯ, ки доираи васеи мавзуъҳо, аз қабили тафсири Қуръон то ахлоқ, адабиёт, осори ҳамосӣ ва ҳатто нуҷумро дарбар мегиранд, номбар карда мешаванд. Диққати асосӣ дар мақола ба ақоиди Кошифӣ дар мавриди сифатҳои муаллим ва мураббии писандидаву комёб дода мешавад. Муаллифи мақола бо такя бар осори Кошифӣ вижагиҳои калидии зеринро зикр мекунад: соҳиби хулқи азим будан, содиқу ростқавл будан, парҳезгор будан, хайрхоҳ будан, амину амонатдор будан, муслиҳ будан, собиту пойдор будан, ҳалимӣ, сахтгирӣ бар фурӯмоя. Ҳамин тавр, мақола таҳлиле дақиқ аз дидгоҳҳои тарбиявии Ҳусайн Воизи Кошифӣ ироа медиҳад, ки мубтанӣ бар усули исломӣ ва суннатҳои адабии форсии тоҷикист.

Калидвожаҳо: Ҳусайн Воизи Кошифӣ, адабиёти форсу тоҷик, омӯзгор, мураббӣ, одобу ахлоқ, таълиму тарбия.

РОЛЬ И КАЧЕСТВА УЧИТЕЛЯ И ВОСПИТАТЕЛЯ С ТОЧКИ ЗРЕНИЯ ХУСЕЙНА ВАИЗА КАШИФИ

Статья посвящена анализу взглядов Мавлоно Камолиддина Хусейна бин Али Кашифи, известного таджикско-персидского литератора, мистика, толкователя Корана и комментатора “Маснавии маънави” Джалаладдина Балхи, на роль и качества учителя и воспитателя. Кашифи, живший на рубеже XV-XVI веков, оставил богатое наследие, высоко ценимое его современниками и потомками, включая таких выдающихся личностей, как Джами и Навои. В статье кратко излагается биография Кашифи, его образование и карьера, а также перечисляются наиболее известные его труды, охватывающие широкий спектр тем, от толкования Корана до этики, литературы, эпических произведений и даже астрономии. Основное внимание в статье уделено взглядам Кашифи на качества идеального учителя и воспитателя. Автор статьи, опираясь на труды Кашифи, выделяет следующие ключевые качества: обладание великим нравом, искренность и правдивость, богобоязненность, доброжелательность, честность и надежность, миролюбие, стойкость и постоянство, терпение и снисходительность, строгость к низким поступкам. Таким образом, статья представляет собой подробный анализ педагогических воззрений Хусейна Ваиза Кашифи, основанных на исламских принципах и персидско-таджикской литературной традиции.

Ключевые слова: Хусейн Ваиз Кашифи, таджикско-персидская литература, учитель, воспитатель, нравственность, обучение и воспитание.

THE ROLE AND QUALITIES OF A TEACHER AND EDUCATOR ACCORDING TO HUSAYN VAIZ KASHIFI

This article is dedicated to an analysis of the views of Mavlono Kamoliddin Husayn bin Ali Kashifi, a renowned Tajik-Persian literary figure, mystic, Quran interpreter, and commentator on Jalaluddin Balkhi's "Masnavi-ye Manavi," regarding the role and qualities of a teacher and educator. Kashifi, who lived at the turn of the 15th-16th centuries, left a rich legacy highly valued by his contemporaries and descendants, including such outstanding figures as Jami and Navoi. The article briefly outlines Kashifi's biography, his

education and career, and lists his most famous works, covering a wide range of topics from Quran interpretation to ethics, literature, epic works, and even astronomy. The article's primary focus is on Kashifi's views on the qualities of an ideal teacher and educator. Relying on Kashifi's works, the author highlights the following key qualities: possession of a noble character, sincerity and truthfulness, piety, benevolence, honesty and reliability, peacefulness, steadfastness and constancy, patience and tolerance, and strictness towards base actions. Thus, the article presents a detailed analysis of Husayn Vaiz Kashifi's pedagogical views, grounded in Islamic principles and the Persian-Tajik literary tradition.

Keywords: Husayn Vaiz Kashifi, Tajik-Persian literature, teacher, educator, morality, teaching and education.

Дар бораи муаллиф
Саидолим Комилҷон Саидмирзо
Номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи назария ва амалияи забоншиносӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
E-mail: komilchon.saidolimov@bk.ru

Об авторе
Саидолим Комилджон Саидмирзо
Кандидат филологических наук, доцент кафедры теории и практики языкознания
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
E-mail: komilchon.saidolimov@bk.ru

About the author
Saidolim Komiljon Saidmirzo
Candidate of Philological Sciences, Associate Professor of the Department of Theory and Practice of Linguistics
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
E-mail: komilchon.saidolimov@bk.ru

ТДУ 327.7:070

МУШКИЛОТИ ҶАҲОНИШАВӢ ВА ИНЪИКОСИ МАВҚЕИ ТОҶИКИСТОН ДАР ВАО

Сафарзода Х. Ҳ.
Коллеҷи омӯзгории шаҳри Турсунзода

Вақте сухан аз замина ва омилҳои ташаббусҳои байналмилалии Тоҷикистон ба миён меояд, пеш аз ҳама, вазъи сиёсиву иқтисодии кишвар дар замони пош хӯрдани Иттиҳоди Шуравӣ, ба даст омадани истиқлолияти давлатӣ, оғози ҷанги шаҳрвандӣ, шуруи музокироти сулҳи тоҷикон, муносибатҳои минтақавию байналмилалӣ пеши назар меояд, ки фаъолияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар сатҳ ва заминаҳои нав вусъат бахшид. Воқеаҳои сиёсиву иҷтимоии даҳсолаи охири садаи XX заминаи таърихиро барои шаклгирии сиёсати нави давлатдорӣ дар Тоҷикистон ба вуҷуд овард, ки ҷузъи муҳимми онро сиёсати хориҷии кишвар ва муносибати Ҳукумат ба масъалаҳои муҳими ҷаҳонӣ муайян менамояд.

Тағйир ёфтани вазъи сиёсии ҷаҳони муосир, ба миён омадани мушкилиҳои сатҳи байналхалқӣ ва муносибатҳои номунатазами байни давлатҳо, зиёд шудани муноқишаҳои милливу фаромиллӣ, сатҳи пасти иҷтимоӣ мавқеи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар баҳо додан ва пайгирии равандҳои тағйирёбандаи сиёсиву иҷтимоӣ ва иқтисодиву фарҳангӣ дигар кард. Ба андешаи дигар, раванди фарогире ба вуҷуд омад, ки мавқеъ ва масъулияти Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар баробари мушкилиҳои дохиливу берунӣ мушаххас месохт.

Ҷаҳонӣ шудани дунёи иттилоот ва алоқамандии он бо минтақаҳои миллии иттилоърасонӣ ба эҷоди ҷомеаи илмӣ сабаб шуда, ҷараёни пайвастаи иттилоот, инкишофи равшани ақидаву афкорро ба манфиати ҷомеа осон месозад. Ин раванд дар роҳи тасмимгириҳои сиёсиву иҷтимоӣ ва фарҳангӣ дар дурнамои фаъолиятҳои маҳаллӣ, миллӣ ва фаромиллӣ натиҷаи қобили таваҷҷуҳро ба бор оварда, дар маҷмуъ барои ҷомеаи миллӣ ва ҷаҳонӣ судманд хоҳад буд.

Он чи дар шароити имрӯза иттилоърасониро аз ҷиҳати суду зиён қобили мулоҳиза мекунад, пеш аз ҳама, ба ҳадду марзи иттилоот ва нуфузи он дар чорчӯби давлату миллат ва ҷаҳон вобаста мебошад ва то ҷое пажуҳиши қавму миллатҳоро низ дар ҷомеа таҳти таъсир қарор медиҳад. Ба андешаи муҳаққиқ А. Азимов мусаллам аст, ки «ВАО бо пайгирӣ ва нашри маводҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ имкон фароҳам овард, ки вазъи ҷомеа, тамоюлҳо, воқеаҳои иҷтимоиву сиёсӣ ва фарҳангии кишвар ба таври воқеӣ шинохта шавад» [2, с. 128]. Аз ин рӯ, инкишофи воситаҳои ахбори омма, бавуҷудоии шаклҳои нави он, вусъати доираи таъсирпазирии табақаҳои мухталифи ҷомеа, дастёбӣ ба омилҳои асосии пайвандшавии инсон бо муҳити беруна воситаҳои ахбори оммаро ба аслиҳаи тавонои созанда табдил додааст ва ба ин далел саҳми он дар шинохти имиҷи сиёсии давлату миллат дар таъсиргузорӣ ва роҳи ҳалли масъалаҳои глобалӣ (ҷаҳонишавӣ) низ бузург аст. Дар ин раванд васоити ахбори омма унсури воқеии инъикос ва фошкунандаи мақсади тамоюлҳои вайронгар буда, рӯз ба рӯз ба яроқи тавонои равшангар табдил меёбад, ки ин ҷараён арзиши миллӣ ва фаромиллӣ дошта, «дар чорчӯби сиёсати умумӣ ва сиёсати озодии ахбор» [7, с. 23] манфиатҳои маҳаллӣ ва фаромиллиро ҳимоя менамояд. Яке аз ҳамин гуна проблемаҳои муҳими сиёсӣ ва иҷтимоии рӯз ташаббусҳои байналмилалии Тоҷикистон дар бобати сулҳ ва ризояти миллӣ, муҳити зист, аз ҷумла оби тоза, иқлим, пиряхҳо ва истифодаи судманди захираҳои обӣ, ҳамчунин ҳифзи амнияти минтақавӣ ва фароминтақавӣ буда, аз солҳои 2000 то ба имрӯз дар матбуоти даврии Тоҷикистон аз ҷумла «Ҷумҳурият», «Садои мардум», «Паёми Душанбе», «Минбари халқ», «Тоҷикистон», «Фараж», «Народная газета», «Халқ овози» васеъ ва ҳаматарафа инъикос ёфтааст.

Матбуоти даврии тоҷик дар ин замина ба инъикос, баррасӣ ва таҳлилу арзёбии масъалаҳое таваҷҷуҳ кардааст, ки аҳамияти миллӣ ва фаромиллӣ дошта, Тоҷикистон низ «аз фишори чунин хатару ситезаҳои глобалӣ беруннабудааст» [3, с. 5]. Раванди музокирот дар

роҳи истиқрори сулҳ ва таъмини амнияти миллӣ аз аввалин ташаббусҳои давлат ва Ҳукумати Тоҷикистон буд, ки заминаи мусоидро барои оромӣ ва инкишофи сиёсӣ, иқтисодиву иҷтимоӣ фароҳам овард ва «...таҷрибаи Тоҷикистон аз рӯйи пешрафти гуфтугӯи мусолиматомез» [6, с. 129] ҳамчун таҷрибаи нодир дар матбуоти даврии дохилӣ ва берунӣ инъикос ва аз тарафи ҷомеаи ҷаҳонӣ пазироӣ ёфт. Аз ин рӯ, метавон таъкид дошт, ки «... дар инъикос кардани масъалаҳои сулҳу ваҳдат ва расидан ба мақсадҳои олӣ, яъне созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ нақши матбуоти даврӣ калон аст» [1, с. 92].

Дар заминаи маводҳое, ки солҳои тӯлонӣ дар матбуоти даврӣ доир ба мушкилоти зикршудаи глобалӣ (ҷаҳонишавӣ) ба табъ расидаанд, метавон сарчашмаҳои асосии шиддатгирии мушкилиҳои глобалиро ба тариқи зер муайян ва мушаххас кард:

«– тазодҳои ҳаёти ҷомеа (иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ);

– истеҳсолоти моддӣ, ки дар натиҷаи он пайвандҳои экологӣ гусаста шуда, ба муҳити зист зарар мерасонад ва дар натиҷа мавҷудияти инсоният зери хатар қарор мегирад;

– суръати ҷараёнҳои демографӣ, яъне афзоиши аз меъёр зиёди аҳолӣ ё нокифоягии он.

– фоҷеаи техногенӣ ва табиӣ;

– афзудани ҷараёни ҷаҳонӣ шудан ва ба ҳам вобастагии иқтисоди ҷаҳонӣ» [4, с. 89].

Дар пажуҳиши воқеиятҳои глобалӣ ва мушкилиҳои он бисёре аз муҳаққиқон роҳҳои ҳалли онро низ пешбинӣ ва ишора кардаанд:

– мушкилиҳое, ки вазъиятро мураккаб намуда, барои ба вуқӯъ напайвастани фоҷеа чораандеширо тақозо дорад;

– масъалаҳое, ки дар сурати ҳал нагардидан боиси фоҷеа мешаванд;

– мушкилиҳое, ки хавфи он бартараф шуда бошад ҳам, назорати доимиро талаб мекунанд.

Таҷриба нишон дод, ки мушкилиҳо дар миқёси байналхалқӣ, аз ҷумла Созмони Милали Муттаҳид, Созмони амният ва ҳамкории Аврупо, Созмони ҳамкории исломӣ, Созмони ҳамкории Шанхай ва созмонҳои дигари ҷаҳонию минтақавӣ мавриди таҳқиқи муҳаққиқони соҳа қарор дошта, қисман ба ҳам монанданд ва аз тарафи дигар тафовутҳо ҳам доранд. Бо назардошти умумият ва фарқи назарҳо дар шинохти мушкилиҳои глобалӣ ва ба эътибор гирифтани мавқеи Тоҷикистон оид ба ҳамин масъала ва инъикоси он дар матбуоти даврии тоҷик, мушкилиҳои миқёси глобалии ҷаҳони муосир ба андешаи мо ба тариқи зайл аст:

1. Тағйироти муҳити зист;
2. Афзоиши номутаносиби аҳолӣ;
3. Норасоии озуқа, захираҳои обӣ, оби тоза ва неруи барқ;
4. Қафомонии технологии кишварҳои ҷаҳони сеюм;
5. Зиддият ва мухолифатҳои фарҳангӣ;
6. Терроризми байналхалқӣ;
7. Ифротгароии мазҳабӣ;
8. Ҷиноятқории трансмиллӣ ва қочоқи маводи мухаддир.

Дар баъзе аз қарору ҳуҷҷатҳои расмӣ, мақолаҳои мутахассисон, пажуҳишгарон, коршиносон, ки аз ин проблема менависанд, ҳамчунин матолиби дар матбуоти даврии тоҷик ба табъ расида «тағйироти экологӣ, афзоиши номутаносиби аҳолӣ, норасоии озуқа, захираҳои обӣ ва энергетикӣ, қафомонии технологии ҷаҳони сеюм, терроризми байналмилалӣ, қочоқи маводи мухаддир» [3, с. 3] таъмини сулҳу субот дар Афғонистон, инкишофи захираҳои инсонӣ, захираҳои обӣ, оби тоза, таъмини рушди устувор, истифодаи муассир, оқилона ва сарфаҷӯёнаи захираҳои табиӣ, дастрасӣ ба энергия, тавсеаи роҳҳои нақлиётиву коммуникатсионӣ «ҳамчун мушкилоти афзалиятноки сатҳи ҷаҳонӣ» [3, с. 17] ёд шуда, ба таъкиди муҳаққиқон «ҷониби Тоҷикистон мутмаъин аст, ки бидуни ҳаллу фасли ин мушкилоти глобалӣ дастрасӣ ба рушди устувор, рафъи камбизоатӣ ва қашшоқӣ, таъмини сулҳу субот дар саросари дунё имконнопазир аст» [3, с. 21].

Ҳамин тариқ, дар фаъолияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сиёсати хориҷии он аз охири солҳои навадум то имрӯз ба намудҳои дар фавқ зикршудаи мушкилоти глобалӣ

таваҷҷуҳи хос зоҳир гардида, онҳо самтҳои асосии ҳамкории ҳукуматро бо Созмони Милали Муттаҳид ва созмонҳои байналмилаливу давлатҳо муайян менамоянд. Дар ин миён, чунон ки дар суханрониҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Эмомалӣ Раҳмон таъкид шудааст, ки «муносибатҳо бо Созмони Милали Муттаҳид ва Созмони амният ва ҳамкории Аврупо дар сиёсати хориҷии Тоҷикистон мақоми махсус доранд. Ин ду созмони бонуфузи байналмилалӣ дар боби таҳкими мақоми Тоҷикистон ҳамчун воҳиди баробарҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ, пайвастани он ба раванди муосири байни давлатҳо, шиносондани он ба доираҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии дунё ва аз ҳама муҳимтараш дар амри барқарории сулҳу субот дар минтақа саҳми муҳим доранд» [3, с. 26].

Дар раванди инкишофи муносибатҳои сатҳи ҷаҳонии Тоҷикистон Президенти кишвар ва ҳукумати ҷумҳурӣ масъалаҳои муҳимми глобалиро, ки аҳамияти байналмилалӣ доштанд, ба миён гузошта, барои ҳаллу фасли онҳо муттасил талош карданд. Дар миёни ин масъалаҳо ва иқдомҳои созанда мушкилоти сулҳи Тоҷикистон, захираҳои обӣ ва оби тоза, терроризм ва ифротгароии мазҳабӣ ҷойгоҳи ҷудогона дошта, ҳар кадоме доираи васеи масъалаҳои амниятӣ, рушди устувор ва истифодаи захираҳои истеҳсолиро дар бар мегирад.

Яке аз масъалаҳои муҳимми глобалӣ, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар сатҳи Созмони Милали Муттаҳид ба миён гузошт, мушкилоти оби тоза буд. Президенти кишвар ҳанӯз соли 2003 дар иҷлосияи 54-уми Маҷмааи умумии Созмони Милали Муттаҳид ин масъаларо баррасӣ намуда, аз ҷумла гуфтааст: «...вақти он расидааст, ки таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ ба проблемаи оби тоза ва масъалаҳои ба он вобаста ҷалб карда шавад. Тоҷикистон бо ин мақсад пешниҳод менамояд, ки соли 2003 соли байналхалқии об эълон карда шавад. Ин ташаббуси мо ба хавфи муташанниҷ гардидани вазъияте вобаста мебошад, ки миллиардҳо одамон аз истеъмоли оби тоза маҳруманд. Мувофиқи маълумоти оморӣ, нисфи аҳолии ҷаҳон бо сабаби олуда гардидани об дар шароити зиддисанитарӣ зиндагӣ мекунанд, ҳар сол дар ҷаҳон бештар аз 5 миллион нафар дар натиҷаи истеъмоли оби ифлос вафот карда, зиёда аз се миллиард нафар ба бемориҳои гуногун гирифтор мешавад. Ба андозаи афзудани аҳолӣ зуҳуроти «задухӯрди давлатҳо барои ба даст овардани манбаъҳои оби тоза» [5, с. 41] характери воқеӣ мегирад...

Ҳамин тариқ, масъалаи об, мисли проблемаҳои дигари оянда бо проблемаҳои таъмини амният дар шароити ба ҳамдигар вобаста будани миллатҳо бевосита алоқаманд аст. Проблемаи об ҳамзамон бо ҷиҳатҳои соф гуманитарии он, инчунин ҷиҳатҳои дигар, аз ҷумла ҷиҳатҳои иқтисодӣ ва экологӣ низ дорад. Обро ҳамчун сарвати умумӣ баррасӣ намуда, масъулияти ҳифзи онро барои наслҳои оянда ба зиммаи ҳамаи давлатҳо гузоштан зарур аст. Ҳамкории амалии умумиҷаҳонӣ дар асри XXI ба ҳалли сиёсии ин проблема имконият фароҳам оварда, кафолат дода метавонад, ки ҷиҳати низомии он ҳеҷ гоҳ мавриди истифода қарор нагирад. «Умедворем, ки ташаббуси мо дар бораи ҳалли проблемаҳои бо об вобаста буда, на танҳо Тоҷикистон, ки дорои захираҳои фаровони об аст, балки барои аксарияти давлатҳои узви Созмони Милали Муттаҳид ҳаётан муҳим буда, ҳамовозӣ пайдо хоҳад кард» [5, с. 49]. Ҳамин масъалаи муҳим ҳадалимкон дар воситаҳои ахбори оммаи тоҷик ва дунё инъикос ёфта, дар тамоми кишварҳо ҳамовозӣ пайдо кард. Ин масъала яке аз масъалаҳои муҳим дар асри XX1 арзёбӣ гардид. Рӯзномаҳои «Ҷумҳурият», «Садои мардум», «Тоҷикистон» ва дигар воситаҳои ахбори омма, аз ҷумла телевизион ва радио низ барои тарғиби ҳамин масъалаи глобалӣ саҳми худро мегузоштанд. Бояд зикр намуд, ки дар назди воситаҳои ахбори омма вазифаҳои фаҳмондадиҳӣ гузошта шуда буд. Ҳаминро ба инобат гирифта муҳаққиқ И.Усмонов навишта буд, ки «Воситаи ахбор вазифадор аст, ки сиёсати давлатро инъикос намояд ва ба тавре инъикос намояд, ки он бар татбиқи манфиати миллӣ мусоидат намояд» [8, с. 237]. Дар ҳақиқат матбуоти даврӣ аз ӯҳдаи чунин вазифаҳо хуб баромадааст.

Масъалаи соли байналмилалии об, истифодаи оқилонаи захираҳои об ва «Даҳсолаи амалиёти байналмилалии «Об барои ҳаёт», солҳои 2005-2015 аз ҷумлаи ташаббусҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон буд, ки Дабири кулли Созмони Милали Муттаҳид дар натиҷаи баргузории он Шурои машваратӣ оид ба захираҳои об ва беҳдоштро таъсис дод. Дар

доираи ин ташаббусҳо дар асоси Қатъномаи Маҷмааи Умумии Созмони Милали Муттаҳид ва ҳамкорӣ бо ниҳодҳои он дар шаҳри Душанбе чорабиниҳои зиёде, аз ҷумла Форуми байналмилалии оби тоза (августи соли 2003), Конфронси байналмилалӣ оид ба қоҳиш додани офатҳои табиии марбут ба об (Соли 2008) баргузор гардиданд [3, с. 13].

Чорабиниҳое, ки Созмони Милали Муттаҳид доир ба мушкилоти об ба роҳ андохт, бо назардошти пешниҳоди Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба соли байналмилалии оби тоза эълон кардани соли 2003 амалӣ шуда, паҳлуҳои дигари ин масъала, аз ҷумла истифодаи оқилонаи захираҳои обӣ ва танзими истифодаи ин захираҳо дар сатҳи байнидавлатӣ мавриди муҳокима қарор дода шуданд [3].

Дар шинохт ва коҳиш додани фосила миёни мушкилоти сатҳи миллӣ ва ҷаҳонӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон раванди ояндадореро пеш гирифта, дар ин замина масъалаҳои сулҳу оромии минтақа, мубориза бо терроризми байналмилаливу минтақавӣ, дастгирии кишварҳои қафомонда, таъмини рушди устувор ва дастрасӣ ба энергия «дар сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгоҳи доимӣ дошта, мусоидат ба ҳалли онҳо чун ҳадафи авлавиятнок муайян шудааст» [3, с. 17]. Ҷониби Тоҷикистон бидуни ҳаллу фасли ин мушкилоти глобалӣ дастрасӣ ба рушди устувор, рафъи камбизоатӣ ва қашшоқӣ, таъмини сулҳу суботро дар саросари дунё имконнопазир донистааст. Албатта, масъалаҳое, ки дар боло зикр гардид сатҳи минтақавӣ ва ҷаҳонӣ дошта, дар баррасӣ, фаҳмондадиҳӣ, маслиҳатдиҳӣ ва роҳҳои ҳалли масъала аз тарафи коршиносон, мутахассисон ба воситаи матбуот ва дигар воситаҳои ахбори омма баён гардида, роҳҳои бартараф кардани он нишон дода шудааст.

Ҳамин тавр, дидгоҳҳои муҳаққиқони сиёсатшинос, муаррихон, публитсистон, журналистон ва сиёсатмадорон доир ба навъҳои мушкилоти ҷаҳонӣ аз ҳам фарқ дошта бошад ҳам, он дар се самт – сиёсӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ устувор буда, омилҳое мисли нооромиҳои сатҳи ҷаҳониву минтақавӣ, вазъи иҷтимоии сокинони сайёра, афзоиши аҳолии сайёра, барқароркунии низоми нави иқтисодиву сиёсӣ, бартараф сохтани нобаробариҳои иҷтимоӣ ва ақибмондагӣ, камбағаливу қашшоқӣ ва монанди инҳо ба вуҷудоварандаи масъалаҳои глобалӣ мебошанд. Ҳамин масъалаҳо маҳз дар воситаҳои ахбори омма, бахусус дар матбуоти даврии тоҷик «Ҷумҳурият», «Садои мардум», «Тоҷикистон», «Фараж», «Паёми Душанбе», «Минбари халқ», «Народная газета», «Халқ овози», «Адабиёт ва санъат» ва маҷаллаҳои гуногун ба мисли «Садои Шарқ», «Фирӯза» таҷассуми худро ёфтаанд, ки аз заҳмати ходимони он, журналистон гувоҳӣ медиҳад.

Адабиёт

1. *Азимов, А. Рӯзнома ва рисолати худшиносӣ / А. Азимов. – Душанбе: Шарқи озод, 2015. – 152 с.*
2. *Азимов, А. Публитсистика ва воқеият / А. Азимов. – Душанбе: Шарқи озод, 2020. - 143 с.*
3. *Зарифӣ, Ҳ. Тоҷикистон ва масоили глобалии ҷаҳони муосир / Ҳ. Зарифӣ // Сиёсати хориҷӣ. – 2012. - № 2. – С. 3-17.*
4. *Костин, А. И. Экополитология и глобалистика / А. И. Костин. – М: Аспект Пресс, 2005. - 263 с.*
5. *Раҳмонов, Э. Суханронӣ дар иҷлосияи 58-уми Ассамблеяи Генералии СММ. Ню-Йорк, 30-уми сентябри соли 2003 // Э. Раҳмонов. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат. Иборат аз панҷ ҷилд. Ҷ.5. – Душанбе: Ирфон, 2005. - 521 с.*
6. *Сафаров, С. Миростроительство и разрешение конфликтов в мусулманских странах: опыт Таджикистана / С. Сафаров // Сиёсати хориҷӣ. – 2012. – № 1. – С. 129-135.*
7. *Усмонов, И. Воситаҳои ахбори омма ва сиёсати хориҷии Тоҷикистон / И. Усмонов. – Душанбе, 2003. – 64 с.*
8. *Усмонов, И. К. Журналистика. Қ. 3. / И.К. Усмонов. - Душанбе, 2008. - 448 с.*
9. *Садои мардум. - 2009. - 20 март.*
10. *Ҷумҳурият. – 2010. - 26 апрел.*

МУШКИЛОТИ ҶАҲОНИШАВӢ ВА ИНЪИКОСИ МАВҚЕИ ТОҶИКИСТОН ДАР ВАО

Мақолаи мазкур ба яке аз масъалаҳои муҳими журналистика - мушкилоти ҷаҳонишавӣ ва инъикоси мавқеи Тоҷикистон дар воситаҳои ахбори омма бахшида шудааст. Воқеан даҳсолаи охир нишон медиҳад, ки вазъи сиёсии замони муосир хеле мураккаб шуда, проблемаҳои зиёде ба мисли тағйрёбии иқлим, оби нӯшокӣ, нарасидани хурокворӣ, тероризми минтақиву байналхалқӣ, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, экстремизм ва ифротгароии мазҳабӣ ҷаҳони имрӯзаро фаро гирифтааст. Дар инъикоси чунин проблемаҳои муҳими байналхалқӣ воситаҳои ахбори омма, алалхусус матбуоти даврии тоҷик нақши муҳиме дорад. Ҷаҳонӣ шудани дунёи иттилоот ва алоқамандии он бо минтақаҳои миллии иттилоърасонӣ сабаби таъсиррасонӣ ба афкори омма мегардад. Аз ин рӯ, матбуоти даврии тоҷик масъалаҳои зикршударо ба хонандаҳои худ, яъне гирандагони ахбор бо тамоми маънӣ шарҳу эзоҳ дода, иқдомҳои пешгирифтаи Президенти мамлакатро саривақтӣ тарғиб мекунад ва ҷомеаи тоҷикро ба ҳушёрӣ ва зиракӣ даъват менамояд. Матбуоти даврии тоҷик дар ин замина ба инъикос, баррасӣ ва таҳлилу арзёбии масъалаҳое таваҷҷуҳ кардааст, ки аҳамияти миллӣ ва фаромиллӣ дошта, Тоҷикистон низ аз фишори чунин хатару ситезаҳои ҷаҳонишавӣ берун набудааст. Масъалаҳои муҳими зикршуда ҳадалимкон дар воситаҳои ахбори оммаи тоҷик ва дунё инъикос ёфта, дар тамоми кишварҳо ҳамовозӣ пайдо кардааст. Ин проблема яке аз масъалаҳои муҳим дар асри XXI арзёбӣ мегард. Рӯзномаҳои «Ҷумҳурият», «Садои мардум», «Тоҷикистон», «Паёми Душанбе», «Минбари халқ», «Фараж», «Народная газета», «Халқ овози» ва дигар воситаҳои ахбори омма, аз ҷумла телевизион ва радио низ барои тарғиби ҳамин масъалаҳои глобалӣ саҳми худро гузоштаанд. Бояд қайд кард, ки мақолаи мазкур ҳамин мавзуъҳои муҳими замонро фаро гирифта, матбуоти даврӣ вазифаи бевоситаи худро дар назди ҷомеа анҷом додааст.

Калидвожаҳо: муҳаққиқ, об, сиёсат, ҷаҳонишавӣ, ВАО, Тоҷикистон, тероризми байналхалқӣ, ҳукумат, тоҷикон, минтақа, муҳити зист, ҷаҳон, ВЭА, фарҳанг.

ПРОБЛЕМА ГЛОБАЛИЗАЦИИ И ОТРАЖЕНИЕ ПОЗИЦИИ ТАДЖИКИСТАНА В СМИ

Данная статья посвящена одному из важных вопросов журналистики - проблеме глобализации и отражению позиции Таджикистана в СМИ. Действительно, последнее десятилетие показало, что политическая ситуация в современную эпоху очень осложнилась, и многие проблемы, такие как изменение климата, питьевая вода, нехватка продовольствия, региональный и международный терроризм, незаконный оборот наркотиков, экстремизм и религиозный экстремизм охватили современный мир. Средства массовой информации, особенно таджикская периодическая печать, играют важную роль в отражении столь важных международных проблем. Глобализация мира информации и ее связь с национальными информационными зонами являются причиной влияния на общественное мнение. Поэтому таджикская периодическая печать разъясняет своим читателям, то есть получателям новостей, вышеуказанные вопросы во всем их значении, своевременно пропагандирует меры, принимаемые Президентом страны, и призывает таджикское общество к бдительности и благоразумию. В этом контексте таджикская периодическая печать уделяла внимание отражению, рассмотрению, анализу и оценке вопросов, имеющих национальное и транснациональное значение, и Таджикистан не был освобожден от давления таких угроз и конфликтов глобализации. Вышеуказанные важные вопросы получили широкое отражение в таджикских и мировых средствах массовой информации и обрели консенсус во всех странах. Эта проблема считается одной из важных проблем 21 века. Газеты «Джумхурият», «Садои Мардум», «Точикистон», «Паёми Душанбе», «Минбари Халк», «Фараж», «Народная газета», «Халк Овози» и другие средства массовой информации, включая телевидение и радио, также внесли свой вклад в продвижение этих глобальных вопросов. Следует отметить, что данная статья освещает эти важные темы того времени, и периодическая печать выполнила свой прямой долг перед обществом.

Ключевые слова: исследователь, вода, политика, глобализм, СМИ, Таджикистан, международный терроризм, правительство, таджики, округ, экология, мир, СМЭ, культура.

THE PROBLEM OF GLOBALIZATION AND THE REFLECTION OF TAJIKISTAN'S POSITION IN THE MEDIA

This article is devoted to one of the important issues of journalism - the problem of globalization and the reflection of Tajikistan's position in the media. Indeed, the last decade has shown that the political situation in the modern era has become very complicated, and many problems such as climate change, drinking water, food shortages, regional and international terrorism, illegal drug trafficking, extremism and religious extremism have engulfed the today's world. The media, especially the Tajik periodical press, play

an important role in the reflection of such important international problems. The globalization of the world of information and its connection with national information zones are the reason for influencing public opinion. Therefore, the Tajik periodical press explains the above-mentioned issues to its readers, that is, the recipients of the news, in all their meaning, promotes the measures taken by the President of the country in a timely manner, and calls on the Tajik society to be vigilant and prudent. In this context, the Tajik periodical press has paid attention to the reflection, consideration, analysis and assessment of issues that have national and transnational importance, and Tajikistan has not been exempt from the pressure of such threats and conflicts of globalization. The above-mentioned important issues have been widely reflected in the Tajik and world mass media and have gained consensus in all countries. This problem is considered one of the important issues of the 21st century. The newspapers "Jumhuriyat", "Sadoi Mardum", "Tojikiston", "Payomi Dushanbe", "Minbari Khalq", "Faraj", "Narodnaya Gazeta", "Khalq Ovozi" and other mass media, including television and radio, have also contributed to promoting these global issues. It should be noted that this article covers these important topics of the time, and the periodical press has fulfilled its direct duty to society.

Keywords: researcher, water, politics, globalism, media, Tajikistan, international terrorism, government, Tajiks, district, ecology, world, electronic media, culture.

Дар бораи муаллиф
Сафарзода Хуршед Ҳайдар
Номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забонҳо
Коллеҷи омӯзгории шаҳри Турсунзода
737450, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Турсунзода, деҳаи Дустӣ
E-mail: khursheds@mail.ru

About the author
Safarzoda Khurshed Haidar
Candidate of Philological Science, Associate Professor at the Department of Languages
Pedagogical College of Tursunzade
737450, Republic of Tajikistan, Tursunzoda city, Dusti village
E-mail: khursheds@mail.ru

Об авторе
Сафарзода Хуршед Хайдар
Кандидат филологических наук, доцент кафедры языков
Педагогический колледж города Турсунзаде
737450, Республика Таджикистан,
г. Турсунзаде, село Дусти
E-mail: khursheds@mail.ru

ТДУ 621.397 (575.3)

БУНЁД ВА ТАШАККУЛИ ТЕЛЕВИЗИОНҲОИ СОҲАВӢ ДАР ЗАМОНИ СОҲИБИСТИҚЛОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Наврӯзшоҳи Х. Р.
Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода

Ҷаҳонишавӣ ва бо суръати баланд инкишоф ёфтани технологияҳои иттилоотӣ ва васеъ паҳн шудани Интернет боиси фаъолгардии воситаҳои электронии ахбори омма гардидааст. Инсон барои огоҳӣ аз рӯйдодҳои муҳими рӯз, боло бардоштани дониши худ нисбати олами ҳастӣ ба воситаҳои ахбори омма ниёз дорад. Дар байни воситаҳои ахбори омма: матбуот, радио ва телевизион дастрасии бештари аҳолӣ ба телевизион ба мушоҳида мерасад. “Телевизион зина ба зина мавқеи худро дар байни воситаҳои ахбори омма ёфта, ба яке аз воситаҳои ахбори оммаи асосии ҷумҳурӣ табдил ёфтааст. Имрӯз дарёфти хонадоне, ки барномаҳои телевизиониро тамошо намекарда бошад душвор аст. Ин воситаи ахбори омма оинаи ҳаёти ҳақиқии ҳамарӯзаи ҷомеа гашта, ба афкори умум ва ҷаҳонбинии мардум таъсири амиқ мерасонад” [6, с. 43]. Телевизион дар ҳақиқатан ҳам, дар байни воситаҳои ахбори омма аз ҷиҳати таъсирбахш ва дастрас будан дар байни дигар воситаҳои ахбори омма соҳиби мавқеи хоса мебошад. Зеро “Телевизион барои миллионҳо сокинони сайёра яке аз сарчашмаҳои асосии иттилоот дар бораи рӯйдодҳои мамлакати хеш ва тамоми ҷаҳон гардидааст. Бо шарофати соҳибистиқлол гаштани Ҷумҳурии Тоҷикистон сол ба сол сафи шабакаҳои телевизионӣ дар Тоҷикистон зиёд гардида, имрӯз ба 50 расидааст. Аз ин 15 телевизонҳои давлатӣ ва 35 телевизионҳои ғайридавлатии маҳаллии хусусиву ҷамъиятӣ мебошанд. Инчунин даҳҳо шабакаҳои телевизионҳои ноқилӣ (кабелӣ) ва IP-телевизион баҳри бо сифати баланд пешниҳод намудани барномаҳои шабакаҳои телевизионии ватаниву хориҷӣ ба аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият мекунанд” [7, с. 29]. Дар солҳои соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ташаббуси бевоситаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон 9 телевизионҳои соҳавӣ: “Сафина”, “Ҷаҳоннамо”, “Баҳористон”, “Варзиш”, “Синамо”, “Футбол”, “Шаҳнавоз”, “Илм ва табиат” ва “Сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ” таъсис ёфта, барномаҳои соҳавӣ таҳия ва пешниҳоди тамошобинон гардонида мешаванд. Имрӯз тариқи Интернет ва моҳвора бинандагон имкон доранд, ки барномаҳои телевизионҳои давлатии Тоҷикистонро бо забони тоҷикӣ дар тамоми гушаву канори ҷаҳон тамошо кунанд.

Дар ҳамин ҷо бамаврид аст ба ёд биёрем, ки ҳануз 3-юми октябри соли 1959 барномаҳои аввалини Телевизиони “Тоҷикистон” бо забони тоҷики ва русӣ манзури бинандагон гардонида шуда буд. Соати 18.00-и 3-юми октябр наттоқ Рафоат Абдусаломова дар экрани Телевизиони тоҷик пайдо шуда, ба бинандагон чунин гуфта буд: “Ассалому алейкум, тамошобинони азиз! Студияи телевизионии Сталинобод намоиши аввалини худро оғоз мекунад” [7, с. 24]. Баъд наттоқи дуюм Валентина Исаева чунин суханонро бо забони русӣ баён мекунад. Сипас хабарҳои муҳим дар ҳаҷми 3 дақиқа пешниҳоди тамошобинон гардонида мешаванд. Дар охир филми истеҳсоли “Тоҷикфилм” бо номи “Чароғ дар кӯҳсор” бо забони тоҷикӣ намоиш дода мешавад. Бо ҳамин намоиши барномаҳои Телевизиони тоҷик, ки дар ҳудуди якуним соат давом мекунанд ба поён мерасад. “Пайдоиши телевизион дар Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон баъди қариб 28 соли дар пойтахти Иттиҳоди Шуравӣ шаҳри Маскав кушода шудани он ба вуқуъ пайвастааст” [6, с. 21]. Пайдоиши телевизион ҳамчун воситаи ахбори омма дар Тоҷикистон дар замони Иттиҳоди Шуравӣ тақозои ҳамон давр ба шумор меравад. “Ҳар як ҷомеа, новобаста ба таъйиноти сохториаш, бидуни матбуот пеш рафта ё тараққӣ карда наметавонад. Дар тамоми давру замон қудратҳои сиёсӣ орзую омол ва ақидаҳои мафкуравии худро танҳо ба воситаи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма байни мардум тарғибу ташвиқ намуда, ҳамзамон ниятҳои худро

амалӣ мекарданду мекунанд. Аз ин рӯ, дар ҳар давраи муайяни таърихӣ таъсис ва ташаккули матбуоти даврӣ вобаста ба вазъияти сиёсӣ ва идеологии ҳамзамон сурат гирифтааст” [2, с. 273]. Таъсиси воситаи нави ахбори омма таваҷҷуҳи аҳолиро ба худ бештар ҷалб мекард. Мақсаду мароми таъсисдиҳандагони ин воситаи ахбори омма ҷалби зиёдтари мардум ба шумор мерафт. “Агар ба пайдоиш ва рушди радио ва телевизиони замони Шуравӣ назар андозем, бидуни шакку тардид дармеёбем, ки аз ибтидо талош ва таваҷҷуҳ самти дарёфти ҳарчи бештари шунавандаву бинанда равона будааст” [10, с. 236].

Дар оғоз соли 1959 Студияи телевизиони Сталинобод ҳафтае ду маротиба барномаҳо намоиш медод. Пас аз 1 январи соли 1960 барномаҳо аз соати 20.00 то 21.30 давом мекард. Аз ин 10-20 дақиқааш барномаҳои худӣ ва боқимонда иборат аз киножурнал ва филмҳои ҳунарӣ буданд. “Аз моҳи августи соли 1960 эълони барномаҳои Телевизиони тоҷик дар рӯзномаҳои ҷумҳуриявӣ чоп мешуданд. Аз ҳамин давра сар карда, рафти бозии футбол ва дигар воқеаҳои муҳим бо телевизион ба тарзи репортаж намоиш (транслятсия) дода мешуданд. Аз 1 июли соли 1960 барномаҳои Телевизиони тоҷик ҳамарӯза, хабарҳои охирин дар ҳаҷми то 10 дақиқа ва ҳаҷми барномаҳо ба 3 соату 30 дақиқа расонда шуданд” [4, с. 25]. Рӯз аз рӯз таваҷҷуҳи тамошобинон ба барномаҳои Телевизиони тоҷик зиёд мегардид. Мардум ба хонаҳои шахсони телевизордошта ҷамъ шуда дар якҷоягӣ, онро бо шавқу завқ тамошо мекарданд. Соли 1959 дар пойтахт ҳамагӣ 300 адад телевизор мавҷуд буд, шумораи он дар муддати як сол яъне соли 1960 ба 2500 мерасад.

Дар аввал асосан барномаҳо мустақиман манзури тамошобинон гардонида мешуданд, зеро имкони сабти пешакии он мавҷуд набуд. Ин давра ба солҳои 1959-1970 рост омада, марҳилаи якуми фаъолияти телевизион дар Тоҷикистон ба шумор меравад. Бо ҳамин сабаб аз барномаҳои дар марҳилаи аввал таҳияшуда, бойгонии видеоӣ боқӣ намондааст.

Марҳилаи дуюми фаъолияти Телевизиони тоҷик ба солҳои 1970-1985 рост меояд. Дар ин давра Телевизиони тоҷик ба марҳилаи нави ташаккул ворид гардидааст. “Соли 1970 Телевизиони тоҷик бо техникаи нави сабти барномаҳо таъмин шуд, шароити нисбатан беҳтар ҷиҳати босифат пахш намудани барномаҳо ба вуҷуд омад, ҳарчанд мушкилоти техникӣ пурра аз байн нарафт” [10, с. 74]. Ба Телевизиони тоҷик хатмкунандагони ихтисоси журналистикаи Университети давлатии Тоҷикистон ба номи В. И. Ленин ба кор меоянд. Пахши ҳаҷми барномаҳо то ба 7 соат расонда мешавад. Бо имкони сабти пешакии маводи телевизионӣ ба миён омадан, талабот ба босифати барномаҳо зиёд мегардад. Барномаҳои телевизионӣ баъди тамошои пешакии он аз тарафи роҳбарияти телевизион қабул ва дар ҳолати норасоӣ доштан барои ислоҳ бозпас гардонида мешуданд. Бо ин масъулияти таҳиягарони барномаҳо боз ҳам баланд гашта, барои таҳияи барномаҳои касбӣ мусоидат менамуд.

Солҳои 1985-1991, ки оғози давраи бозсозӣ то ба истиқлолияти давлатӣ соҳиб гаштани Тоҷикистон мебошад, марҳилаи сеюми фаъолияти телевизиони “Тоҷикистон” ба ҳисоб меравад. “Дар солҳои 80-уми қарни XX дар ҳаёти одамони шуравӣ тағйиротҳои назаррас ба вуқуъ пайваст. Ба қавле дар ҳаёти онҳо бозсозӣ фаро расид. Гӯё инсон аз ҳама бандҳо озод гардид, роҳу воситаҳо боз шуданд. Моҳияти идеологии ин дигаргуниҳо дар тағйироте, ки анҷумани XXVII ҲКИШ (Ҳизби Коммунисти Иттиҳоди Шуравӣ) дар масъалаи таркиби сохтори идеологӣ ворид кард, бештар ошкор мешавад” [14, с. 236]. Сар шудани ошкорбаёнӣ, қабули қонуни матбуот, барҳам хурдани сензураи воситаҳои ахбори омма журналистони воситаҳои ахбори оммаро ба боҷуратона, нотарсона баён намудани норасоиҳо, танқиди мансабдорони зинаҳои балантарини мақомоти давлатдорӣ ҳидоят намуд. “Телевизион дар шикасти сохти сотсиалистӣ бо маводи зиёди ошкорои маҳвкунандаи хеш ҳиссаи назарраси худро гузошт. Шумораи намоишҳои мустақим (зинда), ки аз қайчии муҳаррир берунанд ба якборагӣ зиёд шуданд” [13, с. 80]. Ин ошкорбаёнӣ муборизаи байни тарафдорони низоми пешинаро бо ислоҳҳоҳони замони бозсозӣ ба авҷи аълояш мерасонд.

19 августи соли 1991 дар Маскав Кумитаи давлатии вазъи фавқулодда (ГКЧП), баҳри бо роҳи табаддулотӣ пешгирӣ намудани парокандашавии Иттиҳоди Шуравӣ ташкил ёфт. Вале бо сабаби дастгирӣ наёфтан 21 августи соли 1991 шикаст хӯрда, боиси пошхӯрии

Иттиҳоди Шуравӣ ва соҳибистиқлолии худро эълон намудани ҷумҳуриҳои дар тобеияти он буда гаштанд. 9 сентябри соли 1991 депутатҳои Шурои Олии РСС Тоҷикистон эъломияро дар хусуси истиқлолияти ҷумҳурӣ бо як овоз қабул карданд. Бо ҳамин Тоҷикистон ҷумҳурии соҳибистиқлол гардид.

Истиқлолият имкон фароҳам овард, ки мавзуъҳои доғи рӯз ба муҳокимаи умум пешниҳод гардида, андешаву пешниҳоди бинанда дар рафти барномаи мустақим бетаҳрир ба эфир равад. Ин тарзи пешниҳоди барнома маҳз тавассути бозсозӣ ба даст омад, ки ба фаъолияти журналистон имконияти васеъ фароҳам овард. Бо ин мавқеи телевизион дар байни дигар воситаҳои дигари ахбори омма боз ҳам баланд гардида, ба минбари асосии иттилоотии Тоҷикистон табдил ёфт.

“Марҳилаи сарнавиштсоз ва пурмасъулияти телевизион дар Тоҷикистон ба солҳои 1991 аз рӯзи истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон (9 сентябри соли 1991) то соли 1997 (27 июни соли 1997) имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон ба ҳисоб меравад” [7, с. 35]. Аз рӯзҳои нахустини соҳибистиқлолии Тоҷикистон муборизаи шадиди сиёсӣ байни қуввaҳои наву кӯҳнаи ҷомеа зуҳур меёфтанд. “9 сентябри соли 1991 Тоҷикистон истиқлолияти давлатиашро эълон намуд ва соҳибистиқлол шуд. Аз ҳамин давра ба баъд дар системаи сиёсӣ ва иқтисодиву мадании Тоҷикистон дигаргуниҳои бузурге ба амал омаданд, ки моҳияташон мустақилиятро ифода мекард. Дар соҳаи журналистика ин масъала ба пурра барҳам хӯрдани системаи мутлақи матбуоти ҳизбию шуравии тоҷик мутобиқ аст” [14, с. 253]. Вазъи номусоиди сиёсӣ ба фаъолияти журналистони Телевизиони “Тоҷикистон” таъсири манфӣ мерасонд. Дар чунин шароит тайёр намудани барномаҳои мувофиқ ба шароити нав душвор буд.

Аз 27 июни соли 1997 то ба охири соли 2004 марҳилаи дуюми инкишофи телевизион баъди соҳибистиқлолии кишвар ба ҳисоб меравад. “Дар ин марҳила таваҷҷуҳ ба таҳаввулоти кадрӣ ва сохтории телевизион бештар ба мушоҳида мерасанд. Ҳарчанд, ки ин воситаи ахбори омма бештар ниёз ба таҳаввулоти техникӣ дошт. Таъсиси Маркази продюсерӣ, гурӯҳи таҳлилӣ, барномаи “Субҳ”, дубляжи филмҳои мустанад, тасвирӣ, ҳунарӣ ва ба 9 соат расонидани ҳаҷми пахши барномаҳо дар як рӯз навгониҳое буданд, ки дар ин давра ба амал бароварда шуданд” [14, с. 39].

Марҳилаи нави ташаккули телевизион дар Тоҷикистон аз аввали соли 2005 сар шуда, то ба имрӯз идома дорад ва метавон онро марҳилаи пешрафти техникӣ номид. “Дар ин марҳилаи инкишофи Телевизиони “Тоҷикистон” ба рушди техникии телевизион, таъсиси шабакаҳои нави телевизионӣ, фарогирии манотиқи бештари пахши барномаҳои телевизионӣ ва беҳтарсозии сифати пахши барномаҳои телевизионӣ ноил шудан мебошад” [7, с. 40]. Инчунин дар ин давра таъсиси як қатор телевизионҳои соҳавӣ, ки ба рушди соҳаҳои муҳими ҳаёти иҷтимоӣ нигаронида шуда буд, боиси боз ҳам ташаккул ёфтани соҳаи телевизион дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гардидааст.

Бо гузашти солҳо вобаста ба зарурат дар соҳаҳои муҳими ҳаёт барномаҳои алоҳида таҳия ва манзури тамошобинон гардонида мешуданд. Дар оғоз асосан барномаҳои хабарӣ, консертҳо, спектаклҳо ва кинофилмҳо бо забонҳои тоҷикиву русӣ намоиш дода мешуданд. Минбаъд вобаста ба соҳаҳои муҳими ҳаёти иҷтимоии кишвар барномаҳои соҳавӣ низ таҳия ва пешниҳоди тамошобин мегардид. Дар солҳои аввали фаъолияти телевизион дар Тоҷикистон барои таҳияи барномаҳои соҳавӣ асосан мутахассини соҳае, ки дар бораи он барномаи телевизионӣ таҳия мегардид, даъват карда мешуданд. Баранди он шахсе таъин карда мешуд, ки мутахассиси ҳамин соҳа бошаду чеҳраи телевизионӣ дошта, сухандон, ва донишманд бошад. Ба ҷумлаи аввалин барномаҳои соҳавии телевизионӣ бо номҳои “Баҳористон”, “Тандурустӣ”, “Нештар”, “Душанбе”, “Студияи таълимии Дониш”, “Беғараз панд ҳамчу қанд бувад”, “Чашма”, “Саёҳат бо кинокамера”, “Чойхонаи дилкушо”, “Дугонаҳо”, “Ҳаёти деҳот”, “Инсон ва қонун", “Офарин” ва ғайраҳо буданд, ки тамошобинон бо шавқ тамошо мекарданд.

Боиси таъкид аст, ки бо таъсиси телевизион дар Тоҷикистон вобаста ба соҳаҳои асосии ҳаёти ҷомеа барномаҳои соҳавӣ бо ҷалби муттахассисони варзидаи ҳамон соҳа тайёр ва

манзури тамошобинон гардонида мешуданд, ки аксарияти ин барномаҳо мақбули тамошобинон мегардид. Вобаста ба ин дар замони муосир масъалаи тарбияи кадрҳои баландихтисоси соҳавии журналистикаи телевизион ба миён омадааст, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ин бобат чунин гуфтаанд: “Бе омодагии пешакӣ барои таҳияи намоиш нишастани журналистон масъалаи аз ҳама асосӣ мебошад. Ин масъала низ борҳо гуфта шуда буд, вале ҳоло низ мебинем, ки як нафар имрӯз барномаи кишоварзӣ, фардо барномаи мусиқӣ, рӯзи дигар аз иқтисодиёти ҷаҳон ва буҳрони молиявӣ суҳбат мекунад. Ин камбудӣ агар аз нарасидани кадр бошад, пас бояд журналистон ҳанӯз аз курсии донишҷӯӣ ба тахассусҳои алоҳида ҷудо карда шуда, ба таври мақсаднок доир ба масъалаҳои иқтисодиву ҳуқуқӣ, ҳарбиву сиёсӣ, фарҳангу маориф ва дигар бахшҳо маълумоти кофӣ пайдо кунанд ва ҳангоми суҳбат аз умумигӯиҳое, ки мардум аз онҳо дилбазан мешаванд, худдорӣ намоянд” [12]. Яъне вақти он расидааст, ки вобаста ба соҳаҳои муҳими ҳаёти ҷомеа журналистони соҳавӣ дар мактабҳои олии ҷумҳурӣ тарбия карда шаванд, то ки бо мутахассисони соҳа суҳбат карда тавонанд. Дар бораи соҳаи муайян бо донистани нозукиҳои он соҳа тавонанд барномаи телевизионӣ тайёр кунанд. Бо тарбияи журналистони соҳавӣ барои шабакаҳои телевизиони соҳавӣ барномаҳои телевизионӣ боз ҳам пурмазмуну диданбоб, ҷолибу нишонрас ва ташаккулдиҳандаи соҳаи алоҳидаи ҳаёти ҷомеа мегарданд.

Истиқлолияти давлатӣ имконият ба вуҷуд овард, ки соҳаи телевизион дар Ҷумҳурии Тоҷикистон рушд намояд. Бо дастгирии Президенти Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 9 телевизионҳои соҳавӣ: “Сафина” (03.09.2005) дар соҳаи фарҳанг, “Баҳористон” (04.09.2006) дар соҳаи кӯдакон, “Ҷаҳоннамо” (05.11.2008) дар соҳаи иттилоот, “Варзиш” (01.03.2016) дар соҳаи варзиш, “Синамо” (01.03.2016) дар соҳаи синамо, “Футбол” (21.02.2017) дар соҳаи футбол, “Шаҳнавоз” (13.11.2017) дар соҳаи суруду мусиқӣ, “Илм ва табиат” (14.04.2021) дар соҳаи илм ва табиат ва “Сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ” (01.04.2022) дар соҳаи сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ таъсис додашуда, барномаҳои соҳавӣ таҳия ва манзури тамошобинон гардонида шуданд.

Ба таъсисёбии якумин телевизион дар Тоҷикистон 65 сол шудааст. Дар ин муддат Телевизиони “Тоҷикистон” бо барномаҳои гуногунсоҳаи хеш дар таъмини аҳолӣ бо хабарҳои муҳими ватаниву хориҷӣ, таҳлили мавзуъҳои доғи рӯз, тарбияи ватандӯстиву хештаншиносӣ ва дар умум баҳри ба истиқлолияти давлатӣ расидан Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ноил гаштан ба рушд дар соҳаҳои муҳими ҳаёти иҷтимоӣ нақши босазоеро бозидааст. Имрӯзҳо бо фаъолияти телевизионҳои соҳавӣ ин ҷараён боз ҳам вусъат ёфта, дар ин кор нақши муҳим ва созанда бозида истодаанд.

Адабиёт

1. *Абдусалом, Р. Телевизион оинаи зиндагист / Р. Абдусалом. – Душанбе, 2009. – 144 с.*
2. *Азимов, А. Х. Таъсис ва ташаккули матбуоти даврӣ дар солҳои 20-30 асри XX / А. Х. Азимов, М. Б. Муродӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши филологӣ. - Душанбе, 2022. - №7. – С. 273-279.*
3. *Давронов, Д. Ҷаҳони муосир: мавқеи симо ва садо / Д. Давронов. – Душанбе, 2007. – 153 с.*
4. *Джураев, А. Телевидение / А. Джураев. – Душанбе, 1979. – 88 с.*
5. *Мирзоев, И. Рукни чорум / И. Мирзоев. – Душанбе, 2006. – 268 с.*
6. *Муминджонов, З. Эволюция Таджикского телевидения в годы независимости / З. Муминджонов. – Душанбе, 2021. – 336 с.*
7. *Муъминҷонов, З. Телевизион муъҷизаи аср / З. Муъминҷонов. – Душанбе, 2023. – 223 с.*
8. *Муродӣ, М. Асосҳои эҷоди рӯзноманигорӣ / М. Муродӣ, О. Салимзода. – Душанбе, 2022. – 360 с.*
9. *Роҳҳои тарбияи кадрҳои баландихтиссоси соҳавии журналистикаи телевизион. – Душанбе, 2023. – 239 с.*
10. *Хоҷазод, С. Таърихи телевизиони Тоҷикистон / С. Хоҷазод. – Душанбе, 2007. – 240 с.*
11. *Салимзода, О. Барномасозӣ ва принсипҳои асосии шаклгирии он / О. Салимзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши филологӣ. - Душанбе, 2024. - № 1. – С. 233-239.*

12. *Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар маросими ифтитоҳи муассисаҳои давлатии телевизионҳои "Варзиш", "Синамо" ва Академияи воситаҳои ахбори омма [Манбаи электронӣ]. – URL: mfa.tj/tg/mfin/pajomho-va-sukhanronihoi-prezident (санаи мурочиат: 29.01.2025).*
13. *Телевизионная журналистика. – М.: Высшая школа, 2002. – 304 с.*
14. *Усмонов, И. Таърихи журналистикаи тоҷик / И. Усмонов, Д. Давронов. – Душанбе, 2008. – 280 с.*
15. *Хамидиён, И. И. Теоретическое осмысление и реализация маркетинговых целей корпоративных СМИ Таджикистана / И. И. Хамидиён. – Душанбе, 2022. – 208 с.*

БУНЁД ВА ТАШАККУЛИ ТЕЛЕВИЗИОНҲОИ СОҲАВӢ ДАР ЗАМОНИ СОҲИБИСТИҚЛОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Таҳқиқоти мазкур масири таърихии рушди телевизион дар Тоҷикистонро аз замони пайдоиши он дар даврони шуравӣ то нақши муосири он ҳамчун платформаи расонаии чандҷанбаӣ баррасӣ мекунад. Ин таҳқиқот ба таъсири назарраси тағйироти сиёсӣ ва иҷтимоӣ ба рушди телевизион пардохта, нақши онро дар ташаккули афкори ҷомеа ва паҳншавии иттилоот барҷаста мекунад. Муаллиф афзоиши рӯзафзуни барномаҳои телевизионӣ, бахусус густариши каналҳои тахассусиро баррасӣ карда, нақши ҳукуматро дар ташаккули фазои расонаӣ таҳлил мекунад. Пайдоиши барномаҳои телевизионии соҳавӣ ва каналҳои телевизионӣ дар давраи истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шудааст. Аз замони таъсиси аввалин телевизион дар Тоҷикистон 65 сол гузашт. Дар ин муддат Телевизиони «Тоҷикистон» бо барномаҳои гуногуни соҳавии худ дар таъмини аҳолӣ бо рӯйдодҳои муҳими ватанӣ ва хориҷӣ, таҳлили мавзуъҳои мубрам, тарбияи ватанпарастӣ ва худшиносӣ ва умуман дар ноил шудан ба истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ноил шудан ба рушд дар соҳаҳои муҳими ҳаёти ҷомеа нақши назаррас бозидааст. Таҳқиқоти мазкур бо пайгирии такомули телевизион дар Тоҷикистон маълумоти арзишмандеро дар бораи рушди фарҳангӣ, иҷтимоӣ ва сиёсии кишвар пешниҳод мекунад.

Калидвожаҳо: ташаккули телевизион, телевизионҳои соҳавӣ, давраи соҳибистиқлолии Тоҷикистон, журналистика, шабакаҳои телевизионӣ, касбият, рушди фарҳанг.

СОЗДАНИЕ И РАЗВИТИЕ ОТРАСЛЕВЫХ ТЕЛЕВИДЕНИЯ В ПЕРИОД НЕЗАВИСИМОСТИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

Данное исследование изучает историческую траекторию развития телевидения в Таджикистане, начиная с его зарождения в советскую эпоху до его современной роли как многогранной медиа-платформы. Оно углубляется в значительное влияние политических и социальных изменений на развитие телевидения, подчеркивая его роль в формировании общественного мнения и распространении информации. Автор исследует возрастающее разнообразие телевизионных программ, в частности, распространение специализированных каналов, и анализирует роль правительства в формировании медиа-ландшафта. Приведено появление отраслевых телепрограмм и телеканалов в период независимости Республики Таджикистан. Прошло 65 лет со дня создания первого телевидения в Таджикистане. За это время Телевидение «Таджикистон» своими разнообразными отраслевими программами сыграло значительную роль в обеспечении населения важными отечественными и зарубежными событиями, анализе актуальных тем, воспитании патриотизма и самосознания, и в целом в достижении государственной независимости Республики Таджикистана и достижения развития в важных сферах общественной жизни. Прослеживая эволюцию телевидения в Таджикистане, данное исследование предлагает ценные сведения о культурном, социальном и политическом развитии страны.

Ключевые слова: становление телевидения, отраслевые телеканалы, период независимости Таджикистана, журналистика, телевизионные сети, профессионализм, развитие культуры.

CREATION AND DEVELOPMENT OF INDUSTRY-SPECIFIC TELEVISION DURING THE INDEPENDENCE OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

This research examines the historical trajectory of television development in Tajikistan, from its origins in the Soviet era to its contemporary role as a multifaceted media platform. It delves into the significant influence of political and social changes on the evolution of television, emphasizing its role in shaping public opinion and disseminating information. The author explores the increasing diversity of television programming, particularly the proliferation of specialized channels, and analyzes the government's role in shaping the media landscape. The emergence of industry-specific television programs and channels

during the independence of the Republic of Tajikistan is presented. 65 years have passed since the creation of the first television in Tajikistan. During this time, "Tajikistan Television," with its diverse industry-specific programs, played a significant role in providing the population with important domestic and foreign events, analyzing current topics, fostering patriotism and self-awareness, and generally in achieving the state independence of the Republic of Tajikistan and achieving development in important areas of public life. By tracing the evolution of television in Tajikistan, this study offers valuable insights into the cultural, social, and political development of the country.

Keywords: television establishment, industry-specific television channels, the period of Tajikistan's independence, journalism, television networks, professionalism, cultural development.

Дар бораи муаллиф
Наврӯзшоҳи Холназари Раҷаб
Унвончӯйи кафедраи журналистикаи телевизион ва радиошунавонӣ
Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати ба номи М. Турсунзода
734032, Ҷумҳуриитоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Борбад, 73а
E-mail: navruz.r@mail.ru

About the author
Navruzshokhi Kholnazari Rajab
Applicant for the Department of Television and Radio Broadcasting Journalism
Tajik State Institute of Culture and Arts named after Mirzo Tursunzade
734032, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Borbada Ave., 73a
E-mail: navruz.r@mail.ru

Об авторе
Наврузшохи Холназари Раджаб
Соискатель кафедры журналистики телевидения и радиовещание
Таджикский государственный институт культуры и искусств имени Мирзо Турсунзаде
734032, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Борбада, 73а
E-mail: navruz.r@mail.ru

УДК 821.161.1(091)+821.521(091)

“МАДХУШАЛА” ХАРИВАНША РАЯ БАЧЧАНА: ВДОХНОВЕНИЕ «РУБАЙАТОМ» ОМАРА ХАЙЯМА

Мубирхони М.
Таджикский национальный университет

Введение

Хариванш Рай Баччан — один из самых известных индийских поэтов XX века, чье творчество оказало значительное влияние на развитие хинди-литературы. Его поэма «Мадхушала» (1935) стала символом нового понимания философских и экзистенциальных вопросов, затрагивающих природу жизни, смерти, любви и поиска истины. Многие исследователи отмечают, что «Мадхушала» была вдохновена персидской поэзией, в частности произведением «Рубайат» Омара Хайяма. Эта связь отражается не только в философских идеях, но и в поэтической форме и структуре произведений.

Целью данной статьи является анализ воздействия «Рубайата» Омара Хайяма на «Мадхушалу» Хариванша Рая Баччана, а также выявление основных тематических и стилистических параллелей между этими двумя произведениями.

1. Омар Хайям и его «Рубайат»

Омар Хайям (1048–1131) был выдающимся ученым, математиком, астрономом и философом, но его популярность в первую очередь связана с поэзией. Хайям родился в Нишапуре (современный Иран) и был знаком с величайшими интеллектуальными традициями своего времени, включая исламскую философию и научные достижения. Однако в своей поэзии он проявлял скептицизм к традиционным религиозным истинам и вопросам судьбы, что отличает его от других мыслителей той эпохи. В отличие от догматических теологов, Хайям задавал вопросы о жизни, смерти, судьбе и природе Вселенной, оставаясь при этом в поиске практической мудрости, которая могла бы помочь человеку осознать ценность своего существования [2, с. 3].

Его произведение «Рубайат», состоящее из коротких стихотворений-четверостиший, выражает философский скептицизм, чувственность и экзистенциальные размышления. Хайям призывает к наслаждению жизнью и земными радостями, поскольку он считает, что судьба человека предопределена, а значит, важно наслаждаться каждым моментом, пока жизнь длится. Эта концепция жизни как мимолетного явления, полного неопределенности, но в то же время наполненного возможностью для удовольствия и наслаждения, является ключевой в «Рубайате». Хайям также высказывает сомнения в отношении религиозных догм, подвергая сомнению смысл традиционных учений и представлений о жизни и смерти. [10, с. 13]

Поэзия Хайяма оказала глубокое влияние на последующие поколения литераторов, в том числе и на поэтов Индии, таких как Хариванш Рай Баччан. Элементы философии Хайяма, его акцент на временности жизни и важности личного опыта, стали основой для многих современных восточных произведений, в том числе и для «Мадхушалы» Баччана.

2. «Мадхушала»: философия жизни и экзистенциализм

Поэма «Мадхушала» Баччана представляет собой серию стихов, объединенных темой винного подвала («Мадхушала»), который становится метафорой жизни, в которой каждый человек ищет свой путь, свои удовольствия и свой смысл. Центральным образом в поэме является «пьяница», символизирующий человека, который ищет ответы на экзистенциальные вопросы, поглощая наслаждения жизни. Как и у Хайяма, в «Мадхушале» проявляется идея о том, что жизнь непостоянна и что все удовольствия — это мгновенные радости, которые следует ценить, не оглядываясь на то, что будет после [1, с. 26].

Философия Хайяма и Баччана схожа в том, что оба авторы подчеркивают бренность человеческого существования. Хайям в своем «Рубайате» утверждает, что жизнь — это всего лишь «вишневый цвет», который увядает, и что нет смысла в поисках вечной истины.

В одном из его стихов звучит такая мысль:

Ты сегодня не властен над завтрашним днем,
Твои замыслы завтра развеются сном!
Ты сегодня живи, если ты не безумен.
Ты — не вечен, как все в этом мире земном [11, с. 59].

Подобным образом, Баччан в «Мадхушале» акцентирует внимание на неизбежности старости и смерти, предостерегая о необходимости наслаждаться мгновениями счастья, которое не повторится. Однако, в отличие от Хайяма, который склоняется к нигилизму, Баччан предлагает путь внутренней гармонии и просветления, соединяя земное наслаждение с духовным самосознанием. В «Мадхушале» содержится идея того, что несмотря на бренность жизни, человек может найти смысл в процессе, а не в поиске конечной цели [7, с. 163].

3. Структура и поэтические приемы

Оба произведения — «Мадхушала» Баччана и «Рубайат» Хайяма — придерживаются одинаковой структуры: стихотворения состоят из коротких четверостиший. Эта форма позволяет автору сосредоточиться на передаче идеи с минимальными средствами, что усиливает воздействие каждого слова и фразы на читателя. Несмотря на внешнюю схожесть, поэтические приемы, используемые в этих произведениях, имеют свои особенности, обусловленные культурными и философскими различиями [6, с. 89].

У Хайяма каждый рубай — это автономная единица, содержащая законченную мысль, которая чаще всего выражает скептицизм или философские раздумья о смысле жизни, смерти и существования. Четверостишия у Хайяма часто играют роль афоризмов, каждая из которых развивает отдельную тему. Стихотворения не всегда связаны между собой, а скорее служат независимыми размышлениями, объединенными общим философским контекстом. Этот прием позволяет читателю воспринимать каждый стих как самостоятельное высказывание, что создает глубокий, но доступный для размышлений философский эффект. Примером может служить следующий рубай:

О Боже! Ты глину мою замесил,-что мне делать?
На стене ты сам мою ткань сколотил,- что мне делать?
Всё зло и добро, что я в мире вершу, ты сам предрешил
И эту судьбу мне на лбу начертил,-что мне делать? [11, с. 111].

Этот стих демонстрирует, как Хайям через лаконичное и содержательное выражение мыслей акцентирует внимание на важности личного переживания жизни, в то время как традиционная религия и философия пытаются дать ответы на вопросы о бытии через канонические тексты. Вино для Хайяма становится метафорой для тех земных радостей и истин, которые доступны через личный опыт, а не через абстрактные догмы.

В «Мадхушале» Баччана, в отличие от Хайяма, четверостишия объединены в единую поэтическую структуру, которая позволяет развивать основные идеи поэмы в течение всего произведения. Каждый стих или блок стихов создает последовательное размышление о жизни, смерти, судьбе и радости, которые, несмотря на свою эфемерность, обладают глубинным смыслом. В «Мадхушале» все четверостишия перекликаются, образуя единую концептуальную ткань, через которую Баччан передает философию самопознания, принятия мира и стремления к внутреннему освобождению. В этом произведении каждое четверостишие не просто выражает отдельную мысль, а встраивается в целый философский дискурс, который развивается по ходу чтения [9, с. 128].

Однако несмотря на эти различия, оба поэта используют повторения и ритмические конструкции для усиления воздействия. В «Мадхушале» Баччан многократно использует повторяющиеся фразы, что усиливает ритмическую гармонию и философскую завершенность произведения. Например, многие строки в поэме заканчиваются словом

«Мадхушала», что придает стихам некую цикличность и символизирует непрерывность поиска смысла жизни:

Кто внутренним пламенем сжёг все святыни,
Кто, смелый, напившись хмельного вина,
Разрушил все церкви, мечети и храмы,
Кого не сумели муллы и брахманы
И падре в оковы свои заковать, -
Того Мадхушала мой приветствует ныне! [12, с. 60].

Такое повторение образа «Мадхушалы» как места, где находятся ответы на вопросы о жизни и смысле существования, усиливает идею об универсальности поиска. Вино здесь выступает как символ этого поиска, бесконечного и многослойного, что продолжает актуализировать философскую проблему, которая лежит в основе поэмы. Для усиления философского эффекта Баччан использует также контрасты, например, сочетая образы веселья и страха, счастья и боли, жизни и смерти. Такой прием позволяет читателю осознать, что эти противоположности не существуют отдельно, а составляют неотъемлемую часть жизни. Подобно тому, как в «Рубайате» Хайяма порой противопоставляются понятия света и тени, радости и страха, так и в «Мадхушале» Баччан подчеркивает, что человек не может существовать без своих внутренних противоречий, и что именно эти противоречия ведут его к пониманию жизни [9, с. 133].

Примером этого является стих из «Мадхушалы»:

В году только раз бывает
Кипение красок холи, (2)
Один только раз дивали
Гирляндами ламп полыхает, -
О вы, что от будней устали!
В кабак поспешите весёлый, -
Там днём отмечают холи,
И каждую ночь - дивали! [12, с. 33].

Здесь Баччан использует вино как метафору для преодоления страха перед смертью и неуверенности в смысле жизни, что также отражает экзистенциальную тему, свойственную и поэзии Хайяма. В обоих произведениях философия жизни не сводится к однозначному ответу, но является процессом самопознания и осознания конечности бытия. Стилистически, «Мадхушала» Баччана также характеризуется ярким, выразительным языком, богатым на метафоры и символы, что позволяет глубже проникнуть в философские идеи произведения. Эмоциональный заряд стихов, особенно при их публичном исполнении, усиливает впечатление от произведения и заставляет читателя задуматься о вечных вопросах о жизни и смерти.

Таким образом, структура и поэтические приемы «Рубайата» и «Мадхушалы» имеют схожесть в использовании лаконичных и мощных афоризмов, однако Баччан развивает и расширяет философскую концепцию через более сложную и многослойную поэтическую структуру, в которой каждый стих является частью более широкого размышления.

4. Образы и символика вина в контексте философии жизни

Один из ключевых символов как в «Рубайате» Хайяма, так и в «Мадхушале» Баччана — это вино. Вино для Хайяма символизирует удовольствие, которое помогает отвлечься от мучительных раздумий о бренности жизни и неизбежности смерти. Вино становится способом примириться с непознаваемым, уходя в мир наслаждений. Хайям рисует образ мира, в котором никто не имеет окончательных ответов, а потому наслаждение жизнью и её радостями — единственный путь к внутреннему покою [8, с. 46].

В «Мадхушале» Баччан изображает вино как средство достижения не столько бегства от реальности, сколько осознания истины. Вино становится метафорой для того, чтобы встретить реальность лицом к лицу, не отрицая её, а принимая в полном объеме. Это вино не просто для удовольствия, а для того, чтобы познать жизнь и её смысл. В этом контексте вино

становится символом глубокой, философской рефлексии и внутреннего пробуждения [5, с. 209].

5. Влияние на индийскую литературу и культурный контекст

Поэма «Мадхушала» Хариванша Рая Баччана стала значимым произведением для развития литературы хинди XX века, представляя собой важный переходный этап от традиционных форм к современному литературному выражению. Баччан внедрил философию жизни, пронизанную элементами восточного мистицизма и экзистенциализма, что сыграло важную роль в переосмыслении литературы того времени. Вдохновленный «Рубайатом» Омара Хайяма, Баччан не только перенял многие философские идеи Хайяма, но и адаптировал их для индийского контекста, гармонично встраивая их в традицию индийского мышления и духовности [4, с. 73].

Культурный контекст Индии и синтез философий

Индийская культура традиционно связывается с идеей духовного освобождения (мокша) и поиска смысла жизни через различные практики — медитацию, йогу, философские размышления. В этой традиции важным является баланс между материальным и духовным. В отличие от христианской или западной философии, где часто подчеркивается различие между земным и духовным, индийская мысль стремится к интеграции этих двух аспектов, что ярко выражено в поэме Баччана. В отличие от Хайяма, который часто изображает вино как символ удовольствия и бегства от бренности бытия, Баччан добавляет к этому символу элементы индийской философии, такие как концепция «путь к истине через опыт» [3, с. 127].

В Индии философская мысль была всегда связана с повседневной жизнью, поисками счастья и просветления. В отличие от Хайяма, который изображает бессмысленность поиска истины, Баччан в своей поэме утверждает, что «жизнь сама по себе является истинным поиском», и, наслаждаясь моментами, человек может найти свое внутреннее освобождение. Это также отображает более оптимистичный подход, характерный для индийской духовной традиции, где каждый момент жизни является ценным и может стать шагом к достижению просветления.

Баччан обращается к идее, которая глубоко укоренилась в индийской философии: важность поиска и самопознания. В то время как хинди-литература традиционно ассоциировалась с эпическими произведениями, моральными учениями и духовными наставлениями, Баччан привнес в неё философский вопрос о земных радостях, поисках смысла жизни и неизбежности конца. Это дало новый импульс литературному процессу и стало значимой вехой на пути формирования индийской модернистской литературы [3, с. 131].

Мадхушала как метафора внутренней свободы

Самый яркий аспект «Мадхушалы» заключается в ее способности служить метафорой для всех тех, кто ищет внутреннюю свободу и понимание. В отличие от того же Хайяма, для которого пьянство и удовольствие — это форма ухода от реальности, Баччан включает идею, что только через принятие жизни во всей её полноте, через сознательное переживание каждого момента, можно достичь освобождения. В этом контексте вино становится не просто источником наслаждения, но и объектом познания — «пить вино» у Баччана означает восприятие жизни в её многообразии, отказ от укоренившихся представлений о смерти и стремление жить в моменте. Это философский подтекст, который перекликается с индийской концепцией учения о реинкарнации и цикличности бытия [9, с. 117].

Баччан в «Мадхушале» также создает метафору для индийской социальной жизни. Вино в индийской культуре традиционно ассоциируется с «тайными радостями» — моментами, в которые человек может пережить уединение и понять себя. Для Баччана, однако, важен не только сам процесс, но и то, как через каждый момент переживания и постижения мы открываем для себя мир и истину. Мадхушала, таким образом, становится символом того, что каждый человек, несмотря на свою жизнь в мире иллюзий и

заблуждений, может достичь самопознания через простые, порой даже противоречивые моменты человеческого существования.

Заключение

Таким образом, поэма «Мадхушала» Хариванша Рая Баччана является ярким примером того, как восточная философия и литература могут взаимодействовать и обогащать друг друга. Вдохновленная философией и стилем Омара Хайяма, Баччан адаптировал ключевые идеи «Рубайата» в контексте индийской культурной традиции, привнеся в свою поэму особое восприятие жизни и поиска истины. Хотя и Хайям, и Баччан затрагивают вопросы бренности существования, роли наслаждения и смысла жизни, различия между их подходами отражают различные культурные, философские и религиозные контексты.

Для Хайяма вино — это символ временных удовольствий, способ отвлечься от философских и религиозных вопросов, тогда как для Баччана вино становится не только метафорой наслаждения, но и средством для глубокого самопознания и духовного поиска. В этом контексте «Мадхушала» не сводится к простому актам наслаждения жизнью, но приобретает гораздо более многозначное и глубокое значение. Баччан использует образ вина как путь к внутреннему освобождению, к принятиям всех аспектов жизни, включая страдания, радости, неуверенность и стремление к истине. Он предлагает философию, согласно которой все эти переживания являются неотъемлемой частью духовного развития человека.

Важным аспектом «Мадхушалы» является и её влияние на индийскую литературу. Несмотря на свою простоту и лаконичность формы, поэма Баччана затрагивает универсальные вопросы, связанные с жизнью, смертью и смыслом существования. В ней проявляется стремление к внутреннему просветлению, что становится актуальным не только для индийского читателя, но и для читателей по всему миру. Баччан создает произведение, которое сочетает философию восточной мысли с поэтической выразительностью, и это делает «Мадхушалу» значимым произведением не только в контексте индийской литературы, но и мировой поэзии.

Влияние «Мадхушалы» на развитие индийской модернистской литературы очевидно. Баччан привнес в традиционную поэзию новые идеи и подходы, которые отражают стремление к духовной свободы и самовыражению, создавая мост между древними философскими концепциями и современными вызовами. В своем произведении он показывает, как можно найти смысл и внутреннюю гармонию через принятие всего того, что несет жизнь, что делает его поэму актуальной и сегодня.

Поэма «Мадхушала» является примером того, как поэзия может быть одновременно философской и жизненной, глубокей и доступной. Это произведение продолжает вдохновлять читателей, подталкивая их к размышлениям о смысле жизни, истине и духовном освобождении. Взаимодействие философских идей Омара Хайяма и индийской традиции через поэзию Баччана показывает, как литература может служить не только источником эстетического наслаждения, но и мощным инструментом для личного и духовного роста.

В заключение, «Мадхушала» Хариванша Рая Баччана, будучи глубоко вдохновленной произведением Омара Хайяма, тем не менее, представляет собой уникальное культурное явление, которое сливает философию и поэзию, восточную мудрость и индийское восприятие мира. Это произведение продолжает оставаться важным культурным и литературным памятником, побуждающим читателя к глубоким размышлениям о жизни и своем месте в этом мире.

Литература

1. *Bachchan, Harivansh Rai. Madhushala. — New Delhi: Indian Publication, 1959. Стр. 1–58 (основной текст поэмы).*
2. *Fitzgerald, Edward. The Rubaiyat of Omar Khayyam. — New York: Dover Publications, 1997. Стр. 1–50 (перевод и комментарии к стихам Хайяма).*

3. *Hawley, John S., & Khatri, Nandini. The Oxford India Companion to Hindi Literature. — Oxford: Oxford University Press, 2003. Стр. 120–145 (глава о поэзии Хариванша Рая Баччана и её месте в современной литературе на хинди).*
4. *Iyer, Raghavan. The Poetry of Omar Khayyam: A Critical Study. — Bombay: Popular Prakashan, 1982. Стр. 30–100 (анализ философии и стиля Омара Хайяма, его влияние на литературу).*
5. *Jha, Ganga Prasad. Modern Hindi Poetry: A Study of Its Growth and Development. — New Delhi: Allied Publishers, 1991. Стр. 200–225 (раздел о современном движении в хинди-поэзии, включая влияние Омара Хайяма).*
6. *Kumar, Ramesh. Modern Hindi Poetry: A Critical Study. — New Delhi: Sahitya Akademi, 2000. Стр. 80–120 (обзор творческой эволюции Баччана и ключевых философских тем в его поэзии).*
7. *Mehrotra, Arvind Krishna. The Oxford India Anthology of Modern Hindi Literature. — Oxford: Oxford University Press, 1992. Стр. 150–170 (выдержки из произведений Баччана и других современных авторов, включая их философские элементы).*
8. *Niranjana, Tejaswini. The Art of Translation and the Politics of Language. — New Delhi: Orient BlackSwan, 2009. Стр. 45–75 (обсуждение проблем перевода и влияния восточной философии на западную литературу).*
9. *Chaudhuri, Nirad C. The Continent of Circe. — London: Chatto & Windus, 1965. Стр. 110–150 (культура Востока и влияние философских традиций на индийскую литературу, включая «Рубайат» и Баччана).*
10. *Khayyam, Omar. Rubaiyat. Translated by Edward Fitzgerald. — Saint-Petersburg: Azbuka, 1999. Стр. 1–40 (перевод и комментарии к стихам Омара Хайяма).*
11. *Омар Хайям. Рубаи: Пер. с перс.-тадж. / Вступ. ст. З. Н. Во-рожейкиной и А. Ш. Шахвердова. Сост. и примеч. А. Ш. Шахвердова. — Л.: Сов. писатель, 1986. — 320 с., 2 л. ил. (Б-ка поэта. Большая серия).*
12. *Хариваншрай Баччан. Мадхушала. пер. П. А. Вязникова. 2011. стр. 60*

“МАДХУШАЛА” ХАРИВАНША РАЯ БАЧЧАНА: ВДОХНОВЕНИЕ «РУБАЙАТОМ» ОМАРА ХАЙЯМА

В данной статье рассматривается философско-литературное наследие поэмы Хариванша Рая Баччана «Мадхушала», которая вобрала в себя элементы персидской поэзии, вдохновленной произведением Омара Хайяма «Рубайат». Анализируются параллели между поэтическим стилем и темами, затронутыми в обеих произведениях, а также влияние восточной философии на творчество Баччана. В статье также исследуется роль «Мадхушалы» в контексте индийской литературы XX века и ее культурно-философская значимость. Поэзия Хайяма оказала глубокое влияние на последующие поколения литераторов, в том числе и на поэтов Индии, таких как Хариванш Рай Баччан. Элементы философии Хайяма, его акцент на временности жизни и важности личного опыта, стали основой для многих современных восточных произведений, в том числе и для «Мадхушалы» Баччана.

Ключевые слова: Мадхушала, Хариванш Рай Баччан, рубайат, Омар Хайям, поэзия, философия жизни, вино как символ, современная индийская поэзия, индийская литература, индийская культура, модернистская литература, перевод и адаптация.

“МАДҲУШАЛА”-И ҲАРИВАНШ РАЙ БАЧЧАН: ИЛҲОМ АЗ «РУБОЁТ»-И УМАРИ ХАЙЁМ

Дар ин мақола таҳлили рубоиёти “Мадҳушала”, асари маъруфи шоири Ҳинд Ҳариванш Рай Баччан оварда шудааст, ки аз рубоиёти Умари Хайём илҳом гирифта шудааст. Шоир мавзуъҳои фалсафиро аз қабили маънии зиндагӣ, қадршиносии лаззат ва ногузирии марг, ки дар рубоиёти Хайём низ мавҷуд аст, мавриди таҳқиқ қарор додааст. Дар мақола минбаъд таъсири ашъори Хайём ба адабиёти Ҳинд, бахусус ба эҷодиёти Баччан ва ташаккули шеъри муосири ҳиндӣ баррасӣ мешавад. Чунин ба назар мерасад, ки Баччан дар “Мадҳушала” зимни такя ба унсурҳои фалсафии Хайём онҳоро ба як услуби хоси ҳиндӣ мутобиқ карда, ҷаҳонбинии нави фалсафиро ба вуҷуд меорад, ки тафаккури Ғарбу Шарқро ба ҳам мепайвандад.

Калидвожаҳо: Мадхушала, Ҳариванш Рай Баччан, рубоиёт, Умари Хайём, шеър, фалсафаи зиндагӣ, май ҳамчун рамз, назми муосири Ҳинд, адабиёти ҳиндӣ, фарҳанги Ҳинд, адабиёти модернистӣ, тарҷума ва мутобиқсозӣ.

“MADHUSHALA” OF HARIVANSH RAY BACHCHAN: INSPIRATION FROM OMAR KHAYYAM’S “RUBAIYAT”

This article presents an analysis of the poem *Madhushala*, a famous work by the Indian poet Harivansh Rai Bachchan, which was inspired by Omar Khayyam’s *Rubaiyat*. The poet explores philosophical themes such as the meaning of life, the appreciation of pleasures, and the inevitability of death, all of which are also present in Khayyam’s *Rubaiyat*. The article further discusses the influence of Khayyam's poetry on Indian literature, particularly on Bachchan’s creative work, and the shaping of modern Hindi poetry. It appears that in *Madhushala*, Bachchan, while drawing on Khayyam’s philosophical elements, adapts them in a distinctly Indian manner, creating a new philosophical outlook that merges Western and Eastern thinking.

Keywords: Madhushala, Harivansh Ray Bachchan, Rubaiyat, Omar Khayyam, poetry, philosophy of life, wine as a symbol, modern Indian poetry, Indian literature, Indian culture, modernist literature, translation and adaptation.

Об авторе
Мубирхони Муминпур
Соискатель кафедры индийской филологии
Таджикский национальный университет
734025, Республика Таджикистан
г. Душанбе, пр. Рудаки, 17
E-mail: mubeerkhon@gmail.com

Дар бораи муаллиф
Мубирхони Муминпур
Унвонҷӯи кафедраи филологияи Ҳинд
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
х. Рӯдакӣ, 17
E-mail: mubeerkhon@gmail.com

About the author
Mubirkhoni Muminpur
Applicant of the Department of Indian Philology
Tajik National University
734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17
E-mail: mubeerkhon@gmail.com

ТДУ 821.222.8-3'38'27

ЗАБОН ВА УСЛУБИ НАСРИ САТТОР ТУРСУН

Ғаффорова С.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ

Забони насри Саттор Турсун равону шево ва пур аз боигариҳои луғавии забони тоҷикӣ буда, дар пироҳани шинами бадеӣ бо фарогирии унсурҳои гуфтугӯии роиҷи тоҷикӣ офарида шудаанд. Дар асарҳои нависанда унсурҳои шевагии дағал, ки хоси як маҳалли тоҷикнишин бошад, ба назар намерасад.

Тарзи баёни андешаҳои қаҳрамонҳои ҳикоёту повестҳо ва романи «Се рӯзи як баҳор» бо меъёри забони адабӣ ва нутқи гуфтугӯӣ корбаст гардидаанд, ки завқбахшанд. Дар мубоҳисаҳо, мунозираҳо ва монологҳо, ки дар асарҳои Саттор Турсун хеле зиёданд, ҳангоми шиддат гирифтани сужети воқеаҳо баъзан ифодаҳои ҳақорату дашном ва вожаву ибораҳои арабиву русӣ ба кор рафтаанд, ки ҳамагӣ дар мавқеи худ мувофиқанд.

Дар монологҳо ва мунозираҳои қаҳрамону персонажҳои асосӣ ва лаҳзавӣ тарзи ифодаи шоирона, истифодаи сачъ ба назар мерасад, инчунин дар ҳикояву повестҳо ва романи «Се рӯзи як баҳор» пораҳои зиёди шеърӣ оварда шудаанд, ки ашъори фолклорӣ, халқӣ ва классикӣ буда, барои боз ҳам зебо гардидани инъикоси воқеаҳои асарҳо ва равону ҷолиб шудани сухани персонажҳо истифода шудаанд.

Саттор Турсун дар асарҳояш аз хазинаи пурғановати забони форсии тоҷикӣ огоҳона ва бамаврид истифода карда, забони нигориш ва ҳусни баёни осорашро рангин гардонидааст. Оид ба бузургӣ ва шукӯҳу шаҳомати забони зиндаи халқ, ки ҳамвора шоирону нависандагон аз он бардоштҳо мекунанд, худи Саттор Турсун чунин гуфтааст: «Забон, забони ҳар як миллат, гаронбаҳотарин хазинаи олам аст, -дар он дили бузурги халқ метапад; вай ҳамон ҳофизаест, ки умеду орзуҳо, муборизаву бунёдкориҳо, шодиву нокомиҳо - хулоса, таърихи дуру дароз ва муқаддаси халқро дар худ зинда медорад» [7, с. 363].

Нависанда дар асарҳояш аз санъатҳои бадеӣ фаровон истифода бурда, калимаю ибораҳои халқиву адабиро устодона пайванд додааст, ки аз маҳорати забондонии ӯву устоди сухан буданаш гувоҳӣ медиҳанд ва тарзи баёнро пурмазмуну пуртаъсир мегардонанд.

Ҳусни ҳар як асари бадеӣ ҳам манзум ва ҳам мансур дар забон ифода мегардад. Ҳамаи зебоиву дороиҳои асарҳои бадеӣ маҳз тавассути забон ифшо мегардад ва дуруст таъкид шудааст, ки: «Воситаи асосии шакли асар ва мазмуни он забон мебошад» [10, с. 52].

Дар ҳақиқат, воситаи эҷоди ҳар гуна асари бадеӣ ва шаклу мазмуни он забон аст, ки тавассути он эҷодкор метавонад андешаву эҳсосоти худро ба воситаи образу персонажҳо ва типҳои бадеӣ баён созад ва воқеияти зиндагиро тасвир намояд.

Воқеияти зиндагиро Саттор Турсун дар ҳикояву повестҳо ва романи «Се рӯзи як баҳор» гоҳо кӯтоҳу самимӣ ва гоҳе муфассалу ҷазоб бо нишон додани лаҳзаҳои гуногуни ҳаёт ба риштаи тасвир гирифтааст. Дар нишон додани ҳолатҳои зоҳириву ботинии қаҳрамонҳо, воқеияти зиндагӣ ва лаҳзаҳои хубу душвори иҷроиши орзуву омоли онҳо нависанда аз калимаву ибора, мақолу зарбулмасалҳои халқӣ ва таъбирҳои дилнишин истифода намуда, заминаи мустаҳаками забони асар ва оҳангнокиву ҷаззобияти тасвирро ба қудрат афзудааст.

Саттор Турсун дар асарҳояш ҳамчунин истилоҳи илмӣ, таърихӣ, фалсафӣ ва диниро ба кор бурдааст, ки ин истилоҳот зимни баёни андешаҳояш дар мавриди ифодаи ҳолату воқеаҳои асарҳо бо бархӯрду лаҳзаҳои муассир ифода гардидаанд.

Аслиҳаи асосии нависанда дар эҷоди асар ҳамоно забони ӯст, вале маҳорату истеъдод ва заҳмати пайваста ба Саттор Турсун имкон додаст, то осори ҷолиби хонданбоб офарад. Ин ҷо дар мавриди душвории заҳмати эҷод ва шаклу мазмуни асар таъкиди Мирзо Турсунзодаро дар мақолаи «Барои маҳорати баланди нависандагӣ» овардан ҷоиз аст: «Хаёл кардан

нодуруст аст, ки баробари ёфтани шакли умумии асар, принсипи конструксия ва композитсияи он душвориҳо барҳам мехӯранд. Вақте ки ба навиштан мешинӣ, ана он гоҳ кори душвортарини ҷустуҷӯи сухан, мисраъ ва вазн сар мешавад. Маҳз ана ҳамин вақт, чӣ тавре ки Маяковский гуфта буд, аз ҳазорон тонна маъдани сухан як калимаи ягонаю аниқро интихоб кардан лозим аст» [8, с. 8].

Саттор Турсун бо дарки ин заҳмати самарфарҷом забони асарҳояшро бо истифода аз захираи луғавии забони тоҷикӣ дар услуби шево ва баёни марғуб офаридааст ва тавонистааст, ки тароват ва ҳусни ин забонро бо воситаи асарҳояш нишон диҳад.

Раззоқ Ғаффоров дар мавриди вижагии забони асари бадеӣ чунин навиштааст ва онро «нахустин унсури адабиёт» медонад: «Забон яроқи асосии нависанда, муҳимтарин омили тасвири бадеӣ, нахустин унсури адабиёт аст. Аз ин ҷост, ки забонро надониста, онро ба ҳукму фармони худ надароварда, асари хуб, асари комил ва шоиста офаридан мухол аст» [1, с. 5].

Воқеан, таъкиди Р. Ғаффоров бамаврид аст, ки, нахустин унсури адабиёт забон аст, зеро мазмун, шакл, ғоя, сужет, характер, портрет ва тасвири манзара дар асари бадеӣ тавассути забон ва маҳорати сухангустарии нависанда ифода мегардад. Дар услуби бадеӣ забон аз як ҷониб ба воситаи сухани тасвирии муаллиф ва аз тарафи дигар ба воситаи нутқи персонажҳо амал мекунад. Забон бо сохтори асар, банду басти сужет ва ҳадафи нависанда ҳамбастагии қавӣ дорад ва зарурату вазифаи забон дар ин ҷо бештар ба назар мерасад.

Р. Ғаффоров чунин андеша дорад, ки бе забон на нависанда вуҷуд дорад ва на асари бадеӣ: «Ба ин маънӣ, сохтмони «бино»-и асари бадеӣ дар адабиёт ба масолеҳи асосӣ - забон вобаста аст ва бе он на нависанда вуҷуд дорад на асари бадеӣ» [1, с. 5].

Саттор Турсун барои образнок ва боҳадаф нишон додани сухани қаҳрамонҳо ва персонажҳои асарҳояш аз воситаҳои гуногуни тасвир, ки хоси услуби эҷодии ӯст, истифода кардааст.

Ҳоло вижагиҳои забони ҳамаи ҳикояҳои Саттор Турсунро ба вақти дигар гузошта, оид ба забону услуби повестҳо ва романи «Се рӯзи як баҳор» андешаронӣ хоҳем кард.

Повести «Сукути қуллаҳо» бо як забону тарзи баёни мувофиқ ба меъёрҳои забони адабии тоҷикӣ нигошта шудааст. Нахуст, номи повест «Сукути қуллаҳо» рамзӣ буда, маънои по бар ҷо будан, устувор будан ва маънои маҷозияш сукут ва андешамандии инсонро ифода мекунад. Ин нукта як вижагии ба китобҳояш чунин номҳои шоирона ва пурмаъно гузоштан услуби кори Саттор Турсун аст.

Ба таркиби калимаҳои повест нигарем, ба хубӣ маълум мегардад, ки қисми асосии онҳоро калимаҳои умумистеъмолӣ ташкил медиҳанд. Чун ин повест асари аввалини калонҳаҷми Саттор Турсун аст, дар он нисбат ба калимаҳои забони классикӣ ва ифодаҳои шоирона, бештар калимаҳои умумиистеъмолӣ ба назар мерасанд.

Масалан, калимаҳову ифодаҳои умумиистеъмолии гуфтугӯйии - нағзед, сиҳатед дар саҳ. 5, ҷасадро палтар кард - саҳ.10, нарафтетон- саҳ.14, аспро етак карда рафт - саҳ 18, барои чӣ холӣ омадӣ - саҳ.28, ҷошба барака, усто! - саҳ.34, ба таки аком кӯрпача андозед - саҳ. 39, супурдед - саҳ.45, Содиқ сарнишеб шуд - саҳ. 65, зӯъмӣ макун - саҳ.73, канӣ, часорат карда бин - саҳ. 125 ва ғайра дар повест зиёд истифода шудаанд, ки баҳри шинам тасвир кардани воқеаҳо корбаст шудаанд.

Яке аз воситаҳои муассир дар тасвири нависанда истифода аз мақолу зарбулмасалҳост, ки анқариб дар ҳар саҳифа ба назар мерасад. Мақоли «Аз хок бурун гаштан» (саҳ. 4), ки ба маънии зиндагӣ кардан, вуҷуд доштан омадааст. Инчунин, таъбирҳо ва мақолҳову зарбулмасалҳои «гурги боронди да» (саҳ. 25) - «Охир, бой гурги боронди да буд», «Санг ҳам дил дорад» (саҳ. 126), «Шолӣ бе курмак намешавад» (саҳ. 122), «Кӯр асояшро як бор гум мекунад» (саҳ. 114), «Хок бар сар кардан» (саҳ. 80), «Бовар макун ба дӯстат, каҳ ҷо кунад ба пӯстат» (саҳ.10), «Моргазида аз ресмони ало метарсад» (саҳ. 15), «Дурӯғи маслиҳатомез беҳ аз рости фитнаангез» (саҳ. 18), «Касеро бахт баргардад, шикаст андар шикаст ояд» (саҳ. 80) ва ғайра дар повест баҳри барҷаста тасвир кардани воқеаҳо истифода шудаанд.

Дар повести «Сукути қуллаҳо» вожаҳои русии МТС, колхоз, кабинет, бригада, бригадир, буфер, трактор, центнер, вокзал, район, комиссар ва ғайра низ ба кор рафтаанд, ки аксари ин калимаҳо вобаста ба мавзуи асар, ки солҳои пеш аз Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва баъд аз онро фаро гирифта, дар лексикаи гуфтугӯӣ ва умумиистеъмолӣ ин калимаҳо зиёд истифода мешуданд, дар асар ба кор рафтаанд.

Нависанда дар повест 4 дубайтӣ (саҳ. 20, 35, 58) ва як байти алоҳидаро дар саҳ. 55 истифода кардааст, ки барои ифодаи ҳиссиёти ботинии қаҳрамонҳои повест ба кор бурдааст.

Дар повест дар эҷоди портретҳо ва тасвири манзараҳо низ нависанда аз фасоҳати забон сари кор гирифтааст: «Содиқ як лаҳза ба пайкари наҳифу хомхӯрда, рӯи пурожангу дар офтоб сӯхта, риши сафед, саллаи рангпаридаи хурдакаки фашаш кӯтоҳ ва эзору яктаки чиркину ҷо-ҷо даридаи Акрамбобо нигариста, ба хаёл рафт» [7, с. 5].

Тасвири манзара дар повест низ ҷолиб аст ва ҳоло ду тасвирро, ки ҳам замонӣ ва ҳам маконист, мебинем, ки бо забони шево баён гардида, аз маҳорати тасвирсозии Саттор Турсун дарак медиҳад: «Шаб аз нисф гузашта буд. Дар вусъатободи баланди тира ситораҳо бағоят дуру хира ва ба монанди яхча хунук метофтанд, гӯё ба фикр рафта шах шуда монда буданд. Ҳавои сарди тирамоҳ ба бадани кас мурғак медамонд. Деҳа хомӯш буд. Ин хомӯширо гоҳ-гоҳе уллоси танбалонаи саге, ки аз канори деҳа ба гӯш мерасид, халалдор мекард» [7, с. 115].

Ва ё: «Анвори заррини офтоб ба чеҳраи коҳидааш афтида, ноаён мешикаст. Атроф ғарқи хомӯшии вазниние буд. Ба назар чунин мерасид, ки қуллаҳои сарбаланди пурсалобату сокит чун мардони дунёдида ӯро ба тамкину тааммул аз домани худ ба водӣ гусел мекунанд. Онҳо шоҳиди безабони фоҷиае мебошанд, ки дар ин пагоҳии тирамоҳ дар пояи мазбуту ҷовидонаашон сар задааст. Онҳо ҳаргиз рафтори Содиқро маҳкум нахоҳанд кард. Зеро онҳо, агарчӣ аз санг ибтидову бо санг интиҳо меёбанд, рамузфҳму одамшиносанд. Охир, санг ҳам диле дорад!» [7, с. 126].

Дар повести «Камони Рустам» лексикаи умумиистеъмолӣ, классикӣ, русӣ-интернатсионалӣ, пораҳои шеърӣ, санъатҳои бадеӣ корбаст гардида, ҳусни баёнро зебо гардонидаанд.

Вожаҳои забони классикӣ, ки Саттор Турсун дар повест истифода кардааст, инҳоянд: даревос, беқасаб, зирабеқасаб, музтар, изн, қайсарӣ, файсал, ванд, ҳаммол, чоплус, хонатлас, гесувон, булӯр, солор, ҳофиз, наҳиф, тахайюл, латиф, мурувват, ахгар, ахтар, гавҳар, иқд, авранг ва ғайра мебошанд, ки дар асар дар мавридҳои зарурӣ корбаст гардидаанд.

Аз вожаҳои умумихалқии гуфтугӯй, ки дар забони адабӣ истифода мешаванд, метавонем вожаҳову иборахои зеринро дучор оем:

Ҳанноти ҳаромгулӯ, ғирромӣ, дандон совидан, ба майли хотир, шартакигӯй, дамаш баланд, даҳонаш воз, ақлак, пакар, суроб, кафшпарто, бачем, ҷигот, бадқавоқ, хомток, хишова, қуллуқ, бӯзбала, ҷулҳундӣ, палағда, пакана, ғавчӯб.

Дар повести «Камони Рустам» вожаҳои русӣ-интернатсионалӣ зиёд ба назар мерасанд, аз қабили: консерт, спидола, магнитафон, фуражка, комбайн, суд, совхоз, кино, билет, гараж, касса, котлет, цемент, контейнер, поезд, перрон, километр, ГАЗ, кабина, телеграмма, автобус, рул, асфалт, сигарет, трактор, пагон, пилотка, гимнастёрка, санитарка, факултет, сессия, ЗИЛ ва ғайра.

Саттор Турсун дар повест ҳашт маротиба ручуъро истифода кардааст (дар саҳифаҳои 12-16, 22, 35- 38, 58-59, 72-74, 101-105, 143-145, 162-163), ки як навъ аз сужет дур рафтан ва бо монологи ботинӣ баён кардани ҳолати руҳии қаҳрамонҳои асар аст, ки бо забони шево ва муҳассаноти зиёд нигошта шудаанд.

Ручуи якум бо як монологи ҷолиби муассир сар шуда, бо ҷумлаҳои ҷаззоб ба охир мерасад: «... фақат ҳамон рӯз донистам, ки аз ту шашрӯза монда будам... Ман сурати туро бисёр суроғ кардам, модар, вале аз он ҳеҷ кас ва аз ҳеҷ ҷой ёфт нашуд. Боре падарам гуфт, ки «дар куҷое як дона буд, ёфта медиҳам». Аммо вай хам маро хурсанд карда натавонист: сурати ту гум шудааст! Охир, ту чаро, модарам, чор фарзандатро дар ин дунё монда рафтиву ба онҳо аз худ аққалан сурате ба ёдгор нагузоштӣ?...» [4, с. 12-16].

Мисол, барои ташбеҳ: «Баъд овози Назокат чун ҷарангоси форами булӯр оҳиста фурӯ менишаста, ҷои онро боз ғурриши трактор мегирифт» [4, с. 67].

Мисол, барои таззод: «Вай пештар, вақтҳои дар совхоз кор карданаш, пай мебурд, ки Наимов, азбаски хоҷа аст, ба Фирӯзи табармусулмон чун ба як шахси нофорам муносибат мекунад» [4, с. 44], ки ин ҷо хоҷа ва табармусулмон таззоданд.

Дар повести «Камони Рустам» нависанда дар панҷ маврид байтҳои русӣ (саҳ. 70, 140 - 141), як рубоӣ (саҳ.69), як чорпора (саҳ.76) ва як ғазали нопурра (саҳ.140) оварда шудааст, ки рафти ҳодисаву воқеаҳоро ҷолибтар гардонидаанд.

Повести «Камони Рустам» бо забон фасеҳу рангин офарида шудааст. Повести «Пайванд» низ дар эҷодиёти Саттор Турсун бо фарогирии луғату вожаҳои ноби гуфтугӯии халқӣ, адабӣ ва классикӣ бо ба ҳам омехта гардидани калимаҳои русӣ-интернатсионалӣ, ки дар он солҳо нуфузи забони русӣ бар забони тоҷикӣ бештар буд, офарида шудааст. Корбасти мақолу зарбулмасалҳо ва пораҳои шеърӣ, ки бамаврид истифода шудаанд, ҳусни баёни нависандаро ҷаззобтар гардонидаанд. Истифодаи санъатҳои бадеӣ, мисли ташбеҳу тавсир ва таззод зиёд ба назар мерасад. Як маротиба дар повест руҷуъ дар саҳ. 36-39 истифода шудааст, ки аз нигоҳи бадеият ва дороиҳои забонӣ хеле таъсирбахш аст. Ин ҷо мухотаб - қаҳрамони марказии асар аст.

Портретофарӣ бо вожаҳои шинаму зебо дар повест корбаст шудааст. Дар повести «Мегӯянд, ки модарам...» шеваи баён ва забони тасвири ҳодисаву воқеаҳои асар боз дилнишинтар ва истифодаи нависанда аз калимаву таъбирҳо ва ибораҳои халқии гуфтугуӣ адабӣ ва умумиистеъмолӣ бештар ба назар мерасад.

Дар ин повест бештар истилоҳотӣ илмӣ ва ҷуғрофӣ ба назар мерасанд. Тавсири боғу бустонҳо ва манзароҳои дилфиреби тали Наҷот ва соҳили дарёи Кофруну кӯҳи Уштургардон бо калимаву ибораҳои зебо, аз ҷумлаи «дарёи бузург», «обаки сард», «оби оинавор соф», «барфхонаҳои кӯҳӣ», «бӯи хуши себу ангур», «бӯи бедаи тар», «боғоти домани теппаҳо», «ёнаву ёлаҳо», «ҷариҳо», «роҳу пайроҳаҳо», «бӯи борону алафи тар», «бӯи себу ангур», «бӯи шири навҷӯшида» ва ғайраҳо корбаст гардидаанд, ки аз маҳорати хуби нависанда гувоҳӣ медиҳанд. Дар тавсифи Иқбол чунин вожаҳое «барҳақгӯй», «Иқболи ҳалолкор» истифода шудаанд [3, с. 305].

Забони повести «Мегӯянд, ки модарам...» аз вожаҳои лаҳҷавӣ ва русӣ-интернатсионалӣ холист ва нависанда аз калимаҳои аслан тоҷикӣ истифода намудааст: «Дуруст аст, ки панҷ ангушт баробар не; дар қатори мардуми баимон қаллобу фиребгар, ғаммозу мансабпараст, туҳматчиву ҳақношинос ва берӯву риё барин зотҳои паст низ ҳастанд, фардо ҳам, эҳтимол мешаванд» [3, с. 308].

Истифодаи бамаврид аз калимаву ибораҳои мувофиқу шинам ва санатҳои бадеӣ забон ва услуби баёни нависандаро дар повест барҷастатар гардонидааст.

Повести «Санг дар бағал ба тӯфон» асари ҷолиби равонист, ки дар он воқеаҳову ҳодисаҳо аслан аз нигоҳи равонӣ дар қолаби забони бадеӣ тасвир шудаанд ва ин нукта воқеан дуруст аст, ки: «Дар адабиёт воқеа ва ҳодисаҳо на исбот,балки тасвир мешаванд» [1, с. 8].

Саттор Турсун бемуҳобо устоди сухан аст, ки забони осораш рангину зебо ва тарзи баёнаш дилнишин аст. Хусусан, тасвири манзараҳо ва симои фардии қаҳрамонҳои повести «Санг дар бағал ба тӯфон» ҳолатеро ба миён меорад, ки бо забони дил бояд фарёд кард.

Дар повест забони шинами тоҷикӣ ва лексикаи умумиистеъмолӣ фаровон истифода шуда, санъатҳои бадеии ташбеҳ, тасвир, таззод, киноя дар мавқеу мақомашон ба кор рафта, услуби нигоришро гуворо гардонидаанд.

Мисол барои тавсиф: «Ҷавони боақл Собир, пухта, ба кору кирдори худ ҳушёр» [6, с. 22].

Ташхиси обу ҳаво: «Атроф комилан дар тасаруфи боди тӯфонӣ қарор дошт. Гӯё раҳгум зада, аз чапу рост мевазид дами дай. Гӯё чӣ кор карданашро надониста, аз зӯри ғазаб ҳуштак мекашид, нӯла меандохт, ба уллос меомад» [6, с. 24].

Мисол барои санъати такрор: «Кошкӣ камон медошт вай, кошки хараш бақувват мебуд, кошки парвардигар худи ӯро низ аз дасту бозувони тавоно бенасиб намекард» [6, с.30].

Тазоду муқобила: «Умуман, аламҳои куҳнааш ба ҷои тадриҷан фурӯ нишастан...баръакс дар зарфи ду-се соли охир бештар боло гирифта, баъзан то мағзи устухонхояш кора мекунанд» [6, с. 31].

Ташбеҳ: «Қурси офтоб ба мобайни осмон омада, ба назар беҳол тофта, як хирмани зарандудро мемонд» [6, с. 59].

Дар повести «Санг дар бағал ба тӯфон» нависанда дар як сатр симои Насринро чунон устодона ба истифода аз санъати тавсифу ташбеҳ бо забони фасеҳу шево тасвир кардааст, ки хеле таъсирбахш аст: «Насрин, қомати химчааш дар зери пироҳани сурхи гиребон парпарӣ, аз таҳти дил табассум мекард. Дандонҳои зич ва сафедаш қатраборонро мемонад. Чашмони оҳуяш чунон дурахше доштанд, ки Рашод, қалби ба дидори Насрин ташнааш гоҳ паст ва гоҳ баланд гуп-гуп зада, гумон мебурд ва нигоҳи гарму гуворои онҳо наметавонад тоб орад. Ба хаёли ӯ натанҳо дилаш, балки дасту пояш низ меларзиданд. Намедонист аз нафаси атрбези баҳорон буд, ё худ аз ҳузури Насрин, - дар ҳар сурат сараш ба чарх омада, гӯё маст мешуд» [6, с. 41].

Ё худ дар мисоли дигар тасвири шоиронаро ба кор бурдани нависанда ба назар мерасад: «Ширин аст ҳаёт, -ҳам барои инсон, ҳам барои ҳайвон... Душвор аст умед буридан аз дунёи равшан. Бигузор бод шӯриш кунад, шабону рӯзон барф резад, сармои шадид тоқат шиканад, яхбандӣ шавад. Вале дар ҳар вазъият мушкил аст дил кандан аз зиндагӣ» [6, с. 52].

Ҳамин тавр, «Санг дар бағал ба тӯфон»: «қиссаест, ки бо забони равон, зебою шево, малеҳу балеғ ва хеле санъаткорона эҷод шудааст» [2, с. 179].

Дар романи «Се рӯзи як баҳор» Саттор Турсун меъёрҳои забони адабии тоҷикиро аз аввал то охир риоя карда, бо истифода аз вожаҳову ибораҳои дилнишин ҳусни баёнро дар 'асар барҷастатар нишон додааст.

Оид ба вижагиҳои забони романи «Се рӯзи як баҳор» пажуҳиши Давлатбек Хоҷаев ба тавсиб расидааст ва ӯ таъкид менамояд, ки: «Мутолиаи романи «Се рӯзи як баҳор» собит менамояд, ки адиб дар такмилу таҳрири забону тарзи баёни асарҳояш заҳмати бисёре мекашад ба ин меҳнати бурдборона онҳоро хонданбобу дилнишин мегардонад» [9].

Воқеан Саттор Турсун дар роман аз лексикаи умумиистеъмолии тоҷикӣ, вожаҳои классикӣ, калимаю ибораҳои шоирона, калимаҳое ки номи мансабу рутбаҳои ҳарбиро мефаҳмонанд ва калимаву ифодаҳои халқӣ - гуфтугӯии тоҷикӣ моҳирона истифода карда, забони асарро хеле ғанӣ гардонидааст.

Дар роман чунин калимаҳои классикӣ истифода шудаанд, ки ба роман ҳусне зам намудаанд: фарҷом, анвор, ба ҳасрат, роиҳа, мушк, меғ, болобаланд, гургафкан, касиф, резагин ва ғайра, ки ба нутқи тасвирии нависанда зебоӣ бахшидаанд.

Р.Ғаффоров навиштааст, ки: «Дар адабиёти бадеӣ тасвири нутқи персонажҳо ҳамчун муҳимтарин воситаи ба вуҷуд овардани образҳои типӣ дорои аҳамияти бузург мебошад. Нависандаи бомаҳорат ба зиммаи ҳар як сухани персонажи асари худ вазифаи муайяни услубӣ гузошта, бо ин роҳ ҷиҳатҳои асосии характери ӯро ифода мекунад» [1, с. 45].

Нутқи персонажҳо дар романи «Се рӯзи як баҳор» зиёд ба кор рафта, дар кушодани характери онҳо ва ифодаи услубиву сохтани типҳо хизмат кардаанд. Нутқи персонажҳо ҳам бо оромӣ, ҳам бо шиддат вобаста ба вазъи руҳии онҳо баён гардидаанд.

Барои намуна:

«-Ман ҳоло ҳам бадавлатам! -Чашмонаш барқ пошида, ногаҳон дод зад Усмон Азиз.

-Аммо дар ҳаққи даҳмардаву хизматгорҳоям ҳеҷ вақт ба мисли шумо зулм накардаам! Ман давлатамро асосан аз падар мерос гирифтаам, падарам аз падараш... Падару бобои ман одамони худотарс буданд. Бештар мағзатро кор фармо, ки мегуфтанд; чунон кор фармо, ки ҳам лаъл ба даст ояду ҳам ёр наранҷад, мегуфтанд. Бинобар ин, ман ҳатто саги дари хонаамро сахттар тур нагуфтаам, ки мабодо ягон рӯз аз банди поям гирад. Ҳамроҳи чӯпонҳоям ба кӯҳу камар ё дашту саҳро рафта, ҳафтаҳо молбонӣ мекардам, ки онҳо

худашонро аз ман кам дониста – одамизод - дия, -дар қасди чонам нашаванд. Лекин шумо... бисёрии шумо шикаматонро хорида мегаштед. Ягон хизматгоратон аз дунё гузарад, гӯру кафан кардан он тараф истад, ҳатто ба ҷанозааш намерафтед» [5, с. 29].

Дар ин нутқи Усмон Азиз ҳам самимият, ҳам худтаърифкунӣ ва ҳам характеру типии бадеии ӯ равшан ба назар мерасад.

Дар романи «Се рӯзи як баҳор» санъати саволу ҷавоб хеле зиёд корбаст гардидааст, ки дар услуби асар ва ҳусни баёнро таҳрик бахшидаанд:

«-Ҷалол!

-Лаббай тақсирам...

-Ман ба ту аввалин бор дар куҷо воҳӯрда будам?

-Дар Пешовар.

-Аз он вақт чанд сол гузашт?

-Панҷ сол.

-Ту дар Пешовар чӣ кор мекардӣ?

-Исломча маро ҳамроҳаш бурда буд.

-Падару модарат ин қадар азиз бошанд, барои чӣ рафтӣ?

-Фиреб хӯрдам тақсир... Худо хоҳад, диёрамон боз мусулмонобод мешавад, гуфта буд.

-Чанд сол аз ин пеш рафта будед?

-Қариб ҳафт сол шуд.

-Чанд нафар будед?

-Ягон бист кас.

-Баъд чӣ?

-Худатон медонед-ку, тақсир» [5, с. 38].

Ин гуна саволу ҷавобҳо, ки баъзан то ду саҳифаи романро фаро гирифтаанд, хеле зиёданд ва барои муассир ва бошиддат гардонидани сужет ва рангин шудани услуб истифода шудаанд.

Дар романи «Се рӯзи як баҳор» калимаву ифодаҳои шоирона ва халқии дилнишин ба мисли: субҳи содиқ, сафҳаи нилгун, сари субҳ, пошнаи қуллаи кӯҳ, баёзи гардан, дами офтоббаро, ғарқоби хун, макони фалокат, ҷавшани ҷон, пичаҳои сунбул, чашмони камбин, анвори офтоб, доғи синасӯз, синаҳои нор, борони ҳамал, субҳи баҳор, ғуломи ҳалқабардӯш, ҷанобашон, ҷафодидагон, бахмали сабз, ватангадо ва ғайра истифода шудаанд, ки барои барҷаста ифода кардани матлаб муносибанд.

Романи «Се рӯзи як баҳор», ки ба мавзуи таърихӣ ва марҳилаҳои Инқилоби Октябр ва баъд аз онро дар бар мегирад, нависанда вобаста ба лаҳзаҳои тасвири воқеаҳо аз калимаҳое, ки унвони мансабу рутбаҳои ҳарбӣ ва истилоҳоти диниро ифода мекунанд, истифода намудааст. Мисли: амир, подшоҳ, амлокдор, қӯрбошӣ, бой, раис, тақсир, эшон, қозӣ, имом, хӯҷаин, халифа, мударрис, босмачӣ, батрак, чоряккор, масҷид, тасбеҳ, мулло, имон, беимон ва ғайра.

Дар роман калимаву ибораҳои халқии гуфтугӯии зиёд мавриди истифода қарор гирифтаанд, ки бисёре аз онҳо хусусияти умумиистеъмолӣ гирифта, ба сухану тасвири нависанда обуранги халқӣ бахшидаанд ва инак намунае аз ин калимаву ифодаҳо: лашу луш, пича, пакар, занғар, ҷулҳундӣ, шушкихӯр, очағар, чоч, ҳота, чукка, қарс, қантар, палтар, офтоба, шахшӯл, ҳаромӣ, гиз, қайсар, ҳамин зайл, ҳай кардан, гардан задан, ҷигот андохтан, кашола кардан, муштамзӯр, ҳадаҳа кардан ва ғайра.

Чунончи, дар мисоли зерин: «Худоё, яккаву ягона писаракамро дар паноҳат нигоҳ дор! - гӯён тани лоғарашро кашола карда ба хона даромад» [5, с. 10].

Ё мисоли дигар:

«Ҳамин вақт дар саҳни ҳавлӣ хоҳари Усмон Азиз-зани Саидназари муштзӯр Ороста пайдо шуд» [5, с. 134].

Нависанда дар романи «Се рӯзи як баҳор» ва умуман дар ҳамаи асарҳояш ҳамвора мекӯшад, ки ҳар вожаву ибора ва таъбирҳо дар мавқеи худашон истифода шаванд, аз ин

хотир ӯ аз ҳодисахои ҳаммаъноии воҳидҳои ҳам лексикӣ ва ҳам синтаксисӣ ба мавриди истифода мекунад.

Дар роман чунин синонимҳои лексикӣ, ба мисли: чеҳра (рӯй, сурат, симо), сард (хунук), пистон (чоч), маркаб (хар), меғ (абр), оташ (гулхан, алав), раъд (тундар) ба кор бурда шудаанд. Дар ҷумлаи зерин истифодаи синонимҳои «хунук» ва «сард» барои баёни тафовути маънӣ ва хусусияти услубии онҳо зарур ва мувофиқ омада, ҳусни баёнро зебо гардонидааст: «Об хунук буд; ҳаво ҳам сард ва серрутубат..» [5, с. 42].

Омили дигаре, ки романи «Се рӯзи як баҳор»-ро хонданбобу хотирнишин гардонидааст, истифодаи зарбулмасалу мақол ва ибораҳои фразеологӣ мебошад. Дар ҳама маврид зарбулмасалу мақолҳо забони асарро ширину рангин мегардонанд.

Дар роман мақолҳо барои тобиши маъноӣ бахшидан фаровон истифода шудаанд, ба мисли: «Забон дар даҳон посбони сар аст», ки дар ҷумлаи: «Забон дар даҳон посбони сар аст, гуфтаанд, ошно» [5, с. 23], «Бар сари фарзанди одам ҳар чӣ ояд, бигзарад...» [5, с.86] ва «Тарки одат амри маҳол» -дӯстам [5, с. 65].

Ибораҳои фразеологӣ дар роман барои пуробуранг, образнок ва баланд бардоштани мундариҷаи он нақши муҳим доранд. Дар роман ибораҳои фразеологии гуногунмаънои зиёд барои тақвият бахшидан ба мазмуни асар ва рангин гардонидани ҳусни сухан корбаст гардидаанд, ки бархе аз онҳоро ба таври намуна меорем: Саркану покан шудан, дандон ба дандон мондан, сояро дар девор тарошидан, гӯш ба қимор шудан, забонро об додан, гӯшу ҳуш гардидан, мурғи паршикаста, мусичаи бегуноҳ, нигоҳи оташбар, мурғи посӯхта, ба даҳон об гирифтан, пӯстинро чаппа пӯшидан, ҷон коҳондан, доманро бо чормағзи пуч пур кардан, аз осмон ситора гирифтан, даст ба гиребон кардан, даҳ даст ба даҳон кардан ва ғайра.

Ибораҳои фразеологӣ дар мавридҳои гуногун дар роман корбаст шудаанд, дар нутқи персонажҳо, дар тасвири манзара ва ғайра. Нависанда ҳолати изтироби Ҷалолро бо ибораи фразеологии «мурғи посӯхта» чунин нишон додаст: «-Дер кард, ин бои шабушкин! - овоз баровард Ҷалол, ки дар як дасташ пиёлаву дар даст дигараш чойхалтаи нима, мурғи посӯхта барин ҷонсарак аз хайма берун мешуд» [5, с. 21]. Ё, ибораи фразеологии «дандон ба дандон мондан»-ро барои шарҳи ҳолати пуртаҳлукаи Усмон Азиз чунин истифода кардааст: «Ҳоло фақат сабр мебояд, боз каме сабр... Бо чунин хаёлҳо худро тасаллӣ медод Усмон Азиз. Ва дандон ба дандон монда, сабр мекард» [5, с. 109].

Ба як маънӣ, ифодаи бамавриди калимаву ибораҳои халқӣ, гуфтугӯӣ, умумиистеъмолӣ, классикӣ, шоирона ва соҳавӣ забони насри Саттор Турсунро рангину дилкаш гардонидаанд, ки асарҳои ӯ хонданбоб ва дилкашу ҷаззоб гардидаанд.

Адабиёт

1. *Ғаффоров, Р. Нависанда ва забон / Р. Ғаффоров. – Душанбе: Ирфон, 1977. - 260 с.*
2. *Сайфуллоев, А. Уфуққои тозаи наср / А. Сайфуллоев. – Душанбе: Адиб, 2006. - 765 с.*
3. *Турсун, С. Сукути қуллаҳо / С. Турсун. – Душанбе: Ирфон, 1974. - 205 с.*
4. *Турсун, С. Камони Рустам / С. Турсун. – Душанбе: Ирфон, 1982. - 173 с.*
5. *Турсун, С. Се рӯзи як баҳор / С. Турсун. – Душанбе: Адиб, 1988. - 463 с.*
6. *Турсун, С. Санг дар бағал ба тӯфон / С. Турсун. – Душанбе: Адиб, 2002. - 286 с.*
7. *Турсун, С. Зимистони умр / С. Турсун. – Душанбе: Адиб, 2006. - 621 с.*
8. *Турсунзода, М. Барои маҳорати баланди нависандагӣ / М. Турсунзода // Шарқи Сурх, 1951. – №5. – С.12-15.*
9. *Хоҷаев, Д. Сухангустар / Д. Хоҷаев // Адабиёт ва санъат, 19 октябри соли 1989.*
10. *Ҳакимов, А. Дар қаламрави сухан / А. Ҳакимов. – Душанбе: Ирфон, 1982. - 256 с.*

ЗАБОН ВА УСЛУБИ НАСРИ САТТОР ТУРСУН

Саттор Турсун яке аз нависандагони муваффақ дар адабиёти муосири тоҷикӣ шинохта шудааст, ки осори зиёд дар навъҳои ҳикоя, повест ва роман эҷод кардааст. Забони насри Саттор Турсун равону шево ва пур аз боигариҳои луғавии забони тоҷикӣ буда, дар пироҳани зебои бадеӣ бо фарогирии унсурҳои гуфтугӯии роиҷи тоҷикӣ офарида шудаанд. Дар асарҳои нависанда унсурҳои шевагии дағал, ки хоси як маҳалли тоҷикнишин бошад, ба назар намерасад. Тарзи баёни андешаҳои қаҳрамонҳои ҳикоёту повестҳо ва романи «Се рӯзи як баҳор» бо меъёри забони адабӣ ва нутқи

гуфтугӯӣ корбаст гардидаанд, ки завқбахшанд. Дар мубоҳисаҳо, мунозираҳо ва монологҳо, ки дар асарҳои Саттор Турсун хеле зиёданд, ҳангоми шиддат гирифтани сужети воқеаҳо баъзан ифодаҳои ҳақорату дашном ва вожаву ибораҳои арабиву русӣ ба кор рафтаанд, ки ҳамагӣ дар мавқеи худ мувофиқанд.

Калидвожаҳо: Саттор Турсун, нависанда, ҳикоя, повест, роман, наср, забон, услуб, образ.

ЯЗЫК И СТИЛЬ ПРОЗЫ САТТОРА ТУРСУНА

Саттор Турсун – один из признанных мастеров современной таджикской литературы, автор многочисленных произведений в жанрах рассказа, повести и романа. Его проза отличается плавным, образным языком, богатым лексическими ресурсами таджикского языка. Писатель искусно использует разговорные элементы, органично вплетая их в художественную ткань повествования. При этом, в его произведениях практически отсутствуют грубые диалектные вкрапления, характерные для отдельных регионов Таджикистана. Герои рассказов, повестей и романа «Три дня одной весны» говорят на языке, сочетающем нормы литературного языка и живую разговорную речь, что делает их высказывания особенно выразительными и запоминающимися. В многочисленных дискуссиях, спорах и монологах, которые являются неотъемлемой частью произведений Саттора Турсуна, при нарастании эмоционального напряжения персонажи иногда используют оскорбления, ругательства, а также арабские и русские заимствования, что, однако, всегда обусловлено контекстом и не нарушает общей стилистической гармонии.

Ключевые слова: Саттор Турсун, писатель, рассказ, повесть, роман, проза, язык, стиль, образ.

THE LANGUAGE AND STYLE OF SATTOR TURSUN'S PROSE

Sattor Tursun is one of the recognized masters of contemporary Tajik literature, the author of numerous works in the genres of short story, novella, and novel. His prose is distinguished by a smooth, figurative language, rich in the lexical resources of the Tajik language. The writer skillfully uses colloquial elements, organically weaving them into the artistic fabric of the narrative. At the same time, his works practically lack the coarse dialectal inclusions characteristic of certain regions of Tajikistan. The characters of the short stories, novellas, and the novel "Three Days of One Spring" speak a language that combines the norms of literary language and lively colloquial speech, which makes their statements particularly expressive and memorable. In numerous discussions, disputes, and monologues, which are an integral part of Sattor Tursun's works, characters sometimes use insults, profanity, as well as Arabic and Russian borrowings when emotional tension rises, which, however, is always contextually justified and does not disrupt the overall stylistic harmony.

Keywords: Sattor Tursun, writer, short story, novella, novel, prose, language, style, image.

Дар бораи муаллиф
Ғаффорова Саида
Унвончӯи кафедраи назария ва таърихи адабиёт
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121

Об авторе
Гаффарова Саида
Соискатель кафедры теории и истории литературы
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121

About the author
Gafforova Saida
Applicant for the Department of Theory and History of Literature
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121

ТДУ 891.550.092

ТАРКИБИ ДЕВОНИ ВОИЗИ ҚАЗВИНӢ ВА ҶОЙГОҲИ ҒАЗАЛ ДАР ОН

Шоев А. А.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ

Воизи Қазвинӣ шоири соҳибдевон аст. Аз қайду таъкидҳои мушаххаси осори адиб маълум мегардад, ки девони ашъори ӯ маҳсули тамоми давраи эҷодиёти шоир мебошад. Аввалин китъаи таърихдори ӯ дар соли 1054 ҳ.қ./1644 м. ба муносибати тавлиди тифле гуфта шудааст, ки дар ин давра шоир 27 сол доштааст. Аз ин бармеояд, ки Воиз ба шеъру шоирӣ хеле барвақт сар кардааст. Зеро шеърро бо моддаи таърих музайян кардан ба суханвари навқаламу бетаҷриба даст намедиҳад. То гуфтани чунин шеър Воиз бояд таҷрибаи вофири суханварӣ ҳосил намуда бошад. Азбаски пандгӯӣ фаъолияти хонаводагии шоир буда ва худаш низ дар ин ҷода қадамҳои устувор бардоштааст, дар шоирӣ тахаллуси “Воиз”-ро ба хеш интихоб намудааст. Шоир бо истифодаи ин тахаллус ва эҷоди каломи ҳунарии пурмуҳтаво ном бароварда шуҳратёр гаштааст. Ин аст, ки ашъори вай аз замони зиндагиаш сар карда, мавриди мутолиа ва китобат қарор гирифта, ба шакли куллиёт ва девон ворид гашта, ба гӯшаю канори олам, хосса қаламрави шеъри форсии тоҷикӣ паҳн шудааст. Ҳоло беш аз 50 нусхаи хаттии девони Воиз дар китобхонаҳои Эрон, Туркия, Ҳинд, Мовароуннаҳру Хуросон ва ҷойҳои дигар нигаҳдорӣ мешавад. Дар иртибот ба ин, Саид Ҳасан Содоти Носирӣ иброз чунин доштааст: “Дастнависҳои девони Воиз... дар ин рӯзгор ноёб, балки камёб ҳам нест...ҷуз китобхонаҳои умумӣ... дар китобхонаҳои хусусӣ ҳам мутааддид тавон ёфт” [13, с. 15]. Ҳамаи ин ба серхонанда будани ашъори шоир ва шуҳрати зиёд доштани он далолат мекунад.

Санаи китобати нусхаи муаллифии девони шоир аниқ маълум нест, вале қадимтарин нусхаи рӯйнависшудаи он ба соли 1088 ҳ.қ./1677 м. рост меояд [13, с. 31]. Содоти Носирӣ ин нусхаро аз китобхонаи хусусии Фахриддин Насирӣ ном шахси соҳибмаърифат ва китобдӯст дастрас намуда, муҳтавои онро тавсиф кардааст [13, с. 30-33]. Бо заҳмату талошҳои пайгиронаю борикбинонаи Содоти Носирӣ нусхаҳои нодиру комилу ноқиси дастнависҳои девони Воизи Қазвинӣ пайдо шуда, аввалин бор матни саҳеҳ ва чопии девони ашъори ӯ дар соли 1359 ҳ.ш./1981 м. ба зевари чоп ороста гардидааст [9, с.766].

Муҳаққиқ барои анҷом додани ин кор беш аз 12 нусхаи хаттии девони шоирро аз феҳрастҳо ва китобхонаҳои умумию хусусии Эрон дарёфт намуда, бо диққати том, ҳарф ба ҳарф, калима ба калима матни онҳоро мутолиа намуда, муҳтаво, шакл ва ҳусну қубҳашонро муайян ва баҳогузорӣ кардааст. Вай дар тасҳеҳи матни чопии худ нусхаҳоро аз рӯйи мансубияташон ба китобхонаҳову ашхоси алоҳида тибқи нишондод ва меъёрҳои матншиносии назарӣ ва амалӣ бо ҳуруфи алифбоӣ мушаххас намудааст. Аз ҷумла, ӯ нусхаи Китобхонаи марказии Донишгоҳи Теҳронро бо ҳарфи “د”, нусхаҳои Китобхонаи Остони Қудси Разавиро бо ҳарфи “أ1” ва “أ2”, нусхаи Китобхонаи Вазирии Яздро бо ҳарфи “و”, нусхаи Ҳоҷ Боқири Тарақиро бо ҳарфи “ت” ва ғайра бо ҳамин тартиб 12 нусхаи мавриди назарашро мушаххас сохта, нусхаи “د”-ро бо тозагию камғалатияш асос дониста [13, с.4] ва нусхаи “أ2”-ро бо 8 211 байт доштанаш комилтарин номидааст [13, с. 25]. Инчунин, дар поварақи матни чопии девон камбуду иловаҳои нусахро гӯшзад намуда, калима, таркибу ибора ва ишороти номафҳумро бо истифода аз луғатҳои мароҷеи дигар шарҳу тавзеҳ дода, дар ниҳояти он таълиқоти девон ва дар зимнаш феҳрасти таркибот, наводири луғоту таъбирот, истидрок, феҳрасти номҳои касон, феҳрасти номҳои китобҳо, феҳрасти номҳои ҷойҳои матн [12, с.661-766] пешниҳод шудааст, ки арзиши матни мавриди назарро хеле афзудааст.

Таркиби жанрии чопи мазкур ба таври зерин мебошад: 1. ғазалиёт: 613 адад, 4 831 байт; 2. абёти пароканда: 270 байт; 3. қасида: 18 адад, 1 083 байт; 4. қитъа: 7 адад, 97 байт; 5. таркиббанд 1 адад, 60 байт; 6. мухаммас: 1 адад, 12 байт; 7. мусаддас: 1 адад, 60 байт; 8.

рубоӣ: 134 адад, 268 байт; 9. дар таворих фармояд (69 шеъри гуногунжанр), 603 байт; 10. муаммиёт 5 адад, 5 байт; 10. маснавиёт: 670+170 байт; маҷмуи абёти девони чопии мавриди назар 8 129 байтро ташкил додааст. Агарчи ин миқдор абёти чопии девон тамоми осори манзуми шоирро фаро нагирифтааст, вале он аз рӯйи басомад ба миқдори абёти комилтарин нусхаи хаттии девони ашъори шоир, ки дар боло зикр ба он ишора шуд, наздик гардидааст. Дар матни чопӣ тартиби пайдарпайгузории жанрҳо дар қисмати шеърҳои бо моддаи таърих гуфташуда риоя нашудааст [9, с. 576-619]. Агар ин кор тибқи меъёрҳои назариёти адабӣ сурат мегирифт, гуногунии жанрҳо бартараф мегардиду шеърҳо бо он ки таърих доранд, дар ҷои худ оварда мешуданд, мураттабии матн риоя мегардид ва ҳам кори хонандагон суҳулат меёфт. Дар маҷмуъ, Саид Ҳасан Содоти Носирӣ бо нашри осори манзури Воизи Қазвинӣ хизмати шоёнеро дар шиносонидани чеҳраи адабии шоир анҷом дода, каломи ҳунарии ӯро дастраси ҳамагон намудааст.

Дар заминаи ташаббусҳои донишманди мазбур нашри дигари девони Воизи Қазвинӣ рӯйи кор омадааст, ки онро Асғар Аламӣ таҳия намудааст. Ин девон дар соли 1384 ҳ.ш./ 2006 м. бо кӯшиши Аҳмад Карамӣ дар нашриёти “Мо” ба табъ расидааст [8, с.713]. Асғар Аламӣ ва Аҳмад Карамӣ дар оғози девон андешаҳои худро дар шакли арздошт ва пешгуфтор ба таври ҷудогона иброз доштаанд. Аз ҷумла, Аҳмад Карамӣ аз ҳамкориҳои хеш бо Саид Ҳасани Содоти Носирӣ ва Асғар Аламӣ хабар дода, ба чопи нави девони Воиз мутаваҷеҳ шуданашон сухан ба миён овардааст [6, с. 5-6], ки бештар хусусияти таҳкиявӣ дорад ва хеле кӯтоҳ аст. Асғар Аламӣ андешаҳои худро муфассал баён карда, дар қисмати аввал аз таърихи нахустин чопи девони Воиз ва хизматҳои таҳиякунандаи он – Содоти Носирӣ ёд карда, зарурати чопи ҷадиди девонро таъкид дошта, пас аз он аз равиши кори худ иттилоъ додааст [1, с. 7-9]. Дар қисмати дигар аз ҷамъи ҳамкорону касоне, ки дар анҷоми ин кор кӯмакаш кардаанд, ташаккур арз намудааст [1, с. 10]. Дар қисмати сеюм Аламӣ аз рӯзгору осори Воиз ҳарф зада, дар қисмати ниҳоӣ сарчашмаҳои истифода кардаи худро дар таҳияи девон манзур намудааст [1, с. 11-15]. Мутолиаи пешгуфтори девони мазкур нишон медиҳад, ки Аламӣ дар интихоби нусхаҳо аз кори Содоти Носирӣ суд ҷустааст. Зеро ҳамаи нусахи дасти аввал, ки ӯ истифода намудааст, Аламӣ низ, дар навбати худ, аз онҳо кор гирифтааст. Чунончи, Содоти Носирӣ аз нусхаи Китобхонаи марказии Донишгоҳи Теҳрон, таҳти рақами 2 715 истифода бурда, сиҳҳати матни онро васф кардааст, ҳамчунин аз нусхаи хаттии Китобхонаи Остони қудси Разавӣ, таҳти рақами 4 792 ёд намудааст, айнан бо мушаххасоти худ дар китобномаи Аламӣ ва равиши кори ӯ ёд шудаанд. “Дар девони ҳозир”, – гуфтааст Аламӣ, – “ҷое ки нусах бо ҳам ихтилоф доштанд, бештар ба нусхаи 2 717 Донишгоҳи Теҳрон ва 4 792 Остони қудси Разавӣ истинод кардаем” [1, с. 8]. Ба суҳулат метавон дарёфт, ки Аламӣ аз равиш ва дастовардҳои Содоти Носирӣ баҳра бурдааст. Асоси кори худ қарор додани нусахи Носирӣ аз ҷониби Аламӣ гувоҳи дигари баҳраварии ӯст. Ин маънои онро дорад, ки Носирӣ бо фаъолияти худ заминаҳои асосии таҳияи ҷадиди девони Воизро фароҳам овардааст. Агар пешгуфторнависӣ ва тавсифи равиши кори худу муаррифии нусах, монандии фаъолияти таҳиягарии Носирӣ ва Аламиро таъмин созад, аз ҷониби дигар, набудани ҳавошӣ, таълиқот, феҳрастҳои муфассал дар матни Аламӣ кори ин ҳардуро мутафовит сохтааст. Вале Аламӣ барои ҷуброни ин холигоҳи матни худ феҳрасти мундариҷот, замоим, тарҷумаи ғазалҳои туркӣ ва ашъори навёфтшудаи шоирро илова кардааст, ки ин иқдом сифат ва арзиши матни чопиро таъмин намудааст. Ба ин маъно метавон гуфт, ки Аламӣ, дар навбати худ, фаъолияти Носириро дар таҳияи девони Воиз такмил ва тақвият додааст.

Дар матни Аламӣ низ шеърҳои гуногунжанри бо моддаи таърих эҷодгашта омехта, дар як ҷо фароҳам шудаанд. Агар Аламӣ ин ҳамбарҳамиро бартараф карда, шеърҳои мазкурро дар қатори жанри худ ҷо медод, сифати кораш боз ҳам боло мерафт. Таркиби жанрии девони мавриди назар ба таври зайл аст: 1. Ғазалиёт: 658 адад, 5 002; 2. абёти пароканда: 266 байт; 3.қасоид: 18 адад, 1 083 байт; 4. муқаттаот: 9 адад, 108 байт; 5. таркиббанд 1 адад, 60 байт; 6. мухаммас 1 адад 5 банд (12 байту як мисраъ); 7. мусаддас 1 адад, 60 байт; 8. рубоиёт 134 адад, 268 байт; 9. таворих 545 байт (68 шеъри гуногунжанр); 10. муаммиёт: 5 адад, 5 байт; 11. маснавиҳо: 670+170; дар маҷмуъ девони мазкур 8 249 байтро фаро гирифтааст. Аз назари

теъдоди абёт ин нашр аз девони чопи аввал 120 байт бештар мебошад. Тағйироти миқдории мазкур, асосан, аз илова шудани ғазалҳои нав ба вуҷуд омадааст. Ҳарчанд ки то кунун тамоми нусахи дастнависҳои девони ашъори Воиз гирдоварӣ нашудаанд, девони чопии охири шоирро, ки бар пояи нусахи хаттии дасти аввал омода гаштааст, метавон девони нисбатан комили ашъори Воизи Қазвинӣ ҳисоб кард. Зеро он матни нусахи хаттии донишгоҳи Теҳрон ва китобхонаи Остони қудси Разавиро ба пуррагию илова дар бар кардааст. Бо вуҷуди ин, дар матни чопии мавриди назар он камбудиҳое, ки дар матни чопи Содати Носирӣ дар мавриди таснифи жанрҳо дида шуд, ин ҷо низ дар ҳамон шакл воқеъ гаштааст. Ба ин маъно, ки таҳиягари ин матн – Асғар Аламӣ дар қисмати абёти пароканда ва қисмати дар таворихи девони шоир жанрҳои шеъриро тасниф накардааст ва онҳоро дар ҳоли ҳамбарҳамию омехтагӣ боқӣ гузоштааст. Ҳол он ки моддаи таърих, муаммо ва абёти пароканда жанри адабӣ нестанд. Онҳо як навъи санъат ва воситаи баён мебошанд. Бо вуҷуди ин, девони чопии ҷадид, тарҷумаи ғазалҳои туркӣ, тавзеҳи луғоти мушкилфаҳм ва дар шакли нисбатан комил пешниҳод гаштани ашъори Воизи Қазвинӣ дастоварди хубу арзишманд дар адабиётшиносии муосир, махсусан, дар шиносонидани чеҳраи адабии Воизи Қазвинӣ мебошад. Бо дар назардошти ин тасмим гирифта шуд, ки дар мавриди шинохти ашъори Воизи Қазвинӣ, баррасии ҳамаҷонибаи он, нишон додани ҳунари шоирии вай ва монанди инҳо ду нусхаи чопии девони шоир ва хосса, нусхаи чопии Асғар Аламӣ чун асоси пажӯҳиш қарор гирад. Дар баробари ин, нусхаи хаттии ҷадид, ки таҳти №3365/3886 аз Китобхонаи Нури Усмонияи Истамбули Туркия ёфт гардиду он аз мадди назари таҳиягарон дур мондааст, дар мавридҳои зарурӣ барои қиёс истифода шуд. Бояд гуфт, ки ин нусхаи хаттӣ дорои 288 варақ буда, он дар соли 1091 ҳ.қ./1679 м. аз ҷониби Ғайбуллоҳи Шаҳрободӣ рӯйнавис шудааст.

Аз сермаҳсултарин ва пуркорбурдатарин жанрҳои адабии шеъри форсии тоҷикӣ ғазал аст, ки дар тамоми давраҳои рушду нумуи адабиёт мавриди истиқболи шуарои мо қарор доштааст. Намунаи нахустини ғазалро устод Рӯдакӣ гуфтааст ва пасояндагони ӯ онро аз ҳар ҷиҳат такмил дода, ба як жанри писандидаву дараҷаи аввали адабӣ мубаддал сохтаанд. Масалан, бо ибтикори Саъдии Шерозӣ, Хусрави Деҳлавӣ, Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ, Носири Бухороӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ ва садҳо шоирони боистеъдоди классикӣ сохтори ғазал ва муҳтавои он устувор гардида, аҷзои жанрии он ба ҳукми анъана даромад. Ба ин боис, осори ғиноии ин адибон ва намунаҳои ғазалиёти эшон мавриди истиқболу пайравии пасояндагон қарор гирифт. Аз сӯйи дигар, татаббуъ ва таъсирпазириҳои мадид, такрор ва номақбул ба ҷилва омадани каломи бадеиро дар жанри ғазал ба миён овард. Барои бартараф кардани ин ҳолат шоирони ғазалсарои баъдӣ, хосса шоирони пайрави сабки ҳиндӣ, ба ибтикороти вежае даст бурда, кашфи маонии бикру тозаю навро дар ғазал афзал шуморида, шоҳбайт, истиқлоли мисраъ ва тавсияи теъдоди абётро дар он ба вуҷуд оварданд, ки дар арзи ҳастӣ кардани ин таҳаввулот нақши Урфӣ, Калим, Соиб, Шавкат, Саййидо ва дигарон назаррас мебошад. Аз ин маълум мегардад, ки ғазал бо вуҷуди меъёритарин жанри адабӣ буданаш ҳамеша рӯ ба такомул, рушд ва таҳаввули ҳунарӣ будааст. Дар миёни шоирони мазкур номи Воизи Қазвиниро ҳам метавон ворид кард. Зеро ӯ қариб тамоми эҷодиёти хешро ба жанри ғазал манзур карда, ҳиссаи муносиби худро дар тадовуми анъанаи ғазалсароӣ, нигаҳдошти аҷзои жанрӣ, таҳаввули муҳтавӣ ва дар маҷмуъ, рушди ҳамаҷонибаи он гузоштааст. Кӯтоҳтарин ғазали Воиз 3 байт ва дарозтарини он 21 байт аст. Шоир тамоми аносири жанрии ғазалро, пеш аз ҳама, чун матлаъ, мақтаъ ва тахаллус ба мавриду ҳунармандона ба кор бурдааст. Вай кӯшиш ба харҷ дода, ки аносири мазкур бо ҳусни ҳунарӣ, зебо, ҷолиб ва пурмаънию дилнишин манзур гардад. Аввалин ғазали девони шоир бо матлаи зайл ороиш ёфтааст:

Эй номи дилкушои ту унвони корҳо,
Хоки дари ту обӣ рухи эътиборҳо [8, с. 3].

Албатта, чунин маъниҳо дар оғози давовини ҳар шоири классикӣ дида мешавад, аммо Воиз бо ошноизудоӣ ва истиқлоли фикрӣ онро бо диду қабули худ манзур кардааст. Аҷобаташ ин ки баёни шоир мафҳум ва ҳадафаш маълум аст. Ин матлаъ бо маънии хуби худ

метавонад дар матни комили ғазал шоҳбайт низ бошад. Зеро абёти баъдӣ бар тавзеҳи маънии он гуфта шудааст. Аз тарафи дигар, барҷастатарин маънӣ маҳз дар ин матлаъ дарҷ ёфтааст ва он ба меъёри шоҳбайт шудан ҷавобгӯ мебошад.

Истиқлоли мисраъ, ки аз таҳаввулоти маънавии ғазал дар шеъри шуарои сабки ҳиндист, дар ин матлаъ бармалост. Байтҳои он мустақилияти маъноӣ доранд ва дар ҳар яке аз онҳо фикри том ифода ёфтааст. Агар яке аз онҳо сарфи назар шавад ҳам, маънӣ коста намешавад ва берун аз байт ҳар яке метавонад дар алоҳидагӣ низ истифода гардад. Муҳимтарин воситаҳое, ки иртиботи мисраъҳоро дар чунин ҳолат таъмин месозанд, таносуби калом, вазн ва қофияву радиф мебошанд.

Матлаъ дар шаклгирӣ ва маъниофаринии ҳар жанри ғиноӣ, аз он ҷумла жанри ғазал, нақши калидӣ дорад ва аз шоир ҳунари хоссеро тақозо мекунад. Зеро муҳтавои ғазал, вазн, қофия ва радифи он дар матлаъ интихоб мешавад. Агар дар эҷоди матлаъ шоир тамоми ҳунарашро ба кор бурда, ҳусни онро таъмин намояд, он сурати ҳунарӣ пайдо мекунад ва муваффақияти эҷодии ӯро бармало месозад. Матлаи мавриди назар муқаффо мебошад ва аз ин ҷост, ки тамоми ғазал муқаффо шудааст. Воиз якрангии қофияро дар он таъмин намудааст, ки аз меъёрҳои дерина ва анъанавию устувори ғазалсароист ва ӯ дар ҳеҷ як ғазалаш аз ин меъёр берун нарафтааст. Ба ифодаи дигар, матлаи ҳамаи ғазалҳои шоир қофиябандии ҷуфт доранд.

Унсури дигаре, ки дар ғазалсароӣ меъёр ҳисобида шудааст, мақтаъ мебошад. Воиз дар корбурди ин унсур низ ҳунармандона амал карда, онро бо маънӣ ва лафзи зебо зинат бахшидааст. Муҳимтарин хусусияти мақтаъ ба таври барҷаста ҷамъбасткунии фикр аст, ки ағлаби мақтаи ғазалиёти Воиз аз ин вижагӣ бархурдоранд. Намунаи зайл аз ҷумлаи ҳамин гуна мақтаъҳост, ки дар он шоир аз беэътибории сухан дар замони худ шикоят кардааст:

Маҳв аз сафҳаи гетӣ шуда имрӯз сухан,
Он ки гаҳ ҳарфи сухан мезанад, акнун қалам аст [8, с. 100].

Ин ҷо ба ҳадде фикр ҷамъбаст шудааст, ки чизеро ба он илова кардану онро аз ягон ҷиҳат тавзеҳ додан ғайриимкон менамояд. Мисраи аввали мақтаъ, чунонки дида мешавад, аз қофия ва радиф озод аст. Аммо мисраи дуюмаш дорои қофия аст ва он ба қофияи матлаъ ва тамоми мисраъҳои қофиядори ғазал ҳамгун мебошад.

Аз анъанаҳои дигари ғазалсароӣ зикри тахаллус аст. Агар дар мақтаи ғазал тахаллуси шоир дарҷ гардад, онро байти тахаллус низ меноманд. Қариб тамоми мақтаи ғазалиёти Воиз бо тахаллуси ӯ ҷамъбаст шудаанд. Аз ин рӯ, ғазалҳои бе байти тахаллус сурудаи вай ангушшумор мебошад. Овардани тахаллус низ дар мақтаи ғазал ҳунари вижаи суханвариро талаб мекунад. Он бояд ба вазн, қофия, радиф ва маънии умумии мақтаъ ва тамоми ғазал мувофиқ бошад ва нақсу халалеро ба аносири ҳунарии калом ворид насозад. Мақтаъҳои бо тахаллус эҷодкардаи Воиз ҳамагӣ аз ин меъёрҳои ҳунарӣ бархурдоранд ва онҳо ҳунармандона манзур шудаанд. Намунаи онҳо байти тахаллуси зайл аст, ки мефармояд:

Воиз, чӣ кунӣ, матлаби худ арз бари дӯст,
Он ҷо, ки аён аст, чӣ ҳоҷат ба баён аст?! [8, с. 104]

Ин ҷо тахаллус дар ҷойи худ мувофиқи талаби вазну маънӣ воқеъ гаштааст. Ҳадафи шоир маълум ва номи мустаори вай ба ин восита мушаххас шудааст. Арзиши адабии байти мақтаи бо тахаллус ороиш ёфта боз дар он зоҳир мешавад, ки мансубияти ғазалро ба шоири маълум ошкор месозад ва қаҳрамони лирикиро муайян менамояд. Биноан, байти тахаллус дар шинохти матн ва муайян кардани муаллифи он аз ҳар ҷиҳат мусоидат менамояд.

Бо вуҷуди он ки дар ғазали сабки ҳиндӣ таҳаввулоти ҷузъӣ ба амал оварда шудааст, баёни андеша ва баррасии мавзуъ дар он бетағйир боқӣ мондааст. Ин бар он маънист, ки дар ғазалиёти Воиз ду тарзи баёни мавзуъ: мусалсал ва пароканда дида мешавад. Дар навъи аввал шоир ягонагии мавзуъро таъмин карда, аз матлаъ то мақтаъ онро шарҳу тавзеҳ додааст. Дар ин сурат як байт ба байти дигар вобаста шуда, маънии онро такмил медиҳад. Намунаи тарзи мазкури баён ғазали зайл аст:

Илоҳо, то ҷаҳон бошад, шаҳи мо комрон бошад,
Ба гетӣ ҳукми ӯ чун оби эҳсонаш равон бошад.

Сипеҳри суст то барпост, дасти ӯ қавӣ гардад,
Ҷаҳони пир то барҷост, бахти ӯ ҷавон бошад.
Зулоли лутфи ӯ ҷорӣ, нишон то ҳаст аз ҳоҷат,
Хаданги ҳукми ӯ корӣ, зи гетӣ то нишон бошад.
Фалаксон дӯсташ, бар авҷи иззат то замин пояд,
Заминваш душманаш помоли ғам, то осмон бошад.
Забон то бошадам дар кому ҷон то бошадам дар тан,
Дуои давлаташ Воиз, маро вирди забон бошад [8, с. 197].

Мавзуи асосии ин ғазал, чунонки мебинем, мадҳ аст. Шоир мавзуи мазкурро дар матлаи ғазал ҷойгир карда, дар 4 байти баъдӣ онро бо алфози шинаму малеҳ шарҳ додааст. Тафсирёбии мавзуъ, ваҳдати баёни андеша, ягонагии муҳтаво ва якрангии он аз вижагиҳои баёни мусалсал дар ғазал мебошад. Воиз баёни мусалсали андешаро ба таври анъанавӣ дар ғазалиёти худ ба кор бурдааст. Дар ин навъи баёни андеша мавзуъ низ чун вазну қофияю радиф якҷоя дар нигаҳдошти ягонагии ғазал иштирок мекунад.

Дар навъи дигари баён бори маънӣ ва ғунҷоиши мавзуъ мунҳасир ба ҳар байт аст. Нигаҳдошти сохтори ғазал аз мавзуъ берун меояд ва он асосан, ба души вазну қофияву радиф мегузарад. Намунаи ин тарзи баён ғазали зерин мебошад:

Озода ба ҳамроҳии кас банд нагардад,
Хосияти сарв аст, ки пайванд нагардад.
Бо ҳиммати воло зари дунё нашавад ҷамъ,
Борон, ки ба куҳсор расад, банд нагардад...
Девона бувад ҳар ки диҳад тан ба алоиқ,
Занҷири бало гирди хирадманд нагардад.
Сад ғамза ба ҳар гӯшаи он чашм фитодаст,
Воиз ба нигоҳе зи ту хурсанд нагардад [8, с. 166].

Чунонки мебинем, ҳар байти ин ғазал мавзуи нисбатан мустақил дорад ва байти аввал ба тавзеҳи ашхоси “озода”, байти дуюм ба тарғиби ҳиммат, байти сеюм ба нахуҳиши алоиқ ва ба ситоиши хирадманд ва байти ниҳоӣ ба ишқ бахшида шудааст. Ин ҷо низ истиқлоли мисраъҳо дар абёти ҷудогона мавқеъ доранд. Шоҳбайти ин ғазал байти сеюм маҳсуб меёбад, ки истиқлоли маъниро дар мисраъҳои худ ба ҷилва овардааст. Ғазали дигар ҳам, агарчи бо вазну қофия ва хосса радиф, ваҳдати шаклии том ёфта, ягонагии нисбии муҳтавоӣ дорад, моҳиятан ҳар байташ ҳолатҳои гуногун ва мавзуъҳои мухталифи зиндагии инсонҳоро дар худ таҷассум намудааст. Чунончи:

Мавҷи дарёи меҳнатест нафас,
Раги абри кудуратест нафас.
Ҳар даме аз зиндагӣ, ки мегузарад,
Дар паяш оҳи ҳасратест нафас.
Аҳли дилро зи бебақоии умр
Бар лаб ангушти ҳайратест нафас.
Сурмаи чашми ибратест нигоҳ,
Дуди оҳи надоматест нафас.
Воиз, аз дил ҳамеша то ба лабам,
Шоҳроҳи шикоятест нафас [8, с. 271].

Ин ҷо низ истиқлоли байт назаррас аст ва ҳар байт бори маънӣ мекашад. Барҷастагии маънӣ қариб дар ҳар байт мушоҳида мешавад. Вале байти ба назар олӣ байти чорум мебошад. Ҳусни матлаъ, ҳусни тахаллус, баёни малеҳу мафҳум, кашфи маъниҳои бикр, санъати мураддаф, истиқлоли мисраъ ва байт намунаи ҷолибу ҳунарии ғазалсароии Воизро бармало кардааст.

Аз баррасиҳои девони ашъори Воиз ва ҷойгоҳи жанри ғазал дар он метавон ба натиҷаҳои зайл даст ёфт:

1. Девони ашъори Воизи Қазвинӣ маҳсули тамоми даврони зиндагии ӯст. Вай бинобар ба пандгӯй иштиғол доштани аҳли хонавода ва хосса, падараш “Воиз”-ро ба худ тахаллуси

адабӣ интихоб кардааст, ки он минбаъд ба фаъолияти гуногунҷабҳаи адиб низ иртиботи бевосита пайдо кардааст. Ба ифодаи дигар, шоир дар кулли осори ҳунарияш тахаллуси мазкурро бо кор бурда, маъруфият ёфтааст.

2. Таркиби ашъори шоир аз назари қолаб ва муҳтавохеле рангоранг ва бой буда, таваҷҷуҳи ҳар хонандаро ба осонӣ ба сӯйи худ кашида метавонад. Аз ин рӯ, шеърҳои эҷодкардаи Воиз аз даврони дар қайди ҳаёт будани ӯ мавриди мутолиа ва истиқболу китобати мухлисони каломи бадеӣ қарор гирифта, ба атрофу акнофи олам, хосса, ба марказҳои адабии қаламрави шеъри форсии тоҷикӣ паҳн шудааст. Маълум шудани нусхаҳои хаттии девони Воиз дар бузургтарин марказу китобхонаҳои Осиёи Миёна, Осиёи Ҷанубу Шарқӣ, Осиёи Хурду Аврупо далели ин гуфтаҳост.

3. Мувофиқи ахбори сарчашмаҳои адабӣ ва илмӣ нусхаи зебо ва камғалати девони ашъори Воиз нусхаи Донишгоҳи Теҳрон, таҳти рақами 2 715 буда, нусхаи комили он нусхаи хаттии Китобхонаи Остони қудси Разавӣ (таҳти рақами 4 792) мебошад. Қадимтарин нусхаҳои хаттии девони шоир байни солҳои 1088 ҳ.қ.-1091 ҳ.қ./1677 м.-1679 м. ва дар имтидоди 150 соли баъд аз ин китобат шудаанд.

4. Дар пояи нусахи хаттии девони Воизи Қазвинӣ то кунун ду нашри чопии девони шоир таҳия шудааст, ки яке дар соли 1359 ҳ.ш./1981 м. аз ҷониби Содоти Носирӣ ва дигаре аз ҷониби Асғар Аламӣ дар соли 1384 ҳ.ш./2006 м. сурат гирифтааст. Содоти Носирӣ нашри худро дар асоси ду нусхаи дасти аввал ва 10 нусхаи дигар муқоисаву муқобала намуда, ба кисвати чоп оростааст. Зери дастовардҳои ин донишманд Асғар Аламӣ нашри худро омода карда, ба қазовати хонанда супурдааст. Ҳарду нашр муваффақиятҳою дастовардҳои зиёдеро моликанд ва ҳамзамон аз камбудиҳо низ орӣ нестанд. Дар ҳар сурат, онҳо кулли осори манзуми дастраси шоирро дар бар кардаанд.

5. Ҳамаи нашрҳои осори адиб, ҷамъи нусахи дастраси он имкон фароҳам меоранд, ки ҳунари шоирии Воизи Қазвинӣ маълум карда шавад ва нақши ӯ дар рушду такомули адабиёти даврони худ ва баъд муайяну мушаххас гардад.

6. Воизи Қазвинӣ асосан, шоири ғазалсарост. Қисми зиёди эҷодиёти шоирро ҳам ин жанри адабӣ дар бар мегирад. Ба ифодаи дигар, шоир мисли муосирони худ тамоми ҳунари шоирии хешро сарфи ғазалсарӣ намуда, намунаҳои ҷолиб ва ҳунарии ин жанри адабиро манзури хонанда сохтааст.

7. Дар ғазалиёти Воиз тамоми аносири жанрсози ғазал, аз ҷумла, матлаъ, мақтаъ, тахаллус ба таври хосси ҳунари мавриди истифода қарор гирифтаанд. Ҳамаи ғазалҳои шоир бо ҳусни матлаъ, ҳусни мақтаъ ва ҳусни тахаллус ороиш ёфтаанд. Ба ин боис қисматҳои мазкури ғазалиёти вай ниҳоят, малеҳ, мароқангез, суфта ва бесактаанд. Қариб аксари ғазалҳои шоир дорои тахаллусанд. Тахаллуси худро шоир ғолибан дар байти охири ғазалиёташ ҷой додааст. Дар аввали онҳо овардани тахаллус ҳам ба мушоҳида расид, ки хусусияти таъкидӣ дорад.

8. Дар ғазалиёти Воиз чун анъанаи ғазалсароии пешиниён ду тарзи баёни мавзуъ ба мушоҳида расид, ки яке мусалсал ва дигаре пароканда аст. Шоир дар тарзи нахуст иртиботи маъноии байтҳоро қавӣ нигоҳ дошта, аз оғоз то анҷоми ғазал мавзуи ягонаро пайгирӣ менамояд ва дар тарзи дуюм, баръакс, иртиботи маъноии абёт қавӣ набуда, ҳар байт ва ҳатто ҳар мисраъ дорои мавзуъ ва маънии ҷудогона мебошад. Дар тарзи мусалсали баён ҳамаи унсурҳои шаклсозу маънисоз барои таъмини ягонагии ифода дар паҳлуи ҳаманд, аммо дар тарзи баёни пароканда маънӣ бар ҳар байт тақсим мегардад ва бори таъмини ягонагии ғазал бар дӯши вазну қофияву радиф мегузарад.

9. Истиқлоли мисраъ ва байт хосси ғазали пайравони сабки ҳиндист, ки ин вижагии ҳунарӣ дар ғазалсароии Воиз ба таври барҷаста ба ҷилва омадааст. Кашфи маънӣ, сарфи назар кардани шакл, ошноизудоии хос барои ба вуҷуд омадани ин таҳаввулоти муҳтавоӣ ва шаклии ғазал мусоидат кардааст. Ҳамаи ин аз ибтикороти ғазалсароии шоирони сабки ҳиндӣ маҳсуб меёбад, ки Воизи Қазвинӣ низ бо намунаҳои хубу ҳунарии ғазалиёташ дар сафи саромадони он қарор дорад.

Адабиёт

1. *Аламӣ, Асғар. Пешгуфтор / Асғар Аламӣ // Девони Воизи Қазвинӣ. – Теҳрон: Интишороти мо, 1384. – 713 с. – С. 7-15.*
2. *Атахонов, Т. Фарҳанги истилоҳоти адабиётшиносӣ / Т. Атахонов. – Душанбе: Шарқи озод, 2002. – 455 с.*
3. *Давронов, С. Сохти шеъри тоҷикӣ / С. Давронов. – Душанбе: Ирфон, 1976. – 25 с.*
4. *Зеҳнӣ, Т. Санъати сухан / Т. Зеҳнӣ. – Душанбе: Маориф, 1992. – 302 с.*
5. *Исрофилниё, Ш.Р. Мероси адабии Носири Бухороӣ ва такомули ғазали ошиқонаи орифона дар асри XIV/ Ш.Р. Исрофилниё. – Душанбе, 2013. – 340 с.*
6. *Карамӣ, Аҳмад. Ба номи Худо / Аҳмад Карамӣ // Девони Воизи Қазвинӣ. – Теҳрон: Интишороти мо, 1384. – С.5-6.*
7. *Казакова, У. Назаре ба ғазали Салмони Савоҷӣ / У. Казакова. – Душанбе: Шарқи озод, 2003. – 136 с.*
8. *Қазвинӣ, Воиз. Девон. Дар таҳия ва тасҳеҳи Аҳмад Карамӣ/Воизи Қазвинӣ. – Теҳрон: Интишороти мо, 1384. – 713 с.*
9. *Қазвинӣ, Воиз. Девон. Дар таҳия ва тасҳеҳи Сайид Ҳасан Содоти Носирӣ. – Теҳрон, 1359. – 766 с.*
10. *Мирзоев, А. Рӯдакӣ ва инкишофи ғазал дар асрҳои X XV// Сездаҳ мақола/А. Мирзоев. – Душанбе: Маориф, 1977. – С. 5 - 52.*
11. *Мусулмонқулов, Раҳим. Назарияи ҷинсҳо ва жанрҳои адабӣ/ Раҳим Мусулмонқулов. – Душанбе: Маориф, 1987. – 88 с.*
12. *Носирӣ, Ҳасан Содот. Таълиқоти девони Воизи Қазвинӣ/ Ҳасан Содоти Носирӣ //Девони Воизи Қазвинӣ. – Теҳрон, 1359. – 766 с. – С. 661-766.*
13. *Носирӣ, Ҳасан Содот. Пешгуфтор/ Ҳасан Содоти Носирӣ //Девони Воизи Қазвинӣ. – Теҳрон, 1359. – 766 с. – С. 1-64.*
14. *Нарзиқул, М. Ҷойгоҳи сухан (маҷмуаи мақолаҳо) / М.Нарзиқул. – Душанбе: Адиб, 2006. – 224 с.*
15. *Сафо, З. Таърихи адабиёти Эрон. Аз авоили қарни ҳафтум то поёни қарни ҳаштуми ҳиҷрӣ/ Забеҳуллоҳи Сафо; Ҷилди панҷум. – Теҳрон: Фирдавс; ноширидиҷитолӣ: Маркази таҳқиқоти роёнаии Қоимияи Исфаҳон, 1385 . – 1410 с.*
16. *Саидҷаъфаров, О. Ш. Соиби Табрезӣ ва вусъати мазмун дар ғазал / О. Ш. Саидҷаъфаров. Зери назари Р. Тағоймуродов. – Душанбе: ДДМИТ, 2020. – 249 с.*
17. *Шарифов, Х. Назмшиносӣ / Х. Шарифов, У. Тоиров. – Душанбе: Ҳумо, 2005. – 384 с.*

ТАРКИБИ ДЕВОНИ ВОИЗИ ҚАЗВИНӢ ВА ҶОЙГОҲИ ҒАЗАЛ ДАР ОН

Дар ин мақола дар барои девони ашъори Воизи Қазвинӣ, таркиби жанрӣ ва ҷойгоҳи ғазал дар он баҳс шудааст. Натиҷа ин ки Воизи Қазвинӣ шоири соҳибдевон аст. Таркиби девони ашъори ӯро жанрҳои суннатии шеъри классикӣ, ба монанди фардбайт, рубоӣ, қитъа, ғазал, қасида, тарҷеъбанд, мусаммат, маснавӣ, достон ва монанди инҳо ташкил додааст. Ҷамъоварӣ ва ба шакли девон даровардани ашъори шоир аз замони зиндагияш оғоз ёфтааст. Нусхаҳои хаттӣ ва нашри сангию чопии девони ашъори Воизи Қазвинӣ дар китобхонаҳои маъруфи дунё, аз ҷумла китобхонаҳои Ҳиндустон, Эрон, Туркия нигаҳдорӣ мешаванд. Собит гардид, ки қисми зиёди девони ашъори шоир аз жанри ғазал таркиб ёфтааст. Дар ғазалҳои шоир сохтори анъанавии ғазал ҳунармандона нигоҳ дошта шудааст. Ғазалиёти Воизи Қазвинӣ аз нигоҳи муҳтаво бою серпаҳлу аст. Истиқлоти мисраъ ва байт, кашфи маонии бикр, ирсоли масал, корбурди парадокс, истифодаи қофияи бадеӣ, ҳисомезӣ аз вижагиҳои ғазалиёти шоир мебошанд. Воизи Қазвинӣ дар ғазалиёти худ муҳимтарин мавзуъҳои ҳаёти инсониро мисли ишқ, муҳаббат, ахлоқ, тарбият, ирфон, омӯзишу парвариш, танқиди замон, инсондӯстиро тарғибу ташвиқ кардааст. Шоир ба ҳамаи мавзуъҳои ашъори хеш нигоҳи ахлоқӣ дорад. Ин маънои онро дорад, ки вай ба масоили ахлоқӣ таваҷҷуҳи бештар зоҳир кардааст. Мавзуъҳои мавриди тасвири шоир бо ғояҳои олии худ имрӯз низ аҳаммияти худро аз даст надодаанд.

Калидвожаҳо: девон, шоир, ашъор, жанр, байт, Воизи Қазвинӣ, мавзуъ, сохт, мисраъ, ғазал, нусха.

СБОРНИК СТИХОВ ВОИЗА КАЗВИНИ И МЕСТО ГАЗЕЛИ В НЁМ

В данной статье рассматривается жанровый состав и место газели в сборнике стихов Воиза Казвини. В результате Воизи Казвини стал поэтом сборнике стихов. Состав его сборника стихов составляют традиционные жанры классической поэзии, такие как фардбайт, рубаи, сюжет, газель, касыда, тарджибанд, мусаммат, маснави, рассказ и им подобные. Сбор и составление стихов поэта

начались еще при его жизни. Письменные и печатные экземпляры стихов Воиза Казвини хранятся в известных библиотеках мира, в том числе в библиотеках Индии, Ирана и Турции. Доказано, что большую часть стихотворного сборника поэта составляет жанр газели. В газелях поэта умело сохранена традиционная структура газели. Газалят Воиза Казвини богат по содержанию. Самостоятельность стиха и стихотворения, раскрытие великого смысла, использование притч, использование парадоксальности, использование художественной рифмы, эмоциональность – вот некоторые особенности поэзии поэта. В своих газелях Воиз Казвини продвигал и поощрял важнейшие темы человеческой жизни, такие как любовь, любовь, этика, воспитание, знание, образование и совершенствование, критика времени, человечность. Поэт имеет нравственный взгляд на все темы своих стихов. Это означает, что он больше внимания уделял моральным вопросам. Темы, обсуждаемые поэтом с высокими идеями, не потеряли своей значимости и сегодня.

Ключевые слова: деван, поэт, поэзия, жанр, стих, Ваизи Казвини, тема, структура, стих, газель, рукопись.

COLLECTION OF POEMS BY VOIZI QAZVINI AND THE PLACE OF THE GAZELLE IN IT

This article examines the genre composition and place of the ghazal in the collection of poems by Voizi Kazvini. As a result, Voizi Qazvini became a poet in a collection of poems. The composition of his collection of poems consists of traditional genres of classical poetry, such as fardbayt, rubai, plot, ghazal, qasida, tarjiband, musammat, masnavi, story and the like. The collection and compilation of the poet's poems was tested during his lifetime. Written and printed copies of Voiza Qazvini's poems are kept in famous libraries around the world, including libraries in India, Iran and Turkey. It has been proven that most of the poet’s collection of poems is in the ghazal genre. In his ghazals, the poet skillfully preserved the traditional structure of the ghazal. The ghazalat of Voizi Qazvini is rich in content. The independence of verse and poetry, the revelation of great meaning, the use of parables, the use of paradox, the use of artistic rhyme, emotionality - these are some of the features of the poet’s poetry. In his ghazals, Voizi Qazvini promoted and encouraged the most important themes of human life, such as love, love, ethics, education, knowledge, education and improvement, criticism of time, humanity. The poet has a moral view on all the topics of his poems. This means that he paid more attention to moral issues. The topics discussed by the poet with high ideas have not lost their significance today.

Keywords: devan, poet, poetry, genre, verse, Voizi Qazvini, theme, structure, verse, ghazal, manuscript.

Дар бораи муаллиф
Шоев Абдуҳамид Абдунабиевич
Номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи назария ва таърихи адабиёт
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
E-mail: sayron80@mail.ru

Об авторе
Шоев Абдухамид Абдунабиевич
Кандидат филологических наук, доцент кафедры теории и истории литературы
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
E-mail: sayron80@mail.ru

About the author
Shoev Abduhamid Abdunabievich
Candidate of Philology, Associate Professor of the Department of Theory and History of Literature
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
E-mail: sayron80@mail.ru

УДК 621.311.21(575.3):94

ОСВОЕНИЕ ГИДРОЭНЕРГЕТИЧЕСКИХ РЕСУРСОВ РЕКИ ВАХШ И ЕЕ ЗНАЧЕНИЕ ДЛЯ СТРАН ЦЕНТРАЛЬНОЙ АЗИИ

Хусайнов А. К., Наджмуддинзода Т. А.
Таджикский государственный педагогический университет имени Садриддина Айни

Республика Таджикистан богата полезными ископаемыми и в частности из энергетических ресурсов. Бесценный природный дар Таджикистана - ледники, полноводные реки, используемые для получения электрической энергии и орошения земель. Общая площадь ледников стран Центральной Азии составляет около 17 тыс. км2, более 60% из которых расположены на территории Республики Таджикистан. Общее количество ледников в Таджикистане - 14 509, а их площадь - 11 146 км2, что составляет 8% территории страны.

Реки – главное богатство и сокровище Республики Таджикистан. По территории страны протекает около 947 рек общей протяженностью 28 500 км. Средний годовой сток рек страны составляет 64 км3, в том числе в бассейне Амударьи - 62,9 км2, в бассейне Сырдарьи - 1,1 км3. Воды рек Таджикистана составляют 54,4 процента среднегодовой водности бассейна Аральского моря.

Важнейшим среди рек, является Пяндж, Вахш, Сырдарья и Зеравшан. На долю реки Вахш приходится свыше 15% гидроресурсов Таджикистана. Потенциальные гидроресурсы основного ствола реки Вахш составляют 45 млрд. квт/ч. технически возможные к использованию - 39 млрд. квт/ ч. экономически - 37,5 млрд. квт/ ч.

Свои истоки Вахш берет в высокогорных хребтах Памиро-Алайской горной системы на высоте 4600 м. Длина Вахша - 525 км. По удельной русловой (километрической) мощности Вахш превосходит не только крупные реки Центральной Азии, но и Волгу, Ангару, Енисей и т. д. Километрическая мощность Вахша составляет 12,2 тыс. квт/км, в то время как на Пяндже - 12,4; на Нарыне - 9,3; Ангаре - 5,3; Енисее - 4,7; Лене -4,4; Амударье - 3,1; Сырдарье - 0,9 [1, с. 21].

В комплексной схеме по использованию реки Вахш, разработанной Среднеазиатским отделением института «Гидропроект», ещё в 50-тые годы XX века, намечено сооружение 9-ти гидроэлектростанций общей мощностью 7 млн. кВт/ч и средней суммарной выработкой электроэнергии 34 млрд. квт/ч в год. При этом достигается высокое (свыше 75%) использование потенциальных энергоресурсов реки.

Как известно в Таджикистане изучение гидроэнергетических ресурсов началось еще в 30 – е годы: в первую очередь изучались наиболее развитые в экономическом отношении районы южного и юго - западного Таджикистана. Наиболее детальное исследование водных ресурсов Таджикистана проводятся с 1955 г. Эти исследования выявили не только значительные потенциальные возможности рек республики, но и позволили приблизительно наметить варианты сооружения бассейнов и ряда сравнительно крупных и средних гидроэлектростанций.

Высокие темпы развития промышленности и сельского хозяйства, особенно машинного орошения земель, занятых под хлопок, потребовали интенсификации ввода в эксплуатацию новых генерирующих мощностей. На юге республики в этот период начались освоение гидроэнергетического потенциала реки Вахш, на котором с 1957 по 1965 года были построены три гидроэлектростанции общей мощностью 258,55 тыс. кВт/ч.

Сельскохозяйственное производство Вахшской долины начало приобретать промышленную основу в 50-60 - е годы. Этому способствовало выполнение заданий пятой и

шестой пятилетки. В шестой пятилетке (1956-1960 гг.) было намечено поднять валовую продукцию всей промышленности республики в 1,4 раза. Для этого, в течение первых трех лет пятилетки (1956-1958 гг.) необходимо было завершить строительство Кайра-Кумской ГЭС на реке Сыр-Дарье, Перепаданной на Вахшском канале и Головной ГЭС на самой реке Вахш, а также ввести в действие несколько предприятий цементный завод, завод железобетонных конструкций, трикотажную, обувную, ватные и швейные фабрики. Также было запланировано завершить строительство маслоэкстракционного и консервного заводов в городе Бохтар [13, с. 23].

Всестороннее изучение энергетических ресурсов Центральней Азии показало, что Таджикская ССР из всех республик региона располагает наиболее значительными гидроэнергетическими ресурсами, их использование обходится намного дешевле и выгоднее. Производимая здесь электрическая энергия способствует широкому развитию ирригационных и строительных работ в республиках, находящихся ниже реки Амударьи. Так, только в Узбекской ССР площадь орошаемых земель, в пригодных районах составляло более 3 млн. га. [14, с. 5]. А в Таджикистане площадь земель под сельскохозяйственные угодья в 1950-1960 гг., составляла соответственно лишь 3 053- 3 070 тыс. га,[6, 51] в 1983 г. площадь посевных земель достигла 809 тыс. га. [19, с. 127].

Естественно, развитие ирригационных работ сопровождалось бы строительством сотни новых городов, поселков, сел и промышленных предприятий. Для этого перспектива развития гидроэнергетики республик ниже Аму-Дарьи на много была ограничена. Таким образом, ресурсы гидроэнергетики в Центральней Азии, в целом, составляло 554,5 млрд. кВт/ч. Тем самым в балансе валовой потенциал гидроресурсов составляло; Таджикской ССР - 34,2- 299,6, Киргизской ССР – 16,3-142,5, Узбекской ССР – 10,1-88,5 и Туркменской ССР - 2,7 -23,9 млрд. кВт/ч. [14, с. 3]. Более 70% валового потенциала гидроэнергоресурсов Таджикской ССР составляла энергия рек бассейна Амударьи, где больше преимуществ, в объеме около 60%, имела река Вахш. Следовательно, обуздание бурной реки Вахш имело большое региональное значение, чем местное.

Изучением энергоресурсов Таджикистана и проектированием строительства гидросооружений в Таджикистане занималось Среднеазиатское отделение Гидроэлектропроект СССР. Главная задача заключалась в регулировании использования водных ресурсов реки бассейна Аму-Дарьи для орошения земель низовых республик, по совместному предложению руководства Таджикистана, Узбекистана и Туркмении.

Энергетические ресурсы Вахша привлекали большое внимание крупного ученого в отрасли гидроэнергетики, профессора И.Г. Александрова - автора Днепропетровской ГЭС. Он более подходящий и оптимальный вариант начала использования электроэнергии реки Вахш видел в строительстве Нурекского сооружения. Сущность «Перспективы ирригации Таджикистана» и других, выше указанных, республик была определена в записке, представленной учеными Б.Я. Моисеевым и А.П. Пахомовым на первой Таджикской Конференции, проходившей в апреле 1933 г. в г. Ленинграде.

Так, в 1957 г. создавался Совнархоз Таджикской ССР и «Таджикэнерго» вошел в его состав в качестве отраслевого управления энергетическим хозяйством. В связи с этим, в 1958 г. все энергетическое хозяйство было передано в его ведение, т.е. образовалось единое государственное энергетическое хозяйство, под руководством Совнархоза Таджикской ССР [17, с. 25]. В 1959-1960 гг. были переданы государственному сектору также и другие действующие частные, и кооперативные отрасли промышленности.

20 марта 1956 года в деревушке Устотаймас, в 19-ти километрах от города Курган-Тюбе, на Вахшском магистральном канале, началось строительство Перепадная ГЭС, с проектной мощностью 30 тыс. кВт/ч и выработкой электроэнергии 188,5 млрд. кВт/ч. Для этого, заранее была установлена трансформаторная станция «Главная», и в 1955 г. сооружалась современная высоковольтная линия электропередач - 110 кВт, от неё до площадки, где строилась Перепадная ГЭС.

7 октября 1962 г. была перекрыта река Вахш и началась установка 3-х агрегатов, мощностью 35 тыс. кВт каждый, из 3-х агрегатов, мощностью 4 тыс. кВт. Два из них были сданы в эксплуатацию в 1962 г., а третий агрегат - в 1963 г.

Параллельно со строительством Перепадной ГЭС, на берегах Вахша, на участке кишлака Нурек в 1957 г., были начаты изыскательские работы по строительству более мощного гидросооружения Нурек. В 1960 г. приехали сюда первые строители.

После ввода в действие Перепадной ГЭС, на реке Вахш, по очереди приступили к выработке электроэнергии в 1963 г. крупнейшее в то время в Центральней Азии сооружение - Головная ГЭС, мощностью 210 тыс. кВт и в 1964 г. - Центральная ГЭС, мощностью 186 тыс. кВт [5, с. 98]. В результате, роль и значение Вахшской долины в экономике стран Центральней Азии и республики поднялись еще больше. С этим, на Юге Таджикской ССР основывалась мощная электроэнергетическая система, которая интегрировала все энергетическое хозяйство южных и центральных районов республики.

В годы первой пятилетки в «Вахшстрое» были построены первая электрическая подстанция 35/6 кВ - «Главная» и ЛЭП напряжением 35 кВ, длиной 14 км, между ГЭС-1 и Сталинабадом [10, с. 3]. За 1955- 1965 гг. сооружались новые современные высоковольтные ЛЭП- напряжением 110 тыс. кВ, и электроэнергия из Вахшского каскада в Душанбе и Куляб поступала через них.

В 1961-1965 гг. установленная мощность электростанций республики увеличилась в 2,3 раза, выработка электроэнергии возросла в 1,56 раза на 428,9 тыс. кВт [17, с. 29-30]. Рост производства электроэнергии потребовал руководства совершенствования энергетического хозяйства. Правительство Таджикской ССР в 1962 г. реорганизовало «Таджикэнерго» в Главное управление энергетики и электрификации при Совмине Таджикской ССР.

С этого времени энергетика республики стала развиваться опережающим темпом и как генерирующий фактор научно-технического прогресса. Например, с 1948 г. по 1968 гг. темп производства электроэнергии в СССР ускорился в 12 раз, в Таджикской ССР – в 22 раза, а в мире возрос, в среднем, в 6 раз. Если энергетические мощности СССР, в целом, возросли в 10 раз, то в Таджикской ССР – в 27, т.е. в 17 раз больше. Производство электроэнергии на душу населения увеличилось с 40 кВт/ч 1940 г. до 834 кВт/ч в 1967 г., т.е. почти в 21 раз [17, с. 31].

Вслед за этим, объем промышленного производства в республике с 1940 по 1966 гг., возрос в 7,3 раза. Но на рост развития промышленности в Вахшской долине и тяжелой промышленности, имеющей республиканское значение, производство электроэнергии не оказало существенного влияния, потому что производимая электроэнергия, как в самом Таджикистане, так и в Центральней Азии, использовалась, в основном, на развитие отрасли сельского хозяйства и промышленности, которое имело Союзное значение. Так, первая ЛЭП -110 кВ на севере Таджикистана была построена в 1948 г. с целью, в перспективе соединить северные гидроузлы с Узбекской энергосистемой, которая не справлялась с энергоснабжением широко развернувшихся ирригационных и строительных работ. Эта тенденция еще шире развивалась с 1958 г., в связи с сооружением Кайракумской ГЭС на Сырдарье и образованием Северной энергосистемы. Она соединилась не с Южной энергосистемой Таджикской ССР, а с Узбекской, по новым, более мощным ЛЭП-220 кВ, длиною 1 063 км.

В годы восьмой пятилетки (1966-1970гг) вошли в энергосистему «Юга» серии новых малых ГЭС в ГБАО, такие как Ванджская, Рушано-Шугнанская, Калайхумская, Намангуская, Хорогская и ГЭС Аксу. Для совершенствования гидроэнергетической системы «Юга» было запланировано строительство (1961 г.) Нурекской ГЭС. Она являлась четвертой ГЭС каскада электростанций на реке Вахш.

Общая мощность ГЭС была рассчитана на 300 тыс. кВт/ч., с целью полноценного использования сырьевых ресурсов Центральной Азии в пользу союзной промышленности. Для этого гидроэнергетические ресурсы республик низовья рек Амударьи были очень ограничены, их использование обходилось намного дороже, чем использование

гидрорэнергоесурсов Таджикистана и Киргизии. Из 63,3 млн. кВт, составляющих гидроэнергетический баланс Среднеазиатского региона, 34,2 млн. кВт приходилось на долю Таджикистана и 16,3 млн. кВт – Киргизии, доля Узбекской ССР и Туркменской ССР образовала лишь 12,8 млн. кВт.

Естественно, энергетика в Таджикской ССР развивалась в соответствии с общей концепцией развития энергетики страны, по определенной энергетической программе, где учитывались демографические, географические условия и другие объективные факторы использования энергетических ресурсов. Например, в 1970-1984 гг. рост населения республик Средней Азии происходил по следующим показателям:

Население Узбекской ССР выросло с 11 800 до 17 498 тыс., в Киргизской ССР соответственно составило 2 933-3 886 тыс., в Туркменской ССР –2 151-3 118 тыс., в Таджикской ССР оно с 2 900 тыс. достигло 4 365 тыс., т.е. увеличилось почти в два раза [19, с. 18].

Следует отметить, что прямое назначение Нурекской ГЭС заключалось в интеграции энергосистем Центральной Азии и на ее базе происходило формирование крупнейшего в Центральной Азии Южно-Таджикского энергопромышленного комплекса. Дешевая электроэнергия, вырабатываемая ГЭС и наличие разнообразных, богатых запасов сырья для союзной промышленности позволяли создавать новые энергоемкие отрасли производства. Обнаружены здесь металлические и неметаллические полезные ископаемые, запасы алюминиевого и магниевого сырья, плавикового шпата, сурьмы, полиметаллов, соды, фосфоритов и строительных материалов. Особой чертой размещения минерально-сырьевых ресурсов региона является их высокая концентрация. Например, в Долине Вахша природные запасы позволяли развитие химической промышленности и строительство Яванского электрохимического и Курган-Тюбинского азотно-тукового заводов. Горнорудные запасы цветных металлов перерабатывались на Такобской фабрике, алюминия на алюминиевом заводе в Регаре (Турсунзаде) и т.д.

В 1967-1971 гг. Среднеазиатское Объединение «Гидропроект» разработало «Генеральную схему комплексного использования водных ресурсов реки Амударьи». Этот проект был редактирован и одобрен Государственной экспертной комиссией Госплана СССР (Постановление от 19.02. 1969 г.) и Научно-техническим Советом (НТС) Минводхоза СССР (протокол от 23.02 1972 г. №130). Последняя «Уточненная Схема комплексного использования и охраны водных ресурсов реки Амударьи» была утверждена протоколом №566 от 10.09.1987 на заседании (НТС) Министерства мелиорации и Водного хозяйства СССР. В 6 пункте протокола отмечалось: с учетом расчетов удельного водопотребления, установить водозаборы союзных республик из реки Амударьи по уровню полного исчерпания водных ресурсов в следующих размерах; Узбекская ССР – 29,6 км3 или 48,2%; Таджикская ССР – соответственно 9,5 км3 или 15,45%; Киргизская ССР – 04км3-06%; Туркменская ССР – 22 км3-35,8%. К этому дополнительно были выделены Узбекской ССР и Туркменской ССР еще по 22 км [3, с. 37], так что на долю последних республик приходилось соответственно по 51,6 км3 и 44,0 км3, т.е. 95,6 км3. Это позволило республикам использовать водные и гидроэнергетические ресурсы Таджикистана и Кыргызстана столько, сколько они могли.

В 1972 г. на реке Вахш, на 10 км ниже плотины Нурека, началось строительство пятой по счету - Байпазинской ГЭС. Ее мощность была значительно меньше Нурекской – 600 000 кВт, но по своим задачам и срокам ввода в действие, по сравнению с Нурекской ГЭС, она имела некоторое преимущество. Помимо энергетических задач, она решала очень важную проблему, повышения гарантированного водозабора Вахшско-Яванской тоннели, имевший пропускную способность 70м3 в секунду, для орошения более 40 тыс. га плодородных земель Явано-Обикикского массива.

10 января 1985 г. был введен ее первый агрегат, а в 1986 г. все ее четыре агрегата производили электроэнергию полной мощностью в объеме более 2,5 млрд. кВт/ч.

Следует отметить, что все пять ГЭС на реке Вахш до сегодняшнего дня работают стабильно. Согласно сведениям тогдашнего председателя Ассоциации «Барки Таджик» А. Назарова, в 1990 г., их средняя выработка электроэнергии составляла 16 082,9 млн. кВт/ч.

В 1991 г., согласно статистическим данным, все гидроэлектрические станции Таджикистана произвели 17 597 млн. кВт/ч электроэнергии [16, с. 442]. Из указанных данных этих двух авторитетных источников следует, что все остальные гидроэлектростанции республики произвели лишь 1514 млн. кВт., т.е. чуть более 10% производимой в Таджикистане электроэнергии на гидростанциях.

В конце 80-х годов в новой программе дальнейшего развития гидроэнергетики СССР на 1990-2005 гг., доля Таджикистана определялась в 17% общего вводимого гидроэлектрического потенциала союза [15, с. 5]. От такого высокого внимания со стороны Союзного правительства к Таджикистану, следовало, с одной стороны, признание его богатых энергетических ресурсов и их значимости в общесоюзном балансе, а с другой стороны, продолжение суровой безответственной эксплуатации природных и трудовых ресурсов края.

В Программе намечалось завершение строительства очередных ГЭС на реке Вахш - Рогунской и Сангтудинской. Мы так пишем, потому что бывший Министр энергетики Республики Таджикистан Д.Н. Нурмахматов строительство самой большой в Центральной Азии Рогунской ГЭС датирует 1976 г., а Сангтудинской – 1986 г. [8, с. 39-40].

Проектная мощность ГЭС предусматривалась в 3 600 МВт, с 6-ю агрегатами по 600 МВт каждый, с годовой выработкой электроэнергии 13,1млрд. кВт/ч. Основой экономической эффективностью ГЭС, согласно проекту, является высота плотины.

Накопленная вода в водоеме ГЭС в размере 13 млрд. куб. м., и в размере 8,6 млрд. куб. м., полезной воды, регулировала бы многолетнее течение Амударьи. Обеспечивая орошение 320 тыс. га новых земель в низовьях реки Вахш, Узбекистана, Туркменистана и к тому же, на 100 лет обеспечила бы Нурекский водоём чистой водой.

На 1-е января 1992 г. на ее строительство было потрачено 802 млн. американских долларов и выполнены строительно-монтажные работы в размере более 40% от общего объема. Для полного завершения строительства необходимо были инвестиции в объеме около 4 млрд. долларов [15, с. 8].

В 1986 г. было начато строительство Сангтудинской ГЭС-1, по счету 7-й ГЭС на реке Вахш, мощностью 670МВт и годовой выработкой электроэнергии 2,7 млн. кВт/ч. По проекту она имела чисто энергетический эффект. Для возведения объекта были израсходованы советскими рублями средства, равные 482 млн. долларов США. Однако с началом гражданской войны строительные работы на этом участке были прекращены.

Таким образом, суверенная Республика Таджикистан получила от Таджикской ССР в наследие 5 готовых ГЭС на реке Вахш, в состоянии ритмичной работы, но со старыми изношенными агрегатами и другим необходимым оборудованием. На их восстановление и реконструкцию, как показало время, Республика Таджикистан израсходовала колоссальные средства, на которые, без сомнения, можно было завершить строительство последних двух недостроенных ГЭС. После распада СССР Правительство суверенного Таджикистана под руководством Лидера Нации, Президента Республики Таджикистана Эмомали Рахмона поставили перед собой одно из приоритетных задач, достижение одной из стратегических задач – энергетической независимости. В этом плане энергетическая политика Таджикистана была направленна в первую очередь на освоение гидроэнергетические ресурсы реки Вахш.

Правительство Республики Таджикистан совместно с Российской Федерацией в 2009 году на реке Вахш дали пуск Сангтудинской ГЭС – 1 с мощностью 670 МВт (2,7 млрд. кВт/ч в год). В 2014 году совместно с Исламской Республикой Иран была сдана в эксплуатацию Сангтудинская ГЭС – 2 с мощностью 220 МВт (0,930 млрд. кВт/ч в год).

С целью достижение стратегической цели своими ресурсами 2010 году начали строительство Рогунской ГЭС. На данный момент освоено 2 агрегата этого ГЭС - а. После ввода в эксплуатацию первого агрегата (16 ноября 2018 года) и второго агрегата (9 сентября

2019 года) Рогунский ГЭС выработал 240 МВт новой мощности, а ее годовой объем был увеличен более чем на 20 млрд кВт/ч (при полной эксплуатации 6 агрегатов Рогунской ГЭС годовая выработка электроэнергии в республике достигнет 33-35 млрд кВт/ч) [18, с. 213].

На данный момент идёт реконструкция и модернизация гидроэлектростанции Препадная, Головная, Центральная и Нурек на реки Вахш. На момент обретения независимости Правительством страны на модернизацию, то есть ремонт и обновление энергосистемы страны, было выделено более 85,7 млрд. сомони.

Таким образом, и в годы советской власти и в годы суверенитета на реки Вахш были достроены 7 гидроэлектростанции. Полным ходом идёт строительства Рогунской ГЭС: Препадная (мощностью 29,5 МВт0, 212 млрд. кВт), Головная (мощностью 240 МВт, 0,967 млрд. кВт/ч), Центральная (мощностью 15,1 МВт, 0,104 млрд. кВт/ч), Нурекская (мощностью 3000 МВт, 11,2 млрд. кВт/ч), Байпазинский (мощностью 600 МВт, 2,9 млрд. кВт/ч), Сангтудинская -1 (мощностью 670 МВт, 2,7 млрд. кВт/ч), Сангтудинская – 2 (мощностью 220 МВт, 0,930 млрд. кВт/ч) и два агрегата Рогунской ГЭС (мощностью 240 МВТ, 1,6 млрд. кВт/ч), и в целом освоено 5014,6 МВт (19,678 млрд. кВт/ч) электроэнергии.

Лидер нации, Президент Республики Таджикистан в своем очередном послании 2023 года отметил, что в целях улучшения снабжения населения страны электроэнергией, горнодобывающей и металлургической промышленности проведения технико-экономического обоснования и проектирования Шурабской ГЭС, 9-ий по счету гидроэлектростанции мощностью 1000 МВт в реки Вахш, на данный момент идет полным ходом. При строительстве и эксплуатации Шурабской ГЭС будет освоена 6014,6 МВт электроэнергии Реки Вахш. При полном освоении и эксплуатации Рогунской ГЭС будет освоена 9374,6 МВт электроэнергии.

Необходимо отметить, что освоение новых мощностей электроэнергии в республике Таджикистан, также влияет на повышения уровня социальной жизни населении, снабжение водой, имеет огромное значение в развитии промышленности и национальной экономики других стран Центральной Азии. В связи с этим Президент Республики Таджикистан в своем выступление отметил: «Таджикистан никогда не будет строить водохранилища и электростанции в ущерб соседям, то есть с целью ограничения поступления воды, наоборот, будет учитывать их интересы в данном процессе» [2, с. 120].

Литература

1. *Абдуллаева, Ф. С. Гидроэнергетические ресурсы Таджикской ССР / Ф. С. Абдуллаева, Г. В. Баканин, С. М. Гордон. - Л.: Недра, 1965. – 658 с.*
2. *Дар талоши нур. Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ва рушди гидроэнергетика. Нашри 2. – Душанбе, 2017. – 234 с.*
3. *К вопросу о завершении строительства Рогунского гидроузла // Ж.: «Неру»-«Энергии». – 2009. - №1 (16-17).*
4. *Клецельман, У. Х. Комплексное развитые Таджикской ССР / У. Х. Клецельман. – Душанбе, 1969. – 175 с.*
5. *Маликов М. Энергетическая независимость Таджикистана: история, проблемы и перспективы / М. Маликов. – Душанбе, 2013. – 392 с.*
6. *Народное хозяйство Таджикской ССР в 1962 году. Статистический ежегодник. – Душанбе, 1963. – 394 с.*
7. *Нурмахматов, Д. Н. Гидроэнергетика Таджикистана: ресурсы и перспектива // Гидроэнергетика Таджикистана: ресурсы и перспектива / Д. Н. Нурмахматов. - Душанбе, 2005. – С. 39 - 40.*
8. *Официальный сайт Министерство энергетики и водных ресерсов Республики Таджикистана [Электронный ресурс]. – URL: https://www.mewr.tj*
9. *Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон», соли 2024 [Электронный ресурс]. – URL: https://mmk.tj*
10. *Плотников Э.А., Сироджев Б.С., Тихонов Г.И. Энергетика Таджикистана / Э.А. Плотников, Б.С. Сироджев, Г.И. Тихонов. - Душанбе, 1981.*
11. *Назаров, А. Неругоҳҳои обии Тоҷикистон / А. Назаров. – Душанбе; Ирфон, 2013. – 52 с.*

12. *Развитие электроэнергетики союзных республик (60 лет). – М., 1982. – 24 с.*
13. *Резолюция X съезда Коммунистической партии Таджикистана. - Сталинабад: Таджикиздат, 1956.*
14. *Сироджев Б.С., Плотников Э.А. Эффективность энергетической базы Таджикской ССР / Б.С. Сироджев, Э.А. Плотников. - Душанбе, 1985. – 24 с.*
15. *Современное состояние и перспектива энергетики Таджикистана. – Душанбе, 2010. – 241с.*
16. *Таджикистан: 20 лет государственной независимости. Статсборник. Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистан. - Душанбе, 2011. – 846 с.*
17. *Хусайнов А., Наджмиддинов Т. Исторические аспекты изучения и освоения топливно-энергетических ресурсов Таджикистана (до периода независимости) / А. Хусайнов, Т. Наджмиддинов. – Душанбе, 2013. – 199 с.*
18. *Ҳусайнов А.Қ. Дастовардҳои энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва инъикоси он дар Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон / А. Қ. Ҳусайнов, // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. – 2023. - № 1 (102). – С. 212 - 216.*
19. *ЦСУ Таджикской ССР. Советский Таджикистан за 60 лет. Юбилейный статистический ежегодник. – Душанбе, 1984. – 345 с.*
20. *Юнусов, Б. В. Электроэнергетика Таджикистана / Б. В. Юнусов. – Душанбе, 1975. – 240 с.*

ОСВОЕНИЕ ГИДРОЭНЕРГЕТИЧЕСКИХ РЕСУРСОВ РЕКИ ВАХШ И ЕЕ ЗНАЧЕНИЕ ДЛЯ СТРАН ЦЕНТРАЛЬНОЙ АЗИИ

Статья представляет собой исторический обзор освоения гидроэнергетического потенциала реки Вахш, начиная с 30-х годов XX века и до современности. Подробно рассматривается комплексная схема использования реки, разработанная еще в советское время, которая предусматривала строительство каскада гидроэлектростанций. Отмечается, что изучение гидроэнергетических ресурсов Таджикистана активизировалось в 50-е годы XX века в связи с потребностями растущей промышленности и сельского хозяйства, особенно для нужд хлопководства. В статье прослеживается хронология строительства основных гидроэлектростанций на реке Вахш и особое внимание уделено строительству Нурекской ГЭС, которая стала крупнейшим гидросооружением в Центральной Азии на момент ввода в эксплуатацию, а также Рогунской ГЭС, строительство которой было начато в советское время и возобновлено в годы независимости Таджикистана, как стратегически важный проект для достижения энергетической независимости страны. Подчеркивается, что освоение гидроэнергетических ресурсов Вахша имело общесоюзное, а впоследствии региональное значение, способствуя развитию не только Таджикистана, но и других республик Центральной Азии, обеспечивая электроэнергией ирригационные проекты, промышленность и коммунальное хозяйство.

Ключевые слова: Вахш, энергетика, ГЭС, энергетическая независимость, Рогунская ГЭС, Средняя Азия, мощность, энергетические ресурсы, плотина, вода.

ИСТИФОДАИ ЗАХИРАҲОИ ГИДРОЭНЕРГЕТИКИИ ДАРЁИ ВАХШ ВА АҲАМИЯТИ ОН БАРОИ КИШВАРҲОИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ

Мақола шарҳи таърихии азхудкунии иқтидори гидроэнергетикии дарёи Вахшро аз солҳои 30-юми асри XX сар карда то замони ҳозира пешниҳод мекунад. Нақшаи мукаммали истифодаи дарё, ки ҳанӯз дар замони шуравӣ таҳия шуда буд ва сохтмони каскади неругоҳҳои барқии обиро пешбинӣ мекард, муфассал баррасӣ мешавад. Қайд карда мешавад, ки омӯзиши захираҳои гидроэнергетикии Тоҷикистон дар солҳои 50-уми асри XX бо сабаби эҳтиёҷоти афзояндаи саноат ва кишоварзӣ, махсусан барои эҳтиёҷоти пахтакорӣ, фаъол гардид. Дар мақола хронологияи сохтмони неругоҳҳои асосии барқии обӣ дар дарёи Вахш пайгирӣ мешавад ва ба сохтмони Неругоҳи барқии обии Норак, ки дар лаҳзаи ба истифода дода шудан бузургтарин иншооти гидротехникӣ дар Осиёи Марказӣ гардид, инчунин Неругоҳи барқии обии Роғун, ки сохтмони он дар замони шуравӣ оғоз ёфта, дар солҳои истиқлолияти Тоҷикистон ҳамчун лоиҳаи стратегии муҳим барои ба даст овардани истиқлолияти энергетикии кишвар дубора аз сар гирифта шуд, диққати махсус дода мешавад. Таъкид мешавад, ки азхудкунии захираҳои гидроэнергетикии Вахш аҳаммияти умумииттифоқӣ ва баъдан минтақавӣ дошта, на танҳо ба рушди Тоҷикистон, балки ба ҷумҳуриҳои дигари Осиёи Марказӣ низ ҷиҳати бо қувваи барқ таъмин намудани лоиҳаҳои обёрӣ, саноат ва хоҷагии коммуналӣ мусоидат хоҳад намуд.

Калидвожаҳо: Вахш, энергетика, неругоҳи барқи обӣ, истиқлолияти энергетикӣ, неругоҳи барқи обии Роғун, Осиёи Марказӣ, иқтидор, захираҳои энергетикӣ, сарбанд, об.

DEVELOPMENT OF HYDROENERGY RESOURCES OF THE VAKHSH RIVER AND ITS IMPORTANCE FOR THE CENTRAL ASIAN COUNTRIES

This article provides a historical overview of the development of the Vakhsh River's hydropower potential, from the 1930s to the present day. It examines in detail the comprehensive scheme for the river's use, developed during the Soviet era, which envisaged the construction of a cascade of hydroelectric power plants. It is noted that the study of Tajikistan's hydropower resources intensified in the 1950s due to the needs of growing industry and agriculture, especially for the needs of cotton production. The article traces the chronology of the construction of the main hydroelectric power plants on the Vakhsh River and pays special attention to the construction of the Nurek HPP, which became the largest hydraulic structure in Central Asia at the time of its commissioning, as well as the Rogun HPP, the construction of which was started in Soviet times and resumed in the years of Tajikistan's independence, as a strategically important project for achieving the country's energy independence. It is emphasized that the development of the Vakhsh's hydropower resources had an all-Union, and subsequently regional significance, contributing to the development of not only Tajikistan, but also other republics of Central Asia, providing electricity to irrigation projects, industry and utilities.

Keywords: Vakhsh, energy, hydroelectric power station, energy independence, Rogun hydroelectric power station, Central Asia, capacity, energy resources, dam, water.

Об авторах

Хусайнов Ахмаджон Курбонович
Доктор исторических наук, профессор, зав. кафедрой всеобщей истории и международных отношений
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
E-mail: ahmad0401@mail.ru

Наджмуддинзода Толибшох Ашур
Кандидат исторических наук, доцент кафедры всеобщей истории и международных отношений
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
E-mail: tolib.t@mail.ru

Дар бораи муаллифон

Ҳусайнов Аҳмадҷон Қурбонович
Доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи таърихи умумӣ ва муносибатҳои байналхалқӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
E-mail: ahmad0401@mail.ru

Наҷмуддинзода Толибшоҳ Ашур
Номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи таърихи умумӣ ва муносибатҳои байналхалқӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
E-mail: tolib.t@mail.ru

About the authors

Husaynov Ahmadjon Qurbonovich
Doctor of Historical Sciences, Professor, Head of the Department of General History and International Relations
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
E-mail: ahmad0401@mail.ru

Hajmuddinzoda Tolibshoh Ashur
Candidate of Historical Sciences, Associate Professor of the Department of General History and International Relations
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
E-mail: tolib.t@mail.ru

ТДУ 94(575)

“НЕРУИ НАРМ”-И ҲИНДУСТОН ДАР ОСИЁИ МАРКАЗӢ

Турсунов Т. Х., Шодиев Ш.
Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои
Осиё ва Аврупои АМИТ

Ҷомеаи муосир нисбат ба субъектҳои муносибатҳои байналмилалӣ талаботи торафт баландтар мегузорад. Агар қаблан тавоноӣ ва аҳаммияти давлатро дар заминаи геополитикӣ бештар иқтидори ҳарбиву саноатӣ ва иқтисодии он, аз қабили шумора ва сифати қувваҳои мусаллаҳ, мавҷудияти силоҳи ҳастаӣ, таносуби содирот ва воридот, ҳаҷми сармоягузорӣ ва ғайра муайян мекард, имрӯз барои фаъолияти муваффақ дар арсаи ҷаҳонӣ ин кифоя нест. Мероси таърихию фарҳангии мамлакат ба манбаи муҳими сиёсати берунӣ табдил ёфта истодааст.

Дар даҳсолаҳои охир, таъсири омилҳои ғайримилитаристӣ, аз қабили фарҳанг, дипломатия ва “неруи нарм” афзоиш ёфтааст. Масалан, Ҷопон ва Швейтсария барин кишварҳо бо вуҷуди надоштани артиши пурқувват ё сиёсати таҷовузкоронаи низомӣ дар арсаи байналмилалӣ ба муваффақиятҳои назаррас ноил шудаанд [2, с. 3].

Ин мисолҳо аҳаммияти рӯзафзуни хислати “неруи нарм”-ро дар муносибатҳои байналхалқӣ нишон медиҳанд. Дар баробари ба вуҷуд омадани яроқи ядроӣ ва қувваҳои мусаллаҳи анъанавӣ дигар кафолати пурраи амният ва вазни назаррас дар сиёсати байналхалқӣ вуҷуд надорад. Намудҳои нави аслиҳа, аз қабили ҳавопаймоҳои бесарнишин ва аслиҳаи киберӣ, табиати муноқишаҳоро тағйир дода, онҳоро мураккабтар ва гуногунҷанба кардаанд. Дар натиҷа, кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон ба кам кардани қувваҳои мусаллаҳи муқаррарии худ шуруъ карданд ва дарк карданд, ки амнияти муосир муносибати фарогиреро тақозо мекунад, ки ҷанбаҳои дипломатӣ, иқтисодӣ ва фарҳангиро дар бар мегирад.

Гузашта аз ин, дар шароити ҷаҳонишавӣ ва вобастагии мутақобилаи кишварҳо масъалаҳои экология, ҳуқуқи инсон ва рушди устувор барои ташаккули симои байналмилалӣ ва нуфузи давлат аҳаммияти бештар пайдо мекунанд. Масалан, кишварҳое, ки дар ташаббусҳои экологӣ фаъоланд ва ҳуқуқи инсонро эҳтиром мекунанд, аксар вақт дар арсаи байналмилалӣ эътироф ва дастгирии бештар мегиранд. Ин шаҳодат медиҳад, ки дар ҷаҳони имрӯза иштироки бомуваффақият дар корҳои байналхалқӣ ба назар гирифтани доираи васеи омилҳоеро талаб мекунад, ки аз доираи мафҳумҳои анъанавии қувва ва тавоноӣ берун баромадаанд. Ба ҳамин тариқ, гузаштан ба фаҳмиши ҳаматарафаи муносибатҳои байналхалқӣ аз давлатҳо талаб мекунад, ки на танҳо мавқеи иқтисодию ҳарбии худро мустаҳкам кунанд, балки дар равандҳои фарҳангиву иҷтимоӣ фаъолона иштирок кунанд, ки ин дар ниҳояти кор ба вуҷуд овардани тартиботи боз ҳам мутобиқтар ва устувори ҷаҳон мусоидат мекунад. “Неруи нарм” бар хилофи “неруи сахт” стратегияи ноил шудан ба ҳадафҳои геополитикӣ тавассути ҷалб кардан буда, маҷбурӣ нест. Ин таъсири нозук, вале тавоно аст, ки бар матлуб будани симои кишвар, фарҳанг ва арзишҳои он асос ёфтааст. “Неруи нарм” ба ҷойи таҳдиду таҳримҳо аз абзорҳои табодули фарҳангӣ, дипломатия, ҳамкориҳои иқтисодӣ ва интишори ғояҳо барои эҷоди симои мусбати байналмилалӣ ва ба даст овардани натиҷаҳои дилхоҳ дар муносибатҳои байналмилалӣ истифода мешавад.

Унсури асосии “неруи нарм” эҷоди бренди ҷолиби миллӣ мебошад. Ин на танҳо як ҳиллаи маркетингӣ, балки кӯшиши мақсаднок барои эҷоди тасаввуроти мусбат дар бораи кишвар дар арсаи ҷаҳонӣ аст. Ин тавассути каналҳои гуногун ба даст оварда мешавад: филмҳои Ҳолливуд, мусиқии маъмул, ширкатҳои муваффақ, донишгоҳҳои бонуфуз, барандагони ҷоизаи Нобел - ҳамаи ин ба ташаккули симои мусбати кишвар мусоидат мекунад. Масалан, муваффақияти саноати филми амрикоӣ ба паҳншавии фарҳанг ва арзишҳои амрикоӣ дар саросари ҷаҳон мусоидат карда, барои “неруи нарм”-и Амрико як такони мусбӣ фароҳам овард. Ба ҳамин монанд, адабиёт ва маорифи Британиё, мӯд ва

таомҳои фаронсавӣ, технологияи Ҷопон ва аниматсия ҳама унсурҳои “неруи нарм”-и миллӣ мебошанд.

Бо вуҷуди ин, “неруи нарм” як панатсея нест. Самаранокии он аз бисёр омилҳо, аз ҷумла вазъи сиёсии дохилии кишвар, сатҳи эътимод ба ҳукумати он ва мувофиқати арзишҳои пешбарӣ ба амалҳои воқеӣ вобаста аст. Таблиғоти муболиға ҳатто метавонад таъсири баръакс дошта, боиси вокуниши манфӣ ва коста шудани эътимод ба кишвар гардад. Аз ин рӯ, стратегияи самараноки “неруи нарм” баррасии дақиқи контекст ва мувофиқати дохилии арзишҳои эълоншуда ва сиёсатҳои воқеиро талаб мекунад.

Ғайр аз он, “неруи нарм” аксар вақт зуд самар намеорад. Натиҷаҳои он на ҳамеша дарҳол ба назар мерасанд, бар хилофи таъсири зуд ва равшани истифодаи “неруи сахт”. Аз ин рӯ, давлатҳо бояд омода бошанд, ки барои рушди “неруи нарм” –и худ сармоягузориҳои дарозмуддат гузоранд ва дарк кунанд, ки самара тадриҷан ҷамъ хоҳад шуд. Барои бомуваффақият истифода бурдани “неруи нарм” саъю кушиши вазорату идораҳои гуногун, аз маориф ва фарҳанг сар карда, то робитаҳои тиҷоратию иқтисодии беруниро муттаҳид кардан лозим аст.

Ҷумҳурии Ҳиндустон давлати бузурги Осиёи Ҷанубӣ мебошад ва ба наздикӣ ба кишвари сераҳолӣ дар сайёраи Замин ва саввумин иқтисоди калонтарин дар ҷаҳон табдил ёфт. Ҳиндустон қувваи тавонои ҳарбӣ мебошад ва яке аз камшумор мамлакатҳои сайёра аст, ки сегонаи ядроӣ авиатсияи стратегӣ, ракетаҳои баллистикии байниқитъавӣ ва киштиҳои зериобии атомӣ дорад. Аз ибтидои асри XXI Деҳлии Нав дар арсаи ҷаҳонӣ аз абзорҳои “неруи нарм” хеле самаранок истифода мебарад. Гарчанде ин консепсия ба доктринаи расмии сиёсати берунии Ҳиндустон дохил карда нашуда бошад ҳам, нақши рӯзафзуни он дар нуткҳои оммавии сиёсатшиносони намоён ва ходимони олимартабаи давлатӣ торафт бештар қайд карда мешавад. Кишвар дорои захираҳои таъсирбахши “неруи нарм” буда, мунтазам стратегияҳои нави табдили онҳо ба нуфуз дар арсаи байналмилалӣ таҳия мешавад [1].

Таърих аз ёддоштҳои ҳамкории дӯстонаи ҳиндуҳо ва Осиёи Марказӣ тавассути ҳаракати мардум, молҳо, идеяҳо ва таъсири руҳонӣ, ки мероси умумии моро ташкил медиҳанд, хеле бой аст [7]. Дар шароити тағйирёбии динамикаи геостратегӣ ва геоиқтисодӣ дар Ҳиндустон ба эътирофи Осиёи Марказӣ ҳамчун ба як минтақаи дорои аҳаммияти стратегӣ шуруъ кард. «Сиёсати нигоҳ ба Шимол»-и Ҳиндустон дар солҳои 1990 мисоли барҷастаи ин аст. Дар ҷараёни боздиди худ ба Туркманистон дар моҳи сентябри соли 1995 сарвазири вақт Нарасимҳа Рао возеҳ гуфта буд, ки Осиёи Марказӣ “барои Ҳиндустон як минтақаи авлавияти баландест, ки мо ният дорем дар оянда низ бо он ҳамкорӣ кунем. Мо шарики мустақил ҳастем, ки ҳадафҳои худхоҳона надорем. Мо танҳо дӯсти ростқавл ва ошкоро бо пешбурди субот ва ҳамкорӣ бидуни зарар ба ягон кишвари сеюм мебошем” [12].

Дар айни замон, Ҳиндустонро ҷомеаи ҷаҳонӣ ва коршиносон ҳамчун «қудрати болораванда» ва яке аз пешвоёни нави ҷаҳон мешуморанд, ки иддао дорад, ки сиёсати нави аслӣ дар асоси принсипҳои эҳтиром ба манфиатҳои кишварҳои ҷаҳони Ҷанубӣ, аз ҷумла “неруи нарм”-ро амалӣ кунад. Фаъолияти Ҳиндустон дар арсаи ҷаҳонӣ барои таҳлили сиёсӣ, аз ҷумла дар доираи мафҳуми ҳозираи классикии «неруи нарм» мисолҳои нави таҷрибавӣ медиҳад. Илова бар ин, мушкилоти нобаробарии глобалӣ байни давлатҳои ҷаҳон на танҳо боқӣ мондааст, балки бинобар буҳронҳои иқтисодӣ, низоъҳои байниминтақавии сиёсӣ ва пешгӯишавандаи ҳолатҳои фавқулоддаи табиӣ низ тезу тундтар мегардад [5].

Дар шароити нави муносибатҳои байналмилалӣ ҳамкориҳои Ҳиндустон бо кишварҳои Осиёи Марказӣ бо омилҳои зерин низ алоқамандӣ дорад: - якум, умумияти манфиатҳои сиёсӣ, иқтисодиву тиҷоратии халқҳои Осиёи Марказӣ ва Ҳиндустон, ки дар тӯли таърих шакл гирифта, ҳамдигарро пурра мекарданд; - дуюм наздикии ҷуғрофии Осиёи Марказӣ ва Ҷумҳурии Ҳиндустон; - сеюм, ба ҳам мувофиқ будани сиёсати ҳукуматҳои Осиёи Марказӣ ва Ҷумҳурии Ҳиндустон дар муборизаба муқобили терроризм, ифротгароӣ, қочоқи маводи мухаддир ва бунёдгароии исломӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ ва Осиёи Ҷанубӣ; - чорум, мақоми муайян пайдо кардани Ҳиндустон дар бозорҳои Осиёи Марказӣ; -панҷум, ҳавасманд будани Ҷумҳурии Ҳиндустон ва ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ барои ҳамкорӣ дар самти иқтисоду тиҷорат; - шашум, ёрии амалии Ҷумҳурии Ҳиндустон дар баркароркунӣ ва рушди

иқтидори саноатӣ ва гидроэнергетикии кишварҳои Осиёи Марказӣ; - ҳафтум, дар муқоиса бо дигар кишварҳои Осиёи Ҷанубӣ мақоми барҷаста доштани Ҷумҳурии Ҳиндустон дар ҳама шаклҳои муносибатҳо бо кишварҳои Осиёи Марказӣ [9, с. 8].

Ҳиндустон дар симои кишварҳои Осиёи Марказӣ шарики сиёсӣ, савдоӣ -иқтисодии худро мебинад ва таъминоти якҷои бехатариро низ дар назар дорад [8, с. 26]. Гузашта аз ин, стратегияи "неруи нарм"-и Ҳиндустон бо равобити таърихии он бо Осиёи Марказӣ, ки реша дар робитаҳои муштараки фарҳангӣ ва мазҳабӣ дорад, такмил меёбад. Эҳёи роҳи бостонии абрешим, ки таърихан Ҳиндустонро бо Осиёи Марказӣ мепайвандад, ҳамчун истиора барои ҳамкориҳо ва табодули нав хизмат мекунад.

Ҳамкории Ҳиндустон ва Осиёи Марказӣ на танҳо ба мулоҳизаҳои оқилонаи иқтисодӣ ва сиёсӣ асос ёфтааст. Таърихи чандинасраи муносибатхои байни халқҳои Ҳиндустон ва Осиёи Марказӣ барои алоқаҳои зичи инсонӣ заминаи мустаҳкам ба вуҷуд овард. Мубодилаи фарҳангӣ, аз ҷумла паҳн кардани фарҳанг ва санъати Ҳиндустон (аз ҷумла филмҳои машҳури Болливуд) ба ташаккули симои мусбати Ҳиндустон дар шуури ҷамъиятии минтақа мусоидат карданд. Саноати дорусозии Ҳинд низ бо таъмини доруҳои дастрас ва босифат ва ба ин васила беҳбуди хидматрасонии тиббӣ дар кишварҳои Осиёи Марказӣ нақши муҳим мебозад. Таъсири йога ва медитатсияи ҳиндиро низ нодида гирифтан мумкин нест [6].

Роҳи абрешим Ҳиндустонро бо Осиёи Марказӣ на танҳо барои интиқоли молу коло, аз қабили абрешим, молҳои нассоҷӣ, ҳанут ва ғайра мепайвандад, балки як канали муассири табодули афкор, фарҳанг, адабиёт, андешаҳо, одамон, дин ва фалсафа буд [14].

Ҳамкории мутақобила, ки дар замони шуравӣ оғоз шуда буд, дар замони муосир шаклу миқёси нав пайдо кард, ки дар лоиҳаҳои сершумори муштараки энергетика, инфрасохтор, кишоварзӣ ва тиҷорат ифода ёфтааст. Муваффақияти ин лоиҳаҳо бештар ба шарофати механизмҳои мукаммали ҳамкориҳои дар тӯли солҳои ҳамкорӣ таҳияшуда ва ҳамдигарфаҳмии масъалаҳои асосии байналмилалӣ ва минтақавӣ вобаста аст. Масалан, лоиҳаҳои муштараки сармоягузорӣ дар соҳаи истихроҷ ва коркарди захираҳои табиӣ, бунёди долонҳои нақлиётӣ, таъсиси корхонаҳои муштарак дар соҳаи кишоварзӣ ва амнияти озуқаворӣ – ҳамаи ин ба шарофати таҳкими робитаҳои иқтисодӣ амалӣ гардид.

Имрӯз бо сармоягузорӣ (на он қадар назаррас) ба лоиҳаҳои инфрасохторӣ, созишномаҳои тиҷоратӣ ва ташаббусҳои фарҳангӣ, Ҳиндустон ҳадаф дорад, ки нақши худро ҳамчун як бозингари калидӣ дар Осиёи Марказӣ мустаҳкам кунад ва аз "неруи нарм"-и худ барои эҷоди як минтақаи устувор ва шукуфоне, ки ба манфиати ҳамаи ҷонибҳои манфиатдор аст, истифода барад.

Ҳиндустон инчунин кишварҳои Осиёи Марказиро ҳамчун "минтақаи буферӣ" медонад, то фундаментализми байналмиллалии исломиро нигоҳ дорад. Ин ҳолат таваҷҷуҳи Ҳиндустонро ба ҳамкориҳои низомӣ бо кишварҳои Осиёи Марказӣ дар муборизаи муштараки онҳо алайҳи терроризм дар шакли фундаментализми ҷангҷӯёни исломӣ шарҳ медиҳад [3].

Моҳи июли соли 2015 нахуствазири Ҳиндустон Н. Модӣ робитаҳои маънавии Ҳиндустон ва Осиёи Марказиро таъкид карда, дар муқоиса бо афзоиши ифротгароӣ дар саросари ҷаҳон ишора кард, ки "мероси исломии ҳам Ҳиндустон ва ҳам Осиёи Марказӣ аз ҷониби идеалҳои олии ислом – дониш, парҳезгорӣ шафқат ва некӯаҳволӣ муайян карда мешавад" [14].

Дар баробари ин, Осиёи Марказӣ барои Деҳлии Нав бо як қатор сабабҳо аҳаммияти махсус дорад. Аввалан, он бо Афғонистон, як макони бесуботӣ дар маркази Авруосиё ҳамшафат аст. Сониян, минтақа аз захираҳои энергетикӣ бой аст, ки эҳтимолан барои ҳалли норасоии музмини неруи барқи Ҳиндустон истифода шаванд. Сеюм, аз нуқтаи назари стратегӣ Деҳлии Нав бояд нуфузи Исломобод ва Пекинро мувозинат кунад, ки ба таври густурда қаламрави панҷ ҷумҳурии пасошуравиро ба як платформаи "Бозии нави бузург" табдил медиҳанд [10].

Пас аз ба сари қудрат омадани Нарендра Модӣ дар соли 2014, Ҳиндустон расман сиёсати "пайванди Осиёи Марказӣ"-ро идома дод. Роҳбарияти Ҳиндустон ба ин минтақа мароқи зиёд зоҳир кардан гирифт. Дар соли 2015 Н. Модӣ як сафари "таърихӣ" ба

кишварҳои Осиёи Марказӣ кард, ки дар ҷараёни он дар бахшҳои мухталиф 22 созишнома ба имзо расид. Ҳукумати Ҳиндустон кӯшиш мекунад, ки ба лоиҳаҳои мавҷудаи сусти стратегӣ ҳаёти нав бахшад ва лоиҳаҳои навро оғоз кунад. Ин кишвар музокирот дар бораи долони байналмилалии нақлиётии Шимолу Ҷанубро афзоиш дод ва ҷудо кардани буҷа барои такмили бандари Чобаҳори Эронро ду баробар афзоиш дод, ки имкон дорад колоҳои ҳиндиро ба бозорҳои Осиёи Марказӣ дастрас кунад [10]. Илова бар ин, Ҳиндустон ба Созишномаи Ашқобод дар бораи долони транзитӣ ҳамроҳ шуд ва ба музокирот дар бораи таъсиси як минтақаи тиҷорати озод бо Иттиҳод иқтисодии АвруОсиё оғоз кард. Муваффақияти барҷастаи сиёсати Н. Модӣ дар самти Осиёи Марказӣ шомил шудан ба СҲШ ҳамчун узви комилҳуқуқ дар соли 2017 буд [10].

Чунин ба назар мерасад, ки бо шомил шуданаш ба СҲШ Ҳиндустон имкони бештари шунидан пайдо кардааст. Овози Деҳлӣ баланд, манфиатҳо ва мавқеъи он равшантар шуд, дар сурате ки Ҳиндустон одатан ақидаи норозӣ баён мекунад, аз дастгирӣ кардани нуктаҳое, ки ба манфиатҳои вай мувофиқ нестанд, даст якшанбе, 9 феврал 2025 с.мекашад, вале дар айни замон вай наметавонад дидгоҳи алтернативии худро пеш барад. Иштироки “мухолифони минтақавӣ” дар кори созмон эҷоди тавофуқ ва кори расмиро душвор мегардонад, аммо СҲШ-ро аз як сохтори умдатан аз қаламрави Осиёи Марказӣ берун бурда, ба сохтори умумиосиёӣ табдил дода, аҳаммияти ҷаҳонии онро афзоиш медиҳад [11].

Дар аввали соли 2022 раҳбарони давлатҳои Осиёи Марказӣ ба нахустин нишасти Ҳинд ва Осиёи Марказӣ даъват шуда буданд. Сарвазири Ҳиндустон Н. Модӣ дар он нишаст қайд кард, ки “Осиёи Марказӣ дар дидгоҳи Ҳиндустон дар бораи ҳамсоягии ҳамоҳанг ва устувор ҷойи асосиро ишғол мекунад” [4]. Ҳиндустон ва Осиёи Марказӣ равобити худро ҳам дар сатҳи дуҷониба ва ҳам дар сатҳи бисёрҷониба фаъолона пеш мебаранд ва он на танҳо ба соҳаи амният маҳдуд мешавад, балки соҳаҳои тиҷорат, инфрасохтор, сайёҳӣ ва энергетикаро фаро мегирад. Бо дарназардошти имкониятҳои пайдошуда, аз ҷумла дар доираи СҲШ ва долони тиҷоратии Шимолу Ҷануб, Ҳиндустон ва ҳамаи панҷ кишвари Осиёи Марказӣ ба таҳкими шарикии мутақобилан судманд манфиатдоранд [4].

Ниҳоят, зиддиятҳои байни Ҳиндустону Хитой ба фаъолияти СҲШ низ таъсир мерасонад. Аз ҷумла, дар пайи ҳамоиши сарони икшварҳо дар шаҳри Тсиндао дар соли 2018, ҳама кишварҳо, ба истиснои Ҳиндустон, аз ташаббуси Чин “Камарбанди иқтисодии Роҳи абрешим” ҷонибдорӣ карданд. Деҳлӣ бо саркашӣ аз пуштибонӣ аз тарҳи чинӣ на танҳо ба Русия ва Чин, балки ба ҷомеаи ҷаҳонӣ хабар медиҳад, ки бо сабаби манфиатҳои бунёдии худ нияти созиш карданро надорад [11].

Бо вуҷуди талошҳои худ, ширкат дар шаклҳои мухталифи ҳамкориҳои бисёрҷониба ва чораҳои намоишӣ Деҳлӣ наметавонад таносуби қудратҳоро дар минтақа, ки дар он Пекин ва Маскав нақши асосиро идома медиҳанд, тағйир диҳад. Ҷолибияти Ҳинд аён аст, аммо таваҷҷуҳи он ба имкониятҳои афзояндаи иқтисодӣ ва мукаммалсозии иқтисодҳо худ аз худ кафолати амалӣ шудани иқтидори мавҷудаи ҳамкорӣ нест. Пешрафт тағйир додани омилҳои геополитикӣ, рушди инфрасохтор ва кафолатҳои амниятро талаб мекунанд [11].

Бояд қайд кард, ки Ҳинд дар татбиқи стратегияи худ дар Осиёи Марказӣ мушкилоте дорад. Рақобат аз дигар кишварҳои абарқудрат (аз қабили Чин ва Русия) омили муҳим боқӣ мемонад. Гузашта аз ин, зарурати ба инобат гирифтани вазъи мураккаби геополитикии минтақа ва манфиатҳои бозигарони маҳаллӣ яке аз ҷанбаҳои муҳими татбиқи бомуваффақияти “неруи нарм”-и Ҳиндустон мебошад.

Хуллас, “неруи нарм” дар қӯрхонаи давлатҳое, ки мехоҳанд нуфузи худро дар арсаи байналмилалӣ зиёд кунанд, воситаи муҳимест. Аммо, самаранокии он ба бисёр омилҳо вобаста аст ва татбиқи бомуваффақияти он ба нақшагирии бодиққат, сармоягузории дарозмуддат ва амалиёти мувофиқро дар сатҳи миллӣ талаб мекунад. Фаҳмидани механизмҳои нозуки “неруи нарм” барои ҳамаи иштирокчиёни муносибатҳои байналмилалӣ муҳим аст, зеро он дар ташаккули рӯзномаи сиёсии глобалӣ нақши торафт муҳим мебозад.

Ҳиндустон бо сиёсати мутаносиб ва мустақили берунии худ дар арсаи байналхалқӣ мавқеи беназир ишғол мекунад. Мавқеи он, ки бо мавҷуд набудани низоъҳои шадид ва майл ба муколамаи созанда тавсиф мешавад, кишварҳои Осиёи Марказиро ҷалб мекунад, ки дар

ҷустуҷӯи субот ва пешбинишаванда дар минтақа ҳастанд. Ин махсусан бо назардошти бесуботии геополитикӣ ва рақобат барои нуфуз дар Осиёи Марказӣ муҳим аст. Модели рушди Ҳиндустон, ки ба принсипҳои бисёрҷониба ва ҳамроҳ нашудан асос ёфтааст, барои кишварҳои минтақа алтернативаи ҷолиб аст.

Гузашта аз ин, Ҳиндустон ташаббусҳоро оид ба густариши робитаҳои тиҷоратӣ ва нақлиётӣ бо Осиёи Марказӣ фаъолона пеш мебарад. Сармоягузорӣ ба рушди инфрасохтор, дастгирии барномаҳои таълимӣ ва фарҳангӣ, ҳамкорӣ дар соҳаи илм ва технология – ҳамаи ин ба таҳкими муносибатҳои ҳамаҷониба мусоидат мекунад. Ҳиндустон инчунин дар ҳалли масъалаҳои минтақавӣ тавассути пешбурди консенсус ва ҳифзи сулҳ нақши созанда мебозад. Дар маҷмуъ, “неруи нарм”-и Ҳиндустон дар Осиёи Марказӣ стратегияи ба таври динамикӣ инкишофёбанда мебошад, ки мутобиқати доимиро ба шароити тағйирёбанда ва мувозинати манфиатҳои гуногун талаб мекунад. Ҳамкориҳои Ҳиндустон ва Осиёи Марказӣ намунаи муваффақи шарикии мутақобилан судманд дар асоси эҳтиром, манфиати мутақобила ва робитаҳои амиқи таърихӣ мебошад.

Адабиёт

1. *27 сентября на ФГУ состоялся Молодежный круглый стол “Мягкая сила” Индии в отражении международных рейтингов” [электронный ресурс] URL: https://spa.msu.ru/27-sentyabrya-na-fgu-sostoyalsya-molodezhnyj-kruglyj-stol-myagkaya-sila-indii-v-otrazhenii-mezhdunarodnyh-rejtingov/ (дата обращения: 5.02.2025).*
2. *Аслановна Т.А. Мягкая сила во внешней политике Индии на рубеже XX –XXI вв. //Дис. на сосик. канд. ист. наук. – Ставрополь, 2021. – С. 3.*
3. *Волков В. Индия идет через Таджикистан в Центральную Азию [Электронный ресурс]. - URL: https://www.dw.com/ru (дата обращения: 12.01.2025).*
4. *Как Индия укрепляет свои интересы в Центральной Азии [Электронный ресурс]. - URL: https://www.asiaplustj.info/ru/news/centralasia/20221229/kak-indiya-ukreplyaet-svoi-interesi-v-tsentralnoi-azii (дата обращения:1.02.2025).*
5. *Матяшова Д. О. Функции кооперации «Юг-Юг» в структуре «мягкой силы» Индии [Электронный ресурс]. - URL: https://dspace.spbu.ru/bitstream/11701/31525/1/matasova_vkr.pdf - С. 2. (дата обращения: 12.01.2025).*
6. *Мухидинова Е. Индийский фактор в Центральной Азии [Электронный ресурс]. - URL: https://cyberleninka.ru/article/n/indiyskiy-faktor-v-tsentralnoy-azii (дата обращения: 8.02.2025).*
7. *Ниведита Дас Кунду. Индия и Центральная Азия: товарищеское взаимодействие [Электронный ресурс]. - URL: https://ru.valdaiclub.com/a/highlights/indiya-i-tsentralnaya-aziya/ (дата обращения: 23.01.2025).*
8. *Турсунов Т. Х. Интересы Индии в Центральной Азии // Вестник Таджикского национального университета (научный журнал). – 2013. - № 3/4 (115).*
9. *Турсунов Т. Х. Тоҷикистон – Ҳиндустон: самт, афзалият ва дурнамои ҳамкориҳо. Монография. – Душанбе, 2023.*
10. *Щедров И. Индия в Центральной Азии: на пути от символических к реальным практикам [Электронный ресурс]. - URL: https://russiancouncil.ru/analytics-and-comments/analytics/indiya-v-tsentralnoy-azii-na-puti-ot-simvolicheskikh-k-realnym-praktikam/ (дата обращения: 3.02.2025).*
11. *Якубов И. Индия и Центральная Азия: тернистый путь сотрудничества [Электронный ресурс]. - URL: https://cabar.asia/ru/indiya-i-tsentralnaya-aziya-ternistyj-put-sotrudnichestva (дата обращения: 17.01.2025).*
12. *Ramakrushna Pradhan. India's Expanding Interests in Central Asia Policies, Issues and Challenges [Электронный ресурс]. - URL: https://ccas.uok.edu.in/Files/93269b6c-7f53-4439-ae9a-3bdf55a4c649/Journal/b6474c0f-54f2-4913-a6a1-237e584d7b42.pdf (дата обращения: 10.01.2025).*
13. *Shambhu Lal Salvi India’s ‘soft power’ approach towards Central Asia: challenges ahead [Электронный ресурс]. - URL: https://www.ijim.in/wp-content/uploads/2023/01/Vol-2-Issue-VII-292-296-paper-40-29-shambhu-lal-salvi-1.pdf (дата обращения: 20.01.2025).*
14. *Shambhu Lal Salvi India’s ‘soft power’ approach towards Central Asia: challenges ahead [Электронный ресурс]. - URL: https://www.ijim.in/wp-content/uploads/2023/01/Vol-2-Issue-VII-292-296-paper-40-29-shambhu-lal-salvi-1.pdf (дата обращения: 20.01.2025).*

«НЕРУИ НАРМ»-И ҲИНДУСТОН ДАР ОСИЁИ МАРКАЗӢ

Ин матлаб, ки “неруи нарм”-и Ҳиндустон дар Осиёи Марказиро таҳлил мекунад, табиати гуногунҷанба ва таҳаввулоти нуфузи Ҳиндустон дар минтақаро ошкор мекунад. Дар ибтидо ба робитаҳои фарҳангӣ ва таърихӣ асос ёфта, “неруи нарм”-и Ҳиндустон дигаргунии назаррасро паси сар карда, аз таъсири умдатан фарҳангӣ ва башардӯстона ба стратегияи фарогиртаре гузашт, ки ҷузъҳои иқтисодӣ ва сиёсиро дар бар мегирад. Якчанд марҳилаҳои асосии рушди таъсири Ҳиндустонро дар Осиёи Марказӣ метавон муайян кард. Дар марҳилаҳои аввал “неруи нарм”-и Ҳиндустон ба решаҳои умумии динӣ (буддизм, ҳиндуизм), робитаҳои таърихӣ ва табодули фарҳангӣ асос ёфта буд. Ин таҳкурсии фарҳангӣ барои муносибатҳои наздик замина гузошт. Аммо дар солҳои охир стратегияи Ҳиндустон хеле вусъат ёфт. Андозаи иқтисодӣ яке аз омилҳои асосӣ гардид. Ҳиндустон ба лоиҳаҳои инфрасохторӣ, аз ҷумла дар бахшҳои энергетика ва нақлиёт фаъолона сармоягузорӣ мекунад. Таваҷҷуҳи махсус ба рушди коридорҳои нақлиётӣ, ки ба таҳкими ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ нигаронида шудааст, дода мешавад. Намунаи чунин лоиҳаҳо иштирок дар рушди марказҳои нақлиётӣ, бунёди роҳҳои автомобилгард ва роҳи оҳан, инчунин сармоягузорӣ дар лоиҳаҳои энергетикӣ мебошанд, ки ба диверсификатсияи манобеъи энергия дар минтақа ва коҳиши вобастагӣ аз дигар манбаъҳо равона шудаанд. Дар баробари ҷузъи иқтисодӣ, Ҳиндустон ҳамкориҳои сиёсиро тақвият медиҳад. Ин тавассути ширкат дар созмонҳои минтақавӣ, музокироти дуҷониба ва табодули ҳайатҳои воломақоми расмӣ баён мешавад. Ҳиндустон ҷонибдори таҳкими муколамаи сиёсӣ ва ҳамкорӣ дар бахшҳои амният, муборизаи бо терроризм ва ифротгароӣ мебошад. Бо ин мақсад аз роҳҳои дипломатӣ ва барномаҳои ҳамкориҳои низомӣ, аз ҷумла машқҳои муштараки низомӣ ва табодули таҷриба фаъолона истифода мешавад. Ба андешаи муаллифон, ҷанбаи муҳими “неруи нарм”-и Ҳиндустон ҳамкории фаъоли он бо созмонҳои ғайриҳукуматӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Осиёи Марказӣ мебошад. Ташкилотҳои ғайридавлатии Ҳиндустон дар соҳаҳои маориф, тандурустӣ, рушди тиҷорати хурд ва ҳифзи муҳити зист лоиҳаҳои сершуморро амалӣ мекунанд. Ин ба мустаҳкам шудани обрӯи мусбати Ҳиндустон ва афзудани боварӣ ба он дар байни аҳолӣ ёрӣ мерасонад.

Калидвожаҳо: Ҳиндустон, Осиёи Марказӣ, “неруи нарм”, фарҳанг, иқтисод.

«МЯГКАЯ СИЛА» ИНДИИ В ЦЕНТРАЛЬНОЙ АЗИИ

Статья, посвященная анализу "мягкой силы" Индии в Центральной Азии, раскрывает многогранный и эволюционирующий характер индийского влияния в регионе. Изначально основанная на культурно-исторических связях, "мягкая сила" Индии претерпела значительную трансформацию, перейдя от преимущественно культурно-гуманитарного воздействия к более комплексной стратегии, включающей экономические и политические компоненты. Можно выделить несколько ключевых фаз развития индийского влияния в Центральной Азии. На ранних этапах, “мягкая сила” Индии опиралась на общие религиозные корни (буддизм, индуизм), исторические связи и культурные обмены. Этот культурный фундамент заложил основу для более тесных отношений. Однако, в последние годы стратегия Индии значительно расширилась. Экономическое измерение стало одним из ключевых факторов. Индия активно инвестирует в инфраструктурные проекты, в том числе в энергетическую и транспортную сферы. Особое внимание уделяется развитию транспортных коридоров, нацеленных на усиление торгового и экономического взаимодействия. Примеры таких проектов – участие в развитии транспортных узлов, строительство дорог и железных дорог, а также инвестиции в энергетические проекты, направленные на диверсификацию источников энергии в регионе и снижение зависимости от других источников. Параллельно с экономическим компонентом, Индия укрепляет политическое взаимодействие. Это выражается в участии в региональных организациях, в двусторонних переговорах и обмене высокопоставленными официальными делегациями. Индия стремится к укреплению политического диалога и сотрудничества в области безопасности, борьбы с терроризмом и экстремизмом. Для этого активно используются дипломатические каналы и программы военного сотрудничества, включающие совместные военные учения и обмен опытом. По мнению авторов, важным аспектом "мягкой силы" Индии является активная работа с неправительственными организациями и гражданским обществом Центральной Азии. Индийские НПО реализуют многочисленные проекты в сферах образования, здравоохранения, развития малого бизнеса, и экологической защиты. Это позволяет укрепить позитивный образ Индии и повысить доверие к ней среди населения.

Ключевие слова: Индия, Центральная Азия, «мягкая сила», культура, экономика.

“SOFT POWER” INDIA IN CENTRAL ASIA

This article analyzes India's “soft power” in Central Asia and reveals the multifaceted and evolving nature of Indian influence in the region. Originally based on cultural and historical ties, India's “soft power” has undergone a significant transformation, moving from a predominantly cultural and humanitarian influence to a more comprehensive strategy that includes economic and political components. Several key phases in the development of Indian influence in Central Asia can be distinguished. In the early stages, India's soft power was based on common religious roots (Buddhism, Hinduism), historical ties and cultural exchanges. This cultural foundation laid the groundwork for closer relations. However, in recent years, India's strategy has broadened considerably. The economic dimension has become a key factor. India is actively investing in infrastructure projects, including in the energy and transportation sectors. Special attention is paid to the development of transportation corridors aimed at strengthening trade and economic interaction. Examples of such projects include participation in the development of transportation hubs, construction of roads and railways, and investment in energy projects aimed at diversifying energy sources in the region and reducing dependence on other sources. In parallel with the economic component, India is strengthening political engagement. This is reflected in participation in regional organizations, bilateral negotiations and exchange of high-level official delegations. India seeks to strengthen political dialog and cooperation in the areas of security, counter-terrorism and counter-extremism. To this end, diplomatic channels and military cooperation programs, including joint military exercises and exchange of experience, are actively used. In the opinion of the authors, an important aspect of India's soft power is its active work with non-governmental organizations and civil society in Central Asia. Indian NGOs implement numerous projects in the areas of education, health care, small business development, and environmental protection. This helps to strengthen India's positive image and increase its credibility among the population.

Keywords: India, Central Asia, soft power, culture, economy.

Дар бораи муаллифон

Турсунов Турсунмурод Худоймуродович
Доктори илмҳои таърих, профессор
Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Рӯдакӣ, 33
E-mail: tursunov-murod@mail.ru

Шодиев Шодимуҳаммад
Докторант (PhD)-и курси 3-юм
Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Рӯдакӣ, 33

Об авторах

Турсунов Турсунмурод Худоймуродович
Доктор исторических наук, профессор
Институт изучения проблем стран Азии и Европы НАНТ
734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 33
E-mail: tursunov-murod@mail.ru

Шодиев Шодимухаммад
Докторант PhD 3 курса
Институт изучения проблем стран Азии и Европы НАНТ
734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 33

About the authors

Tursunov Tursunmurod Khudoymurodovich
Doctor of Historical Sciences, Professor
Institute for the Study of Asian and European Problems of the NAST
734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 33 Rudaki Avenue
E-mail: tursunov-murod@mail.ru

Shodiev Shodimuhammad
PhD 3rd year doctoral student
Institute for the Study of Asian and European Problems of NAST
734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 33 Rudaki Avenue

ТДУ 94 (575.3)

ХУСУСИГАРДОНӢ ДАР МИСОЛИ ҶДММ “ИТТИҲОДИЯИ ИСТЕҲСОЛИИ НАССОҶИИ ТОҶИК”

Ҳотамов Н. Б., Раҳматов Ҳ. У.
Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ

21 феврали соли 1991 дар Иҷлосияи Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонун “Дар бораи ғайридавлатӣ ва хусусигардонии моликияти давлатӣ" қабул гардид, ки он ба хусусигардонии моликияти давлатӣ ибтидо гузошт.

Хусусигардонӣ ҳамчун сиёсати ба моликияти хусусӣ табдил додани моликияти давлатӣ аст, ки дар тамоми Иттиҳоди Шуравӣ ҳанӯз пеш аз фурӯпошии он оғоз шуда буд. Он вақт ташаббускорони чунин сиёсат онро фишанги асосии наҷоти истеҳсолкунандагони ватанӣ аз буҳрони тӯлонии иқтисодӣ медонистанд [4, с. 18].

Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди “Иттиҳодияи истеҳсолии нассоҷии тоҷик” яке аз бузургтарин корхонаҳои саноати сабуки Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки дар шаҳри Душанбе - пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон воқеъ гардидааст. Ба ҶДММ “Иттиҳодияи истеҳсолии нассоҷии тоҷик”, ҶСК “Фабрикаи ресандагӣ”, “Фабрикаи бофандагии №1”, ҶСП “Нассоҷ”, ҶСК “Бофанда” ва ҶСК “Фабрикаи рангомезӣ” шомил мебошанд.

Соли 1936 мувофиқи қарори Совети Комиссарони халқи СССР дар Сталинободи ҳамонвақта бояд комбинате сохта мешуд, ки ашёи хоми рӯёнидашударо кор карда барояд. Ба нақша дароварда шуда буд, ки он дорои 34 ҳазор дӯки ресандагӣ ва 832 адад дастгоҳи бофандагӣ мебошад [2, с. 2].

Сохтмони навбатии аввали корхона соли 1939 бо сохтани Фабрикаи ресандагию бофандагии №1 оғоз ёфтааст, ки он соли 1942 ба фаъолият шуруъ кардааст. Давра ба давра навбатҳои дигари корхона сохта ба истифода дода шудааст. Соли 1951 Фабрикаи рангомезӣ, соли 1959 Фабрикаи ресандагию бофандагии № 2, ки минбаъд ба ҶСП “Нассоҷ” табдил дода шуд, соли 1999 Фабрикаи истеҳсоли бинтҳо ва докаи тиббӣ ба истифода дода шудааст. Яъне, сохтмони фабрика аз соли 1939 то соли 1999 идома ёфт [2, с. 23].

Ба душвориҳо нигоҳ накарда, бинокорон тамоми қуввааашонро баҳри ҳарчи тезтар сохта ба истифода додани корхона равона намудаанд. Аммо ҷанги хонумонсӯзи аз тарафи фашистон сар карда сохтмонро кашол дод. Коргарон барои ҳимояи Ватан ба ҷанг мерафтанд. Ба ҷойи падар писару духтар, ба ҷойи шавҳар зан дар сохтмонҳо кор мекарданд. Кор таҳти шиори “Ҳама чиз барои фронт, барои ғалаба!” авҷ мегирифт. Аксар корхонаҳои саноати сабуки шаҳрҳои Ленинград, Калинин, Смоленск аз кор муваққатан боз монданд. Бинобар ин ҳам ба сохтмончиёни тоҷик лозим меомад, ки комбинатро тезтар сохта ба истифода диҳанд.

Солҳои 1948-1949 дар сехҳои комбинат таҷҳизоти зиёди технологӣ ҷиҳозонида шуда бошад, ҳам аммо он матои сифаташ паст истеҳсол менамуд. Барои он, ки корхона истеҳсоли матои хуб барорад, бояд тезтар “Фабрикаи рангомезӣ”-ро ба кор медаровардан. Матои комбинат барои рангу пардоз мисли пештара ба шаҳри Тошканд фиристода мешуд. Соли 1951 “Фабрикаи рангупардоздиҳӣ” ба кор шуруъ кард, ки баъд аз он комбинат матоъҳои рангоранг истеҳсол мекардагӣ шуд [2, с. 4].

Мавриди зикр аст, ки солҳои баъдина масъалаҳои механикунонидану автоматикунонидани просесҳои технологӣ ба миён омад. Дар фабрикаи ресандагӣ роҳи нави ришtакашонӣ ба истифода дода шуда, дастгоҳҳои ресандагӣ бо аппаратҳои махсуси ҳавотозакунӣ мукамал гардонида шуданд. Ин тарзи кор шароити кори ресандагонро хеле беҳтар намуда, маҳсулнокии меҳнати онҳоро даҳ фоиз зиёд намуд. Дар сехи маҳсулоттайёркуни тамоми равишҳои кор афтоматӣ кунонида шуданд. Дар дигар фабрикаҳои комбинат ҳам ҳамингуна навигариҳо ба амал омаданд.

Корхонаи бофандагии тоҷик дар ҳудуди 70 гектар сохта шудааст, ки он дорои зиёда аз ҳазорҳо адад дӯкҳои ресандагию дастгоҳҳои бофандагӣ буда, иқтидори солонаи он истеҳсоли 120 миллион метр газвор мебошад. Махсусан дар даҳсолаи охир барои беҳтар намудани сифати маҳсулот кӯшиш намудан натиҷаи дилхоҳ дод. Яке аз намудҳои газвор ласи намудаш 649 дар шаҳри Пловдиви Булғория ба гирифтани медали тиллои хурд мушарраф гардидааст. Дар соли аввали ба кор даромадани корхона 229 тонна ресмон ва 102 ҳазор метр матои хокистарранг истеҳсол карда шуд [2, с. 5].

Бояд қайд намуд, ки сол аз сол Корхонаи нассоҷии тоҷик бузургтар шуда истода, ҳамзамон иқтидорҳои истеҳсолии худро афзун магардонад ва ҳоло ба як коргоҳи пуриқтидори бо техникаи ҳозиразамон муҷаҳҳаз гашта табдил дода шудааст. Ин коргоҳ бо истеҳсоли матоъҳои пахтагин, риштаи пахтагин, матоъҳои нобофта, бинт ва дигар маҳсулоти тиббӣ аз ҷумлаи аз дока, маҳсулоти дӯзандагӣ ва махсусгардонида шуда иборат мебошад.

Мавриди зикр аст, ки дар корхона барои кори пурмаҳсули коргарон аз рузҳои аввали ба кор даромаданаш ҳамеша ғамхорӣ карда мешуд ва мешавад. Соли 1959 корхона 34 ҳазор метри мураббаъ фонди манзил дошт, ки дар онҳо 54 фоизи коргарон истиқомат мекарданд. Бо илтимоси коргарони комбинат зиёда аз 290 нафар коргарон барои худ хонаҳои истиқоматӣ сохта гирифтанд. Худи комбинат бошад 12 хонаи истиқоматӣ сохта ба коргарон дод [2, с. 5].

Солҳои охир корхонаҳои хурди иттиҳодия аз ҳисоби филиалҳои худ васеъ шуда, ҳамзамон истеҳсоли маҳсулоташ сол ба сол зиёд гардида истода аст .

Ҳадафи асосие, ки айни замон коллективи корхона кӯшиш доранд, аз он ҷумла чунин аст, ки ҳамкории мутақобилаи судмандро бо корхонаҳо ва ширкатҳои ватанӣ ва хориҷӣ ба роҳ монда ва вобаста аз талаботи бозор, рӯз аз рӯз афзун намудани истеҳсоли маҳсулоти пахтагин, мунтазам такмил додани истеҳсолот ва беҳтар намудани сифати маҳсулот мебошад.

Дар соли 1991 аз сабаби бекористии корхонаҳо, дар ҷумҳурӣ ҳамагӣ 102, 422 ҳазор м^2 матоъҳои пахтагин истеҳсол намуданд, ки назар ба солҳои қаблӣ хеле кам буд. Коллективҳои завод роҳҳои боз ҳам тараққӣ намудани иттиҳодияро ҷустуҷӯ карда, қарор доданд, ки аз иттиҳодия ҷудо шуда, бо хусусигардонии минбаъда ба корхонаҳои мустақили давлатӣ табдил ёбанд [9, с. 545].

Корхонаи ресандагии №3 соли 1991 ба корхонаи мустақили давлатӣ ва соли 1992 ба Ҷамъияти саҳомии “Бофанда” табдил ёфт ва ҳамчунон Фабрикаи ресандагӣ ва бофандагии рақами 1, Фабрикаи ресандагӣ ва бофандагии рақами 2, ба Фабрикаи пардоздиҳии комбинатӣ бофандагии Ҳисор (филиали Ҳисор) табдил ёфт [2, с. 41].

7 марти соли 1975 Комбинати бофандагии Душанбе дар асоси фармони Вазорати саноати сабуки РСС Тоҷикистон № 112 аз ба Иттиҳодияи истеҳсолии газвори пахтагини Душанбе табдил дода шуд [7,5].

Иттиҳодияи истеҳсолии газвори пахтагини Душанбе мувофиқи фармони Консерни давлатии савдо ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21-уми январи соли 1993 № 1-2 “Дар бораи азнавташкилдиҳӣ” ба Иттиҳодияи истеҳсолии “Тоҷиктекстил” табдил дода шуд. Он мувофиқи фармони Кумитаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон № 154 аз 23-юми июни соли 1999 ба Иттиҳодияи истеҳсолии “Тоҷиктекстил” табдил дода шуд [7].

Иттиҳодияи истеҳсолии “Тоҷиктекстил” дар асоси шаҳодатнома “Дар бораи азнавбақайдгирии давлатӣ” аз тариқи Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти рақами 0001-4212 аз санаи 25-уми июни соли 2007 ба Ҷамъияти саҳомии кушодаи “Текстил” табдил дода шуд [7, с. 4].

Соли 2008 бо мақсади беҳтар намудани сохтори идоракунии корхона ҳамаи фабрикаҳои истеҳсолии иттиҳодия, ки шахси ҳуқуқии мустақил буданд, аз нав ба як иттиҳодия муттаҳид карда шуданд ва ба он бори аввал пурра ҶДММ “ИИ Нассоҷии Тоҷик” ном гузошта шуд. Ҳоло дар ҳайати иттиҳодия се фабрикаи ресандагӣ, се фабрикаи бофандагӣ, фабрикаи рангомезӣ ва истеҳсоли бинтҳо ва докаи тиббӣ фаъолият доранд.

Ҳар моҳ корхона то 700 тонна нахи пахтаро коркард намуда дар як моҳ зиёда аз ду миллион метр матоъҳои пахтагин истеҳсол менамояд, ки асосан ба хориҷи кишвар содирот мешаванд. Маҳсулоти ҶДММ “ Нассоҷии тоҷик” ба зиёда аз 20 кишвари ҷаҳон содирот мешавад [5, с. 5].

ҶДММ “ИИ Нассоҷии тоҷик”, ки яке аз бузургтарин корхонаи саноати сабук дар кишвар ба ҳисоб меравад, ки соли 2010 ба ҳайати Ассосиатсияи корхонаҳои саноати сабуки Ҷумҳурии Тоҷикистон аъзо гардидааст.Яке аз вазифаҳои “Ассосиатсия: озмун, намоиш, намоишгоҳи молҳои истеҳсоли ватаниро бо мақсади ҷустуҷӯ ва дастгирии молҳои нав доир менамояд, дар намоишгоҳҳои байналхалқӣ ширкат меварзад, бо мақсади дастгирии рушди дастовардҳои молҳои истеҳсоли ватанӣ бозиҳои лотереявӣ ташкил менамояд” [1].

Аҳли ҷомеаи меҳнатии Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди “Иттиҳодияи истеҳсолии нассоҷии тоҷик” дар асоси барномаҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба рушди саноати бофандагӣ, барои дар ҳаёт татбиқ намудани комёбиҳои муосири илму техника, технологияи пешбар, ҷорӣ намудани асосҳои навини муносибатҳои бозаргонӣ пайваста ҷаҳду талош дорад.

Ҳамин тариқ, метавон гуфт, ки иттиҳодияи мазкур фаъолияти худро дар ин асос ба роҳ монда, коллективи меҳнатии коргоҳ бо дастгирии роҳбарияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва инчунин Мақомоти идоракунии маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар шаҳри Душанбе сол аз сол истеҳсоли маҳсулоти ниёзи мардумро бештар мегардонад [11].

ҶДММ “Нассоҷии Тоҷик” дар давоми соли 2020 ба маблағи 26 миллиону 359 ҳазор сомонӣ маҳсулот истеҳсол намудааст, ки ин нисбати давраи соли гузашта ба маблағи 4 миллиону 669 ҳазору 812 сомонӣ зиёд буда, дар маҷмуъ156,4 фоизро ташкил намуд [4, с. 452].

Аз ҳисоби сармоягузории дохилӣ ва хориҷӣ ҶДММ “Иттиҳодияи истеҳсолии Нассоҷии тоҷик” дар солҳои охир ба маблағи 73 миллиону 56 ҳазор сомонӣ дастгоҳу таҷҳизоти нави ҳозиразамон ворид ва васл карда шудааст, ки ин падида бо мақсади таъмини босубот ва амалишавии раванди рушди саноатикунонии босуръати кишвар дар давраи солҳои 2022 - 2026 ҳамчун “Солҳои рушди саноат” эълон гардидан такони ҷиддие хоҳад гардид [5, с. 19].

Соли 2020 аз рӯйи ҳамаи намудҳои андозҳо корхона ба маблағи 850 ҳазору 400 сомонӣ пардохт намудааст. Дар давоми соли 2020 ба миқдори 1344 тонна нахи пахта коркард карда шудааст, ки ин нисбати давраи соли 2019 ба миқдори 190 тонна зиёд мебошад [6, с. 7].

Соли 2008 дар ҶДММ “Иттиҳодияи истеҳсолии нассоҷии тоҷик” сехи нави замонавии дӯзандагӣ ба истифода дода шуд, ки он бо дастгоҳҳои дӯзандагии замонавии тамғаи “M-29”-и истеҳсоли Белорусия ҷиҳозонида шудааст ва дар коргоҳи мазкур се баст барои 150 нафар занҳо ҷойҳои кори доимӣ ташкил карда шуд ва дар давоми ҳамин сол ба маблағи 1,4 миллион доллари амрикоӣ дар Фабрикаи “Рангомезӣ”-и ҶДММ “Иттиҳодияи истеҳсолии Нассоҷии тоҷик” дастгоҳу таҷҳизоти нави муосири гулпартоии тамғаи “Шторк RD-2” истеҳсоли Голандия, дастгоҳи “Ҷилгер”-и истеҳсоли кишвари Италия, дастгоҳҳои ҳозиразамони хушккунии матоъҳои тамғаи “Тотехкс”-и истеҳсоли Чехия ва тамғаи “Текстима”-и истеҳсоли Олмон, дастгоҳи таҳкими ранги матоъҳои тамғаи “Шторк – HSIII” истеҳсоли муштараки Голландия ва Олмон низ ворид ва ҳамзамон васл карда шуданд [2, с. 5].

Дар натиҷа дар Фабрикаи рангомезии корхона матоъҳои сифаташон хело ҳам хуб ва барашон то 2 метр рангубор ва гулпартоӣ карда мешаванд, ки бо ин роҳ номгӯйи маҳсулоти истеҳсолӣ зиёд карда мешуд ва инчунин сифати маҳсулот баландтар гардида, дар бозорҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва инчунин берун аз он ба талаботи бозори ҷаҳонӣ ба таври пурра ҷавобгӯ мегарданд.

Соли 2008 бо супориши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҳти сарпарастии ҶДММ “Иттиҳодияи истеҳсолии Нассоҷии тоҷик” дар ноҳияи Роштқалъа сехи дӯзандагӣ ба истифода дода шуд. Инчунин моҳи сентябри соли 2010 бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Норак Корхонаи муштараки “Бофандаи Норак” ба истифода дода

шуд, ки он 400 нафарро ба ҷойи кори нав дар се баст таъмин намуд. Иқтидори истеҳсолии солонаи ин коргоҳ коркарди зиёда аз 1200 тонна нахи пахтаро пешбинӣ карда шудааст, ки ҳамчунон дар арафаи ҷашни байналмилалии Наврӯз, моҳи марти соли 2011 дар ноҳияи Рашт Фабрикаи дӯзандагии “ Фарангис ” ба истифода дода шуд [6, с. 7].

Ҳадафи асосии ба истифода супоридани коргоҳҳои мазкур ин пеш аз ҳама бо ҷойҳои корӣ доимӣ таъмин намудани шаҳрвандони кишвар, зиёд намудани истеҳсоли маҳсулоти ниёзи мардум, қонеъ гардонидани талаботи харидорон ба маҳсулоти хушсифати пахтагин мебошад. Дар корхона ба масъалаи фарҳангу маънавиёт ва хайру саховат аҳҳамияти аввалиндараҷа дода мешавад.

Барои мисол, аз ҷумла нуҳ корхонаи нассоҷӣ ва инчунин дӯзандагӣ Ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистонро дар намоишгоҳи байналмилалии “Текстиллегпром”, ки бузургтарин намоишгоҳи тахассусӣ дар Иттиҳоди Давлатҳои Муштарак-ул-манофеъ мебошад, муаррифӣ карданд. Ин намоишгоҳ рӯзи 6-уми сентябр соли 2019 дар Маскав оғоз гардида буд [12].

Корхонаҳои «Ваҳдат Текстил» бо ҷӯробу риштаи пахтагин, «КОТА Глобал» бо либоси варзишӣ «Нассоҷи Хуҷанд» бо либоси мардонаву занона, «Ортекс» бо либоси мардонаву кӯдакона, «Раҳимов А. А.» бо либоси варзишӣ - кимоно, «Сифат саноат» бо либоси тиббӣ, «Тоҷтекс» бо либоси кӯдакона ва «ХИМА Текстил» бо пешниҳоди риштаи пахтагин Ҷумҳурии Тоҷикистонро намояндагӣ намуданд.

Дар намоишгоҳ дастовардҳои навтарини Ҷумҳурии Тоҷикистон дар истеҳсоли ришта, матоъи пахтагин ва либосворӣ дар толори Намоишгоҳи комёбиҳои хоҷагии халқ (ВДНХ) то рӯзи 9-уми сентябр ба маърази тамошо гузошта шуда буд. Иштироки корхонаҳои Тоҷикистон дар намоишгоҳ дар чаҳорчӯбаи Барномаи ҷаҳонии нассоҷӣ ва дӯзандагӣ дар ҳамкорӣ бо Палатаи савдо ва саноати Тоҷикистон ва Иттифоқи рушди бахши хусусии Тоҷикистон баргузор гардида буд.

Барои бештар аз як даҳсола боз “Текстиллегпром” имкони хуберо фароҳам меорад, то ширкатҳои ватанӣ маҳсулоти худро дар арсаи байналмилалӣ намоиш диҳанд ва инчунин бо харидорони эҳтимолӣ робитаи мустақимашонро барқарор намоянд ва ҳамзамон ҷуғрофиёи бозори худро боз ҳам рушду тавсеа бахшанд.

Бояд зикр намуд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин намоишгоҳ 14-умин маротиба аст, ки фаъолона иштирок мекунад ва тӯли ин муддат ширкатҳои Тоҷикистон тавонистанд, ки барои кишвар имиҷи манбаъи маҳсулоти олисифати нассоҷӣ ва дӯзандагиро омода намоянд [11].

Корхонаҳои саноатию истеҳсолии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсулоти тайёр ба монанди либоси мардонаву занонаву кӯдакона, либосҳои варзишӣ ва махсус ва ҳоказоро мудом ба намоишҳои сатҳи ватанӣ ва ҷаҳонӣ мегузоранд. Ҳайати Тоҷикистон, инчунин бо ҳамкорони эҳтимолии тиҷоратӣ вохӯриҳо барпо намуда, бо навовариҳои замонавии дӯзандагӣ ва равандҳои нав дар ҷаҳони мӯд ба таври мунтазам огоҳ мегарданд.

Лозим ба тазаккур аст, ки ҳамаи корхонаҳои дар тобеияти ҶДММ “ИИ Нассоҷии Тоҷик” қарор дошта, то соли 1991 зиёда аз 3 миллиарду 326 миллион метр газворҳои пахтагин истеҳсол намудаанд [2, с. 41].

Ҳамин тавр, иттиҳодия яке аз корхонаҳои калону пуриқтидортарини бофандагии ҷумҳури ба ҳисоб рафта, сол аз сол ташаккул меёбад ва иқтидори истеҳсолиашро зиёд мегардонад. Ва он дигаргуниҳое, ки имрӯз бо талаби замон ба миён омадаасту, ҳоло ҳар як фабрика корхонаи мустақили ҳисобдор гардидааст, танҳо ба фоидаи кор аст, зеро коргарон бо ин тарзи кор нисбати меҳнаташон масъулиятнокии дучандро ҳис хоҳанд намуд.

Соли 1991 корхонаи мутазаккир ҳамагӣ 18,4 ҳазор тонна газворҳои пахтагин истеҳсол кардааст, ки ҳаҷми матоъҳои пахтагӣ ва инчунин шумораи кормандону бофандагон, ресандагони касбӣ зиёда аз 17 ҳазор нафарро ташкил медод. Ба ин ҷо аз тамоми гӯшаву канори собиқ иттиҳод ба монанди Сибиру Қазоқистони Шарқӣ, Ёқутистону Бошқирдистон ва дигар шаҳрҳо барои касбомӯзӣ меомаданд [2, с. 41].

Мавриди зикр аст, ки дар тули солҳои фаъолияти ин корхонаи бузург корнамоиҳои неки бисёре сабт гардидааст ва он ҳоло дар лавҳаҳоии музеи “Шарафи коргарӣ” и корхона аз аввал то ба охир сабт гардидааст. Инчунин газворҳои бо меҳнати бофандагони Душанбегӣ бофташударо дар ҳамаи давлатҳои мустақили соҳибистиқлол ва берун аз он ҳам хуб медонанд ва мехаранд. Ин аст, ифтихори коллектив ва саҳмгузории у баҳри беҳтар намудани сатҳи зиндагӣ ва дараҷаи некуаҳволии халқ.

Соли 2021 харид ва коркарди ашёи хом 700,0 тонна, аз он ҷумла истеҳсоли риштаи пахтагин 630 тонна, истеҳсоли матоъҳои тайёр 2857 ҳазор метри мураббаъ, истеҳсоли маҳсулоти дӯзандагӣ 5344,6 ҳазор сомонӣ, истеҳсоли либосҳои мактабӣ 4344,6 ҳазор сомонӣ ва шумораи кормандон 2495 нафар, музди меҳнати миёнаи кормандон 937 сомониро ташкил менамуд [12, с. 17].

Бояд қайд намуд, ки рушди дигар соҳаҳои хоҷагии халқ ва умуман иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муносибатҳои бозоргонӣ ба фаъолияти самараноки корхонаҳои соҳаи мошинсозӣ, саноати мудофиа ва химия зич алоқаманд буда, дараҷаи тараққиёт ва сифати таҷҳизоти дар соҳа истеҳсолшаванда, метавонад ба рушди бемайлони соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт заминаи устуворро фароҳам оварад.

Ҳамин тариқ, дар хулосаи нигоштаи таҳқиқотӣ метавон зикр кард, ки коллективи корхонаи мазкур ҳамарӯза саъю кӯшиши зиёд ба харҷ медиҳанд, ки ҳамкориҳои мутақобилан судмандро бо дигар корхонаҳо ва инчунин ширкатҳои машҳури ватанӣ ва хориҷӣ ба роҳ монда, ҳамзамон вобаста ба талаботи замон ва рақобати бозор, ҷиҳати рӯз аз рӯз афзун намудани номгӯйи нави истеҳсоли маҳсулоти пахтагин ва инчунин ба таври ҷиддӣ ва мунтазам такмил додани рушди соҳаи истеҳсолот ва боз ҳам беҳтар намудани сифати маҳсулот, ҷалби харидон ба маҳсулоти истеҳсол намудааш ба таври пайваста кӯшиш ба харҷ диҳанд.

Адабиёт

1. *Барномаи рушди саноати сабук дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2006-2015 (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 31.10.2005 с., № 422).*
2. *Зиёвуддини Н. 50 соли коргоҳи азими бофандагии тоҷик (1942-1992). - Душанбе, 1992. –41 с.*
3. *Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 2018. – 421 с.*
4. *Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 2020. – 495 с.*
5. *Тоҷикистон: 30 соли Истиқлоли давлатӣ. Маҷмуаи оморӣ. - Душанбе, 2021. - 417 с.*
6. *Хотамов Н.Б. Социально-экономические переобразования Республики Таджикистан в период суверенитета (1991-2006 гг.) / Н.Б. Хотамов. – Душанбе, 2008. – 265 с.*
7. *Ҳисоботи ҶДММ “ИИ Нассоҷии тоҷик” дар соли 2020. – 22 с.*
8. *Ҳисоботи ҶДММ “ИИ Нассоҷии Тоҷик” дар соли 2019. - 20 с.*
9. *Ҳисоботи ҶДММ “ИИ Нассоҷии Тоҷик” дар соли 2008 “Дар бораи ивази ном”. – 30 с.*
10. *Ҳисоботи ҶДММ “ИИ Нассоҷии Тоҷик” дар давоми соли 2021. - 25 с.*
11. *Ҳотамов, Н. Таърихи халқи тоҷик (Китоби дарсӣ) / Н. Ҳотамов, Д. Довудӣ, С. Муллоҷонов, М. Исоматов. – Душанбе, 2011. - 716 с.*
12. *Ҳисоботи Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2014-2020. – 88 с.*

ХУСУСИГАРДОНӢ ДАР МИСОЛИ ҶДММ “ИТТИҲОДИЯИ ИСТЕҲСОЛИИ НАССОҶИИ ТОҶИК”

Дар мақолаи мазкур таърихи хусусигардонӣ дар мисоли корхонаи Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди "Иттиҳодияи истеҳсолии нассоҷии точик" мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллиф омилҳои асосии хусусигардонӣ дар ин корхонаро мавриди таҳқиқ қарор дода, инчунин онро мухтасар таҳлил намуда, ниҳоятан ба хулосае омадааст, ки ба ин васила сатҳи аз байнравии корхонаҳои саноатӣ дар кишварро бояд нигоҳ дорем. Дар асоси натиҷаҳои бадастомада аз таҳлили ҳолати ҷории хусусигардонӣ, низоми омилҳои иқтидори истеҳсолии он муайян гардида, ҳамзамон ҷиҳатҳои муҳимми он мухтасар баён карда шудаанд. Дар хотима, хусусиятҳои асосию омилҳои аз байнравӣ мисол оварда шуда, ҳамзамон таъсири онҳо ба рақобатпазирии иқтисодиёти кишвар низ дар мавод қисман баҳогузорӣ карда шудаанд.

Калидвожаҳо: ҶДММ, хусусигардонӣ, иттиҳодияи истеҳсолӣ, саноати сабук, текстил, ҶСК, ҶСП, дохилӣ, хориҷӣ.

ПРИВАТИЗАЦИИ НА ПРИМЕРЕ ООО «ПРОИЗВОДСТВЕНИЕ ОБЪЕДИНЕНИЯ НАССОДЖИИ ТОҶИК»

В данной научной статье рассматривается исследование приватизации на примере ООО «Производственне объединения Нассоджии тоҷик». Автор статья проанализировал факторы приватизации на этом предприятии и пришел к выводу, что таким образом мы можем изменить уровень промышленных предприятий в стране. По результатам анализа современного состояния приватизации определена система ее производственных мощностей и основные аспекты описаны. В итоге были оценены характеристики факторов и их влияние на конкурентоспособность экономики.

Ключевые слова: ООО, приватизация, союз легкой промышленности, текстиль, ЦОК, ЦСП, отечественный, зарубежный.

PRIVATIZATION USING THE EXAMPLE OF LLC "PRODUCTION OF THE NASSOJI TOJIK ASSOCIATION"

In this scientific article, the study of the history of privatization in the case of LLC "II Nassocchii Tochik" is discussed. The author discussed and analyzed the main factors of privatization in this enterprise and came to the conclusion that in this way we can reduce the level of industrial enterprises in the country to a lower level. Based on the results obtained from the analysis of the current state of privatization, the system of factors of its production capacity has been determined and its important aspects have been described. In conclusion, the characteristics of the factors are determined and their impact on the competitiveness of the country's economy is evaluated.

Keywords: LLC, privatization, production union, light industry, textile, CSC, CSP, domestic, foreign.

Дар бораи муаллифон

Ҳотамов Намоз Басарович
Доктори илми таърих, профессор, ходими калони илмии шуъбаи таърихи навтарин
Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ
734025 Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 33
E-mail: namoz.hotamov@gmail.ru

Раҳматов Ҳасан Умарович
Докторант (PhD)-и шуъбаи таърихи навтарин
Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ
734025 Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 33
E-mail: hrahmatov1997@gmail.com

Об авторах

Хотамов Намоз Басарович
Доктор исторических наук, профессор, старший научный сотрудник отдела новейшей истории
Институт истории, археологии и этнографии им. А. Дониша НАНТ
734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудакӣ, 33
E-mail: namoz.hotamov@gmail.ru

Рахматов Хасан Умарович
Докторант (PhD) отдела новейшей истории
Институт истории, археологии и этнографии им. А. Дониша НАНТ
734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудакӣ, 33
E-mail: hrahmatov1997@gmail.com

About the authors

Hotamov Namoz Basarovich
Doktor of Historical Sciences, Professor, Chief Researcher of the Department of Contemporaru History
Institute of History, Archeology and Ethnography named after A. Donish of the NAST
734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 33 Rudaki ave
E-mail: namoz.hotamov@gmail.ru

Rahmatov Hasan Umarovich
Doctoral student, PhD of the Department of Contemporaru History
Institute of History, Archeology and Ethnography named after A. Donish of the NAST
734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 33 Rudaki ave
E-mail: hrahmatov1997@gmail.com

ТДУ 94 (584)

ЗИНДАГӢ ВА КОРНОМАИ А. БЁРНС ДАР ЧОРЧӮБИ СИЁСАТИ БРИТОНИЁӢ ДАР ОСИЁ

Негматов Д. Н.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Дар таърихнигорӣ муайян намудани нуқтаҳои муҳими шарҳи ҳоли А. Бёрнс ва фаъолияти ӯ яке аз масалаи муҳим ба шумор меравад, зеро ҳангоми муайян кардани ин масъала мо манзараи ташакули шахсияти ӯ ҳамчун олим, дипломат ва саёҳ ба даст меорем. Ҳаёт ва фаъолияти А.Бёрнс бо вазъи сиёсии дар ин давра дар Осиё хусусан Ҳиндустон, Афғонистон, Эрон, Мовароуннаҳр ва дигар мамлакатҳои ҳамҷавор ташаккул ёфта, бо он алоқамандии зич ва пайвастагии ногусастанӣ дошт.

Маълумотҳо доир ба шарҳи А. Бёрнс асосан аз иншои ӯ "Саёҳат ба Бухоро" ва қайдҳои китоби ӯ дар Афғонистон Мохан Лал, ки дар охирин солҳои ҳаёти А.Бёрнс дар Кобул ӯро доимӣ ҳамроҳӣ карда, шоҳиди тамоми воқеаҳое, ки он замон дар Афғонистон рӯй медоданд, гирифта шудаанд. Баъзе маълумотҳо оид ба шарҳи ҳоли А.Бёрнс аз китоби Михаил Гус «Дуэл в Кабуле» истифода шуданд [3, с. 122].

Мувофиқи маълумотҳои худи А.Бёрнс, ӯ дар соли 1805 дар оилаи Мири шаҳри Монтроз Ҷеймс Бёрнс, ҷияни амакбачаи шоири машҳури Шотландия Роберт Бёрнс таваллуд шудааст. Дар оила онҳо чор бародар буданд. Бародари калонии ӯ тибро афзал шуморида, дар Лондон таҳсил мекард, то ки баъдан дар Ҳиндустон хизмат намояд. Бародари дуюм дар коргоҳи дӯсти падараш майдасолори маҳаллӣ кор ва таҳсил мекард. Бародари сеюм худро ба кори динӣ бахшида буд. Ончи мекард ба худи Александр дахл дошт, пас ӯ таърихро авло дониста ба омӯзиши корҳои таърихӣ шуғл варзида, ба фаъолияти сиёси ҷидду ҷаҳд мекард. Ӯ хеле илмдӯст буд ва аз бачагӣ баҳсҳои шифоҳиро бо ҳамсолонаш дӯст медошт. Он замон барои баҳсҳои наврасон «Ҷамъияти ҷавонони баҳскунанда «таъсис дода шуда буд ва дар он Александр дар мавзуи худи ӯ пешниҳодкарда суханронӣ кард; «Барои доро шудан ба дониш, хониш ё саёҳат манфиатбахш мебошад «Азбаски ӯ хондани китобҳоро ниҳоят дуст медошт, бе таърих ҷавоб дод, ки «хониш – барои андӯхтани дониш нисбатан қулай ва манфиатбахш мебошад» Падар, ки ниятҳои ҷавонро хуб медонист, ба дӯсти худ, аъзои парламент Ҷон Юм, ки дар он замон дар Монтроза агенти сиёсӣ буд, муроҷиат кард. Бо кӯмаки ӯ Александр ба рӯйхати юнкерҳои пиёдагард дар Бомбей ворид карда шуд.

Барои сафарбарӣ ба Ҳиндустон ба Александр лозим меомад, ки аз суҳбат бо аъзои Шурои директорони ширкати Ост-Индия, ҷониби Стенли Кларк гузарад. Бинобар ин, Ҷон Юм 15 марти соли 1821 Александрро ба идораи Стенли Кларк, барои гузаронидани суҳбат овард. Вале гуфт, ки ӯ ба рӯйхати юнкерҳо дар Бомбей дохил карда шудааст ва дар ин ҳол қайд кард, ки ӯ дар моҳи июн-ҳангоме, ки ба синни 16 солагӣ медарояд, ба Бамбей раҳсипор шавад. То он вақт ба ӯ лозим меомад, ки бо профессор Джилхирст аз машғулияти омодагӣ гузашта ва баъди он дар назди аъзоёни Шурои директорон савганд қабул намояд. Александр дар назди профессор Джилхирст ду моҳ таълим гирифта, бо қоидаҳои будубош дар Ҳиндустон шинос шуд. Дар онҷо ӯ ҳизби парламентии соли 1817-ро, ки муносибатҳои миёни ширкати Ост-Индияро ҳамчун ташкилоти хусусӣ бо ҳукумати Англия муайян месохт, омӯхт. Ӯ бо дастурҳои асосӣ ва системаи маъмурии идоракуии Ҳиндустон шинос шуда, инчунин вазъи сиёсии Ҳиндустон ва муносибатҳои байниҳамдигарии дохилии онро бо давлатҳои ҳаммарз омӯхт. Дар тули ин ду моҳ Александр инчунин забонҳои ҳиндӣ ва банғолиро низ омӯхт.

Ҳамин тариқ, баъди курси думоҳаи омодагӣ ва савгандёдкунӣ, 7 июни соли 1821 Александр бо бародари худ духтур Ҷеймс бо пакетботи «Сарра» аз Лондон ба самти Бамбей ба шино баромада, 21 октябри соли 1821 ин сафар ба анҷом расид.

Санаи 5 ноябри соли 1821, Александр Бёрнс ба баталёни 1-уми полки 3-юми пиёдагарди маҳаллӣ дар Бомбей ба қайд гирифта, 19-ноябр дар парад иштирок намуд. Азбаски ӯ ба илм ва сиёсат шуғл меварзид, ба зудӣ имтиҳонҳоро ба тарҷумонӣ супорид. Ин қадами нахустин дар он болоравии ҳарбӣ сиёсие буд, ки дар бораи он ӯ мудом орзу мекард. Ӯро адютанти командири полки пиёдагардӣ полковник Кемпбеллӣ таъин карданд. Вақти холигии худро А. Бёрнс ба машғулиятҳои забонҳо, география, омӯзиши таърихи мамлакатҳои ба Ҳиндустон ҳамҷавор сарф мекард. Ӯ корҳои муаррихони қадимаро мутолиа мекард, то ки оиди таърихи мамлакатҳои осиёӣ маълумотҳои ҳарчи бештаре пайдо намояд.

Дар моҳи апрели соли 1825, дастнишондаи британӣ аз нав ба муқобили амирони Синд кӯмак пурсид ва ба Катч полки пиёдагарди А.Бёрнс ва полки кавалерӣ фиристода шуданд.

А.Бёрнс ба ситоди бригадаи лашкари саҳроӣ ба сифати квартирмейстер-мудири манзил ва озуқаи аскарон ба хизмати сафарӣ фиристода шуд ва дар тақдири ӯ гардиш ба амал омад. Ӯ дар он ҷо бо капитан Поттинджер шинос шуд. А.Бёрнс ба Катч омада вақти зиёдро ба тартиб додани харитаи роҳҳои то ин замон номаълум дар Шимол сарф менамамуд. Дар соли 1826 А.Бёрнс аз Катч ба Бомбай ба сифати ёрдамчии генерал – квартирмейстер лашкари Бомбай баргардонда шуд [2, с. 123].

Дар соли 1827 дипломат ва ҷосуси ботаҷриба сэр Ҷон Малколм губернатори Бомбай таъин гардид. Тақдир ба А. Бёрнс даст дод, ки бо чунин дипломати машҳур ҳамкорӣ намуда дар оянда таҷрибаи ӯро дар амалӣ гардонидани бисёр вазифаҳои мураккаб истифода намояд. Дар ибтидои солҳои 1830 Малколм А. Бёрнсро аз лашкар ба департаменти сиёсӣ – шуъбаи муҳимтарини маъмурияти британӣ гузаронданд, ки он ба тамоми фаъолияти дипломатӣ ва ҷосусӣ дар мамлакатҳои дар Ҳиндустон ҳамшафат роҳбарӣ мекард. Ҳамин тавр, дар бисту панҷсолагӣ ӯ ёрдамчии дастнишонда дар Катч таъин шуд, ки дар Ғарб Ҳиндустони Британиро аз резишгоҳҳои Ҳинд ҷудо мекард.

Ҳукумати англисӣ баҳри амалӣ кардани нақшаҳои забткоронаи худ дар Осиё мехост муносибатҳои худро бо ҳокими Панҷоб Ранджит Сингх мустаҳкам гардонад ва бо ин мақсад Шурои назоратӣ ва Шурои директорони ширкат қарор доданд, ки аз номи шоҳи нави Англия Вилгелми IV аспҳоро ҳамчун туҳфа ба ҳокими Панҷоб ва агенти дипломатиро бо номи шоҳи ва ин ҳадяҳо ба воситаи дарёи Ҳинд равона созанд. Баъди он ки оиди амалӣ кардани эъзомия қарор қабул шуд. Мамлакат барои иҷрои ин вазифа номзадии Александр Бёрнсро ҳамчун агенти дипломатӣ тавсия дод. Моҳи декабри соли 1830 А. Бёрнс аз Катч ба Бомбей ҷеғ зада шуд. Ӯро Малколм қабул кард ва ба таври муфассал бо супориши ба ӯ вогузор кардашуда ошно сохт: ӯ на танҳо расонидани аспҳо, туҳфаҳои шоҳ ба ҳокими Панҷоб, балки инчунин барои мустаҳкам гардондани робитаҳо бо Ранджит Сингх ва ба даст овардани ризоияти амирони Синд ба киштигардии мунтазам ба воситаи Ҳинд масъулгардид. Ғайр аз ин, ба ӯ супориш дода шуд, ки ба таври муфассал бо вазъи вилоятҳои наздисоҳилии Ҳинд шинос шуда, ҳарчи бештар доир ба Ҳинд иттилои муфассал ҷамъоварӣ намояд.

Чӣ тавре, ки худи А.Бёрнс дар пешгуфтори китоби «Саёҳат ба Бухоро» менависад: «Мақсади асосии саёҳати ӯ дар тадқиқи маҷро дарёи Ҳинд иборат буд, ки то ба он замон танг ва ҷойҳои муайяни он ба воситаи он саёҳони пешгузаштаи ӯ мегузаштанд маълум буданд. Он ҳудуд ба ҷузъ аз он қисмате, ки дар миёни Таттоӣ ва Ҳайдаробод воқеъ буд, ҳанӯз муайян карда нашуда буд. Аз рӯйи суханони худи муаллиф, муваффақиятҳои ӯ дар ин чорабинӣ, ки бо бисёр душвориҳо ва наздикшавӣ бо қабилаҳои гуногун рабт дошт, дар ӯ хоҳиши дидани заминҳои нав, ташриф овардан ба мамлакатҳое, ки як замонҳо Искандари Македонӣ фатҳ карда буд, афзун мегардонд.

Баробари анҷом додани ин омодагиҳои пешакӣ А.Бёрнс дастури қатъӣ гирифт. Дар номаи махфӣ, ки аз номи китоби асосии ҳукумати Бомбай ворид гашта буд қайд мешуд, ки барои ҳукумат маълумотҳо доир ба чуқурӣ, паҳноӣ ва самти обҳои Ҳинд сарчашмаҳои маводҳои сӯзишвории дар соҳилҳои он мавҷудбуда, вазъи ҳокимон ва халқҳо, вазъи заминҳои обёришаванда хеле муҳим мебошанд. Ҳамсафарони А.Бёрнс поручики полки 22-юми пиёдагард, афсар Ж.Д.Ликки заминсоз духтур ва миқдори лозимии дигар хизматгорон таъин шуда буданд.

Аз 21 январи соли 1831 гурӯҳи А.Бёрнс бо флоти иборат аз 5 киштии маҳаллӣ аз Мандив ба Катча ба роҳ баромада бегоҳии 24-уми январ онҳо дар резишгоҳи Кори-шоҳоби Шарқии Ҳинд, ки онҷо амирони Синд ҳукмронӣ доштанд, лангар партофтанд А.Бёрнс ба Дараджи ба назди идораи амирон қосид фиристод ва аз ниятҳои худ хабар дод. Баъд аз якчанд рӯз тӯдаи одамони мусаллаҳ-аскарони амирон расида омада, ба тафтиши киштиҳо оғоз карданд. Онҳо ягон чизи шубҳанок пайдо накарда, ҳатто аз силоҳ надоштани онҳо ба тааҷҷуб афтоданд. Баъди ин сардори ин гурӯҳ изҳор кард, ки ӯ оиди ин ҳама ба Ҳайдаробод-пойтахти Синд хабар медиҳад ва ба онҳо лозим меояд ҷавоби амирро интизор шаванд. Баъди рафтани онҳо гурӯҳи А. Бёрнс лангарро бардошта ба дарё фаромаданд. Дар роҳ онҳо бо гурӯҳи одамони мусаллаҳи камшумор рӯ ба рӯ шуданд, ки онҳоро муҳосира карда гуфтанд, ки ба онҳо амр карда карда шудааст, ки онҳоро аз мамлакат пеш намоянд. Тӯдаи ҷангталаби сокинони деҳаҳои наздисоҳилӣ киштиҳои А.Бёрнсро бо доду фарёд ва дашному ҳақорат гусел намуданд. Дар бисёр мавзеъҳо ба англисҳо муяссар намешуд, ки аз хавфи амалҳои душманонаи аҳолӣ ба соҳил наздик шаванд. Гуфтушунидҳо муваффақияте надоданд ва А.Бёрнс ба ҳокимони Синг ва резиденти сиёсии Англия дар Катч полковник Поттинджер нома равон кард.

Ба зудӣ аз амир номае гирифтанд, ки бо сабки ниҳоят дӯстона, бо сабаби хатарҳои фиребдиҳандаи умқи дарёи Ҳинд ба киштиҳо дархости шинокунии онҳо рад карда шуд. Баъди душвориҳои сершумор ва номусоидии ҳаво, аз чор кишти онҳоро ҳамроҳикунанда, танҳо яктоаш метавонист аз пайи онҳо роҳ пеш гирад. Дар Пиетиен, резишгоҳи Ҳинд онҳо лангар партофтанд ва А. Бёрнс ба агентӣ дар Дараҷ нома фиристода дар он такроран хабар дод, ки ӯ намояндаи англисҳо мебошад ва барои супоридани туҳфаҳо назди амири Синд раҳсипор аст. Ӯ ёдовар шуд, киштии ӯ аз тарафи одамони амир тафтиш карда шудааст. Минбаъд навишта буд, ки ҳаёти ӯ дар дасти онҳост ва онҳо бояд донанд, ки амир ҳар касеро, ки онҳоро меранҷонад, ба ҷавобгарӣ мекашид. Аммо хизматгорони бозгашта, изҳор карданд ба онҳо иҷозат соҳил фаромадан ва дигар амалиётҳои марбут ба озуқа ва об таъмин кардани киштиҳоро надоданд. Дар ҷавоби амири Синдӣ ба осонӣ дарк намудан мумкин буд, ки ӯ ба ин эъзомия бо боварӣ ва тарсу ҳарос нигоҳ мекард. Ӯ ошкоро чизеро иброз намедошт, вале ҳама вақт душвориҳои дарёнавардиро бо Ҳинд аз будаш зиёд қайд мекард.

А. Бёрнс ду маротиба кӯшиш ба ҳарҷ дод, ки ба Лоҳур назди Ранджит Синг дарояд, вале ба Синг расида ба таҳқиру маҳрумиятҳо дучор гашта, маҷбур шуд, ки қафо баргардад

Баъди гуфтушунидҳо ва муҳокимаҳои тулонӣ полковник Поттинджер ва ҳокимиятҳои маҳаллӣ аз Ҳайдаробод номаҳое дастрас шуднд, ки дар онҳо қайд мешуд, ки А.Бёрнс бо гурӯҳи худ метавонад бо роҳҳои хушкӣ ба воситаи мулкҳои Синд роҳ пеш гирад.

Дар моҳи марти соли 1830 А.Бёрнс бори сеюм барои вохӯрӣ бо Ранджит Синг раҳсипор шуда, ба шаҳри Паттӣ расид. Ӯро Саид Ҷидалшоҳ, ки меҳмондор, яъне амалдори олимақом ё қабулкунандаи меҳмононро ҳамроҳи мекард. Баъди интизории начандон тӯлонӣ ба назди онҳо намояндаи амир Саид Зулфиқоршоҳ расида омад ва изҳор кард, ки ба ӯ супориш дода шудааст А.Бёрнсро ба Ҳайдаробод ҳамроҳӣ намояд. Александр ба таври қатъӣ ба онҷо рафтанро рад кард.

Ӯ шарт гузошт, ки агар амир хоҳони мустаҳкам кардани ришташои дӯстӣ бо Англия бошад, пас ӯ бояд ба онҳо иҷозат диҳад, ки роҳи худро ба воситаи дарёи Ҳинд идома диҳанд. А.Бёрнс қобилиятҳои фавқулоддаи дипломатӣ матонат ва мардонагӣ зоҳир намуда баъди муколамаҳо ва гуфтушунидҳои тулонӣ ба шино ба воситаи дарёи Ҳинд иҷозат гирифт. Ӯ ва ҳамсафаронаш ба воситаи дарёи Ҳинд гузашта он мавзеъҳоро бодиққат омӯхта, наворбардори геодезӣ ва магнитиро ба анҷом расонида, намунаҳои флора ва фауна (олами наботот ва ҳайвонот)-ро ҷамъ оварда, мекӯшиданд шиносоӣ ва робитаҳоро ба роҳ монанд.

Ниҳоят, дар нимаи дуюми моҳи апрели соли 1830 А.Бёрнс ба Ҳайдаробод расид. А.Бёрнс бо гурӯҳаш аз тарафи одамони вазири синдӣ Валӣ Муҳаммадхон пешвоз гирифта шуд ва онҳоро дар хонаи ин вазир ҷойгир намуданд. Бинобар набудани вазир, писари ӯ меҳмондории онҳо таъин карда шуд. Одамоне, ки муддати зиёд ба ҳудудҳои Синд воридшавии онҳоро манъ карда буданд, акнун онҳоро бо иззату эҳтиром қабул карда, ба онҳо хизмат мекарданд. А.Бёрнс ба амири Синд аз ҷониби писараш Носирхон муаррифӣ

карда шуд. Амир А.Бёрнсро бо иззату эҳтиром қабул карда, изҳор кард, ки ӯ чи аз рӯйи корҳои сиёсӣ ва чи хусусӣ дӯсти ӯ мебошад, зеро бародари Александр Ҷеймс-и А.Бёрнс ӯро аз бемории хатарнок муолиҷа намуда буд. Дар ин ҳол ӯ хоҳиш намуд, ки ҳама душворию мушкилотҳо ва монеаҳо, ки пеш аз ин вохӯрӣ рух дода буданд, фаромӯш кунанд ва қайд кард, ки иттифоқчии ҳукумати британӣ ва дӯсти самимии А.Бёрнс ба шумор хоҳад рафт.

Ҳангоми будубош дар Ҳайдаробод А.Бёрнс маводҳои муҳими сершумор дастрас кард, ки ҷамъоварӣ кардани онҳо яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи ӯ ба ҳисоб мерафт.

А.Бёрнс ҳама мушкилотҳоро бартараф карда 18-уми июли соли 1831 ба пойтахти Панҷоб – шаҳри Лоҳур расид ва аз ҷониби роҳбарони он ва шахсан Ранджит Синг ба таври ботантана истиқбол гирифта шуд. Баъдан А. Бёрнс ба таври ботантана ба ӯ панҷ аспро, ки амали Англия ба Ранджит Синг бо аломати эҳтиром ҳамчун тӯҳфа фиристода буд бо нома аз номи Элленбор супорид.

Дар моҳи декабри соли 1831 баъди иҷрои ин вазифаи хеле муҳим А.Бёрнс ба Симла омад, ки он замон дар кӯҳҳои Ҳимолой онҷо генерал- губернатори Ҳиндустон лорд Уиллям Бентино истиқомат мекард. А.Бёрнс ба ӯ ҳисоботи муфассали худро оиди намояндагон ба Синд ва Панҷоб пешниҳод намуд. Ӯ дар бораи он сухан кард, ки вазъиятро дар Афғонистон, хонигариҳои Мовароуннаҳр ва инчунин дар Эрон таҳқиқ карда, ба хулоса омад, ки бояд санҷид, ки онҳо то кадом андоза таъсири Россия бузург мебошад.

Минбаъд дар назди А.Бёрнс сафар ба Кобул меистод, ки ҳокими он Дӯстмҳаммадхон аз миёни ҳокимони баракзоӣ буд.

Ӯ дар соли 1826 шаҳри Ҳиротро дар зери ҳокимияти худ мутеъ карда, унвони амириро қабул намуда, сиёсати муттаҳидкуниро пеш мебурд, ки ин боиси нигарони ва изтироби мустамликадорони британӣ мегардид, ки онҳо мекӯшиданд ба муттаҳидшавии қабилаҳо ва мулкҳои парокандаи афғонӣ ва инчунин мустаҳкамшавии давлати афғонӣ халал расонанд.

Доираҳои ҳукмрони Лондон вазъи сиёсии минтақаро омӯхта, ба хулосае омаданд, ки ба Ҳиндустон аз ҷониби Россия хатар таҳдид намекунанд. Бо тавсияи ҳукумати Англия Бентинк мебоист эъзомияи одамони соҳибмаълумотро баҳри дастрасӣ кардани маълумотҳо доир ба мамлакатҳое, ки бо Мовароуннаҳр ва Каспӣ ҳамҷавор буданд, мефиристод. Ин вазифаи махсус ва мураккабро Бентинк ба А.Бёрнс вогузор кард [1, с. 158].

23-юми феврали соли 1831 А.Бёрнс дар Дели шиноснома гирифта 3-юми январи соли 1832 ба воситаи Сатлеҷ ба Панҷоб гузашт. Ҳангоме ки А.Бёрнс сафари худро ба самти Афғонистон оғоз кард, агенти сиёсии британӣ дар Лудхиан капитан Клод Уэйд нақшае тартиб дод, ки мувофиқи он мекӯшид дар Афғонистон ҳокимияти дастнишондодаи англисӣ Шуҷулмулкро барқарор намояд. Дар Лудхиан ва Лоҳур миёни Шуҷулмулк ва Ранҷит Синг созиш ба имзо расонда шуд, ки мувофиқи он Шуҷулмулк ба ивази кӯмаки ҳарбӣ дар юриш ба Қандаҳор ва Кобул мебоист Пешоварро ба Ранҷит гузашт мекард. Ҳамин тавр, дар моҳи феврали соли 1832 дастаҳои Шуҷулмулк, ки дар назди ноҳияи Лудхиан ҷамъ омада буданд ба Афғонистон юриш оғоз карданд. Онҳо ба воситаи Синд гузашта аҳолии маҳалиро ғорат ва хонахароб сохта, ба Қандаҳор раҳсипор шуданд. Амири ба изтиробомадаи Афғонистон Дӯстмуҳаммадхон ба Уэйд нома фиристода пурсон шуд, ки оё Шудж ал Мулк бо маслиҳати англисҳо амал намекарда бошад. Ӯ дар ҷавоб иброз намуд, ки Англия дар ҳеҷ ягон ҳолат ба Шуҷулмулк мақсади ёри расонданро надорад.

А.Бёрнс оиди ин бозии дутарафа хабар надода, шитоб накарда сӯи Кобул ҳаракат мекард. Бо ӯ ҷарроҳи лашкари банғол Ҷеймс Ҷерард, заминсанҷ Муҳаммал Алӣ, ки дар донишкадаи муҳандисӣ дар Бомбей таҳсил мекард ва ҳиндуе аз Кашмир Мохан Лал, ки донишкадаи англисиро дар Деҳлӣ хатм карда буд, ҳамсафарӣ доштанд. Аз хизматгорон А.Бёрнс танҳо як нафарро нигоҳ медошт, то ки ӯ ва ҳамсафаронашро одамони дороияшон кам пиндор намоянд. Дар ин ӯ воситаи дурусти таъини бехатарии худро медид.

Ҳангоми сафар ба Кобул А.Бёрнс бо мақсади бехатарии худ шакли осиёгии либосро ба бар карда, муйи сари худро тарошида, риши худро ранги сиёҳ кард, то ки ба сокинони маҳаллӣ монандӣ дошта бошад. Ӯ бо забони форсӣ ба монанди забони модарии худ хуб ҳарф мезад, расму одатҳои онҳоро пайравӣ мекард, дини онҳоро эҳтиром мекард вале дар ин ҳол ҳеҷ гоҳ аврупоӣ будани худро пинҳон намедошт.

Вақте ки А.Бёрнс ба Кобул омада расид, ба он ҷидду ҷаҳд мекард, ки ӯро ба ҳоким муаррифӣ намоянд. Бегоҳии 4-уми майи соли 1832 ҳокими Афғонистон Дӯстмуҳаммадхон (1826-1863) барои қабул ӯро ба қасри Болои Ҳисор, ки ӯ ба онҷо якҷо бо ҷаноби Волф рафта буд, даъват кард. Дӯстмуҳаммад онҳоро дӯстона қабул кард.

Ҳангоми будубош дар Кобул А.Бёрнс ба мавзеъҳои ҷолиби он шинос шуда, маводҳои барои англисҳо заруриро гирд овард. Аз ҷумла, ӯ доир ба Кобул менависад «Кобул шаҳри фалаҷ ва серодам буд. Он шаст ҳазор аҳолӣ дошт. Бозори калон аз растаҳои зебо иборат буда, қариб 600 фут дарози ва 30 фут паҳноӣ дошта, он ба чор қисмати баробар тақсим гашта буд. Нақшаи шаҳр хеле хуб тарҳрезӣ шуда буд, вале фаввораҳо ва ҳавзҳои об акнун дар ҳоли ҳароб қарор доштанд».

Минбаъд ӯ қайд мекунад, ки Кобул хеле танг сохта шудааст: хонаҳо чандон зебою дилкаш нестанд ва аз чӯби дарахтон ва хишти дар офтоб хушконида бунёд гардидаанд. Шумораи биноҳои дуошиёна чандон зиёд нестанд. Дарёи Кобул ба воситаи шаҳр гузашта, аз рӯи ривоятҳо, онро се маротиба шуста ё зери об мононда аст. Дар даврaҳои боронӣ аз Кобул дида ҷои ифлостарин нест.

А.Бёрнс 27-уми июни соли 1832 ба Бухоро омад. Ӯ дар ин бора чунин менависад. «Баробари ба Бухоро омадан ташвиши аввалини мо ин тағйири либос кардан ва аз ҳама ҷиҳат ба қоидаю қонунҳои дар ин мамлакат ҷоришуда риоя кардан буд, гарчанде муроҷиат кардан ба вазир метавонист эҳтимол моро аз чунин зарурат халос мекард». Мо фавран салаҳои худро бо либосҳои нозеби пашмӣ, пашми гӯсфандӣ иваз карда, бо миёнбанд ришtаи дағал ё тасма бастем, инчунин куртаҳои боло ва ҷӯробҳои дарози худро, ки дар шаҳри муқаддаси Бухоро тафовути зоҳириро миёни ғайридинҳо ва муъминон ташкил медод, кашида баровардем. Мо аз он огоҳӣ пайдо кардем, ки танҳо муҳаммадиён ҳуқуқ доранд дохили деворaҳои ин пойтахт гаштугузор намоянд то хушнудона розӣ шудем, ки пиёда гашта бо чунин қурбонии ночиз имкони зиндагӣ карданро барои худ дар ин шаҳр ҳар қадаре, ки барои мо лозим бошад, ҳарида гирем; дар шаҳре, ки дар шеърҳои Самарқандро тасвиркунанда он биҳишти умумиҷаҳонӣ нишон дода шуда, қалъаи ислом ва эътиқод номида мешуд.

Ҳангоме ки онҳо ба шаҳр даромаданд, онҳоро кофтукоб накарданд, вале баъди хӯроки нисфирӯзӣ амалдор пайдо шуда, онҳоро ба назди вазир даъват кард. Бинобар бемории рафиқи ӯ Жерард, ба худи ӯ лозим омад, ки ба қаср назди вазир равад, ки он ҷо ӯро қушбегӣ меномиданд, яъне хӯҷаини тамоми бекҳо, ки нуфузи хеле калонро доро буд. Ҳангоми ба ҳуҷра ворид шудани А.Бёрнс ба қушбегӣ соати нуқрагин ва либоси кашмириро, ки бо нияти тақдим кардан оварда буд, пешкаш намуд, аммо қушбегӣ аз ин ва дигар инъом даст кашида гуфт, ки ӯ ғуломи ҳокими худ мебошад.

Наздикиҳои соати ду қушбегӣ аз корҳои шахсӣ ва мақсадҳои ба ин мамлакати дурдаст омадани ӯ пурсон шуд. Он гоҳ А.Бёрнс ба ӯ қиссаи сафарҳояшро нақл карда шиносномаи аз генерал-губернатори Ҳиндустон доштаашро пешниҳод кард. Вазир бодиққат онро хонда баромад. Баъдан А.Бёрнс илова кард, ки азбаски Бухоро дар миёни тамоми шаҳрҳои шарқӣ шаъну шуҳрати ниҳоят зиёд дорад, ӯ қариб ки дидаю дониста ба Туркистон омадааст, то ки онро бубинад.

Қушбегӣ аз касбу кор ва шуғли ӯ пурсон гашт ва А.Бёрнс ҷавоб дод, ки ӯ дар лашкари ҳиндӣ аскар шуда хизмат мекунад. Минбаъд гуфтугӯҳо дар атрофи урфу одатҳо ва сиёсати Аврупо ва хусусан Россия, ки ӯ бо он хеле хуб шинос буд, идома карданд. Дар ҷавоб ба саволи онҳо А.Бёрнс гуфт, ки ӯ бо худ октанд дорад ва ин асбобро бо худ танҳо барои он мегардонад, ки мушоҳидаи ситораҳо ва дигар ҷирмҳои осмониро хеле дӯст медорад ва онҳо барои омӯзиш хеле ҷолиб мебошанд.

Баъд аз ду рӯз ин пешниҳод ба А.Бёрнс аз нав ба назди қушбегӣ даъват гардид ва ӯро дар доираи шахсиятҳои бунуфуз, ки мехост онҳоро муаррифӣ намояд, дарёфт намояд. Баъди ин қушбегӣ эълон кард, ки хушнуд мебуд, агар бегоҳиҳо ӯро дар хонаи худ бинад ва хоҳиш кард, ки ба ягон чизи нодире, ки аз Ҳиндустон ё ватани худ овардаанд, нишон диҳанд. А.Бёрнс ба ӯ қутбнамои нави патентдорро бо тамоми винтҳои сершумор ва рефлекторҳо нишон дода, ба ӯ истифода ва манфиати онро шарҳ дод. Инро шунида қушбегӣ бо исрор

фурӯхтани онро хоҳиш кард. Вале А.Бёрнс ӯро бовар кунонд, ки ин ашёро дидаю дониста аз Ҳиндустон чун туҳфа овардааст, зеро эътимоди онҳоро ба дин хуб медонист ва ин асбоб имкон медиҳад ба таври дақиқ мавқеи Маккаро муайян созад ва қиблаи масҷиди калонро, ки ӯ он вақт дар Бухоро бунёд мекард, санҷида барояд. Қушбегӣ бо мамнуният ин туҳфаҳоро қабул кард. Баъди ин кор А.Бёрнс бо рафиқони худ ҷасурона аз хона баромада дар рӯзи равшан нотарсона сайру гашт карда, бехавф аз тамоми шаҳр дидан мекарданд.

А.Бёрнс ҳангоми сайру гашти худ дар шаҳр бодиққат доир ба тамоми ашёҳо ва масъалаҳое, ки барои ӯ ҷолиб буданд, мушоҳида карда, бисёр маълумотҳои ҷолиб ҷамъ оварда.

Ӯ ба ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодии шаҳр таваҷҷуҳи махсус зоҳир мекард. Ӯ ба тарзи ҳаёти халқиятҳои гуногун, ки дар Бухоро истиқомат доштанд, машғулияти онҳо диққат медод. Ахлоқ, шуғл, тарзи ҳаёт, муносибати сокинони маҳаллиро бо муҳоҷирони омада меомӯхт. Аз рӯйи маълумотҳои ӯ, дар Бухоро то 4000 яҳудиён истиқомат доштанд.

А.Бёрнс қайд мекунад, ки аз рӯи суханони одамон, аз чор сеяки сокинони Бухоро баромади ғуломӣ доштанд. Ӯ оиди сокинони Бухоро менависад, ки онҳо асосан ба шаҳр бо аспҳо меомаданд ва ҳамавақт пойафзолҳои пошнаи баланд ва борик дошта мепӯшиданд. Бисёр шахсиятҳои бонуфуз, доро аз болои мӯзаю пойафзол кафш мепӯшиданд ва ҳангоми вориди хона шудан онро аз по мекашиданд.

Занони Бухоро қисмати зиёдашон аспсавор мегаштанд ва дар зин миёни мардон менишастанд. Шумораи ками онҳо пиёда гашта, ҳамаи онҳо бо рӯйпӯши сиёҳи муинагӣ гаштугузор мекарданд.

Аз рӯи мушоҳидаҳои А.Бёрнс, дар бозорҳои Бухоро тиҷорати гарму ҷушон пеш бурда мешуд. Онҷо бозори ғуломфурӯшӣ ҳам вуҷуд дошт, ки қисмати зиёди онҳоро туркманҳо аз Форс ташкил медоданд. Онҷо хитоиҳоро ҳам мефурӯхтанд, гарчанде ки ин ҳолат кам рӯй медод.

Дӯстии А. Бёрнс бо қушбегӣ батадриҷ мустаҳкам мешуд ва аз ҳолати мувофиқ истифода карда А.Бёрнс аз ӯ хоҳиш кард, ки ӯро бо ҳоким муаррифӣ намояд, аммо ин кор муваффақият пайдо накард. А.Бёрнс ба он муваффақ шуд, ки бо қушбегӣ ба он дараҷае муносибатҳои хуб барқарор намоянд, ки борҳо меҳмони вазири якуми Бухоро гардад. Ӯ бо қушбегӣ масъалаи бозгашти худро муҳокима кард. Кушбегӣ ба ӯ маслиҳат дод, ки ҳамроҳи корвон иборат аз дусад шутур, ки омада буд, ба Россия раҳсипор гардад ва Бёрнс метавонист ҳамроҳи онҳо ба Троитск равад, вале ин кор ба нақшаи А.Бёрнс намедаромад, зеро ки аввалан ин роҳ аз тарафи миссияи русҳо аллакай тадқиқ шуда буд, дуюм онҳо хоҳиши ба қисмати осиёгии Россия ворид шуданро надоштанд. Ба вазифаи А.Бёрнс гузаштан аз мулкҳои Хева расидан ба марзҳои Эрон ва ба воситаи биёбонҳои туркманӣ ба баҳри Каспий расидан дохил мешуд. Кушбегӣ ваъда дод, ки дар ин кор ба ӯ кӯмак мерасонад.

А.Бёрнс дар тули саёҳати беш аз якуниммоҳа бо бисёр моҷароҳо ба воситаи мулкҳои хевагӣ ва заминҳои туркманҳо гузашта 11-уми сентябр корвони онҳо аз маҷрои хушкшудаи дарёи Таҷан гузашта,14-уми сентябр дарвозаҳои шаҳри Машҳад ба рӯйи онҳо боз гардид.

Ҳангоми гузаштан аз ин маҳалҳо А.Бёрнс доир ба ин мавзеъҳо маълумотҳои муҳим ҷамъ оварда, ҳамаи ин маълумотҳоро, ки ба ӯ мароқовар буданд, барои худ қайд карда гирифт. Чунончи, ӯ дар бораи биёбони туркманҳо менависад, ки “ Биёбони туркманӣ дар худ уқёнуси васеи қумро тачассум мекунад, дар баъзе ҷойҳо он ҳамвор, дар дигар ҷойҳои он баландиҳоро ташкил медиҳад, ки инро мо дар соҳилҳои баҳрӣ бештар дида метавонем”.

Дар Машҳад ҳамсафари А.Бёрнс Ҷерард ба воситаи Ҳирот-Қандаҳор ба Кобул раҳсипор шуд ва А.Бёрнс бошад, 29-уми сентябр ба водии дарёи Атрек ба баҳри Каспий ба сафар баромад, то ки пешравии имконпазири ҳаракати лашкари русро бо ин роҳ санҷида барояд. Мамлакати қабилаҳои туркмании гекленҳо ва намудҳоро гузашта то бандари Каспий ба Астаробод расид.

Ҳамин тариқ, ба А.Бёрнс лозим омад, ки ба ҳарду роҳ, ки дипломатия ва ҳокимияти англо-ҳиндустонӣ тохтутози Россияро ба Ҳиндустон имконпазир меҳисобиданд, сафар намоянд.

22-юми октябр А.Бёрнс ба Теҳрон омада расид ва дар хонаи сафари британӣ дар Эрон сэр Ҷон Кемпбелл, ки 26-уми октябр ӯро ба шоҳи Эрон Фатҳалишоҳ муаррифӣ кард, қарор гирифт. Фатҳалишоҳ бо А.Бёрнс суҳбати тулонӣ дошт, ки дар он аз ҷониби англисҳо сафир Ҷон Кампбелл, капитан Макдоналд ва аз ҷониби Эронӣ вазирони ӯ ҳузур доштанд.

Шоҳ аз ӯ оиди саёҳатҳо доир ба Кобул, Бухоро ва дигар мамлакатҳои ташрифовардаи ӯ пурсон шуд. Баъд ӯ аз А.Бёрнс пурсид, ки чунин саёҳати вазнинро ӯ барои чӣ пеш гирифтааст ва А.Бёрнс посуҳ дод, ки “Танҳо аз ҳисси кунҷкобӣ ба ин мамлакатҳои бегона”.

А.Бёрнс дар Теҳрон даҳ рӯз қарор гирифта 1-уми ноябр онро тарк карда ба самти Бушер раҳсипор шуд. Дар Бушер ӯ ба киштии “Клаив” нишаст, ки он махсус он ҷо аз тарафи ширкати Ост-Индия ба хотири омадани А.Бёрнс нигоҳ дошта мешуд. 10-уми декабр ба таври қатъӣ Эронро тарк карда, 18-уми январи соли 1833 ба Бамбей омад. Баъд барои пешниҳод кардани ҳисобот оиди саёҳатҳои худ ба генерал-губернатори Ҳиндустон, лорд Уилям Бентинк ба Калкутта рафт.

Дар миёни Александр Бёрнс маълумотҳо мушоҳидаҳо ва андешаҳои сершумор оиди сиёсат ва стратегияи бузурги Англия дар Осиёи миёна гирд оварда шуда буд.

Дар гурӯҳи лейтенант А.Бёрнс Амударё-кӯтоҳтарин роҳи обӣ аз Афғонистон ба Россия ба воситаи Хева Бухоро ва баҳри Арал таваҷҷуҳи махсусро ба миён оварда буд. Он маълумотҳои ба даст овардаи Муркрофт ва Требекро пурра гардонда, ба ҳарита координатҳои аниқи нуқоти муҳими стратегӣ, ки метавонистанд бо мақсадҳои ҳарбӣ ва иқтисодӣ истифода шаванд, ҷойгир намуданд.

У.Бентник дар ибтидои моҳи ноябри соли 1833 А.Бёрнсро ба Лондон фиристод, то ки ӯ оиди натиҷаҳои сафар худ ба ҳукумат хабар диҳад. Ба зудӣ баъди ба Лондон расидани ӯ маърӯзаи ӯ дар Индия-ҳанӯз, ки дар он раиси Шӯрои директорон Клар сарварӣ мекард, раёсати назорат аз болои ширкати Чарлз Грант ва ёрдамчии лорд Палмерстон, статс-дабир Стейнсгет иштирок доштанд, баргузор гардид. А.Бёрнс дар назди онҳо ҳисоботи муфассали худро пешниҳод кард, ки ба он таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда мешуд. Ӯ хатари ба Ҳиндустон вуҷуддоштаро аз ҷониби Россия қайд карда гуфт, ки калиди беҳтарини Ҳиндустон Афғонистон ба ҳисоб меравад. Дар инҷо дар масъалаи Шуҷалмулк миёни А.Бёрнс ва Стейнсгейт баҳсҳо оғоз ёфтанд. А.Бёрнс гуфт, ки барои манфиатҳои Англия бояд ба Дӯстмуҳаммад такя карда, ягонагии Англия барқарор карда шавад. Кларк баҳри пуршиддат нагардондани баҳси миёни А.Бёрнс ва Стейнсгет пешниҳод кард, ки ба суҳбат хотима гузошта шавад [6, с. 87].

Баъд аз ду ҳафтаи баъди музокирот дар назди Кларк Бёрнс ба дастхати китоби “Саёҳат ба Бухоро” ки он ба чоп расида шуда буд, пешгуфтор навишт. Дастнависи ӯ пешакӣ аз санҷиши комитети махфии кишвари Ҳиндустон гузашта буд. Тобистон китоби А.Бёрнс ба табъ расид ва муваффақияти калон пайдо кард. А.Бёрнс аъзои ҷамъияти географии Лондон ва Париж интихоб гардид. Дар Англия ӯ медали тиллоии ҷамъияти географӣ ва медали нуқраро аз чунин ҷамъияти парижӣ сазовор гардид. Бе овоздиҳӣ ба Атенеум – клуби аристократӣ қабул карда шуд.

Соли будубоши А.Бёрнс дар Лондон ба анҷом мерасид. Раиси Шурои директорон Кларк пешниҳоди ба миссияи нави тиҷоратӣ ба Кобул фиристодани А.Бёрнсро қабул накард, зеро Кларк аз он метарсид, ки ин ширкатро ба сиёсати мураккаби осиёмиёнагӣ ҷалб мекунад. А.Бёрнс барои кӯмак ба вазири корҳои хориҷии Англия Палмерстон муроҷиат кард. Дар охирҳои моҳи майи соли 1835 Палмерстон ба ӯ қабул таъин кард. Баъди суҳбати бардавом ӯ ба А.Бёрнс мансаби дабири сафорат дар Эронро пешниҳод намуд, вале А.Бёрнс ба ӯ миннатдорӣ изҳор карда фурсат барои андешаро хост.

Муваффақияти аз ҳама бузурги А.Бёрнс дар Лондон даъват ба назди шоҳ Вилгелми IV буд. Дар ибтидои тобистони соли 1835 бо дархосту тавсияи Палмерстон А.Бёрнс ба воситаи пароход ба Бомбей рафт ва аз онҷо ба Катч ба мансаби пештарааш ёрдамчии гумошта (25) соҳиб шуд. Сабаби асосие, ки Англияро ба қарор оиди фиристодани А.Бёрнс ба Кобул водор сохта буд, на масъалаҳои иқтисодӣ ва таҷоратӣ буданд ва бо киштигардӣ дар дарёи Ҳинд алоқамандӣ доштанд, балки он буд, ки Россия шоҳи Эронро ба забт кардани Ҳирот тела медод. Маҳз ҳамин ҳолат ҳукумати британиро ба изтироб меовард ва он қарор дод, ки ба

Афғонистон робитаи бевосита барқарор намояд, то ки ба муттаҳидшавии Дӯстмуҳаммадхон ва садрҳои кандаҳори бо шоҳи Эрон даркори забти Ҳирот роҳ надиҳад. [5, с. 132].

Ҳамин тавр, дар охирҳои моҳи ноябри соли 1836 А.Бёрнс аз генерал – губернатори Ҳиндустон дастур гирифт, ки оиди ташкили эъзомия ба Кобул чораҳо андешад. Ба ҳайати миссия лейтенанти муҳандисони Бомбай Роберт Лиг, лейтенанти флоти ҳиндӣ Чон Вуд ва духтур Персивал Лорд дохил мешуданд. Ба А.Бёрнс супориш дода шуда буд, ки бо ҳокимони давлатҳое, ки дар роҳ ба Кобул қарор гирифтанд ва ба даст овардани мақсади пешбинишуда мусоидат намоянд, созишномаҳои тиҷоратро ба имзо расонад.

Гурӯҳи А. Бёрнс 26-уми ноябр аз Бомбей шиноро оғоз карда, ба воситаи Синд, Панҷоб ва Пешовар ба Кобул роҳ пеш гирифт. 6-уми декабр онҳо ба соҳилҳои Синд баромаданд. Ҳангоми ба дарёи Ҳинд дохил шудан А.Бёрнс барои роҳбарӣ ба лейтенантҳо Лиг ва Вуд дастури даркориро тартиб дод. Якум бояд ба мушоҳидаи ҳарактери ҳарбӣ дошта ва сонӣ ба тадқиқоти дарё машғул мешуд. Ончи ба Лорд дахл дошт, пас ӯ мебоист ба машваратҳои таърихӣ ва геология машғул мешуд.

Вазифаи асосии А.Бёрнс аз ҷустуҷӯи роҳҳои ба забти Афғонистон мусоидаткунанда ва табдил додани он ба пойгоҳ барои забткориҳои минбаъдаи буржуазияи англис дар Шарқ иборат буд. Дастурҳое, ки А.Бёрнс аз генерал-губернатор гирифта буд, ӯро уҳдадор мекарданд, ки ҳамаҷониба бо вазъи ҳукумати афғонӣ ба буҷаи мамлакат таъсиру нуфузи пешвоёни мухталиф, қувваҳои ҳарбӣ ва захираҳои он ва инчунин муносибатҳои байниҳамдигарӣ бо давлатҳои ҳамсоя шинос шавад. Мақсади асосии доираҳои ҳукмронии англисӣ на барқарор кардани муносибатҳои дӯстона бо Дӯстмуҳаммадхон ва на барҳам додани душмании миёни афғонҳо ва сикҳҳо буд. Бинобар ин, амалҳои А.Бёрнс боиси маломат гардида, худи ӯ ба боло бардоштани ваколатҳояшон айбдор карда шуд.

Дар номаи ҷавобӣ аз 20-уми январи соли 1838 дабири ҳукумати британӣ дар Ҳиндустон Макнотен аз номи генерал-губернатор ба А.Бёрнс навишта буд, ки "амир бояд аз андешаи баргардонидани Пешовар даст кашида, инчунин фавран ҳар гуна гуфтушунидҳоро бо намояндаи Россия қатъ кунад". Дар акси ҳол ӯ ба задани сафоратҳонаи англисӣ таҳдид кард, ки ин ҳамчун қатъ гаштани муносибатҳои байни Англия ва Афғонистон дида баромада мешуд. Баъди ин А.Бёрнс ба Дӯстмуҳаммадхон пешниҳод кард, ки аз ҳуқуқи худ ба Пешовар даст кашида, муносибатҳоро бо Россия қатъ гардонад. Ин даъватҳо аз ҷониби амир рад карда шуданд, зеро онҳо амалан соҳибихтиёрии давлати афғонро вайрон мекарданд. Вобаста ба мавқеи оштинопазир, ки "миссияи тиҷоратӣ"-и англисӣ ишғол карда буд бо нишондоди Дӯстмуҳаммадхон гуфтушунидҳои минбаъда беманфиат буданд ва 26-уми апрели соли 1838 А. Бёрнс Кобулро тарк кард.

Таҳлили натиҷаҳои ин миссияи А.Бёрнс дар Кобул нишон медиҳад, ки аз нуқтаи назари дипломатӣ он натиҷаҳоеро, ки интизор буданд, ба бор наоварданд, аммо ин доираҳои ҳукмрони британиро, ки нақшаҳои ҳукмронии пурраи худро бар халқи афғон парвариш мекарданд, ба ташвиш намеовард. Баҳри амалӣ сохтани ин нақшаҳо тарафи дигари фаъолияти А.Бёрнс ва рафиқони ӯ гирд овардани маводҳои муҳими стратегӣ доир ба ин минтақа, ки маълумотҳои муфассалтарин оид ба роҳҳо аз Ҳиндустон ба Афғонистон ва Осиёи Миёна оид ба вазъи сиёсӣ, иқтисодӣ ва ҳарбии хонигариҳои Осиёи Миёна ва вилоятҳои мухталифи Афғонистон ва Синд фарогир буданд, аҳамияти фавқулода муҳим доштанд. Ин маводҳо баҳри таҳияи нақшаи фаврии ҳуҷуми ҳарбӣ ба заминҳои афғонӣ ва ҳам музофотҳои Осиёи Миёна зарур буданд [6, с. 143].

Ба барбод рафтани гуфтушунидҳои А.Бёрнс бо амир нигоҳ накарда, амир умуман мақсади зоҳир кардани душманиро нисбати Англия надошт, гарчанде ки дар нақшаҳои худ ба комёбӣ муваффақ нашуда буд. Дар номаи хайрбодии худ аз 23-юми апрели соли 1838 ӯ ба А.Бёрнс навишта буд, ки аз пешниҳодҳо оиди ҳамкориҳо аз тарафи давлатҳои мухталиф даст кашидааст, зеро ки ба кӯмаки англисӣ умед мебаст, аммо он расонида нашуд ва Дӯстмуҳаммадхон қайд мекард, ки дар ниятҳои худ хеле ошуфтахотир гардидааст.

Дар натиҷа англисҳо қарор доданд, ки ошкоро қувваи ҳарбиро истифода карда сулолаи Муҳаммадзойҳоро сарнагун карда, ба ҷойи он шоҳ Шуҷалмулкро, ки дар дасти англисҳо қарор дошт, ба сари тахт шинонда ба Англия ҳуқуқи дар Афғонистон нигоҳ доштани

лашкари британӣ ва амалдорони британиро таъмин намоянд, то ки Афғонистон ба зери назорати ҳарбӣ ва сиёсии онҳо афтад.

Қайд кардан лозим аст, ки А.Бёрнс ҳамчун дипломати ботаҷриба, тамоми нозукиҳоро дар корҳои афғонӣ дониста, дар ҷангҳои забткоронаи англисҳо бар зидди афғонҳо иштироки фаъолона дошт ва онҷо дар лашкар ба сифати ёрдамчӣ ва котиб Мохан Лал қарор дошт, ки ба таври муфассал ҳодисаҳои дар ин давра дар Афғонистон рӯйдодаро инъикос кардааст.

Хулоса, саёҳати А.Бёрнс ба воситаи рӯди Ҳинд ва мамлакатҳои дар боло зикргардида дар ҳуҷҷатҳои расмӣ ҳамчун ҷустуҷӯи роҳбаҳри барқарор кардан ва мустаҳкам намудани алоқаҳои тиҷоратии Англия дар ин минтақаҳо эълон шуда буд. Аммо амалан мақсади рисолати А.Бёрнс аз ҷамъ овардани мавод оиди вазъи иқтисодӣ ва ҳарбӣ сиёсии Афғонистон ва давлатҳои ҳамҷавор баҳри минбаъд истило кардани онҳо иборат буд. Александр Бёрнс, ки ҳамагӣ 36 сол зиндагӣ кард, фурсат ёфт, ки дар ин вақти кӯтоҳ барои ҳукумати Англия кори зиёди муфидро анҷом диҳад. 2-юми ноябри соли 1841 қурбони сиёсати мустамликавии мамлакати худ гардид.

Адабиёт

1. *Бёрнс, А. Путешествие в Бухару. Ч.1. / А. Бёрнс. - М., 1848. - 529 с.*
2. *Бёрнс, А. Путешествие в Бухару. Рассказ о плавании по Инду от моря до Лагора с падарками британского короля и отчет о путешествии из Индии в Кабул, Татарию и Персию, предпринятом по предписанию высшего правительства Индии в 1831-1832 и 1833 годах. В трех томах. Издании П.В.Голубкова. Ч.3. / А. Бёрнс.– М., 1848. - 628 с.*
3. *Гус, М. С. Дуель в Кабуле / М. С. Гус. – Ташкент, 1964. – 336 с.*
4. *Гренвилля, Д. Афганское разграничение. Переговоры между Россией и Великобританией. 1872-1885. Ч. 2. / Д. Гренвилля. - СПб, 1886. - 253 с.*
5. *Массон, В. Ромодин. История Афганистана в 2 томах / В. Массон. – М., 1964. – 465 с.*
6. *Миддендорф, А. Очерки Ферганской долины / А. Миддендорф. - СПб, 1882. - 489 с.*
7. *Риштия, С. К. Афганистан в XIX веке / пер., с перс. М.К.Куркина / С. К. Риштия. – М., 1958. – 487 с.*
8. *Халфин, Н.А. Провал британской агрессии в Афганистане (XIX в - начало XX в.) / Н. А. Халфин. - М., 1959. – 208 с.*
9. *Ханыков, Н. В. Описание Бухарского ханства / Н. В. Ханыков. - СПб, 1843. - 300 с.*
10. *Шумов, С. А. История Афганистана / С. А. Шумов. – М., 2002. - 239 с.*

ЗИНДАГӢ ВА КОРНОМАИ А. БЁРНС ДАР ЧОРЧӮБИ СИЁСАТИ БРИТОНИЁӢ ДАР ОСИЁ

Мақола ба ҳаёт ва фаъолияти муҳаққиқ, дипломат ва сайёҳи британиёӣ Александр Бёрнс, ки сарнавишти ӯ бо вазъи сиёсии Осиё дар нимаи аввали асри XIX зич алоқаманд буд, бахшида шудааст. Дар мақола аҳаммияти омӯзиши тарҷумаи ҳол ва фаъолияти Бёрнс барои фаҳмидани ташаккули шахсияти ӯ ҳамчун олим, дипломат ва сайёҳ таъкид шудааст. Заминаи фаъолияти ӯ, ки дар натиҷаи рақобати геополитикӣ байни Британияи Кабир ва Русия барои нуфуз дар минтақа, инчунин кӯшиши Англия барои мустаҳкам кардани мавқеи худ дар Ҳиндустон ва муқобилат бо экспансияи Фаронса ба вуҷуд омадааст, баррасӣ мешавад. Ба маъмуриятҳои Бёрнс, аз ҷумла сафари ӯ ба Бухоро ва Афғонистон, диққати махсус дода мешавад. Кӯшишҳои дипломатии ӯ барои барқарор кардани робита бо ҳокимони ин минтақаҳо, ҷамъоварии маълумот дар бораи вазъи сиёсӣ ва иқтисодӣ, инчунин ҷанбаҳои ҷуғрофӣ ва ҳарбӣ тасвир шудаанд. Қайд мешавад, ки ҳадафи расмии маъмуриятҳои Бёрнс барқарор кардан ва таҳкими робитаҳои тиҷоратӣ эълон шуда буд, аммо ҳадафи воқеӣ ҷамъоварии маълумоти иктишофӣ дар бораи минтақа барои тавсеаи истеъмори бештар буд. Фаъолият, мушоҳидаҳо ва хулосаҳои ӯ, ки дар асарҳояш баён шудаанд, ба шаклгирии стратегияи Британия дар минтақа таъсир расониданд.

Калидвожаҳо: Александр Бёрнс, сиёсати Британия дар Осиё, рақобати геополитикӣ, миссияҳои дипломатӣ, фаъолияти иктишофӣ, экспансияи колония, робитаҳои тиҷоратӣ.

ЖИЗНЬ И ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ А. БЁРНСА В КОНТЕКСТЕ БРИТАНСКОЙ ПОЛИТИКИ В АЗИИ

Статья посвящена жизни и деятельности Александра Бёрнса, британского исследователя, дипломата и путешественника, чья судьба была тесно связана с политической ситуацией в Азии в первой половине XIX века. В статье подчеркивается важность изучения биографии и деятельности

Бёрнса для понимания формирования его личности как ученого, дипломата и путешественника. Рассматривается контекст его деятельности, обусловленный геополитическим соперничеством между Великобританией и Россией за влияние в регионе, а также стремлением Англии укрепить свои позиции в Индии и противостоять французской экспансии. Особое внимание уделяется миссиям Бёрнса, включая его путешествие в Бухару и Афганистан. Описываются его дипломатические усилия по установлению контактов с правителями этих регионов, сбор информации о политической и экономической ситуации, а также о географических и военных аспектах. Отмечается, что официальной целью миссий Бёрнса было заявлено установление и укрепление торговых связей, однако фактическая цель заключалась в сборе разведывательной информации о регионе для дальнейшей колониальной экспансии. Его деятельность, наблюдения и выводы, изложенные в его трудах, оказали влияние на формирование британской стратегии в регионе.

Ключевые слова: Александр Бёрнс, британская политика в Азии, геополитическое соперничество, дипломатические миссии, разведывательная деятельность, колониальная экспансия, торговые связи.

THE LIFE AND WORK OF A. BURNS IN THE CONTEXT OF BRITISH POLICY IN ASIA

This article is about the life and work of Alexander Burns, a British explorer, diplomat, and traveler whose fate was closely linked to the political situation in Asia in the first half of the 19th century. The article emphasizes the importance of studying Burns' biography and work to understand the formation of his personality as a scientist, diplomat, and traveler. It examines the context of his activities, which were conditioned by the geopolitical rivalry between Great Britain and Russia for influence in the region, as well as England's desire to strengthen its position in India and counter French expansion. Particular attention is paid to Burns' missions, including his travels to Bukhara and Afghanistan. His diplomatic efforts to establish contacts with the rulers of these regions, the collection of information about the political and economic situation, as well as geographical and military aspects, are described. It is noted that the official goal of Burns' missions was declared to be the establishment and strengthening of trade relations, but the actual goal was to gather intelligence information about the region for further colonial expansion. His activities, observations, and conclusions, set out in his works, influenced the formation of British strategy in the region.

Keywords: Alexander Burns, British policy in Asia, geopolitical rivalry, diplomatic missions, intelligence activities, colonial expansion, trade relations.

Дар бораи муаллиф
Негматов Давлатшо Нурулоевич
Номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи таърихи умумӣ ва муносибатҳои байналхалқӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121

Об авторе
Негматов Давлатшо Нурулоевич
Кандидат исторические наук, доцент кафедры всеобщей истории и международных отношений
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121

About the author
Negmatov Davlatsho Nuruloevich
Candidate of historical science, Associate Professor of the Department of General History and International Relations
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121

ТДУ 39(092):9(575.3)

САҲМИ МУАРРИХОНУ МАРДУМШИНОСОН ДАР КАШФИ АСРОРИ ҲУНАРИ ЧАРМГАРИИ ТОҶИКОН

Самадов С. Б.
Донишгоҳи давлатии Данғара

Аз теъдоди зиёди касбу ҳунарҳо, ки замоне рушд кардаву оммавӣ гардида буданд, имрӯз асари каме боқӣ монда, қисман ба моли таърих мубаддал шудаанд. Аз ин рӯ дар шиносоӣ ва оммавӣ гардонидани онҳо махсусан муаррихону мардумшиносон метавонанд саҳмгузор бошанд. Хусусан, чарм ва маҳсулоти чармӣ қаблан дар миёни мардуми тоҷик аз аҳаммияти вижае бархӯрдор буда, бештар дар истеҳсоли пойафзол мавриди истифода қарор мегирифт. Ҳунармандони пойафзордӯз аз маҳсули дасти чармгарон маҳсулоти мухталиф омода мекарданд, ки ҳар яке вобаста ба ҷинс, синнусол, машғулият фаслу мавсими кор аз ҳам фарқ мекарданд. Чунин тартиби муқаррарагардида маъмулан риоя гардида, то ҳадди имкон вайрон карда намешуд. Ҳатто дар лаҳзаи аввали бо шахси ношинос вохӯрдан тибқи пойафзоли пӯшидааш шахсияти ӯро муайян мекарданд, ки ӯ чикора асту соҳиби кадом амал мебошад.

Зеро пойафзори ҳар қисми аҳолӣ аз рӯи дӯхт ва сифати чармаш аз ҳам фарқ мекард ва он танҳо хоси аҳли ҳамон касбу кор буд. Масалан, мӯзаи човандоз фақат барои саворӣ мувофиқ буду, аз они сайёд барои гаштан дар кӯҳу пӯшта. Зеро, мӯзаи сайёд ниҳоят сабуку нарм буда, барои човандоз хавфи калон дошт. Чунки, ҳангоми ба рикоби аспи дигар бархӯрдан шикастани пой аз эҳтимол дур набуда, фақат мӯзаи човандозӣ чунин зарбаро метавонист рафъ созад [1]. Розиқзода А.Ш. ва Иброҳим А. маҳсули дасти устоҳои маҳаллиро омӯхта ба хулосае меоянд, ки навъҳои мухталифи пойафзорҳои тайёрнамудаи онҳо ба иқлиму табиати кӯҳистон хеле мувофиқ кунонида шуда буданд [17, с. 73] ва инро дар осори муҳаққиқону сайёҳони хориҷӣ, ҳам мушоҳида кардан мумкин аст. Масалан Д.Н. Логофет ҳангоми убури ағба, ки ба ӯ ва ҳамсафонаш пиёда ҳаракат кардан лозим меомад, чунин менигорад: “Тоҷикон, ки ба пой кафшҳои бо тагчарми ғафси бе пошна доштанд, худро аз мо беҳтар ҳис мекарданд. Маълум шуд, ки мӯза барои роҳгардӣ дар кӯҳ мувофиқ набуда, пойҳоро зуд монда мекардааст” [13, с. 365]. Вақте ба нигоштаҳои И.В Блохина назар мекунем мебинем, ки дар шакл гирифтани анвои либосу пойафзоли имрӯза аҷдоди халқи тоҷик ҳам дар канор намондааст [4, с. 14]. Ю. Ёқубов ба эҳдогарони сатрапҳои империяи Ҳахоманишиҳо, ки дар девори баромадгоҳи Персеполис акс ёфтаанд, таваҷҷуҳ карда, мегӯяд, ҳар яке аз онҳо бо пойафзоли хоси худ таҷассум ёфтаанд. Масалан, бохтариҳо бо мӯзаҳои чармӣ, суғдиҳо бо попӯши чармии бе соқ ва сакоиҳои тиграхӯд бошанд, бо мукиҳои соққӯтоҳи чармӣ [9, с. 38-42]. Аз ин бармеояд, ки пӯст дар он замон дар пӯшиши халқҳои сокини Осиёи Марказӣ ба таври васеъ роиҷ будааст, ки ин аз сарчашмаҳои таърихиву деворнигораҳо бармало мегардад. Хусусан, инро дар либоси асилзодагони кӯшонӣ ба таври рӯшан дидан мумкин аст. Аъёну ашрофи кӯшонӣ мувофиқи гӯфтаи Иброҳимов М.Ф. шимҳои танги то буҷулак дарози чармӣ мепӯшиданд ва почаи онро ба соқи пойафзори чармӣ ҷой мекарданд. Баландии пойафзор бошад то ба васати соқи пой расида, ба воситаи тасмаи чармие, ки ба кафу буҷулаки пой ба ду давр баста мешуд, мустаҳкам меистод. Ҳар як тасма дорои сагаки мудаввар буда, пеши пойафзор кулӯлаи ба назар намоён буд [11, с. 30]. нигоштаҳои А.Валиев бармеояд, ки дар замони асрҳои миёна пешаварони чармгар дар муқоиса ба замони худ навъҳои беҳтарини маснуоти чармиро тавлид мекарданд. Ин замон дар боварҳои мардум низ дигаргуниҳо ворид гардида, ба истеҳсолоти ба соҳаи чармсозӣ асосёфта нақши худро гузоштанд. Дар садаҳои XI-XII дар миёни аҳолии Осиёи Марказӣ дар асоси эътиқоду боварҳои мардум либосу пойафзори ягонаи хоси маҳал шакл гирифтанд. [5, с. 71]. М.М Ашрафӣ қайд мекунад, ки бо сабаби харобкориҳои зиёди муғулҳо маълумот оид ба он кам ба мо дастрас гардидаанд. Аз ин рӯ барои омӯзиш аслан аз минётураҳои асримиёнагӣ ҳам, ки хеле ночизанд, истифода бурдан лозим меояд [3, с. 5-7]. Яке аз

кашфиёти бузурги ин давра пошна буда, аз қарни XV дар пойафзорҳои мардона ба назар мерасад, ки он аз чарми ғафси ҳайвонот омода карда мешуд [3, с. 52]. Ғайр аз ин боз эҷоди намудҳои фавқулода зиёди либосу пойафзор ба дида мешаванд, ки аз нигоҳи шаклу намуд ва хусусияти хеш аз ҳам тафовут доштанд**.** Ва ҳар яке дар миёни табақаи муайяни ҷамъият вобаста ба шароиту имкониятҳои мавҷуда харидорони хешро доштанд. Масалан, дар донишномаи фарҳанги мардуми тоҷик кафш пойафзори маъмулии чармӣ дорои пошнаҳои баланду паст нишон дода шудааст, ки кафшҳои нӯғаии пошнаашон баланду болояшон пӯшида ва қафояшон пастакро занҳо ба пой мекарданд. Кафшҳои пошнапасти чакӣ ва кундалу ироқиро ҳамсарони сарватмандон мепӯшиданд. Кафши занона бо номи “шиппак”-ро аз се қабат чарм ва пошна тайёр мекарданд [6, с. 218]. Маъмулан кафшҳои мардона ва ҳам занона вобаста ба навъу сифаташон бо исми кишвару шаҳрҳо ном бурда мешуданд: аз ҷумла, кафши булғорӣ, самарқандӣ, ҳиротӣ, кобулӣ, ва ғайра, ки ҳама чармӣ буданд [6, с. 388]. Инчунин З.А Широкова мегӯяд, кафшҳо идона ва рӯзмарра мешуданд, ки аввалӣ аз дигар нисбатан зебову ҷолибтар буд**.** Маълумоти сарчашмаҳо тарзи пӯшидани кафшро дар айёми гармо дар пойи бараҳна ва дар ҳавои сард дар миёни фақирон бо чоруқу аз сӯи дороён бо маҳсӣ нишон додаанд [24, с. 87]. Ба қавли О.А Сухарева пӯшидани кафшҳои чармӣ дар миёни тоҷикон тӯли садсолаҳо маъмул буда, онро агар дар фасли зимистон бо маҳсию ҷӯроб пӯшанд, тобистон дар пойи урён мепӯшиданд. Бо вуҷуди он ки бо оғози қарни XX гузариш ба калушҳои резинӣ фабрикӣ бар ивази кафшҳои чармӣ тадриҷан сурат мегирифт, пӯшидани кафши чармӣ дар маросимҳои тӯю азодорӣ ҳанӯз боқӣ монд буд, ки ба таври ҳатмӣ риоя мегардид [19, с. 67]. Яке аз пойафзорҳои маъмулӣ дар миёни тоҷикон ин мукӣ ба шумор мерафт, ки пурра аз чарм омода мешуд. Чунин пойафзорро дар фасли тобистон дар саҳро мепӯшиданд. Он ба миёнаҳои соқи пой баробар буда, аз мӯза пасттар буд. Н.Н Ершов мегӯяд, дар деҳаҳои болооби Зарафшон, Яғноб ва Варзоб “мукии панҷикатӣ” ё “мукии баландак” медӯхтанд, ки он ба мӯза монанд буда, фақат пошна надошт ва баландиаш то ба зону мерасид [8, с. 108]. Дигар навъи пойафзори суннатӣ ин чоруқ буд, ки тӯли қарнҳо дар байни мардум роиҷ буда, вобаста навъи пӯсту тарзи дӯхт шаклҳои мухталифи он мавҷуд буданду вобаста ба мавқеу замони истифода шакл гирифтаанд. Ин навъ пойафзор хеле содда буда, новобаста аз шуғл ҳамаи мардони ниёзманд аз ҳунари чоруқдӯзӣ бархӯрдор буданд ва онро барои худу аҳли оила омода мекарданд. Дар донишномаи мардуми тоҷик намудҳои гуногуни чоруқ номбар шудааст, аз қабили чоруқи гирднаъл, чоруқи пӯстакӣ, чоруқи баландак, чоруқи нахчирии баландак ё чоруққомис, чоруқи почаиговӣ, чамбус, хомак [7, с. 651]. Ю. Ёқубов мегӯяд, истифодаи чоруқ ба даврaҳои хеле дури таърихӣ рафта мерасад, ки дар аввал онро бо риштаҳои аз худи пӯст тайёркарда медӯхтанд. Яъне аз гушаҳои пӯст қисмҳоеро борик бурида мегирифтанд ва бо онҳо ҷойҳои муайяни онро ба ҳам васл мекарданд. Дар Бадахшон бошад, то ҳол чомус (чоруқ)-ро бо риштаи чармӣ медӯзанд [20]. З.А Широкова мегӯяд, чоруқро дар деҳаҳои болооби Зарафшон яккӯка меномиданд, ки то солҳои 50-уми асри гузашта дар ин водӣ, ғайр аз Яғноб, аллакай аз таомул баромада буд. Аммо дар дигар минтақаҳои кӯҳӣ, аз ҷумла Қаротегину Дарвоз баъдан ҳам мавриди истифода қарор мегирифт ва онро дар ҳавои боронӣ бо кафшҳои чӯбӣ мепӯшиданд [24, с. 86]. Аммо тибқи маълумоти додаи А. Саидов дар миёни тоҷикони сарикӯлӣ дар мавзеи Тошқӯрғони ноҳияи Мухтори Синтзяну Уйғури ҶХХ айни ҳол низ занону мардон ба пой аз болои ҷӯробҳои пашмин чоруқи ранги сурх мепӯшанд, ки онро аз пӯсти бӯзи кӯҳӣ ва қутос омода мекунанд. Чунин пойафзор сабук, гарм ва дар шароити кӯҳсори минтақа хеле бароҳат аст [18, с. 82]. Ба қавли Н.А Кисляков ва А.К Писарчик дар ахбори М.С. Андреев сухан аз дигар намуд пойафзори кории анъанавӣ, бо номи мукак меравад, ки дар кӯҳистони Дарвоз аз замонҳои дур маъмул буд. [12, с. 130 - 132]. Дар донишномаи фарҳанги мардуми тоҷик қайд шудааст, ки тибқи маълумоти мардумшиносон аз чарм мӯза тайёр менамуданд. Шаклан он пойафзори соқдароз буда, намуди зоҳирии мухталиф дошт, ки аслан ба шахсияти мӯзапӯш вобаста буд. Барои сипоҳиёну, бузургони давлат ва подшоҳон навъи мӯзаи хос медӯхтанд, барзгарон бошанд, ҳангоми кор чоруқ мепӯшиданд. Сифату оройиш ва рангубори мӯзаҳо, низ аз ҳам фарқ доштанд, ки ороишот бештар дар мӯзаҳои занона ба чашм мерасид. [7, с. 387]. Мӯза имрӯз ҳам дар миёни мардум маъмул буда, [6, с. 663] ба қавли Д. Раҳимов дар

омода намудани он ғайр аз чарм акнун, резин ва дигар ивазкунандаҳои чарм низ истифода мегарданду бо шаклу сифати мухталиф барои ҳама қишрҳои аҳолӣ дастрас мебошанд [14, с. 165]. Дар донишномаи фарҳанги халқи тоҷик як навъ мӯзаи бепошна яъне маҳсӣ қайд гардидааст, ки нахуст онро ҳамроҳ бо кафши чармӣ ва аз аввали қарни ХХ, бо калушҳои резинии фабрикӣ мепӯшидагӣ шуданд. Ин навъи пойафзор аз тагчарм, рӯя, пуштак ва соқ таркиб ёфта, аҳёнан соқу рӯяашро якҷоя пора мекарданд. Дар робита бо масолеҳ номҳои гуногун дошт: маҳсии хиром, маҳсии бедона, маҳсии амирконӣ (луобӣ), маҳсии булғор (аз чарми гӯсолаю гов), маҳсии гӯсфандӣ (аз чарми гӯсфанд), ва ғайра. Д. Раҳимов мегӯяд, аслан барои дӯхтани соқи маҳсӣ аз чарми гӯсфанд ва барои дигар қисмҳои он аз чарми гов истифода мебурданд [6, с. 165]. Шояд ин марбут ба боварҳои хурофотии мардум бошад, ки дар осори дигар муаллифон аз қабили И.А Парамонова Н.О Турсунов ҳам мушоҳида мегардад [16, 23]. Аз рӯйи маълумоти Н.А Кисляков ва А.К Писарчик дар ноҳияҳои кӯҳистонии минтақа маҳсӣ номҳои гуногун дошт. Масалан, дар Қаротегину Дарвоз маҳсии аз чарми хом ва нимхом дӯхташударо рахт ва аз чарми тайёр дӯхташударо шидринг меномиданд. Муаллифон илова мекунанд, ки маҳсӣ ба ин ҷо аз водиҳо омад ва барои дӯхтани он чарми рахтро худи устоҳои маҳаллӣ тайёр мекарданд, чарми шидринг бошад, аз берун ворид карда мешуд [12, с. 128]. О.А Сухарева мегӯяд, маҳсӣ аслан пойафзори муқаррарии аҳолии шаҳр, ҳам мардҳо ва ҳам занҳо буда, тагчарми мулоим дошт. Ба соқи он мисли дигар мӯзаҳо почаи шалворро меандохтанд. Дар замонҳои қадим онро аз пӯсти сиёҳи буз бо пошнаи кемухи сабз тайёр мекардаанд, ки қайроқӣ яъне мустаҳкам номида мешуд. Ин навъ маҳсиҳо бе ягон хел тағйирот мудатҳои зиёд боқӣ монда, онро то солҳои 40-уми асри ХХ дар пойи бонувон ва мардони синни боло дидан мумкин буд. Маҳсиро ғайр аз ҳангоми ворид шудан ба хона, ҳама вақт ҳамроҳ бо калуш мепӯшиданд, ки ин одат ба хотири тозагии фарш буд. Дар муҳити хона ҳатто дар фасли зимистон ҳам калушро аксаран бидуни маҳсӣ мепӯшиданд. Мардҳо баъзан калушро бе маҳсӣ пӯшида, аз хона бадар мешуданд, занҳои шаҳрӣ бошанд, ҳатман бо маҳсию калуш аз дар берун мебаромаданд, зеро назари мардони бегона натанҳо ба пойи урёни зан, балки ба почаи эзор ё шерозаи он меафтид, аз рӯйи одоб набуд [19, с. 66 - 67].

Яъне маҳсиро рӯзҳои дароз ҳам дар хона ҳам дар кӯчаю бозор дар тамоми фаслҳои сол пӯшида мегаштанд, ки то имрӯз ин қоида дар миёни тоҷикон, хусусан пиронсолон маъмул аст. Ин навъ пойафзори комилан чармӣ решааш аз калимаи “маҳс” гирифта шуда, пойро тӯли шабонарӯз пок нигоҳ медорад ва аз таъсири бади мавҷудоти зараровар муҳифизат мекунад. Аз ин рӯ ҳангоми вузӯъ фақеҳони ислом шӯстани пойро барои шахси маҳсипӯш ҳатмӣ намедонистанд, чунки ҳама ҷузъҳои он ба пуррагӣ аз чармӣ омода мешуд ва маҳс кашидан рӯи онро басанда мешумурданд. М.С Андреев аз намуди нисбатан паҳнгардидаи пойафзор бо номи “пех” мегӯяд, ки инро қаблан И. И Зарубин ҳам дар Бадахшон мушоҳида карда буд. Ин намуд пойафзол мувофиқи андоза, аз ду пора чарм дӯхта шуда, дар миёни мардуми Бадахшон то оғози қарни ХХ маъмул буд. Онро дар фасли тобистон бе тагчарми иловагӣ намепӯшиданд, зеро тез фарсуда мешуд. Пехро дар айёми сармо аслан бар илова бо кафшҳои чӯбии маҳаллӣ мепӯшиданд, ки он бо маҳсии маъмулӣ, ки онро фақат бо кафшҳои чармӣ ба пой мекарданд, монанд буд. Дар сурати алоҳида пӯшидан, аз болои тагчарми асосӣ боз тагчарми дигар медӯхтанд, ки онро “чорпоргипех” меномиданд. Аммо фақат канораҳои тагчарми иловагиро ба он пайваст карда, миёнаи онро ҳамон хел боқӣ мегузоштанд. Ҳангоми фарсуда шудани тагчарми иловагӣ ба таги он чарми яклӯхт медӯхтанд, ки канораҳои он ба нӯги пойафзор ва атрофи он мерасид. Баъдан, ҳангоми иваз намудани тагчарми иловагӣ канораҳои ин чармпора низ такроран бурида шуда, дар натиҷа соқҳо кӯтоҳтар мешуданд ва акнун онро “сандал” мегуфтанд. Ҳама намуди пехҳоро ҳатман бо ресмони махсуси чармӣ, ки “пехбанд” номида мешуд, ба соқи пой баста мемонданд.

Маъмулан тоҷикони болооби дарёи Панҷ пойафзорро аз чарми хомак, ки дар шароити хона тайёр мешуд, медӯхтанд. Аҳёнан онро ранги сурх мекарданд, ки он аз як намуд дарахти худрӯйи бед ба даст меомад [10, с. 135]. Ҳангоме ба таърихи ташаккули либосу пойафзор назар меандозем, маълум мегардад, ки дар оғоз қариб ҳамагӣ аз пӯсту чарм тайёр мешуданд. П.Г Миладинов бо истифода аз таҷрибаи тӯли асрҳо андухтаи инсоният усулҳои махсуси

бехдошти либосу пойафзолро пекаш мекунад, ки бо баробари ташаккул ва пайдоиши шаклҳои нав ба нави онҳо ба вуҷуд омаданд. Агар пойафзор тар бошад онро дуртар аз тафдон хушк карда, ба хотири тағйир наёфтани шакл ва пешгирӣ аз ожанг ба дохили пойафзор қолаб ё коғазпора ҷой мекарданд. Барои нигоҳ доштани сифати пойафзори чармӣ маводи анъанавие, ки аз равғани гов, думбаи гӯсфанд, равғани зағир, муми занбури асал, қатрони дарахти санавбар ва хамираи аз омехтаи онҳо омода мекарданд, истифода мебурданд [15, с. 51-53].

Аз оне ки дар охири асри XIX ибтидои асри XX пойафзорҳои луобӣ пайдо шуданду, тарзи нигаҳдории онҳо ҳам бо сабки ба худ хос амалӣ мешуд, акнун, бартарии пойафзори аз чарми холис омодашуда ба пуррагӣ рӯшан гардид. Пойафзори луобиро ҳар рӯз набояд пӯшид, зеро баракси ҳол он қобилияти намнигаҳдории худро гум мекунад [15, с. 51-52]. Дар тобистони гарм низ бинобар сабаби зиёд арақ кардани пой чунин пойафзорро ба пой кардан хуб нест. Ҳангоми вуҷуд доштани бемории банду буғумҳо ва касалиҳои занбуруғӣ ҳам пӯшидани он маслиҳат дода намешавад. Барои дур кардани бӯи бади пойафзор онро бо маҳлули маргансовка мешӯянд. Ба тагчармӣ пойафзор агар садо барорад, равғани зағир мемолиданд. Пойафзори нисбат ба пой тангтарро аз дохил бо сирко шуста хушк нашуда мепӯшанд [15, с. 55]. А. Турахонова ҳамчун мутахассис қайд мекунад, ки аз оғози қарни XX истифодаи чармӣ сунъӣ ба таври бесобиқа афзуда, арзонӣ ва фаровонии он нисбат ба чармӣ ҳақиқӣ имкон дод, ки навъи либосҳои болопӯш ва ҳам пойафзорҳо хеле тавсеъа ёбанд [22, с. 62]. Аммо П.Г Миладинов пӯшидани пойафзори аз чармӣ сунъӣ омодашударо ба одамоне, ки аз бемориҳои занбуруғӣ, газаки пӯст, варами рагҳо, суддапайдошавӣ азият мекашанд, маслиҳат намедиҳад [15, с. 53]. Турахонова хусусиятҳои фарқкунандаи чармӣ маснӯъиро аз чармӣ воқеӣ дар массомадор, сатҳи ҳамвор, лаккардашуда ва бо тасвирҳои нақшини гуногун будани он медонад [22, с. 62]. Н.А Кисляков ва А.К Писарчик қайд мекунанд, ки ниёгони халқи тоҷик пӯсти ҳайвонро дар тибби мардумӣ низ ба таври васеъ истифода мебурданд. [12, с. 68-70]. Пӯст баъди коркард шудану ба чарм табдил ёфтанаш ҳам хусусияти шифоии худро гум намекунад, мегӯяд, усто Тешахон. Масалан, муттасил пӯшидани пойафзори чармӣ боиси шифо ёфтани бемориҳои занбуруғӣ дар пойи инсон мегардад, зеро бадани худи инсон ҳам бо пӯст пӯшонида шудааст, ки ҳарду як вазифаро иҷро мекунанд [21].

Аз нигоштаҳои муҳаққиқони даврaҳои гуногуни ватанию хориҷӣ ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки онҳо масъалаи ҳунарҳои мардумӣ, ба хусус ҳунари чармгарӣ ва соҳаҳои дигари дар асоси он амалкунандаи халқи тоҷикро яке аз самтҳои асосии кори худ дониста, ҳар яке таваҷҷуҳи бештар зоҳир намудаанд. Онҳо кашфу эҷоди косибони тоҷикро дар ҷодаи дӯхти либосу пойафзол муҳим арзёбӣ намуда, саҳми онҳоро дар шаклгирии намудҳои нав ба нави он дар замони муосир махсусан қайд кардаанд. Аз ин рӯ бо омӯзиш ва баррасии осори арзишманди онҳо метавонанд саҳифаи ҷадиде дар ифшои таърихи куҳани ин миллати қадимӣ боз намуд, ки то ҷое зери таъсири ҳаводис ба гӯшаи фаромӯшӣ рафта буд. Зеро ин иқдом дар баррасии таърих ва рушди ояндаи соҳаи ҳунарҳои мардумӣ низ метавонад нақшгузор бошад.

Адабиёт

1. *Амиршо, М. Бозгашт ба асли худ. Рӯ ба шуғли ниёгон. // Хатлон. – 1992. – 16 январ.*
2. *Андреев М. С. Таджики долины Хуф. Вып. 2. / М. С. Андреев. – Сталинабад: АН Тадж ССР, 1958. – 251 с.*
3. *Ашрафи, М. М. Средневековый костюм таджиков XII-XVII веков (по данним миниатюры) / М. М. Ашрафи. – Душанбе: Открытое обшество, 2002. – 64 с.*
4. *Блохина, И. В. Костюм, модда, стил: Иллюстрированная Энциклопедия / И. В. Блохина. – Минск: Харвест, 2012. – 128 с.*
5. *Валиев, А. Историческая этнология таджиков (XI-XV) / А. Валиев. – Душанбе: РТСУ 2009. – 137 с.*
6. *Донишномаи фарҳанги мардуми тоҷик. Ҷилди 1. – Душанбе: Эр-граф, 2015. – 668 с.*
7. *Донишномаи фарҳанги мардуми тоҷик. Ҷилди 2. – Душанбе: Эр-граф, 2017. – 760 с.*
8. *Ершов, Н. Н. Каратаг и его ремесла / Н. Н. Ершов. – Душанбе: Дониш, 1984. – 120 с.*
9. *Ёқубов, Ю. Бостоншиносӣ: сарчашмаи эҳёи ҳунарҳои мардумӣ [Матн] / Ю. Ёқубов // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявии "Мавқеъ ва нақши ёдгориҳои таърихӣ*

дар рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ” бахшида ба “Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ”. – Душанбе: ДМТ, 2018. – С. 38-62.

10. *Зарубин, И. И. Материалы и заметки по этнографии горных таджиков. Долина Бартанг / И. И. Зарубин. – Петроград: РАН, 1918. – 148 с.*
11. *Иброхимов, М. Ф. Некоторые черты своеобразия в мужском костюме Кушанской знаты // Маводи конференсияи ҷумҳуриявӣ, илмӣ назариявии “Мероси ниёгон, эҳёи ҳунарҳои мардумӣ дар даврони Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” бахшида ба “Соли рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ”. – Душанбе: ДСТДТ, 2019. – С. 27-32.*
12. *Кисляков, Н. А. Таджики Каратегина и Дарваза. Вып. 2. / Н. А. Кисляков, А. К. Писарчик. – Душанбе: Дониш, 1970. – 285 с.*
13. *Логофет Д. Н. Кишвари беҳуқуқӣ. Дар кӯҳманзар ва водиҳои Бухоро./тарҷумаи Ислом Юсуфӣ / Д. Н. Логофет. – Душанбе: Эр-граф, 2020. – 540 с.*
14. *Мероси фарҳанги ғайримоддӣ дар Тоҷикистон / Мураттиб Раҳимов Д. – Душанбе: Эр-граф, 2017. – 280 с.*
15. *Миладинов, П. Г. Полезные советы и рецепты для всех / Перевод с Болгарского / П. Г. Миладинов. – Москва: Легпромбытиздат, 1990. – 240 с.*
16. *Парамонова И. А. О кожевенном исскуствe в Туркестанском крае. // Русский Туркестан. Сборник. Вып. 2 / И. А. Парамонова. – Москва: Катков и К, 1872.– 151 с.*
17. *Розиқзода, А. Ш. Саноати косибию ҳунармандӣ ва кӯҳӣ дар Бухорои Шарқӣ (охири асри XIX – аввали асри XX) / А. Ш. Розиқзода, И. Азим. – Душанбе: Ирфон, 2006. – 216 с.*
18. *Саидов, А. Ишораҳое ба таърих ва оинҳои тоҷикони Хитой / А. Саидов. – Душанбе: Ирфон, 2006. – 91 с.*
19. *Сухарева О. А. История среднеазиатского костюма, Самарканд (2-я половина XIX-начало XX в.) / О. А. Сухарева. – Москва: Наука, 1982. – 145 с.*
20. *Суҳбати муаллиф бо академики АМИТ Ю. Ёқубов. – 2018. – 14 август.*
21. *Суҳбати муаллиф бо Тешахон Фатҳуддинов (усто Тешахон) аз маҳаллаи Электрони шаҳри Норак (тав. 25. 03. 1952). – 2020. – 15 август.*
22. *Турахонова, А. Асосҳои технологияи истеҳсолоти дӯзандагӣ / А. Турахонова. - Душанбе: “Деваштич” 2007. – С. 62.*
23. *Турсунов, Н.О. Сложение и пути развития городского и сельского населения северного Таджикистана XIX-начала XX вв. [Текст] / Н.О. Турсунов. – Душанбе: Ирфон, 1976. – 300 с.*
24. *Широкова З. А. Традиционная и современная одежда женшин горного Таджикистана / З.А. Широкова. – Душанбе: Дониш, 1976. – 207 с.*

САҲМИ МУАРРИХОНУ МАРДУМШИНОСОН ДАР КАШФИ АСРОРИ ҲУНАРИ ЧАРМГАРИИ ТОҶИКОН

То замони комилан саноатӣ шудани истеҳсолоти чармӣ дар Тоҷикистон намудҳои маҳсулоти дар асоси чарм омодашаванда фавқулода зиёд буданд. Хусусан устоҳои пойафзордӯз аз чарм ба таври фаровон истифода намуда, маҳсулоти хешро бо тахайюлоти рангин, бо дарки амиқи санъати ба худ хоси ороишӣ-амалии миллӣ, бо нақшу нигори фавқулода истеҳсол менамуданд, ки истифодаи он нафақат барои болидагии руҳ, балки дар самти беҳдошт ва сиҳатии ҷисми инсон низ аз манфиат холӣ набуд. Истеҳсоли чарм имрӯз низ аз ҷумлаи ҳамон соҳаҳоест, ки имкон ҳаст дар шароити хона кори онро ба роҳ монда, аъзои оиларо бо шуғли доимӣ фаро гирифт. Бо ин восита метавон пӯсту мӯйинаи дар маҳалҳо хусусан деҳоти дурдаст ба дастомадаро коркард карда, ба талафшавии он хотима бахшид ва дар асоси он анвои мухталифи либосу пойафзол, кӯлоҳу дастпӯшакҳои занонаву мардона, кӯдакона ва маросимӣ вобаста мавсими солу минтақа омода намуд. Аммо барои ноил шудан ба он истифода аз нигоштаҳои муаррихону маълумоти додаи мардумшиносон ва мутахассисони соҳа ба манфиати кор аст. Зеро ин ҳунари мардумӣ собиқаи хеле дури таърихӣ дошта, тадриҷан давра ба давра ташаккул ёфтааст. Аз ин рӯ бе омӯзиши амиқи марҳилаҳои муайяни рушду нумӯи он дар тӯли таърих барои зинда кардан ва идомаи ҳаёти чунин пешаи муфид барои ҷомеаи имрӯза комёб гардидан ғайри имкон аст. Муаллиф барои дастрасӣ ба он шиносоӣ бо корҳои илмии дар ин мавзуъи нашршуда, кашфиёт ва бозёфтҳои бостоншиносӣ, нигораҳои дар осорхонаҳо қарордошта, ёддоштҳои ашхоси куҳансол ва шахсони то имрӯз ба ҳунари чармгарӣ ва ё пешаҳои бо он алоқаманд машғулбуда ва дигар сарчашмаҳо кумак карда метавонанд.

Калидвожаҳо: чармгарӣ, пойафзоли миллӣ, Болооби рӯди Панҷ, Бадахшон, мӯза, муккӣ, маҳсӣ, кафш, шипак, дастпӯшак, кӯлоҳ, мӯйина, кӯҳистон, водӣ, саҳро.

ВКЛАД ИСТОРИКОВ И ЭТНОГРАФОВ В РАСКРЫТИЕ ТАЙН КОЖЕВЕННОГО ИСКУССТВА ТАДЖИКОВ

До полной индустриализации кожевенного производства в Таджикистане виды изделий из кожи были чрезвычайно многочисленны. В частности, сапожники обильно использовали кожу и изготавливали свои изделия с красочной фантазией, с глубоким пониманием национального декоративно-прикладного искусства, с необыкновенным узором, который использовался не только для возвышения души, но и в направлении здоровья и благополучия человеческого организма также не остались без пользы. Кожевенное производство и сегодня является одной из тех отраслей, где можно выполнять свою работу дома и обеспечивать членов семьи постоянной работой. Этим средством можно обрабатывать кожу и волосы, полученные на местах, особенно из отдаленных деревень, чтобы положить конец их утрате, и на основе этого изготавливать разные виды одежды и обуви, женской и мужской, детской и парадной. перчатки, в зависимости от сезона и региона, можно подготовить. Но для этого полезно использовать мнения историков и информацию этнологов и специалистов в этой области. Потому что это народное искусство имеет очень давнюю историю и формировалось постепенно, время от времени. Поэтому без глубокого изучения отдельных этапов его развития и появления на протяжении истории невозможно возродить и продолжить жизнь столь полезного для современного общества лица. Автор может ознакомиться с научными работами, опубликованными по данной теме, археологическими открытиями и находками, музейными экспонатами, воспоминаниями стариков и людей, которые до сих пор занимаются кожевенным ремеслом или смежной деятельностью и другими источниками.

Ключевые слова: изделия из кожи, национальная обувь, верховья реки Пяндж, Бадахшан, сапоги, мукки, махси, туфли, тапочки, перчатки, кулох, волосы, горы, долина, поле.

THE CONTRIBUTION OF HISTORIANS AND ETHNOGRAPHERS TO REVEALING THE SECRETS OF TAJIK LEATHERCRAFT

Before the full industrialization of leather production in Tajikistan, the types of leather products were extremely numerous. In particular, shoemakers made abundant use of leather and made their products with colorful imagination, with a deep understanding of the national arts and crafts, with an extraordinary pattern, which was used not only to uplift the soul, but also in the direction of the health and well-being of the human body also did not remain without benefit . Leather production today is one of those industries where you can do your work at home and provide family members with permanent work. This product can be used to treat leather and hair obtained locally, especially from remote villages, to put an end to their loss, and on the basis of this, to make different types of clothing and shoes, women's and men's, children's and dress. gloves, depending on the season and region, can be prepared. But for this it is useful to use the opinions of historians and information from ethnologists and specialists in this field. Because this folk art has a very long history and was formed gradually, from time to time. Therefore, without an in-depth study of the individual stages of his development and appearance throughout history, it is impossible to revive and continue the life of such a useful person for modern society. The author can familiarize himself with scientific works published on this topic, archaeological discoveries and finds, museum exhibits, memories of old people and people who are still engaged in leather craft or related activities and other sources.

Keywords: leather goods, national footwear, Upper Panj River, Badakhshan, boots, mukki, mahsi, shoes, slippers, gloves, kuloh, hair, mountains, valley, field.

Дар бораи муаллиф
Самадов Субҳонқул Бобоқулович
Саромӯзгори кафедраи таърихи умумӣ
Донишгоҳи давлатии Данғара
E-mail: komil.1975@list.ru

Об авторе
Самадов Субҳонқул Бобоқулович
Старший преподователь кафедры общей истории
Дангаранский государственный университет
E-mail: komil.1975@list.ru

About the author
Samadov Subhonqul Boboqulovich
Senior Lecturer of the Department General history
Dangaran State University
E-mail: komil.1975@list.ru

ТДУ 902.6(575.3)

ШАҲРАКҲОИ БОЛООБИ ВОДИИ ЗАРАФШОН ДАР МАСИРИ ШОҲРОҲИ БУЗУРГИ АБРЕШИМ

Юсуфзода М. Ш.
Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ

Дар масири Шоҳроҳи бузурги абрешим маҳалҳои зиёди аҳолинишин ба чашм мерасанд. Аз ҷумла дар шохае, ки аз болооби водии Зарафшон мегузашт, бостоншиносон нуқтаҳои зиёди аҳолинишини зеринро ба қайд гирифта мавриди таҳқиқ қарор додаанд: 1) шаҳракҳо; 2) деҳот; 3) қалъаҳо; 4) кӯшкҳо.

Шаҳракҳо дар масири Роҳи бузурги абрешим ҷой гирифта, барои рушди тиҷорат мусоидат менамуданд. Қайд кардан зарур аст, ки дар мақолаи мазкур танҳо дар бораи шаҳракҳои болооби водии Зарафшон маълумот дода мешавад. Дар ин ҷо гуфтан зарур, ки шаҳракҳо аз рӯи намуна ба чанд қисм тақсим мешаванд ва ё иборатанд. Аз рӯи таснифоти пешниҳодшуда ба гурӯҳи аввал шаҳракҳои беқисм дохил мешаванд, ки ба асрҳои II-XVI мелодӣ тааллуқ доранд. Дар доираи гурӯҳи аввали ин таснифот шаҳракҳое муайян карда шуданд, ки дар онҳо аҳолӣ аз рӯи талаботи давраи худ умр ба сар мебурданд. Масалан:

1) аҳолии шаҳракҳои якқисма - ба кишоварзию ҳунармандӣ машғул буданд, роҳ ва ё сарҳадро посбонӣ мекарданд, назорати тақсими захираҳои об (нигоҳубини корезҳо), дидбонгоҳҳо ва корвонсаройҳоро ба ҷо меоварданд.

2) шаҳракҳои дуқисма - асосан аз дижу шаҳристон ва баъзеи дигарашон аз дижу қалъа иборат мебошанд. Ин шаҳракҳо дар масири роҳи корвонгузар қарор дошта барои рушди тиҷорат ва ҳунармандӣ мусоидат мекарданд.

3) шаҳракҳои сеқисма - аз диж, қалъа ва шаҳристон иборат мебошанд.

4) шаҳракҳои чорқисма - диж, шаҳристон, работ, ва қабристонро дар бар гирифта, аз ҷиҳати иқтисодӣ пешрафта буданд ва сокинони он аз рӯйи дороӣ ба гурӯҳҳо тақсим шуда буданд. Инчунин маҳсулоти истеҳсол намудаи онҳо дар бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ савдо карда мешуданд.

5) шаҳракҳои панҷқисма - диж, шаҳристон, работ, қабристон ва амлокҳоро дар бар мегиранд.

Дар асоси маълумоти харитаи бостоншиносии болооби водии Зарафшон [2, с. 360] ки дар он оид ба зиёда аз 100 шаҳрак маълумот оварда шудааст, барои муайян кардани намуди шаҳракҳо чанде аз онҳоро ҳамчун ёдгориҳои намуна таҳлилу баррасӣ намудан бамаврид аст.

1). Шаҳракҳои якқисма

Носирбой – Қӯрғони Равот

Шаҳрак дар қисми ҷанубу шарқии деҳаи Роҷ дар теппаи табиии соҳили рости сойи Роҷ дар ҳудуди ҷамоати деҳоти Амондара ҷойгир аст. Шаҳрак дар теппае ҷойгир аст, ки он байзашакл буда андозааш 140х64м мебошад ва он аз шимол ба ҷануб тӯл кашидааст. Диж диаметри 40м дошта, чун теппаи баланди мудаввар дар маркази шаҳрак ҷойгир аст ва он 6 м аз минтақаи атроф баландтар мебошад. Диж аз ҳар тараф теппаҳои нобаробари тӯлкашида дошта, андозаи онҳо аз шимол ба ҷануб тақрибан 200м буда, аз ғарб ба шарқ 70-80м аст.

Дар натиҷаи тадқиқот муайян гардид, ки шаҳрак аз ду қабати маданӣ иборат аст. Қабати якум ба асрҳои V- VI ва қабати дуюм ба асрҳои VII – VIII тааллуқ доранд. Ёдгории мазкур бори аввал соли 1947 аз ҷониби О.И. Смирнова ҳангоми корҳои иктишофӣ дар болооби водии Зарафшон ба қайд гирифта шудааст [11, с. 74]. Қайд кардан ҷоиз аст, ки ёдгорӣ ҳаматарафа омӯхта нашудааст. Аммо метавон гуфт, ки дар ин шаҳрак мардум ба кишоварзӣ ва ҳунармандӣ машғул буда, инчунин роҳро низ посбонӣ мекарданд. Мардуми Суғди қадим, ки аз қадимулайём ба кишоварзӣ ва ҳунармандӣ машғул буданд барои тоҷирони аз Чин омада вазифаи роҳбалдадиро иҷро карда, корвонҳои тиҷоратии Роҳи абрешимро то империяи Рим бурда мерсониданд.

Охтонқўрғон-шаҳрак

Шаҳраки мазкур соли 1947 аз ҷониби О.И. Смирнова ба қайд гирифта шуда, соли 1975 дар он бо ташаббуси Ю.Я. Яъқубов тадқиқоти бостоншиносӣ гузаронида шудааст. Шаҳраки Охтонқўрғон дар заминҳои ҷамоати деҳоти Косатарош, 800 метр ҷанубтар аз деҳаи Чорбоғ ҷойгир аст. Шаҳрак дар ҷои ҳамвор воқеъ буда, майдони он зиёда аз 1 гектарро ташкил медиҳад, ки он аз шарқ ба ғарб тӯл кашидааст [11, с. 75].

Қисми зиёди сатҳи шаҳрак аз ҷониби сокинони маҳаллӣ ҳамвор карда шудааст. Танҳо боқимондаи се бино дар шакли теппаҳои хурд ба назар мерасанд. Дар ибтидо Эшонкорез аз назди шаҳрак мегузашт, дар наздикии теппаи дуюм боқимондаҳои манораи аз хишти хом сохташуда мавҷуд аст, ки он Калтаманор ном дорад ва баландиаш 9 м аст [16, с. 169-170]. Дар натиҷаи корҳои иктишофию таҳқиқотӣ аз ёдгорӣ қисмҳои зарфҳои шишагӣ, зарфҳои обёрӣ бо ранги зард, сафед, зард-сабз ва пораҳои зарфҳои нақшдор дарёфт гардиданд. Омӯзиши сафолпораҳои дарёфтшуда нишон медиҳанд, ки ёдгории мазкур ба асрҳои II-XII мелодӣ мансуб аст. Аз сабаби он, ки шаҳракҳои зикршуда дар мавриди омӯзиши ҳаматарафа қарор дода нашудаанд ва аз чанд қисм иборат будани онҳо то ҳол маълум нест, ҳамингуна дар мақолаи мазкур онҳо шартан ба гурӯҳи шаҳракҳои якқисма дохил карда шудаанд. Пайдо намудани зарфҳои сафолӣ, шишагӣ ва зарфҳои нақшдор аз он шаҳодат медиҳанд, ки аҳолии ин шаҳрак низ ба ҳунармандӣ машғул будаанд. Ҳангоми таҳлили маводҳои бостоншиносӣ маълум гардид, ки дар канори шаҳрак боқимондаи манора низ кашф карда шудааст, шояд ин манора вазифаи дидбонгоҳи роҳҳои тиҷоратиро иҷро мекард. Зеро дар водии Зарафшон чунин манораҳо хеле зиёд ба қайд гирифта шудаанд.

Чимқўрғон (шаҳрак бо қалъа)

Шаҳраки Чимқўрғон 500 метр шимолтар аз бинои маъмурии деҳаи Чимқалъаи ҷамоати деҳоти Саразм дар соҳили чапи канори дарёи Зарафшон ҷойгир аст. Шаҳрак дар нақша қариб росткунҷа буда, андозааш 130х45-35м аст ва он аз ғарб ба шарқ тӯл кашидааст. Релефи ёдгорӣ барҷаста аст. Девори ҷанубии он аз хишти хом ва похса сохта шуда, хуб боқӣ мондааст. Дар се кунҷҳои шимолу ғарбӣ, ҷанубу ғарбӣ ва ҷанубу шарқӣ боқимондаҳои манора тадқиқ карда шудаанд.

Даромадгоҳи шаҳрак дар мобайни девори ҷанубӣ воқеъ аст. Шаҳрак аз се тараф ғарб, ҷануб ва шарқ бо хандақ иҳота шудааст. Дар шимол он бо канори ҷарии дарёи Зарафшон ҳамсарҳад аст. Ҳангоми ҳафриёт аз ёдгорӣ миқдори начандон зиёди пораҳои зарфҳои сафолӣ, ки ба асри миёнаи барвақта ва асримиёна мансуб мебошанд дарёфт карда шуданд. Омӯзиши сафолпораҳо нишон медиҳанд, ки ёдгорӣ ба асрҳои VI-VIII ва IX-XII мансуб аст. Ёдгории мазкур аз ҷониби А. Исҳоқов тадқиқ гардида маводи он нашр нашудааст [2,3, с. 273]. Чихеле ки омузиши ёдгорӣ нишон медиҳад, шаҳрак бо манора ва хандақ иҳота карда шудааст. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки сокинони шаҳрак барои муҳофизати худ аз ҳамлаи аҷнабиён дар се тарафи шаҳрак ҳандақ кандаанд. Мавҷуд будани боқимондаи манора далели он аст, ки шаҳрак дорои дидбонгоҳ буда, сарбозон ба воситаи он аз омадани корвонҳои тиҷоратӣ ва пайдо шудани душман ба ҳоким хабар медоданд.

Қуйқўрғон – Қуюк-қурғон

Қуйқўрғон – Қуюк-қурғон – шаҳрак, 400 метр дуртар дар қисми шарқии шаҳраки беноми ҳудуди (собиқ колхози Ленинградии ҷамоати деҳоти Чимқўрғон) ҷамоати деҳоти Саразм ҷойгир аст. Шаҳрак дар нақша росткунҷа аст, ва он аз ҷанубу шарқ ба шимолу ғарб бо андозаи 105х80 м тӯл кашидааст [11, с. 76].

Шаҳрак аз се тараф бо деворҳои қалъа иҳота карда шудааст, ки аз он то замони мо танҳо хоктеппаи баландиаш 1-метра боқӣ мондааст. Дар тарафи шимолу шарқии шаҳрак девори ҳимоявӣ вуҷуд надорад. Ин тарафи шаҳрак бо ҷарии баланди соҳили дарёи Зарафшон муҳофизат карда мешуд. Дарвозаи даромадгоҳ дар девори ҷанубу ғарбӣ ҷойгир буда, бо ду манораи аз хишти хом сохташуда истеҳкомбандӣ карда шуда буд.

Боиси қайд кард, ки ба ғайр аз ин, чор манораи дигар низ дар кунҷҳои деворҳои шаҳрак сохта шудаанд. Ҳамаи онҳо шакли мудаввар доштанд, ки диаметри онҳо дар пояи 4,5 - 5 м сохта шудаанд. Манораҳо аз хишти хом ва похса сохта шуда, танҳо қисми поёнии онҳо бо

сангҳои дарё ва гил мустаҳкам карда шудаанд. Бояд ёддовар шуд, ки манораҳо асосан ҳамчун дидбонгоҳ барои ҳимояи шаҳрак истифода бурда мешуданд [6, с. 475].

Дар дохили шаҳрак боқимондаҳои ягон бинои бошукӯҳ ёфт нашудааст. Аз рӯи муқаррарот шаҳраки мазкур дар роҳи асримиёнагии Панҷакенту Самарқанд нақши корвонсарой иҷро мекард. Ин ифодагари он аст, ки дар ҳақиқат яке аз шохаҳои Роҳи бузурги абрешим аз болооби водии Зарафшон мегузашт. Корвонсаройҳо барои истироҳати тоҷирон хизматрасонӣ мекарданд. Ҳангоми ҳафриёт аз ин ёдгорӣ миқдори зиёди пораҳои зарфҳои сафолӣ дарёфт карда шуданд. Омӯзиши сафолпораҳо нишон медиҳанд, ки шаҳрак ба асрҳои XIII-XV ва XVIII тааллуқ дорад.

Ҷилтегирмон – Бадкампир

Шаҳрак 1км дуртар дар қисми ҷанубу ғарбии деҳаи Қирқарча дар соҳили рости сойи Тегермони ҷамоати деҳоти Халифа Ҳасан ҷойгир аст. Шаҳраки мазкур дуқабата буда, ҷои аз ҳама баландтарин, хусусан қисми ҷанубии он аз ҳудуди гирду атроф 30 метр баландтар мебошад. Аз ҳудуди ёдгорӣ қисмҳои зарфҳои обёринашаванда бо нақши камарбанд, пораҳои зарфҳои гилии калонҳаҷм, лабҳо ва пораҳои зарфҳои обёришаванда низ дарёфт карда шуданд [11, с. 78]. Гуфтан мумкин аст, ки ин намуд шаҳрак барои тақсим кардани захираҳои оби корезҳои наздик вазифаи назоратиро иҷро мекард.

2). Шаҳракҳои дуқисма

а) Масканӣ ё истиқоматӣ

Шутуртеппа -Каровултеппа

Шаҳраки Шутуртеппа ё теппаи Шутурак 200 метр дуртар дар қисмати тамомшавии ҷанубии деҳаи Урта дар теппаи баланди табиии сатҳи сеюми дарёи Зарафшон ва дар соҳили чапи сойи Кирқарча, дар ҳудуди ҷамоати деҳаи Саразм ҷойгир аст. Шаҳрак аз ду қисм иборат аст: қисмҳои ғарбӣ ва шарқӣ. Ҳарду дар якҷоягӣ 1 гектарро ташкил дода шакли ҳарфи Г-ро доранд.

Қабати болоии якум (шарқӣ) ба қабристон табдил ёфтааст, ки он дар байни қисмҳои шарқӣ ва ғарбии шаҳрак ҷойгир аст. Ҳангоми ҳафриёт дар қисмати ғарбӣ боқимондаҳои се ҳуҷраи параллелӣ бо равоқҳо ёфт шуданд, ки ба девори ҷанубӣ пайваст буданд.

Ин ҳуҷраҳои тадқиқшуда шояд дар замони худ вазифаи анборро иҷро мекарданд. Биноҳои кофташуда ба асрҳои VII-VIII милодӣ тааллуқ доранд. [11, с. 54].

Ҳамин тавр дар натиҷаи тадқиқоти бостонишносӣ муайян гардид, ки қабатҳои болоии ёдгории мазкур ба асрҳои VII-VIII мелодӣ ва қабатҳои поёнии он ба асрҳои IV – III то мелод тааллуқ доранд. [14, с. 61].

б) Қароргоҳи ҳокими шаҳрак ё амлокдор

Оқтеппа - Зардчахалифа (шаҳрак)

Шаҳраки Оқтеппа 1 км ғарбтар аз ҳудуди шаҳри Панҷакент, дар ҳудуди деҳаи Чинор ҷойгир аст. Шаҳрак аз ду қисм - диж ва шаҳристон иборат аст.

Диж аз теппаҳои байзашакл иборат аст, ки диаметри онҳо тақрибан 40 метр буда, баландии онҳо 20 - 25 метр аст. Шаҳристон нақшаи росткунҷаи андозаи 60х60м дошта, он дар қисми шарқи шаҳрак ҷойгир аст. Дар байни диж ва Шаҳристон як сойи чуқур мавҷуд аст, ки зоҳиран замоне дар ин ҷо хандақ буд [11, с. 73]. Ҳангоми ҳафриёти бостоншиносӣ дар диж ва шаҳристон, як қисми шаҳрак тадқиқ карда шудааст.

Ҳафриёти тарафи берунии бинои шаҳрак нишон медиҳад, ки дар зери ин бино девори қадимтаре вуҷуд дорад, ки он ҳангоми сохтмонҳои баъдина низ истифода шудааст. Кушодани қисми берунии деворҳои шарқӣ нишон доданд, ки ин девор замоне бо қаторҳои шикофи тиркашҳо бо тартиби тахтаи шоҳмот ҷойгир карда шудаанд ва девор аз тарафи Шаҳристон мустаҳкам карда шуда шудааст. Дар маҷмуъ, ҳафриёти қалъа ду давраи ҳаётро инъикос мекунад. Муайян карда шуд, ки қалъа дар давраи аввали истиқомат ҳамчун қалъаи як заминдори калон буда, дар давраи дуюм қароргоҳи ҳокими шаҳрак мегардад.

Шаҳристон. Ҳангоми ҳафриёт дар қисмати шимолу ғарбии шаҳристон боқимондаҳои 13 адад бино пайдо карда шуданд. Дар байни биноҳои мазкур инчунин ду толори намоишӣ ва хобгоҳ кофтуков карда шуданд. Боиси қайд аст, ки онҳо ба таври возеҳ ба биноҳои зист ва биноҳои хоҷагидорӣ тақсим мешаванд. Дар байни онҳо ҳуҷраи II, ки дар қисмати шимолу

ғарбии он ҳаммоми ҳаҷмаш 1,75х 1, 75м пайдо шудааст, ки он ба ҷои нигаҳдории май монандӣ дорад. Он аз чор тараф бо деворҳои хиштӣ иҳота шудааст, ки деворҳои мазкур 25 см паҳноӣ ва 1м баландӣ доранд. Дар мобайни он сӯрохии хурд бо диаметри 30 - 40 см ва чуқурии 10 - 15 см мавҷуд аст, ки барои рехтани шарбати ангур истифода бурда мешуд [4, с. 226].

Дар натиҷаи ҳафриёт аз ёдгорӣ бозёфтҳои гуногун ба даст омаданд.

Ҳангоми ҳафриёт се қабати маданӣ: асрҳои V – VI, асрҳои VII – VIII ва асрҳои IX – XII ошкор гардиданд [5, с. 565-566]. Таҳлили вазъи иҷтимоии шаҳрак нишон дод, ки он дар аввал ҳамчун маскани истиқоматӣ ва дар охир ҳамчун қароргоҳи ҳоким истифода шудааст. Ҳамчунин вуҷуд доштани манораҳо, деворҳои муҳофизатӣ бо тиркашҳо инчунин миқдори зиёди хонаҳои истиқоматӣ шаҳодат аз он медиҳанд, ки шаҳрак барои будубоши ҳокими маҳаллӣ бино шудааст.

3). Шаҳракҳои секисма: ки аз диж, қалъа ва шаҳристон иборат мебошанд.

а – ҷойи истиқомати шаҳрнишинҳо.

Муғултеппа – Шаҳраки мазкур соли 1947 аз ҷониби О.И. Смирнова ба қайд гирифта шуда соли 1981 бостоншинос А. Исҳоқов дар мавзеи ин ёдгорӣ ҳафриёт гузаронидааст.

Шаҳраки Муғултеппа дар ҷанубӣ деҳаи Камартош, дар соҳили рости рӯдхонаи хушки сойи Ямонқия, дар сатҳи сеюми дарёи Зарафшон, дар ҳудуди (колхози Собиқи "Ленинград" - и шӯрои деҳоти Чимқӯрғон) Ҷамоати деҳоти Саразм ҷойгир аст. Ҳудуди шаҳрак зиёда аз 3 гектарро дар бар гирифта аз се қисм: Диж, қалъа ва шаҳристон иборат аст [11, с. 72].

Диж дар қисми шарқӣ ва ҷанубу шарқии шаҳрак ҷойгир аст. Ин қисми ёдгориро имрӯз қабристони сокинони деҳаи Камартош ишғол кардааст. Қалъа дар кунҷи ҷанубу ғарбии шаҳрак ҷойгир аст. Аввалин ҳавлӣ бо масоҳати 85 – 37м, дар шимолу ғарбии қалъа ҷойгир аст. Деворҳои ин ҳавлӣ каме баланд ҷойгиршуда дар шакли хоктеппа боқӣ мондаанд. Ҳавлии дуюм васеъ аст, андозаи он 150х30м мебошад, маълум аст, ки ин шаҳристон аст. Он дар ғарби ҳавлии якум ҷойгир аст. Дар кунҷи шимолу ғарбии шаҳристон теппаи мудаввар бо баландии тақрибан 3 метр, диаметри 15 метр ҷойгир аст. Даромадгоҳи шаҳрак аз ҷониби ҷануб буда, он дар байни диж ва қалъа ҷойгир аст.

Дар қалъа боқимондаи 2 ҳуҷра ҳафриёт карда шудаанд. Деворҳои ҳуҷраҳо бо баландии то 4 метр боқӣ мондаанд. Онҳо аз блокҳои похса бо ду қатор хишти хом сохта шудаанд [6, с. 475].

Хандақи санҷишие, ки дар поёни диж гузошта шуда буд, муайян менамояд, ки замоне байни диж ва қалъа девори мудофиавии мустаҳкам ва хандақи чуқуриаш 9 м вуҷуд доштааст. Ҳангоми ҳафриёти бостоншиносӣ аз шаҳрак миқдори зиёди сафолпораҳо пайдо карда шуд. Ёдгории мазкур ба асрҳои VI-VIII ва XII мелодӣ мансуб аст. Шаҳрак - ҷойи истиқомати сокинони шаҳрнишин будааст. Сокинони шаҳрак асосан ба тиҷорат ва ҳунармандӣ машғул буданд. Зеро шаҳрак маркази рушди ҳунармандиву тиҷорат ба шумор меравад.

4). Шаҳракҳои чаҳорқисма

а – қалъаи (дижи) шоҳнишин, шаҳристон, работ ва қабристон

Санҷаршоҳ. Ёдгории аввали асримиёнагии шаҳраки Санҷаршоҳ, 12 км дуртар дар қисмати шарқии шаҳри Панҷакент, дар қисми ҷанубии деҳаи Сӯҷина, дар соҳили рости Моғиёндарё ҷойгир шудааст. Бори нахуст ин ёдгорӣ аз ҷониби эроншинос, таърихшинос, мутахассиси сиккашиносӣ, топографи таърихӣ ва топонимикаи Суғд, шарқшиноси номии Шуравӣ О. И. Смирнова (соли 1947) таҳқиқ шуда буд [11, с. 71-72]. Вале то соли 2008, дар манотиқи ин шаҳрак, ҳеҷ гуна ҳафриёти доимии бостоншиносӣ бурда нашудааст.

Номи теппаи мазкур «Санҷаршоҳ» ё «Санҷартеппа» аз тарафи бошандагони имрӯзаи маҳал, ки ӯзбекон ҳастанд, дар замонҳои гузашта номгузорӣ карда шудааст. Аз гузаштаи таърих мо медонем, ки ҳукмронии Султон Санҷар - Муиззиддин Абуҳорис Аҳмад ибни Маликшоҳи Салҷуқӣ (давраи ҳукмрониаш 1118-1157) ба асрҳои XII мелодӣ рост меояд. Дар асл «Теппа» - и мазкур дар замони суғдиён чӣ ном дошт, то имрӯз дар ягон сарчашмаҳои хаттӣ во нахӯрдааст.

Ёдгории Санҷаршоҳ - шаҳраки асримиёнагии барвақтии суғдӣ буда, тақрибан дорои 5 га масоҳат мебошад, ки мутааллиқ ба асрҳои V – VIII мелодист. Ёдгории мазкур дар нақша росткунҷаи дарозрӯя буда, аз шарқ ба ғарб тӯл кашидааст. Он дорои қалъаи (дижи) шоҳнишин, шаҳристон, работ ва қабристон (ҳоло қариб, ки боқӣ намондааст) буда, таҳқиқоти бостоншиносӣ дар он нав оғоз гардидааст.

Дар солҳои 50 – 70 асри XX мавзеи ёдгорӣ аз ҷониби сокинони маҳаллӣ вайрон карда шуда дар болои ёдгорӣ боғ бунёд шуда буд. Соли 2008 ҳафриёти бостоншиносии Суғдии Шарқӣ, бо кӯмак ва дастгирии ҷамъияти швейтсариягӣ оид ба таҳқиқоти Аврупою Осиёгӣ ва бо дастгирии ректори Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент ба таҳқиқи ёдгории теппаи Санҷаршоҳи деҳаи Сӯҷинаи ноҳияи Панҷакент оғоз намуд. Аз соли 2008 инҷониб бо сарварии бостоншиноси варзида номзади илмҳои таърих Қурбонов Ш.Ф. дар ёдгории мазкур ҳафриёти бостоншиносӣ гузаронида шуда истодааст. Нахустин пажуҳишҳо дар қисмати шимолу ғарбии шаҳраки Санҷаршоҳ, дар теппае оғоз гардидааст. Ҳангоми тадқиқот аз зери хоки таҳшиншуда боқимондаҳои қалъаи мудофиавӣ ёфта шуд, ки бо хишти хоми қолабӣ бино гардидааст. Баландии то ба имрӯз боқимондаи бурҷи қалъа аз рӯи фарши бино 6,60 м буда, аз шаҳристон дуртар воқеъ аст [10, с. 84-85].

Дар натиҷаи таҳқиқот маълум гардид, ки ду ҳуҷра дар қабати дуввуми (ё саввум) бурҷ ҷой дошта аз хишти хоми қолабӣ сохта шудаанд. Тахмин меравад, ки ин ҳуҷраҳо ҳамчун дидбонгоҳи қалъаи мазкур хидмат мекарданд. Ҳамчунин дар вақти зарурӣ бошандагони қалъа метавонистанд, аз ҳамлаи душманони дохилию аҷнабӣ, даруни ин ҳуҷраҳо пинҳон шаванд. Ҳангоми ҳафриёт аз дохили ҳуҷраҳои мавҷуда сафолпораҳои бисёре ёфт шуданд ва онҳо исботи онанд, ки дар ин ҳуҷраҳо бошандагони қалъа дар охири асри V ва аввали асри VI муддате зиндагонӣ кардаанд [10, с. 278]. Вуҷуд доштани донжон ё бурҷи муҳофизатӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки сокинони шаҳрак ба воситаи он тамоми гирду атрофи шаҳрак ва роҳҳои тиҷоратиро назорат намуда аз хатарҳои беруна ҳокими шаҳракро хабардор кунанд.

Муборакшоҳтеппа – шаҳрак

Шаҳраки Муборакшоҳ, дар қисми шарқии маҷмаа аз шимолу ғарб ба ҷанубу шарқ параллели Моғиёндарё шакли номувофиқ ва андозаи 275 х 50 - 70 м дорад ҷойгир аст. Ду қисми шаҳрак ба таври возеҳ ҷудо карда мешаванд теппаи диж аз сатҳи поён 4-6 м баланд буда ва қисми боқимондааш работ паст (1-2 м) аст.

Теппаи куҳандиз дар ҳамон меҳвари шимолу ғарб ҷанубу шарқ тӯл кашида, андозаи он 80х30 м аст. Дар шимолу ғарб қисми баландтарини он, андозааш 15х15 м аст, ки эҳтимолан донжонро ташкил медиҳад. Қисми боқимондаи шаҳрак дар баъзе ҷойҳо ҳамвор, дар баъзе ҷойҳо теппадор аст, боқимонда манзилҳои истиқоматӣ ё маҳаллаҳое мебошанд, ки бо девор иҳота нашудаанд [7, с. 280].

Дар 30 метр ҷануб аз кунҷи ҷанубии шаҳрак чоҳи (шахтаи) корези асримиёнагӣ бо диаметри 10 метр ва чуқурии ҳозираи 8 метр ҷойгир аст. Дами чоҳ конусшакл аст, деворҳо дар поён рост мебошанд. Дар деворҳои ҷанубу ғарбӣ ва шимолу шарқии чоҳ дар чуқурии тақрибан 5 метр аз сатҳи имрӯза сӯрохиҳои нақбҳо, ки дар онҳо об мегузашт, тақрибан 1,2х1,2 м дида мешаванд. Дар болои чоҳ аз тарафи шимолу ғарбӣ боқимондаи манораи посбонӣ бо диаметри 4,5 ва баландии тақрибан 6 метр ҷойгир аст.

Дар шимолу ғарбии шаҳрак, дар паси канали обёрӣ, қабристон ҷойгир аст. Андозаи қабристон 250 метр аз шимолу ғарб ба ҷанубу шарқ, 150 метр аз ҷанубу ғарб ба шимолу шарқ аст. Дар сатҳи қабристон бисёр лаҳадҳое, ки девори онҳо аз санг сохта шудааст ба назар мерасад. Дар натиҷаи ҳафриёт аз ёдгории мазкур дирҳамҳои пастсифат ки ба солҳои 434, 435/1042 – 44 тааллуқ доранд, дарёфт карда шуданд [1, с. 50]. Мувофиқи бозёфтҳо ёдгории Муборакшоҳтеппа ба аввали асри оҳан ва охири асрҳои миёна тааллуқ дорад. Таҳлили маводҳои бостонӣ собит намуданд, ки шаҳрак дар замони худ хело рушд карда будааст. Пайдо гардидани иншоотҳои таъиноташон гуногун далели инкишофи шаҳрак мебошанд.

5). Шаҳракҳои панҷқисма - Диж, Шаҳристон, Работ, Қабристон ва амлокҳо

Панҷакенти Қадим. Панҷакенти Қадим яке аз шаҳрҳои марказии Суғди қадим ба ҳисоб рафта дар асрҳои V – VIII маркази ташаккули шаҳрсозӣ, ҳунармандӣ ва тиҷорат

маҳсуб мешуд. Дар канораи Панҷакенти имрӯза, шаҳраки давраи асримиёнагӣ (асрҳои V-VIII)воқеъ гардидааст. Таҳқиқоти ёдгорӣ аз соли 1946 аз ҷониби олимони бостоншинос бурда мешавад. Номи Панҷакент дар осори хаттии авали арии VIII, ҳамон даврае, ки дар ҷойи шаҳраки ҳозира бостоншиносон ковишҳои бостонӣ мегузаронанд, ишора гардидааст. Солҳои 770-780 сокинони Панҷакенти қадим ба ҷойҳои дигар рафтанд. Охири асрҳои VIII ва ибтидои асри IX дини мусулмонӣ ва забони форси-дарӣ (тоҷикӣ) дар тамоми ҳудуди Суғд паҳн гардид [8, с. 55].

Дар Панҷакент тоҷирон мезистанд, ки бо тамоми Роҳи бузурги абрешим, ки аз Рум то Чин тӯл мекашад тиҷорати корвонӣ доштанд. Суғдиён бо тамаддунҳои бузурги замони худ бо хубӣ ошно буданд. Аз ин рӯ дар осори санъати тасвирии онҳо вижагиҳои эронию ҳиндиро метавон дарёфт. Рассомони Суғд дар деворнигораҳои биноҳои зист ва маъмурӣ адабиёт, эҷодиёти халқ, расму одат ва анъанаи суғдиёнро тачассум кардаанд, ки дар бораи онҳо то ҳафриёти бостонӣ дар Панҷакенти қадим қариб ҳеҷ чиз маълум набуд.

Панҷакенти қадим аз чор қисми асосӣ ва амлокҳо (мулкҳое, ки дар гирду атрофи шаҳр ҷойгир шудаанд) иборат буд. Омӯзиши зиёда аз 79 солаи ёдгорӣ нишон дод, ки он дар қади роҳи яке аз шохаҳои Роҳи бузурги абрешим ҷойгир буда маркази асосии ҳунармандӣ ва тиҷорат мебошад.

Дар натиҷаи омӯзиши шаҳракҳо маълум гардид, ки онҳо ба даврaҳои мухталиф тааллуқ доранд. Ҳар як шаҳрак дорои хусусияти ба худ хос мебошад. Ҳангоми таҳлили мавзуъ муайян гардид, ки шаҳракҳо вобаста ба даврaҳо шаклҳои худро иваз кардаанд. Масалан шаҳраки Шутуртеппа аз ду қисм иборат буда аз ду қабати маданӣ иборат аст. Ин шаҳрак дар асрҳои VII – VIII хело обод гардида баъди аз ҷониби арабҳо забт гаридани Осиёи Миёна сокинони он ин маконро тарк намудаанд. Ин шаҳрак дар масири Шоҳроҳи бузурги абрешим, ки як шохаи он аз водии Зарафшон мегузашт ҷойгир шудааст. Шояд дар замони худ ин шаҳрак макони истироҳат барои тоҷирони аз роҳи дур омада буд.

Дигар шаҳраке ки аз ҷиҳати намуд аз шаҳракҳои пешин фарқ мекунад ин Муғултеппа мебошад. Ин шаҳрак ба асрҳои VII – VIII ва XII мансуб буда аз 3 қисм: Диж, қалъа ва шаҳристон иборат аст. Чихеле ки маълум аст, бо мурури замон шаҳракҳо низ таъиноти худро иваз кардаанд. Ин шаҳрак низ дар масири Шоҳроҳи бузурги абрешим қарор дошт. Сокинони шаҳрак барои тоҷирон шароити хуб фароҳам оварда дар ташаккули муносибатҳои тиҷоратии миёни шарқу ғарб мусоидат намудаанд.

Шаҳраки дигаре, ки дар боло дар бораш маълумот дода шуд, ин Муборакшоҳтеппа мебошад, ки аз чор қисм: Диж, Работ, Куҳандиз ва Қабристон иборат мебошад. Ин шаҳрак ба аввали асри оҳан ва охири асрҳои миёна тааллуқ дорад. Шаҳрак дорои диж мебошад, аз ин хулоса баровардан мумкин аст, ки шаҳрак дар асрҳои миёна як воҳиди маъмурии худмухтор будааст.

Қайд кардан ба маврид аст, ки тағйирёбии таъиноти шаҳракҳо аз рӯйи даврабандӣ фарқ мекунад. Масалан дар асрҳои V – VI шаҳракҳо аз ду қисм иборат буданд ва дар асрҳои VII – VIII баъзе аз онҳо аз се қисм ва баъзеи дигарашон аз чор қисм иборат буданд. Аз сабаби он, ки қариб ҳамаи ёдгориҳои бостонии болооби водии Зарафшон аз хишти хом ва похса сохта шуда буданд то замони мо қисман боқӣ мондаанд [15, с. 142]. Моро зарур аст, ки ҷиҳати аз нестшавӣ нигоҳ доштани онҳо чораҳои зарурирo андешем.

Шаҳраки Қуйқӯрғон – Қуюк-қурғон дар асрҳои XIII-XV вазифаи корвонсаройро иҷро мекард. Чи гуна ки дар боло зикр кардем, ин шаҳрак дорои корвонсарой буда барои корвонҳои тиҷоратӣ хизмат мерасонид. Тоҷирони аз роҳи Чин ба Осиёи Миёна воридгардида шояд дар ин корвонсарой муддате иқомат карда пас аз мондагии худро баровардан ба роҳи худ идома медоданд. Ин як далели раднопазир аст барои он, ки дар ҳақиқат як шохаи Шоҳроҳи бузурги абрешим аз водии Зарафшон мегузашт.

Ҳамчунин таҳлили мавзуъ нишон дод, ки баъзан шаҳракҳо дорои манораи дидбонӣ будаанд. Инро мо ҳангоми баррасии мавзуъ дар ёдгории Чимқурғон мушоҳида намудем. Ин манораҳо барои муҳофизати шаҳрак ҳамчун дидбонгоҳ хизмат мекарданд. Дар баъзе аз ёдгориҳо ҳангоми таҳқиқ нишонаҳои корезҳо низ пайдо гардиданд. Аз ин ба хубӣ пай

бурдан мумкин аст, ки сокинони шаҳракҳо барои обёрӣ аз корезҳо васеъ истифода мебурданд.

Агар аз ҷиҳати топонимӣ ба масоили мазкур назар афканем, мушоҳида менамоем, ки бисёре аз номи ёдгориҳо омезиши туркӣ доранд. Ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки дар асри VI воридшавии туркҳои бодиягард ба Осиёи Миёна оғоз гардида онҳо дар натиҷаи омезишёбӣ бо мардуми маҳаллӣ забонашонро паҳн кардаанд. Аз ин лиҳоз то имрӯз баъзе аз номи ёдгориҳо туркӣ мебошанд [10, с. 38].

Дар замони соҳибистиқлолӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳифзи ёдгориҳои таърихӣ ва умуман арзишҳои мадании халқи тоҷик таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуда бо қабули қарорҳои дахлдор пеши роҳи нестшавии ёдгориҳои таърихиро гирифт. Хушбахтона, Қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.05.2008 «Дар бораи таъсиси мавзеъҳои муҳофизатии объектҳои ғайриманқули мероси таърихию фарҳангӣ» [13, с. 50 – 53] ва аз 31.12.2008 «Дар бораи Қоидаҳои низоми нигаҳдории мавзеъҳои муҳофизатии объектҳои ғайриманқули мероси таърихию фарҳангӣ» [13, с. 42 – 45] бо имзои Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба имзо расид, ки Қарорҳои мазкур кафолати нигаҳдории ёдгориҳои таърихию фарҳангии ниёгонамон мебошад.

Дар солҳои соҳибистиқлолӣ бо дастгирии Ҳукумати мамлакат як қатор ёдгориҳои таърихиву бостонӣ барои ҳифз намудан аз вайроншавӣ болопӯш карда шудаанд. Хушбахтона моҳҳои август – сентябри соли 2023 дар ҳафриёти Санҷаршоҳ 5 болопӯш карда шуд.

Як навоварии оид ба ҳифзи мероси фарҳангии халқи тоҷик, ин лоиҳаи «Номзадҳои силсилавӣ» ибтидои ташаккули муносибати ҳамаҷониба ба ҳифзи мероси умумист, ки бояд дар ҳама ҷо дастгирӣ ва инкишоф дода шавад. Лоиҳаи ЮНЕСКО оид ба омода намудани номинатсияи силсилавии «Долони Роҳҳои Абрешим – Зарафшон-Қароқум» аҳамияти муносибати маҷмуӣ барои ҳифзи мероси умумиро инъикос кардааст. Муттаҳидсозии таҳияи ҳуҷҷатҳо дар шакли файлҳои пешбарӣ аҳамияти татбиқи якхелаи таҳқиқоти инноватсионӣ инъикос ёфтааст.

Роҳи бузурги абрешим истеҳсолот ва фарҳанги Шарқ ва Ғарбро ба ҳам мепайвандад, ки тамаддунҳои гуногунро барои инкишоф додан, ҳамдигарро ғанӣ гардонидан ва дар муколамаи осоиштаи тиҷоратӣ ҳамзистӣ кардан имкон медод. Қайд кардан ба маврид аст, 9 ёдгории қисмати Тоҷикистонии долони Зарафшон – Қароқуми Шоҳроҳи бузурги абрешим 17 сентябри соли 2023 ба феҳристи мероси умумиҷаҳонии ЮНЕСКО ворид карда шуд.

Ҳамин тавр шаҳракҳои болооби водии Зарафшон дорои аҳаммияти бузурги таърихӣ буда барои омӯзишу таҳқиқи таърихи пурғановати халқи тоҷик ба мо маводи арзишманде додаанд. Қайд кардан ба маврид аст, ки қисми зиёди ёдгориҳои дар боло зикргардида аз ҷониби бостоншиносон мавриди таҳқиқи ҳаматарафа қарор нагирифтааст. Бисёре аз онҳо танҳо аз ҷониби гурӯҳҳои бостоншиносӣ ба қайд гирифта шудаасту халос. Моро зарур аст, ки барои боз ҳам васеътар омӯхтани ин ёдгориҳо корҳои бостоншиносиро дар болооби водии Зарафшон ба роҳ монем.

Тартиб додани харитаҳои алоҳидаи бостоншиносӣ як зинаи дигар барои омӯзиши ёдгориҳо ба ҳисоб меравад. Масалан:

1. Тартиб додани харитаи бостоншиносии асри санги болооби Зарафшон.
2. Тартиб додани харитаи бостоншиносии асрҳои биринҷӣ, оҳан ва давраи антиқаи болооби Зарафшон.
3. Тартиб додани харитаи бостоншиносии асрҳои миёнаи болооби Зарафшон.
4. Тартиб додани харитаи ёдгориҳои меъморӣ ва монументалии болооби Зарафшон.

Омӯхтан ва муаррифӣ намудани таъриху тамаддуни пурғановати халқи тоҷик ба мо имконият медиҳад, ки таваҷҷуҳи олимони хориҷиро ба омӯзиши ёдгориҳои водии Зарафшон бештар намоем. Ҳамчунин омода намудани хатсайрҳои сайёҳии таърихӣ ба мо имконият медиҳад, ки таваҷҷуҳи сайёҳонро ба кишвари азизамон бештар намоем. Ҷалби сайёҳон яке аз роҳҳои асосии ғанӣ гардонидани буҷети давлат ба ҳисоб меравад.

Адабиёт

1. *Довуди, Д. Монетные находки на городищах Санчаршах и Муборакшах / Д. Довуди, Ш.Ф. Курбонов. – Душанбе: Шахпар, 2012. - 86 с.*
2. *Исаков, А. И. Археологическая карта верховьев долины Зарафшана (Горно - Матчинский, Айнинский и Пенджикентский районы). Книга 1. Горно - Матчинский, Айнинский районы. Ч. I - III. / А. И. Исаков, Ю. Я. Якубов, Г. Р. Каримова. - Душанбе: Дониш, 2020. - 360 с.*
3. *Исаков, А.И. Отчет о работах Косатарошского отряда за 1976 г. // АРТ Вып. 16. / А.И. Исаков. - Душанбе, 1983 - С. 222-232.*
4. *Исаков, А.И. Раскопки городища Актепа, близ Пенджикента //АО, 1976, / А.И. Исаков. – М:, 1977. - С. 565-566.*
5. *Исаков, А.И. Раскопки на поселении Саразм. // АО 1071 г. / А.И. Исаков. – М:, 1981. – 475 с.*
6. *Курбанов, Ш. Ф. Отчет о работах Восточно-Согдийской археологической экспедиции на городище Санджар-шах // АРТ Вып. 34. / Ш. Ф. Курбанов. – Душанбе, 2010. - С. 278-299.*
7. *Курбанов, Ш. Ф. Памятники античного периода верховьев Зеравшана / Ш. Ф. Курбанов. - Душанбе: Ирфон, 2014. - 207 с.*
8. *Каримова, Г.Р. Топонимияи номҳои ёдгориҳои археологӣ дар болооби водии Зарафшон (назари нав ба масъала) // Номаи донишгоҳ / Г.Р. Каримова, М. Юсуфов. - Хуҷанд, 2022. №4 (73). С. 38 – 46.*
9. *Қурбонов, Ш. Ф. Ҳафриёти бостоншиносӣ дар ёдгории асримиёнагии Санҷаршоҳ, деҳаи Сӯҷинаи ноҳияи Панҷакент (асрҳои V-VIII) / Ш.Ф. Қурбонов, Ф. Аминов // Ахбори Осорхонаи ҷумҳуриявии таърихию кишваршиносии ба номи А. Рӯдакӣ. №1. С. 84 – 85.*
10. *Смирнова О.И. Археологические разведки в бассейне Зеравшана в 1947 г. / О.И. Смирнова // МИА. - М.-Л.- 1950.- № 15.- С. 67 - 80.*
11. *Смирнова О. И., Разведки в бассейне р. Зарафшан в 1947 г. МИА №15. Изд. АН СССР. Москва, Ленинград. 1950. С. 71 – 72.*
12. *Ҳифзи ёдгориҳои таърихию фарҳангӣ. (Санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва дастурамал барои кормандони Ҳифзи ёдгориҳо). Нашр. «Истеъдод». Душанбе. 2009. С. 50 – 53.*
13. *Шишкина Г.В. Эллинистическая керамика Афрасиаба. //СА. 1975 № 2. С. 61.*
14. *Юсуфов, М.Ш. Роҳҳои нигоҳдорӣ ва ҳифзи ёдгориҳои болооби водии Зарафшон дар масири Роҳи бузурги абрешим / М.Ш. Юсуфов. // Конфренсияи илмӣ – амалии "Илм аз дидгоҳи олимони ҷавон" (Бахшида ба эълон гардидани соли 2024 – Соли маърифати ҳуқуқӣ), Душанбе, 2024. С. 142 – 143.*
15. *Якубов Ю. Работы Зеравшанского отряда в 1975 г. // АРТ. - Душанбе, 1980. - Вып. 15.- С. 167 - 171.*

ШАҲРАКҲОИ БОЛООБИ ВОДИИ ЗАРАФШОН ДАР МАСИРИ ШОҲРОҲИ БУЗУРГИ АБРЕШИМ

Дар мақолаи мазкур муаллиф дар бораи шаҳракҳои болооби водии Зарафшон дар масири Шоҳроҳи бузурги абрешим, ки як шохаи он аз ин ҷо мегузашт, маълумот додааст. Муаллиф кӯшиш кардааст, ки дар асоси адабиётҳои илмӣ шаҳракҳоро аз рӯйи таъиноташон ба намудҳои якқисма, дуқисма, сеқисма, чаҳорқисма ва панҷқисма ҷудо намояд. Инчунин дар бораи вазифаҳои ин шаҳракҳо дар замони худ низ маълумот оварда шудааст. Қайд кардан ба маврид аст, ки қисми зиёди ёдгориҳои дар боло зикргардида аз ҷониби бостоншиносон мавриди таҳқиқи ҳаматарафа қарор нагирифтааст. Бисёре аз онҳо танҳо аз ҷониби гурӯҳҳои бостоншиносӣ ба қайд гирифта шудаасту халос. Ҳангоми баррасии мавзуъ муаллиф дар бораи топонимикаи ёдгориҳои мазкур ақидаронӣ карда чунин қайд кардааст: Агар аз ҷиҳати топонимӣ ба масоили мазкур назар афканем, мушоҳида менамоем, ки бисёре аз номи ёдгориҳо омезиши туркӣ доранд. Ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки дар асри VI воридшавии туркҳои бодиягард ба Осиёи Миёна оғоз гардида онҳо дар натиҷаи омезишёбӣ бо мардуми маҳаллӣ забонашонро паҳн кардаанд. Аз ин лиҳоз то имрӯз баъзе аз номи ёдгориҳо туркӣ мебошанд. Дар итмоми мавзуъ муаллиф пешниҳод намудааст, ки барои боз ҳам бештар таҳқиқ намудани ёдгориҳои болооби водии Зарафшон моро зарур аст, ки диққати олимони хориҷиро ба омӯзиши ёдгориҳои мазкур ҷалб намоем.

Калидвожаҳо: Панҷакенти Қадим, Роҳи бузурги абрешим, Санҷаршоҳ, дидбонгоҳ, Муборакшоҳтеппа, Шутуртеппа, экспедитсия, Охтонқӯрғон, болооби Зарафшон, Чимқӯрғон, Муғултеппа, корвонсарой,харитаи бостоншиносӣ, долони Зарафшон – Қароқум, ЮНЕСКО.

ГОРОДИЩА ВЕРХОВЬЕВ ДОЛИНЫ ЗАРАФШАНА НА МАРШРУТЕ ВЕЛИКОГО ШЕЛКОВОГО ПУТИ

В данной статье рассматриваются поселения верховьев Зеравшанской долины, расположенные на одном из ответвлений Великого шелкового пути. Автор стремится классифицировать эти поселения по их функциональному назначению, выделяя одночастные, двухчастные, трехчастные, четырехчастные и пятичастные типы на основе научной литературы. Также приводятся сведения о роли этих поселений в их историческом контексте. Следует отметить, что значительная часть упомянутых памятников не подвергалась всестороннему археологическому изучению. Многие из них были лишь зафиксированы археологическими экспедициями, но не исследованы детально. В рамках обсуждения темы автор анализирует топонимику данных памятников и отмечает, что многие их названия имеют тюркское происхождение. Это свидетельствует о том, что проникновение кочевых тюркских групп в Среднюю Азию началось в VI веке, и в процессе их взаимодействия с местным населением происходило распространение тюркского языка. По этой причине некоторые названия памятников до сих пор сохраняют тюркские элементы. В заключение автор предлагает привлекать внимание зарубежных ученых к изучению археологических памятников верховьев Зеравшанской долины для их более глубокого исследования.

Ключевые слова: Древний Пенджикент, Великий шелковый путь, Санджаршах, сторожевой пост, Муборакшахтеппа, Шутуртеппа, экспедиция, Охтонкурган, верховья Зеравшана, Чимкурган, Мугултеппа, караван-сарай, археологическая карта, коридор Зеравшан – Каракум, ЮНЕСКО.

CITIES OF THE UPPER ZARAFSHON VALLEY ON THE GREAT SILK ROUTE

This article examines the settlements of the upper Zarafshan Valley along a branch of the Great Silk Road that passed through this region. The author attempts to classify these settlements based on their function into one-part, two-part, three-part, four-part, and five-part types, relying on scholarly literature. The article also provides information on the roles these settlements played in their historical context. It is noteworthy that a significant number of the mentioned sites have not been comprehensively investigated by archaeologists. Many have merely been recorded by archaeological teams without in-depth study. In discussing the topic, the author analyzes the toponymy of these sites and notes that many place names exhibit Turkic elements. This suggests that the arrival of nomadic Turkic groups in Central Asia began in the 6th century, and through interaction with the local population, their language spread. As a result, some of these historical site names retain Turkic origins to this day. In conclusion, the author suggests that to further the study of the settlements in the upper Zarafshan Valley, it is necessary to attract the attention of international scholars to these sites.

Keywords: Ancient Panjikent, Great Silk Road, Sanjarshah, guard post, Muborakshohteppa, Shuturteppa, expedition, Okhtonqorgon, upper Zarafshan, Chimqorgon, Mugulteppa, caravanserai, archaeological map, Zarafshan–Qarokum corridor, UNESCO.

Дар бораи муаллиф
Юсуфзода Муҳаммадҷон Шафеъ
Лаборанти калони шуъбаи бостоншиносӣ
Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 33

Об авторе
Юсуфзаде Мухаммадджан Шафеъ
Старший лаборант отдела археологии
Институт истории, археологии и этнографии имени А. Дониша НАНТ
734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 33

About the author
Yusufzoda Muhammadjon Shafe
Laboratory assistant of the Department of Archeology
Institute of History, Archeology and Ethnography named after A. Donish NAST
734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, even Rudaki, 33

УДК 9 (575.3)

ПРАЗДНИКИ И ОБРЯДЫ РУШАНЦЕВ СВЯЗАННЫЕ С ХОЗЯЙСТВЕННОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ И ЖИЗНЕННОГО ЦИКЛА

Дарвозиева Х. Ш., Сайнаков С. П.
Таджикский государственный педагогический университет имени Садриддина Айни

Праздники и обряды, связанные с хозяйственной деятельности и жизненного цикла в традиционной жизни таджиков-рушанцев имеют огромное значение. Особенно сельскохозяйственные праздники рушанцев, связанные со сменой сезонов года, проводами зимы, встречей весны, подготовкой к весенним полевым работам, сбором осеннего урожая и др. Такие праздники полностью соответствуют народным сельскохозяйственным календарям, которые появились в древности.

Одним из сельскохозяйственных праздников является "*Tuɣmzivest* – вынос семенного зерна". В этом празднике перед посевом читается молитва и обращаются к патрону "Бобои дехкон". "*Boɣniẋtayd - Ostoniẋtayd*" другой праздник, который возвещал о наступлении весеннего посева. Его отмечали накануне Навруза во всех махаллях.

Начало посева в жизни крестьян особая дата, которая упоминается как «*ražδed*» и его празднуют с проведением особым обрядом – *«ẋojzivest, xanukδed»*. В прошлом этот обряд совершался также в Раште и Дарвазе, и его называли "*Juftbarori*" или "*govxunukbarori*" [10, с. 115-116].

Среди рушанских земледельцев первый полив сельскохозяйственных культур имеет важное значение, и в этой связи отмечали особый праздник. Этот празник в прошлом в Язгуляме и Рушане называли "*Sabzabust или zivůrδed*"[1, с. 70-72]. "*Sabzabust*" утратил свое значение, поэтому сегодня он особенно не совершается.

Обряд окончания молотьбы в гумнах называли *«širavnzidig»*, то есть «очищение гумна" [6]. Следует отметить, что в Древнем Иране также отмечали праздник сбора злаковых[2, с. 44]. В Рушане отмечали осенний Навруз –день осеннего равноденствия (21 – 22 сентября). Осенний Навруз – это тот самый Мехргон, который отмечался в Рушане.

Нардяу с земледелием в жизни рушанцев также сыграло роль скотоводство, и в данной сфере существовали особые праздники и обряды. Согласно традиции через 20 -30 дней после Навруза, скотоводы отправлялись на летовку. Согласно счетному календарю по телу человека, на летовку уходили во время нахождения солнца в "носу", "глазах" или "лбу", то есть, в последней декаде апреля.

А.А. Семенов описал обряд проводов на летовку как отдельный праздник, который он характеризует как женскй праздник [9, с. 544]. М.С. Андреев также представил сведения об этом празднике, пишет, что существовал обычай *«arayum»* (тредневие) и *«uvdum»* (семидневие). В настоящее время эти праздники частично отмечаются в верхних селах Бартанга. По сведениям И.И. Зарубина после возвращения из летовки и сбора урожая в Рушане отмечают особый праздник [8, с. 30]. М.С. Андреев также пишет, что возвращение скота из летовки называют "*kuč yat*", его праздновали и давали угощение [1, с. 138].

Среди рушанцев, как и в других таджикских регионах, обряды, связанные с рождением и уходом за ребенком, начинаются с момента его рождения. Первые три дня после рождения важно, чтобы ребенка и его мать защищали от любых злых сил. Только по прошествии трех дней их купают. Именно отсюда происходит праздничный обряд *«kalzined»* (мытье головы)

Другие праздники и обряды – это "*Ar šinak vuδdo*", обряд укладывания новорожденного в колыбель. Это важное событие в жизни каждого человека. Другая важная особенность во время рождения ребенка и обрядов связанных с ним, это полное соблюдение

“сорокадневия”. В этот период мать ребенка называют “*zič*а”.

По обычаю, сорокадневие состоит из 40 дней. Особенно радостно отмечаются прорезывание первых зубов и первые шаги ребенка. К обрядам, связанным с рождением ребенка, входит также первый вынос ребенка из дома. Другой обряд -это первый вынос ребенка в дом родственников или соседей. В этом обряде мать или женщина, сопровождающая их, дойдя до ворот соседа или родственников, открывая дверь, говорит: *mu puc (mu rizen) ar paδend navazd – мой сын (моя дочь) не помещается в дверь.* В ответ хозяин в качестве подарка преподносит им ткань, ягненка или теленка.

Следующий обряд – *это «koltex̌t, kaltex̌t»-«бритье волос»*, который совершается, когда ребенку исполнится год. Этот обряд обычно проводится в четверг или в пятницу. Обычно ребенка стрижет человек, чьи родители живы. Другой обряд, связанный с ребенком, которого торжественно отмечают, это обрезание [3, с. 90].

Один из важнейших обрядов рушанцев является проведение свадьбы. Обряд свадьбы рушанцев также состоит из выполнения нескольких циклов и обрядов. Первое, необходимо обращать внимание на брачный возраст. Второй период в свадебном обряде – это обряд сватовства.

Прежде чем отправиться на сватовство в Рушане родители с обеих сторон советуются. В доме будущей невесты у сватов спрашивали, с какой целью они пришли? Сваты произносили следующие слова: *zindagoni taleptow am yat* – мы пришли к вам с надеждой просить жизнь или *“qavmam vidat qavmde savam* – мы были родственниками, теперь будем еще роднее”. За неделю до свадьбы в один из благоприятных дней в доме жениха и невесты устраивали обряд *jomaburon.*

Таким образом, наступает основной период данного обряда – свадебный пир. Свадьба рушанцев начинается с бритья бороды жениха, который сопровождался традиционной песней “сартарошон” (бритье головы). Но сегодня в Рушане обрядовая песня “сартарошон” не исполняется. После совершения этого обряда жених считался “падишахом”.

Обряд чтения брачной хутбы тоже имеет свои особенности. После заключения брака, халифа определяет добрый час для возвращения в дом жениха. Когда невесту приводят в дом жениха, состоится обряд поднятия платка. Данный обряд проводится только в том случае, если невеста девушка, если она вдова, то этот обряд не будет выполняться.

Данный вопрос в диссертации отражен по наблюдениям автора и первоисточников. По вопросам, связанных со смертью и обрядами, исследователи отмечают, что смерть для таджиков региона считается переходом души из одного состояния в другое. По традиции, человек, находяшийся при смерти, может сделать или оставить завещание. Когда наступает смерть, обычно говорят, что его душа вышла.

В Рушане нет специального института обмывателей умерших или плакальщиц (*nivgaren*) по умершим [4]. Эти действия выполняют близкие родственники [7]. Традиционно для каждого человека делали отдельный гроб. После похорон гроб оставляли на кладбище. Согласно традиции рушанцев, при рождении человека его укладывали в *šinak* (колыбель), но когда после смерти его несут на кладбище, для него делают “*šatak*” (носилки для покойника) похожий на конструкцию колыбели.

После похорон в течение трех дней все жители села в дом скорбящего приносят то, что смогут, в том числе одежду, хлеб, яйца и др., а на третий день хозяин дома закалывает барана и дает поминки [5, лл. 82-83]. На вторую ночь после похорон люди собираются в доме усопшего на церемонии «*cirůwpaδid* – зажигания лампады».

В течение трех дней в доме усопшего не готовят пищу, в течение от одного года до двух лет в этом доме не проводят свадьбу и другие мероприятия. На сороковой день организовывали поминки по усопшему.

В результате исследования мы пришли к окончательному выводу, что в проведение национально - традиционных, религиозных, сельскохозяйственных, скотоведческих

праздников, обрядов, связанных с рождением ребенка а также траурные ритуалы, роль календаря и счет времени считались основой, поэтому точно соблюдались.

Во всех сферах жизни прошлого и сегодняшнего дня таджиков, роль праздников и традиционных обрядов огромна, изучение их истории не будет лишено теоретического и практического значения, и привлечение иностранных туристов в Таджикистан, а также создание и развитие этнографического, этнолингвистического и этнокультурного туризма в регионе.

Таким образом, подытоживая исследования, мы пришли к следующим выводам:

- сельскохозяйственные праздники и обряды рушанцев берут свое начало с праздника “Солнце в человека”, а в осеннем Навруз завершались. В проведении сельскохозяйственных праздников и обрядов главную роль сыграло определение времени и часов. Но сегодня многие сельскохозяйственные праздники канули, в бытиё;

- животноводы Рушана также имеют свои особые праздники, но в настоящее время некоторые древние обычаи и праздники почти исчезли. Большинство праздников, связанных с ним не выполняются или утеряны;

- праздники и обряды, связанные с рождением и воспитанием ребенка также играет важную роль в повседневной жизни рушанцев. Для их празднования соблюдают определенное время и выбирают счастливый час. Среди них праздники и обряды *“kalzined”* (мытье головы), “*Ar šinak vuδd*” (укладывание ребенка в колыбель), соблюдение обряда “чил” (сорокадневие), вынос ребенка впервые в дом родственников или соседей, «*koltex̌t* – бритье головы” были наиболее популярными, и они и сегодня совершаются;

- рассматривая свадебные обряды рушанцев, следует отметить, что при их проведении надо иметь в виду добрый день, время и час для определения дня свадьбы и заключение брака, строго соблюдать распределение определенного времени суток для заключения брака с девушкой или вдовой, также необходимо иметь обоюдное согласие при заключении брака. Исследование показало, что большинство свадебных обрядов отмечаются и сегодня, изменения в них малозаметны. Сегодня в Рушане обряд песни “*sartarošon”* утратило значение, поэтому не исполняется;

- похоронный ритуал *poya mol (malaqδed)* в Рушане находится на стадии исчезновения. Обряд *davati baqo* – прижизненные поминки от времени выполнялся до конца советского периода, но сегодня он не проводится. Также на основе первоисточников, связанных со смертью и трауром было исследовано, и определено, что в Рушане отсутствовали специальные институты обмывателей и плакальщиц. Но обряд сорокадневие проводился.

В заключение хотелось бы отметить, что результаты исследования могут быть применены этнографами и культурологами в процессе изучения и возрождения национальных праздников и обрядов таджиков. Так как, этническая культура и этнокультурные особенности, определяют существование нации. В результате исследования выяснилось, что большинство обрядов и некоторые малозначимые праздники сами рушанцы забыли, сегодня их не отмечают. Материалы из статьи могут стать полезны в процессе восстановлении и возрождении таких праздников и обрядов. Снимать на видеокадрах процесс отмечание праздник, исполнение обрядов и ритуалов таджиков Рушана, составить илюстрированный альбом, таким путем привлекать иностранных туристов в Таджикистан, таким образом, развивать этнографический, этнолингивистический и этнокультурный туризм в регионе. На пути сохранение и защиты праздников, обрядов и ритуалов ответственные органы отрасли культуры должны агитировать и пропогандировать их среди населения, проводить массовые мероприятия, ежегодно организовать научные конференции, фестивало-шествие.

Литература

1. *Андреев, М. С. Таджики долины Хуф (верховья Аму-Дарьи). Выпуск 2. / М. С. Андреев. - Сталинабад, 1958. – 522 с.*
2. *Бойс, М. Зороастрийцы. Верования и обычаи / М. Бойс. - М., 1987. – 303 с. ил.*
3. *Ванновский. Извлечение из отчёта капитана Ванновского о поездке в Рушане и Дарвазе // Сборник географических, топографических и статистических материалов по Азии. Выпуск LVI. - СПб., 1894. - С. 73 – 125.*
4. *Давлатбеков, Н. Освещение исмаилизма на Памире в трудах дореволюционных русских исследователей / Н. Давлатбеков. - Душанбе, 1995. – 57 с.*
5. *Документ № 1. Из статьи А. Г. Снесарева «Религия и обычаи горцев Западного Памира 29 июня – 7 июля 1904 г.» // Исмаилизм на Памире (1902 – 1931 гг.). Сборник документов. - М., 1984. - ЛЛ. 57 – 86.*
6. *Из записи беседы авторов с Ниёзовым Ниёзом, год рождения 18.07.1958, уроженец села Нисур Рушанского района – беседа проведена 15 июля 2021 г.*
7. *Сайнаков, С. П. Вклад дореволюционных русских исследователей в изучение этнографии Горного Бадахшана (Памира): дис. ... канд. истор. Наук / С. П. Сайнаков. - Душанбе, 2015. - 206 с.*
8. *Саркоров, С. А. Этнолингвистическая характеристика рушанцев (по материалам архива И. И. Зарубина): дис. ... канд. филол. Наук / С. А. Саркоров. - СПб., 2006. – 153 с.*
9. *Семёнов, А. А. Из области религиозных верований шугнанских исмаилитов // Мир ислама / А. А. Семёнов. - СПб., 1912. - Т. 1.- № 4. - С. 523 – 561.*
10. *Таджики Каратегина и Дарваза. Выпуск I / под редакцией Н. А. Кислякова и А. К. Писарчик. - Душанбе, 1966. – 380 с.*

ПРАЗДНИКИ И ОБРЯДЫ РУШАНЦЕВ СВЯЗАННЫЕ С ХОЗЯЙСТВЕННОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ И ЖИЗНЕННОГО ЦИКЛА

В данной статье собраны и проанализированы полевые материалы авторов, взгляды и мнения исследователей по данному вопросу, и это считается первым шагом в направлении более детального ознакомления с праздниками, обрядами и традициями рушанцев. Основное содержание статьи составляют праздники и обряды, связанные с традиционным земледелием и скотоводством, праздники и обряды, связанные с рождением и воспитанием ребенка, брачные обряды и свадебные пиршества, обряды и ритуалы, связанные со смертью и трауром у резанцев. Указанные вопросы исследованы на основе сведений источников, полевых исследований и научной литературы, сравнены традиционные обряды рушанцев с таджиками других горных регионах, указаны также на их частные отличия. В заключении приведены результаты исследования, выводы и рекомендации авторов по исследованию настоящей темы для дальнейшего исседования.

Ключевые слова: Рушан, рушанцы, рушанские таджики, этнография, праздники и обряды, “Солнце в человеке”, земледелие, скотоводство.

ҶАШНУ МАРОСИМҲОИ РУШОНИЁН ВОБАСТА БА ФАЪОЛИЯТИ ХОҶАГИДОРӢ ВА ДОИРАИ ҲАЁТӢ

Дар мақола натиҷаи таҳқиқоти саҳроии муаллифон, назар ва андешаҳои муҳаққиқони мухталиф оид ба масъалаи мазкур ҷамъоварӣ ва таҳлил шудаанд, ки нахустин иқдом дар самти шиносоии бештар бо ҷашну маросимҳо ва анъанаҳои мардуми Рушон маҳсуб мешаванд. Мундариҷаи асосии мақоларо маълумот оид ба ҷашну маросимҳо вобаста ба кишоварзӣ ва чорводории анъанавӣ, ҷашну маросимҳо оид ба таваллуд ва тарбияи кӯдак, маросимҳои никоҳ ва сури арусӣ ва маросимҳо вобаста ба марг ва азодории мардуми Рушон дар бар мегирад. Масъалаҳои мазкур дар асоси маълумоти маъхазҳо, таҳқиқоти саҳроӣ ва адабиёти илмӣ таҳқиқ гардида, маросимҳои анъанавии мардуми Рушон бо тоҷикони дигар минтақаҳои кӯҳистон муқоиса гардида, тафовутҳои ҷузии онҳо нишон дода шудааст. Дар хулоса натиҷаҳои таҳқиқот ва хулосаву пешниҳодоти муаллифон оид ба минбаъд таҳқиқ намудани мавзуи мазкур оварда шудаанд.

Калидвожаҳо: Рушон, рушониён, тоҷикони рушонӣ, этнография, ҷашну маросимҳо, кишоварзӣ, чорводорӣ.

HOLIDAYS AND RITES OF THE RUSHAN PEOPLE RELATED TO ECONOMIC ACTIVITIES AND THE LIFE CYCLE

This article collects and analyzes the authors' field materials, views and opinions of researchers on this issue, and this is considered the first step towards a more detailed acquaintance with the holidays, rituals and traditions of the Rushan people. The main content of the article is holidays and rituals associated with traditional agriculture and cattle breeding, holidays and rituals associated with the birth and upbringing of a child, marriage ceremonies and wedding feasts, ceremonies and rituals associated with death and mourning among the Rushan people. These issues are studied on the basis of information from sources, field studies and scientific literature, the traditional rituals of the Rushan people are compared with the Tajiks of other mountainous regions, and their particular differences are also indicated. In conclusion, the results of the study, conclusions and recommendations of the authors on the study of this topic for further research are presented.

Keywords: Rushan, Rushan people, Rushan Tajiks, ethnography, holidays and rituals, “The Sun in Man”, agriculture, cattle breeding.

Дар бораи муаллифон

Дарвозиева Ҳанифа Шодибековна
Номзади илмҳои таърих, муаллими калони кафедраи таърихи умумӣ ва муносибатҳои байналхалқӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
E-mail: darvozieva.h@mail.ru

Сайнаков Сайнак Парпишоевич
Номзади илмҳои таърих, дотсент, мудири кафедраи таърихи халқи тоҷик
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
E-mail: saynakov2012@mail.ru

Об авторах

Дарвозиева Ханифа Шодибековна
Кандидат исторических наук, старший преподаватель кафедры всеобщей истории и международных отношений
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
E-mail: darvozieva.h@mail.ru

Сайнаков Сайнак Парпишоевич
Кандидат исторических наук, доцент, заведующий кафедрой истории таджикского народа
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
E-mail: saynakov2012@mail.ru

About the authors

Darvozieva Hanifa Shodibekovna
Candidate of historical sciences, Senior Lecturer of the department of general history and international relations
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
E-mail: darvozieva.h@mail.ru

Saynakov Saynak Parpishoevich
Candidate of Historical Sciences, Associate Professor, Head of the Department of history of the Tajik people
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
E-mail: saynakov2012@mail.ru

ТДУ 94(100)05/...(1-85)

ҶУНБИШИ ШУУБИЯ ВА МАХСУСИЯТИ МАЪРИФАТУ ҶАҲОНШИНОСИИ ТОҶИКОН

Шарифзода Ҷ. С.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Мардумони эронӣ, ки аксаран дар шаҳрҳо ва марказҳои тамаддуну фарҳангӣ ба сар мебурданд, сиёсати халифаҳои арабро нисбат ба худ ба хубӣ дарк намуда буданд. Маърифату дарки аҳкоми дини ислом ниёкони тоҷиконро бетараф гузошта наметавонист. Дар аввал бо принсипи бародарию барбарӣ арабҳо исломро интишор намуда, ниёкони мо онро аксаран қабул намуданд. Яъне адолати иҷтимоӣ, ки принсипи меҳварии ислом аст, аз ҷониби тоҷикон пазируфта шуд. Вале минбаъд аз принсиҳои ислом дур рафтани худи маъмурони хилофат ва ба сиёсати миллатгароию қавмгароӣ рӯ овардани онҳо боиси бархости мардуми маволӣ дар шакли шуру исёнҳо гардид. Онҳое, ки аслан ба василаи маърифат хостанд ба кирдори зиддисломии арабҳо ҷавоб гӯянд, минбаъд ҷонбидорони ҷунбиши шуубия номида мешуданд. Воридшавии арабҳо ба манотиқи тоҷикнишин паёмадҳои манфиеро ба бор овард, ки ҷиҳати бартараф намудани он баъзе аз намояндаҳои илму ирфон бархостанд.

Ба қавли донишманди эронӣ Содиқи Оинаванд, «сиёсати табъизгаронаи баъзе аз давлатмардони Қурайшӣ ва Умавиён дар таҳқири ақвомии дигар барои таъкид ба сарварии арабӣ мисли маҳрум кардани мусулмонони ғайри араб аз баҳрагии ҳамсони аъроби мусулмон дар байтулмол, канор ниҳодани онҳо аз тасаддии масъулиятҳо ва мудириятҳои иҷорӣ ва дур доштанашон аз бархӯрдорӣ аз шаъну манзалати иҷтимоӣ ва ҳуқуқи ҳамсони аъроби мусалмон заминсозии инфикок дар миёни ҷомеаи навзуҳури маволиёни мусулмонони ғайри араб, ки аксарашон эрониёни мусулмон буданд, бо аъроби мусулмон шуд» [11. с. 319-320].

Дар натиҷаи сиёсати ноодилонаи халифаҳои Умавӣ мардуми Хуросон, Мовароуннаҳр ва Ироқи Аҷам, ки аксаран тоҷик буданд, бар зидди арабҳои мутаассиб, ки сахт муътақид ба афзалияти араб бар аҷам буданд, бархостанд.

Аз ахбори сарчашмаҳои таърихӣ ва маълумоти муаррихони ватанӣ маълум мегардад, ки натиҷаи сиёсати истисморӣ ва номатлуби арабҳо дар баробари шуришҳо ва муборизаҳои низомию сиёсӣ ва наҳзатҳои фикрию иҷтимоӣ, ҷунбишҳои динию мазҳабӣ, ҳамчунин зуҳури афкори шуубӣ буд, ки таърих расму оин ва фарҳанги миллӣ ҳифз гардид.

Донишманди маъруф Забеуллоҳ Сафо омилҳои сар задани муқовимати мардуми аҷамро бар зиди арабҳо мавриди пажӯҳиш қарор дода, менависад, ки «Араб дар садри ислом ва ҳангоми нашри ин оин низ мубашшири ҳамин усул (яъне баробарии мусулмонҳо) буд. Вале дар ҳақиқат ва воқеъ камтар тавонист бо ин усули олии ахлоқӣ рафтор намояд. Махсусан, дар замони ҳукумати Умавиён, ки сиёсати арабии маҳз дар миён омад. То поёни аҳди Умавиён тамоми машоғил ба араб ихтисос дошт ва нисбат ба ақвоми дигар камоли таҳқир ва иҳонат маъмул буд...» [15].

Ҳамин тавр, сиёсати ғайриодилонаи арабҳо дар нисбати халқи тамаддунофару фарҳангсолори тоҷик боис мегардад, ки дар радифи муборизаҳои низомӣ ва сиёсӣ дар шакли шуру ошубҳои хусусияти озодихоҳонадошта, хамчунин наҳзатҳои фикрӣ ва зеҳнӣ ба амал ояд, ки дар саргаҳи чунин ҷараён шуубия қарор дошт.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар асоси маъхазҳои таърихӣ иброз менамояд, ки дар асл истилоҳи «шуубия» аз забони арабӣ буда, маънояш миллатпарастӣ аст, ки дар раванди наҳзати миллии эрониён пайдо шуда, дар аввал тибқи таълимоти Қуръон баробариву бародариро тарғиб менамуд ва бартариву фазилати як миллатро бар миллати дигар инкор мекард [12, с. 549].

Шуубиҳо аз ҷумлаи он озодандешону маърифатпарвароне буданд, ки арабро таҳқир не, балки ҳушдор сохтанд, ки эронӣ ва ё тоҷик ки аст ва чи қудрате дорад. Ҳамчунин, онҳо

донандаи хуби аҳкоми исломӣ буданд ва ба маъмурони арабтабор хотирнишон сохтанд, ки ислом ба онҳо чи ҳаду ҳуқуқ додааст.

Ҳадафи шуубиҳо ба диққати маъмурони арабтабори зулмпеша расонидани аҳкоми ислом буд, ки дар китоби муқаддаси он таъкид шудааст. Арабҳо ба ҳеҷ ваҷҳ пас аз интишори ислом ҳуқуқи дар манотиқи тоҷикнишин ҳукумат намуданро надоштанд. Ислом ва аҳкоми он умуман ба арабҳо чунин ҳуқуқ надодааст. Танҳо рисолати араб овардани ислом буд, ки аллакай аксаран онро қабул намуда буду дар роҳи интишори минбаъдаи он талош дошт. Дар маҷмуъ шуубиҳо арабҳоро дар маносибат ба мардуми мусулмон ба пайравӣ аз китоби «Қуръон» даъват намуданд.

Даъвати мазкур фармудаи паёмбари исломро дар хусуси ҷойгоҳи минбадаи қавми эронӣ дар ҷаҳони ислом исбот намуд, ки чунин гуфта буд: «Ба Худо қасам, охири кор аҷам шуморо ба дини ислом ва китоби Худо даъват хоҳад кард, ончунон, ки дар аввали кор онҳоро ба китоби Худо даъват кардед» [11, с. 320].

Ба қавли муҳаққиқон шуубия дар аввал ҳамчун назҳати бузурги фарҳангиву иҷтимоӣ падид омада, дар радифи мардуми эронӣ қавму миллатҳори дигарро низ муқобили сиёсати халифаҳои умавӣ даъват менамуд. Дар аввали кор ҳарчанд пайравони шуубия барои баробарии ҳуқуқи арабу мардуми ғайриараб ва дар маҷмуъ тамоми мусулмоноро мехостанд, вале пасон онро ба як даъвати фарҳангиву инқилобӣ ва исёну талошҳо табдил дода, бартарии мардуми аҷамро аз арабҳо тарғиб менамуд [12, с. 549].

Пайравони ҳаракати шуубия, ки хусусияти қавмӣ гирифта буд, ҳам дар замони хилофати Умавиён ва ҳам Аббосиён ба таври ниҳониву ошкоро ҷангҳое алайҳи хулафо фаъолият менамуданд. Ақида ва шиори шуубиён чунин буд, ки «мо дини исломро қабул дорем, вале ҳукумати арабро қабул надорем» [2, с. 26].

Шуубиҳо дар асоси аҳкоми исломӣ ба арабҳо иброз менамуданд, ки амалҳои хубу бад аз рӯи кирдору рафтори хайру шарр посух меёбад, на аз рӯи аломатҳои шахсӣ, қавмӣ ва ё нажодӣ. То дараҷае тундравии арабҳо аз лиҳози миллӣ боло гирифт, ки гурӯҳе аз миллатгароён арабҳоро аз ҳама халқҳои ҷаҳон бартару волотар меҳисобиданд. Махсусан, дар аҳди ҳукумати Умавиён зулму ситам нисбат ба дигар миллатҳои мусулмони ғайриараб зиёд шуда, аз лиҳози сиёсию иҷтимоӣ ва иқтисодӣ хеле имконияти маҳдуд доштанд.

Донишманди тоҷик Ҳ. Назаров дар ин хусус ба маврид аз китоби «Нақши эрониён-тоҷикон дар таърих ва фарҳанги ҷаҳон» чунин иқтибосе овардааст: «Муроқиби эрониёни мусулмон бош, ҳаргиз онҳоро бо араб ҳампоя қарор мадеҳ. Араб ҳақ дорад аз онҳо зан бигирад ва онҳо ҳақ надоранд аз араб зан бигиранд, араб аз онҳо ҳирс бибарад ва онҳо аз араб ирс набаранд. Ҳаддалимкон ҳуқуқи онҳо камтар дода шавад, корҳои паст ба онҳо вогузор шавад. Бо будани араб ғайриараб имомати ҷамоат накунад, дар сафи аввали ҷамоат ҳозир нашаванд, марзбонӣ ва қазоватро ба онҳо вомагузор» [10, с. 160].

Бояд гуфт, ки яке аз пешвоёни ашадитарини миллатгарои араб дар ин давра Ибни Ҷоҳиз буд, ки арабҳоро донотарин миллати ҷаҳон номида, дар бораи забони он мегӯяд: «Дар рӯйи замин сухане нест, ки судмандтар, беҳтар, зеботар, ширинтар, болиғтар ва дилработар аз сухани фасеҳи аъроби хирадманд бошад».

Чунин мисолҳои зиёде метавон овард, ки аз ҳирсу нотавонбинии баланди баъзе аз миллатгароёни араб нисбат ба миллатҳои дигар ба мо қисса менамояд, вале ҳақиқат барои ҷомеа ошкор буд. Ҳамин ошкорӣ ва сатҳи баланди тафаккури мардумони тоҷиктабори Эрон, Хуросон ва Мовароуннаҳр буд, ки тавассути шуубия бори дигар ба араб ки будани хешро ёдовар шуданд.

Бояд гуфт, ки далели машҳури шуубиён ин буд: «Лайса ли-арабаийин ало аҷамийин фазул илло битақво», яъне араб бар аҷам бартарӣ надорад, магар ба сабаби парҳезкорӣ.

Месазад дар ин хусус як мисол аз Ибни Аббос овард, ки мувофиқи он яке аз бандагони озодшудаи мавло аз тоифаи бани Байза зан хост, Пайғамбари ислом фармуд, ки такозояшро қабул намоянд: Бад ӯ гуфтанд: Оё духтарони худро ба бандагони озодшудаи худ бидиҳем? Дар ин ҳолат ояти «Ё айюҳа-н-носу инно халақнокум мин закарин» нозил гардид, ки тамом фазилату бартариро бар умматон инкор менамояд, магар фазилате, ки аз ниҳояти тақво,

порсоӣ ва росткорӣ ҳосил шавад. Ҳамчунин, дар хусуси нозили ин оят зикр менамояд, ки Пайғамбар (с) ба Билол амр дод ба боми Каъба равад ва азон гӯяд. Ҳорис ибни Ҳишом ва Аттоб ибни Асид чун ин манзараи азонгӯиро бидиданд, хашмгин шуданд ва гуфтанд: оё аз болои Каъба азон гуфтани ин бандаи сиёҳ равост? Ва ин оят барои радди гумони онҳо нозил шуд [11, с. 550].

Бояд зикр намуд, ки муҳаққиқон пайравони шуубияро дар маҷмуъ ба се гурӯҳ тақсим намудаанд: 1. Онҳое, ки тамоми мардуми мусулмонро баробару бародар медонистанду бо назардошти ин хусусияташон онҳоро дар таърих ҳамчун «аҳли тасвия», яъне баробарӣ шинохтаанд. 2. Гурӯҳе, ки мардуми аҷамро аз арабҳо бартар дониста, бо номи «аҳли тафзили аҷам бар араб» шинохта шудаанд. 3. Онҳое, ки дар зиддият бо арабҳо аз доира ва меъёри таълимоти исломӣ гузашта ба илҳоду зиндақа васл шудаанд.

Новобаста ба он, ки шуубиёнро донишмандон бо кадом унвонҳо ёдовар шудаанд, месазад сабаби ташаккул ва ба амал омадани чунин наҳзати фикриро дар сиёсати пешгирифтаи халифаҳо ва маъмурони Умавиён ҷустуҷӯй намуд. Дар сиёсати таассубгароёнаи маъмурони умавӣ арабгароӣ ба дараҷаи хеле олӣ расида буд. Ин таассуб мардумони эрониро, ки дар тафаккури онҳо ҳисси миллият ва ифтихор аз фарҳангу таърихи хеш ҳувайдо буд водор кард, ки на танҳо бар зидди Умавиён бо чашми адоват нигаранд, балки арабро навъан душман медонист ва фурсате меҷуст, ки аз зери чунин сиёсати таассубгароёна ҳар чи зудтар озод шавад.

Аз ҷониби шуубиён китобҳое ба таври ошкоро нисбат ба арабҳо навишта шуд. Дар он бадномӣ ва зишткории арабҳо инъикос мегардид. Новобаста ба он, ки муқобилони аслии ҳукумати арабҳо дар сарзаминҳои таърихии хеш буданд, вале тамоми мардумро новобаста аз арабу эронӣ будан яксон эътироф мекарданд. Ҳамин буд, ки онҳоро аҳли тасвия меномиданд. Яке аз хусусиятҳои шуубиён дар он ифода меёфт, ки онҳо дар муқобили сиёсати таассубгароёнаи арабҳо аз манфиати тамоми мардум дифъ менамуданд. Махсусан, онҳо барои исботи афкори худ аз ашъори худи шоирони араб иқтибос меоварданд, ки мувофиқи он арабҳо барои ба даст овардани ғанимат ва чаповул ба миллат ва номуси худ ҳам раҳм намекарданд.

Бояд гуфт, ки донишмандони ҳаракати шуубия, ки барои онҳо ҳам таъриху фарҳанги тоҷикон ва ҳам таъриху фаршҳанги арабҳо ошно буду забони арабиро медонистанд, ба ин забон осори худро эҷод карда, ба тарғибу муаррифии фараҳанги ориёӣ рӯ оварданд. Албатта, эҳсоси миллӣ ва маърифати аз ниёкон мерос монда ин гурӯҳи донишмандонро дар мисоли шоирону олимон водор намуд, ки дар муқобили арабгароён бе тафовут набошанд. Маҳз талошу пайкорҳои чунин фарзандони баномуси миллат буд, ки симои аслии тоҷикон ва ниёкони онҳо, ки дар ташаккул ва рушди унсурҳои тамаддуни башарӣ нақши бориз гузоштаанд барои ҷомеаи исломӣ, махсусан арабҳо боз ҳам хубтар ошно гардад.

Аз таҳлилу омӯзиши осори аксар донишмандони баъдӣ то имрӯз маълум мегардад, ки онҳо кӯшиш намудаанд, то саҳми чеҳраҳои мондагори миллатро дар аҳди бостон мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор диҳанд. Махсусан, дар муқаддимаи нашри крилии яке аз манбаъҳои муътамади таърихӣ – «Равзату-с-сафо»-и Мирхонд зикр гардидааст, ки «баъд аз тасаллути аъроб ва суқути бештар аз садсолаи эрониён, замони бедориҳои миллии эрониён фаро расид. Ва аввалини ин зуҳурот он буд, ки эрониён оҳиста-оҳиста аз гузаштаи пурифтихор дар муқобили ақвоми мутағаллиб сухан оғоз карда, рӯ ба таърихи худ оварданд».

Муаррихи тоҷик Сайфулло Муллоҷонов дар мақолаи худ ба чунин хулоса омадааст, ки натиҷаи таъсири фаъолияти шуубияро дар умури иҷтимоӣ ва он ҳам ташаккули наҳзатҳои динӣ-мафкуравии беҳофридия, сафедҷомагон, ровандия ва хуррамия, ки дар ҳамаи онҳо унсури ғайриарабӣ фаъол буд, метавон дид [8, с. 6-10].

Ҳамчунин, муҳаққиқи дигари тоҷик Т.М. Ғуломов дар рисолаи таҳқиқотии хеш зикр менамояд, ки наҳзати шуубия аввалин ҷунбиши зиддиарабии мусулмонони Эронзамин буд, ки онҳо аз ҳукмронии арабҳо ва боло гузоштани арабҳоро бар эрониён - тоҷикон намехостанд ва баробариву бародарии тамоми халқҳоро талаб мекарданд. Пайравони ин

ҷунбиш, ки хусусияти қавмӣ гирифта буд, ҳам дар замони хилофати Умавиён ва ҳам Аббосиён ба таври ниҳониву ошкоро ҷангҳое алайҳи хулафо ба роҳ меандохтанд [3. с. 190].

Пайравони ҳаракати шуубия на танҳо аз миллати ориёӣ, балки аз тамоми миллатҳои ғайри араб дар муқобили сиёсати таассубгароёнаи маъмурини араб дифоъ менамуданд ва ҳар вақт, ки сухан дар боби подшоҳон ба миён меомад, фиръавнҳои Миср, Искандари юнонӣ, шоҳаншоҳони Эронзамин, қайсарҳои Рум, шоҳони Ҳинд, Сулаймони ҳаким ва амсоли онҳоро ба арабҳо мисол меоварданд. Ҳамчунин, агар сухан дар боби паёмабарон мерафт, исбот менамуданд, ки тамоми паёмбарон ба ғайр аз чаҳор тан (Ҳуд, Солеҳ, Исмоил ва Муҳаммад (с) ғайри араб буданд. Дар хусуси илму фалсафа аз ҳикмати Юнони қадим ва ашъору донишҳои ориёиҳо ва ҳиндуён сухан мегуфтанд.

Профессор Қ. Расулиён дар ин маврид зикр менамояд, ки шуубиён ҷуръат ва густохиро то он ҷо расонида буданд, ки мегуфтанд: «Араб ҳеҷ гуна ҳақ ва сарбаландӣ надорад», зеро ба мисли гургҳои хунхор ба ҷони ҳам меафтоданд, хуни ҳамдигар мерехтанд ва занону мардони худро дастгир карда ба занҷир мебастанд [11, с. 323].

Таҳлили афкори пайравони ин наҳзати фикрӣ нишон медиҳад, ки онҳо донандагони хуби адабиёт ва фарҳанги араб буданд. Баъзе аз пайравони ин ҷунбиш аз ашъори шоирони араб ҷиҳати исботи дурустии ақидаи хеш далел меоварданд, ки арабҳо барои ба даст овардани ғанимат бар миллат ва номуси худ ҳам раҳм намекарданд.

Зикр намудан ба маврид аст, ки Абуусмон Саид ибни Ҳумайди Бухтагон муаллифи китобҳои «Интисофу-л-аҷам мина-л-араб» ва «Фазлу-лаҷамала-л-араб ва ифтихоруҳо», Ҳайсам ибни Адий муаллифи китобҳои «Ал-масолиба-л-сағир», «Китоба-л-масолиба-л-кабир», «Китоб масолиб Рабиъа», «Ахбора-л-фурс» ва ғайра, Саҳл ибни Ҳоруни Даштимешанӣ муаллифи китоби «Рисола фи-л-бухл», Аллони Шуубӣ муаллифи китоби «Китоба-л-майдон фӣ ал-масолиб», Абуубайда Муаммар ибни Мусанно муаллифи китобҳои «Усула-л-араб», «Фазоила-л-фурс», «Китобу-л-масолиб», «Китоб масолиб Боҳила», Алӣ Исфаҳонии Даймартӣ «Китоб масолиб Сақиф ва соира-л-араб», Исҳоқ ибни Салма «Китоб фазл ал-аҷам ала-л-араб» мебошанд.

Фаъолияти густурдаи адибони ҷунбиши шуубия дар таълифоти олим ва сиёсатмадори маъруфи тоҷик Низомиддин Зоҳидов «Насри арабизабони адабиёти форс-тоҷик дар асрҳои VII-IX» ба таври мунсифона таҳлилу баррасӣ гардидааст. Ӯ бар он ақида аст, ки ҳадафи қиёми фикрии ҳавохоҳони ҷунбиши шуубия, пеш аз ҳама, таъмини растагории маънавии Эронзамин аз тариқи ҳифзу эҳёи дориҳои фарҳангу тамаддуни тоисломӣ ва ворид кардани он ба матну батни тамаддуни ҷадиди тоисломӣ буд. Дар роҳи расидани ба ин ҳадаф аҳли шуубия ба роҳу усулҳои гуногуни мубориза рӯй оварданд ва вобаста ба ин ба ду гурӯҳ тақсим шуданд. Гурӯҳи якум назари ҳизби арабгароро доир ба бартарии арабҳо нисбати халқҳои дигар рад менамуданду баробарии эрониёну дигар халқҳоро бо арабҳо талқин менамуданд. Пайравони ин гурӯҳро аҳли «тасвия», яъне «баробарӣ» номидаанд. Гурӯҳи дигари пайравони наҳзати шуубия бар он ақида буданд, ки арабҳо аз ҷиҳати фарҳангу тамаддун аз эрониён ва дигар халқҳои хилофат пасттар мебошанд. Бо ин афкорашон онҳоро дар осори адабиву таърихӣ «аҳли тафзили аҷам бар араб» номидаанд [6].

Яке аз паёмадҳои муҳимми фаъолияти шуубиён дар он буд, ки мардумони эронӣ аз гузаштаи пурифтихор дар муқобили ақвоми мутағаллиб сухан оғоз намуда, ба таҳрихи пургановати хеш рӯ оварданд.

Дар ин хусус Эмомалӣ Раҳмон дуруст ва барҳақ иброз намудааст, ки дар бедорсозии миллат ҳеҷ кореву фанне беҳтар аз фанни таърих нест ва ин аст, ки аввалин илми миллие, ки дар миёни эрониён пас аз ислом эҳё шуд таърих буд. Дар робита ба ин ӯ аз Рафеъ иқтибос меовард, ки чунин аст: «аввалин талиъаи озодибахши миллии эрониён баъд аз тасаллути тозиён аз машриқи Эрону Хуросон сар баровард», яъне аз Хуросону Мовароуннаҳр [12, с. 552].

Дар воқеъ, Рофеъ ба маврид зикр менамояд, ки «хуросониён нисбат ба ифтихороти гузашта ва ҳамчунин ба забону миллият ва он чи бад-онҳо бастагӣ дошт, алоқае фаровон аз худ нишон доданд ва дар эҳёи мафохири ниёкони худ ранҷҳо бар худ ҳамвор карданд ва

кӯшишҳо намуданд. Ҷамъоварии худойномаҳо, ки ҳовии шарҳи азамату иқтидори Эрони пеш аз ҳамлаи тозиён ва саъйи эшон дар тарвиҷи забони форсӣ буд, ҳама намудори алоқаи амиқу шадид ба ифтихороти миллист, ки саранҷом мунҷир ба нигориши шоҳномаҳои мутаъаддид ва он гоҳ назми ривоёту достонҳои миллӣ ба шеъри порсӣ шуд. Дар саросари машриқи Эрону Хуросону Мовароуннаҳр забону тамаддун ва фикри эронӣ бо тамоми мазоҳири худ беҳтар маҳфуз монда камтар дастхуши тағйирҳо гардида буд» [7, с. 81].

Дар воқеъ, таҳлили вазъи манотиқи ғайриарабии густариши ислом шаҳодат аз он медиҳад, ки ягона минтақае, ки сифатҳои аслии миллию фарҳангии хешро ҳифз намуданд мардумони Хуросону Мовароуннаҳр мебошанд. Мардуми қисми шимолии Африқо, Шарқи наздик ва дигар сарзаминҳо аксаран на танҳо дин, балки арзишҳои миллӣ ва фарҳангии хешро аз даст дода минбаъд араб кунонида шуданд. Дар ин хусус меарзад боз аз Рафеъ иқтибос овард, ки чунин зикр намудааст: «Мардумони Хуросону Мовароуннаҳр бар хилофи эрониёни мағриб бо тамоми хасоису сифоти эронии худ боқӣ монда буданд ва монанди аслофи хеш алоиқи гузаштаи худро бо бузургдошти аҷдод ва таъзими аъмол ва ёдгориҳои онон ҳифз карда буданд. Далели таваҷҷуҳи шадиди онон ба нигориш ва таълифи китобҳои таъриху ривоёт ва достонҳои қадим низ ҳамин аст. Мунтаҳо бояд дар назар дошт, ки ин амр бештар ба ҳиммати бузургон ва ашрофи он навоҳӣ сурат мегирифт ва амирону шоҳон ва бузургон чун ағлаб худро аз аъқоби шоҳону бузургони қадим медонистанд, дар эҳёи ном ва осори онон мекӯшиданд ва бад-ин кор майлу алоқаи вофир доштанд» [7, с. 82].

Бо дарназардошти хидматҳои мондагори пайравони ҳаракати шуубия, ки дар бедории миллӣ ва ҳифзи арзишҳои фарҳанги ниёкон нақши бориз гузоштаанд, меарзад онҳоро сипари таъриху фарҳанги ниёкон номид. Воқеан дар он марҳилае, ки онҳо дар пайи ҳифзи хотироти ғановатманди таърихи мардуми хеш камар бастанд, на ба ҳар халқ муяссар гардид, ки ҳастии хешро ҳифз намоянд. Маҳз таҷрибаи таърихӣ, сатҳи баланди эҳсоси миллӣ ва дарки амиқи паёмади ин равандҳои сарнавиштсоз боис гардид, ки мардумони Хуросону Мовароуннаҳр дар масири ҳифзи асолати миллӣ тавассути андешамандони шуубӣ муваффақ шаванд. Чи хеле, ки маълум мегарад, аксар пайравони шуубия дар рушду нумуъи илму адаби араб низ нақши худро гузоштаанд. Минбаъд дар заминаи мактаби шуубиён садҳо чеҳраҳои илму адаб ба ҷаҳони ислом ворид гардиданд, ки дар густариши тамаддуни исломӣ нақши мондагор гузоштанд. Маҳз бадрафторӣ, таҳқир ва таассуби милливу нажодии Умавиён маволиҳои мусулмонро водор намуд, ки дар наҳзатҳои зидди хилофат ширкати фаъол намоянд. Аз таҳлили осори муҳаққиқон бармеояд, ки аксаран майдони мубориза ва муқовимати фикрии мардумони эронӣ ба муқобили арабҳо ва сиёсати халифаҳои умавӣ қисми шарқӣ, яъне Хуросону Мовароуннаҳр ба шумор мерафтанд.

Адабиёт

1. *Абдурраҳмон Ибни Халдун. Муқаддимаи Ибни Халдун [Матн] / А. Халдун. Нашри Миср, 1993. – С. 543 - 544.*
2. *Аторӯдӣ, Азизуллоҳ. Таърихи остони Қудси Разавӣ [Матн] / А. Аторудӣ. – Теҳрон: Аторӯд, 1371. – Ҷ.1. – 345 с.*
3. *Ғуломов, Т.М. Таърихнигории забткориҳои араб ва муборизаҳои истиқлолхоҳонаи мардуми Хуросону Мовароуннаҳр дар асрҳои VIII-X [Матн]: дисс... док. илм. таърих: 07.00.09 / Ғуломов Тоҷиддин Мирзоалиевич. – Душанбе, 2023. –190 с.*
4. *Ибни, Қурбон. Дар дуроҳаи фано ва эҳёи миллати қадим [Матн] /Ибни Қурбон. – Душанбе: Эр-граф, 2007. – 298 с.*
5. *Зарринкӯб, Абдулҳусайн. Ду қарни сукут (Саргузашти ҳаводис ва авзои таърихии ду қарни аввали ислом). [Матн] / Зарринкӯб Абдулҳусайн. – Теҳрон: Сухан, 1381. – 109 с.*
6. *Зоҳидов, Н. Насри арабизабони адабиёти форс-тоҷик дар асрҳои VII-IX [Матн] / Н. Зоҳидов. – Хуҷанд: «Нури маърифат», 2004. – 402 с.*
7. *Мирхонд Равзату-с-сафо-фӣ сирати-л-анбиёи ва-л-хулафо [Матн] /Мирхонд. Бо пешгуфтор ва таълиқоту ҳавошии Нурмуҳаммади Амиршоҳӣ. Ҷ. 1. – Душанбе, 2004. – 81 с.*
8. *Муллоҷонов, С., Шарифова, М. Ҷунбиши шуубия ва худшиносии тоҷикон дар асрҳои миёна [Матн] / С. Муллоҷонов, М. Шарифова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2017. – №3/7 (158). – С. 6-10.*

9. *Мутаҳаррӣ, М. Хадамоти мутақобилаи Ислом ва Эрон [Матн] / М. Мутаҳиррӣ. – Душанбе, 2007. – 373 с.*
10. *Назаров, Ҳ. Иқтибос аз «Нақши эрониён-тоҷикон дар таърих ва фарҳанги ҷаҳон» [Матн] /Ҳ. Назаров. – Душанбе, 2005. – 160 с.*
11. *Расулиён, Қ. Ҳаракати шуубия ва ҳадафҳои он // Осори мунтахаб. Ҷилди IV [Матн] /Қ. Расулиён. – Душанбе: «Нашри мубориз», 2022. – С. 319-320.*
12. *Раҳмонов, Э. Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён (китоби сеюм) [Матн] / Э. Раҳмонов. – Душанбе: Ирфон, 2009. – 549 с.*
13. *Ровандӣ, М. Таърихи иҷтимоии Эрон [Матн] / М. Ровандӣ. – Теҳрон: Амири Кабир, 1368. – Ҷ. 2. – 238 с.*
14. *Таърихи Сиистон [Матн] / таҳияи А. Абдусаттор, М. Имомов. – Душанбе: Деваштич, 2012. – 124 с.*
15. *Сафо, З. Таърихи адабиёт дар Эрон [Матн] / З. Сафо. – Теҳрон: Фирдавс, 1371. – 748 с.*

ҶУНБИШИ ШУУБИЯ ВА МАХСУСИЯТИ МАЪРИФАТУ ҶАҲОНШИНОСИИ ТОҶИКОН

Муаллиф дар мақолаи мазкур оид ба ҷанбаҳои муҳимми фаъолияти шуубиён ва паёмади он барои миллати тоҷик ибрози назар намудааст. Дар асоси манбаъҳои таърихӣ ва натиҷаи таҳқиқоти муҳаққиқону донишмандони ватаниву хориҷӣ ба хулосае омадан мумкин аст, ки фаъолият ва афкори шуубиён инъикосгари махсусияти маърифату ҷаҳоншиносии тоҷикон ба шумор мерафт. Дар он марҳилае, ки шуубиён дар пайи ҳифзи хотироти ғановатманди таърихи мардуми хеш камар бастанд, на ба ҳар халқ муяссар гардид, ки ҳастии хешро ҳифз намоянд. Маҳз таҷрибаи таърихӣ, сатҳи баланди эҳсоси миллӣ ва дарки амиқи паёмади ин равандҳои сарнавиштсоз боис гардид, ки мардумони Хуросону Мовароуннаҳр дар масири ҳифзи асолати миллӣ тавассути андешамандони шуубӣ муваффақ шаванд. Чи хеле, ки маълум мегарад, аксар пайравони шуубия дар рушду нумуъи илму адаби араб низ нақши худро гузоштаанд. Минбаъд дар заминаи мактаби шуубиён садҳо чеҳраҳои илму адаб ба ҷаҳони ислом ворид гардиданд, ки дар густариши тамаддуни исломӣ нақши мондагор гузоштанд. Таҳлили вазъи манотиқи ғайриарабии густариши ислом шаҳодат аз он медиҳад, ки ягона минтақае, ки сифатҳои аслии миллию фарҳангии хешро ҳифз намуданд мардумони Хуросону Мовароуннаҳр мебошанд. Мардуми қисми шимолии Африқо, Шарқи наздик ва дигар сарзаминҳо аксаран на танҳо дин, балки арзишҳои миллӣ ва фарҳангии хешро аз даст дода минбаъд араб кунонида шуданд. Бо дарназардошти хидмати бузурги шуубиён имрӯз метавон онҳоро ҳамчун ҳомиёни асили фарҳангу мафкураи милли тоҷикон номид. Дар маҷмуъ талошу пайкорҳои фикрии онҳо боис гардид, ки дар навбати аввал арзишҳои миллӣ ҳифз шаванду муносибати маъмурони араб нисбати тоҷикон муътадил гардад. Маҳз талошу муборизаҳои фикрии онҳо буд, ки заминаи воридшавии сулолаҳои тоҷиктабори Бармакиён, Тоҳириён ва Сомониён ба низоми идории хилофат гузошта шавад.

Калидвожаҳо: аҳаммият, шуубия, махсусият, ҷунбиш, ҳифз, арзиш, фарҳанг, муборизa, осор, мафкура, маърифат, ҷаҳонбинӣ, баробарӣ, бартарӣ.

ДВИЖЕНИЕ ШУУБИЯ И ОСОБЕННОСТИ ПОЗНАНИЯ И МИРОПОНИМАНИЯ ТАДЖИКОВ

В данной статье автор высказал свое мнение о важных аспектах деятельности шуубидов и ее последствиях для таджикского народа. На основании исторических источников и результатов исследований отечественных и зарубежных исследователей и учёных можно сделать вывод, что деятельность и мысли шуубидов считались отражением особенности знаний и мировоззрения таджиков. На том этапе, когда шубидий пытались сохранить счастливые воспоминания об истории своего народа, не каждому народу удалось сохранить свое существование. Исторический опыт, высокий уровень национального чувства и глубокое понимание последствий этих судьбоносных процессов позволили жителям Хорасана и Моваруннахра добиться успеха на пути защиты национальной идентичности через мыслителей-шуубидов. Как известно, большинство последователей шуубии также сыграли свою роль в развитии арабской науки и литературы. В дальнейшем на базе шуубинской школы в исламский мир пришли сотни деятелей науки и литературы, сыгравшие неутомимую роль в расширении исламской цивилизации. Анализ ситуации в неарабских регионах распространения ислама показывает, что единственными регионами, сохранившими свои исконные национально-культурные качества, являются жители Хорасана и Моваруннахра. Народы северной части Африки, Ближнего Востока и других земель зачастую теряли

не только свою религию, но и национально-культурные ценности и подвергались дальнейшей арабизации. Учитывая огромную заслугу шуубиицев, сегодня их можно назвать защитниками самобытной культуры и национальной идеологии таджиков. В целом их усилия и интеллектуальные усилия привели к сохранению национальных ценностей и стабилизации отношения арабских администраторов к таджикам. Именно их интеллектуальные усилия и борьба заложили основу для вхождения таджикских династий бармакидов, тахоридов и саманидов в систему управления халифатом.

Ключевые слова: важность, значение, движение, защита, ценность, культура, борьба, артефакты, идеология, знание, мировоззрение, равенство, преимущество.

THE SHUUBIYA MOVEMENT AND THE TAJIKS COGNITION AND WORID CONCEPTION FEATURES

In this article, the author expressed his opinion on important aspects of the activities of the shuubids and its consequences for the tajik people. Based on historical sources and research results of domestic and foreign researchers and scientists, we can conclude that the activities and thoughts of the Shuubids were considered a reflection of the peculiarities of the knowledge and worldview of the tajiks. At that stage, when the shubidians tried to preserve happy memories of the history of their people, not every nation managed to preserve its existence. Historical experience, a high level of national feeling and a deep understanding of the consequences of these fateful processes allowed the residents of Khorasan and Movarunnahr to achieve success in protecting their national identity through the shuubid thinkers. As is known, most of the followers of shuubiya also played a role in the development of arab science and literature. Subsequently, on the basis of the shuubin school, hundreds of scientists and literary figures came to the Islamic world, who played a tireless role in the expansion of Islamic civilization. An analysis of the situation in non-arab regions of the spread of Islam shows that the only regions that have preserved their original national and cultural qualities are the inhabitants of Khorasan and Movarunnahr. The peoples of northern Africa, the Middle East and other lands often lost not only their religion, but also national and cultural values and were subjected to further arabization. Considering the enormous merit of the shuubians, today they can be called defenders of the original culture and national ideology of the tajiks. Overall, their efforts and intellectual efforts led to the preservation of national values and the stabilization of the attitude of arab administrators towards the tajiks. It was their intellectual efforts and struggle that laid the foundation for the entry of the tajik dynasties of the barmakids, tahorids and samanids into the system of governance of the caliphate.

Keywords: importance, meaning, shuubiya, movement, protection, value, culture, struggle, artifacts, ideology, knowledge, worldview, equality, advantage.

Дар бораи муаллиф
Шарифзода Ҷамолиддин Сафол
Номзади илмҳои таърих, дотсенти
кафедраи таърихи халқи тоҷик
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
х. Рӯдакӣ, 17
E-mail: sharipov-26041994@mail.ru

Об авторе
Шарифзода Джамолиддин Сафол
Кандидат исторических наук, доцент
кафедры истории таджикского народа
Таджикский национальный университет
734025, Республика Таджикистан,
г.Душанбе, пр.Рудаки 17
E-mail: sharipov-26041994@mail.ru

About the author
Sharifzoda Jamoliddin Safolovich
Tajik National University
Candidate of historical, senior lecturer of the
Department of history tajik national
Tajik National University
734025 Republic of Tajikistan, Dushanbe,
Rudaki ave. 17
E-mail: sharipov-26041994@mail.ru

УДК 94(573.3)

КАДРОВАЯ ПОЛИТИКА ГОСУДАРСТВА В СФЕРЕ ПОДГОТОВКИ ПРОФЕССИОНАЛЬНЫХ РАБОТНИКОВ СИСТЕМЫ СВЯЗИ В ГОДЫ СОВЕТСКОЙ ВЛАСТИ В ТАДЖИКИСТАНЕ

Нурматова М. Р., Каримова А. Р.
Таджикский государственный медицинский университет имени Абуали ибни Сино

Одним из важнейших направлений жизнедеятельности общества является налаженная система связи, от работы которого зависит функционирование всех отраслей общественной и экономической жизни. Учитывая важность данной отрасли, Советское государство уделяло особое внимание развитию и постоянному обновлению отрасли связи.

Надо отметить, что наиболее особенных задач советского периода была борьба с неграмотностью населения, и частью этой борьбы было открытие различных школ, курсов и подготовительных отделений, где людей обучали различным профессиям, в том числе и специальностям необходимыми для систем связи [5, с. 73]. Для подготовки кадров для всех союзных республик, в том числе Таджикистана были созданы Высшие административные курсы связи с двумя отделениями: по подготовке начальников управлений (УН) – руководителей предприятий связи со сроком обучения 10 месяцев, и по подготовке заведующих конторами (КЗ), руководителей среднего и низшего звеньев для непосредственной работы на местах со сроком обучения 5,5 месяца. Широкое распространение получила и подготовка работников связи на уровне заочного обучения. Для организации массовой технической учебы работников связи союзных республик была разработана программа «техминимум», была определена также номенклатура профессий связи, работники которой должны были учиться по этой программе. Руководство всей работой осуществлялось специальным сектором техникума Управления кадров Наркома связи.

Подготовка новой рабочей силы из числа молодёжи проводилась отдельными предприятиями путем индивидуально – бригадного обучения и обучения в специальных школах связи.

В 1930 г. НКП (народный комиссариат почты и телеграф) разработал положение о школах ученичества [7, с. 113]. Эти школы готовили квалифицированных работников телеграфа, телефона, радио, почты, т.е. давали профессиональное образование. Школы фабрично-заводского ученичества (ФЗУ) в 30-е годы стали основной формой подготовки молодого пополнения рабочего класса в стране.

Надо отметить, что подготовка кадров связистов в Таджикистане началась с 1930 г. в школах фабрично-заводского ученичества (ФЗО). Эти школы находившаяся в ведении отдельного предприятия, проводили обучение в форме бригадного ученичества. Это конечно, не могла полностью удовлетворить потребности народного хозяйства Таджикистана в кадрах. Поэтому надо было организовать такую систему, которая обеспечивала бы подготовку рабочих на плановой основе, с учетом общегосударственных интересов, растущих потребностей и перспектив развития отраслей народного хозяйства республики. Уже в первые годы советской власти на всех предприятиях были открыты курсы подготовки специалистов, которые стали именоваться школами фабрично- заводского ученичества (ФЗУ). Эти школы по сути стали основой для создания профессиональных училищ для подготовки кадров [12, с. 5].

Накануне Великой Отечественной войны – 14 июля 1941 г. в числе первых в Таджикистане, в г. Душанбе было организовано ремесленное училище связи №3. Подготовка

квалифицированных кадров связистов в училище продолжалась и в годы войны. Это был надежный источник пополнения рядов рабочего класса. Новая система профтех образования выдержала серьезное испытание. За годы Великой Отечественной войны в училище было подготовлено 455 молодых связистов [9].

За период 1945-1957 гг. Ремесленное училище связи №3 Таджикский ССР подготовило и выпустило 1067 молодых рабочих по таким специальностям, как радист, монтер, линейный монтер, радиооператор, надсмотрщик радиофикации и телефона – телеграфных линий связи .

В соответствии с приказом министра связи СССР от 22 мая 1953 г. в Московском, Ленинградском и Одесском институтах связи были организован группы ускоренной подготовки инженеров из лиц со средним техническим образованием. 30 августа 1954 г. была принята Постановлением Совета Министерства СССР и ЦК КПСС подготовке специалистов с высшим и средним образованием без отрыва от производства уделялось особое внимание [9].

Для подготовки специалистов отрасли связи в Таджикистане в 1955 г. при Сталинабадском технологическом техникуме открылось отделение связи по двум специальностям – районная электрическая связь и радиофикация. Директором техникума был назначен Мусохон Зокиров. Для проведения занятий были привлечены опытные учителя и высококвалифицированные специалисты отрасли связи, такие, как Л. Авнуков (зам. министр связи Тадж. ССР), А. Барский, П. Бабаев [8].

В 1959 г. отделение связи Сталинабадского технологического техникума впервые выпустил 50 студентов по указанным специальностям. После успешного выпуска первой группы специалистов по связи и их направления на работу в народное хозяйство республики техникум был переведен в г. Канибадам, но из-за отсутствия опытных специалистов сферы связи деятельность отделения связи при техникуме прекратилась, и оставшиеся студенты по этому профилю были переведены для продолжения учёбы в Ташкентский институт связи [8].

Названный институт был создан на базе Ташкентского политехнического техникума и вначале не имел опытных преподавателей. Позже сюда приехали преподаватели из Ленинградского, Московского, Новосибирского, Свердловского и Ростовского институтов.

Выпускником ташкентского электротехнического института связи по специальности инженер электросвязи, был уроженец селения Ворух Согдийской области Таджикистана, Ибрагим Усманов, который прошел большой трудовой путь от обычного линейного инженера до министра связи Таджикистана. До избрания его в 1990 г. Верховным Советом республики на должность министра связи он работал инженером АТС, главным инженером Ленинабадского областного узла связи, начальником управления электросвязи министерства связи Таджикистана, первым заместителем Министра связи Таджикистана, а затем И.У. Усманов начиная с 90-х годов XX в. возглавлял несколько лет многоотраслевое Министерство связи Республики .

Интересен трудовой путь, который он прошел. Он буквально заполнен многочисленными успехами. Ибрагим Усманов имеет звание «Заслуженного работника Республики Таджикистан», «Мастера связи СССР». Кроме того он – обладатель медалей «За доблестный труд», «За трудовую доблесть», а также был награжден Почетной грамотой Президиума Верховного Совета Таджикской ССР [1, с. 21].

Под его руководством и при его непосредственном участии были осуществлены большие работы по строительству станций и сельских телефонных сетей, на новый уровень развития поднято проводное вещание, построены междугородные и радиорелейные линии связи, а также многие жизненно важные фундаментальные объекты связи в республике. Среди них станция спутниковой космической связи «Орбита» в городе Хороге и в городе Душанбе, и международные междугородние автоматические телефонные станции, кабельные линии связи Душанбе – Куляб, Душанбе – Курган-Тюбе, радиорелейные линии связи Душанбе – Джиргаталь, Ленинабад – Канибадам – Исфара и т.д. Параллельно с этими

работами под непосредственным руководством Ибрагима Усмановича Усманова были построены или реконструированы АТС №21, 23, 24, 27, 32, 34, 35, 36, 37 в г. Душанбе [4, с. 11].

Высококвалифицированные кадры для Таджикской ССР были подготовлены и в Московском институте связи и в институтах связи других городах братских республик Советского Союза. Первый выпускник Московского института связи из Таджикистана Ибрагим Олимов вернувшись в Таджикистан, как квалифицированный специалист долгое время поработал на предприятиях связи Аштского района и г. Худжанда [10].

В 60-е годы в отраслях связи началось внедрение новейших технологий. Естественно, вновь встал вопрос о подготовке высококвалифицированных специалистов. Подбор, воспитание и расстановка преподавателей и мастеров производственного обучения были важными звеньями в работе по подготовке кадров, потому что от их технических знаний зависел уровень профессиональной подготовки и воспитания молодых специалистов. Для привлечения преподавателей и мастеров был принят ряд мер, в частности для преподавателей системы ПТО выделялись квартиры и регулярно - каждые пять лет, они направлялись на курсы повышения квалификации.

Таким образом, Совет Министров Таджикской ССР своим постановлением провел специализацию учебных заведений профтехобразования республики по отраслям народного хозяйства.

Для подготовки специалистов в области связи Таджикской ССР в основном функционировало, как мы уже отметили, ПТУ №5, которое выпускал связистов по специальности радиотелемастер, телеграфист и монтер. Обучение проходило в две ступени. Первая ступень – срок обучения 3 года после окончания 8-го класса средней школы. Второй этап– 2 года после окончания 10 класса. В каждой группе было 25 человек. В 60-е годы директором данного училища был А. Гафуров. [8] В эти годы для подготовки будущих специалистов в области связи активно участвовали мастера производства, ответственные учителя Шарифджон Абдулхамидов, Нажмиддин Шамсиев, Акбар Сафаров и др. Этим они способствовали развитию отрасли связи, потому что в нее пришли молодые квалифицированные кадры. Также для проведения теоретических и практических занятий были привлечены специалисты отрасли связи. В развитии системы профтехобразования важную роль сыграло Постановление Совета Министров Таджикской ССР от 17 ноября 1966 г. “О повышении роли Госкомитета Совета Министров Таджикской ССР по профессионально-техническому образованию в подготовке квалифицированных рабочих кадров для народного хозяйства республики” [11, с. 38].

Соответственно этому постановлению для ПТУ № 5 Государственным комитетом были разработаны соответствующие учебно - образовательные программы профессионально-технического образования. Директором этого комитета в 60-е годы XX в. был М. Бобокалонов. Для учащихся ПТУ № 5, кроме теоретических и практических занятий от 2-х до 3-х месяцев на предприятиях связи организовывалась производственная практика, в ходе которой они приобретали профессиональные навыки.

Важно отметить, что система профессионально-технического образования сыграло решающую роль в подготовке специалистов среднего звена для отрасли связи и способствовала решению проблемы с кадрами не только в городах, но и в дальних селениях, где работали объекты связи [11, с. 38].

Для стимула к обучению, в 1972 г. государство учредил стипендию имени В. И. Ленина, которой награждались лучшие студенты и учащиеся за отличную учебу и активное участие в общественной жизни. Примечательно, что училища обеспечивались обмундированием, питанием, книгами и общежитиями [6, с. 56]. Но несмотря на такие условия, большая часть кадров (примерно 76 %) из числа квалифицированных работников,

получали навыки непосредственно на рабочем месте. Такое положение было присуще и системе подготовки рабочих в Таджикистане [2, с. 140].

Учитывая важность проблемы подготовки квалифицированных кадров правительство Таджикистана уделяло особое внимание решению этой задачи. В начале 70-х годов XX в. на предприятиях связи Ленинабадской области работали 2416 чел. из них лиц местной национальности 1110 чел. Из них женщины 1082 женщин связистки составляли 1082 чел. на ведущих должностях работали 128 женщин. Результаты труда связистов за 1966-1970 г. были высоко оценены правительством страны. За выдающиеся успехи, достигнутые в выполнении заданий пятилетнего плана орденами и медалями, были награждены 21 работник связи области [2, с. 25].

Связисты области гордились передовиками производства и взяли пример образцового труда.

Важно отметить, что в течение 1971 г. на предприятия связи области прибыли специалисты с высшим образованием – 6 чел.; со среднетехническим образованием – 15 чел.; выпускников ПТУ – 5. Несмотря на то, что специалисты обеспечивались жильем, заработной платой в установленной форме и пользовались другими благами коллективов, выбыло по уважительной причине (призыв в ряды Советский Армии) 16 чел; инженеров – 3, техников – 13 [2, с. 26].

В целях вовлечения молодежи в отрасль связи из северных районах Таджикистана в вузы связи было направленно 36 чел., в техникумы– 4 человека. Было направленно на рабфак института 3 человек. Заочно обучались 13 человек. В 1971 г. закончили институт 2 человек, техникум – 4 чел [2, с. 26].

В течение одного года (1971) через индивидуально – бригадное ученичество было подготовлено 185 связистов, с отрывом от производства повысило квалификацию 63 чел. К сожалению, руководители предприятий не принимали достаточных мер для закрепления кадров. Так, в 1971 г. на работу было принято 1287 чел., уволились 1104 работника, в т. ч почтальонов 426, монтеров 122, а также значительное количество телефонистов и телеграфистов. Это были те люди, которые непосредственно были заняты с клиентурой. Особенно высока была текучесть этой категории работников в Айнинском, Канибадамском, Ленинабадском, Чкаловском, Пенджикентском и Ходжентском узлах связи и Ленинабадском ЭТУС. В других же узлах связи благодаря, тому, что руководители предприятий связи, несмотря на имеющиеся трудности по заработной плате, проявляли максимум внимания вопросам организации труда, быта, работника связи продолжали работать [2, с. 25].

Особо контролировалась правительством республики работа руководящих кадров. Так, в архивном документе под названием «Кадры» отмечено:

“Руководящие работники несут особую ответственность перед партией, государством за доверенные хозяйства. Ничем, как безответственностью нельзя объяснить допускаемую неисполнительность начальников узлов и предприятий. В истекшем году были причислены к разряду неисполнительных начальники: Пенджикентского узла связи т. Бганцов, Зафарабадского т. Вайдуллаев, Исфаринского т. Гафуров (причем т. Гафуров был еще и наказан приказом). Халатное отношение к своим обязанностям, расхлябанность, недальновидность, бюрократия к сожалению, имели место в деятельности многих работников связи и особенно среди руководящих кадров” [2, с. 26].

Кроме того, в упомянутом документе отмечается, что Министерства связи республики 29 декабря 1971 г. обязало направить на краткосрочные курсы с отрывом от производства 8 чел. В итоге Ленинабадский горузел связи Ленинабадский ЭТУС направили на учебу по два чел. При этом руководители названных предприятий постоянно жаловались на нехватку специалистов. Начальники Пенджикентского, Аштского, Кайраккумского узлов связи в 1971 году не представили информацию по актам проверок, касающихся кадрового обеспечения.

Начальникам предприятий связи было предписано начиная с февраля – марта 1971 г. связываться с органами народного образования городов, районов и проводить массовую разъяснительную работу среди учащихся общеобразовательных школ с целью вовлечения их в высшие, и средне – специальные учебные заведения и ПТУ связи [2, с. 26]. Была поставлена задача улучшить политико – воспитательную работу среди связистов, оказывать им помощь в организации бытовых условий и в первую очередь помощь связистам массовых профессий, используя имеющиеся фонды поощрения, для повышения уровня благосостояния работников связи, чтобы они добросовестно выполняли свои обязанности проявляя высокий дух гуманизма и патриотизма.

Таким образом, можно сделать вывод, о том, что для развития любой отрасли народного хозяйства, в том числе отрасли связи, важнейшую роль играют кадры, и поэтому в 40-80-е годы XX в. в СССР, в том числе и в Таджикистане была разработана целая система подготовки профессиональных кадров, в частности связистов самой различной специализации. Благодаря этой мере даже в самых отдаленных регионах Советского Союза имелись узлы связи, которые обслуживались высококвалифицированными специалистами, профессионалами своего дела. Это прямо касается и Таджикистана, в котором развитию связи во все времена уделялось очень большое внимание.

Литература

1. *Азимов, А. Пайвандгари дилҳо [Матн] / А. Азимов, М. Додохонов. – Душанбе: Шарқи озод, 2007. – 47 с.*
2. *Акрами, З. Актуальные проблемы истории социально-классовой трансформации таджикского общества (рабочий класс) [Текст] / З. Акрами. – Душанбе, 2017. – 266 с.*
3. *Государственный архив Согдийской области Республики Таджикистан. – Ф. 124. – Оп.2. – Д.9. – Л. 25 - 26.*
4. *Давронов, А. Ҳадиси дӯст [Матн] / А. Давронов, А. Азимов. – Душанбе, 2002. – 164 с.*
5. *Кабиров, Х. Развитие средств связи в Таджикистане / Х. Кабиров. - Душанбе, 1965. – 149 с.*
6. *Назаршоев, М. История рабочего класса Таджикистана 1917 - 1970 [Текст] / М. Назаршоев. – Душанбе: Дониш, 1972. – 297 с.*
7. *Псурцев, Н.Д. Развитие связи в СССР (1917-1967 гг.) [Текст] / Н. Д. Псурцев. – М.: Связь, 1967. – 480 с.*
8. *Информация получены из личного архива выпускника Отделения связи Сталинабадского технологического техникума (1959), заслуженного деятеля отрасли связи Абдулхамидова Шарифджона (работал с.1962 по 1994 техником-инженером в предприятиях связи Согдийской области).*
9. *Информация получены из текущего архива ТЛС РТ.*
10. *Информация получены из текущего архива Аштского районного филиала Таджиктелеком.*
11. *Хошимова, Ш.Ф. Начальное профессионально-техническое образование в Северном Таджикистане в 1958-1985 гг. (исторический аспект) [Текст] / Ш.Ф. Хошимов. – Худжанд, 2017. – 164 с.*
12. *Широкин, А. М. Деятельность Коммунистической партии Таджикистана по подготовке и воспитанию рабочих кадров в системе профессионально-технического образования республики (1966-1975 гг.) [Текст]: дисс… на соиск. учен. степ. канд. истор. наук / А. Н. Широкин. – Душанбе, 1984. – 162 с.*

КАДРОВАЯ ПОЛИТИКА ГОСУДАРСТВА В СФЕРЕ ПОДГОТОВКИ ПРОФЕССИОНАЛЬНЫХ РАБОТНИКОВ СИСТЕМЫ СВЯЗИ В ГОДЫ СОВЕТСКОЙ ВЛАСТИ В ТАДЖИКИСТАНЕ

В данной статье авторы анализируют кадровою политику государства в сфере подготовки профессиональных работников системы связи в 20 веке и показывает его значения в развитие каждой отрасли. Авторы отмечают, что наиболее особенных задач советского периода была борьба с неграмотностью населения, и частью этой борьбы было открытие различных школ, курсов и подготовительных отделений, где людей обучали различным профессиям, в том числе и

специальностям необходимыми для систем связи. В 60-е годы в отраслях связи началось внедрение новейших технологий. Подбор, воспитание и расстановка преподавателей и мастеров производственного обучения были важными звеньями в работе по подготовке кадров, потому что от их технических знаний зависел уровень профессиональной подготовки и воспитания молодых специалистов. В деле внедрения новых видов станций и техники важную роль играли работники системы связи, и благодаря их слаженной работе, к системе связи были присоединены новые поселки, селения и города области. Надо отметить что для развития любой отрасли народного хозяйства, в том числе отрасли связи, важнейшую роль играют кадры, и поэтому в 40-80-е годы XX в. в СССР, в том числе и в Таджикистане была разработана целая система подготовки профессиональных кадров, в частности связистов самой различной специализации. Уделялось особое внимание для подготовки будущих специалистов из числа местного населения и благодаря их дружбой и совместной усилий с представителями других национальностей из братских республик работа почты, телеграфа и телефонной связи получила новый толчок, который способствовало к развитию данной сферы.

Ключевые слова: кадровая политика государства, сфера связи, специалист, телефонная связь, новейшая техника, телеграф, почта, телефон, радио.

СИЁСАТИ КАДРИИ ДАВЛАТ ДАР САМТИ ТАРБИЯИ КОРМАНДОНИ КАСБИИ СОҲАИ АЛОҚА ДАР СОЛҲОИ ҲОКИМИЯТИ ШУРАВӢ ДАР ТОҶИКИСТОН

Муаллифон дар ин мақола сиёсати давлатии кадриро дар самти тайёр кардани кормандони касбии алоқа дар асри XX таҳлил намуда, аҳамияти онро дар рушди ҳар як соҳа нишон додаанд. Муаллифон қайд мекунанд, ки махсусан вазифаҳои давраи шуравӣ маҳви бесаводии аҳолӣ буда, як роҳи он таъсиси мактабҳову шуъбаҳои тайёрии мухталиф, курсҳои омодакунӣ буд, ки дар онҳо ба одамон касбу кори гуногун, аз ҷумла ихтисосҳои барои системаи алоқа зарурӣ таълим дода мешуданд. Дар солҳои 60-ум дар соҳаи алоқа технологияҳои навтарин ҷорӣ карда шуданд. Интихоб, тарбия ва ҷо ба ҷо гузоштани муаллимон ва устодони таълими истехсолӣ дар кори тайёр кардани кадрҳои соҳибихтисос аҳамияти махсус дошт, зеро дараҷаи тайёрии касбӣ ва тарбияи мутахассисони ҷавон ба донишҳои техникии онҳо вобаста буд. Кормандони системаи алоқа дар воридкунӣ ва ба фаъолиятдарории намудҳои нави истгоҳҳо ва таҷҳизот нақши калон бозида, ба шарофати кори мураттабонаи онҳо посёлкаҳо ва шаҳрҳои нави вилоят ба системаи алоқа пайваст карда шуданд. Бояд гуфт, ки барои пешрафти ҳар як соҳаи хоҷагии халқ, аз ҷумла дар соҳаи алоқа мутахассисон нақши муҳим мебозанд ва аз ин рӯ дар солҳои 40-80-уми асри XX дар Иттиҳоди шуравӣ, аз ҷумла дар Тоҷикистон, системаи томи тайёр кардани кадрҳои касбӣ, аз ҷумла мутахассисони ихтисосҳои гуногун ба вуҷуд оварда шудааст. Ба тарбияи мутахассисони оянда аз байни аҳолии маҳаллӣ диққати махсус дода, ба туфайли дустӣ ва ҷидду ҷаҳди якҷояи онҳо бо намояндагони дигар миллатҳои ҷумҳуриҳои бародарӣ кори почта, телеграф ва алоқаи телефон кувваи нав гирифт, ки ин ба пешрафти ин соҳа мусоидат мекунад.

Калидвожаҳо: сиёсати кадрии давлатӣ, соҳаи алоқа, мутахассисон, алоқаи телефон, технологияи навтарин, телеграф, почта, телефон, радио.

STATE PERSONNEL POLICY IN THE SPHERE OF TRAINING PROFESSIONAL EMPLOYEES OF THE COMMUNICATION SYSTEM IN THE SOVIET POWER IN TAJIKISTAN

In this article, the authors analyze the state personnel policy in the field of training professional communications workers in the 20th century and shows its importance in the development of each industry. The authors note that the most special tasks of the Soviet period were the fight against illiteracy of the population, and part of this fight was the opening of various schools, courses and preparatory departments, where people were taught various professions, including specialties necessary for communication systems. In the 1960s, the latest technologies began to be introduced in the communications industries. The selection, training and placement of teachers and masters of industrial training were important links in the work on training personnel, because the level of professional training and education of young specialists depended on their technical knowledge. The employees of the communications system played an important role in the implementation of new types of stations and equipment, and thanks to their coordinated work, new villages, settlements and cities of the region were connected to the communications system. It should be noted that for

the development of any branch of the national economy, including the communications industry, personnel play a vital role, and therefore in the 40-80s of the 20th century in the USSR, including in Tajikistan, an entire system of training professional personnel was developed, in particular communications specialists of various specializations. Particular attention was paid to the training of future specialists from among the local population and thanks to their friendship and joint efforts with representatives of other nationalities from the fraternal republics, the work of the post office, telegraph and telephone communications received a new impetus, which contributed to the development of this area.

Keywords: state personnel policy, sphere communication, specialties, telephone communication, the latest technology, telegraph, post, telephone, radio.

Об авторах

Нурматова Малика Рустамовна
Кандидат исторических наук, ассистент кафедры общественных дисциплин
Таджикский государственный медицинский университет имени Абуали ибни Сино
734003, Республика Таджикистан,
г. Душанбе, ул.Сино, 29-31

Каримова Адолат Рахимовна
Старший преподаватель кафедры общественных дисциплин
Таджикский государственный медицинский университет имени Абуали ибни Сино
734003, Республика Таджикистан,
г. Душанбе, ул.Сино, 29-31

Дар бораи муаллифон

Нурматова Малика Рустамовна
Номзади илмҳои таърих, ассистенти кафедраи фанҳои ҷомеашиносӣ
Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Сино, 29-31

Каримова Адолат Рахимовна
Муаллими калони кафедраи фанҳои ҷомеашиносӣ
Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Сино, 29-31

About the authors

Nurmatova Malika Rustamovna
Candidate of Historical Sciences, Assistant at the department of social disciplines
Avicenna Tajik State Medical University
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, str. Sino, 29-31

Karimova Adolat Rakhimovna
Teacher of the department of social disciplines
Avicenna Tajik State Medical University
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, str. Sino, 29-31

ТДУ 958.4(09)"18"

ТАЪРИХИ МАОРИФИ МАРДУМӢ ДАР АМОРАТИ БУХОРО ДАР НИМАИ ДУЮМИ АСРИ XIX

Шоқурбонова Ҷ. Ш.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Таърихи маорифи мардумӣ дар аморати Бухоро дар нимаи дуюми асри XIX мавзуи муҳим ва мубрами таҳқиқот ба ҳисоб меравад, ки он имконият медиҳад хусусиятҳои низоми таълим ва тарбияро дар ин амиқтар дарк намоем. Мактабҳо ва мадрасаҳои он давра умдатан ба анъанаҳои динӣ такя мекарданд ва робитаи қавӣ бо онҳо доштанд. Онҳо дар ташаккули мероси фарҳангӣ ва зеҳнии аморат нақши муҳим иҷро мекарданд.

Вазъи маорифи мардумӣ дар аморати Бухоро дар ин давра дар сарчашмаҳои гуногун, аз ҷумла ёддоштҳо, асарҳои саёҳатчиёни рус, дипломатҳо ва муҳаққиқон, инчунин дар таҳқиқоти таърихнигорон ва равшанфикрони маҳаллӣ инъикос ёфтааст. Дар байни онҳо А. Дониш, С. Айнӣ, М.А. Сомӣ, А. Фитрат ва дигарон ҷудо мешаванд, ки асарҳояшон маълумоти гаронбаҳо оид ба усулҳои таълим, муассисаҳои таълимӣ ва сатҳи саводнокии аҳолиро дар бар мегиранд. Илова бар ин, маълумот дар бораи ҳолати маориф дар шарҳу баёни олимон ва низомиёни рус, ки минтақаи Бухороро зикр ва мушоҳидаҳои худро сабт кардаанд, низ мавҷуд аст.

Муассисаҳои таълимии аморати Бухоро асосан аз мактаб ва мадрасаҳо иборат буданд, ки бо дастгирии хайрияҳои ҷамъиятӣ маблағгузорӣ шуда, таҳти назорати рӯҳониёни исломӣ фаъолият мекарданд. Бо вуҷуди густариши онҳо, раванди таълим аксар вақт такрорӣ ва асосан ба ҳифзи матнҳои динӣ асос ёфта буд, ки имкониятҳои рушди ҳамаҷонибаи шогирдонро маҳдуд месохт. Норасоии таълими дунявӣ ва сатҳи пасти омодагии методии омӯзгорон боиси сатҳи пасти саводнокӣ мегардид, ки дар шароити ҷаҳони тағйирёбанда монеае барои навсозии ҷомеа ба шумор мерафт.

Ҳадафи асосии мақолаи мазкур, таҳлили сохтор ва фаъолияти низоми маорифи мардумӣ дар аморати Бухоро дар нимаи дуюми асри XIX, муайян намудани паҳлуҳои мусбат ва манфии он, инчунин баррасии тағйироте мебошад, ки таҳти таъсири омилҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ рух додаанд. Таваҷҷуҳи асосӣ ба масъалаҳои зерин равона карда мешавад: шумора ва сифати муассисаҳои таълимӣ, барномаҳои таълимӣ, вазъи иҷтимоии омӯзгорон ва хонандагон, инчунин таъсири дин ба низоми таълим.

Ин таҳқиқот бар асоси омӯзиши доираи васеи сарчашмаҳо, аз ҷумла солномаҳои таърихӣ, маводи бойгонӣ, адабиёти ёддоштӣ ва осори муҳаққиқони ватанию хориҷӣ анҷом дода мешавад. Таҳлили гузаронидашуда имкон медиҳад, ки на танҳо низоми таълимии аморати Бухоро бозсозӣ карда шавад, балки таъсири он ба рушди минбаъдаи маориф дар минтақа низ пайгирӣ гардад.

Дар нимаи дуюми асри XIX вазъи маорифи мардумӣ дар аморати Бухоро дар манбаъҳои гуногуни таърихӣ, ёддоштҳо ва таҳқиқоти олимон ва саёҳатчиёни рус инъикос ёфтааст. Хусусан асарҳои таърихнигорон ва равшанфикрони маҳаллӣ, ба монанди А. Дониш, С. Айнӣ, М. Сомӣ, А. Фитрат ва дигарон, ки дар тавсифи низоми таълимии минтақа нақши муҳим бозидаанд, дар ин замина арзиши баланд доранд. Истеҳсолоти муҳаққиқони рус, дипломатҳо, афсарони кашфи ҳарбӣ ва табиатшиносон низ як манбаи муҳими маълумот дар бораи ҳолати маърифат ва мавҷудияти муассисаҳои таълимӣ дар аморат ба ҳисоб меравад. Гарчанде ки ин маълумот пароканда аст, онҳо имконият медиҳанд, ки тасвири умумии низоми маорифи ин давра барқарор карда шавад.

“Да ин давра маориф дар тафовут аз дигар равияҳои фалсафии марҳилаҳои гузаштаи таърихӣ маҳз бо ғояҳои сиёсию маърифатии худ, аз қабили: озодӣ, баробарӣ, дӯстӣ, тифоқӣ, барқарорӣ ва риоя доштани рукнҳои адолати иҷтимоӣ, рушди илму техника мехост дигаргунсозиву навҷӯиҳоро дар ҷомеа амалӣ намояд. Бинобар ин, пайдоиши маорифпарварӣ

дар Осиёи Миёна ҳамчун равия ва ҷаҳонбинии нав яке аз падидаҳои муҳими ҳаёти маънавӣ ба ҳисоб рафта, аз оғози пайдоиш ва ташаккулёбӣ то инқилоби Бухоро ба худ тамоюлгирии хос - рӯҳияи маънавиятгустарӣ ва зиддимустамликавӣ касб мекунад. Аз ин ҷиҳат, ақида ва барномарезии маорифпарварона ва ислоҳотхоҳонаи рӯшанбинони тоҷик аз маорифпарварони Рус ва кишварҳои Ғарб тафовути куллӣ дошт" [6, с. 234-238].

Низоми маорифи мардумӣ дар аморати Бухоро, ҳаммонанд бо кулли кишвари Туркистон, аз ду шакли асосии муассисаҳои таълимӣ иборат буд: мактабҳо ва мадрасаҳо. Мактабҳо ҳамчун марказҳои таҳсилоти ибтидоӣ фаъолият мекарданд ва одатан дар назди масҷидҳо, маҳаллаҳои шаҳрӣ (гузарҳо), деҳаҳо ва ҳатто дар паноҳгоҳҳои табиӣ, монанди ковоки дарахтони бузург (масалан, чинорҳо) ҷойгир мешуданд.

Маблағгузории мактабҳо тавассути хайрияҳои ҷамъиятӣ анҷом мешуд, зеро давлат, махсусан дар давраи ҳукмронии манғитиён, дар бунёди муассисаҳои таълимӣ иштирок надошт, ҳарчанд ислом паҳн кардани донишро дар миёни ҷавонон манъ намекард.

Тибқи маълумоти шарқшиноси рус Н.В. Хаников, дар оғози асри XIX дар ҳудуди аморати Бухоро аз 1800 то 2000 мактаб мавҷуд буд ва шумораи умумии хонандагон ба 150–160 ҳазор мерасид [15, с. 223]. Ба гуфтаи И.И. Гейер, то охири асри XIX теъдоди мактабҳо ба 3400 расид, аммо шумораи хонандагон то 70 ҳазор коҳиш ёфт [4, с. 23]. Генри Мозер низ қайд кардааст, ки танҳо дар шаҳри Бухоро зиёда аз 1000 мактаб мавҷуд буд [12, с. 165].

Монографияи профессор Н. К. Убайдуллоев таҳқиқоти васеъро дар бораи вазъи маорифи мардумӣ дар Тоҷикистон дар давраи зикршуда, бахусус хусусиятҳои муассисаҳои таълимӣ дар аморати Бухоро дар нимаи дуюми асри XIX, фаро мегирад. Муаллиф манбаъҳои гуногун, аз ҷумла асарҳои таърихнигорони маҳаллӣ, шарқшиносони рус ва саёҳатчиён, инчунин ёддоштҳои ҳамзамононро мавриди таҳлил қарор медиҳад [14].

Ба гуфтаи муаррих Н.К. Убайдуллоев, «дар нимаи дуюми асри XIX низоми маорифи мардумӣ дар аморати Бухоро дар ҳолати рукуд қарор дошт, хусусияти динӣ дошт ва ба суннатҳои асримиёнагӣ такя мекард». Муаллиф қайд мекунад, ки муассисаҳои таълимӣ асосан ду шаклро фаро мегирифтанд — мактабҳо ва мадрасаҳо, ки «мактабҳо танҳо таълими ибтидоӣ медоданд, дар ҳоле ки мадрасаҳо бо унсурҳои схоластикӣ таҳсилоти динӣ фароҳам меоварданд» [14, с. 150-151].

Нақши муҳими омӯзиши вазъи маорифи мардумиро асарҳои муаллифони маҳаллӣ, аз қабили Аҳмад Дониш, Садриддин Айнӣ, Абуабдулло Фитрат, инчунин таҳқиқоти муҳаққиқони рус Н. В. Хаников, И. И. Гейер, П. П. Иванов бозӣ мекунанд. Бар асоси маълумоти таҳқиқотгарон, «дар оғози асри XIX дар аморати Бухоро тақрибан 1800–2000 мактаб фаъолият мекард, аммо то охири аср шумораи онҳо ба 3400 расид. Бо вуҷуди ин, сатҳи таълим ба таври назаррас беҳбуд наёфт ва низоми таълим ҳамон гуна суст боқӣ монд».

Н. К. Убайдуллоев низ таъкид мекунад, ки «сифати таҳсилот тӯли даҳсолаҳо бетағйир монд: раванди омӯзиш асосан бар азёд кардани матнҳо асос ёфта буд, дар ҳоле ки ин матнҳо ба забони арабӣ таълим дода мешуданд, забоне, ки аксари шогирдон онро намефаҳмиданд» [14, с. 240]. Мактабҳо бо хайрияҳои ҷамъиятӣ маблағгузорӣ мешуданд, ва муаллимон – муллоҳо ва хатибон – аксар вақт худ маълумоти кам доштанд.

Муаллиф ба содда будани раванди таълим таъкид мекунад:

«Дарсҳо дар мактабҳо ба таври инфиродӣ мегузаштанд, ҳар хонанда Қуръонро азёд мекард, бидуни фаҳмиши маънои он. Машқҳои хаттӣ вуҷуд надоштанд, ва хатти савод танҳо ба доираи маҳдуди шогирдон дастрас буд» [14].

Илова бар ин, ҷазоҳои ҷисмонӣ дар мактабҳо маъмул буданд:

«Омӯзгорон тадбирҳои интизомии сахтро истифода мебурданд – латукӯби шогирдон бо чӯб қисми ҷудонашавандаи раванди таълим маҳсуб мешуд» [14].

Низоми таълим ба рушди тафаккури интиқодӣ мусоидат намекард, ва натиҷаи асосии таҳсил «танҳо тавони хондани матнҳои арабӣ бе дарки маънои онҳо» буд.

Тибқи гуфтаҳои Н.К. Убайдуллоев, «мадрасаҳо ҳамчун муассисаҳои олии таълимӣ дониста мешуданд, аммо барномаҳои онҳо аз доираи таълимоти динӣ берун намебаромаданд» [14].

Муаллиф дар бораи шумораи мадрасаҳо дар аморат маълумоти мухталиф меорад: «бар тибқи сарчашмаҳои гуногун, шумораи онҳо 180–200 ададро ташкил медод, ва шумораи донишҷӯён тахминан 15–16 ҳазор нафар буд» [14]. Вале сатҳи воқеии донишҳои хатмкардагони мадрасаҳо паст боқӣ мемонд:

«Бисёре аз хатмкардагони мадрасаҳо, бо вуҷуди солҳои тӯлонии таҳсил, донишҳои амиқ дар бораи илмҳои динӣ низ надоштанд, зеро дарсҳо асосан аз баҳсу мунозираҳои беохир ва азёдкунии тафсирҳо иборат буданд» [14].

Таълим дар мактабҳо асосан аз ҷониби шахсони динӣ, аз ҷумла муллоҳо, хатибони масҷидҳо ва азонхонҳо, ки таҳти назорати рӯҳониёни исломӣ қарор доштанд, анҷом дода мешуд. Барномаи таълимӣ асосан ба омӯзиши матнҳои динӣ асос ёфта буд, ки ин ҳолат рушди донишҳои дунявиро маҳдуд мекард. Дарсҳо ба забони арабӣ гузаронида мешуданд, ва мушкили хати арабӣ, ки қариб бе аломатҳои садонок буд, равандҳои хондан ва навиштанро боз ҳам душвортар мегардонд. Бисёре аз муаллимон худ маълумоти маҳдуд доштанд ва аксар вақт маводи таълимиро пурра намефаҳмиданд. Маблағгузории мактабҳо низ тавассути хайрияҳои намозгузорони масҷидҳо ё дигар саховатмандон амалӣ мешуд. Дар баъзе ҳолатҳо, мактабҳо дар манзилҳои худи муаллимон ҷойгир мешуданд. Аксари хонандагонро писарон ташкил медоданд, аммо дар ҳолатҳои нодир духтарон низ таълим мегирифтанд. Барои онҳо мактабҳои махсус ташкил мешуданд ва занони муллоҳо ва хатибон, ки унвони «бибихалифа» доштанд, ба онҳо дарс медоданд.

Яке аз поягузорони низоми маориф дар Аморати Бухоро устод Садриддин Айнӣ ба шумор мераванд. Муҳақиқ Ҷураев К., дар мақолааш чунин қайд менамояд. “Садриддин Айнӣ вақте ки дар яке ҷаласа доир ба мавзуи тарзи ислоҳот баҳс оғоз мегардад, чунин изҳор медорад: «Агар ҳукумат худ дар сари ислоҳ бошад, аз ман суол кунад, ки барои ислоҳоти Бухоро чӣ кардан лозим аст. Мегӯям: - Ду чиз: Мактаб ва Ҷарида». Дар робита ба ин мавзуъ Садриддин Айнӣ таъкид менамояд, ки миллатпарварӣ он аст, ки ба амале қувваташон нарасад, беҳтар аст, ки иқдом накунад, балки ба мунавварсозии афкор кӯшанд то ки мардум аввал доно шавад ва баъд аз пайи татбиқи он амалӣ хеш бигарданд. Садриддин Айнӣ дар ҷараёни баҳсҳои тӯлонии ҷанбаи маорифпарваридошта фирқаеро, ки худро тариққипарвар меҳисобиданд ва фақат онҳо рӯшанфикранду боқии аҳолӣ нодонанд, зид мебарояд ва андешаи онҳоро ботил эълон медорад. Баръакс, Айнӣ бар ин ақида аст, ки аксари ин тараққихоҳон худ низ нодонанд ва махсусан, аз сиёсат бехабаранд” [7, с. 284-287].

Тавсифи низоми анъанавии таълим дар манбаъҳои зиёде мавҷуд аст, аммо Садриддин Айнӣ ин мавзуъро дар асарҳои худ «Мактаби кӯҳна» ва «Ёддоштҳо» муфассал баррасӣ кардааст. Дар қиссаи «Мактаби кӯҳна» вай тасвири муфассали муассисаҳои таълимии он замонро пешниҳод мекунад. Ба гуфтаи ӯ, утоқҳои таълимӣ хеле танг, торик ва бадҳаво буданд. Хусусан, Садриддин Айнӣ таъкид мекунад, ки « Замини ин хонаро, ки ҳамаи вусъати он тахминан чор оршини дар чор оршин, яъне 16 оршини мураббаъ буд, чор синҷи аз болои якдигар гузаранда кашида дарунашро ба 9 қисм ҷудо карда буданд, ки гӯё дар даруни мактаб 9 охурча ба вуҷуд омада буд» [2, с. 6-7].

Аввалин дидори муаллиф бо чунин муҳити таълимӣ ба ӯ таъсири амиқ гузошта буд: «Дар он ҷо (яъне дар мактаб) на фазои мувофиқ, на рӯшноӣ ва на оромӣ вуҷуд дошт, чизҳое, ки ман дар хонаам бо чор тиреза ба онҳо одат карда будам. Ман ба мактаб рафтам, мактабхона монанди хонаи мо васеъ, дубаҳра (чордара), равшан ва беғалоғула набуд. Мактаб як хонаи танг буд, ду дар дошт, ки яке аз онҳо дари даромади яктабақа буд, он дарро ҳам дар вақтҳои сармо пӯшонда мемонданд. Дари дигараш даричае буд, ки се чоряк оршин қад ва ним оршин бар дошт. Мактабдор (муаллимон) ба вай як коғаз (тирезаи коғазӣ) карда барои дар барф ва борон надаридани он ба коғазаш равғани зағир молида буд. Коғази равғанин чангу хоки кӯчаро ба худ гирифта буд, ки монанди дамгири дег сиёҳ ва чиркин буд» [2, с. 6].

Фарқиятҳои сохтории байни мактабҳои шаҳрӣ ва деҳотӣ хеле назаррас буданд. Дар худи шаҳри Бухоро, бархе аз мактабҳо дорои биноҳои махсуси таълимӣ буданд. Этнографи шуравӣ О.А. Суҳарева қайд мекунад, ки аксари муассисаҳои таълимии шаҳрӣ сақфҳои гунбазӣ доштанд ва дар даврони авҷи Осиёи Марказӣ ҳамзамон бо масҷидҳо ҳамчун марказҳои фарҳангӣ ва илмӣ бунёд шуда буданд. Бо вуҷуди ин, бо мурури замон андоза ва

хусусиятҳои меъмории мактабҳо тағйир ёфтанд. Онҳо нисбат ба масҷидҳо хурдтар шуданд, аммо устувории худро нигоҳ доштанд [13, с. 69-70].

Раванди таълим дар мактабҳои анъанавии Осиёи Марказӣ, ки дар аморати Бухоро ва минтақаҳои ҳамсоя фаъолият мекарданд, хусусиятҳои хоси худро дошт. Ин хусусиятҳо аз омилҳои динӣ-фарҳангӣ ва шароити иҷтимоию иқтисодии он давра вобаста буданд. Тибқи маълумоти Н. Хаников, мактаб шакли ибтидоии таҳсилоти исломиро ташкил медод ва кӯдакони аз 5 то 12-сола ва баъзан то 16-сола фаро мегирифт. Давомнокии таҳсил дар чунин муассисаҳо то ҳафт сол мерасид [15, с. 211].

Пешрафти таҳсил дар мактабҳо бе меъёрҳои қатъии синну сол сурат мегирифт: кӯдак метавонист дар ҳар вақти сол ва дар синни 5–6-солагӣ таҳсилро оғоз намояд. Яке аз маросимҳои асосии қабули хонанда ба мактаб тақдими тӯҳфае ба муллои дарсдиҳанда буд, ки падару модари кӯдак онро бо табақи ширинӣ пешкаш мекарданд [2].

Пеш аз дохилшавӣ, хонанда бояд донишҳои ибтидоии диниро медонист, аз ҷумла, дуоҳои кӯтоҳ ва порчаҳо аз Қуръонро аз ёд мекард. Низоми таълим дар мактаб аз усули анъанавии синфӣ-дарсӣ фарқ дошт: омӯзиш инфиродӣ анҷом дода мешуд. Дар як синф хонандагони дорои синну соли гуногун ва сатҳи донишҳои мухталиф таҳсил мекарданд, ки ҳар кадоме супоришҳои хоси худро иҷро менамуданд. Ин усули таълим хеле содда буда, асосан ба омӯзиши алифбои арабӣ, қироати матнҳои динӣ ва нақли шифоҳии онҳо асос ёфта буд. Машқҳои хаттӣ қариб вуҷуд надоштанд, ки ин омил ба рушди пурраи саводнокӣ монеа эҷод мекард.

Раванди таълим дар мактабҳо зери назорати пурраи мулло қарор дошт, ки ба ӯ ёваре бо номи «халифа» кӯмак мерасонд. Халифа одатан аз байни хонандагони калонсол интихоб мешуд ва ҳамчун омӯзгори ёрирасон хидмат мекард. Дар чунин муассисаҳо интизом хеле шадид буд ва ҷазоҳои ҷисмонӣ васеъ истифода мешуданд. Усулҳои тарбия ба танбеҳоти ҷисмонӣ асос ёфта буданд, ки дар таълимоти он давра маъмул ба ҳисоб мерафтанд.

Дар мактабҳо барномаи таълим хеле маҳдуд буд. Китобҳои асосии дарсӣ иборат буданд аз алифбо, Қуръон ва асарҳои ахлоқӣ-динӣ, ба мисли «Фарзиайн» ва «Чоркитоб». Дар марҳилаи ниҳоии таҳсил хонандагон осори адибони бузурги адабиёти тоҷикӣ ва форсиро, аз қабили Ҳофиз ва Бедил меомӯхтанд. Бо вуҷуди ин, методикаи таълим сатҳи паст дошт: омӯзиши матнҳои динӣ асосан ба ҳифзи он аз ёд маҳдуд мешуд. Азбаски таҳсил ба забони арабӣ сурат мегирифт, аксари хонандагон дарки амиқи маводи таълимиро надоштанд. Дар натиҷа, ҳатто пас аз 5–8 соли таҳсил, аксари хонандагон малакаҳои кофии хатту саводро пайдо намекарданд.

Маблағгузории мактабҳо аз ҳисоби хайрияҳои ҷамъиятӣ таъмин мешуд. Падару модарони хонандагон барои таълими фарзандон хароҷоти муайянро мепардохтанд. Масалан, ҳангоми гузариши шогирд ба марҳилаи навбатии таҳсил, муаллим подоши пулӣ ва тӯҳфаҳои ғизоӣ мегирифт. Дар рӯзҳои ид низ омӯзгорон ба тӯҳфаҳо умед мебастанд.

Бар хилофи мактабҳои хусусӣ, ки бо ташаббуси шахсони алоҳида таъсис меёфтанд, муассисаҳои таълимии назди масҷидҳо бо маблағҳои вакф – фондҳои динӣ, таъмин мешуданд. Ин ҳолат ба муаллимон имкон медод, ки даромади иловагӣ ба даст оваранд. Н. Хаников зикр мекунад, ки омӯзгорон дар мактабҳо бо шартномаи муздгирӣ фаъолият мекарданд ва маблағи солонаи таҳсили як шогирд вобаста ба шароити мактаб аз 1 то 3 тилло тағйир меёфт [15, с. 210]. Бо вуҷуди ин, усулҳои таълим қариб тағйир намеёфтанд ва омӯзгорон ба равишҳои суннатӣ содиқ мемонданд, ки ин ба сифати таҳсил таъсири манфӣ мерасонд.

Беҳтарин хонандагони мактабҳо имконият доштанд, ки таҳсили худро дар мадраса идома диҳанд. Ин муассисаҳо сатҳи баланди таҳсилоти исломиро таъмин мекарданд ва асосан дар шаҳрҳои бузург фаъолият менамуданд. Масалан, дар нимаи аввали асри XIX дар Хуҷанд шаш мадраса бо 214 шогирд ва дар Ӯротеппа чор мадраса бо 173 шогирд вуҷуд доштанд. Мадрасаҳо инчунин дар шаҳрҳое, ба мисли Панҷакент, Конибодом, Каршин, Ҳисор, Кӯлоб ва ғайра амал мекарданд. Бо вуҷуди ин, обрӯмандтарин муассисаҳои таълимӣ мадрасаҳои Бухоро ва Самарқанд ба ҳисоб мерафтанд [14].

Манбаъҳои таърихӣ маълумоти гуногунеро дар бораи шумораи мадрасаҳо дар аморати Бухоро дар нимаи дуюми асри XIX ва аввали асри XX пешниҳод мекунанд. Тибқи маълумоти Н. В. Хаников, шумораи умумии мадрасаҳо тақрибан 180–200 ададро ташкил медод ва шумораи шогирдон ба 15–16 ҳазор мерасид. Вай ҳамчунин қайд кардааст, ки шумораи мактабҳои ибтидоӣ дар аморат даҳ маротиба бештар буд, ки ин теъдоди умумии хонандагони мактабҳои ибтидоиро тақрибан 150–160 ҳазор нафар арзёбӣ мекунад, яъне тақрибан 1/16 қисми аҳолиро ташкил медод [15, с. 223].

Дигар манбаъҳо низ рақамҳои мухталиф пешниҳод мекунанд. Масалан, соли 1820 Е. К. Мейендорф шумораи донишҷӯёни Бухороро беш аз 10 ҳазор нафар ҳисоб кардааст [10, с.152], дар ҳоле ки П. П. Иванов зикр мекунад, ки дар давраи ҳукмронии амир Шоҳмурод (1785–1800) шумораи шогирдони мадрасаҳо ба 30 ҳазор мерасид [9, с. 217-218]. Бо вуҷуди ихтилофи маълумот, эҳтимол аст, ки дар миёнаи асри XIX шумораи хонандагони мадрасаҳо воқеан афзоиш ёфта буд.

Аксари муҳаққиқон бар он ақидаанд, ки дар охири асри XIX – аввали асри XX шумораи мадрасаҳо то андозае афзудааст, аммо муассисаҳои таълимии аслӣ ҳамоно муассисаҳои қадимтар боқӣ монда буданд. Тибқи таҳқиқоти О. А. Сухарева, Бухоро маркази маъруфи исломӣ боқӣ монда, донишҷӯёнро на танҳо аз Осиёи Марказӣ, балки аз минтақаҳои дигар, аз ҷумла Татаристон ва Шарқи Наздик ҷалб мекард [13, с. 71-73]. Бо вуҷуди ин, на ҳама мадрасаҳо ба маънои воқеӣ муассисаҳои таълимӣ буданд: бархе аз онҳо танҳо манзилҳо барои донишҷӯёнро дар бар мегирифтанд [13, с.74].

Гарчанде ки маълумот дар бораи мадрасаҳо ва мактабҳои ибтидоӣ дар манбаъҳои гуногун фарқ мекунанд, таҳлили маълумоти Н. В. Хаников нишон медиҳад, ки таҳқиқоти ӯ яке аз манбаъҳои боэътимодтарин дар бораи вазъи маорифи мардумӣ дар миёнаи асри XIX мебошад. Сопоставкуи ин маълумот бо таҳқиқоти Садриддин Айнӣ ва дигар муҳаққиқон аҳамияти баланди илмии онро тасдиқ мекунад.

Дар таърихи маорифи исломӣ, мадрасаҳо ҳамеша нақши калидӣ доштанд. Онҳо на танҳо ҳамчун муассисаҳои таълимӣ, балки ҳамчун ҷойи истиқомати хонандагон, ки бо номи муллобачаҳо маъруф буданд, хизмат мекарданд. Вале дар даврaҳои гуногуни таърихӣ фаъолияти онҳо ба тағйироти ҷиддӣ рӯ ба рӯ мешуд, ки ин тағйирот аз омилҳои иҷтимоӣ ва сиёсӣ вобаста буданд.

Дар давраи ҳукмронии Ҷонид Абдулазизхон (1645–1680), мадрасаҳо ба рукуд дучор шуданд. Бӯҳронҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ боиси он гардиданд, ки ҳуҷраҳои мадрасаҳо ба объектҳои хариду фурӯш табдил ёфтанд, ки ин бо қонунҳои исломӣ мухолифат дошт. Тавре ки С. Айнӣ ишора мекунад, дар давраи ҳукмронии охирин намояндагони сулолаи Ҷониён мадрасаҳои Самарқанд ба оғилхонаҳо ва мадрасаҳои Бухоро ба макони зисти фақирон табдил ёфтанд. Элементҳои чӯбии биноҳо, дару тирезаҳо тадриҷан нобуд шуданд ва равшанӣ танҳо тавассути коғази равғанзада, ки барои мӯҳр задани тирезаҳо истифода мешуд, ворид мегардид. Дар натиҷа, ҳуҷраҳо ба «қабрҳои харобшуда» шабоҳат доштанд [2].

Ин бӯҳрон на танҳо ба шаҳрҳои бузург, ба мисли Самарқанд ва Бухоро, таъсир расонд, балки ба тамоми муассисаҳои таълимии Осиёи Марказӣ низ роҳ ёфт. Танҳо бо ба сари қудрат омадани Шоҳмурод (1785–1800) – намояндаи сулолаи Манғитҳо – раванди ислоҳоти ҷузъии низоми маориф оғоз гардид. Бо вуҷуди обрӯи ҳокими сахтгир, Шоҳмурод барои беҳбудии мадрасаҳо кӯшишҳо ба харҷ дод. Тибқи гуфтаҳои С. Айнӣ, ӯ фармон содир кард, ки ба донишҷӯёне, ки ҳуҷраҳои мадрасаҳоро барқарор мекунанд, имкон медиҳад, ки онҳоро соҳиб шаванд ё ба дигарон ба ивази ҷуброни хароҷоташон интиқол диҳанд. Ин иқдом соҳибияти хусусиро ба ҳуҷраҳои мадрасаҳо қонунӣ гардонд ва роҳи тиҷорати онҳоро кушод. Аммо ин тасмим бештар аз зарурати иқтисодӣ бармеомад, зеро хазинаи давлат имкони нигоҳдории мадрасаҳоро надошт. Дар натиҷа, аз солҳои 1880-ум ҳуҷраҳои мадрасаҳо ба объекти тиҷорат табдил ёфтанд ва ин раванд то аввали асри XX идома ёфт.

Бо вуҷуди ин, вазъи мадрасаҳо на натиҷаи фаъолияти рӯҳониён, балки аз афзоиши таъсири шахсони соҳибкор бармеомад, ки ҳуҷраҳоро ба донишҷӯён ба иҷора дода, шартҳои худро таҳмил мекарданд.

Тавсифи муфассали раванди таълим дар мадрасаҳои нимаи дуюми асри XIX ва аввали асри XX дар «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ оварда шудааст. Тибқи гуфтаҳои ӯ, соли таҳсил шаш моҳ – аз 22 сентябр (оғози моҳи мизон тибқи тақвими исломӣ) то 22 март (моҳи ҳамал) давом мекард. Дарсҳо чор рӯз дар ҳафта баргузор мешуданд – аз якшанбе то чоршанбе, дар ҳоле ки панҷшанбе, ҷумъа ва шанбе истироҳат буданд. Илова бар ин, донишҷӯён дар рӯзҳои ид, аз ҷумла Иди Рамазон ва Иди Қурбон, низ истироҳат мекарданд [1, с. 194-195].

Аммо танҳо теъдоди ками донишҷӯён метавонистанд таҳсилро пурра ба анҷом расонанд, зеро онҳо бояд худ хароҷоти нимсолаи зисти худро таъмин мекарданд. Донишҷӯёни деҳот аксар вақт барои кор дар мавсими тирамоҳ мадрасаҳоро тарк мекарданд, то ки дар ҷамъоварии ҳосил ё иҷрои вазифаҳои имоматӣ дар масҷидҳои деҳотӣ ширкат варзанд. Пас аз бозгашт онҳо дарсҳои аз дастрафтаро ҷуброн мекарданд, вале дере нагузашта боз маҷбур мешуданд, ки барои таъмини худ кор ҷӯянд. Ба гуфтаи С. Айнӣ, «аз ҳар 50 донишҷӯ танҳо 10 нафари онҳо то охири соли таҳсил боқӣ мемонданд, дар ҳоле ки боқимондагон таҳсилро бинобар мушкилоти молиявӣ тарк мекарданд» [1, с. 200].

Методикаи таълим дар мадрасаҳо чандон самаранок набуд. Гарчанде ки расман ба як дарс як соат ҷудо мешуд, дар асл дарсҳо то чор соат давом мекарданд. Мударрисон (омӯзгорон) аксар вақт пиронсол буданд ва бинобар сабаби бемориҳо дарсҳоро бекор мекарданд, ки ин шумораи умумии рӯзҳои дарсиро боз ҳам камтар мекард.

Таҳсил одатан 15–20 сол давом мекард. Н. В. Хаников зикр мекунад, ки раванди таълим ба се самти асосӣ такя мекард: 1. *Шаръия* – илмҳои шариатӣ; 2. *Арабия* – забони арабӣ; 3. *Ҳикмия* – илмҳои дунявӣ;

Дар бахши шариатӣ, фанҳои асосӣ тафсири Қуръон, ҳадис, фиқҳ ва дигар илмҳои динӣ ворид мешуданд. Ҳамчунин, ба усулҳои тафсири Қуръон таваҷҷуҳи зиёд дода мешуд, аз ҷумла иҷмоъ ва қиёс.

- Иҷмоъ – назарияе, ки мувофиқаи уламои исломиро дар масоили шаръӣ инъикос мекард ва ба се навъ тақсим мешуд:
  1. Иҷмоъи саҳоба (назари саҳобагон);
  2. Иҷмоъи табиъин (назари шогирдони саҳобагон);
  3. Иҷмоъи муҷтаҳиддин (назари уламои асрҳои баъдӣ);
- Қиёс – усули хулосабарорӣ оид ба масъалаҳое, ки дар Қуръон ва ҳадис зикр нашудаанд, вале ба шарҳи шариатӣ ниёз доштанд [15, с. 63-72; 8].

Илова бар ин, дар мадрасаҳо баҳсу мунозираҳо қисми муҳими таълим буданд, вале Н. В. Хаников онҳоро ҳамчун баҳсҳои тӯлонӣ ва бесамар арзёбӣ кардааст. Донишҷӯён мавзуъҳои мураккаби динӣ ва ҳуқуқиро муҳокима мекарданд, аммо набудани системаи дақиқи омӯзиш боиси дароз кашидани раванди таълим мешуд. Дар натиҷа, таҳсилот ба кам касон муяссар мегардид, зеро раванди омӯзиш бисёр суст ва мушкил буд.

Бо вуҷуди аҳамияти мадрасаҳо дар низоми маорифи Осиёи Марказӣ, фаъолияти онҳо бо мушкилоти зиёде рӯ ба рӯ буд. Бетартибиҳои сиёсӣ, норасоии маблағгузорӣ, методикаи сусти таълим ва зарурати донишҷӯён барои якҷоя кардани таҳсил бо кор боиси он гардиданд, ки шумораи ками онҳо тавонистанд таҳсилро пурра анҷом диҳанд. Ин омилҳо ба сатҳи умумии маърифат дар минтақа таъсири манфӣ расонданд ва сабабгори дарозу камсамар будани таҳсил гардиданд.

Дар хулоса метавон гуфт, ки таҳлили низоми маорифи мардумӣ дар аморати Бухоро дар нимаи дуюми асри XIX нишон медиҳад, ки таълим асосан анъанавӣ боқӣ монда, ба усулҳои динӣ асос ёфта, бо маблағҳои хайрияҳои ҷамъиятӣ маблағгузорӣ мешуд. Бо вуҷуди мавҷудияти шабакаи васеи мактабҳо ва мадрасаҳо, сатҳи саводнокии аҳолӣ паст боқӣ мемонд, ки ин бо набудани таҳсилоти низомманди дунявӣ ва усулҳои таълимии содаву қадимӣ иртибот дошт.

Монеаҳои асосии рушди маориф аз назорати шадиди рӯҳониён, муносибати муҳофизакорона ба таълим ва вазъи иҷтимоию иқтисодие иборат буданд, ки ба аксарияти мардум имконияти гирифтани таҳсилоти босифатро намедод. Бо вуҷуди ин, таваҷҷуҳ ба ислоҳот ва зарурати навсозии низоми таълим тадриҷан афзоиш меёфт, ки дар оянда ба дигаргуниҳои муҳим дар оғози асри XX мусоидат кард.

Ҳамин тавр, омӯзиши низоми маорифи аморати Бухоро на танҳо имконият медиҳад, ки заминаҳои таърихии рушди минбаъдаи маърифат дар минтақа равшан карда шаванд, балки инчунин таъсири қонунҳои анъанавӣ ва динӣ ба ҳаёти ҷамъиятиро беҳтар дарк намуд. Баррасии ин мавзуъ барои фаҳмиши раванди ташаккули низоми муосири маориф дар Осиёи Марказӣ аҳамияти хоса дорад.

Адабиёт

1. *Айнӣ, С. Ёддоштҳо: чаҳор қисм. Иборат аз як китоб / Таҳти назорати К. Айнӣ; масъули нашр А. Қурбонов; муҳаррири масъул Б. Раҳматов. – Душанбе: Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи Миллии Тоҷик, 2009. – 680 с.*
2. *Айнӣ, С. Мактаби кӯҳна: повест / С. Айнӣ. – Душанбе: ТҶБ "Истиқбол", 2010. – 56 с.*
3. *Айнӣ, С. Марги судхӯр: қисса / Мураттиб Аламхон Кӯчаров; муҳаррир Одина Мирак. – Душанбе: Адиб, 2010. – 220 с.*
4. *Гейер, И. Путеводитель по Туркестану (с двумя картами и одним портретом) / И. Гейер. – Изд. 1-е. – Ташкент: Типолитография В. М. Ильина, 1903. – С. 23.*
5. *Гулшании, М. С. Таърихи ҳумоюн / Ба чоп тайёркунанда, мураттиб ва муаллифи сарсухан Ҷ. Назриев. – Душанбе, 2006. – 168 с.*
6. *Джураев, К. Просветительство: обзор, смысла, цели и предпосылки возникновения / К. Джураев, С. У. Ахиева // Вестник Педагогического университета. – 2020. – № 2(85). – С. 234-238.*
7. *Джураев, К. Садриддин Айни - реформатор нового метода обучения в медресе Бухарского Эмирата / К. Джураев // Вестник Педагогического университета. – 2018. – № 3(75). – С. 284-287.*
8. *Додохонов, М. Просвещение в Бухарском ханстве первой половины XIX века по сведениям русского востоковеда и дипломата Н. В. Ханыкова / М. Додохонов // Россия в исторических судьбах таджикского народа. – Душанбе: Шарки озод, 1998. – С. 63–72.*
9. *Иванов, П.П. Очерки по истории Средней Азии (XVI – середина XIX вв.) / П.П.Иванов. – М.: Наука, Изд-во Вост.лит-ры, 1958. – 247 с.*
10. *Мейендорф, Е.К. Путешествие из Оренбурга в Бухару / Е.К.Мейендорф; под ред. и со вступ. статьей Н.А.Халфина. – М.: Наука, 1975. – 180 с.*
11. *Мирбабаев, А. История мадраса Таджикистана: часть первая / А. Мирбабаев; отв. ред. Н. Н. Негматов. – Душанбе: Мерос, 1994. – 125 с.*
12. *Мозер, Генри. В странах Средней Азии. Путевые впечатления Генриха Мозера 1882-1883 гг. / Генри Мозер // Русская старина. – 1888. – Т. LVII. – янв. – С.137-167.*
13. *Сухарева, О. А. Бухара XIX – начало XX в. (Позднефеодальный город и его население) / О. А. Сухарева. – М.: Наука, Главная редакция восточной литературы, 1966. – 327 с.*
14. *Убайдуллоев, Н. К. Историография народного образования Таджикистана: (вторая половина XIX – первая половина XX вв.) / Н. К. Убайдуллоев. – Душанбе: ДДОТ ба номи С. Айнӣ, 2016. – 410 с.*
15. *Ханыков, Н.В. Описание Бухарского ханства / Н.В.Ханыков. – СПб., 1843. – 279 с.*

ТАЪРИХИ МАОРИФИ МАРДУМӢ ДАР АМОРАТИ БУХОРО ДАР НИМАИ ДУЮМИ АСРИ XIX

Дар мақола вазъи маорифи мардумӣ дар аморати Бухоро дар нимаи дуюми асри XIX, сохтор, шаклҳои ташкили таълим ва мушкилоти асосии он баррасӣ мешавад. Таваҷҷуҳи асосӣ ба мактабҳо ва мадрасаҳо, ки ҳамчун муассисаҳои таълимии асосии он давра хидмат мекарданд, равона шудааст. Манбаъҳои маблағгузории мактабҳо, усулҳои таълим ва таъсири меъёрҳои динӣ ба мазмуни таҳсил таҳлил карда мешаванд. Дар мақола мушкилоте, ба мисли набудани таҳсилоти дунявӣ, сатҳи пасти омодагии методии омӯзгорон ва кам будани сатҳи саводнокии аҳолӣ, таъкид мешавад. Нақши саёҳатчиёни рус, муҳаққиқон ва равшанфикрони маҳаллӣ дар омӯзиши низоми маорифи аморат баррасӣ мегардад. Таҳқиқот ба сарчашмаҳои таърихӣ, ёддоштҳо, маводи бойгонӣ ва таҳқиқоти муҳаққиқони ватанию хориҷӣ такя мекунад. Дар натиҷа хулоса шудааст, ки бо вуҷуди мавҷудияти шумораи зиёди муассисаҳои таълимӣ, низоми маорифи аморати Бухоро муҳофизакор боқӣ монда, рушди он дар шароити навсозии ҷомеа мушкилот дошт.

Калидвожаҳо: аморати Бухоро, маорифи мардумӣ, мактабҳо, мадрасаҳо, таълими динӣ, саводнокӣ, асри XIX, Аҳмади Дониш, Садриддин Айнӣ, низоми таълим.

ИСТОРИЯ НАРОДНОГО ОБРАЗОВАНИЯ В БУХАРСКОМ ЭМИРАТЕ ВО ВТОРОЙ ПОЛОВИНЕ XIX ВЕКА

В статье рассматривается состояние народного образования в Бухарском эмирате во второй половине XIX века, его структура, формы организации и основные проблемы. Основное внимание уделено мактабам и медресе как главным образовательным учреждениям того времени. Анализируются источники финансирования школ, методы преподавания, а также влияние религиозных норм на содержание образования. Подчеркиваются сложности, связанные с отсутствием светского образования, слабой методической подготовкой учителей и низким уровнем грамотности населения. Рассматривается роль русских путешественников, исследователей и местных просветителей в изучении образовательной системы эмирата. Работа опирается на исторические хроники, мемуары, архивные материалы и исследования отечественных и зарубежных ученых. Сделан вывод о том, что несмотря на наличие значительного числа образовательных учреждений, система образования Бухарского эмирата оставалась консервативной, что препятствовало ее развитию в условиях модернизации общества.

Ключевые слова: Бухарский эмират, народное образование, мактабы, медресе, религиозное обучение, грамотность, XIX век, Ахмад Дониш, Садриддин Айни, образовательная система.

THE HISTORY OF PUBLIC EDUCATION IN THE BUKHARA EMIRATE IN THE SECOND HALF OF THE 19TH CENTURY

The article examines the state of public education in the Bukhara Emirate during the second half of the 19th century, its structure, forms of organization, and key issues. Particular attention is given to *maktabs* and *madrasas* as the main educational institutions of that time. The study analyzes the sources of school funding, teaching methods, and the influence of religious norms on the content of education. The challenges associated with the absence of secular education, the weak methodological training of teachers, and the low literacy rate among the population are emphasized. The role of Russian travelers, researchers, and local educators in studying the emirate's educational system is also explored. The research is based on historical chronicles, memoirs, archival materials, and studies by domestic and foreign scholars. The conclusion is drawn that, despite the significant number of educational institutions, the educational system of the Bukhara Emirate remained conservative, which hindered its development in the context of societal modernization.

Keywords: Bukhara Emirate, public education, maktabs, madrasas, religious education, literacy, 19th century, Ahmad Donish, Sadriddin Ayni, educational system.

Дар бораи муаллиф
Шоқурбонова Ҷаҳоноро Шарифхоновна
Унвончӯи кафедраи таърихи халқи тоҷик
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121

Об авторе
Шокурбонова Джахоноро Шарифхоновна
Соискатель кафедры истории таджикского народа
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121

About the author
Shokurbonova Jahonoro Sharifkhonovna
Applicant at the Department of History of the Tajik People
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121

ТДУ 94(575.2)

СОЛҲОИ ҶАВОНӢ ВА ОҒОЗИ ФАЪОЛИЯТИ ИЛМИЮ СИЁСИИ АКАДЕМИК ТАЛБАК НАЗАРОВ

Раҷабзода А. Н.
Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дар миёни олимон, сиёсатмадорон, дипломатон ва шахсони сарсупурдаи миллати тоҷик доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, дорандаи Ҷоизаи давлатии Тоҷикистон ба номи Ибни Сино, профессори фахрӣ ва академики як қатор академияву донишгоҳҳои ҷаҳон, академики Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон – Назаров Талбак Назарович мавқеи намоёнро ишғол менамояд.

Назаров Талбак Назарович ба қатори он шахсиятҳое дохил мешавад, ки ҳаёту фаъолияташон хеле гуногунҷабҳа мебошад. Аз як тараф ӯ ҳамчун дипломат, ходими сиёсӣ ва аз тарафи дигар омӯзгори нотакрор, олими ислоҳотгар ва шахсияти беҳамто мебошад. Ба ақидаи мо, ин худ як қисмати хурдтарини фаъолияти ӯ ба ҳисоб меравад. Зеро, ба ҷуз ин, ӯ як роҳбари ниҳоят муваффақ, ҳимоятгари манфиатҳои кишвар, иштирокчии фаъоли конференсия ва симпозиумҳои байналмилалӣ мебошад. Яъне, ин шахсияти нотакрори миллати тоҷик дар самти илму омӯзгорӣ аз ассистенти оддии кафедра то ба дараҷаи академикӣ, дар самти сиёсат бошад то ба дараҷаи патриархи дипломатияи тоҷик расидааст.

Чуноне ки, академик Фозил Тоҳиров дар яке аз мақолаҳояшон, ки вобаста ба ҳаёту фаъолияти устод Талбак Назаров бахшида шуда буд, қайд намудааст: “Чӣ тавр писарбачаи оддие, ки дар оилаи деҳқон дар деҳаи дурдаст, дур аз марказҳои бузурги илмию маданӣ таваллуд шудааст, тавонад ба як арбоби барҷастаи сиёсию давлатӣ, олим ва педагоги бузург, таҳқиқотчии машҳури илмӣ, академик, солҳои тӯлонӣ роҳбари Вазорати корҳои хориҷии кишвари худ мубаддал гардад”? [13, с. 40]

Аммо агар мо жарфтар ба роҳи тайкардаи зиндагии ин марди шариф назар афканем, фаъолияти кории ӯ аз меҳнату машаққат оғоз гардидааст. Маҳз меҳнат ва талошҳои шабонарӯзӣ боис шудаанд, ки ӯ ҳамчун шахсият ташаккул ёфта, ба дараҷаҳои баланди зикршуда бирасад.

Назаров Талбак Назарович 15 марти соли 1938 [15] дар яке аз деҳаҳои (ҳоло дар зери обанбори Норак қарор дорад) собиқ ноҳияи Кангурти вилояти Кулоб [22] (ҳозира вилояти Хатлон) ба дунё омадааст.

Бояд қайд намуд, ки вобаста ба масъалаи дар куҷо ба дунё омадани устод Талбак Назаров ақидаҳо хеле зиёд ҳастанд. Масалан, зодгоҳи ӯро дар китобҳо, энсиклопедияҳо, рӯзномаву маҷаллаҳои даврӣ, мақолаҳои илмию оммавӣ ва сомонаҳои интернетӣ бо шаклҳои зерин дарҷ намудаанд, ки қариб онҳо бо якдигар мувофиқат намекунанд:

–Дар китобҳое, ки вобаста ба 70, 75 ва 80-солагии устод Назаров Талбак Назарович ва ҳаёту фаъолияти ӯ бахшида шудаанд, инчунин, дар сомонаи интернетии “Центр-Азия”, зодгоҳи ӯро ноҳияи Кангурти вилояти Кӯлоб (ҳозира вилояти Хатлон) дарҷ намудаанд;

–Дар китоби “Эҳёи Кангурт”, ки муаллифонаш Назруллои Абдулваҳҳоб ва Умари Шерхон мебошанд, зодгоҳи ин марди шарифро деҳаи Кангурти ноҳияи Кангурти вилояти Кӯлоб муайян кардаанд; [17, с. 126]

–Дар Энсиклопедияи Кӯлоб бошад, зодгоҳи ӯро деҳаи Кангурти ноҳияи Данғара қайд кардаанд;

–Дар сомонаи интернетии Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Китобхонаи миллии Тоҷикистон ва Wikipedia (бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ) зодгоҳи ӯро ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон навиштаанд;

Хулоса дар ин ё он китобу сарчашмаҳо оиди макони ба дунё омадани Талбак Назаров фикри ягона мавҷуд нест. Вобаста ба масъалаи мазкур қариб дар ҳамаи онҳо духӯрагиҳо

дида мешаванд.

Аммо худи устод Талбак Назаров ба ҳамаи баҳсҳо ва духӯрагиҳое, ки оиди зодгоҳаш шуда мегузаштанд, ҳангоми ҳикоя кардан дар бораи сарнавишти худ ба маҷаллаи "VIP-zone" хотима гузошт. Худи ӯ қайд кард, ки "Ман дар яке аз деҳаҳои собиқ ноҳияи Кангурти вилояти Кӯлоб (ҳозира вилояти Хатлон), ки ҳоло дар зери обанбори Норак қарор дорад, таваллуд шудаам" [3].

Замоне, ки Талбак Назаров ба дунё омад, халқу миллати тоҷик ба фоҷиаҳои талхе дучор гардида буд. Чунки, маҳз дар ҳамин давра шахсони сарсупурдаи миллати тоҷик, ба монанди Нусратулло Махсум, Шириншо Шотемур, Абдураҳим Ҳоҷибоев, Абдулвоҳид Мунзим, Пайрав Сулаймонӣ, Саидалӣ Вализода ва дигарон ба тақиботи сиёсии он давра гирифтор шуда, ҷонашонро аз даст дода буданд.

Аммо, чи хеле ки мегӯянд – "Таърих ҳамеша воситаи пайвасткунандаи як давра ба давраи дигар аст" ва дар ин даврон дар Тоҷикистон шахсоне ба монанди Темур Зулфиқоров, Ҳошим Гадо, Ҳабибулло Абдураззоқов, Маҳмудҷон Воҳидов, Лоиқ Шералӣ ва дигар фарзандони бузурги миллати тоҷик ба дунё омаданд, ки баъд аз чанд даҳсолаҳо дар рушду нумӯи кишварамон саҳмгузор буданд.

Талбак Назаров маҳз ба қатори ҳамин наслҳо дохил мешавад, ки ҳанӯз аз даврони хурдсолӣ ҳамаи талхию ширинҳо ва мусибатҳои зиндагиро чашида, ба орзую ҳаёти кӯдакияш хайрбод гуфта, зуд ба зиндагии мустақилона қадам гузошт.

Талбак Назаров аз ҷумлаи онҳоест, ки новобаста аз мушкилоти зиндагии овони тифлӣ, барои ташаккул ёфан ҳамчун шахсият саъю кӯшиш ба харҷ додааст. Вай хеле барвақт аз волидонаш маҳрум мегардад. Дар синни сесолагӣ аз модар ва ҳангоми таҳсил дар синфи шашум (13-солагӣ) аз падар маҳрум шуда [21], ҳамон соли таҳсилро дар мактаб-интернати ҷамоати Кангурти ноҳияи Кангурт давом медиҳад [16, с. 376].

Замоне овозаҳо паҳн шуданд, ки гӯё ӯ дар ятимхона ба воя расидааст, аммо ин комилан нодуруст аст. Чунки, худи Талбак Назаров ҳангоми ҳикоя кардани сарнавишти худ ба маҷаллаи "VIP-zone" дар ин бора чунин мегӯяд: "Баъзе вақт мешунавам, ки ман дар ятимхона ба воя расидаам, аммо ин комилан нодуруст аст. Ман танҳо дар он мактабе хондаам, ки дар он ҷо кӯдакони ятимхона низ таҳсил мекарданд".

Соли 1950 мардуми деҳаи Оличадараро (25 оила), ки зодгоҳи волидони (падар – Р.А.) Талбак Назаров ба ҳисоб мерафт, ба ноҳияи Фархор кӯчониданд ва онҳо дар он ҷо деҳаи Саксанохур (ё ин ки ба номи Орҷоникидзе)-ро бунёд намуданд. Дар ҳайати мардуми кӯчонидашуда Файз Хоҷаев, ки шахси ниҳоят гиромиқадр ва роҳбари ғайрирасмӣ дар миёни ҳамдеҳагон низ буд. Ӯ амаки Талбак Назаров ба ҳисоб меравад [16, с. 377].

Соли 1952 баъд аз хатми синфи 6-ум дар мактаб-интернат (Кангурт - Р.А.) Талбак Назаров қарор қабул кард, ки ба хонаи амакаш Файз Хоҷаев равад. Амакаш ӯро ба мисли фарзанди худаш қабул кард ва парастории бародарзодаашро дар наздаш қарз мешуморид. Дар навбати худ Талбак Назаров таҳсили худро дар синфи 7-уми мактаби 7-солаи ба номи С. Орҷоникидзеи деҳаи Саксанохур давом дода, ба мисли садҳо кӯдакони деҳа баъд аз дарсҳо дар заминҳои пахта кор мекард [16, с. 377].

Ҳамин тавр, ибтидои роҳи ҳаёти рангоранги Талбак Назаров ба замоне рост омад, ки насли он давра чӣ будани хушбахтии даврони кӯдакиро намедонист. Чуноне, ки адиби маъруфи амрикоӣ Ҷек Лондон дар хотираҳояш менависад: "Зиндагии даврони кӯдакиям чунон вазнин буд, ки чӣ будани бозичаро намедонистам..."

Бо вуҷуди ин, замоне, ки дар мактаби миёна таҳсил мекард, таъриху адабиётро дӯст медошт ва бо баҳои аъло мехонд. Орзӯи муаллим шудан ва ба шогирдон таълим доданро дар дилаш мепарварид.

Чун шароит баъди Ҷанги Бузурги Ватанӣ хеле сахт буд, тасмим гирифт, ки минбаъд сарбории касе нашавад ва масъулияти зиндагиро ба дӯш бигирад [19].

Соли 1953 ӯ дар синни 15-солагӣ мактабро бомуваффақият хатм карда, бо ҳамин мақсад роҳи Сталинободро (ҳозира шаҳри Душанбе) пеш гирифт. Худи Талбак Назарович дафтари хотироти худро чунин варақ мезанад: "Вақте ба Сталинобод омадам, тасодуфе рӯх

дод. Рӯзе дар назди Техникуми молия ва қарз меистодам, ки марди ношиносе наздам омад ва ҳадафамро пурсид. Чун донист, ки барои таҳсил омадаам, пешниҳод кард, ки дар ҳамин техникум ҳуҷҷат супорам. Мани 15-сола ҳам посухи мусбат дода, ҳуҷҷатҳоямро пешниҳод кардам. Чун диданд, ки ҳамаи баҳоҳои ман аъло аст, маро ба техникум қабул карданд". [21]

Тӯли се сол бо баҳои аъло дар инҷо таҳсил карда, соли 1956 онро бо ихтисоси "Азпултаъминкунӣ ва кредитонидани хоҷагии қишлоқ" ва дипломи аъло тамом мекунад ва бо қарори Комиссияи давлатии муайянкунандаи квалификатсия аз 6 июли соли 1956 ба Талбак Назаров ихтисоси "Молиячӣ оид ба азпултаъмин ва кредитонидани маблағгузории капиталӣ" дода мешавад [1].

Ҳамин саъю талошашро ба назар гирифта, роҳбарияти Техникуми молия ва қарз ба ӯ пешниҳод мекунад, ки таҳсилашро дар мактаби олӣ идома диҳад. Аз ҷумла, се мактаби олиро номбар мекунанд – донишгоҳҳои давлатии Тоҷикистону Ӯзбекистон ва Институти молия ва қарзи ба номи А. Вознесенскии шаҳри Ленинградро. Азбаски ташнаи илму дониш буд, сеюмашро интихоб кард, ҳарчанд медонист, ки дар ин шаҳри бузургу бегона шароити зиндагияш хеле вазнин мешавад, чунки касе надошт, ки ба ӯ кӯмаки молӣ кунад. Имтиҳонҳои дохилшавиро бомуваффақият супорид ва донишҷӯи яке аз бонуфӯзтарин донишкадаҳои Иттиҳоди Шуравӣ дар соҳаи молия ва қарз гардид [20]. Ҳамин тавр, идомаи зиндагӣ ва таҳсили ӯ дар канори соҳилҳои дарёи Нева ҷараён мегирад.

Вобаста ба интихоби намудааш худи устод Талбак Назаров чунин қайд менамояд, ки "Ман Ленинградро интихоб кардам. Агар имрӯз мебуд, шояд чунин интихобро намекардам, аммо он замон дар вуҷудам ҷасорат буд, ҳол он ки барои таҳсил як тин ҳам надоштам" [23].

Даврони таҳсил барои Талбак Назаров хеле душвор буд. Чунки дар солҳои таҳсилаш ба ӯ аз тарафи наздиконаш кӯмак расонида намешуд. Ҳарчанд, ки идрорпулӣ мегирифт, аммо барои зиндагӣ ва таҳсилаш кифоягӣ намекард. Тангдастӣ дар солҳои кӯдакӣ ва наврасӣ ба Талбак Назаров чунон таъсир мегузорад, ки ҳатто бо гузашти солҳо наметавонад таъсири онро фаромӯш кунад. Гувоҳи ин гуфтаҳоро дар мақолаи журналист Нуралӣ Давлат мебинем, ки дар қиссае аз рӯзгор худи Талбак Назарович аз душвории овони ҷавониаш ба адиб Зариф Ғулом гиламандӣ кардааст. Чуноне ки Зариф Ғулом адиби тоҷик дар як хотираи худ қайд намуда буд, ки боре як дӯсти даврони кӯдакӣ ва навҷавонии устод Талбак Назаров бо номи Абдусаттор Боронов ба назди ӯ омада гуфт, ки мехоҳад бо ӯ (яъне Талбак Назаров) вохӯрад. Зеро дар факултети иқтисод, ки дар он ҷо Талбак Назаров кору фаъолият менамуд, додараш таҳсил мекард ва аз се фан қарздор шуда буд. Ҳангоми вохӯрӣ олим дасти А. Бороновро ба сардӣ фушурд ва ӯ (яъне А. Боронов) аз чунин муносибат худро гум карда, дар ҳолати ногувор монд. Сарфи назар аз ин, устод аз дӯсти давраи кӯдакияш мақсади омаданашро пурсид. Лекин кори дӯсташ мехостаро тамом накард. Аз чунин муносибати сарду чунин посухи олим адибу бародарон худро гум мекунанд. Аммо З. Ғулом каме дертар ба худ омада, боз ба назди Т. Назаров медарояду бечуръатона мегӯяд:

- Устод... охир ӯ дӯсти давраи бачагиатон мебошад.

- Ҳамон дӯсти давраи бачагӣ замоне, ки ба даҳ тин зор будам, куҷо буд? Медонӣ, ки ман дар мусофират чӣ қадар рӯзҳои вазнинро паси сар кардам? Не, намедонӣ! Ҳамон дӯсти давраи бачагиам боре аз аҳволам пурсид? Замоне ки ба сараш мушкилӣ афтид, ӯ маро ба хотир овард.

Баъдан устод суханашро оромона идома дода мегӯяд, ки дилаш аз санг нест, аммо онҳо вақтро аз даст додаанд, бинобар ин, бояд Абдураҳмон аз нав имтиҳонҳои дохилшавиро супорида, ба донишгоҳ дохил шуда, ин маротиба даҳанялагӣ накунад [20].

Талбак Назаров баъд аз хатми курси якум дар заводи Адмиралтейски шаҳри Ленинград ба кор шуруъ кард. Барои ҳамин муддати чаҳор соли таҳсилаш ба Тоҷикистон боре омада натавонист. Дар давоми таътили тобистона низ кор мекард. Маҳз дар ҳамин давра дар корхонаи киштисозӣ ба сохмони киштии атомии машҳур бо номи "Ленин" оғоз карда буданд. Талбак Назаров тамоми фасли тобистон ба рангкунии деворaҳои Флагмани флоти арктикии ИҶШС машғул мешавад. Дар солҳои минбаъда барои азхудкунии заминҳои бекорхобидаи сарзамини Қазоқистон меравад.

Ӯ аз ҷумлаи нафаронест, ки дар заминкушоиҳои пуровозаи Қазоқистон саҳм гирифта, дар ин користон ба таъмири техникаи ғалладаравӣ ва бо комбайнронӣ шуғл варзидааст. Барои заҳматписандӣ ва меҳнатдӯстияш дар ҳамон солҳо бо нишони Кумитаи Марказии комсомоли Иттиҳоди Шуравӣ қадр карда шуд [13, с. 9]. Ин ҷиҳати фаъолияташ дар хотири шахсиятҳои қадршиноси кишвари ҳамсоя ва дӯст боқӣ монд.

Маҳз ба хотири ҳамин, қариб баъд аз 50 сол тибқи фармони Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон Нурсултон Назарбоев соли 2004 Талбак Назаров ба медали «50-солагии азхудкунии заминҳои навкорам» сарфароз гардонида шуд [12, с. 59].

Соли 1960 ӯ Институти молия ва қарзи ба номи А. Вознесенскии шаҳри Ленинградро бо ихтисоси “Молия ва қарз” хатм намуда, бо қарори Комиссияи имтиҳони давлатӣ аз 30 июни соли 1960 ба Талбак Назаров дипломи дараҷаи иқтисодчӣ таҳти №123611 дода шуд [2].

Баъди хатми Институти молия ва қарзи ба номи А. Вознесенскии шаҳри Ленинград ӯро барои кор ба Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В.И. Ленин роҳхат доданд. Чунки, дар ҳамон солҳо дар Тоҷикистон норасоии шадиди мутахасисони ин соҳа, ки дар сиёсати молиявӣ қодиранд ва ҳам метавонанд ба мақомотҳои ҷумҳуриявӣ пешниҳодҳои амалӣ намоянд ва ҳам мустақилона оид ба усулҳои молиявии идоракунии хоҷагии халқ таҳқиқотҳои илмиро гузаронанд, ба назар мерасид.

Омадани Талбак Назаров пас аз хатми Ленинград ба ӯ имконият медод, ки дар дилхоҳ идораи давлатӣ ба кор шуруъ кунад, аммо ӯ орзуи кӯдакии худро амалӣ намуд. Муаллим шуд. Ӯро ба сифати ассистенти факултети иқтисоди Университети давлатии Тоҷикистон ба кор қабул карданд [21]. Ӯ аз соли 1960 фаъолияти меҳнатии худро ҳамчун устоди кафедраи ҳисобдорӣ ва омори донишгоҳи номбурда шуруъ намуда, қариб 30 соли ҳаёташро ба ҳамин даргоҳи бузурги илму маърифат бахшид.

Устод, ки аз хурдӣ бо меҳнати ҳалолу софдилона ба камол расида буд, дар давроне, ки дар вазифаҳои масъули омӯзгорию роҳбарӣ хизмат кард, бо ҳамин хисоли некӯи худ намунаи ибрати дигарон гардид. Ҳанӯз дар ҳамон овони ҷавонӣ донишу фазилати ӯ таваҷҷуҳи роҳбарони донишгоҳи давлатии Тоҷикистонро ҷалб карда, баъди як соли дар факултаи иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон кор кардан, Т.Н. Назаровро муовини декани факулта интихоб намуданд ва ин арҷгузорӣ ба қобилияту истеъдоди созмондиҳӣ ва ба донишу малакаи тахассусии устод буд [14, с. 9].

Аммо дар қалби Талбак Назаров ҳадафи дигаре ғулғула меафканд ва соҳилҳои дарёи Нева ӯро ба ҷониби худ ҷазб мекард. Баъди ду соли фаъолият дар факултаи иқтисодӣ роҳбарияти донишгоҳ қобилияташро ба назар гирифта, ӯро соли 1962 ба Институти молия ва қарзӣ ба номи Н. А. Вознесенскии шаҳри Ленинград барои шомил шудан ба аспирантура мефиристанд.

Бинобар ин, ӯ ба Ленинград баргашта, ба аспирантураи институте, ки онро хатм карда буд, ҳуҷҷат супорид ва баъди се сол дар мавзуи “Даромад ва хароҷоти буҷети давлатии Ҷумҳуриҳои Иттифоқӣ ва ҷудошавии онҳо байни буҷети умумииттифоқӣ ва маҳаллӣ” рисолаи номзадияшро (зери роҳбарии олим-иқтисодчии бузурги шуравӣ З.Е. Русин [13, с. 19]) дифоъ намуда, ба Ватан бармегардад [21].

Баъд аз ҳимоя кардани рисолаи номзадияш бо Қарори Шӯрои Институти молия ва қарзи ба номи А. Вознесенскии шаҳри Ленинград аз 12 ноябри соли 1965 (протоколи №313) ба Талбак Назаров унвони илмии номзади илмҳои иқтисодӣ дода шуда, 15 июни соли 1966 таҳти № 006967 ба ӯ дипломи номзади илм дода мешавад [7].

Аллакай дар ин кор, олими ҷавон дар шароити он давра худро ҳамчун муҳаққиқи закии таъмини методологияи системаи ягонаи буҷетӣ ва заминаи даромади он, баланд бардоштани мустақилияти мақомоти маҳаллӣ дар соҳаи танзими молиявии равандҳои иҷтимоию иқтисодӣ нишон дод.

Соли 1963 ҳанӯз дар даврони дар аспирантура таҳсил карданаш Талбак Назаров ба сафи аъзоёни Ҳизби Коммунистии Иттиҳоди Шуравӣ дохил мешавад.

Соли 1965 баробари омадан ба шаҳри Душанбе устод Талбак Назаров, ки аллакай номзади илмҳои иқтисодӣ буд, фаъолияти меҳнатияшро ба ҳайси муаллими калони кафедраи

иқтисоди тиҷоратӣ ва молияи факултети иқтисоди Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В.И. Ленин (ҳозира Донишгоҳи миллии Тоҷикистон) [12, с. 4] оғоз намуд.

Солҳои 1966-1969 вазифаи ҷонишини декани факултети иқтисодӣ ва солҳои 1967-1971 вазифаи мудири кафедраи “Молия ва қарз”-и Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В.И. Ленин (ҳозира Донишгоҳи миллии Тоҷикистон)-ро бар ӯҳда дошт [13, с. 63].

Дар ҳамин давра Сайид яке аз дӯстони деринаи Талбак Назаров ҳикоя мекунад, ки дар даврони кӯдакии ӯ дар деҳаи ҳамсояи Қизил-Моҷир ҳамон хоҷагии ба номи Ленин зиндагӣ мекард ва Талбак Назаровро нағз мешинохт. Чунки баъзан вақт ба деҳаи Саксанохур, ки дар он ҷо дӯстони падараш – Мақсум Анвариддин, бародарон Достӣ, Мастӣ ва Тоҷиддин зиндагӣ мекарданд, мерафт. Моҳи августи соли 1969 Сайид ба ДДТ (ҳозира ДМТ) ташриф меорад ва проректор оид ба самти таълим Репа И.П. ба ӯ пешниҳод мекунад, ки ба факултети иқтисодиёт ташриф биёранд, зеро дар он ҷо имтиҳоноти қабул гузашта истода буд. Онҳо ба бинои факултет рафтанд ва бо аъзои Комиссия вохӯрданд. Репа И.П. Сайидро ҳамчун куратор шинос намуда, супориш дод, ки ба ӯ як иҷозатнома барои ворид шудан ба бино дар давраи имтиҳоноти қабул бидиҳанд. Бо аъзои Комиссия видоъ карда, Репа И.П. ва Сайид ба кӯча баромаданд, ки дар ҳамин вақт аз наздашон марди ҷавон ҳамроҳи писараш баромад. Ӯ ба назди Репа И.П. омад ва онҳо бо якдигар салом намуда, Репа И.П. ӯро ба Сайид ҳамчун ҷонишини декани факултети иқтисодиёт муаррифӣ кард, ки ӯ номзади илмҳои иқтисодӣ Талбак Назарович Назаров буд. Дар навбати худ Сайид низ худро шинос намуда, қайд кард, ки ӯ Талбак Назаровро ҳанӯз аз соли 1952 мешиносад. Дар ҳамин давра ӯ дар хонаи амакаш дар деҳаи Саксанохур зиндагӣ мекард ва дар синфи 7-ум таҳсил менамуд. Дар бораи худаш Сайид қайд кард, ки дар деҳаи ҳамсояи Қизил-Моҷир зиндагӣ мекард ва Талбак Назаров дар ҳамин давра дар хонаи амакаш зиндагӣ мекард, чунки аз волидонаш маҳрум шуда буд. Оҳиста-оҳиста Талбак Назаров ва Сайид дӯстони олилавӣ гардида, зуд-зуд чӣ дар ҷойи кори Т. Назаров, чӣ дар хонаҳои якдигар бо ҳамроҳии дигар дӯстонашон (Ирит Исмоилович Ахунов, Нуралӣ Гадоев, Маҳмудҷон Шарипов ва ғайраҳо) во мехӯрданд, берун аз шаҳр истироҳат мекарданд ва ин дӯстӣ то ба имрӯз идома карда истодааст [16, с. 377].

13 сентябри соли 1968 бо Қарори Комиссияи Олии Аттестатсионии Вазорати таҳсилоти олӣ ва миёнаи махсуси Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистӣ (протоколи №51/П) ба Талбак Назаров унвони илмии дотсенти кафедраи “Молия ва қарз” дода шуда, 11 октябри соли 1968 таҳти №044930 ба ӯ Шаҳодатномаи дотсентӣ дода мешавад [4].

Инчунин, солҳои 1969-1971 дар вазифаи декани шӯъбаи ғоибонаи факултети иқтисодӣ ва солҳои 1970-1971 дар вазифаи проректори шӯъбаи ғоибонаи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В.И. Ленин фаъолият намудааст.

Дар ҳамин давра, аз ин ба баъд ба дӯши Талбак Назаровичи ҷавон ҳам пешбурди корҳои илмӣ, ҳам педагогӣ ва ҳам роҳбарӣ лозим буд. Лекин ба нафаре, ки дар гармои дашти қазоқ гандум даравидаву комбайн ронда, тору пудаш обутоб ёфтааст, пушти сар кардани ҳама гуна мушкилот ба осонӣ даст медод.

Аммо олими иқтисодчӣ дар наздаш ҳадаф мегузорад, ки мактаби илмии худашро бунёд намуда, шогирдон ва пайравонашро дар самти таҳқиқоти иқтисодӣ дошта бошад. Бо ташаббусу ибтикори ӯ дар Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон кафедраи “Молия ва қарз” кушода мешавад, ки Талбак Назаров онро аз соли 1967 то соли 1980 роҳбарӣ мекунад [12, с. 36].

Олими ҷавон дар якҷоягӣ бо ҳамфикрони худ оид ба омӯзиши мушкилоти молиявӣ дар заминаи тавсеаи мустақилияти субъектҳои хоҷагидорӣ ва тақвияти нақши методҳои идоракунии иқтисодӣ корҳои таҳқиқотии худро пеш мебарад. Талбак Назаров ҳангоми таҳқиқотҳояш гӯё ояндаро пешбинӣ карда метавониста бошад, чунки дар корҳои илмӣ-таҳқиқотияш як модели иқтисоди солимро пешниҳод намудааст, ки дар он нақши асосӣ ба муносибатҳои худмаблағгузорӣ дода шудааст. Бисёр хулосаҳо ва пешниҳодҳои ӯ дар замони ҳозира низ хеле муҳим ба назар мерасанд.

Дар ҳамин давра, 5 ноябри соли 1969 бо фармони Президиуми Шӯрои Олии ИҶШС медали ҷашнии “Барои меҳнати шуҷоатнок бахшида ба 100-солагии В.И. Ленин” таъсис дода

мешавад, ки он бештар ба коргарони пешқадам, колхозчиён, мутахассисони хоҷагии халқ, кормандони муассисаҳои давлатӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ, ходимони илм ва фарҳанг, ки дар тайёрӣ ба солгардӣ В.И. Ленин шуҷоату корнамоиҳои зиёд нишон додаанд, инчунин, шахсоне, ки дар мубориза барои барқарор кардани Ҳокимияти Шуравӣ ё мудофиаи ватан фаъолона иштирок кардаанд ва ё бо меҳнати худ дар сохтмони сотсиализм дар ИҶШС саҳми назаррас гузоштаанд, бо фаъолияти иҷтимоии худ намунаи ибрат мебошанд ва ба ҳизб дар тарбияи насли наврас кӯмак намудаанд, қадрдонӣ карда мешуд.

Аз ҳамин сабаб, аз номи Президиуми Шӯрои Олии ИҶШС Талбак Назаров 7 апрели соли 1970 бо медали ҷашнии “Барои меҳнати шуҷоатнок бахшида ба 100-солагии В.И. Ленин” (юбилейный медаль «За доблестный труд. В ознаменование 100-летия со дня рождения Владимира Ильича Ленина») [9] ба хотири дар ин давра ба яке аз мутахассисони барҷастаи илм табдил ёфтанаш, бо фаъолияти иҷтимоии худ намунаи ибрат буданаш ва дар тарбияи насли наврас саҳм гузоштанаш қадрдонӣ карда мешавад.

Ба тамоми ин комёбиву муваффақиятҳояш Талбак Назаров қаноат накарда, дар назди худ мақсад гузошт, ки ба қуллаҳои баланди илм расад. Аз ин рӯ, дар пайи навиштани рисолаи докторӣ шуд. Аз ҳамин сабаб соли 1972 боз ба ҳамон Институти молия ва қарзӣ ба номи Н. А. Вознесенскии шаҳри Ленинград рафта, соли 1974 рисолаи докторияшро (зери машварати олим-иқтисодчии бузурги шуравӣ З.Е. Русин [13, с. 19]) дифоъ менамояд.

Вобаста ба масъалаи мазкур худи Талбак Назаров дар яке аз мубоҳисаҳояшон чунин қайд мекунад: “Соли 1972 боз ҳам Нева маро ба соҳилаш ҷазб мекард, ин навбат ба докторантура. Баъди ду сол дар синни 36-солагӣ ман рисолаи доктории худро дар мавзуи “Масъалаи молия ва прогресси техникӣ дар саноат” ҳимоя кардам” [21].

26 декабри соли 1975 (протоколи №21) бо Қарори Комиссияи Олии Аттестатсионии Вазорати таҳсилоти олӣ ва миёнаи махсуси ИҶШС ба Талбак Назаров дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ дода шуда, 2 феврали соли 1976 таҳти №001396 ба ӯ дипломи доктори илм дода мешавад. [6] Ҳамзамон, бо Қарори Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Шӯрои Вазирони ИҶШС аз 24 сентябри соли 1976 (протоколи №32) ба Талбак Назаров унвони илмии профессори кафедраи молия ва қарз дода мешавад [5].

Баъд аз ҳимояи рисолаи докторияш фаъолияти илмии Талбак Назаров боз ҳам васеътар мегардад. Чунки, дар ҳамин давра илмҳои иқтисодӣ дар Осиёи Марказӣ ба ташаккул ва рушди худ оғоз намуда буд. Маҳз дар ҳамин давраи гузариш номи ӯ ҳам дар қаламрави пасошуравӣ ва ҳам берун аз марзи онҳо ба таври васеъ шинохта шуд. Дар ҳамин давра, алаккай ӯ муаллифи як қатор корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар соҳаи молия ва қарз, иқтисодиёти минтақавӣ ва иқтисодиёти давраи гузариш гардида, дар таҳияи масъалаҳои назария, методология ва амалияи рушди иқтисодии ҷумҳуриҳои иттифоқӣ саҳми калон гузоштааст.

Тасдиқи ин суханҳоро метавон дар корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва мақолаҳои устод Тадбак Назаров, ки на танҳо ба забони тоҷикиву русӣ, балки ба забонҳои англисӣ, немисӣ ва узбекӣ низ таълиф намудааст, пайхас намуд. Масалан, бо забони немисӣ – “Engine Aspekte der Haushaltwirtschaft in der Sowjet Union = [Некоторые аспекты бюджета в Советском Союзе] / T. Nazarov, E. Kowollik // Deutsche Finanzwirshaft. – 1965. - №9. – S. 20-21; Staats Haushalt. – 1965. - №9. – S. 20-21”; бо забони узбекӣ – “Совхозларинг бюджет билан ўзаро муносибатлари [Совхозы и их взаимоотношения с бюджетом] // Совет Тожикистони. – 1965. – 24 июнь” ва бо забони англисӣ – “The experience of training on skilled personnel for planning bodies = [Опыт подготовки кадров для плановых органов] // Seminar-cum-study tour on development planning techniques and plan implementation on various levels of socio-economic planning, Dushanbe, Moscow, August 7-25, 1978. – Dushanbe; M.; 1978. – 32 p.” [12, с. 61-68] навиштааст, ки онҳо бозгӯи васеъшавӣ ва фаррохтар гардидани доираи фаъолияти илмии устод Талбак Назаров ба ҳисоб мераванд.

Ҳамин тавр, дар ҳамин давра доираи фаъолияти илмии академик Талбак Назаров ниҳоят васеътар мегардад. Дар як муддати кӯтоҳ ба ӯ муяссар шуд, ки мактаби илмии бунёднамудаашро боз ҳам мустаҳкамтару васеътар намуда, ба мутахассиси беҳтарин оид ба масъалаҳои молия, қарз ва иқтисодиёти минтақавӣ мубаддал гардад. Дарки моҳияти

равандҳои иқтисодӣ, далелҳо ва қобилияти пешгӯи намудани равандҳои амиқи иттилооти баҳисобгирӣ ва омор, мушкилиҳои мураккаб ва тағйиротҳои кӯлии он даврон мусоидат кард, ки ӯ хеле барвақт ба як иқтисодшиноси баландихтисос ва олими ислоҳотгару навовар табдил ёбад.

Дар солҳои аввал, натиҷаи таҳқиқоти бунёдии ӯ оид ба ҷанбаҳои гуногуни назарияи ҳавасмандгардонии иқтисодӣ дар маҷмӯъ ва пешрафти илмӣ-техникӣ на танҳо дар сатҳи Тоҷикистон, балки дар дигар ҷумҳуриҳои минтақаи Осиёи Марказӣ вокуниши бузургеро ба амал оварда. Дар ҳамин давра, рисолаҳои таҳқиқотии ӯ ҳамчун сарчашмаҳо ва заминаҳои фундаменталии илми иқтисоди Тоҷикистон ва умуман ҷумҳуриҳои иттифоқӣ ба ҳисоб мерафтанд.

Далели ин гуфтаҳоро мо метавонем дар таҳқиқоти монографии ӯ, ба монанди “Ислоҳоти хоҷагӣ ва масъалаҳои пурсамар гардонидани истеҳсолот” (1971), “Масоили ҳавасмандгардонии иқтисодӣ дар саноат” (1972), “Ҳавасмандгардонии иқтисодии прогресси илмӣ-техникӣ дар саноат” (1974), “Прогресси техникӣ ва самаранокии иқтисодӣ” (1977) ва "Усулҳои молиявию қарзии баланд бардоштани самаранокии сармоягузориҳо" (1982) ва ғайраҳоро номбар намоем, ки таҳаввулоти зеҳниро дар миёни олимони соҳаи иҷтисод ба вуҷуд оварда, бисёр олимони марказҳои илмии Шуравӣ ва хориҷии кишварро водор кард, ки ба нақш ва ҷойгоҳи ҷумҳуриҳои умумииттифоқӣ дар таҳсимоти умумии меҳнат назари худро тағйир диҳанд.

Чи тавре ки, академик Нуриддин Қаюмов бо гузашти солҳо дар як мақолааш ёдовар шудааст, ки “солҳои 60 ва 70-уми асри XX пажӯҳишҳои бунёдии устод Т. Назаров таваҷҷуҳи олимони намоёни ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна ва берун аз онро ҷалб намуд”. Инчунин, ӯ пажӯҳишҳои Т. Назаровро дар масоили ҳавасмандгардонии иқтисодӣ ва прогресси илмӣ-техникӣ дар минтақа махсус зикр менамояд, зеро идея ва пешниҳодҳои ӯ бозёфти нав дар илм буданд [18, с. 1].

Монография ва мақолаҳои зиёде, ки академик Талбак Назаров дар ин солҳо нашр карда буд, на танҳо сазовори баҳои баланди мутахассисони соҳаи илми иқтисод гардиданд, балки фавран ва беихтиёр дар амал ҷорӣ карда шуданд [24, с. 3]. Масалан, проблемае, ки аввали солҳои ҳаштодум ҳамаро ба ташвиш оварда буд, ин ҳаҷми хеле калони сохтмони нотамом дар ҷумҳурӣ ба шумор мерафт: дар як ҷумҳурии хурд ин норасоӣ маблағи қариб 700 млн сӯмро ташкил медод. Талбак Назаров роҳи ҳалли ин муамморо дар корҳои зиёди илмияш, ки худи ҳамон солҳо ба чоп расиданд, дақиқан таҳлил намуда, бо ҳамин тариқ ба инкишофи тозаи сохтмон дар охири солҳои ҳаштодум саҳми арзандаи худро гузоштааст [11, с. 47].

Назаров Талбак Назарович дар ҳамин давра ба як олими ислоҳотгаре табдил меёбад, ки дар рушди афкори иқтисодии давраи шуравӣ, дар рушди назария ва амалияи иқтисодиёти давраи гузариши Тоҷикистони ҳам даврони шуравӣ ва ҳам муосир бо фаъолияти тӯлонии эҷодии худ фарқ мекунад. Масалан, дар солҳои 70-уми асри гузашта силсилаи таҳқиқоти ӯ оид ба ҳавасмандгардонии моддии пешрафти илмӣ-техникӣ дар ҷомеаи онвақтаи Тоҷикистон як навоварии илмӣ ба ҳисоб мерафт. Дар дигар ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна ва умумииттифоқӣ ин гуна таҳқиқот хеле дертар оғоз ёфтанд. Аз ин рӯ, бо сабабҳои асоснокшуда академик Талбак Назаровро бунёдгузор ва ташкилкунандаи самти нав дар илми иқтисодии минтақавӣ номидан мумкин аст. Рушди илмии масъалаҳои молиявӣ, ҳавасмандгардонии пешрафти илмӣ-техникӣ дар он солҳо яке аз масъалаҳои марказии назарияи иқтисодии сотсиализм буд. Муқаррароти асосии ин назария асосан дар муассисаҳои марказии илмии умумииттифоқӣ омӯхта ва таҳия мешуданду халос. Нақши академик Талбак Назаров маҳз аз он иборат аст, ки ӯ шаклҳои зуҳурёбии қонунҳои умумии назарияи молия ва ҳавасмандгардонии иқтисодиро дар сатҳи ҷумҳуриҳои иттифоқӣ ҳамчун як ҷузъи органикии организми ягона омӯхтааст. Зеро, танҳо чунин муносибат самаранокии тамоми маҷмааи хоҷагии халқи кишварро таъмин карда метавонист. Азбаски иқтисодиёти ҷумҳуриҳои иттифоқӣ қисми таркибии иқтисодиёти кишвар буд, баррасии таносуби такрористеҳсолкунии онро бидуни ба назар гирифтани робитаҳои иқтисодии ҷумҳуриҳо ғайриимкон буд. Гузашта аз ин, ҳалли масъалаҳои хоҷагии халқ дар ҷумҳуриҳои иттифоқӣ беш аз пеш аз доираи як ҷумҳурии алоҳида берун рафта,

хусусияти байниминтақавӣ пайдо кард. Аз рӯи мавқеи иқтисодиёти умумимиллӣ бояд саҳми ҳар як ҷумҳурии иттифоқиро дар рушди иқтисоди кишвар арзёбӣ кард. Чунин натиҷагирӣ ва хулосарониҳо на танҳо аҳамияти назариявӣ, балки аҳамияти амалӣ аз рӯи назари саҳми мушаххаси ҳар як ҷумҳурии иттифоқӣ дар ҳалли масъалаҳои умумииттифоқӣ ва баланд бардоштани самаранокии тамоми маҷмӯи хоҷагии халқро ҳам низ доро буд.

Баъд аз оне, ки дар солҳои ректории Бобоҷонов Пӯлод Бобоҷонович дар Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон (солҳои 1971-1982) факултети иқтисодӣ таъсис ёфт, вазифаи декании факултети мазкурро дар солҳои 1976-1980 Талбак Назарович Назаров бар ӯҳда гирифтанд.

15 марти соли 1976 бо фармони Президиуми Шӯрои Олии ИҶШС ба Талбак Назаров ҷоизаи давлатии ИҶШС Ордени “Нишони фахрӣ” (Знак Почета) таҳти №1244633 дода шудааст [8].

Аз соли 1975 то соли 1980 аъзои Комитети Ҳизби Коммунистии Тоҷикистон дар ноҳияи Роҳи Оҳан буд.

Соли 1978 Талбак Назаров бо Ифтихорномаи фахрии Комитети Марказии Шӯрои умумииттифоқии Ленинии коммунистии ҷавонон (Почетной Грамотой ЦК ВЛКСМ) мукофотонида шудааст.

Соли 1979 Талбак Назаров барои хизматҳои беназир дар соҳаи маълумоти олии ИҶШС бо нишони сарисинагӣ “Барои муваффақиятҳои беназир дар фаъолияти корӣ” (Нагрудный знак “За отличные успехи в работе”) аз ҷониби Вазорати таҳсилоти олӣ ва миёнаи махсуси ИҶШС бо розигии Раиси Иттифоқи касабаи кормандони таҳсилоти олӣ ва миёнаи махсуси ИҶШС қадрдонӣ карда мешавад [10].

Бояд қайд кард, ки нишони сарисинагии мазкур ба омӯзгорони муассисаҳои таълимоти олии Иттиҳоди Шуравӣ, ки дорои дараҷа ё унвони илмӣ (ҳамчун қоида ба докторони илм, профессор) ҳастанд ва хизматҳои махсус дар соҳаи маълумоти олӣ, тайёр кардани мутахассисони баландихтисос ва фаъолияти кории бисёрсола дар мактабҳои олии кишвар (на камтар аз 15 сол)-ро дороанд, қадрдонӣ карда мешуд. Талбак Назаров ба тамоми ин талаботҳо ҷавобгӯ буда, нишони сарсинагии мазкурро бо як заҳмату машақатҳои зиёди илмию меҳнатӣ ба даст дароварда буд.

Инчунин, соли 1980 Талбак Назаров аз ҷониби Комитети Ҳизби Коммунистии вилояти Закарпатияи Украина бо Ифтихорнома мукофотонида мешавад.

Ҳамин тавр, ҳаёт ва фаъолияти устод Талбак Назаров дар солҳои ҷавонияш ба замоне рост омад, ки ҷаҳон нав аз вартаи нобудшавӣ наҷот ёфта, насли он давра барои барқарор кардани зиндагии шоиста заҳмат мекашиданд. Устод низ дар баробари он, ки ҳанӯз дар даврони кӯдакияш аз падару модар ятим монда буд, нигоҳ накарда, баҳри ба халқу миллати худ хизмат кардан аз ҷавонияш гузашта, баҳри илм омӯхтан ба хориҷ аз ватанаш рафт. Новобаста аз он, ки дар он давра дар хориҷа таҳсил кардан ба ӯ душвор буд, бо саъю талошҳои зиёд тавонист аввал номзадияшро ва баъдан докторияшро ҳимоя намуд. Баъд аз он ба ватани аҷдодияш баргашта, дар рушди илми он ва тайёр кардани мутахассисони варзида саҳми беандозаи худро гузошт.

Қадамҳои ҷиддии аввалини худро дар ҳаёт Талбак Назаров ҳамчун олим ва педагог гузошт. Фаъолияти худро ба сифати муҳаққиқи масъулиятшинос ва пурҷустуҷӯ оғоз карда, қадам ба қадам ба қуллаҳои баланд расида, оҳиста – оҳиста фазоҳои нави илмиро кушод.

Имрӯз вақте сухан дар бораи илми иқтисодии ҷумҳуриамон дар марҳилаи хеле нозуки гузариш ба иқтисодиёти бозаргонӣ меравад, беихтиёр ва қабл аз ҳама ба забон номи олими намоён, ходими давлативу сиёсӣ, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Талбак Назаров меояд. Зеро ӯ ба насли олимоне мутаалиқ аст, ки мактаби воқеии илмӣ, хоксорӣ, одамият ва дурандеширо гузоштааст. Чӣ тавре ки, Носирҷон Салимов ва Карокатулло Олимов – академикони Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар яке аз мақолаҳояшон қайд намудаанд, ки мактаби илмии академики тоҷик, ки аслан зодаи низоми давлатдории шуравӣ буда, яке аз шохаҳои илми тоҷикро баъд аз карахтиҳои ҳазорсолаи гирифтори таассуби динию хурофотӣ ба шоҳроҳи ҷаҳонбинии илмӣ, методологияи нави таҳқиқӣ ва мактабҳои муосири илмии ҷаҳонӣ ворид сохт [14, с. 10]. Ҳоло ҳар як китоби академик

Талбак Назаров аз ҷумлаи китобҳои рӯимизии иқтисодшиносон, роҳбарони бахшҳои хоҷагидорӣ, устодону донишҷӯёни факултетҳои иқтисодӣ ва умуман дигар алоқамандон мебошад.

Аз таҳлилҳои дар боло вобаста ба солҳои ҷавонӣ ва оғози фаъолияти илмию сиёсии академик Талбак Назаров кардаамон, мо ба хулосаҳои зерин омада метавонем:

1. Академик Талбак Назаров новобаста аз мушкилиҳои даврони кӯдакияш тавонист ба қуллаҳои баланди илмию сиёсӣ бирасад;

2. Қадамҳои аввалини ҷиддии худро дар ҳаёт ҳамчун олим ва педагог гузошта, оҳиста-оҳиста дар илми тоҷик фазои навро кушод;

3. Устод Талбак Назаров дар овони ҷавонияш тавонист яке аз шохаҳои илми тоҷик – илми иқтисодро баъд аз ҳазорсолаҳои карахтӣ аз нав ба мактабҳои муосири илмии ҷаҳонӣ ворид созад.

Хулоса, устод Талбак Назаров бо ҳусни одамият ва шахсияти илмию фарҳангӣ, заковату хирадмандӣ, хоксорию воқеъбинӣ, ҳақиқатгӯию ватанпарастӣ ва миллатдӯстӣ тавонист ҳанӯз дар овони ҷавонияш ба як шахсияти барҷастаи илмию сиёсӣ табдил ёбад.

Адабиёт

1. *Бойгонии шахсии академик Талбак Назаров: Дипломи Назаров Талбак (Аълочӣ – Б №586140). шаҳри Сталинобод, 6 июли соли 1956, № қайд 802.*
2. *Бойгонии шахсии академик Талбак Назаров: Дипломи Талбак Назаров, №123611. шаҳри Ленинград аз 30 июни соли 1960. Рақами қайд: 4551.*
3. *Из интервью Т. Назарова журналу VIP-zone, 2009 г. Патриарх. Талбак Назаров о себе, о жизни и о тонкостях таджикской дипломатии. [Манбаи электронӣ]. URL: https://asiaplustj.info/ru/news/life/person/20180315/patriarhtalbak-nazarov-o-sebe-o-zhizni-i-o-tonkostyah-tadzhikskoi-diplomatii (санаи мурочиат: 15.12.2020).*
4. *Личный архив академика Талбака Назарова: Аттестат доцента Талбак Назарова. МДЦ №044930. Москва. 11 октября 1968 г.*
5. *Личный архив академика Талбака Назарова: Аттестат профессора Талбак Назаров. ПР №001167. Москва. 24 сентября 1976 г.*
6. *Личный архив академика Талбака Назарова: Диплом доктора наука Талбак Назаров. МЭК №001396. Москва. 2 февраля 1976 г.*
7. *Личный архив академика Талбака Назарова: Диплом кандидата наук Талбак Назаров. МКД №006967. Москва. 15 июня 1966 г.*
8. *Личный архив академика Талбака Назарова: Орденая книжка «Знак почета» Талбак Назарова. Номер книжка №441331. Дана 21 апреля 1976 года.*
9. *Личный архив академика Талбака Назарова: Удостворение Назаров Талбак Назарович от имени Президиума Верховного Совета СССР награжден юбилейной медалью «За доблестный труд. В ознаменование 100-летия со дня рождения Владимира Ильича Ленина». 7 апреля 1970 года.*
10. *Личный архив академика Талбака Назарова: Удостворение Назаров Талбак Назарович от имени Министерство высшего и среднего специального образования СССР награжден нагрудным значком «За отличные успехи в работе».*
11. *Мирсаидов У.М. Онҳо шуҳратёри Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, Дониш, 2020. - 94 с.*
12. *Назаров Талбак Назарович (к 70 – летию со дня рождения). – Душанбе: "ЭР-граф", 2008. – 113 с.*
13. *Назаров Талбак Назарович (к 75-летию со дня рождения). Душанбе, Бухоро, 2013. – 118 с.*
14. *Назаров Талбак Назарович (к 80 – летию со дня рождения). – Душанбе: ОАО "Чопхонаи Дониш", 2018. – 130 с.*
15. *Назаров Талбак. [Манбаи электронӣ]. URL: http://famous-birthdays.ru/data/15_marta/nazarov_talbak.html (санаи мурочиат: 15.12.2020).*
16. *Назиров Д., Назиров Н.Д. Фархор, – твои люди / Д.Назиров.– Душанбе: «Шарқи озод», 2019. – 696 с.*
17. *Назруллои Абдулваҳҳоб, Умари Шерхон. Ваҳдатовар. Очеркҳо. – Душанбе: "ЭР-граф", 2014. – 192 с.*

18. *Нуралӣ Давлат. Бузургмарде дар арсаи сиёсат [Матн] / Нуралӣ давлат // Садои мардум. – 17.03.2018. - №35 (3829).*
19. *Нуралӣ Давлат. Бузургмарде дар арсаи сиёсат. [Манбаи электронӣ]. URL: http://sadoimardum.tj/far-ang/buzurgmarde-dar-arsai-siyosat/ (санаи мурочиат: 15.12.2020).*
20. *Нуралӣ Давлат. Сарлавҳаи асосӣ ПИРИ ХИРАД. [Манбаи электронӣ]. URL: https://gazeta.tj/2018/03/sarlav-ai-asos-piri-hirad/ (санаи мурочиат: 15.12.2020).*
21. *Одили Нозир. Академик Талбак Назаров. Роҳи ноҳамвор ва пурифтихори пири сиёсат ва дипломатияи тоҷик. [Манбаи электронӣ]. URL: https://pressa.tj/tajikistan/akademik-talbak-nazarov-roҳi-noҳamvor-va-puriftihori-piri-siyosat-va-diplomatiyai-toҷik/ (санаи мурочиат: 15.12.2020).*
22. *Патриарх. Талбак Назаров о себе, о жизни и о тонкостях таджикской дипломатии. [Манбаи электронӣ]. URL: http://www.toptj.com/News/2018/03/15/patriarkh-talbak-nazarov-o-sebe-o-zhizni-i-o-tonkostyakh-tadzhikskoy-diplomatii (санаи мурочиат: 15.12.2020).*
23. *Талбак Назаров - патриарх таджикской дипломатии. [Манбаи электронӣ]. URL: http://www.toptj.com/News/2020/03/14/talbak-nazarov-patriarkh-tadzhikskoy-diplomatii (санаи мурочиат: 15.12.2020).*
24. *Ӯлмас Мирсаидов. Олим, сиёсатшинос, дипломат. Академик Талбак Назаров 60 – сола шуд [Матн] / Ӯлмас Мирсаидов // Садои мардум. – 04.03.1998. - №14 (1029).*

СОЛҲОИ ҶАВОНӢ ВА ОҒОЗИ ФАЪОЛИЯТИ ИЛМИЮ СИЁСИИ АКАДЕМИК ТАЛБАК НАЗАРОВ

Дар мақолаи мазкур солҳои ҷавонӣ ва оғози фаъолияти илмию сиёсии академик Талбак Назаров мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Муаллиф қайд кардааст, ки ҳаёт ва фаъолияти устод Талбак Назаров хеле гуногунҷабҳа мебошад. Аз як тараф ӯ ҳамчун дипломат, ходими сиёсӣ ва аз тарафи дигар омӯзгори нотакрор, олими ислоҳотгар ва шахсияти беҳамто мебошад. Ҳамзамон, муаллиф иброз намудааст, ки як хислати ибратпазири дигари ин пири хирад барои ҳама давлатмардон ва махсусан онҳое, ки бо илму маърифат андармонанд, ҳамин аст, ки устод Талбак Назаров ҳеҷ гоҳ барои хидматҳояшро намоиш додан кӯшиш накардааст. Ҳол он ки устод ҳанӯз дар даврони ҷавонияш унвони доктори илмро соҳиб гашта буд ва китобу мақолаҳои навиштааш на танҳо дар Тоҷикистон, балки берун аз он ҳам маълуму машҳур гардида буданд. Хулоса, Талбак Назаров ҳанӯз аз даврони ҷавонияш кӯшиш мекард, ки ҳам кори таълиму тарбия, ҳам тайёр кардани кадрҳои баландихтисос ва ҳам инкишофи илм ҳамеша дар мадди назараш бошад. Ҳамзамон, дар баробари фаъолияти педагогиву илмӣ устод Назаров ба тарбияи олимони соҳаи иқтисод таваҷҷӯҳи махсус зоҳир мекард, аз ин рӯ, дар зери роҳбарӣ ва мушовирии ӯ аспирантҳову докторантҳои зиёде рисолаҳои худро дифоъ карданд.

Калидвожаҳо: академик, устод, олим, Талбак Назаров, овони ҷавонӣ, фаъолият, илм, сиёсӣ, иқтисод, ҳавасмандгардонӣ.

ЮНОСТЬ И НАЧАЛО НАУЧНО-ПОЛИТИЧЕСКОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ АКАДЕМИКА ТАЛБАКА НАЗАРОВА

В статье рассматривается молодость и начало научной и политической деятельности академика Талбака Назарова. Автор отмечает, что жизнь и творчество господина Талбака Назарова очень разнообразны. С одной стороны, он дипломат, политик, а с другой - уникальный учитель, ученый-реформист и уникальная личность. При этом автор отмечает, что еще одной образцовой чертой этого мудрого человека для всех государственных деятелей, а особенно для тех, кто интересуется наукой и просвещением, является то, что господин Талбак Назаров никогда не пытался проявлять свои заслуги. Однако в юности он получил звание доктора наук, а его книги и статьи стали известны не только в Таджикистане, но и за рубежом. Словом, Талбак Назаров с юных лет всегда старался держать в уме воспитательную работу, подготовку высококвалифицированных кадров и развитие науки. При этом, наряду с педагогической и научной деятельностью, господин Назаров уделял особое внимание образованию ученых в области экономики, поэтому под его руководством и советами многие аспиранты и докторанты защитили диссертации.

Ключевые слова: академик, педагог, ученый, Талбак Назаров, молодежь, деятельность, наука, политика, экономика, мотивация.

YOUTH AND THE BEGINNING OF SCIENTIFIC AND POLITICAL ACTIVITY ACADEMICIAN TALBAK NAZAROV

In the article, examines the youth and the beginning of the scientific and political activities of academician Talbak Nazarov. The author also noted that the life and work of Mr. Talbak Nazarov are very diverse. On the one hand, he is a diplomat, a politician, and on the other, a unique teacher, a reformist scientist and a unique personality. At the same time, the author notes that another exemplary feature of this wise man for all civil servants, and especially for those who are interested in science and education, is that Mr. Talbak Nazarov never tried to show his merits. However, in his youth he received the title of Doctor of Science, and his books and articles became known not only in Tajikistan, but also abroad. In a word, Talbak Nazarov from a young age always tried to keep in mind educational work, the training of highly qualified cadres and the development of science. At the same time, along with pedagogical and scientific activities, Mr. Nazarov paid special attention to the education of scientists in the field of economics, therefore, under his leadership and advice, many graduate students and doctoral students defended their dissertations.

Keywords: academician, teacher, scientist, Talbak Nazarov, youth, activity, science, politics, economics, motivation.

Дар бораи муаллиф
Раҷабзода Аъзамҷон Нуралӣ
Унвончӯи кафедраи дипломатия ва муносибатҳои байналмилалӣ
Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33
E-mail: ran.13031996@mail.ru

About the author
Rajabzoda Azamjon Nurali
Applicant for the Department of Diplomacy and International Relations
Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Said Nosir Street, 33
E-mail: ran.13031996@mail.ru

Об авторе
Раджабзода Аъзамджон Нурали
Соискатель кафедры дипломатии и международных отношений
Академия государственного управления при Президенте Республики Таджикистан
734003, Республика Таджикистан, г.Душанбе, улица Саида Носира, 33
E-mail: ran.13031996@mail.ru

ТДУ 94(575.2)

«ТАЪРИХИ ШОҲРУХӢ»-И МУЛЛОНИЁЗИ ҚӮҚАНДӢ ҲАМЧУН МАЪХАЗИ АРЗИШМАНД ДАР ОМӮЗИШИ ТАЪРИХИ ХАЛҚИ ТОҶИК

Латифова Н. М.
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон

Илми таърих, ки таърихи замонҳои қадим то имруз меомӯзад, барои ҷаҳони муосир мактаби омӯзиш ва сабақ мебошад. Имрӯз бо шарофати истиқлолияти давлатӣ, аз ҷониби олимон омӯзиши гузаштаи таърихӣ, даврaҳо он ва дар ин ҷода сарчашмаҳои таърихӣ метавонад, роли бағоят муҳим дошта бошад.

Чӣ тавре ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон иброз намудаанд, таърихи миллати хеш ва шахсиятҳои барҷастаи он мактаби бузурги омӯзиш аст. «Ҳамзамон бо маҷрои ҷаҳонишавӣ раванди худшиносии пайгиронаи миллату халқҳо, фарҳангу тамаддунҳо ва кишвару минтақаҳо идома дорад, ки он омили муҳимтарини таҳаввулоти бузурги ҷаҳонӣ дар оғози асри XXI гардида, минбаъд низ сабабгори тағйироту дигаргунихои амиқтар шуда метавонад» [1, с. 273].

Ҳангоми таҳқиқи баррасӣ маълум гардид, ки дар бораи ҳаёт ва фаъолияти Муллониёзи Қӯқандӣ, дар китоби Т.К. Бейсембиев бо номи «Таърихи Шахрухи как исторический источник», маълумотҳои дақиқу арзишманд оварда шудааст. Аз ин ҷиҳат, Бейсембиев Т. К. қайд мекунад, ки «даврае, ки дар он ҳаёт ва фаъолияти Муллониёзи Қуқандӣ сурат гирифтааст, он далелҳои ночизи зиндагиномаи ӯ, ки асосан аз навиштаҳояш маълуманд, тавоққуф кунем» [2, с. 271].

Бояд қайд кард, ки Муллониёзи Қӯқандӣ дар сарчашмаҳо бо унвони Муллониёзмуҳаммади Қӯқандӣ низ қайд мешавад, соли таваллуд тақрибан солҳои 1802-1803, вале соли вафот маълум нест, муаррихи асри XIX тоҷик мебошад. Муллониёзи Қӯқандӣ бо асари таърихии худ «Таърихи Шоҳрухӣ» машҳур аст, ки онро солҳои 70-уми асри XIX навишта ба итмом расондааст.

Тавре ки қайд гардид, ин асар яке аз сарчашмаҳои пурбаҳои таърихи Хонии Қӯқанд ва равобити он бо дигар давлатхои Мовароуннаҳр мебошад. «Таърихи Шоҳрухӣ» яке аз нахустин сарчашмаҳои таърихиест, ки онро шарқшиноси рус Н. Н. Пантусов соли 1885 аз забони тоҷикӣ ба забони русӣ тарҷума намуда, дар Қазон нашр кардааст. Аз таҳлили «Таърихи Шоҳрухӣ» маълум мешавад, ки Мулло Ниёзмуҳаммади Қӯқандӣ забонҳои тоҷикию узбекӣ ва навишти хатти форсӣ, яъне арабиасосро хуб медонистааст. Мулло Ниёзмуҳаммад ҳамчун олими маъруфи нимаи дуюми асри XIX-и Қӯқанд, рисолаи «Таърихи Шоҳрухӣ» - ро дар поёни умраш, дар байни солҳои 1871–1875 эҷод кардааст. Аз ин ҷо бармеояд, ки соли вафоти ӯ шояд солҳои мазкур бошад. Муаллиф таърихи хонии Қӯқандро аз ибтидои таъсисёбӣ то соли 1875 ба қалам додааст. Мулло Ниёзмуҳаммад шогирди Домулло Махдум, писари Домулло Қозии аълам буда, дар замонаш дар мадрасаҳои Қӯқанд дониш андӯхта, ба иртиботи хатми сохтмони мадраса ва масҷиду мазорҳои Қӯқанд таърихҳо гуфтааст. Мулло Ниёзмуҳаммад дар замони ҳукмронии Шералихон (1842–1845) ва то давраи охири ҳукумати Худоёрхон (1875) дар ҳаёти иҷтимоӣ ва сиёсии хонии Қӯқанд ширкат кардааст ва ба ин далел навиштаҳои таърихии ӯ аз аҳамияти муҳимми илмӣ бархурдоранд. «Бобои нависанда (Муллониёзи Қуқандӣ – «М»), Ғарибдусти Ясоул, амаки Худойқули Баҳодур [3, с. 316] ва бародарон дар муҳорибаҳои ҷанг ҳалок шудаанд. Ҳамаи онҳо дар хизмати ҳокимони Қӯқанд (аз Ирдонабий то Умархон) буданд. Падари нависанда Мулло Ашурмуҳаммад дар охири соли 1820 ё ибтидои соли 1821 дар сафи лашкари Умархон ҳангоми муҳосираи Ҷиззах меҷангад. Қайд карда мешавад, ки ҷасади падари Ниёз Муҳаммад ва Ҳаким Шаҳрихон Ҷилаудар Инак, бар хилофи сарбозони оддии дар вақти муҳосира кушташуда дар ҳамон ҷо, дар наздикии Ҷиззах дафн нашудаанд. Падар ва амаки Ниёзмуҳаммад эҳтимол бо саркардаи Қӯқанд Раҷаб Қушбегӣ робитаи наздик доштаанд. «Таърихи Шоҳрухӣ» хабар медиҳад, ки ҳар сеи онҳо пас аз омадани Олимхон аз Қӯқанд ба

Бухоро гурехта, баъд аз гузаштани ҳокимият ба дасти Умархон якҷоя ба Қӯқанд баргаштанд. Ибораи марги Раҷаби Қушбегӣ пурасрор аст: «Ҳар коре, ки ба мардум кард, бар сари ӯ афтод». Ҳамин тариқ, Ниёзмуҳаммад аз табақаи низомии хонии Қӯқанд маҳсуб меёфт» [4, с. 27].

Ҳамзамон, дар асоси таҳлили сарчашмаҳо муайян карда шуд, ки муаллифи «Таърихи Шоҳрухӣ» ба тариқати суфии Нақшбандия алоқаманд буд, зеро худро пайрави таълимоти ирфонии ин иттиҳоди руҳонӣ медонист. Мураббии руҳонии ӯ устод Домулло Махдум, падари Домулло Қозӣ Бобои Аълам будааст. Тибқи маълумоти Бейсембиев Т. К., ки дар рисолаи илмиаш таҳти унвони «Тарихи Шахрухи как исторический источник» қайд намудааст, «Мулло Ниёз-Муҳаммади Хуқандӣ Ниязӣ бин Мулло Ашур-Муҳаммади Қӯқандӣ тақрибан солҳои 1802—1803 таваллуд ёфта, аз табақаҳои поёнии ҳарбии Хонии Қӯқанд буд. У хизматчии ҳарбӣ буда, дар гвардияи хонӣ (дар отряди маҳрамҳо) хизмат мекард, дар воқеаҳои соли 1845 дар юришҳои Қӯқанд дар Семирече ва солҳои 1860—1861 ба тарафи Туркистон иштирок кардааст. Ҳатто, дар пирӣ ӯ мавқеи хеле хоксорро ишғол намуда, ба муҳити низомии поён ва миёнаи Қӯқанд садоқат дошт. Дар баробари ин, ӯ бо ордени Нақшбандӣ алоқаманд буда, худро дар қатори ададҳои таълимоти он шуморида, як қатор абётро дар «Таърихи Шоҳрухӣ» ба халифаи ин орден дар Қӯқанд Ҳазрати Соҳиб (с) бахшидааст (1785-1869). Дар ибтидои солхои 60-уми асри XIX аз хизмати ҳарбӣ баромада, дар Қӯқанд дар маҳаллаи худ зиндагӣ мекард. Дар ин ҷо ӯ асари худро навишт. Дар як вақт ӯ маълумоти хеле хуб гирифтааст. Маҳз, муҳити махсуси фарҳангӣ-таърихӣ ва синфӣ буд, ки дар он ҷаҳонбинии Ниёзмуҳаммад ривоҷ ёфтааст. Ҳамчун сокини Қӯқанд дар гирдоби муборизаҳои сиёсӣ қарор дошта, дорои истеъдоди адабӣ ва тачрибаи бузурги зиндагӣ буд, ки ӯ метавонист замони худро комилан инъикос намояд. Ниёзмуҳаммади Қӯқандӣ ҳунари шоирӣ низ доштааст, зеро ки дар «Таърихи Шоҳрухӣ» ашъори зиёде ба забонҳои форсӣ ва туркӣ ҳастанд, ки муаллиф бо тахаллуси «Ниёзӣ» навиштааст. Ашъоре ки муаллифи он чунин тахаллус дорад, дар антологияи зикршудаи Мулло Ниёзи Охунд низ ёд мешавад[5]. Дар дигар антологияҳои назми ин давра, ба ғайр аз антологияҳои Хоразмии ибтидои асри XX, бо тахаллуси «Ниёзӣ» шеърҳои Ниёзмуҳаммад вомехуранд. Номи ӯ бо намунаҳои эҷодиёташ дар маҷмуаи машҳури тарҷумаҳолии беш аз 140 шоири Осиёи Миёна дар асри XIX ворид нашудааст [5]. Ӯ ҳамчун шоир кам машҳур будааст. Фарз мекунем, ки ӯ антологияи беҳамтои дар боло зикршударо, ки соли 1878 тартиб дода шудааст, зоҳиран дар Қӯқанд навиштааст (азбаски он бо самти Қӯқандпарастӣ фарқ мекунад, ин шаҳр борҳо дар он зикр шудааст ва ғ.).

Бояд хотирнишон кард, ки Ниёзмуҳаммади Қӯқандӣ дар асари «Таърихи Шоҳрухӣ» ҳамчун шоир қисмати назми асари мазкурро бо чунин ибораҳо оғоз карда, дар бораи ҷулуси хонҳои Қӯқанд маълумот додааст. Аз ҷумла:

- Таърихи ҷулуси Шаҳруххон Мулло Ниёзмуҳаммад ибни Мулло Ашурмухаммади Хуқандӣ, ки баннои иморати ин китоб аст, таърихи ҷулуси онро инчунин ёфта, дар риштаи назм кашида, ба абёти мусамман адо намуда. **Таърих:**

Ту давраи салтанатро то кунун аз шоҳи туркон гӯ,
Гузашти умри онҳоро ба суръат тири паррон гӯ.
Басоси салтанат Шаҳрух бидод аввал ба Фарғона,
Ба аслу дар насаб обову аҷдодаш Гургон гӯ.
Ба аввал арки давлатхона ӯ карда ба Куктунлук,
Дар он ҷо фатҳу нусрат ёфта аз лутфи Яздон гӯ.
Бигуфт соли ҷулуси Шаҳрух хирад бар ман,
Агар ҷӯи ту таърихи ҷулуси ӯ, зи «Шахрух» ҷӯ.

- Таърихи вафоти ӯро[1] Мулло Ниёзмуҳаммад ба ин тариқа ёфта, дар риштаи назм кашида, ба қасидаю ба мадҳ адо намуда. **Таърих:**

Ёфт тахту салтанат зеб аз ҷулусаш ибтидо,
Кӯси шоҳиро ба номи у бизад лутфи Худо.

[1] Таърихи вафоти Шаҳруххон

Тоҷи шоҳӣ сарбаландӣ ёфт аз фавқи сараш,
Дар фалак андохт ғулғул, кӯс аз ҷуши садо.
Шоҳидони мулку қасру тахт аз ӯ зебандагӣ,
Ёфт мустағнӣ шуда аз ҳусну эҳсонаш гадо.
Чархи гардун бар муродаш чарх зад даҳу ду сол,
Бевафоиро ба худ лозим бигардад, мо адо.
Шоҳи фаррух барнахӯрд охир зи боғи зиндагӣ,
Тарки тоҷу тахт карду, карда аз олам зиво.
Расми шоҳи сарфарозиро ба авлодаш гузошт,
Рафт аз олам шунида, арҷаъи гуи нидо.
Эй Ниёзӣ соли фавташро бичу ту аз хирад,
То ки аз оинаи таърих гардад, ранг зудо.
Инчунин пири хирад гуфт таърихи султони турк,
Вақти реҳлат хон Шахрух шуд зи атрокон ҷудо.

- Таърихи вафоти Раҳимхонро Мулло Ниёзмуҳаммад ибни Мулло Ашурмуҳаммад инчунин ёфта, дар ришстаи назм кашида.

Чун Раҳимхон ба мулки Фарғона,
Соҳиби тахти ҷоҳафсар шуд.
Баъд аз шоҳии даҳу ду сол,
Мулки фонӣ бар у мақаррар шуд.
Рафт аз олам у ба дасти тиҳӣ,
Золи фартут аруси дигар шуд.
Гуфт таърихи у хирад ҳамчун,
Дилу ҷонаш қаринмазҳар шуд.

Бар замоири равшандилони маънӣ возеҳ бод, ки дили ҷон, ки алиф бошад, ба мазҳар дохил карда, ҳисоб намоянд, таърих ҳосил хоҳад шуд, санаи 1146;

- Таърихи вафоти Абдулкаримхон, ки писари авсати Шаҳруххон аст, мулло Ниёзмуҳаммад инчунин ёфт. Таърих:

Чу он Абдулкаримхон ибни Шаҳрух,
Чунон буд якка ӯ мири худодод.
Ба соли ҳаждаҳум аз мулкдорӣ,
Нидои арҷаъе аз ғайб дардод.
Қазо қасди сари он шоҳи фаррух,
Бикарду шаҳ ба сидқи дил ризо дод.
Зи тарихи вафоташ гар ту донӣ,
Хирад ҳамчун бигуфт: «Сар бо қазо дод».

Агар «сарро бо қазо» дохил карда ҳисоб намоянд таърих ҳосил хоҳад шуд, санаи 1164;

- Таърихи фавти Эрдонахонро Мулло Ниёзмуҳаммад инчунин ёфта, дар ришстаи назм кашида, Таърих:

Оқибат зери хок ҷои ҳама,
Шаш ҷиҳат хок агар ту ори рӯй.
Ҳосилат ғайри хок дигар нест,
Ҷуфти хоке шавӣ ту бе зану шӯй.
Мешавад оқибат гадову шоҳ,
Ихтилоташ ба хок чун гулу бӯй
Қадри шоҳу гадо ту гар ҷӯӣ,
Ҳар дуи он барад зи хок ба ҷӯй.
Дурри ин пандҳо, ки ту суфтӣ,
Нашнаванд панди ту, ту панд магӯй.
Ту кунун гӯ зи хоки Эрдона,
Эй Ниёзӣ ту аз шаҳи хушхуй.
Таърихи фавти хони фарзона,
Ба хирад гуфтамаш, бар ман гӯй.

Гуфт: «Агар аз вафоти хон пурсӣ»,
Ҳамчунон аз «вафоти хон бигӯй».

Ба самъи ашрафи шунавандагони маънӣ масмуъ бод, ки «вафоти хон бигӯй» моддаи таърих омада, санаи 1176;

- Таърихи ҷулуси Норбутахонро мулло Ниёзмуҳаммад назм инчунин ёфта. Таърих:

Кӣ буд вориси авранги наҷоти Шаҳруххон,
Амир Норбута, ки мулкро гирифт ба забт.
Нишаст соати масъуд ӯ ба тахти шаҳӣ,
Мадад ба толеи ӯ кард ситораи ҳар ҳафт.
Хирад зи баҳри ҷулусаш чунин бигуфт таърих,
Хазору як саду ҳафтоду ҳафт зи ҳиҷрат рафт.

Сию шаш сол бар маснади аморат ва салтанат нишаста, ҳукмронӣ кард. Дар авохири умри ӯ бародараш Ҳоҷибек мухолифат оғоз намуд ва ӯро танбеҳи убур намуда, дохили он ҷо шуд;

- Таърихи вафоти Норбутахонро Мулло Ниёзмуҳаммад инчунин ёфта, дар ришстаи назм кашида. Таърих:

Ҷаҳон на ҷои қарор асту на макони сурур,
Ба гиряҳои ҷигарсӯз ҷумла домани тар рафт.
Раҳе, ки шоҳу гадо дар убур яксон аст,
Хуш он касе, ки сабукбортар, сабуктар рафт.
Диҳӣ хабар зи убури амир Норбутахон,
Мисоли тир биҷаст аз камону бепар рафт.
Мурури давлати аёми у сиюшаш сол,
Бирафт аз паи онҳо, ки пеш аз ин дар рафт.
Хирад бигуфт ба таърихи фавти Норбутахон,
Бақои «Норбутахон зи фавқи афсар рафт.

Бар замоири арбоби маънӣ ва парҳезгорони мо ло яъне возеҳу лоеҳ бод, ки «фавқи афсар» алиф бошад, ба «Норбутахон» дохил карда «бақо»-ро исқот намоянд, таърих таваллуд хоҳад шудан, санаи 1213;

- Таърихи айёми давлат ва замони салтанат ва вафоти амири мушориилайҳ[1] мулло Ниёзмуҳаммад ибни мулло Ашурмуҳаммад инчуни ёфта, дар ришстаи назм кашида, дар силки китобат дароварда. Таърих:

Ҷулуси салтанати он амири рустамдил,
Ба лафзи узбаки Фарғона аст унйекки йил.
Ба даври салтанаташ тоҷикони хуношом,
Чунон ки ҳар яке он аст наҳанги лаҷҷаи Нил.
Ба вақти қалъапарӣ бар адӯ миён мебаст,
Фалак ба чашми адӯ баҳри нусрататаш кашида мил.
На хандақ, на ҳисор, на тупхона садд шудӣ,
Мисоли фирқаи Яъҷуҷ зи бех канда чу сел.
Қазоқу қирғизу узбак бикард ӯ тасхир.
Ба мулки рӯсу хито монд масофати як тир.
Инони тавсани умраш қазо кашид охир.
Чу пашша пеши аҷал кушта шуд вуҷуди чу фил.
Агар биҷуи ту таърихи соли фавтро, бикашӣ,
«Думи бақо»-ю «сари ҷоҳ» зи «хони рустамдил».

«Думи бақо»-ро ва «сари ҷоҳ»-ро, ки «ҷим» бошад, аз «хони рустамдил» исқот намоянд таърих ҳосил хоҳад шудан. (1225).

[1] Олимхон - дар бобати ба сари тахти хонӣ омадани Олимхон дар асари мавриди пажуҳиш омадааст, ки ҷамоати мингия ғолиб омада Олимхонро бар тахти салтанату бар маснади иёлат шинониданд

Таърихи ҷулусу фавти Муҳаммад Алихонро мулло Ниёзмуҳаммад ибни мулло Ашурмуҳаммад инчунин ёфта, дар риштаи назм кашид. Ба тариқи мусаддас ҳар ду таърихайнро дар як байт адо намуд.

Он шоҳи некбахт ба тахти падар нишаст,
Мискин ба хони макраматаш ҷумла дарнишаст.
Аз табхи шафқати эҳсони оми ӯ,
Аз ваҳм ҷавъи ҷумлаи гуруснагон пур аст.
Таърихи соли ҷулусаш хирад бигуфт,
Донӣ, ҳазору ду саду сӣ ҳафт аст.
Гулҳои ин чаман ҳама рангпаридааст,
Аз ваҳми теғи хазон дили оҳо даридааст.
Осори неку бад дар ин даҳр ҷуз хабар
Дар боғи зиндагӣ касе ҳосил надидааст.
Он шоҳи шодком бигӯям ба тахт ҷулус,
Айёми давр ба солаш бист як аст.
Аз таърихи вафот чунин гуфт ба ман хирад,
«Муҳаммад Алихон шаҳиди ҳукмӣ» шудааст.

Возеҳу лоеҳ бод, ки «Муҳаммад Алихон шаҳиди ҳукмӣ» моддаи таърих омада, санаи 1258. Баъд аз рафтани амири Бухоро аҳволи ин мулк мутағаййир гардида, марду зану хурду калони ин вилоят девонавор дар кӯчабозор ва шиддатҳо гирифтор маҳни мазаммати манғития менамуданд ва ба аҳкоми ӯ сар фуруд намеоварданд зеро ки дар эътиқоди худҳо подшоҳро шафқатшиору маъдалатосор меангоштанд [6].

Инчунин олими рус Лунин Б. В. дар таълифоти худ доир ба таърихи дастрас шудан, таълиф, нашр, тарҷума ва омӯзиши ин сарчашмаи нодири таърихӣ аз ҷониби Н.Н. Пантусов дар нимаи дуюми асри Х1Х маълумот медиҳад [7, с. 135-136].

Баррасии ҳаёт ва эҷодиёти муаллиф «Таърихи Шоҳрухӣ» дар заминаи омузиши асар нишон медиҳад, ки ӯ ҳамчун шоири замони худ аз ҳисоби абҷад[1] фаровон истифода бурда, таърихи ҷулус ё фавти хонҳои Хонигии Хӯкандро дар шакли назм муайян кардааст. Ниёзмуҳаммади Қӯқандӣ ҳамчун ҷузъи табақаи низомии имтиёзнок буда, намояндаи хоси табақаҳои поёнии синфи ҳоким Хониии Қӯқанд будааст. Аз сӯйи дигар, ӯ ҳамчун намояндаи ин табақаҳо, ки ба тамоми таҳаввулоти рӯйдодҳои сиёсии хонӣ дучор шуда буд, натавонистааст таъсири якбора афзояндаи рӯҳониёни сӯфиро бо афзоиши бесуботии сиёсӣ эҳсос накунад, ки аз робитаи ӯро ҷараёни Нақшбандия шаҳодат медиҳад. Мансубият ба феодалҳои таҳҷоӣ, инчунин робитаи мустаҳкаме, ки падару модараш бо сарварони низомии Кӯҳистонӣ ё авлоди онҳо, ки дар Фарғона муқим шудаанд (яъне феодалони Қӯқанд, ки Тошканд ва Қазоқистони Ҷанубиро тобеи ҳақиқии худ медонистанд, (аҷдодони онҳо дар ибтидои асри ХIХ забт карда буданд) мебоист муносибати якбора манфии муаллифи «Таърихи Шоҳрухӣ»-ро ҳам ба кучманчиён ва ҳам ба ҳаракати пешравии аскарони рус пешакӣ муайян мекард.

Бояд қайд кард, ки муҳити махсуси фарҳангӣ, таърихӣ ва динӣ, ки дар он ҷаҳонбинии Ниёзмуҳаммад инкишоф ёфта буд, тангии уфуқҳои синфии ӯ ба таври объективӣ имкон намедоданд, ки ӯ бо тамоми маърифати анъанавии «мусулмонӣ» то ба дарачаи фахмидани аҳамияти прогрессивии ба Россия ҳамроҳ шудани Осиёи Миёнаро фаҳмад, ки ин барои аксарияти мутлаки синфи хукмрони давлатҳои феодалии Осиёи Миёна хос буд. Дар баробари ин, Ниёзмуҳаммад сокини Қӯқанд буда, дорои маълумоти муайян ва истеъдоди адабӣ ва дар солҳои таназзули худ таҷрибаи ғании ҳаётӣ дошта, тавонистааст, ки аз нуқтаи назари ҷаҳонбинии синфии худ назар кунад.

Бояд қайд кард, ки иншои «Таърихи Шоҳрухӣ» дар ҳаёт ва фаъолияти Мулло Ниёзмуҳаммади Қӯқандӣ аҳамияти махсус дошт, зеро ки бобати навиштани асари мазкур ӯ қайд кардааст, ки аз барои номи боқии шоҳон ва бинобар туфайли фармоиши шаҳаншоҳи

[1] тартиби махсуси алифбои арабӣ, ки аз ҳашт вожаи таркибёфта аз 28 ҳарф иборат буда, дар он ҳар ҳарф ададеро ифода мекунад; аз рӯи қимати рақамии ҳарфҳо ёфтани моддаи таърих.

замон ва хоқони даврон, аънӣ Худоёрхон мадда зилаҳу-л-олӣ сабаби ин камина бинои иморати номи боқии онҳо гардида, ба умеди ин ки баъд аз инқизо ёфтани замон дар ҳар маҷлисе, ки ба ҷиҳати шунидани ин китоб маҷиён рағбат намоянд. Муқаррар аст, ки арвоҳи тайибаи тоҳираи онҳоро ба фотеҳаю ба дуо хоҳанд ёд кард. Ин хайрияи ҷория ва номи боқӣ дар ин олами фонӣ то муддати явму-л-мавъуд хоҳад мондан ва хайроту иморатҳое, ки дар олам аз хишти пухтаю аз мармар бино сохтаанд, дар андак фурсат мунҳадим хоҳад гардидан ва номи боқӣ ба воситаи сухан дар сафҳаи авроқ боқӣ хоҳад мондан. Шеър:

Суханро ҳаст дар олам бақое,
Дар ин олам намонд ғайри мақоле.
Куҷо он тоқи Кисрою Хаварнақ,
Шуда барбод хокаш дар ҳавое.
Накӯиро ту дар олам иморат,
Бикун, аз ту бимонад ном боқӣ.
Агар чанде накуию вафо нест,
Дар авроқи Сухан ӯро вафое.
Сиёҳӣ гарчи ҳаст ҳамчун зулумот,
Дар он Хизри суханро раҳнамое.
Бимонад дар вараққҳо номи некӯ,
Чу Кисро гар кунад ӯ подшоҳӣ.
Ниёзи гуфта мадҳи хони одил,
Ҳамеша дар ҳақи ӯ кун дуое.

Боиси ин буд, ки авлоди шоҳони Шоҳрухияро аз аввали ҷулус то вафот, муддати салтанати онҳоро дар риштаи насру назм кашида «Таърихи Шаҳрухия» ном ниҳода, **сиййат** ва овозаи номи боқии онҳоро дар олам мунташир гардонида, ба гунбази хузро расонидем ва кӯси тантанаи онҳоро баландовоза карда, ба ақолими сабъа интишор гардонидем. Чунки ин шоҳони олимақом, ки баъд аз ӯ дар сарири салтанат ва дар маснади ҳашамат тоҷи сарварӣ ва афсари некахтарӣ бар сар ниҳода, кӯси шоҳӣ аз чуби зарбдасти теғзани онҳо баландовоза гардида, ҳама аз авлоди ӯянд, бинобарин «Таърихи Шаҳрухия» ном ниҳода, дар силки китобат мунсалик гардонида шуд.

Муаллифии асари «Таърихи Шоҳрухӣ» дар боби «Тарихи қалъаю хандақи Хӯқанд, ки Шералихон дар соли аввал, ки ба ҷулуси шарофатқаринаш авранги обову аҷдодро мушарраф сохта, барпо намуд, мулло Ниёзмуҳаммад валади мулло Ашӯрмуҳаммад, ки яке аз деринагони ин остони маъдалатпосбон буд, инчунин ёфта, дар силки китобат дароварда» чунин қайд менаммояд, ки «ҳамон шаб[1] роқими ин ҳуруф, ки мулло Ниёзмуҳаммад ном дорам дар зумраи отоуғлиён ва дар туби Маҳрам будам. Раки ғайрати ҷавонмардию ҳиммати шуҷоатмандӣ дар ҳаракат омада, дар он шаби тор аз даруни қушинг баромада, ба роҳи сои Оқсе ба лаби дарё баромада, убур намуда, ба чандин ҷариҳои рахнаи сел дар он шаби тор фуру рафта, ба ҳазор шиддати сахтӣ аз он мағокҳо худрою асбро халос дода, ба даруни мавзеи Теда даромадам ва дидам, ки монанди хонаҳои орият шахсе аз ашхоси инсонии номаълум, балки билкул маъдум, ҳарос бар дилам муставлӣ гардида, аз он ҷо низ баромадам ва роҳро аз касрати сиёҳии шабу торикии пуртаъаб гум карда, дар гуристони ҷамоаи мавзеи Теда дохил шудам. Дар ҳар қадам мондан асбам ба қабре фуру мерафт, аз он қабр ба ҳазор машаққат худрою асбро мебаровардам. Дар он шаби дайҷуру монанди торикии гур чандин маротиба зинда дар гуру мурда аз гур мебаромадам. Оқибатуламр асбро етил карда, аз даруни мурдаҳо зинда баромада, ба роҳи мавзеи Санг даромадам» [6].

Боз як сарчашмаи муҳим ин давра осори Махмуд Ҳаким Сайфони ибни Домулло Шоди Муҳаммади Фарғонӣ «Хуллас - ат-таворих» тоҷикони водии Фарғона эътибори алоҳида дорад [8].

Олими намоёни тоҷик, академик Аҳрор Мухторов дар асарҳои ҳуд “Очерки истории Уратюбинского владения в XIX в” оид ба таърихи мулки Истаравшан (Ӯротеппа) маълумоти ин сарчашмаи таърихиро оид ба забткориҳои хони Хуқанд истифода намудаанд [9, 43-44].

[1] Шаби муноқишаҳои қипчоқиёну сартиён, мингҳо ва манғитҳо

Дар осорҳои илмии Набиев Р.Н. бошад ахборотҳои ин асар оид ба таърихи таълифи “Таърихи Шоҳрухӣ”, баъзе аз воқеаҳои нимаи аввали асри XIX дар Фарғона ва ғайра истифода шудаанд [10, с. 14].

Олими рус Колпаковский Г.А. ду нусхаҳои ин сарчашмаи таърихиро аз Қуқанд пайдо намуда, дар солҳои 70-уми асри XIX муҳимият ва аҳаммияти илмии “Таърихи Шохрухӣ” ба олимони шарқшинос ошно сохтааст. Ин сарчашмаи таърихӣ аз тарафи олими рус Н.Н. Пантусов соли 1885 дар шаҳри Қазон чоп карда шудааст [11, с. 256].

Ҳамин тариқ, муаллифи асари мавриди пажуҳиш Мулло Ниёз Муҳаммад ибни Ашӯри Қӯқандӣ «Ниёзӣ» соли 1217/1802-1803 таваллуд шудааст. Вай дар гвардияи Хонии Қӯқанд хизмат карда, дар юришҳои ҳарбии Қӯқанд дар соли 1844 дар Ҳафтруд ва солҳои 1860-1861 дар Туркистон иштирок кардааст. Баъди адои хизмати ҳарбӣ дар ибтидои солҳои 60-ум дар Қӯқанд зиндагӣ мекардааст;

Мулло Ниёз Муҳаммад ибни Ашӯри Қӯқандӣ солномanависи бузурги давраи ҳукмронии Умархон мебошад. Дар вазифаҳои ҳарбӣ кор карда, дар солҳои 70-уми асри XIX асари «Таърихи Шоҳруҳӣ»-ро таълиф кардааст. Олим дар ин очерк ба вазъи сиёсии замони худ ва вазъи иҷтимоии мардум баҳои саҳеҳ додааст. Он воқеаҳои таърихие, ки то соли 1872 руй додааст, худи муаллиф шоҳиди он буда, ба таври реалӣ ҳамчун иштирокчӣ тасвир мекунад.

Адабиёт

1. *Эмомалӣ Раҳмон. Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён. Иборат аз чаҳор китоб. - Душанбе: Ирфон, 2009. – 704 с.*
2. *Пантусов П. Н. Шахрохи. История владетелей Ферганы: Сочинение моллы Ниязи Мухаммед бен Ашур Мухаммед, хокандда. Изданная. - Казань, 1885. - 420 с.*
3. *Нийаз-Мухаммад Хоканди. Тарихи Шахрухи. Рук. ИВ АН УзССР, № 1787, л. 316.*
4. *Бейсембиев Т.К. Тарих-и Шохрухи- как исторический источник/ Т.К. Бейсембиев.– Алма-Ата, 1987.– 200 с.*
5. *Возеҳ Р. Туҳфат ул-аҳбоб фи-тазкират ул-асҳоб. Душанбе, 1977. – 227 с.*
6. *Мулло Ниёзмуҳаммади Қӯқандӣ. Таворихи Шаҳрухия (дастхат).*
7. *Лунин Б.В. Средняя Азия в дореволюционном и советском востоковедении/ Б.В. Лунин.– Ташкент: Фан, 1956. – 408 с.*
8. *Махмуд Хаким Сайфани домулла Шади Мухаммад Фаргани. Хуллас ат-таварих. Инв 1220 – ВР АН Тадж ССР. - Сталинабад, 1960.*
9. *Мухтаров А. Очерки истории Уратюбинского владения в XIX в. – Душанбе, 1964. - 200 с.*
10. *Набиев Р. Н. Из истории Кокандского ханства. Феодальное хозяйство Худаярхана / Р.Н. Набиев. – Ташкент: Фан, 1973. – 388 с.*
11. *Мулло Нияз Мухаммад. Таърихи Шохрухи. (Шохруховая история). Подгот. текста Пантусова/ Мулло Нияз Мухаммад. – Казань, 1885. – 332 с.*
12. *Наливкин В. Краткая история Кокандского ханства/ В. Наливкин.– Казань, 1886. – 216 с.*
13. *Ниёз Мухамад Хуканди. Ибратул-хавокин (Таърихи Шахрухи)/ Нашрга тайёрловчи, кириш, табдил ва изоҳлар муаллифи Ш.Воҳидов/ Ниёз Мухамад Хуканди. – Тошкент, 2015. – 370 с.*

«ТАЪРИХИ ШОҲРУХӢ»-И МУЛЛОНИЁЗИ ҚӮҚАНДӢ ҲАМЧУН МАЪХАЗИ АРЗИШМАНД ДАР ОМӮЗИШИ ТАЪРИХИ ХАЛҚИ ТОҶИК

Дар мақола муҳтавои “Таърихи Шоҳрухӣ”-и Муллониёзи Қӯқандӣ ҳамчун як сарчашмаи муҳимми таърихӣ мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор гирифтааст. Бо овардани мисолҳо аз ин асар муаллиф ошкор намудааст, ки «Таърихи Шоҳрухӣ»-и Муллониёзи Қӯқандӣ сарчашмаи арзишманде барои омӯзиши таърихи халқи тоҷик дар хонигарии Қӯқанд мебошад. Зикр карда шудааст, ки «Таърихи Шоҳрухӣ»-и Муллониёзи Қуқандӣ аз зумраи он сарчашмаҳои таърихие аст, ки дар таҳқиқи муаммоҳои замони худ перомуни вазъи сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоию фарҳангии халқи тоҷик мақоми муайян доранд. Дар мақола шарҳи ҳоли Муллониёзи Қуқандӣ оварда шудааст. Муаллиф ошкор намудааст, ки Муллониёзи Қуқандӣ тавассути шеърҳои хеш тавонистааст таърихи ба қудрат расидан, дар қудрат қарор доштан ва аз он рафтани шоҳони замони хешро сабт намояд. Ӯ дар шакли ҳисоби абҷад паёми хешро дар навиштаҳояш гузоштааст.

Калидвожаҳо: Мулло Ниёзи Қуқандӣ, “Таърихи Шоҳрухӣ”, сарчашмаи таърихӣ, хонигарии Қӯқанд, “Таърихи Фарғона”, Осиёи Марказӣ, Фарғона.

«ИСТОРИЯ ШАХРУХИ» МУЛЛОНИАЗА КУКАНДИ - ЦЕННЫЙ ИСТОЧНИК ДЛЯ ИЗУЧЕНИЯ ИСТОРИИ ТАДЖИКСКОГО НАРОДА

В статье анализируется и обсуждается содержание «Истории Шахрухи» Муллонияза Куканди как важного исторического источника. Приводя примеры из этого произведения, автор показывает, что «История Шахрухи» Муллонияза Куканди является ценным источником для изучения истории таджикского народа в Кокандском ханстве. Отмечено, что «История Шахрухи» Муллонияза Куканди является одним из тех исторических источников, который имеет определенный статус в изучении проблем своего времени, в том числе политического, экономического и социально-культурного положения таджикского народа. В статье дается автобиография Муллонияза Куканди. Автор показывает, что Муллонияз Куканди посредством своих поэм смог запечатлеть историю прихода к власти, период правления и ухода от власти шахов своего времени. Он оставил свое послание в своих трудах в форме исчисление абжат.

Ключевые слова: Мулла Ниязи Куканди, «История Шахруха», исторический источник, Кукандское ханство, «История Ферганы», Средняя Азия, Фергана.

"THE HISTORY OF SHAHRUKHI" BY MULLONIYAZ KUKANDI - AS A VALUABLE SOURCE FOR STUDYING THE HISTORY OF THE TAJIK PEOPLE

The article analyzes and discusses the content of "The History of Shahrukhi" by Mulloniaz Kukandi as an important historical source. Citing examples from this work, the author shows that "The History of Shahrukhi" by Mulloniaz Kukandi is a valuable source for studying the history of the Tajik people in the Kokand Khanate. It is noted that "The History of Shahrukhi" by Mulloniaz Kukandi is one of those historical sources that has a certain status in studying the problems of its time, including the political, economic and socio-cultural situation of the Tajik people. The article provides the autobiography of Mulloniaz Kukandi. The author shows that Mulloniaz Kukandi, through his poems, was able to capture the history of the rise to power, the period of reign and leaving of power by the shahs of his time. He left his message in his works in the form of abjat calculation.

Keywords: Mullah Niyazi Kukandi, "History of Shahrukh", historical source, Kukand Khanate, "History of Fergana", Central Asia, Fergana.

Дар бораи муаллиф
Латифова Насиба Мирзоёқубовна
Унвончӯи кафедраи таърих ва диншиносӣ
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон
E-mail: nasiba.latipova.8585@mail.ru

Об авторе
Латипова Насиба Мирзоякубовна
Соискатель кафедры истории и религиоведения
Таджикский государственный университет права, бизнеса и политики
E-mail: nasiba.latipova.8585@mail.ru

About the author
Latifova Nasiba Mirzoyokubovna
Researcher of the Department of History and Religious Studies
Tajik State University of Law, Business and Politics
E-mail: nasiba.latipova.8585@mail.ru

ҚОИДАҲОИ ТАҲИЯИ МАҚОЛАҲО

Идораи маҷаллаи «Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ» мақолаҳои илмиро дар доираи самтҳои дар мавзуи нашрия мавҷудбуда барои чоп қабул мекунад. Муаллифон ҳангоми таҳия ва пешниҳоди мақолаҳо бояд ба нуктаҳои зерин таваҷҷуҳ дошта бошанд:

1. Мақолаҳо ба идораи маҷалла дар шакли электронӣ ва чопӣ пешниҳод карда мешаванд.
2. Мақола дар вироишгари матни WinWord (формати A4) бо ҳуруфи Times New Roman чоп шуда, бояд ҳошияҳои саҳифаҳо 2 см, ҳаҷми ҳарфҳо 14 ва фосилаи байни сатрҳо 1,0 бошад.
3. Ҳаҷми матлуби мақола якҷо бо аннотатсия ва рӯйхати адабиёт аз 10 то 16 саҳифа мебошад.
4. Дар аввали мақола индекси ТДУ (УДК) дар тарафи чапи саҳифа гузошта мешавад.
5. Маълумот дар бораи муаллиф(он), номи мақола, матни аннотатсия ва калидвожаҳо бо 3 забон – тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ оварда мешаванд.
6. Насаб, ном ва номи падар (пурра), унвон, дараҷаи илмӣ, вазифа, ҷои кор ва суроғаи он, почтаи электронӣ ва шумораи телефони муаллиф(он) дар сатрҳои алоҳида зери ҳам навишта мешаванд.
7. Аннотатсия бояд 100 - 200 вожаро фаро гирифта, дар он хулосаи муҳтавои мақола ва натиҷаҳои таҳқиқот дарҷ гардад. Истифодаи иборaҳои умумӣ ва ҷузъиёти беаҳамияти мавзуъ зарурат надорад.
8. Калидвожаҳо аз ҳамдигар бо аломати вергул ҷудо карда шуда, бояд фарогири 5-10 калима ва иборaҳои зарурии мавзуъ бошанд.
9. Дар матни мақола овардани истинод ба манбаи истифодашуда ҳатмӣ мебошад. Истинод ба манбаъ пас аз матни иқтибосшуда бо нишон додани рақами тартибии манбаи иқтибос ва саҳифаи мавриди назари он дар дохили қавсайни чоркунҷа оварда мешавад, масалан: [5, с. 24].
10. Рӯйхати адабиёт пас аз матни мақола ба тартиби алифбо дар шакли феҳристи библиографӣ оварда мешавад. Феҳристи библиографӣ мутобиқи талаботи ГОСТ таҳия карда шуда, дар он нахуст номгӯи адабиёти кириллӣ ва сипас адабиёти хориҷӣ меояд.
11. Дар рӯйхати адабиёт ҳангоми овардани монография, луғатнома, автореферат ва дигар намуди китобҳо овардани ҷой (шаҳр, нашриёт) ва соли нашр, шумораи умумии саҳифаҳо ва барои мақола, фишурда, боб ё фасли китоб ва монанди ин қайд намудани саҳифаҳои онҳо ҳатмист.
12. Рӯйхати адабиёт бояд на кам аз 10 манбаи илмӣ-таҳқиқотӣ, аз ҷумла на кам аз 30% таҳқиқоти илмии дар дохили кишвар ба нашр расидаро фаро гирад. Номгӯи адабиёти мансуб ба муаллиф набояд беш аз 25%-и рӯйхати адабиётро ташкил диҳад.
13. Тавсия дода мешавад, ки аз таҳқиқотҳои доир ба мавзуи мақола қаблан дар нашрияҳои илмии тақризшаванда, хусусан дар маҷаллаи «Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ» нашргардида истифода бурда шавад. Инчунин ба нашри мақолаҳое, ки дар онҳо ба таҳқиқотҳои анҷомёфтаи солҳои охир ва манбаъҳои муътамад истинод сурат гирифтааст, бартарӣ дода мешавад.
14. Маҷалла мақолаҳои илмиеро, ки дорои зиёда аз ду ҳаммуаллиф мебошанд (ба истиснои таҳқиқотҳои таҷрибавӣ), нашр намекунад.
15. Мақолаҳои аспирантон, унвонҷӯён ва докторантон аз рӯи ихтисос (PhD) бо тавсияи роҳбари илмӣ ва мақолаҳои магистрантон дар ҳаммуаллифӣ бо номзади илм ё доктори илм қабул карда мешаванд.
16. Мақолаҳое, ки қаблан дар дигар нашрияҳо ба нашр расидаанд ё барои чоп супорида шудаанд, қабул карда намешаванд. Ҳайати таҳририя ҳуқуқ дорад, ки мақолаи илмиро ихтисор ва ё ислоҳ намояд.
17. Матни маводи пешниҳодшаванда нусхаи ниҳоӣ маҳсуб шуда, бояд таҳриршуда ва беғалат бошад. Масъулияти боэътимодии аснод, рақамҳо ва муҳтавои мақолот бар дӯши муаллиф(он) мебошад.
18. Дар ҳолати риоя нашудани талаботҳои дар боло зикршуда идораи маҷалла ҳақ дорад, ки чунин мақолаҳоро баррасӣ нанамояд.

ПРАВИЛА ОФОРМЛЕНИЯ СТАТЕЙ

Редакция журнала «Вестник Педагогического университета» принимает к печати научные статьи по тематике, соответствующей профилю журнала. При подготовке и представлении статей авторы должны обратить внимание на следующее:

1. Статьи предоставляются в редакцию журнала в электронном и печатном виде.

2. Статья должна быть напечатана в текстовом редакторе WinWord (формат А4) шрифтом Times New Roman, с полями 2 см, кеглем 14 и межстрочным интервалом 1,0.

3. Оптимальный объем статьи вместе с аннотацией и списком литературы составляет от 10 до 16 страниц.

4. В начале статьи слева на странице размещается индекс УДК.

5. Информация об авторе(ах), название статьи, текст аннотации и ключевые слова приводятся на 3 языках - таджикском, русском и английском.

6. Фамилия, имя и отчество (полностью), ученое звание, ученая степень, должность, место работы и его адрес, электронная почта и номер телефона автора(ов) пишутся на отдельных строках.

7. Аннотация должна содержать 100-200 слов, в ней должны быть изложены краткое содержание статьи и результаты исследования. Использование общих фраз и несущественных деталей темы нецелесообразно.

8. Ключевые слова, отделенные друг от друга запятой, должны содержать 5-10 слов и основных фраз темы.

9. В тексте статьи обязательно должны быть ссылки на использованные источники. Ссылка на источник дается после цитируемого текста с указанием порядкового номера источника и страницы в квадратных скобках, например: [5, с. 24].

10. Список литературы приводится после текста статьи в алфавитном порядке в виде библиографического списка. Библиографический список оформляется в соответствии с требованиями ГОСТа, в нем сначала дается литература на кириллице, затем - на латинице.

11. В списке литературы, при описании монографии, словаря, автореферата и других видов книг, необходимо указать место (город, издательство) и год издания, общее количество страниц, а для статьи, тезисов, глав или раздела книги и т.п. - их страницы.

12. Список литературы должен содержать не менее 10 научно-исследовательских источников, из них не менее 30% - научных работ, опубликованных в стране. Библиография автора не должна составлять более 25% списка литературы статьи.

13. Рекомендуется использовать исследования по теме статьи, ранее опубликованные в рецензируемых научных журналах, особенно в журнале «Вестник Педагогического университета». Приоритет отдается статьям, в которых ссылаются на исследования последних лет и авторитетные источники.

14. Журнал не публикует научные статьи, имеющие более двух соавторов (за исключением экспериментальных исследований).

15. Статьи аспирантов, соискателей и докторантов PhD принимаются к публикации по рекомендации научного руководителя, а статьи магистрантов - в соавторстве с кандидатом наук или доктором наук.

16. Статьи, ранее опубликованные в других изданиях или переданные в печать, не принимаются. Редакционная коллегия имеет право сокращать или редактировать научную статью.

17. Текст представленного материала является окончательной версией, должен быть вычитанным и без ошибок. Ответственность за достоверность фактов, цифр и содержания статей несет автор(ы).

18. В случае несоблюдения вышеуказанных требований редакция журнала имеет право не рецензировать такие статьи.

RULES FOR THE DESIGN OF ARTICLES

The editorial board of the journal of «Herald of the Pedagogical University» accepts scientific articles on topics corresponding to the journal's for publication profile. During preparing and submitting articles, authors should pay attention to the following:

1. Articles are submitted to the editorial board of the journal in electronic and printed form.
2. The article should be typed in the text editor WinWord (A4 format) in Times New Roman font, with margins of 2 cm, font size 14 and line spacing 1.0.
3. The optimal volume of the article jointly with the abstract and list of references is from 10 to 16 pages.
4. The UDC index is placed on the left side of the page at the beginning of the article.
5. Information about the author(s), the title of the article, the abstract text and keywords are given in 3 languages - Tajik, Russian and English.
6. The author's(s) surname, first name and patronymic (in full), academic title, academic degree, position, place of work and its address, e-mail and phone number are written on separate lines.
7. The abstract should contain 100-200 words and should outline the content of the article and the results of the research. The use of general phrases and insignificant details of the topic is not advisable.
8. Keywords, separated by commas, should contain 5-10 words and main phrases of the topic.
9. The text of the article must contain references to the used sources. The reference to the source is given after the quoted text with the indication of the serial number of the source and the page in square brackets, for example: [5, p. 24].
10. The list of references is given after the text of the article in alphabetical order in the form of a bibliographic list. The bibliographic list is drawn up in accordance with the requirements of GOST; it first lists literature in Cyrillic, then in Latin.
11. During describing a monograph, dictionary, abstract and other types of books in the list of references, it is necessary to indicate the place (city, publisher) and year of publication, the total number of pages, and for an article, abstract, chapter or section of a book, etc. - their pages.
12. The list of references should contain at least 10 scientific research sources, at least 30% of them should be scientific papers published in the country. The author's bibliography should not exceed 25% of the list of references in the article.
13. It is recommended to use research on the topic of the article, previously published in peer-reviewed scientific journals, especially in the journal «Herald of the Pedagogical University». Priority is given to articles that refer to research from recent years and authoritative sources.
14. Scientific articles with more than two co-authors (except for experimental research) will not be published in the journal.
15. Articles of postgraduate students, applicants and PhD students are accepted for publication on the recommendation of the scientific supervisor, and articles of master's students - in co-authorship with a candidate of sciences or doctor of sciences.
16. Articles previously published in other publications or submitted for publication are not accepted. The editorial board has the right to shorten or edit the scientific article.
17. The text of the submitted material is the final version, it must be proofread and free of errors. The author(s) is responsible for the accuracy of the facts, figures and content of the articles.
18. In case of non-observance of the above requirements, the editorial board of the journal has the right not to review such articles.

ВЕСТНИК
ПЕДАГОГИЧЕСКОГО УНИВЕРСИТЕТА

2025, № 1 (114)

Издательский центр
Таджикского государственного педагогического
университета им. С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
Сайт журнала: www.vestnik.tgpu.tj
E-mail: vestnik.tgpu@gmail.com
Тел.: (+992 37) 224-36-91

Формат 60x80/8. Бумага офсетная.
Печать офсетная. Тираж 100 экз. П.л.30.
Подписано в печать 27.02.2025 г. Заказ № 45
Отпечатано в типографии ТГПУ им. С. Айни